В условиях трансформационной экономики Республики Таджикистан иностранные инвестиций играют важную роль. Анализируя основные направления инвестиционной политики в процессе осуществления экономических реформ, необходимо подчеркнуть, что действительно разрешение комплекса основных проблем - социальных, экономических и политических - возможно только при обеспечении долгосрочного экономического роста, и это реально осуществимо лишь с помощью масштабного притока иностранных инвестиций. При возрастании каждой единицы инвестиций, пишет академик Каюмов Н.К., - настолько же возрастут темпы роста, доходы, занятость,- потребление и, в конечном счете, налоги [4,с.49].

Вместе с тем, академик Т. Назаров считает, что для Таджикистана с его переходной экономикой лишь непрерывные реформы и формирование финансово-кредитной системы, приспособленной к местным реальностям, могут дать возможность избавиться от непредвиденных перекосов и обеспечить в перспективе устойчивое развитие производства на основе мобилизации местных ресурсов и привлечения внешних инвестиций [6,с.35].

Мы согласны с академиком Т.Н. Назаровым, что «фактор инвестиции может работать лучше тогда, когда внутренние возможности страны и её минерально-сырьевые, а также трудовые ресурсы будут адекватно приспособлены к новым условиям развития экономики» [8,с.37].

Анализируя основные направления государственной инвестиционной политики в процессе осуществления экономических реформ и преобразований, можно сделать следующие выводы:

Несмотря на трудности положения (распад СССР, гражданская война, экономический кризис) Республика Таджикистан добилась значительных успехов. Главное, конечно, политическая и экономическая стабильность. Правительство Республики Таджикистан с целью совершенствованию инвестиционной политики разработало и приняло ряд комплексных программ экономических преобразований, а также приняло ряд жизненно важных законов, практическая реализация которых способствует активизации инвестиционного процесса.

**Рецензент: д.э.н., доцент ФМУТПТ - Шокиров Р.С.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Абдуллоев Л.В. Инвестиции и финансирование / Л.В. Абдуллоев. –Душанбе: Ирфон, 2005. -С.201.
2. Акрамов, Ш. Привлечение зарубежных инвестиций для развития сельского хозяйства / Ш. Акрамов, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Чабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2014. -№2/8(149). -С.273-276.
3. Вознесенская Н.Н. Иностранные инвестиции / Н.Н. Вознесенская. -М.: ИНФРА-М, 2001. -С.145.
4. Каюмов Н.К. Меры по стимулированию экономического роста / Н.К. Каюмов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2000. -№1. -С.49.
5. Коссов В.В. Инвестиционный проект: методы подготовки и анализа: Учебно-справочное пособие / В.В. Коссов. -М.: Издательство БЕК, 1996. -С.147.
6. Мир управления проектами. -М.: Адане, 1993. -С.25.
7. Назаров Т.Н. Некоторые проблемы развития и международного сотрудничества на пороге XXI века / Т.Н. Назаров // Экономика: стратегия развития. - 2000. -№1. -С.35.
8. Назаров Т.Н. Стимулы экономического роста в контексте формирования и развития социально-ориентированных рыночных отношений / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2004. -№2. -С.37.
9. Норт Д. Институты и экономический рост: историческое введение / Д. Норт // THESS. -Весна, 1993. -Вып. 2. -С.63.
10. Повышение инвестиционной активности в экономике и развитие строительного комплекса. -М., 1997. -С.178.
11. Политика привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику. -М.: Бюро экономического анализа, ТЭИС, 2001. -С.48.
12. Программа экономического развития Республики Таджикистан на период до 2015 года. –Душанбе, 2002. -С.12.
13. Салимова Л.Н. Эволюция инвестиционных теорий / Л.Н. Салимова // Актуальные проблемы экономики и права. - 2008. -№4. -С.147.
14. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. - 2022.
15. Финансирование и инвестиции. Неоклассические основы теории финансов / Под общей редакцией В.В. Ковалева и З.А. Сабова. -СПб.: Питер, 2000. -С.98. (пер. с нем.).
16. Хофизов Х.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты. Монография / Х.А. Хофизов, Д.А. Ходиев. -Душанбе, 2020. -200 с.
17. Шарифзода А. Президент / Шарифзода А., С. Шамсиддинов, Косими З. –Душанбе: Ирфон, 2011. –С.134.

**САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РАВАНДИ ИҶРОИШИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ВА ДИГАРГУНСОЗИҲО**

Дар ин мақола самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар раванди иҷроиши ислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргунсозиҳо баррасӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки Ҳукумати мамлакат асоси иқтисодию ҳуқуқиро бо мақсади такмил додани сиёсати сармоягузорӣ, бартараф намудани бӯҳрони амиқи сармоягузорӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои ташаккул додани захираҳои дохилӣ ва ҷалб намудани ресурсҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат замина гузоштааст. Асоснок карда шудааст, ки равандҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ аз хусусигардонии моликияти давлатӣ, ташаккули шаклҳои гуногуни моликият, пайдоиш ва инкишофи сектори хусусӣ сарчашма мегирад. Қайд карда шудааст, ки бояд барои маблағгузорӣ ва сармоягузорони эҳтимолӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуда, то ҳадди имкон барои воридшавии ҷараёни сармоягузориҳои хориҷии миқёси калон ва дарозмуддат мусоидат намудан лозим аст. Инчунин раванди иҷроиши ислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргунсозиҳо барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ замина гузоштааст. Асоснок карда шудааст, ки танҳо устувории сиёсӣ ва иқтисодӣ ба рушди иқтисодиёт, бартараф намудани бӯҳрони амиқи сармоягузорӣ, пайдоиш ва инкишофи сектори хусусӣ, фароҳам овардани муҳити мусоид барои ташаккул додани захираҳои дохилӣ ва ҷалб намудани ресурсҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, ташаккули шаклҳои гуногуни моликият ва такмили сиёсати сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мусоидат намудааст.

**Калидвожаҳо:** рушди иқтисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсати сармоягузорӣ, хусусигардонӣ, моликият, устуворӣ, бӯҳрони иқтисодӣ, сармоягузорӣ, бахши хусусӣ, захираҳои сармоягузорӣ, иқтисодиёти миллӣ, бӯҳрони сармоягузорӣ.

**ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ В ПРОЦЕССЕ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ РЕФОРМ И ПРЕОБРАЗОВАНИЙ**

В данной статье рассматриваются основные направления государственной инвестиционной политики в процессе осуществления экономических реформ и преобразований. Отмечается, что Правительство страны создало экономическую и правовую основу в целях совершенствования инвестиционной политики, преодоления глубокого инвестиционного кризиса и создания благоприятной среды для формирования внутренних и привлечения иностранных инвестиционных ресурсов в экономику страны. Обосновывается, что ключевые процессы экономических реформ берут начало от приватизации государственного имущества, формирования различных форм собственности, появления и развития частного сектора. Отмечается, что необходимо создать благоприятные условия для инвестирования и иностранных потенциальных инвесторов, максимально содействовать притоку крупномасштабных и долгосрочных иностранных инвестиций в реальный сектор экономики Республики Таджикистан. Также процесс осуществления экономических реформ и преобразований содействует стабильному развитию национальной экономики. Обосновывается, что лишь политическая и экономическая стабильность способствует экономическому росту, преодолению глубокого инвестиционного кризиса, формированию различных форм собственности, появлению и развитию частного сектора, созданию благоприятной среды для формирования внутренних и привлечения иностранных инвестиционных ресурсов в национальную экономику, формированию различных форм собственности и совершенствованию инвестиционной политики Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** экономический рост, экономическая реформа, инвестиционная политика, приватизация, собственность, стабильность, экономический кризис, инвестиция, частный сектор, инвестиционные ресурсы, национальная экономика, инвестиционный кризис.

**THE MAIN DIRECTIONS OF INVESTMENT POLICY IN THE PROCESS OF IMPLEMENTING ECONOMIC REFORMS AND TRANSFORMATIONS**

In this article outlines the main directions of investment policy in the process of implementing economic reforms and transformations. It is noted that the government of the country has created an economic and legal framework in order to improve the investment policy, overcoming a deep investment crisis and create favorable environment for the formation of domestic and attracting foreign investment resources to the country's economy. Substantiates, that the key processes of economic reforms originate from the privatization of state property, the formation of various forms of ownership, the emergence and development of the private sector. It is noted that it is necessary to create favorable conditions for investment and foreign potential investors, to maximize the inflow of large-scale and long-term foreign investments and the real sector of the economy of the Republic of Tajikistan. Also the process of implementing economic reforms and transformations the inflow of stability the national economic growth. Substantiates, that only political and economic stability the inflow economic growth, overcoming a deep investment crisis, create favorable environment for the formation of domestic and attracting foreign investment resources to the national economy, the formation of various forms of ownership and improve of investment policy Republic of Tajikistan.

**Keywords:** the economic growth, economic reform, investment policy, privatization, own, stability, economic crisis, investment, private sector, investment resources, national economy, investment crisis.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипова Шаҳло Каримҷоновна*** - Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Суғд, омӯзгори кафедраи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва гуманитарӣ. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд,Ҷумҳурии Тоҷикистон, микрарайони 27, бинои 1. Телефон: **92-836-00-12**

**Сведения об авторе:** ***Шарипова Шахло Каримджоновна*** - Филиал Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана в г.Худжанде, преподаватель кафедры социально-экономических и гуманитарных наук. **Адрес**: 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, микрарайон 27, дом, 1. Телефон: **92-836-00-12**

**Information about the author:** ***Shahlo Karimjonovna Sharipova*** - Branch of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan in Khujand, teacher of the department of socio-economic and humanities. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, microdistrict 27, building, 1. Phone: **92-836-00-12**

ТДУ: 338.243

# ТАЪСИРИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ-ИННОВАТСИОНӢ БА ИНКИШОФИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

*Комилов С.Ҷ., Садиқова Ш.К.*
**Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои муҳимми омӯзиши инкишофи сармояи инсонӣ, ин ташаккулёбии муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, раванди ташаккулёбии муҳити институтсионалӣ-инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки муносибати институтсионалӣ дар илмҳои гуногуни иҷтимоӣ - махсусан дар илми ҷомеашиносӣ дар асоси корҳои таҳқиқотии олимони машҳур ба монанди Веблен Т., Митчелл В., Коммонс Ҷ. ва Парсонс Т., ки мафҳуми институтро бо стандартизатсия ва қолабикунонии ҳаёти иҷтимоӣ омехта намуданд, татбиқи васеи худро пайдо кард. Дар илмҳои иқтисодӣ бошад, масоили мубрами иқтисоди институтсионалӣ дар асарҳои Вебер М., Веблен Т. ва Коммонс Ҷ. мушоҳида мегардад. Саҳми калонро дар рушди таҳлили институтсионалии равандҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ барандаи ҷоизаи Нобелӣ дар соҳаи иқтисод Норт Д. гузоштааст [5].

Омӯзиши масъалаҳои институтсионалӣ дар Тоҷикистон бошад аз ҷониби олимони шинохта ба мисли Комилов С.Ҷ., Саидмуродов Л.Ҳ., Ҳакимов А.Ҳ., Қодиров Д.Б., Усмонова Т.Ҷ., Мирсаидов А.Б. ва дигарон ба роҳ монда шудааст.

Аз нуктаи назари мактаби институтсионалӣ, ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар зери таъсири муҳити институтсионалӣ сурат мегирад, ки маҷмуи институтҳоест, ки дар ҷомеа амал мекунанд, ки шароити такрористеҳсол ва рушди сармояи инсониро муайян мекунанд ва дорои таъсири бевоситаи онҳо мебошанд [9,с.7]. Дар навбати худ, муҳити институтсионалӣ дар натиҷаи ҳамкории институтҳое ташаккул меёбад, ки самтҳои асосии ҳаёти инсон - сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунанд. Институтҳои ҳуқуқӣ ва сиёсие, ки муҳити институтсионалии рушди сармояи инсониро ташкил медиҳанд - заминаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ, мақомоти иҷроия ва қонунгузор ба шумор мераванд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзимкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодиро муайян мекунанд [4,с.142].

С.Ҷ. Комилов дар таҳқиқоти илмии худ иброз медорад, ки «...иқтидори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун хусусияти динамикӣ дар имкониятҳои мавҷудаи онҳо барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ зоҳир мегардад. Сифати истифодаи сармояи инноватсионӣ, донишҳои интиқолшуда мебошад, ки дар инноватсияҳо таҷассум ёфтааст. Аз ин рӯ, дар доираи татбиқи сиёсати ташаккул ва рушди класстерҳои инноватсионӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидор оид ба эҷоди робитаҳои кооперативӣ ҷиҳати ҳамгироӣ бо шарикон дар доираи татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ фаъол мегардад» [3,с.14]. Аз нигоҳи мо, мавҷуд будани ниҳодҳои гуногун ба ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ таъсиргузор мебошад. Дар навбати худ ҳангоме, ки сармояи инсонии шахс инкишоф меёбад, ба рушди фаъолияти инноватсионӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Бинобар ин, алоқамандии инкишофи сармояи инсонӣ бо эҷоди молҳои инноватсионӣ дар корҳонаҳои гуногун эҳсос мегардад.

Оид ба механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ ва инноватсионии рушди сармояи инсонӣ бояд қайд намоем, ки «бо таваҷҷуҳ ба назарияи институтсионалӣ, ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар зери таъсири муҳити институтсионалӣ сурат мегирад, ки он маҷмуи ниҳодҳоест, ки дар ҷомеа амал мекунанд ва шароити бозтавлид ва рушди сармояи инсониро муайян мекунанд. Дар навбати худ, муҳити институтсионалӣ дар натиҷаи ҳамбастагии ниҳодҳое ташаккул меёбад, ки соҳаҳои асосии ҳаёти инсонро инъикос менамоянд» [6,с.19]. Аз ин рӯ, бояд қайд кард, ки ниҳодҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ барои ташаккули сармояи инсонӣ нақши муҳимро мебозанд. Бинобар ин, ҳар як ниҳоди мавҷуда саҳми худро барои ташаккули сармояи инсонӣ дар алоҳидагӣ мегузорад.

Ба андешаи мо, ба ташаккули муҳити институтсионалӣ ва инноватсионии рушди сармояи инсонӣ институтҳои гуногун таъсири худро мерасонанд ва пеш аз ҳама, бояд аниқ ва ҷудо намуд, ки институтҳои иҷтимоӣ - оила, институтҳои сифати зиндагӣ (маориф, соҳаи тандурустӣ, инфрасохтор) - шароитҳои иҷтимоиеро, ки ба рушди сармояи инсонӣ бештар таъсир мерасонанд, муайян мекунанд. Институҳои иқтисодӣ - бозори меҳнат, институти моликият, муассисаҳои молиявӣ, ниҳодҳои соҳибкорӣ, институтҳои таҳсилот, тандурустӣ - шароити иқтисодии рушди сармояи инсониро ташкил медиҳанд. Маҷмуи ин институтҳо ба рушди сармояи инсонӣ тавассути воситаҳои гуногуни ба ҳар яки онҳо хос таъсир расонида метавонад [7,с.46].

Тағйир додани институтҳои алоҳида дар раванди мутобиқшавӣ ба шароити беруна боиси тағйирёбии муҳити институтсионалӣ дар маҷмуъ мегардад, ки имкон медиҳад якпорчагии ҷомеа ва ваҳдати дохилии он нигоҳ дошта шавад. Такрористеҳсолии аҳолӣ марҳилаи аввали ташаккули сармояи инсонӣ мебошад. Дар расми 1 ҷузъҳои асосии муҳити институтсионалии такрористеҳсолии аҳолӣ нишон дода шудааст.

Институтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши шахсро дар ҷомеа (коргари кироя, соҳибмулк, мансабдор, сиёсатмадор) муайян намуда, амали ӯро ба чаҳорчӯбаи қобили қабули ҷомеа ворид мекунанд ва ба андозаи муайян ба интихоби қарорҳо таъсир мерасонанд. Аммо,- ин ҳам яке аз шартҳои пешравӣ аст - одам бо назардошти ангезаҳои дохилӣ, фардӣ қарор қабул мекунад, ки сарчашмаи он хислатҳои шахсии ӯ мебошад. Ҳамин тариқ, тафовути хеле назаррас муайян карда мешавад, яъне «институтҳо дар шакли маҷмуи қоидаҳо ва меъёрҳо рафтори инсонро муайян намекунанд, балки танҳо маҷмуи алтернативаҳоро маҳдуд мекунанд, ки шахс аз онҳо мувофиқи вазифаи гузошташуда интихоб карда метавонад» [10,с.16].

**Расми 1. Сохтори муҳити институтсионалӣ**
**Figure 1. The structure of the institutional environment**




Олими дигари соҳа Шевченко В.А. дар асоси консепсияи Уилямсон тафсири васеи сохтори муҳити институтсиониро пешниҳод намуда, механизми тағйироти институтсионалиро ба назар мегирад. Тибқи ин тафсир муҳити институтсионалӣ шартан ба зернизоми меъёрӣ (меъёрҳо ва қоидаҳо) ва зернизоми ташкилию техникӣ (муассиса ва ташкилотҳо) тақсим мешавад [11,с.8].

Дар ин расми 1, ташаккули сармояи инсонӣ, раванди мақсадноки таъсири институтҳои иҷтимоию иқтисодӣ фаҳмида мешавад, ки дар рафти он шахс - дониш, малака ва маҳоратеро ба даст меорад, ки ба ӯ имкон медиҳад иқтидори меҳнатии худро ба бозори меҳнат пешниҳод намояд.

Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари шароити нав ва таъмини рушди сармояи инсонӣ самаранокии истифодабарии он, пеш аз ҳама, дигаргунсозии ниҳодҳои мавҷудаи бозори меҳнатро анҷом додан зарур аст; дуюм, фароҳам овардани шароит барои рушди институтҳои ташаккули сармояи инсонӣ; сеюм, баланд бардоштани эътимод ба

самаранокии институтҳои бозори меҳнат; чорум, таъмини қонунӣ будани муассисаҳои навъи инноватсионии шуғл.

Раванди ташаккули сармояи инсонӣ, пеш аз ҳама, баланд шудани дараҷаи мутобиқии қонунгузории миллии меҳнатро дар назар дорад (танзими музди меҳнат; шуғл ва озод кардан аз кор; давомнокии вақти кор ва ғайра). Дуюм, институтикунонии раванди ташаккули сармояи инсонӣ касбҳои нави зеҳнӣ, ташаккули низоми талабот ба малакаҳои касбӣ, сатҳи таълим, сиёсати шуғл ва ғайраро дар назар дорад. Ҳамаи ин ҳолатҳо ташаккули модели нави шуғли инноватсиониро тақозо менамояд, ки ба мустаҳкам намудани унсурҳои шуғли нав дар марҳилаҳои гуногуни раванди инноватсионӣ (хусусан дар соҳаҳои шуғли «интеллектуалӣ») мусоидат намояд. Сеюм, марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон дар баробари тағйироти мусбат, дар нишондиҳандаҳоиҳои макроиқтисодӣ, инчунин, ба мушкилоти ҷиддии соҳаи меҳнат тавсиф мешавад, ки дар байни онҳо шуғли бесамар ва бекории афзояндаи сохторӣ, сифати пасти ҷойҳои корӣ ва паст будани ҳосилнокии меҳнат, сатҳи баланди нобаробарии даромадҳо, амортизатсияи сармояи инсонӣ, ассиметрияи назарраси муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, тафовути зиёд (диференсиатсия) байни бозорҳои меҳнати минтақавӣ ва ғайра тақозо дорад.

Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари шароити ислоҳотҳои иқтисодӣ ва таъмини самаранокии намудҳои шуғли инноватсионӣ, пеш аз ҳама, дигаргунсозии ниҳодҳои мавҷудаи бозори меҳнатро анҷом додан зарур аст; дуюм, фароҳам овардани шароит барои рушди муассисаҳои навъи нави шуғл; сеюм, баланд бардоштани эътимод ба самаранокии институтҳои бозори меҳнат; чорум, таъмини раванди институтикунонии шуғли инноватсионӣ, пеш аз ҳама, баланд шудани дпраҷаи мувофиқакунонии қонунгузории миллии меҳнатро дар назар дорад (танзими музди меҳнат; шуғл ва озод кардан аз кор; давомнокии вақти кор ва ғайра). Ҳамаи ин ҳолатҳо ташаккули модели нави рушди сармояи инсониро тақозо менамояд, ки ба мустаҳкам намудани унсурҳои бозорӣ дар марҳилаҳои гуногуни раванди инноватсионӣ (хусусан дар соҳаҳои шуғли «интеллектуалӣ») мусоидат намояд. Марҳилаи кунунии рушди инноватсионии Тоҷикистон дар баробари тағйироти мусбат, дар нишондиҳандаҳоиҳои макроиқтисодӣ, инчунин, ба мушкилоти ҷиддии соҳаи ташаккули сармояи инсонӣ тавсиф мешавад, ки дар байни онҳо шуғли бесамар ва сифати пасти ҷойҳои корӣ, паст будани ҳосилнокии меҳнат, сатҳи баланди нобаробарии даромадҳо, тадриҷан кам шудани қимати сармояи инсонӣ, ассиметрияи назарраси муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, тафовути зиёд (диференсиатсия) байни бозорҳои меҳнати минтақавӣ ва ғайраро муайян мекунад.

Рушди сармояи инсонӣ мувофиқи расми мазкур, ба андешаи мо, раванди таъсири институтҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба шахсе, ки ба ҷараёни муносибатҳои бозаргонӣ дохил мешавад, хоҳад буд, ки дар рафти он хароҷоти вазифавии қувваи кории он меафзояд. Дар чунин ҳолат ингуна таъсирро шахсе мебинад, ки маълумоти умумӣ ё касбӣ дорад, вале ниёз ба такмили ихтисос, бозомӯзӣ, таҳсилоти иловагӣ ва ғайраро эҳсос мекунад.

Маълум аст, ки шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ муҳиммияти ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ талаб мекунад. Гузаштан аз равишҳои анъанавии идоракунӣ ба равишҳои рақамиро метавон ҳамчун дигаргунсозии инноватсионии ниҳодҳо арзёбӣ кард. Ҷорисозии фановариҳои рақамӣ дар соҳаҳои кишоварзию саноат, иқтисод, нақлиёт, тиб, маориф, алоқа ва бахшҳои дигари иқтисодиёти миллӣ, ба таври назаррас инкишоф ёфта ва ин раванд бо суръати баланд идома дорад. Маҳз ҳамин омилҳоро ба инобат гирифта муҳаққиқон дарояндаи наздик тағйирёбии ҷомеаеро пешгӯӣ мекунанд, ки дар он низоми меъёрҳои баҳогузорӣ комилан дигаргун гашта аз шароити имрӯза фарқ менамояд. Аммо ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ дар баробари афзалиятҳояш як қатор хатарҳоро низ дорад, зеро он боиси фаъолияти ғайрисамараноки ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Инро метавон ба зуҳури "домҳои ниҳодӣ" дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, дар шароити мавқеъ пайдо кардани иқтисоди рақамӣ алоқаманд донист. Маълум мешавад, ки дар байни касбу корҳое, ки дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ бештар осебпазир шинохта шудаанд ҳуҷҷатнигорон, таҳлилгарон, маъхазнигорон, нотариусҳо ва монанди онҳо қарор гирифтаанд. Дарояндаи наздик бошад, интизор меравад, ки касбҳое чун

табиби ташхисӣ, танзимгар, турагент, риелтор, иқтисодчӣ, менеҷер ва бухгалтер низ аҳаммияти деринаи худро аз даст медиҳанд [2,с.54].

Бо чунин тартиб, сармоягузорӣ ба омӯзиши касбу ҳунарҳои гуногун дар шароити муосир аз сатҳи хеле баланди таваккал бархӯрдор мебошад.

Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари шароити ислоҳотҳои иқтисодӣ ва таъмини самаранокии намудҳои шуғли инноватсионӣ, пеш аз ҳама, дигаргунсозии ниҳодҳои мавҷудаи бозори меҳнатро анҷом додан зарур аст; дуюм, фароҳам овардани шароит барои рушди муассисаҳои навъи нави шуғл; сеюм, баланд бардоштани эътимод ба самаранокии институтҳои бозори меҳнат; чорум, таъмини раванди институтикунонии шуғли инноватсионӣ, пеш аз ҳама, баланд шудани дараҷаи мувофиқакунонии қонунгузории миллии меҳнатро дар назар дорад (танзими музди меҳнат; шуғл ва озод кардан аз кор; давомнокии вақти кор ва ғайра).

**Расми 2. Таснифи омилҳои рушди сармояи инсонӣ**
**Figure 2. Classification of human capital development factors**




Ҳамаи ин ҳолатҳо ташаккули модели нави рушди сармояи инсониро тақозо менамояд, ки ба мустаҳкам намудани унсурҳои бозорӣ дар марҳилаҳои гуногуни раванди инноватсионӣ (хусусан дар соҳаҳои шуғли «интеллектуалӣ») мусоидат намояд. Марҳилаи кунунии рушди инноватсионии Тоҷикистон дар баробари тағйироти мусбат, дар

нишондиҳандаҳоиҳои макроиқтисодӣ, инчунин, ба мушкилоти ҷиддии соҳаи ташаккули сармояи инсонӣ тавсиф мешавад, ки дар байни онҳо шуғли бесамар ва сифати пасти ҷойҳои корӣ, паст будани ҳосилнокии меҳнат, сатҳи баланди нобаробарии даромадҳо, тадриҷан кам шудани қимати сармояи инсонӣ, ассиметрияи назарраси муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, тафовути зиёд (диференсиатсия) байни бозорҳои меҳнати минтақавӣ ва ғайраро муайян мекунад.

Барои паст кардани таъсири манфии доми ниҳодии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ дар давлатҳои гуногун бо мақсад аз роҳҳои гуногун истифода мебаранд. Чунин ҳолат табиист, ки ин гуна мушкилиҳо дар давлатҳои ҷаҳон ба таври хос пайдо мешаванд ва истифодаи роҳу услуҳои муайянеро талаб менамоянд. Таҳқиқотҳои илмие, ки дар робита ба ин масъала иҷро гардидаанд, ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: як гурӯҳ муҳаққиқон бештар ба ошкор намудани хусусияти ин носозгориҳо таваҷҷуҳ ва такя намуда, равишҳои мусоидат ба густариши иқтисоди рақамиро бо таваҷҷуҳ ба қисман нав намудани ниҳодҳои мавҷуда пешниҳод мекунанд [1,с.74].

Бо такя ба таҳқиқотҳои анҷомдодашуда, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва бо дарназардошти шароити имрӯзаи Ҷумҳури Тоҷикистон ба назар мерасад, ки татбиқи чораҳои зайл метавонад то андозаи муайяне таъсири манфии домҳои ниҳодии такрористеҳсоли сармояи инсониро дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ коҳиш диҳад:

- бояд, ки дар сатҳи Ҳукумат барномае таҳия ва қабул гардад, ки фарогириислоҳоти ниҳодиро таҷассум намояд. Мақсади асосии ин ислоҳот аз таъмини ҳуқуқӣ, барҳамдиҳӣ ва эҷоди ниҳодҳои нав иборат бошад. Ва дар навбати худ тавонад, ки роҳро барои коҳиши таъсири манфии мавонеи ниҳодӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, дар сатҳи гуногуни идоракунӣ ва бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ таъмин намояд;

- барои вусъат бахшидан ба рушди фановариҳои рақамӣ дар чунин ҳолат давлат ба маблағгузории соҳаи маориф бояд аҳаммияти зиёд диҳад. Дар баробари ин, ба таъмин ва насби фановариҳои рақамӣ, омӯзиши истифодабарандагон, баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии фановариҳои рақамӣ таваҷҷуҳи бештар бояд зоҳир намояд;

- ихтисосҳои "куҳнашуда", ки дар бозори меҳнат вобаста ба талаботи замон зарур нестанд, аз барномаҳои таълимии муассисаҳои олии касбӣ ва макотиби миёнаи касбӣ бардошта шаванд. Ин иқдомро ҳар чи бештар дар доираи ислоҳоти ниҳодии низоми маориф бояд ба роҳ монд. Барои ҳалли ин масъала бояд омӯзиши амиқ ва фарогири бозори меҳнат ва тамоюлҳои рушди онро бо ҷалби коршиносони соҳа ба нақша гирифта, дар амал татбиқ намуд.

Дар ҷамбаст, метавон ба хулосае омад, ки раванди ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ аз захираҳои гуногуни қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмии муҳити институтсионалӣ иборат аст, ки бояд ба воқеият табдил дода шаванд. Дар баробари ин, бояд омили таърихии роҳи пештараи рушд ба назар гирифта шавад, чунки вазъи кунунии бозори меҳнат талаботро ба кадрҳои баландихтисоси дорои дониш дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар ҳама зинаҳои раванди истеҳсолот афзоиш медиҳад. Зарурати таҳияи механизмҳои баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар соҳаҳои диверсификатсияи рақамӣ дар дурнамо вуҷуд дорад. Дар шароити рақамисозии равандҳои иқтисодӣ, самти афзалиятноки баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ бояд ҳамчун ҷузъи инноватсионии қувваи корӣ эътироф карда шавад, ки бо сатҳи дониш ва таҷрибаи ҳавасмандии дохилӣ, дараҷаи эҷодӣ, тафаккури эҷодӣ тавсиф карда мешавад.

Таҳияи системаи ташаккули сифати сармояи инсонӣ дар сатҳҳои гуногуни табақабандӣ бо дарназардошти интенсификатсияи рушди навовариҳои илму техника аз ҷониби сохторҳои институтсионалӣ аҳаммияти бузург дорад. Ҳамзамон, меъёри асосии арзёбии сифати сармояи инсонӣ дар ҷараёни рақамисозӣ бояд қобилияти эҷоди навовариҳо бошад. Чунин муносибат ба раванди ташаккул ва арзёбии беҳтаршавии сифати сармояи инсонӣ, имкони амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ ва муайян кардани тамоюлҳои дарозмуддати рушди талабот ба қувваи кории дорои ихтисосҳои гуногунро дар корхонаҳои соҳаҳои иқтисоди миллӣ фароҳам менамояд.

Таъмин намудани истеҳсолоти муосир бо кадрҳои баландихтисос барои гузаронидани чорабиниҳои мунтазам дар самти тағйирот дар қонунгузории меҳнат, ташаккули воситаҳои танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, таъмини институткунонии низоми ҳамкорӣ, таҷдиди система ва ҷузъҳои касб, таълим, ҷорӣ намудани навъҳои инноватсионии шарикии иҷтимоӣ талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ як низоми мураккаби институтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ мебошад, ки шартҳои асосии ташаккул, рушд ва нигоҳдории хосиятҳо ва сифатҳои муҳимтарини шахсро муайян мекунанд. Ҳамчун институтҳои иҷтимоӣ, ки муҳити институтсионалии рушди сармояи инсониро ташкил медиҳанд ва институтҳои оила, маориф ва тандурустӣ нақши муҳим доранд.

## АДАБИЁТ


1. Васильева А.В. Прогнозирование социально-экономических последствий институциональной ловушки российского рынка труда / А.В. Васильева // Экономика и управление: проблемы, решения. -Ектерингбург, 2019. -Т. 1. -№12. -С.74-80.
2. Воробьева А.Г. Некоторые факторы изменения профессиональной востребованности и профессиональных предпочтений в обществе: социолого-управленческий анализ / А.Г. Воробьева // Экономические и гуманитарные исследования регионов. -Пятигорск, 2021. -№4. -С.54-61.
3. Комилов С.Дж. Инновационный кластер: условия и проблемы становления / С.Дж. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2022. -№1. -С.14-21.
4. Муминова Ф.М. Вазъи рушди сармояи инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.М. Муминова, М.А. Раҷабов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2023. -№1. -С.140-147.
5. Норт Д. Институты и экономический рост: историческое введение / Д. Норт // THESIS. -М., 1993. – Т.1. - Вып.2. -С.69-91.
6. Ҳодиев Д.А. Мавонеи ниҳодии рушди сармояи инсонӣ дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ / Д.А. Ҳодиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№1. -С.19-28.
7. Садиқова Ш.К. Мушкилоти сармояи инсонӣ ва такрористеҳсоли он дар тафаккури иқтисоди муосир / Ш.К. Садиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Д-ушанбе, 2020. -№3. -С.45-49.
8. Салимов Ф.Н. Стратегия развития человеческого капитала в Республике Таджикистан / Ф.Н. Салимов // Вестник Таджикского национального университета. - 2018. -№9. -С.57-63.
9. Хушвахтзода Қ.Х. Муқаррароти методологӣ ва консептуалии идоракунии стратегии сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Хушвахтзода Қ.Х., С.Ҳ. Ҳамидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№1. -С.5-10.
10. Шаститко А.Е. Неоинституционализм / А.Е. Шаститко // Вестник МГУ. Серия 6 «Экономика». - 1997. -№6. -С.15-22.
11. Шевченко В.А. Институциональный механизм системной нестабильности экономики / В.А. Шевченко. -СПб.: Знание, 1999. -С.7-9.


## ТАЪСИРИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ-ИННОВАТСИОНӢ БА ИНКИШОФИ САРМОЯИ ИНСОНӢ


Дар мақолаи мазкур таъсири муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ ба инкишофи сармояи инсонӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд ибзор дошт, ки муҳити институтсионалӣ дар натиҷаи ҳамкории институтҳое ташаккул меёбад, ки самтҳои асосии ҳаёти инсон - сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунанд. Муаллифон дар мақола аниқ менамоянд, ки сифати истифодаи сармояи инноватсионӣ, донишҳои интиқолшуда мебошад, ки дар инноватсияҳо таҷассум меёбанд. Таҳқиқоти анҷом додашуда собит месозад, ки рушди сармояи инсонӣ дар зери таъсири муҳити институтсионалӣ сурат гирифта, он маҷмуи ниҳодҳоест, ки дар ҷомеа амал мекунанд. Асоснок карда шудааст, ки вазъи гузариш аз равишҳои анъанавии идоракунӣ ба равишҳои рақамӣ, ки метавонанд ҳамчун дигаргунсозии инноватсионии ниҳодҳо ба миён оваранд пешниҳодҳо карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, инноватсия, равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт, институтҳо, муҳити институтсионалӣ.


## ВЛИЯНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНО-ИННОВАЦИОННОЙ СРЕДЫ НА РАЗВИТИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА


В данной статье изучается и обсуждается влияние институционально-инновационной среды на развитие человеческого капитала. Следует отметить, что институциональная среда формируется в результате взаимодействия институтов, отражающих основные направления жизни человека – политические, правовые, экономические и социальные. Авторы отмечают в статье, что качество использования инновационного капитала – это передаваемые знания, которые воплощаются в инновациях. Проведенное исследование доказывает, что

развитие человеческого капитала происходит под влиянием институциональной среды, которая представляет собой совокупность институтов, действующих в обществе. Также предложено состояние перехода от традиционных подходов управления к цифровым подходам, которое может привести к цифровой трансформации институтов.

**Ключевые слова:** человеческий капиталь, инновация, цифровая экономика, институты, институциональная среда.

**INFLUENCE OF INSTITUTIONAL AND INNOVATION ENVIRONMENT ON HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT**

This article studies and discusses the influence of the institutional-innovation environment on the development of human capital. It should be noted that the institutional environment is formed as a result of the interaction of institutions that reflect the main directions of human life - political, legal, economic and social. The authors note in the article that the quality of use of innovation capital is the transferred knowledge that is embodied in innovation. The conducted research proves that the development of human capital occurs under the influence of the institutional environment, which is a set of institutions operating in society. A state of transition from traditional management approaches to digital approaches is also proposed, which can lead to the digital transformation of institutions.

**Keywords:** human capital, innovation, digital economy, institutions, institutional environment.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович*** **-** Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳон, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. E-mail: **sirodj1950@mail.ru**. Телефон: **(+992) 917-50-54-51**

***Садиқова Шукрона Карчаевна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **hukronas-1985@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-39-29-30**

**Сведения об авторах:** ***Комилов Сироджиддин Джалалиддинович*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории и мировой экономики, академик Международной академии наук высшей школы. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мирзо Турсун-заде, 30. E-mail: **sirodj1950@mail.ru.** Телефон: **(+992) 917-50-54-51**

***Садикова Шукрона Карчаевна*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры национальной экономики и экономической безопасности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **hukronas-1985@mail.ru**. Телефон: **(+992) 985-39-29-30**

**Information about authors:** ***Komilov Sirodzhiddin Dzhalaliddinovich*** - Russian-Tajik (Slavic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy, Academician of the International Academy of Sciences of Higher Education. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Mirzo Tursun-zade street, 30. E-mail: **sirodj1950@mail.ru.** Phone: **(+992) 917-50-54-51**

***Sadikova Shukrona Karchaevna*** - Tajik national university, Assistant at the Department of National Economics and Economic Security. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. E-mail: **hukronas-1985@mail.ru.** Phone: **(+992) 985-39-29-30**

ТДУ: 336.226.46

# РОҲҲО ВА УСУЛҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ МОЛИЯВИИ САРМОЯГУЗОРИИ КОМПЛЕКСИ ЭНЕРГЕТИКӢ

*Набиев Б.А., Ҳофизов Ҳ.А., Исматов А.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаҳои таъмини захираҳои молиявӣ барои азхуд намудан ва самаранок истифода кардани потенсиали сарватҳои табиӣ мавзуи муҳимми назария ва амалияи иқтисодиёт мебошанд. Самти муҳимми баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар ташаккули муҳити ниҳодии ҷалб намудани сармоя ва истифодаи самараноки он таҷассум мегардад. Ниҳодҳо доираи амалисозии фаъолияти сармоягузориро муайян менамоянд. Ҳар қадаре, ки ин чаҳорчӯба васеътару ҳар қадаре, ки дар он ҳар гуна монеаҳои меъёриву ҳуқуқӣ камтар бошад, ҳамон қадар равандҳои сармоягузорӣ шиддатноктар мегарданд. Шиддатнокии равандҳои сармоягузорӣ, метавонад асоси самаранокии маблағҳои гузошташуда бошад. Аммо, бояд ба назар гирем, ки шиддатнокии маблағҳои гузошташуда, ҳангоми мавҷуд будани муҳити мусоиди сармоягузории ниҳодӣ таъмин мегардад. Дар ин замина, баланд гардидани самаранокии иқтисоди миллӣ, таъмини суръати баланди рушди рақобатпазирии комплекси энергетикӣ аз ҳама бештар, аз фаъол будани фаъолияти сармоягузорӣ вобаста аст.

Тибқи ақидаи муҳаққиқони ватанӣ ҷолибияти сармоягузории минтақа, ин маҷмуи омилҳои мусбат ва манфӣ ба бартарияти сармоягузор дар интихоби объекти сармоягузорӣ, ки дар он омилҳои мусбат аз омилҳои манфӣ зиёданд ва омилҳои манфӣ ба осонӣ бартараф карда мешаванд [1,с.41]. Ҳангоми муайян кардани сиёсати давлатии сармоягузорӣ, зарур аст ҳолати имрӯзаи сармоягузории асосӣ, дараҷаи баланди фасурдашавӣ, зарурати модернизатсияи асосии техникӣ ва азнавсозии истеҳсолоти амалкунанда ба ҳисоб гирифта шавад.

Чи тавре муҳаққиқони рус қайд менамоянд, «таҳти сиёсати сармоягузории давлат комплекси мақсадноки чорабиниҳо оид ба ташкили шароити муосид барои тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ ба мақсади эҳёи фаъолияти сармоягузорӣ, баланд бардоштани иқтисод, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад» [6]. Мақсади сиёсати сармоягузорӣ танзими ташаккули шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ аст.

Дар шароити маҳдудияти иқтидорҳои табиӣ-захиравӣ масъалаи муҳим ҷустуҷӯи сармоягузорие ба ҳисоб меравад, ки барои рушди соҳаҳои иқтисоди миллии кишвар, аз он ҷумла комплекси энергетикӣ зарур аст. Самтҳои асосӣ барои ин меъёрҳо оид ба ташкили реҷаи мусоид барои сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, афзоиши даромаднокӣ ва кам кардани хавф ба мақсади рушди устувори соҳаҳои иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин вазъият дастгирии давлатӣ ба самти ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ барои рақобатпазирии комплекси энергетикии кишвар зарур аст.

Барои татбиқи сиёсати сармоягузории давлат зарур аст ба сармоягузории дохилӣ хамчун низоми худинкишофёбандаи ҷалби сармоягузорӣ такя намуд. Ташкили сиёсати сармоягузориро дар корхонаҳои комплекси энергетикӣ, баҳогузорӣ кардан хеле мушкил аст, зеро дар ин соҳа ҳангоми моделсозӣ омилҳои бисёр истифода мешаванд, дақиқии ҳисобҳои истеҳсолӣ санҷида мешаванд, инчунин, дар марҳилаи аввали сармоягузорӣ бештар аз даромаднокии ҷалби сармоягузорӣ ва дар маҷмуъ, рушди комплексаҳои энергетикӣ дар алоҳидагӣ вобастагӣ доранд.

Дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ принсипҳои асосии сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд [2]:

- таъмини рушди мутавозин ва устувори иқтисоди мамлакат;
- муқаррар кардан ва таҳкими қонунии дақиқи «қоидаи бозӣ» дар доираи фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҳисоби хадафҳои стратегии мамлакат ва авлавияти рушди он, ки сиёсати давлатиро дақиқ ва пай дар пай инъикос намуда, барои дурнамои дарозмуддати ҷалби сармоягузорӣ ва ҳифзи боварии сармоягузорон ба нақша гирифта шудааст;

- озод ва дастрас будани иттилоот дар доираи фаъолияти сармоягузорӣ;

-таъмини шароити баробар барои дастрасӣ ба захираҳои сармоягузорӣ (баробарҳуқуқии сармоягузорони ватаниву хориҷӣ барои дастрасии сармоягузорон ба барномаҳои сармоягузорӣ, озмунҳои лоиҳаҳо барои дохил намудан ба барномаҳои сармоягузорӣ ва ширкат дар озмунҳои сармоягузорӣ);

-мувофиқакунии талаботҳои асосии сиёсати ҷалби сармоягузорӣ дар тамоми шохаҳои ҳукумат дар сатҳи давлат, минтақа ва доираҳои соҳибкорӣ;

-мувофиқати декларатсия ва фаъолияти воқеӣ, набудани сиёсати вазъи тағйирёбанда, мушаххасии барномаҳои амалкунандаи органҳои ҳокимият дар сатҳҳои гуногун, ки беҳтаргардонии иқлими сармоягузориро дар мамлакат таъмин мекунанд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи солҳои 2030, афзалият дар рушди сармоягузории ҷумҳурӣ дақиқ оварда шудааст, ки зарурати ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузорон дар соҳаҳои афзалиятноки кишварро тақозо мекунад. Дар доираи комплекси энергетикӣ маҳдудияти институтсионалӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори истеҳсолии мамлакат ба миён омадааст. Аз ин рӯ, ин муамморо зарур нест, ки аз самтҳои ҷории сиёсати сармоягузории корхонаҳои соҳаи энергетикӣ, аз даромаднокии вобаста ба дурнамои рушди минбаъдаи таркиби соҳаҳои иқтисодӣ ҷудо баррасӣ намоем.

Дар ин самт муносибати якхелаи комплексӣ, ки ҳисобҳои пурраи даромаднокии сармояи пешниҳодшуда аз ҳисоби тамоми омилҳо барои корхонаҳои соҳаҳои энергетикӣ коркард нашудааст, зеро воситаҳо барои ҳисоби самаранокӣ ба қадри кофӣ зиёд аст. Аз ин рӯ, барои пурзӯр намудани сиёсати сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳо, зарурати тақсими қисми салоҳият ва ҳалли муаммоҳо ба салоҳияти органҳои давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ вогузор карда шавад. Барои корхонаҳои комплекси энергетикӣ ҷустуҷӯи васоити иқтисодии ҷалби сармоягузорӣ нисбатан мубрам аст, чунки стратегияи сиёсати энергетикии ҷумҳуриро аз ҳисоби тамоми омилҳои мавҷуда таъмин мекунад. Ин метавонад ба қабули қарорҳои сармоягузорӣ низ таъсири худро расонад.

Дар шароити ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавии ҷомеа, рушди иқтисодии давлатҳои пешқадами ҷаҳон, хавфҳои сармоягузории субъектҳои ватании хоҷагидорӣ зиёд мешаванд, инчунин теъдоди шартҳои зарурӣ ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ зиёд мешаванд. Коркарди сиёсати сармоягузории соҳаи энергетикӣ вазъи неруи сармоягузориро муайян мекунад. Аз ин рӯ, муайян кардани методикаи баҳогузории самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар танзими сиёсати давлатии ҷумҳурӣ дар чунин шароитҳо ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти хосса пайдо менамояд.

Ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, бевосита ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ, ки дорои чунин хислатҳо мебошанд, алоқаманд аст: вазъи соҳаи энергетика, сатҳи рушди соҳаи саноат ва хоҷагии қишлоқ, рушди соҳаи нақлиёт ва боркашонӣ, ҷоннокшавии фаъолияти молиявию сармоягузорӣ, ки аз омилҳои зиёди дохилию хориҷӣ вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои интихоби стратегияи сиёсати сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар чунин соҳаи муҳимми комплекси энергетикии ҷумҳурӣ меафзояд.

Дар шароити муосир самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ аз муносибатҳои байни ниҳодҳои бозорӣ вобаста ба гирифтан ва истифода намудани донишҳову технологияҳои нав ба монанди институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, макотиби олӣ, бюрои конструкторӣ, корхонаҳо ва дигар сохторҳои инноватсионӣ, нархгузорӣ ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир вобастагии калон дорад. Сатҳи рушди соҳаҳои энергетикӣ, бешак аз омилҳои зиёд ва шароити рушд вобастагӣ доранд. Тибқи ақидаи Зеленин Д.В. ва Логинов Е.Л. истифодаи ширкатҳои энергетикӣ омилҳои сармоягузорӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ба рақобатпазирии тамоми саноати ватанӣ таъсиргузор аст [7,с.34].

Аз ин рӯ, давлат бояд фаъолкунии сиёсати сармоягузориро дар соҳаи энергетикӣ такмил дода, сарчашмаҳои сармоягузориро ба дигар соҳаҳо афзун намояд, аз ин ҳисоб дигар сарчашмаҳои ҷалби сармоягузориро дар соҳаҳои дигари афзалиятноки иқтисоди миллӣ афзун гардонад.

Раванди ворид кардани идеяҳои илмӣ-техникӣ, коркардҳо ва таҷрибаҳои конструкторӣ барои истифодаи амалияи мураккаб ва дарозмуддат, талаботи на танҳо сармоягузории бузург, балки барои ташаккули дархост ба маҳсулотҳои илмӣ-техникӣ низ аст. Ташкили марҳилаҳои соҳибкории инноватсиониро дар як муассиса ё як олими соҳа ғайри имкон аст. Бинобар ҳалли ин муаммо дар доираи комплекси энергетикӣ ҳамчун ташкилоти соҳавӣ ва тиҷорати сохторӣ, ки дар шароити рақобатпазирии фаъолияти инноватсионӣ осебпазир мебошад, номумкин аст.

Ин муамморо танҳо дар асоси баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика дар ҳамбастагӣ бо дигар ниҳодҳо ҳал кардан мумкин аст. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои энергетикии густурда, истеҳсолшаванда ва намудҳои энергияи то ҳадди ниҳоӣ коркардшуда мебошад, ки ба мақсади таъмини тамоми низоми энергетика ва истифодаи аҳолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад.

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ масъалаҳои танзими давлатии захираҳои сармоягузорӣ ҳамеша мубрам ва муҳим боқӣ мемонад, ки зарурати ислоҳоти соҳаҳо ба мақсади такмил ва баланд бардоштани самаранокии ҷалби сармоягузориро ба миён меорад.

Мақсади асосии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ рушди низоми иқтисодӣ, ташкили шароити мусоиди ҷалби сармоя, ки барои модернизатсия ва таҷдиди инноватсионӣ заруранд, ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи Сизова Д.А. сиёсати сармоягузории давлатиро ташкил медиҳад, ки фароҳам кардани имконоти воқеӣ ва шароит барои сармоягузорӣ, инчунин ширкати фаъоли давлат дар бозори сармоягузориро муҳокима менамояд [8,с.17].

Ба ибораи дигар, давлат яке аз иштироккунандагони раванди сармоягузорӣ буда, яке аз вазифаҳои он ҷиҳати рушди соҳаи энергетика ба танзими сиёсати сармоягузорӣ бояд равона карда шавад.

Танзими фаъолкунии фаъолияти сармоягузорӣ ташкили сифати нави таъсири дуҷониба миёни тамоми иштироккунандагони раванди инноватсионӣ, таҳкими фаъолияти нав барои мақомотҳои мувофиқи идоракунӣ дар сатҳи давлатӣ ва соҳавиро талаб мекунад. Вазифаи муҳимтарини сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ташкили имиҷи сармоягузории давлат ва рушди сохторҳои сармоягузории бозорӣ, инчунин, ташкили базаҳои қонунгузории таъминкунандаи сатҳи баланди кафолати давлатӣ ба сармоягузорон, ки муътадилӣ ва пешгӯишавандагиро дидан мехоҳанд, боқӣ мемонад. Иҷрои ин вазифаҳо метавонанд, хавфҳои мувофиқи сармоягузориро кам кунад, ки бе тағйироти мақсаднок ва нақшавӣ, вазифаҳои давлатро бо принсипҳои рушди комплекҳои энергетикӣ мутобиқ намудан имконнопазир аст.

Такмили асосҳои институтсионалӣ имкон медиҳад, мухолифати раванди ғунҷоиши энергетикии истеҳсолот дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва комплекси энергетикӣ роҳи ҳалли худро ёбад. Барои ин таҷдиди тамоми ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар соҳаи энергетикӣ дар даҳсолаи охир, ки самаранокии истеҳсолотиро таъмин мекунанд, вазифаи муҳимтарини мақомотҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ба шакли нисбатан ояндадори он барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ ва вариантҳои беҳтарини соҳавии онҳоро овардан мумкин аст. Ҳангоми амалӣ кардани барномаҳои давлатии илман асоснок кардашуда, бояд мақсадҳои сармоягузорӣ, илмӣ – техникӣ, иҷтимоӣ, сиёсати экологӣ аз ҳисоби муайян кардани афзалиятҳо ва мақсадҳои рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ мушаххас карда шаванд. Татбиқи сиёсати натиҷаноки сармоягузорӣ, ҳангоми идораи самаранокии равандҳои сармоягузории рушди соҳаҳо, афзалиятҳоро дар ҳама ҳолат таҳлил менамояд.

Ҳангоми баҳогузории танзими ҷалби сармоягузорӣ, нархи умумии иқтисодии захираҳои гидроэнергетикӣ дар арзиши захираҳои об ва баҳои хизматрасониҳои экологӣ-иқтисодии онҳо ҷамъ мегардад. Тамоми механизм ва шаклҳои фаъолияти сармоягузории корхона аз ҳисоби захираҳои ташкилшудаи сармоягузорӣ фароҳам карда мешаванд. Характери самаранокии ин захираҳо бештар аз сатҳи даромаднокии идораи фаъолияти сармоягузории соҳаҳо вобаста аст. Механизими ҳавасмандкунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, усулҳо, воситаҳо, асбобҳо ва фишангҳои таъсиргузор ба онҳоро роҳбарияти корхона, соҳа ва ташкилотҳои ҳокимияти давлатӣ барои фаъолкунии фаъолияти сармоягузорӣ қабул мекунанд.

Таҷрибаи андӯхташудаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика, аҳаммияти баланди иҷтимоии чорабиниҳои экологӣ, даромаднокии ками пӯшонидани хароҷот, камфаъолиятии институтҳои шахсӣ имкон медиҳад муайян намуд, ки новобаста аз норасоии мавҷудаи лоиҳаҳо, дархост ба маблағгузории буҷетии лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергетикӣ аз ҷониби таъингарони давлатӣ ва пудратчиён зиёд мегарданд.

Дар дурнамои стратегии ҷалби сармоягузорӣ, ба комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбат баҳогузорӣ шудааст, зеро кишвар дорои захираҳои бойи табиӣ аст, ки ба он неруи бузурги гидроэнегетикӣ, ҷорӣ намудани технологияи пешқадам дар соҳаҳои афзалиятнок, коркарди пурраи захираҳои табии, афзоиши арзиши изофаи энергияи коркардшуда, инчунин, имконоти истифодаи сарчашмаҳои иловагии энергия дохил мегарданд. Танзими давлатии татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар аксар ҳолатҳо аз қарорҳои қабулкардаи ҳукумат вобастагӣ дорад. Ба механизми асосии татбиқи лоиҳаҳо барои коркарди оқилонаи барномаҳои давлатии татбиқи лоиҳаҳо, ки ба талаботҳои муосири иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ мебошанд, чунин унсурҳо дохил мегарданд: низоми идораи хавфҳои сармоягузорӣ, дастгирии давлатии фаъолкунии лоиҳаҳо ва устувории фаъолият, институтҳои шартномаҳои сармоягузорӣ, ҳамкории давлатию хусусӣ ва ғайра.

Сармоягузор дар комплекси энергетикӣ – ин ташкили воситаҳои пулӣ барои рушд ва тавсеаи сармояи асосӣ ва дигар хароҷотҳои асосӣ мебошад.

Сарчашмаи асосии сармоягузорӣ дар шакли воситаҳои пулӣ, дар комплекси энергетикӣ моликияти хусусии соҳаҳо, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ аст. Дар доираи дастгирии давлатии ҷалби сармоягузорӣ вазифаи татбиқи он аз рӯйи анъана ба давлат вобаста аст, қисмате аз он фаъолият ба хавфҳои сармоягузорӣ тааллуқ доранд. Ба ин вазифаҳои давлат одатан бунёди роҳҳо, купрукҳо, роҳҳои оҳан, объектҳои инфрасохтори коммуналии бозорӣ, ки дар тавозуни он қарор доранд, дохил мешаванд. Аз ин рӯ, сохтмони объектҳои инфрасохтори роҳҳо ва лоиҳаҳо дарозмуддат мебошанд, ки ба истифода додани онҳо ҳамеша барои ҷалби сармоягузорӣ хароҷотталаб ва фоидаовар мебошанд.

Ба ақидаи мо, барои самтҳои ояндадори сармоягузории соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бояд таъмини самаранокии қонунии сиёсати истеҳлокӣ ва андозбандӣ, паст кардани хавфи қарздиҳии бонкии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо роҳи ҷорӣ намудани мехнизми дарозмуддати маблағгузорӣ танзим гарданд. Зимни баҳогузории раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои комплекси энергетикӣ нишон медиҳад, ки шумораи лоиҳаҳои татбиқшавандаи сармоягузорӣ дар доираи гидроэнергетика дар муқоиса бо дигар соҳаҳои иқтисод бештар аст, лекин мутаассифона дар татбиқи ин лоиҳаҳо мехнизми ҷалби сармоягузории хусусӣ хеле кам таъсир кардааст. Ширкат ва фаъолгардонии секторҳои хусусӣ ва саҳомӣ дар ин лоиҳаҳо ба назари мо саривақтӣ ва фоиданок аст.

Яке аз таҷрибаҳои пешқадам дар соҳаи энергетика ҳамкории давлат ва шахсони алоҳида дар ҷумҳурӣ, ин Лоиҳаи самаранок пас аз ба имзо расидани Шартномаи консессионӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Памир энерҷӣ» ба муддати 25 сол аст, ки ин лоиҳа соли 2008 ба фаъолият шуруъ кард. Дар муддати 13 соли мавҷудияти худ аввалин ҳамкории бахши хусусӣ бо давлат бо ёрии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист ба соҳаи энергетикаи кишвар зиёда аз 47,3 миллион доллар сармоя ҷалб намояд ва ин имкон дод зиёда аз 30% тамоми объектҳои энергетикии Бадахшон таъмиру таҷдид гарданд [17].

Ҳамзамон бо ҷустуҷӯи сарчашмаҳои сармоягузорӣ муайян кардани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ амалӣ гардида истодааст. Барои ин бояд ду навъи таъсиррасонии дуҷонибаи корхонаҳо бо комплекси энергетикӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Аз як тараф, комплекси энергетикӣ барои соҳаи саноат сарчашмаҳои энергияи барқиро таъмин мекунад, аз тарафи дигар, соҳаи саноат истеъмолкунандаи маҳсулоти ангиштӣ мебошад. Айни замон саноат зиёда аз 70%-и захираҳои энергетикии истеҳсолшударо дар кишвар ва зиёда аз 60%-и неруи барқро истифода мекунанд [17].

Ҳамин тавр, афзалияти рушди комплекси гармию энергетикии мамлакат бояд баланд гардидани самаранокиро аз ҳисоби инноватсия, ҳамкории дуҷонибаи давлат ва бахши хусусӣ, интегратсияи илм ва саноат, инчунин, сатҳи баланди содиротии захираҳои энергетикӣ барои имконоти рушди иқтисоди соҳаи мазкур таъмин кунанд. Давлат ҳамеша

танзими сармоягузориро бояд дар секторҳои иқтисодӣ дар мутобиқат бо сиёсати муайяни сармоягузорӣ, тахти таъсири комплекси ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иқтисодии давлат, ки барои тавсеа ва фаъолкунии равандҳои сармоягузорӣ равона карда шудааст, ба роҳ монад. Он асосан дар пояи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонуну қарорҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ ва идораи фаъолияти соҳибкориро муайян ва муқаррар мекунанд, поягузорӣ мешавад. Ба мақсади баланд бардоштани самаранокии соҳаҳо ва ҳавасмандгардонии фаъолкунии захираҳои сармоягузорӣ хуб мешуд, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар сатҳи идоранамоӣ марказонида шаванд, ваколатҳои васеи органҳои маҳаллӣ ва давлатӣ бо ҳамкории дуҷонибаи судманд дар соҳаи энергетика барои ҳалли масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ васеъ ба роҳ монда шаванд.

Давлат дар ин шароит ба сифати омилҳои низомсоз, базаи меъёрию ҳуқуқии барои тамоми ширкаткунандагони раванди сармоягузориро ташкил намуда, татбиқи лоиҳаҳои сармогузориро низ ба он дохил кунад. Вобаста ба ин субъектҳои фаъолияти сармоягузорие мавҷуданд, ки давлат барои он воситаҳои буҷетиро дар асоси озмун бевосита ба сармоягузорон фароҳам меоварад. Ҳамзамон стратегияи мавқеи соҳибкоронро дар бозори лоиҳаи сармоягузорӣ, ҳаҷм ва сохтори сармоягузории давлатиро низ муайян мекунад.

Вазифаи дарозмуддати мақсадноки сиёсати сармоягузории давлат аз муайяннамоии самтҳои афзалиятноки рушди соҳа ва технологияи пешрафта ва соҳаҳои ояндадори иқтисод иборат мебошад, ки барои ҷалби сармоягузорӣ асос шуда метавонанд. Дар қатори самтҳои асосии рушди соҳа чунин самтҳоро ба инобат гирфтан зарур аст: илм ва технологияи нав, биотехнология ва инжинерия, микроэлектроника ва информатика, технологияи нави сарфакунандаи барқ, таҷҳизоти истеҳсолӣ барои ҳифзи муҳити зист ва ғайра.

Нақш ва вазифаҳои давлатро таҳлил карда, барои дастгирии соҳаи энергетика механизмҳои танзими онро ба ҳисоб гирифта, дар татбиқи сиёсати сармоягузорӣ, роҳандозии муносибати комплексиро тақозо менамояд, ки имконоти таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва дар маҷмуъ, устувории низоми пулию қарзӣ ва устувории бозори неруи барқро муайян кардан зарур аст. Ин дар шароити рушди муосири иқтисоди мамлакат хеле муҳим аст ва имкон медиҳад, ки сиёсати боэътимоди сармоягузорӣ ва дараҷаи дахолати давлатро барои рушди соҳаи мазкур коркард намуд. Зеро, чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ба танзими давлатӣ ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои энергетика имконнопазир аст, хусусан дар ҳоле, ки бозори неруи барқ наметавонад мустақилона вазифаи худро иҷро намуда, талаботи мавҷударо қонеъ гардонад, ва ё аз сатҳи талаботи пардохтпазир арзиши маҳсулот зиёд гардад.

Ҳамин тавр ҷустуҷӯи усулҳои нав ва механизмҳои танзими ҷалби сармоягузориро дар комплекси энергетикӣ, ҷиҳати ба сатҳи баланди рушди ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи энергетика расонидан, ҳангоми татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ, бояд ба инобат гирифт.

Зарурати рушди саноатикунонии кишвар, вазъияти пастравии соҳаҳои гуногун, зиёдшавии талаботи дохилӣ ва берунӣ ба неруи барқ, вобастагии бештар ба неруи барқро дар ҷумҳурӣ ба миён меорад. Аз ин рӯ, модернизатсияи муосири соҳаи энергетикии иқтисод бояд ба саноатикунонии соҳаҳои асосии иқтисоди ҷумҳурӣ оварда расонад ва моҳияти таҳаввули техникию технологӣ ва омилҳои меҳнатии истеҳсолот, тағйири нақши давлат дар равандҳои муосири иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии дар кишвар идомакунанда ба ҳисоб гирифта шавад. Барои ин мақсади танзими давлатии сармоягузории соҳаи энергетикӣ бояд ба баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ, ба даст овардани рақобатпазирӣ дар бозори глобалӣ ва рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ равона гардад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки дар шароити ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавии ҷомеа, инчунин, ҷалби сармоягузорони давлатҳои пешқадами ҷаҳон, хавфҳои сармоягузории субъектҳои ватании хоҷагидорӣ зиёд шуда, ба рақобати шадид дучор мегарданд, инчунин, теъдоди шартҳои зарурӣ ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ зиёд мешаванд. Дар ин маврид давлат бояд зимни танзими сиёсати сармоягузории соҳаи энергетикӣ вобаста ба вазъи иқтидори сармоягузорони

миллӣ, шароитҳо ва ҳимояи манфиатҳои миллиро ба эътибор гирад. Вобаста ба ҷой доштани муаммоҳои рушди соҳаҳои афзалиятноки кишвар ва монеа эҷод намудани онҳо, барои таъмини рушди самтҳои ояндадори сармоягузории соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бояд самаранокии қонунии сиёсати истеҳлокӣ ва андозбандӣ, паст кардани хавфи қарздиҳии бонкии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо роҳи ҷорӣ намудани механизми дарозмуддати маблағгузорӣ танзим гарданд.

Зимни баҳогузории раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои комплекси энергетикӣ муайян гардид, ки шумораи лоиҳаҳои татбиқшавандаи сармоягузорӣ дар доираи гидроэнергетика, дар муқоиса бо дигар соҳаҳои иқтисод бештар аст, лекин мутаассифона дар татбиқи ин лоиҳаҳо мехнизми ҷалби сармоягузории хусусӣ хеле кам таъсир карда истодааст. Ширкат ва фаъолгардонии бахшҳои хусусӣ ва саҳомӣ дар ин лоиҳаҳо ба назари мо саривақтӣ ва фоиданок аст. Барномаи давлатии рушди ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар кишвар амалӣ нагардида истодааст. Дар ин замина, афзалияти рушди комплекси гармию энергетикии мамлакат бояд баланд гардидани самаранокиро аз ҳисоби инноватсия, ҳамкории дуҷонибаи давлат ва бахши хусусӣ, интегратсияи илм ва саноат, инчунин, сатҳи баланди содиротии захираҳои энергетикӣ барои имконоти рушди иқтисоди соҳаи мазкурро таъмин намоянд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Исайнов Ҳ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Давлатов К.К. Социально-экономическая сущность и особенности инвестиционной привлекательности региона / К.К. Давлатов, М.М. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе: Сино, 2014. -№2/1(127). -С.36-41.
2. Концепция государственной политики привлечения и защиты инвестиций Республики Таджикистан // Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 29 декабря 2012 года, №755.
3. Махмадиев, Ф.Б. Формирование региональных отраслевых кластеров, важнейший этап создания инновационной экономики / Ф.Б. Махмадиев, Н.С. Холова // Peasant. – 2015. – № 2. – С. 84-85.
4. Набиев Б.А. Инвестиции в основной капитал электроэнергетики как фактор роста и инноваций / Б.А. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/6. -С.48-52.
5. Набиев Б.А. Энергоэффективность и энергосбережение в Республике Таджикистан на фоне опыта зарубежных стран / Б.А. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/9. -С.71-76.
6. Попков В.П. Организация и финансирование инвестиций / В.П. Попков, В.П. Семенов. -СПб: Питер, 2001. -224 с.
7. Проблемы формирования конвергентной сферы глобально взаимосвязанных и синхронизированных интеллектуальных управленческих пространств / Д.В. Зеленин, Е.Л. Логинов [и др.] // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2011. -№9. -С.33-37.
8. Сизова Д.А. Особенности кредитования субъектов малого предпринимательства в России: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Д.А. Сизова. –М., 2004. -25 с.
9. Султанов З.С. Влияние финансово-кредитных механизмов на экономическое и социальное развитие / З.С. Султанов // Финансы, учет и аудит: проблемы и перспективы развития в РТ. Мат.респуб. науч. - практ. конф. - Душанбе, РТСУ, 2015. -С.12-18.
10. Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан): Монография / Дж.Х. Тагоев. -Душанбе: Ирфон, 2009. -С.30.
11. Таджикистан повысит эффективность реализации Проекта Рогунской ГЭС при технической помощи Всемирного банка. [Электронный ресурс]. URL: https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/press-release/2023/01/12/ (дата обращения: 18.02.2023)
12. Хофизов Х.А. Инвестиционный потенциал Зеравшанской долины Согдийской области / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2-5. -Часть II. -С.63-66.
13. Хофизов Х.А. Основные подходы к обеспечению инвестиционной привлекательности региона в современных условиях / Х.А. Хофизов // Аудит и финансовый анализ. -М.: «ДСМ-ПРЕСС», 2017. -№5-6. -С.341-346.
14. Хофизов Х.А. Характеристика инвестиционных рисков Зеравшанского региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2-8(215). -С.24-29.
15. Хофизов Х.А. Характеристика инвестиционных рисков Зеравшанского региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/8(215). -С.24-29.

16. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳлили истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар комплексҳои энергетикии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№1. -С.5-12.
17. ШСХК «Барқи Тоҷик»: сомонаи расмӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.barqitojik.tj/.

## РОҲҲО ВА УСУЛҲОИ АСОСОИИ ТАЪМИНИ МОЛИЯВИИ САРМОЯГУЗОРИИ КОМПЛЕКСИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таъмини захираҳои молиявӣ барои азхуд намудан ва самаранок истифода кардани потенсиали энеретикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Дар назар дошта мешавад, ки самти муҳимми баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, дар ташаккули муҳити ниҳодии ҷалб намудани сармоя ва истифодаи самараноки он таҷассум мегардад ва дар ин замина шиддатнокии равандҳои сармоягузорӣ метавонад асоси самаранокии маблағҳои гузошташуда бошанд ва суръатнокии маблағҳои гузошташуда ҳангоми мавҷуд будани муҳити мусоиди сармоягузории ниҳодӣ таъмин мегардад. Дар ин замина, баланд гардидани самаранокии иқтисоди миллӣ, таъмини суръати баланди рушди рақобатпазирии комплекси энергетикӣ аз ҳама бештар аз фаъол будани фаъолияти сармоягузорӣ вобаста аст. Муаллифон бар он ақидаанд, ки ҷустуҷӯи усулҳои нав ва механизмҳои танзими ҷалби сармоягузориро дар комплекси энергетикӣ, ҷиҳати ба сатҳи баланди рушди ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи энергетика расонидан, ҳангоми татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ, бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар мақола қайд карда шудааст, ки зарурати рушди саноатикунонии кишвар, вазъияти пастравии соҳаҳои гуногун, зиёдшавии талаботи дохилӣ ва берунӣ ба неруи барқ, вобастагии бештар ба неруи барқро дар ҷумҳурӣ ба миён оварда, модернизатсияи муосири соҳаи энергетикии иқтисод бояд ба саноатикунонии соҳаҳои асосии иқтисоди ҷумҳурӣ оварда расонад ва моҳияти таҳаввули техникию технологӣ ва омилҳои меҳнатии истеҳсолот, тағйири нақши давлат дар равандҳои муосири иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии дар кишвар идомакунанда ба ҳисоб гирифта шавад. Барои ин мақсади танзими давлатии сармоягузории соҳаи энергетикӣ бояд ба баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ, ба даст овардани рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ равона гардад.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, энергетика, самарнокӣ, таҷдидсозӣ, неруи барқ, иқтисодиёт, рушди энергетикӣ, рушди саноат, саноат, таъминоти молиявии сармоягузорӣ, таъминоти саромягузорӣ, ҷалби сармоя.

## ОСНОВНЫЕ ПУТИ И МЕТОДЫ ФИНАНСОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭНЕРГЕТИЧЕСКОМ КОМПЛЕКСЕ

В данной статье рассматриваются вопросы обеспечения финансовых ресурсов для освоения и эффективного использования энергетического потенциала Республики Таджикистан. Отмечается, что основное направление повышения инвестиционной привлекательности заключается в формировании конечной среды для привлечения капитала и его эффективного использования, и в этом контексте интенсивность инвестиционных процессов может быть основой эффективности вложенных средств и интенсивности инвестирования средств при наличии благоприятной среды для конечного инвестирования. В этом контексте повышение эффективности национальной экономики, обеспечение высоких темпов развития конкурентоспособности энергетического комплекса в наибольшей степени зависит от активной инвестиционной деятельности. Авторы считают, что в поиске новых методов и механизмов регулирования привлечения инвестиций в энергетический комплекс с целью достижения высокого уровня развития международного сотрудничества в сфере энергетики при реализации государственнаой политики, следует учитывать привлечение инвестиций. В статье отмечается необходимость развития индустриализации страны, развития различных отраслей, увеличения внутреннего и внешнего спроса на электроэнергию. Большая зависимость от электроэнергии в республике, своевременная модернизация энергетического комплекса связаны с индустриализацией основных отраслей экономики республики. Следует также учитывать сущность технико-технологического развития трудовых факторов производства, изменение роли государства в современных экономических, социальных и политических процессах в стране. Для этого государственное регулирование инвестиций в энергетику должно быть направлено на повышение энергоэффективности, завоевание конкурентоспособности на мировом рынке и устойчивое социально-экономическое развитие.

**Ключевые слова:** инвестиции, энергетика, эффективность, реконструкция, электроэнергетика, экономика, развитие энергетики, развитие промышленности, промышленность, финансовое обеспечение инвестиций, обеспечение инвестиций, привлечение инвестици.

## MAIN WAYS AND METHODS OF FINANCIAL SUPPORT OF INVESTMENTS IN THE ENERGY COMPLEX

This article discusses the issues of providing financial resources for the development and efficient use of the energy potential of the Republic of Tajikistan. It is expected that an important direction in increasing investment attractiveness lies in the formation of the final environment for attracting capital and its efficient use, and in this context, the intensity of investment processes can be the basis for the effectiveness of invested funds, and the intensity of investing funds in the presence of a favorable environment for final investment. In this context, increasing the efficiency of the national economy, ensuring high rates of development of the competitiveness of the energy complex to the greatest extent depends on active investment activity. The authors believe that the search for new methods and mechanisms for regulating the attraction of investments in the energy complex, in order to achieve a high level of development of international cooperation in the energy sector, in the implementation of state policy, one should take into account the attraction of investments. The article

notes the need to develop the industrialization of the country, the development of various industries, an increase in domestic and external demand for electricity, greater dependence on electricity in the republic, timely modernization of the energy complex should be associated with the industrialization of the main sectors of the economy of the republic, and the essence of technical and technological development and labor factors of production, the changing role of the state in the modern economic, social and political processes in the country. For this, state regulation of investments in the energy sector should be aimed at improving energy efficiency, gaining competitiveness in the world market and sustainable socio-economic development.

**Keywords**: investments, energy, efficiency, reconstruction, electric power industry, economics, energy development, industry development, industry, financial support for investments, provision of investments, attraction of investments.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Набиев Баҳодур Аҳмадович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-67-50-65**
***Ҳофизов Ҳафиз Асгарович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935126044**. E-mail: **boadab@mail.ru**
***Исматов Асадулло Хурматович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **939-43-77-77**

**Сведения об авторах:** ***Набиев Баходур Ахмадович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподователь кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспек Рудаки, 17. Телефон: **918-67-50-65**
***Хофизов Хафиз Асгарович* –** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-12-60-44.** E-mail: **boadab@mail.ru**
***Исматов Асадулло Хурматович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **939-43-77-77**

**Information about the authors:** ***Nabiev Bakhodur Akhmadovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Accounting. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **918-67-50-65**
***Khofizov Khafiz Asgarovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Cybernetics and Digital Economy. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 935-12-60-44.** E-mail: **boadab@mail.ru**
***Ismatov Asadullo Khurmatovich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **939-43-77-77**

ТДУ: 332(575.3)

# ТАШАККУЛИ ҲИСОБОТИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СОХТМОНИ МАНЗИЛ

*Расулов Д.Т., Файзиева Н.Ғ., Исматов А.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар низоми менеҷменти корхона ҳисоботи идоракунӣ яке аз инструментҳои муҳимми идоракунӣ ба шумор рафта, иттилооти ҷамъбастшуда ва хулосашударо оид ба фаъолияти сохторҳои таркибӣ ва корхонаро дар умум ифода мекунад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи менеҷерони сатҳи гуногун бо нишондиҳандаҳое, ки барои муайян намудани алтернативаҳои стратегӣ, инчунин, барои ҳалли масъалаҳои тактикӣ ва ҷорӣ зурур мебошанд, имконият фароҳам месозад.

Маҳсулоти асосии баҳисобгирии идоракунӣ, ки аҳаммияти он барои ташкилотҳои сохтмони манзил дар марҳилаи кунунӣ ба таври умум эътироф шудааст, ҳисоботи идоракунӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи ташаккули ҳисоботи идоракунӣ, яке аз масъалаҳои мураккаби назариявӣ-методӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Ҳисоботи дохилии идоракунӣ бояд ҷамъоварии саривақтии иттилоотро оид ба натиҷаҳои ҳақиқии фаъолияти сохторҳои таркибӣ, инчунин, иттолоотро оид ба ҳолати ҳақиқии объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии идоракунӣ таъмин намояд. Коркарди ин иттилоотҳо имконият фароҳам месозад, ки тағйирёбиҳо аз мақсадҳои гузошташуда ошкор карда шуда, омилҳои таъсиррасонанда ба ин тағйирёбиҳо бо мақсади қабули қарори идоракунӣ таҳлил карда шаванд.

Зери мафҳуми ҳисоботи идоракунӣ низоми иттилооти баҳисобгирӣ- таҳлилӣ оиди муҳити дохила ва берунаи ташкилот фаҳмида мешавад, ки дар мувофиқа бо санадҳои меъёрии дохилии ташкилот бо мақсади қонеъгардонии талаботи иттилоотии ҳамаи истифодабарандагони ҳавасманд таҳия гардидааст.

Мақсади асосии ҳисоботи идоракунӣ аз таъмини истифодабарандагони иттилоот, бо иттилооти барои дар марҳилаҳои гуногуни идоракунӣ қабул кардани қарорҳои идоракунӣ зарурӣ иборат аст.

Хусусиятҳои фаъолияти ташаккули иттилооти ҳисоботи идоракунӣ муқаррароти зерин ба ҳисоб меравад:

- ➢ фардияти фаъолият дар шароити мушаххаси фаъолияти ташкилот;
- ➢ қобилият ва зарурати мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот;
- ➢ имкони тағйир додани мақсади ибтидоӣ дар натиҷаи фаъолият ва ташаббуси субъекте, ки иттилооти ҳисоботи идоракуниро тавлид мекунад.

Ба ғайр аз ин ҳисоботи дохилии идоракунӣ бояд ба талаботҳои зерини махсус ҷовобгӯ бошад:

- • чандирӣ, вале ягонагии таркиб;
- • фаҳмо ва тафсири (хулосавӣ) иттилоот;
- • такроршавии (муттасилии) оптималии пешниҳод;
- • ба кор омадан барои таҳлил ва назорати ҷорӣ (оперативӣ) [3,с.309].

Шакли ҳисоботи идоракунӣ як низоми баҳисобгирӣ ва нишондиҳандаҳои ҳисобшуда мебошад, ки мувофиқи қоидаҳои дохилии ташкилот дар шакли муайян пешниҳод карда мешавад ва он ҳолати унсури дахлдори ҳисоботи идоракуниро тавсиф мекунанд. Низомов С.Ф. қайд мекунад, ки “Дар шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ бояд иттилооти таҳлилии ибтидоӣ оварда шавад: майлкуниҳо аз мақсад, меъёр ва сметаҳои хароҷот ва даромадҳо, гурӯҳбандӣ ва ба ҷузъҳо ҷудо намудани майлкуниҳо ва ғ.” [3,с.310].

Барои инъикоси хамаҷонибаи натиҷаҳои асосии фаъолияти ташкилоти сохтмони манзил дар самти рушди устувор, шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ бояд ҳам нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ҳам ғайримолиявиро дар бар гиранд.

Чунин ҳисоботи идоракунӣ бояд воситаи бо иттилоот таъмин намудани истифодабарандагони гуногуни ҳавасманд дар бораи суръати иҷрои нақшаҳои

ташкилотҳои сохтмони манзил дар алоқа бо рушди устувор гардад. Ташкилотҳои сохтмонӣ бояд дар бораи он, ки маҳз онҳо чи гуна арзиши устуворро бунёд мекунанд ва нақшаҳои дарозмуддат доранд, маълумотҳоро ифшо намоянд. Дар шароити муосир, ҳисоботи ғайримолиявӣ, ки манфиатҳои доираи васеи ҷонибҳои манфиатдорро инъикос мекунад, аҳаммияти махсус дорад. Ташкилотҳо метавонанд ҳисоботи ғайримолиявиро дар шаклҳои гуногун омода созанд: инҳо метавонанд ҳисоботи ҳамгирошуда ва солона, ҳисоботи иҷтимоӣ ва экологӣ, ҳисоботи эмитент ва ҳисобот оид ба рушди устувор бошанд.

Бояд тазаккур дод, ки Шурои байналмилалӣ оид ба ҳисоботи ҳамгирошуда, ки танзимгарон, сармоягузорон, ташкилотҳо, таҳиягарони стандартҳо, муҳосибон, ташкилотҳои муҳосибӣ, аудиторӣ ва ғайраҳоро муттаҳид мекунад, дар соли 2013 стандарти байналмилалии ҳисоботи ҳамгирошударо пешниҳод кард, ки барои қонеъ кардани талаботҳои ҷонибҳои манфиатдор ба иттилоот ва қадами навбатӣ дар рушди ҳисоботи корпоративӣ пешбинӣ шудааст.

Ба ақидаи Шулекин А.Н. ба ҳисоботи дохилии идоракунӣ шаклҳои зеринро дохил кардан мумкин аст: ҳисобот дар бораи муҳлати пардохти қарзи дебиторӣ, ҳисобот дар бораи муҳлати пардохти қарзи кредиторӣ, ҳисобот дар бораи ташаккул ва истифодаи фонди музди меҳнат, ҳисобот дар бораи ташаккул ва истифодаи захираҳо, ҳисобот дар бораи натиҷаҳои инвентаризатсияи қарзҳо ва дигар шаклҳои муфассалтари ҳисобот, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ заруранд [10,с.116]. Низомов С.Ф. қайд мекунад, ки “талаботҳое, ки ба ҳисоботи идоракунӣ пешбинӣ карда мешавад, ба муҳтаво, миқдори нишондиҳандаҳо ва даврияти ҳисоботҳо таъсир мерасонад. Гурӯҳбандии ҳисоботҳо аз рӯйи сатҳи идоракунӣ имконият медиҳад, ки гурӯҳи зерини ҳисоботҳои идоракунӣ ҷудо карда шаванд:

- ҳисоботи идоракунии расмӣ (стандартикардашуда);
- ҳисоботи идоракунӣ аз руи нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти амалиётӣ;
- ҳисоботи дохилии идоракунии сохторҳои алоҳида/сегментҳои фаъолият.

Дар навбати худ гурӯҳи сеюм имконият медиҳад, ки ҳисоботи дохилии идоракунӣ аз рӯйи ҷойи бавуҷудоӣ хароҷот ва марказҳои масъулият, ба монанди марказҳои хароҷот, даромад, фоида ва сармоягузорӣ, инчунин, сегментҳои фаъолият ташаккул ёбанд” [5,с.176-177]. Дар навбати худ ҳисоботи идоракунӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти амалиётӣ 18 номгӯйи ҳисоботҳоро дар бар мегирад, ҳисоботи дохилии идоракунии сохторҳои алоҳида, сегментҳои фаъолият бошад 14 номгӯйро фаро мегирад [5,с.179-180]. Вале дар таҳқиқот методикаи ташаккулёбии ин миқдор ҳисоботҳои идоракунӣ, нишондиҳандаҳо, моддаҳо, ченак, муҳлат ва дигар паҳлуҳои омодасозии ин ҳисоботҳо нишон дода нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки таркиби ҳисоботҳои идоракунӣ аз рӯйи фаъолияти амалиётӣ ва ҳисботҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои фаъолияти сохторҳои воҳидӣ (аз рӯйи марказҳои масъулият/сегментҳои фаъолият) барасмиятдаровардашуда, стандартишуда намебошад, хусусияти фардӣ дорад ва, пеш аз ҳама, аз талаботи иттилоотии истифодабарандагони ҳисоботҳо ва инчунин, аз нишондиҳандаҳои интихобкардашуда, ки дар ҳисоботҳои идоракунӣ инъикос карда мешаванд, вобастагӣ дорад.

Тавре Низомов С.Ф. қайд мекунад “ҳисоботи идоракунии умумӣ (беруна) шакли стандартишударо дорад, чунки он ҳангоми танзимкунии шакли ҳисоботҳои муҳосибии молиявӣ муқаррар карда шудааст. Сохтор ва таркиби он, моддаҳо ва муҳлати пешниҳоди он аз тарафи идораҳои дахлдори давлатӣ танзим карда мешаванд. Таркиби ҳисоботҳои идоракунӣ аз рӯйи фаъолияти амалиётӣ (ҷорӣ) ва ҳисоботҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои фаъолияти сохторҳои воҳидӣ (аз рӯйи марказҳои масъулият/сегментҳои фаъолият) барасмиятдаровардашуда, стандартишуда намебошанд, хусусияти индивидуалӣ доранд ва, пеш аз ҳама, аз талаботи иттилоотии истифодабарандагони ҳисоботҳо ва инчунин, аз нишондиҳандаҳои интихобкардашуда, ки дар ҳисоботҳои идоракунӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, вобастагӣ дорад. Шакли ҳисоботҳои дохилии идоракунӣ дар сатҳи корпоративӣ бояд стандартизатсия карда шаванд, мисол шаклҳои намунавии ҳисоботҳои дохилии идоракунии фаъолияти амлиётӣ (ҷорӣ), ба монанди оиди истеҳсоли маҳсулот (кор, хизмат); оид ба қарзҳои дебиторӣ/кредиторӣ, оид ба хариди захираҳо ва ғ. Дар ин

замина шакли ҳисоботҳои идоракунӣ аз рӯйи марказҳои масъулият аҳаммияти зиёд доранд. Муҳиммияти онҳо на танҳо аз фардӣ будани он, балки бо хусусияти махфӣ доштани иттилооте, ки дар онҳо оварда мешавад, вобастагӣ дорад” [3,с.89-90]. Шакли ҳисоботҳои дохилии идоракунӣ дар сатҳи корпоративӣ бояд стандартизатсия карда шаванд.

Ғайр аз ин, шаклҳои зерини ҳисоботи берунии идоракунӣ, ки таркиби нишондиҳандаҳои онҳо нисбат ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи ҷории ба мақомоти назоратӣ пешниҳодшаванда васеътар аст, пешниҳод карда мешавад: «Ҳисобот оиди иҷрои лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматӣ дар марҳилаи тайёрӣ» (шакли №1), «Ҳисобот оиди иҷрои лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматӣ дар марҳилаи лоиҳакашӣ» (шакли №2), «Ҳисобот дар бораи иҷрои лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматӣ дар марҳилаи сохтмон» (шакли №3), «Ҳисобот дар бораи иҷрои лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматӣ дар давраи ба истифода додан» (шакли №4).

Ин шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ дар асоси маълумоти баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дар заминаи ҳар як лоиҳа (бинои истиқоматӣ) тартиб дода мешаванд. Дар баробари ин, барои баҳодиҳии фаъолият ва устувории молиявии ташкилотҳои таҳиякунанда, дар ин шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ бояд нишондиҳандаҳои зерин инъикос карда шаванд:

**1. Нишондиҳандаҳои молиявӣ:**

- ҳаҷми умумии манбаъҳои зарурии маблағгузории лоиҳа;
- арзиши манбаъҳои маблағгузории лоиҳа;
- арзиши манбаъҳои қарзии дарозмуддати маблағгузории лоиҳа;
- арзиши манбаъҳои қарзии кӯтоҳмуддати маблағгузории лоиҳа;
- маблағи қарзи кредиторӣ дар доираи лоиҳа;
- ҳаҷми захираҳои таъсисдодашуда барои лоиҳа;
- арзиши дороиҳои ғайригардон барои татбиқи лоиҳа;
- арзиши дороиҳои гардон барои лоиҳа;
- ҳаҷми захираҳо барои лоиҳа;
- маблағи дебиторӣ барои лоиҳа;
- ҳаҷми маблағ барои лоиҳа;

– сармоягузориҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ ба лоиҳа;
– даромад (даромади маблағ барои лоиҳа);
– хароҷоти мустақим ба татбиқи лоиҳа;
– хароҷоти идоракунӣ вобаста ба татбиқи лоиҳа;
– даромади дигаре, ки вобаста ба амалисозии лоиҳа алоқаманд аст;
– дигар хароҷоти марбут ба татбиқи лоиҳа.

**2. Нишондиҳандаҳои ғайримолиявии амаликунииии марҳилаҳои лоиҳа:**

– баходиҳии сифати идоракунӣ дар асоси нишондиҳандаҳои молиявии бадастомадаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ;

— баҳодиҳии мувофиқати стратегия ва сиёсати ташкилоте, ки дастгоҳи идоракунӣ ба амал мебарорад, ба хоҳиши соҳибон, хусусияти фаъолият, шароити муҳити дохилию берунӣ;

– баҳодиҳии самаранокии системаи банақшагирии фаъолият;
– баҳодиҳии самаранокии низоми назорати дохилӣ;
– баҳодиҳии экспертии хавфи таваррум;
– баҳодиҳии экспертии хавфи асъор;
– баҳодиҳии қаноатмандии муштариён;
– баҳодиҳии таносуби «нарх-сифат»;
– баҳодиҳии ошкорбаёнии иттилоотии ташкилот;
– таъминоти кадрӣ;
– баҳодиҳии қаноатмандии кормандон;
– сатҳи ҳавасмандкунӣ.

Шаклҳои ҳисоботи идоракунии аз ҷониби муаллифон пешниҳодшаванда дар мисоли лоиҳаи сохмони бинои истиқоматии ш. Хуҷанд дар ҷадвали 1-4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Шакли тавсиявии “Ҳисобот оиди амаликунии лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматӣ дар марҳалаи тайёрӣ” (шакли №1)**
**Table 1. Recommended form "Report on the implementation of the residential building construction project in the preparatory stage" (form No. 1)**

| **Маълумоти умумӣ оиди лоиҳа** | | |
|---|---|---|
| Номи ташкилот | ҶДММ “Бахти Бунёдкор” | |
| Номи объект (лоиҳа) | Бинои истиқоматӣ дар.ш. Хуҷанд | |
| Мухлати банақшагирифташудаи амаликунии лоиҳа | 01.10.2022-31.03.2024 | |
| Мухлати банақшагирифташудаи амаликунии марҳилаи лоиҳа | 01.10.2022-31.03.2024 | |
| Санаи амаликунии воқеии марҳилаи лоиҳа | 01.01.2023 | |
| Санаи анҷоми воқеии марҳилаи лоиҳа | 31.03.2024 | |
| Нишондиҳандаҳои молиявии амалишавии марҳилаи лоиҳа, ҳазор сомонӣ | | |
| **Нишондиҳанда** | **Дар санаи оғози амалишавии марҳилаи лоиҳа** | **Дар санаи анҷоми амалишавии марҳилаи лоиҳа** |
| Ҳаҷми умумии манбаъҳои зарурии маблағгузории лоиҳа | 0 | 450 |
| Ҳаҷми манбаъҳои худии маблағгузории лоиҳа | 0 | 450 |
| Ҳаҷми манбаъҳои ҷалбкардашудаи дарозмуддати маблағгузории лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми манбаъҳои ҷалбкардашудаи кӯтоҳмуддати маблағгузории лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми қарздориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ тибқи лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми захираҳои бунёдшаванда тибқи лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми дороиҳои ғайригардон, ки барои амалишавии лоиҳа заруранд | 0 | 0 |
| Ҳаҷми дороиҳои гардони барои лоиҳа зарурӣ | 0 | 0 |
| Ҳаҷми захираҳо барои лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми қарздориҳои дебиторӣ барои лоиҳа | 0 | 70 |
| Ҳаҷми воситаҳои пулӣ барои лоиҳа | 0 | 380 |
| Маблағгузориҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ барои лоиҳа | 0 | 0 |
| **Нишондиҳандаҳо** | **Барои давраи амаликунии лоиҳа** | |
| Даромад (воридоти воситаҳои пулӣ аз лоиҳа) | 0 | |
| Хароҷоти мустақим, ки бо амалишавии лоиҳа алоқаманданд | 0 | |
| Хароҷоти идоракунии бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 530 | |
| Дигар даромадҳои бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 0 | |
| Дигар хароҷоти бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 20 | |
| **Нишондиҳандаҳои ғайримолиявии амалишавии лоиҳа (аз 1 то 5 хол баҳогузорӣ мешавад)** | | |
| Баҳодиҳии сифати идоракунӣ дар асоси нишондиҳандаҳои молиявии бадастомадаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, фоиданокӣ, даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ | 5 | |
| Баҳодиҳии мувофиқати стратегия ва сиёсати ташкилот, ки дастгоҳи идоракунӣ амалӣ мекунад, ба хоҳишҳои соҳибон, хусусияти фаъолият, шароити муҳити дохилӣ ва берунӣ | 5 | |
| Баҳодиҳии самаранокии низоми банақшагирии фаъолият | 4 | |
| Баҳодиҳии самаранокии низоми назорати дохилӣ | 4 | |
| Баҳодиҳии экспертии хавфи таваррум | 4 | |
| Баҳодиҳии экспертии хавфи асъорӣ | 4 | |
| Баҳодиҳии қаноатмандии мизоҷон | 4 | |
| Баҳодиҳии мувофиқати “нарх-сифат” | 4 | |
| Баҳодиҳии оммавияти иттилооти ташкилот | 3 | |
| Баҳодиҳии қаноатмандии ҳамкорон | 4 | |
| Сатҳи ҳавасмандгардонӣ | 4 | |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон

**Ҷадвали 2. Шакли тавсиявии “Ҳисобот оиди амаликунии лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматӣ дар марҳилаи лоиҳакашӣ” (шакли №2)**
**Table 2. Recommended form "Report on the implementation of the residential building construction project at the design stage" (form No. 2)**

| **Маълумоти умумӣ оиди лоиҳа** | | |
|---|---|---|
| Номи ташкилот | ҶДММ “Бахти Бунёдкор” | |
| Номи объект (лоиҳа) | Хонаи бисёрошёна дар суроғаи: ш. Хуҷанд, к. Истиқлол | |
| Муҳлати банақшагирифташудаи амалишавии лоиҳа | 01.10.2022-31.03.2024 | |
| Муҳлати банақшагирифташудаи амалишавии марҳилаи лоиҳа | 01.10.2022-31.03.2024 | |
| Санаи воқеии оғози амалишавии марҳилаи лоиҳа | 01.01.2023 | |
| Санаи воқеии анҷоми амалишавии марҳилаи лоиҳа | 31.03.2024 | |
| **Нишондиҳандаҳои молиявии амалишавии марҳилаи лоиҳа, ҳазор сомонӣ** | | |
| **Нишондиҳанда** | **Дар санаи оғози амалишавии марҳилаи лоиҳа** | **Дар санаи анҷоми амалишавии марҳилаи лоиҳа** |
| Ҳаҷми умумии манбаъҳои зарурии маблағгузории лоиҳа | 450 | 10202 |
| Ҳаҷми манбаъҳои худии маблағгузории лоиҳа | 450 | 10202 |
| Ҳаҷми манбаъҳои ҷалбкардашудаи дарозмуддати маблағгузории лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми манбаъҳои ҷалбкардашудаи кӯтоҳмуддати маблағгузории лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми қарздориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ тибқи лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми захираҳои бунёдшаванда тибқи лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми дороиҳои ғайригардон, ки барои амалишавии лоиҳа заруранд | 0 | 0 |
| Ҳаҷми дороиҳои гардони барои лоиҳа зарурӣ | 0 | 10202 |
| Ҳаҷми захираҳо барои лоиҳа | 0 | 2520 |
| Ҳаҷми қарздориҳои дебиторӣ барои лоиҳа | 70 | 1340 |
| Ҳаҷми воситаҳои пулӣ барои лоиҳа | 380 | 6342 |
| Маблағгузориҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ барои лоиҳа | 0 | 0 |
| **Нишондиҳандаҳо** | **Дар давраи амалишавии марҳилаи лоиҳа** | **Маблағи ҷамъшуда аз оғози лоиҳа** |
| Даромад (воридоти воситаҳои пулӣ аз лоиҳа) | 0 | 0 |
| Хароҷоти мустақим, ки бо амалишавии лоиҳа алоқаманданд | 2500 | 2500 |
| Хароҷоти идоракунии бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 640 | 1170 |
| Дигар даромадҳои бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 0 | 0 |
| Дигар хароҷоти бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 80 | 100 |
| **Нишондиҳандаҳои ғайримолиявии амалишавии лоиҳа (аз 1 то 5 хол баҳогузорӣ мешавад)** | | |
| Баҳодиҳии сифати идоракунӣ дар асоси нишондиҳандаҳои молиявии бадастомадаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, фоиданокӣ, даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ | 5 | |
| Баҳодиҳии мувофиқати стратегия ва сиёсати ташкилот, ки дастгоҳи идоракунӣ амалӣ мекунад, ба хоҳишҳои соҳибон, хусусияти фаъолият, шароити муҳити дохилӣ ва берунӣ | 5 | |
| Баҳодиҳии самаранокии низоми банақшагирии фаъолият | 4 | |
| Баҳодиҳии самаранокии низоми назорати дохилӣ | 4 | |
| Баҳодиҳии экспертии хавфи таваррум | 4 | |
| Баҳодиҳии экспертии хавфи асъорӣ | 4 | |
| Баҳодиҳии қаноатмандии мизоҷон | 4 | |
| Баҳодиҳии мувофиқати “нарх-сифат” | 4 | |
| Баҳодиҳии оммавияти иттилооти ташкилот | 3 | |
| Таъминот бо кадрҳо | 4 | |
| Баҳодиҳии қаноатмандии ҳамкорон | 3 | |

| | |
|---|---|
| Сатҳи ҳавасмандгардонӣ | 4 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон

**Ҷадвали 3. Шакли тавсиявии “Ҳисобот оиди амаликунии лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматӣ дар марҳилаи сохтмонӣ” (шакли №3)**
**Table 3. Recommended form "Report on the implementation of the residential building construction project at the construction stage" (form No. 3)**

| **Маълумоти умумӣ оиди лоиҳа** | | |
|---|---|---|
| **Номи ташкилот** | ҶДММ “Бахти Бунёдкор” | |
| Номи объект (лоиҳа) | Хонаи бисёрошёна дар суроғаи: ш. Хуҷанд, к. Истиқлол | |
| Мӯҳлати банақшагирифташудаи амалишавии лоиҳа | 01.10.2022-31.03.2024 | |
| Мӯҳлати банақшагирифташудаи амалишавии марҳилаи лоиҳа | 01.10.2022-31.03.2024 | |
| Санаи воқеии оғози амалишавии марҳилаи лоиҳа | 01.01.2023 | |
| Санаи воқеии анҷоми амалишавии марҳилаи лоиҳа | 31.03.2024 | |
| **Нишондиҳандаҳои молиявии амалишавии марҳилаи лоиҳа, ҳазор сомонӣ** | | |
| **Нишондиҳанда** | **Дар санаи оғози амалишавии марҳилаи лоиҳа** | **Дар санаи анҷоми амалишавии марҳилаи лоиҳа** |
| Ҳаҷми умумии манбаъҳои зарурии маблағгузории лоиҳа | 10202 | 139811 |
| Ҳаҷми манбаъҳои худии маблағгузории лоиҳа | 10202 | 2046 |
| Ҳаҷми манбаъҳои ҷалбкардашудаи дарозмуддати маблағгузории лоиҳа | 0 | 123870 |
| Ҳаҷми манбаъҳои ҷалбкардашудаи кӯтоҳмуддати маблағгузории лоиҳа | 0 | 8250 |
| Ҳаҷми қарздориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ тибқи лоиҳа | 0 | 5645 |
| Ҳаҷми захираҳои бунёдшаванда тибқи лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми дороиҳои ғайригардон, ки барои амалишавии лоиҳа заруранд | 0 | 7340 |
| Ҳаҷми дороиҳои гардони барои лоиҳа зарурӣ | 10202 | 132471 |
| Ҳаҷми захираҳо барои лоиҳа | 2520 | 95120 |
| Ҳаҷми қарздориҳои дебиторӣ барои лоиҳа | 1340 | 16280 |
| Ҳаҷми воситаҳои пулӣ барои лоиҳа | 6342 | 21071 |
| Маблағгузориҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ барои лоиҳа | 0 | 0 |
| **Нишондиҳандаҳо** | **Дар давраи амалишавии марҳилаи лоиҳа** | **Маблағи ҷамъшуда аз оғози лоиҳа** |
| Даромад (воридоти воситаҳои пулӣ аз лоиҳа) | 123870 | 123870 |
| Хароҷоти мустақим, ки бо амалишавии лоиҳа алоқаманданд | 92620 | 95120 |
| Хароҷоти идоракунии бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 3511 | 4681 |
| Дигар даромадҳои бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 250 | 250 |
| Дигар хароҷоти бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 3625 | 3725 |
| **Нишондиҳандаҳои ғайримолиявии амалишавии лоиҳа (аз 1 то 5 хол баҳогузорӣ мешавад)** | | |
| Баҳодиҳии сифати идоракунӣ дар асоси нишондиҳандаҳои молиявии бадастомадаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, фоиданокӣ, даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ | 3 | |
| Баҳодиҳии мувофиқати стратегия ва сиёсати ташкилот, ки дастгоҳи идоракунӣ амалӣ мекунад, ба хоҳишҳои соҳибон, хусусияти фаъолият, шароити муҳити дохилӣ ва берунӣ | 3 | |
| Баҳодиҳии самаранокии низоми банақшагирии фаъолият | 3 | |
| Баҳодиҳии самаранокии низоми назорати дохилӣ | 4 | |
| Баҳодиҳии экспертии хавфи таваррум | 4 | |
| Баҳодиҳии экспертии хавфи асъорӣ | 4 | |
| Баҳодиҳии қаноатмандии мизоҷон | 3 | |
| Баҳодиҳии мувофиқати “нарх-сифат” | 4 | |

| | |
|---|---|
| Баҳодиҳии оммавияти иттилооти ташкилот | 2 |
| Таъминот бо кадрҳо | 3 |
| Баҳодиҳии қаноатмандии ҳамкорон | 3 |
| Сатҳи ҳавасмандгардонӣ | 3 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон

**Ҷадвали 4. Шакли тавсиявии "Ҳисобот оиди амаликунии лоиҳаи сохтмони биноии истиқоматӣ дар марҳилаи ба истифода додан" (шакли №4)**
**Table 4. Recommended form "Report on the implementation of the residential building construction project at the commissioning stage" (form No. 4)**

| **Маълумоти умумӣ оиди лоиҳа** | | |
|---|---|---|
| **Номи ташкилот** | ҶДММ "Бахти Бунёдкор" | |
| Номи объект (лоиҳа) | Хонаи бисёрошёна дар суроғаи: ш. Хуҷанд, к. Истиқлол | |
| Мухлати банақшагирифташудаи амалишавии лоиҳа | 01.10.2022-31.03.2024 | |
| Мухлати банақшагирифташудаи амалишавии марҳилаи лоиҳа | 01.10.2022-31.03.2024 | |
| Санаи воқеии оғози амалишавии марҳилаи лоиҳа | 01.01.2023 | |
| Санаи воқеии анҷоми амалишавии марҳилаи лоиҳа | 31.03.2024 | |
| **Нишондиҳандаҳои молиявии амалишавии марҳилаи лоиҳа, ҳазор сомонӣ** | | |
| **Нишондиҳанда** | **Дар санаи оғози амалишавии марҳилаи лоиҳа** | **Дар санаи анҷоми амалишавии марҳилаи лоиҳа** |
| Ҳаҷми умумии манбаъҳои зарурии маблағгузории лоиҳа | 139811 | 26916 |
| Ҳаҷми манбаъҳои худии маблағгузории лоиҳа | 2046 | 26916 |
| Ҳаҷми манбаъҳои ҷалбкардашудаи дарозмуддати маблағгузории лоиҳа | 123870 | 0 |
| Ҳаҷми манбаъҳои ҷалбкардашудаи кӯтоҳмуддати маблағгузории лоиҳа | 8250 | 0 |
| Ҳаҷми қарздориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ тибқи лоиҳа | 5645 | 0 |
| Ҳаҷми захираҳои бунёдшаванда тибқи лоиҳа | 0 | 0 |
| Ҳаҷми дороиҳои ғайригардон, ки барои амалишавии лоиҳа заруранд | 7340 | 7340 |
| Ҳаҷми дороиҳои гардони барои лоиҳа зарурӣ | 132471 | 19576 |
| Ҳаҷми захираҳо барои лоиҳа | 95120 | 0 |
| Ҳаҷми қарздориҳои дебиторӣ барои лоиҳа | 16280 | 4546 |
| Ҳаҷми воситаҳои пулӣ барои лоиҳа | 21071 | 15030 |
| Маблағгузориҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ барои лоиҳа | 0 | 0 |
| **Нишондиҳандаҳо** | **Дар давраи амалишавии марҳилаи лоиҳа** | **Маблағи ҷамъшуда аз оғози лоиҳа** |
| Даромад (воридоти воситаҳои пулӣ аз лоиҳа) | 10380 | 134250 |
| Хароҷоти мустақим, ки бо амалишавии лоиҳа алоқаманданд | 1800 | 96920 |
| Хароҷоти идоракунии бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 420 | 5101 |
| Дигар даромадҳои бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 0 | 250 |
| Дигар хароҷоти бо амалишавии лоиҳа алоқамандбуда | 120 | 3845 |
| **Нишондиҳандаҳои ғайримолиявии амалишавии лоиҳа (аз 1 то 5 хол баҳогузорӣ мешавад)** | | |
| Баҳодиҳии сифати идоракунӣ дар асоси нишондиҳандаҳои молиявии бадастомадаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, фоиданокӣ, даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ | 3 | |
| Баҳодиҳии мувофиқати стратегия ва сиёсати ташкилот, ки дастгоҳи идоракунӣ амалӣ мекунад, ба хоҳишҳои соҳибон, хусусияти фаъолият, шароити муҳити дохилӣ ва берунӣ | 4 | |
| Баҳодиҳии самаранокии низоми банақшагирии фаъолият | 4 | |
| Баҳодиҳии самаранокии низоми назорати дохилӣ | 4 | |
| Баҳодиҳии экспертии хавфи таваррум | 4 | |

| | |
|---|---|
| Баҳодиҳии экспертии хавфи асъорӣ | 4 |
| Баҳодиҳии қаноатмандии мизоҷон | 3 |
| Баҳодиҳии мувофиқати “нарх-сифат” | 4 |
| Баҳодиҳии оммавияти иттилооти ташкилот | 3 |
| Таъминот бо кадрҳо | 4 |
| Баҳодиҳии қаноатмандии ҳамкорон | 3 |
| Сатҳи ҳавасмандгардонӣ | 3 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Ҳамин тавр, барои баҳодиҳии фаъолият ва устувории молиявии ташкилотҳои сохтмонӣ, шаклҳои ҳисоботи идоракуниро барои таҳиягарон дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ дар заминаи ҳар як лоиҳа (бинои истиқоматӣ) дар марҳилаҳои гуногуни давраи ҳаёти лоиҳа ташкил кардан лозим аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ҳофизов Ҳ.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Агеева О.А. Особенности управленческого учета затрат в строительной организации / О.А. Агеева, Е.А. Кожинова // Вестник Университета (Государственный университет управления). – 2016. -№7–8. -С.219–225.
2. Кадиева, А.Г. Формирование управленческой отчетности / А.Г. Кадиева // Форум молодых ученых. – 2020. -№1(41). -С.248-251.
3. Низомов, С.Ф. Баҳисобгирии идоракунӣ / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов. -Душанбе: Ирфон, 2017. -324 с.
4. Низомов, С.Ф. Методогия формирования внутренней управленческой отчетности / С.Ф. Низомов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/1. -С.84-93.
5. Низомов, С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика / С.Ф. Низомов. -Душанбе: Сохибкор, 2013. -272 с.
6. Расулов Д.Т. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмони саноатӣ / Д.Т. Расулов, М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи милллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. –№12. –С.73-84.
7. Фадейкина Н.В. О повышении роли управленческого учета в системе менеджмента организаций жилищного строительства / Н.В. Фадейкина, А.Н. Шулекин // Сибирская финансовая школа. – 2017. -№6(125). -С.91–101.
8. Хромова, И.Н. Управленческая отчетность как основа принятия управленческих решений / И.Н. Хромова, Е.В. Репко, А.А. Корчагина // Естественно-гуманитарные исследования. – 2022. -№42(4). -С.427-431.
9. Штыкова, Е.Н. Управленческий учет как комплексная учетная система эффективного управления бизнесом жилищного строительства в Дальневосточном регионе / Е.Н. Штыкова // Экономика и предпринимательство. – 2020. -№12(125). -С.543-546.
10. Шулекин, А.Н. К вопросу о необходимости развития управленческого учета и отчетности организаций жилищного строительства в условиях институциональных изменений / А.Н. Шулекин / В сборнике: Проблемы и перспективы развития учетно-аналитического, финансового и контрольного обеспечения деятельности экономических субъектов // Сборник статей III Национальной (всероссийской) научно-практической и методической конференции. -Воронеж: Воронежский ГАУ, 2022. -С.113–117.


**ТАШАККУЛИ ҲИСОБОТИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СОХТМОНИ МАНЗИЛ**


Дар мақола масъалаи таҳиясозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи идоракунӣ дар ташкилотҳои сохтмони манзилӣ баррасӣ карда шуда, мақсади асосии ҳисоботи идоракунӣ вобаста ба таъмини иттилоотии истифодабарандагон дар марҳилаҳои гуногуни идоракунӣ ҷиҳати қабул кардани қарорҳои идоракунӣ асоснок карда шудааст. Дар баробари ин, талаботҳои асосӣ ба таҳияи ҳисоботи дохилии идоракунӣ пешниҳод карда шуда, шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ дар асоси маълумоти баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дар заминаи ҳар як лоиҳа (бинои истиқоматӣ) таҳия карда шудааст. Ҳамчунин номгӯйи нишондиҳандаҳои ҳисоботи идоракунӣ барои амалисозии ҳар як марҳилаи сохтмони манзил коркард шудааст.



**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии идоракунӣ, бинои истиқоматӣ, идоракунӣ, лоиҳа, манзил, марказҳои масъулият, сегментҳои фаъолият, сметаи даромад, сметаи хароҷот, ташкилотҳои сохтмони манзил, ҳисоботи идоракунӣ.


**ОРГАНИЗАЦИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКОЙ ОТЧЕТНОСТИ В ЖИЛИЩНОСТРОИТЕЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ**


В статье рассматривается вопрос формирования и представления управленческой отчетности в жилищно-строительных организациях и обосновано основное назначение управленческой отчетности для информационного обеспечения пользователям на разных этапах управления предприятием для принятия управленческих решений. Наряду с этим были представлены основные требования к составлению внутренней управленческой отчетности, а также разработаны формы управленческой отчетности на основе данных финансового учета и управленческого

учета в разрезе каждого проекта (жилого дома). Также разработан перечень показателей управленческой отчетности по реализации каждого этапа жилищного строительства.

**Ключевые слова:** управленческий учет, жилой дом, управление, проект, жилье, центры ответственности, сегменты деятельности, смета доходов, смета расходов, жилищно-строительные организации, управленческая отчетность.

**ORGANIZATION OF MANAGEMENT REPORTING IN HOUSING CONSTRUCTION ORGANIZATIONS**

The article examines the issue of the formation and presentation of management reporting in housing construction organizations and substantiates the main purpose of management reporting to provide information to users at different stages of enterprise management for making management decisions. Along with this, the basic requirements for the preparation of internal management reporting were presented, and forms of management reporting were developed based on financial accounting and management accounting data for each project (residential building). A list of management reporting indicators for the implementation of each stage of housing construction has also been developed.

**Keywords**: management accounting, residential building, management, project, housing, responsibility centers, activity segments, income estimates, cost estimates, housing construction organizations, management reporting.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Расулов Додулло Тоҷиддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-93-93-10**
***Файзиева Нигина Ғуфронҷоновна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17
***Исматов Асадулло Хурматович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **939-43-77-77**

**Сведения об авторах:** ***Расулов Додулло Тоджиддинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-93-93-10**
***Файзиева Нигина Гуфронджоновна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
***Исматов Асадулло Хурматович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **939-43-77-77**

**Information about the authors:** ***Rasulov Dodullo Tojiddinovich*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Accounting. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Phone: **(+992) 988-93-93-10**
***Fayzieva Nigina Gufronjonovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17
***Ismatov Asadullo Khurmatovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **939-43-77-77**

ТДУ: 311+312(575.3)

# ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ ВА БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲУ СИФАТИ ЗИСТИ АҲОЛӢ


*Алимардонов Т.А.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Яке аз масъалаҳои асосӣ, ин баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Баланд бардоштани сатҳи зисти аҳолӣ ва таъмини ягонагии даромади аҳолӣ вазифаи асосии сиёсати илмҳои иқтисодӣ мебошад, зеро ки он ҳадафи соҳаи иҷтимоиро муайян мекунад. Дар шароити муосир, масъалаи баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ аҳаммияти махсусро касб менамояд, зеро ислоҳоти гузаронидашудаи соҳаи иҷтимоӣ дар бештари мавридҳо имконияти гузариш ба рушди устувори иқтисодии мамлакатро муайян менамояд [1,с.47-53].

Гузаронидани мониторинги бозори меҳнат бо иштироки корфармоён, аз ҷумла, ташаккул додан ва ба роҳ мондани мониторинги тағйироти вазъи технологии корхонаҳо, тағйироти талабот ба кадрҳо (аз ҷумла тавассути ташкил ва гузаронидани корфармоён) дурандешӣ карда мешавад. Натиҷаҳои мониторинг бояд барои паст кардани номутаносибии талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат бо роҳи мутобиқ гардонидани нақшаҳои тайёр кардани коргарону мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти касбии тамоми сатҳҳо ба талаботи бозори меҳнат асос гардад.

Бинобар ин, баланд бардоштани сатҳи сифати зисти аҳолӣ тавассути хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ ва таъмини шоистаи зиндагии аҳолӣ барои тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, вазифаи асосии таҳқиқ ва омода гардонидани механизми самараноки сиёсати иҷтимоӣ ва дастгирии давлатии сатҳи сифати зисти аҳолӣ мебошад. Дастгирии низоми тайёр кардани кадрҳо аз рӯйи ихтисосҳои афзалиятноки бозори меҳнат (харидани таҷҳизот, пардохти стипендияи зиёд ва ғайра). Ҷалби корфармоён ба идоракунии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (Шуроҳои илмӣ, иштирок дар таҳияи барномаҳо ва ғ).

Баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани амнияти инфрасохтор яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Яке аз самтҳои асосии рушди минтақа, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад. Бе баланд бардоштани сифати зиндагии мардум ба рақобатпазирии минтақа дар маҷмуъ, ноил шудан ғайриимкон аст, зеро чорабиниҳои нав таҷдиди назар кардани сатҳи сифати ҳаётро тақозо мекунанд [2,с.284-287]. Дар доираи татбиқи ин самт вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

Таъмини афзоиши даромади аҳолӣ, инчунин, кам кардани нишондиҳандаҳои камбизоатӣ (кам кардани вазни қиёсии аҳолии дорои даромади аз сатҳи зиндагиашон паст), паст кардани сатҳи тафовути аҳолӣ аз рӯйи даромад.

- ❖ Инкишофи бозори меҳнат, зиёд кардани самараи бо кор таъмин намудани аҳолӣ, паст кардани шиддати иҷтимоӣ.
- ❖ Таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла хизматрасониҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг). Таъмини хифзи иҷтимоии аҳолӣ. Омода намудани системаи ҳифзи иҷтимоӣ барои зиёд кардани сарбории аҳолии ғайрикорЬи гурӯҳҳои синну соли калонсол ба аҳолии синни қобили меҳнат ва вобаста ба ин, тасҳеҳи стратегияи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа.
- ❖ Беҳтар намудани таъминоти манзили зисти аҳолӣ.
- ❖ Беҳтар намудани сифати хизмати коммуналӣ ва бо инфраструктура таъмин намудани аҳолӣ.
- ❖ Татбиқи тадбирҳое, ки ба беҳтар намудани фароғати аҳолӣ, таъмини дастрасии баробар ба арзишҳои фарҳангӣ ва иттилоот нигаронида шудаанд.

Дар ҷадвали зерин сифати хизматрасонии манзилию коммуналиро баҳо медиҳем. Дар ҷадвал муқоисаи ҷинс бо сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ таҳлилҳо гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо аз барномаи SPSS Statistics 21 истифода карда шудааст.

Аз ҷадвали 1 бар меояд, ки баҳодиҳии ба сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ нисбат ба ҷинсҳо (мардона, занона) натиҷаҳои назаррасро нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 1. Баҳодиҳии ба сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ бо ҷинс** [3,с.38-44]
**Table 1. Assessment of the quality of housing and communal services by gender**

| Нишондиҳандаҳо | | Баҳодиҳии ба сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ | | | | | | Ҷамбастӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | комилан қаноат-манд | асосан қаноатманд-анд | сифати миёна | асосан норозианд | тамоман қаноатманд нест | ҷавоб додан душвор аст | |
| Ҷинс | мардона | 40,0% | 66,7% | 66,2% | 40,9% | 36,0% | 47,4% | 54,5% |
| | занона | 60,0% | 33,3% | 33,8% | 59,1% | 64,0% | 52,6% | 45,5% |
| Ҷамбастӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Ҳангоми гузаронидани пурсишнома, маълумотҳои назаррас ба даст оварда шудаанд. Дар натиҷаи баҳодиҳии ба сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ мардҳо ва занҳо ҷавобҳои саҳеҳ гардониданд. Аз ҷадвал бар меояд, ки нафари қаноатманди занҳо 40% буда, мардҳо 60% мебошанд. Нафароне, ки дар ҳақиқат қаноатманданд 66,7%-ро мардҳо ташкил намуда, 33,3%-ро занҳо ташкил медиҳанд. Ба ҳамин таҳлилҳо монанд, маълумотҳо дар ҷадвал оварда шудаанд.

Ҳамчун гурӯҳҳои асосии тадбирҳо, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва баланд бардоштани амнияти инфрасохтор нигаронида шудаанд, пешниҳод карда мешаванд:

- Таҳия ва татбиқи барномаҳои стратегии рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шароити пиронсолии он.
- Зиёд намудани шумораи хонаҳои пиронсолон ва маъюбон, марказҳои истиқомати муваққатӣ ва ҷойҳои дар онҳо, рушди инфрасохтори замонавии кор бо пиронсолон (барномаҳои таълимии махсус), фароҳам овардани имконият барои идомаи фаъолияти меҳнатии ба синну сол ва саломатӣ мувофиқ ва ғайра).
- Инкишофи системаи хизматрасонии маишии пиронсолон ва маъюбон дар хона.
- Татбиқи кумакрасонии суроғаҳои иҷтимоӣ.

Татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва дастгирии давлатӣ дар минтақаҳои кишвар амалӣ шуда истодааст, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, зарурати қабули тадбирҳои маҷмуиро тақозо менамояд. Муваффақияти татбиқи стратегияи рушд, асосан тавассути ташкили механизмҳои дурусти татбиқ таъмин карда мешавад. Даромадҳо ва ташаккули некуаҳволӣ ва ё сатҳу сифати зисти аҳолӣ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини таҳқиқотҳои иқтисодӣ мебошанд. Вазъи иқтисоди ҳар як кишвари ҷаҳон, пеш аз ҳама, бо сатҳ ва сифати зиндагии шаҳрвандон тавсиф мешавад. Дар ин ҳамбастагӣ метавонем вобастагии таҳсилотро бо вазъи иҷтимоӣ муқоиса намоем. Ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо аз барномаи SPSS Statistics 21 истифода карда шуд.

**Ҷадвали 2.Таҳлили самти таҳсилот бо вазъи иҷтимоӣ** [4,с.60-65]
**Table 2. Analysis of the direction of education with social status**

| Нишондиҳандаҳо | | Вазъи иҷтимоӣ | | | | | | | Ҷамбастӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | коргар | деҳқон | коргари идора | Коргари ҳарбӣ | тоҷирон /соҳибкорон | Хоҷаги-дор | дигарҳо | |
| Таҳсилоти шумо | Маълумот нест, маълумоти ибтидоӣ | 4,8% | | 1,9% | 42,9% | | 50,0% | | 5,0% |
| | Мактаби миёнаи нотамом | 1,6% | | | | | | | 0,5% |
| | Ҳаҷми миёна | 19,0% | 20,0% | 7,5% | | | | | 10,5% |
| | Махсуси ибтидоӣ | 1,6% | | | | | | 28,6% | 1,5% |
| | Миёнаи махсус | 7,9% | | 16,0% | | | | | 11,0% |
| | Олӣ нопурра | 9,5% | | 2,8% | 14,3% | | | 14,3% | 5,5% |
| | Олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) | 50,8% | 80,0% | 58,5% | 42,9% | 100,0% | | 42,9% | 56,0% |
| | Аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.) | 4,8% | | 13,2% | | | 50,0% | 14,3% | 10,0% |
| Ҷамбастӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Дар натиҷаи муқоиса намудан маълумотҳои мувофиқ дастрас карда шудаанд, ки натиҷаи он дар ҷадвал 2 оварда шудааст.

Дар вақти гузаронидани таҳқиқот тибқи пурсишномаҳо чунин маълумотҳо ба даст оварда шуд. Аз таҳлилҳои гузаронидашудае, ки тедоди 750 нафар пурсишнома гузаронида шуд, онҳо бештар ба чунин саволномаҳо ҷавоб гардониданд, ки натиҷаи он чунин мебошад: аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура) 10%, олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) 56%, миёнаи махсус 11%.

Аз ҷадвали 2 хулоса кардан мумкин аст, коргаре, ки дорои маълумот нест ва ё маълумоти ибтидоӣ дорад 4,8%, коргаре, ки дорои маълумоти олӣ аст 50,8% коргаре, ки дорои маълумоти олии нопурра аст 9,5% коргаре, ки дорои маълумоти миёнаи махсус 7,9%-ро ташкил менамоянд. Доир ба дигар самтҳо дар ҷадвал маълумотҳо оварда шудааст.

Нишондиҳандаҳои баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ муҳимтарин нишондиҳандаҳои баҳодиҳии оқибатҳои реалии иҷтимоию иқтисодии дигаргуниҳои ба амаломада ва дараҷаи шиддати иҷтимоии ҷамъият мебошанд.

Яке аз олимони ватанӣ Р.К. Раҷабов қайд менамояд, «хизматрасонии иҷтимоӣ аҳолӣ ин мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти мудофиа ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, муассисаҳои молиявӣ, суғуртавӣ ва иттифоқҳои касаба мебошанд» [11,с.19-36].

Як қатор муаллифони ватанӣ чунин таърифро дуруст қабул намуда онро ҷонибдорӣ менамоянд. Ман ҳам ба фикри ин олими ватанӣ ҳамшарик ҳастам. Дар ин замина, олимони дигар бар он ақидаанд, ки чунин таъриф барои нақш ва мақоми хизматрасонии иҷтимоӣ ва баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ манфиатнок буда, барои истеъмолкунанда ифода мегардад.

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум муҳимтарин вазифаи стратегии рушди ҷомеа дар марҳилаи имрӯза буда, аҳаммияти мавзуи ин таҳқиқоти илмиро муайян менамояд. Дар модели рушди иқтисодӣ бо бартарияти ҷузъи инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҳаёти ҷомеа дар маҷмуъ нақши мувофиқ дорад.

Роҳи пешгирифтаи ҳукумати мамлакат дар самти ташаккул ва рушди иқтисоди инноватсионӣ бояд иқтидори рушди ҷомеаро, ки дар самаранокӣ ва сифати равандҳои иқтисодӣ инъикос ёфта, самти иҷтимоии кишварро тавсиф мекунад, ба таври назаррас афзоиш диҳад. Мақола ба мушкилоти таъхирнопазири баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути татбиқи самтҳои афзалиятноки рушд ва навсозии соҳаи тандурустӣ, маориф, манзили зист ва сиёсати демографӣ бахшида мешавад.

**Ҷадвали 3.Таҳлили баҳодиҳии сифати хизматрасонии иҷтимоӣ** [5,с.84-89]
**Table 3. Analysis of the assessment of the quality of social services**

| Нишондиҳандаҳо | | Баҳодиҳии сифати хизматрасонии иҷтимоӣ | | | | | | Ҷамбастӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | комилан қаноатманд | асосан қаноатманданд | сифат и миёна | асосан норозианд | тамоман қаноатманд нест | ҷавоб додан душвор аст | |
| Таҳсилоти шумо | Маълумот нест, маълумоти ибтидоӣ | 6,7% | 12,5% | 3,3% | 6,5% | | | 5,0% |
| | Мактаби миёнаи нотамом | 6,7% | | | | | | 0,5% |
| | Ҳаҷми миёна | 13,3% | 6,2% | 7,7% | 25,8% | 20,0% | | 10,5% |
| | Махсуси ибтидоӣ | | | 1,1% | 6,5% | | | 1,5% |
| | Миёнаи махсус | 6,7% | | 12,1% | 6,5% | | 38,1% | 11,0% |
| | Олӣ нопурра | 6,7% | 3,1% | 3,3% | 9,7% | | 14,3% | 5,5% |
| | Олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) | 60,0% | 53,1% | 61,5% | 41,9% | 70,0% | 47,6% | 56,0% |
| | Аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.) | | 25,0% | 11,0% | 3,2% | 10,0% | | 10,0% |
| Ҷамбастӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Аз гузаронидани таҳқиқот маълум аст, ки баҳодиҳии сифати хизматрасонии иҷтимоӣ нисбат ба самти таҳсилот натиҷаҳои хуберо нишон доданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баҳодиҳии сифати хизматрасонии иҷтимоӣ нисбат ба таҳсилоти олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) 47,6%, олии нопурра 56%, миёнаи махсус 11% ва ҳаҷми миёна 10,5%-ро ташкил додаанд. Ин нишондиҳандаҳо нисбат ба солҳои пешин хело хуб мебошанд.

Дар мақола таҳлили мафҳуми сатҳу сифати зисти аҳолӣ ва нишондиҳандаҳои ин сифат пешниҳод гардида, таҳқиқи пешгӯии нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ гузаронида мешавад. Муносибати назариявӣ ба ташаккули иқтисодиёти инсон нигаронидашуда дар асоси инноватсия пешниҳод карда мешавад. Хулоса мешавад, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва рафъи тафовути вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ дар шароити маҳдуд будани захираҳои буҷет вазифаи барпо намудани иқтисодиёте гузошта мешавад, ки омилҳои асосии шиддати иҷтимоиро бартараф карда тавонанд ва дар ҷамъияти ҳозира аҳаммияти махсус дорад.

Сатҳи зиндагии аҳолӣ категорияи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ буда, сатҳи рушд ва дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро инъикос менамояд. Сатҳи некуаҳолӣ бештар дараҷаи бо неъматҳои моддию ғайримоддӣ таъмин будани аҳолӣ, дараҷаи ба даст омадаи истеъмоли онҳо ва дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи одамон ба ин молҳо фаҳмида мешавад. Мафҳуми «сатҳи зиндагӣ» дар тафсири муосири худ хеле фарогир буда, тамоми паҳлуҳои фаъолияти инсонро дар бар мегирад, дар бораи некуаҳволии ҷомеа дар маҷмуъ ва аъзоёни алоҳидаи он тасаввурот медиҳад. Сатҳи зиндагии аҳолӣ муҳимтарин меъёри баҳодиҳии самаранокии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад. Афзоиши он мақсади асосии рушди сатҳу сифати зисти некуаҳволии давлат мебошад.

**Ҷадвали 4. Муқоисаи таҳсилот ва музди маоши миёна**
**Table 4. Comparison of education and average salary**

| Нишондиҳандаҳо | | Музди маоши миёна | | | | | | Ҷамбастӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | то 400 сомонӣ | аз 400 то 800 сомонӣ | аз 800 то 1200 сомонӣ | аз 1200 то 1600 сомонӣ | аз 1600 то 3000 сомонӣ | Зиёда аз 3000 сомонӣ | |
| Таҳсилот | Маълумот нест, маълумоти ибтидоӣ | 5,7% | 4,8% | | | 26,7% | | 5,0% |
| | Мактаби миёнаи нотамом | | 1,2% | | | | | 0,5% |
| | Ҳаҷми умумӣ | 14,3% | 8,4% | 8,5% | 21,4% | 13,3% | | 10,5% |
| | Махсуси ибтидоӣ | 5,7% | 1,2% | | | | | 1,5% |
| | Миёнаи махсус | 11,4% | 7,2% | 17,0% | | | 66,7% | 11,0% |
| | Олӣ нопурра | 8,6% | 7,2% | 4,3% | | | | 5,5% |
| | Олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) | 45,7% | 59,0% | 61,7% | 64,3% | 60,0% | | 56,0% |
| | аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.) | 8,6% | 10,8% | 8,5% | 14,3% | | 33,3% | 10,0% |
| Ҷамбастӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Дар ҷадвали 4, музди маоши миёна ва таҳсилот таҳлилҳо гузаронида шудааст. Аз ҷадвал дида мешавад нафароне, ки маълумоти ибтидоӣ доранд то 400 сомонӣ маош мегиранд 4,7% ҳаҷми умумӣ 14,3% махсуси ибтидоӣ 5,7% миёнаи махсус 11,4% олии нопурра 8,6% олӣ 45,7% аспирант дорои таҳсилоти олӣ 8,6%-ро ташкил менамоянд. Музди маоши миёнаи баландтарин аз рӯйи таҳсилот зиёда аз 3000 сомонӣ дар зинаи миёнаи махсус 66,7% аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.) 33,3%-ро ташкил медиҳанд. Ҳамаи таҳлилҳои дигар дар ҷадвал оварда шудааст.

Барои нишондиҳандаи асосии маҷмуи сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, индекси рушди инсон (ИРИ) истифода мешавад. Нишондиҳандаи интегралӣ, ки ҳар сол барои муқоисаи байнидавлатӣ ва ченкунии сатҳу сифати зиндагӣ, саводнокӣ, таҳсилот, хусусиятҳои потенсиали рушди инсонӣ, минтақаҳои омӯзишӣ ва дарозумрӣ ҳисоб карда мешавад.

Аз ҷумла, (ИРИ) ҳамчун миёнаи арифметикии бо се нишондиҳанда муайян карда мешавад:

1) давомнокии умр дар вақти таваллуд (I1);

2) дараҷаи маълумот (I2);

3) ММД воқеии бар ҳар сари аҳолӣ (бо доллари ИМА аз рӯйи қобилияти харидорӣ) - (I3).

$$ИРИ = (I1 + I2 + I3) / 3$$

Сифати зиндагии аҳолӣ муҳимтарин категорияи иҷтимоӣ буда, сохтори талаботи инсон ва имконияти қонеъ гардонидани онҳоро тавсиф мекунад.

Сифати зиндагии аҳолӣ хусусияти мураккаби сатҳ ва шароити зиндагии одамон буда, имкониятҳо ва дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоии онҳо ва дарки субъективии ҳаёт ва ҷанбаҳои алоҳидаи онро инъикос мекунад.

Тавсифи сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ аз чунин қадамҳо иборат мебошанд:

- сатҳи истеъмоли мол ва хизматрасонӣ;
- таваллуд, фавт, давомнокии умр;
- сатҳи беморӣ;
- шароит ва ҳифзи меҳнат;
- мавҷудияти маълумот;
- таъмини ҳуқуқҳои инсон, амният, озодиҳои сиёсӣ;
- дараҷаи таъминоти иҷтимоӣ;
- некуаҳволии молиявӣ ва моддӣ;
- сатҳи шуғл ва сифати зиндагии корӣ;
- ҳолати экологӣ;

**Роҳҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи баланд бардоштани зиндагонии аҳолии субъектҳо**

**The main ways of activity of state authorities in raising the level of living of the population of subjects**

Сифат

**1.Баланд шудани сатҳи зиндагонӣ.**
Динамикаи мусбати тағйир ёфтани даромади ҳақиқӣ ва қобилияти харидории даромади аҳолӣ, кам шудани сатҳи бекории расмӣ ва ҳиссаи аҳолии даромад аз сатҳи зиндагонии пасттар.

**2.Таъмини бехатарии шуғли аҳолӣ.**
Баланд бардоштани сифат ва ҳаракати қувваи кори мобилӣ, дастгирӣ намудани ташаббуси меҳнатӣ ва соҳибкории шаҳрвандӣ, ба амал баровардани тадбирҳо, ба кор таъмин намудани шахрвандон, ки кори мувофиқро пайдо карда наметавонанд.

**3. Баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ.**
Дастгирии хизматрасониҳои иҷтимоии аҳолӣ (аз ҷумла шаҳрвандони маъюб), рушди системаи самараноки нигаҳдории тандурустӣ, ташаккули системаи маориф, рушди фарҳанг, ҳалли масъалаҳои мубрами хоҷагии манзилию коммуналӣ наметавонанд.

**4. Бо манзили арзон ва бароҳат таъмин намудани шаҳрвандон.**
Ба вуҷуд овардани инфраструктураи сохтмони камошёна, дастгирии оилаҳои ҷавон, додани қарзҳои ипотекӣ ба мутахассисони ҷавон, беҳтар намудани таъмири асосии биноҳои истиқоматӣ.

**5. Таъмини бехатарии зиндагонӣ.**
Таҷҳизонидани роҳи оҳан ва автовакзал, истгоҳи метрополитен бо воситаҳои техникии бехатарӣ, санҷиш ва назорати видеоӣ, фароҳам овардани шароит барои ҳифзи зиддитеррористӣ, пешгирии ҷиноятқорӣ, таъмини амнияти экологӣ, сохтан ва навсозии комплексҳои байнишаҳрии коркард ва ҷойгиркунии партовҳо, таъмини аҳолӣ бо иншоотҳои замонавии партовҳо.

Зиндагӣ

- бароҳати муҳити зист, манзил;
- тандурустӣ ва маориф;
- қонеъ гардонидани талаботи иттилоотӣ ва фарҳангию маънавӣ.

Дар доираи ин самт, давлату ҳукумат ният дорад, ки дар ду даҳсолаи наздик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасии хизматрасониҳои маориф ва тандурустиро бо сифати зарурӣ, сатҳи зарурии манзил, дастрасӣ ба неъматҳои маданӣ, шароитҳое, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад, таъмин намояд. Сиёсати иҷтимоӣ оид ба дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ гузаронида шуда, тадбирҳо оид ба ҳамгироии муҳоҷирон татбиқ карда мешаванд. Яке аз масъалаҳои баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ, ин даромади аҳолии кишвар ба ҳисоб меравад. Даромади аҳолӣ чунин зинаҳоро дар бар мегирад.

Ба даромади аҳолӣ даромади миёнаи номиналӣ ва ҳақиқии аҳолӣ, нишондиҳандаҳои тафовути даромад, музди миёнаи меҳнати номиналӣ ва воқеии ҳисобшуда, андозаи миёна ва воқеии нафақаи таъиншуда, ҳадди ақали зиндагӣ ва таносуби аҳолие, ки даромадашон аз сатҳи зиндагӣ камтар аст, ҳадди ақали музди меҳнат, нафақа ва ғайра дохил мешаванд.

Дар мақола доир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ чунин таҳлилҳо гузаронидан мумкин аст.

Дар модел доир ба роҳҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи баланд бардоштани зиндагонии аҳолии субъектҳо таҳлилҳо гузаронида шудааст. Дар модел оид ба баланд шудани сатҳи зиндагонӣ, таъмини бехатарии шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бо манзили арзон ва бароҳат таъмин намудани шаҳрвандон, таъмини бехатарии зиндагонӣ аҳолӣ маълумотҳо оварда шудааст, ки тақозои замон мебошад. Сатҳ ва сифати зиндагӣ бо ҳам алоқаманданд, аммо онҳо бо нишондодҳои гуногун тавсиф мешаванд. Барои дар сатҳи баланд қарор додани сифати зисти аҳолӣ мо бояд ба ин модел бештар эътибор диҳем. Сифати зиндагӣ, категорияи умумии иҷтимоӣ-иқтисодӣ на танҳо сатҳи истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ (сатҳи зиндагӣ), балки қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ, саломатӣ, давомнокии умр, шароити муҳити зист, иқлими ахлоқию равонӣ ва маънавиро дар бар мегирад. Нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ на танҳо некуаҳволии умумии иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ва дараҷаи тафриқаи ҷомеа, балки самаранокии сиёсати давлатиро дар соҳаи рушди иқтисодӣ низ инъикос мекунанд. Мафҳуми «сифати зиндагӣ» як ҳосили мураккаби омилҳои оморӣ, сотсиологӣ, иқтисодӣ ва риёзӣ мебошад, ки мавқеи шахсро дар ҷомеа муайян мекунад. Нишондиҳандаи маъмултарини сифати зиндагӣ ва сатҳи рушди кишварҳои ҷаҳон, индекси рушди инсонӣ мебошад, ки аз се нишондиҳанда вобаста аст: давомнокии умр, сатҳи таҳсилот ва ММД ба сари аҳолӣ. Давлат барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум тадбирҳои гуногун андешида истодааст, ки ин дар шакли баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ натиҷаҳои муайян медиҳад [8,с.162-173].

**Ҷадвали 5. Вазъи иҷтимоӣ ва арзёбии сатҳи умумии бароҳати зиндагӣ**
**Table 5. Social status and evaluation of the general level of living comfort**

| Нишондиҳандаҳо | | Арзёбии сатҳи умумии бароҳати зиндагӣ: Хеле бароҳат | Бароҳаттар беҳ аз нороҳат | Миёна | Баръакс нороҳат беҳ аз бароҳат | Хеле нороҳат | Ҷавоб додан душвор аст | Ҷамъбасти |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вазъи иҷтимоӣ | коргар | 21,4% | 47,1% | 32,3% | 22,2% | 33,3% | 26,7% | 31,5% |
| | деҳқон | | | 3,1% | | | 6,7% | 2,5% |
| | коргари идора | 35,7% | 52,9% | 53,1% | 66,7% | 16,7% | 66,7% | 53,0% |
| | хизматчии ҳарбӣ | | | 3,1% | | 50,0% | | 3,5% |
| | тоҷирон / соҳибкорон | 42,9% | | 1,5% | | | | 4,0% |
| | хоҷагидор | | | 3,1% | | | | 2,0% |
| | дигарҳо | | | 3,8% | 11,1% | | | 3,5% |
| Ҷамъбастӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Дар ҷадвал арзёбии сатҳи умумии бароҳати зиндагӣ бо вазъи иҷтимоии аҳолӣ таҳлил карда шудааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки шумораи коргарон 31,5%, деҳқон 2,5%, коргари идора 53%, хизматчии ҳарбӣ 3,5%, тоҷирон-соҳибкорон 4%, хоҷагидор 2% ва дигар самтҳо 3,5%-ро ташкил намуданд. Албатта ин нишондиҳанда барои сатҳи зисти аҳолӣ самараи хуб меорад.

Ба вуҷуд овардани шароити мусоид ва бароҳати зиндагӣ барои инсоният ҳамеша вазифаи муҳимтарин боқӣ мемонад. Арзёбии бароҳатии зиндагии аҳолӣ дар сатҳи шаҳрӣ таваҷҷуҳи зиёди илмӣ дорад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Худойназаров Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Алимардонов Т.А. Факторы, влияющие на качество жизни населения и определение ее социально-экономических условий / Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2021. -№4. -С.47-53. (0,43 пл).
2. Алимардонов Т.А. Анализ средней месячной заработной платы / Т.А. Алимардонов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№5. -С.38-44.
3. АлимардоновТ.А Экономико-математическое моделирование качества жизни населения / Т.А. Алимардонов, Р.М. Бобоева // Материалы Международной научно-практической конференции на тему «Индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики». -Душанбе, 2020. -С.284-287.
4. Алимардонов Т.А. Экономико-математическое моделирование качества жизни населения Хатлонской области. Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей / Т.А. Алимардонов // Материалы республиканской научно-практической конференции. -Душанбе, 2019. -С.60-65. (0,31 пл.)
5. Алимардонов Т.А. Эконометрическое моделирование качества жизни населения в регионах РТ Т.А. Алимардонов // Материалы республиканской научно-практической конференции «Некоторые проблемы моделирования экономических и естественных наук». -Душанбе, 2018. –С.84-89. (0,37 п.л).
6. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Маҷмуаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -№4. -60 с.
7. Бобоева Р.М. Вопросы моделирования рынка труда РТ на региональном уровне (научная статья) / Р.М. Бобоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/5(172). -С.63-66. ISSN 2074-1847. (493 в перечне реценз. изд.).
8. Комилов С.Дж. Моделирование параметров качества жизни населения в территориальных образованиях / С.Дж. Комилов, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№2. -С.162-173.
9. Комилов С.Дж. Основы повышения качества жизни населения и формирование среднего класса / С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№1. -С.28-36. (0,56 пл.).
10. Одинаев М.А. Арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. –№6. -Қ. 2. – 0,4 ҷ.ч.
11. Раджабов, Р.К. Ҷанбаҳои минтақавии рушди соҳаи хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар иқтисоди давраи гузариш: монография / Р.К. Раджабов. -Душанбе, 2013. -С.36.
12. Таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, И.С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. –№2. – 0,5 ҷ.ч.
13. Ходиев Д.А. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно-ресурсного потенциала региона / Д.А. Ходиев, Х.А. Хофизов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№6. -С.30-36.
14. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№3. -Часть II. -С.108-119.


## ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ ВА БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲУ СИФАТИ ЗИСТИ АҲОЛӢ


Дар мақола доир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ таҳлилҳо гузаронида шудааст. Доир ба ин мавзуъ оид ба инкишофи бозори меҳнат, зиёд кардани самаранокии кор, таъмин намудани аҳолӣ, паст кардани шиддати иҷтимоӣ, таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, хизматрасониҳои маориф, тандурустӣ, фарҳангӣ, беҳтар намудани таъминоти манзили зисти аҳолӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонии коммуналӣ ва бо инфраструктура таъмин намудани аҳолӣ, татбиқи тадбирҳое, ки ба беҳтар намудани фароғати аҳолӣ, таъмини дастрасии баробар ба арзишҳои фарҳангӣ ва иттилоот нигаронида шудаанд, маълумотҳо оварда, таҳлил ва баррасӣ гардонида шудааст. Ғайр аз ин дар ҷадвал доир ба сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ, таҳлили самти таҳсилот бо вазъи иҷтимоӣ, таҳлили баҳодиҳии сифати хизматрасонии иҷтимоӣ, муқоисаи таҳсилот ва музди маоши

миёна, роҳҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи баланд бардоштани зиндагонии аҳолии субъектҳо, вазъи иҷтимоӣ ва арзёбии сатҳи умумии бароҳати зиндагӣ, пурсишномаҳо гузаронида шуда, дар барномаи SPSS Statistics 21, таҳлил ва натиҷагирӣ карда шудааст, ки барои баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолии кишвар самара меорад. Ҳангоми таҳлил намудан натиҷаҳои пурсишнома дар барнома дохил ва натиҷагирӣ карда шудааст, ки тақозои замон мебошад. Сифати зиндагии аҳолӣ хусусияти мураккаби сатҳ ва шароити зиндагии одамон буда, имкониятҳо ва дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи моддӣ, маънавӣ иҷтимоии онҳо ва дарки субъективии ҳаёт ва ҷанбаҳои алоҳидаи онро инъикос мекунад. Яке аз нишондиҳандаҳои сатҳу сифати зисти аҳолӣ ин ИРИ мебошад, ки доир ба он дар мақола маълумотҳо оварда шудааст. Сифати зисти аҳолӣ категорияи муҳимтарини иҷтимоӣ мебошад, ки сохтори ниёзҳои инсон ва имконияти қонеъ гардонидани онҳоро тавсиф мекунад.

**Калидвожаҳо:** баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ, таъмини ягонагии даромади аҳолӣ, инкишофи бозори меҳнат, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, суроғаҳои иҷтимоӣ, муассисаҳои молиявӣ, нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, музди маоши миёна, потенсиали рушди инсонӣ, тандурустӣ, маориф.

## СОЦИАЛЬНОЕ ОБСЛУЖИВАНИЕ И ПОВЫШЕНИЕ УРОВНЯ И КАЧЕСТВА ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ

В статье анализируются социальные услуги и повышение уровня и качества жизни населения. С этой темой связано развитие рынка труда, повышение эффективности труда, обеспечение населения, снижение социальной напряженности, обеспечение равного доступа к социальным услугам, включая образование, здравоохранение, услуги культуры, улучшение жилищного обеспечения населения. , повышение качества коммунальных услуг и обеспечение населения инфраструктурой, реализация мер, направленных на улучшение массовых развлечений, обеспечение равного доступа к культурным ценностям и информации, данные были проанализированы и обсуждены. Кроме того, в таблице дан анализ качества жилищно-коммунального хозяйства, анализ направления образования с социальным статусом, анализ оценки качества социального обслуживания, сравнение образования и средней заработной платы, основные направления деятельности органов государственной власти для повышения уровня жизни населения социального положения и оценки общего уровня комфортности проживания, проведено анкетирование в программе SPSS Statistics 21, проанализированы и сделаны выводы, что принесет результаты по повышению уровня и качества жизни населения страны. При анализе результатов опроса программа включала и обобщала результаты. Качество жизни населения является комплексной характеристикой уровня и условий жизни людей и отражает возможности и степень удовлетворения их материальных, духовных и социальных потребностей, а также субъективное восприятие жизни и ее отдельных сторон. Одним из показателей уровня и качества жизни населения является ИЧР, информация о котором представлена в статье. Качество жизни населения является важнейшей социальной категорией, характеризующей структуру потребностей человека и возможность их удовлетворения.

**Ключевые слова:** повышение уровня и качества жизни населения, обеспечение единства доходов населения, развитие рынка труда, социальные услуги, социальная защита населения, социальные адреса, финансовые институты, социально-экономические показатели, норматив, уровень жизни населения, средняя заработная плата, потенциал человеческого развития, здравоохранение, образование.

## SOCIAL SERVICES AND INCREASING THE LEVEL AND QUALITY OF LIFE OF THE POPULATION

The article analyzes social services and improving the level and quality of life of the population. This topic is related to the development of the labor market, increasing labor efficiency, providing for the population, reducing social tension, ensuring equal access to social services, including education, health care, cultural services, and improving housing for the population. , improving the quality of public services and providing the population with infrastructure, implementing measures aimed at improving mass entertainment, ensuring equal access to cultural values and information, the data were analyzed and discussed. In addition, in the table of the quality of housing and communal services, an analysis of the direction of education with a social status, an analysis of the assessment of the quality of social services, a comparison of education and average wages, the main activities of public authorities in improving the standard of living of the population of subjects, social status and assessing the overall level of comfort residence, surveys were conducted in the SPSS Statistics 21 program, analyzed and conclusions were drawn, which will bring results in improving the level and quality of life of the country's population. When analyzing the results of the survey, the program included and summarized the results, which is the need of the hour. The quality of life of the population is a complex characteristic of the level and conditions of people's lives and reflects the possibilities and degree of satisfaction of their material, spiritual and social needs, as well as the subjective perception of life and its individual aspects. One of the indicators of the level and quality of life of the population is the HDI, information about which is presented in the article. The quality of life of the population is the most important social category that characterizes the structure of human needs and the possibility of satisfying them.

**Keywords:** increasing the level and quality of life of the population, ensuring the unity of incomes of the population, development of the labor market, social services, social protection of the population, social addresses, financial institutions, socio-economic indicators, standard, standard of living of the population, average salary, human development potential, healthcare, education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**

**Сведения об авторе:** ***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономический наук, старший преподаватель кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**

**Information about the author:** ***Alimardonov Tokhirjon Ashuralievich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Cybernetics and Digital Economics**. Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Phone: **207-56-56-44**

ТДУ: 657.47

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТ

*Шоймардонов Ҳ.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз оғози солҳои 1980 дар арсаи соҳибкорӣ мушкилоти нав пайдо шуданд, ки бо вусъати муносибатҳои рақобат дар тамоми ҷаҳон алоқаманд буданд. Сабаби асосии мушкилоти мазкур, дигаршавии асосҳои ғоявии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва амсилаи он мебошад, ки ҳам ба истеҳсолкунандагон ва ҳам ба мизоҷон нигаронида шудааст. Технологияҳои пешрафта, ки дар истеҳсолот ҷойи технологияҳои анъанавиро гирифтанд, корхонаҳоро водор карданд, ки тарзи пешбурди фаъолияти соҳибкории худро бозбинӣ карда, онро ба шароити нав мутобиқ созанд.

Амалисозии вазифаҳои идоракунӣ калиди фаъолияти бобарори корхона барои ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда мебошад ва ҳамчун унсури асосии низоми идоракунӣ дар ноилгардии ҳадафҳои корхона саҳми назаррасро баҳисобгирии муҳосибӣ дорад. Баҳисобгирии муҳосибӣ барои дарк кардани вазъи молиявии корхона ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти он дар давраи муайяни ҳисоботӣ воситаи муҳимтарин ва ивазнопазир аст, зеро он ба менеҷменти корхона иттилооти саҳеҳ ва воқеиро оид ба тамоми амалиёти хоҷагидории он пешкаш мекунад. Ин иттилоотро менеҷмент барои асоснок ва қабул кардани қарорҳои идоракунӣ истифода мебарад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар раванди таҳаввул ва пойдоршавии худ марҳилаҳои зиёдро аз сар гузаронида, то имрӯз ба як низоми нисбатан комили таъминоти иттилоотии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мубаддал гардидааст. Дар ин раванд аз низоми умумии баҳисобгирии муҳосибӣ намудҳои баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз ҷудо шуда, ҳар кадоме вазифаҳои ба худ хосро иҷро мекунанд ва ҳамзамон, ҳамчун як низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои муосир амал мекунанд.

Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун як намуди баҳисобгирии муҳосибӣ нисбат ба дигар намудҳои он нав буда, ба дигаршавии шароити хоҷагидорӣ ва технологияҳои истеҳсолии дар корхона истифодашаванда ҳассостар аст. Гарчанде ин намуди баҳисобгирӣ ҳоло дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми сазовори худро пайдо накардааст, вале он дар мамлакатҳои хориҷӣ аллакай аз аввалҳои нимаи дуюми асри XX ташаккул ёфта, имрӯз ҳамчун илм ва соҳаи фаъолияти амалӣ пойдор шудааст.

Ба ҳар ҳол, имрӯз баъзе корхонаҳо дар мамлакат, асосан корхонаҳои бузурги корпоративӣ (ҷамъиятҳои саҳомӣ) дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ бартариҳои баҳисобгирии идоракуниро дарк карда, ба татбиқи он шуруъ кардаанд. Вале дар аксари корхонаҳои миёна ва начандон калон ба баҳисобгирии идоракунӣ умуман аҳаммият намедиҳанд. Албатта, сабаби ин, пеш аз ҳама, надоштани таҷриба, набудани коркардҳои назариявию методологӣ ва таҳия нашудани ҷиҳатҳои амалии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқотчиён барои сабабҳои ин вазъро пайдо кардан, дар баробари таҳқиқи вазъи имрӯзаи корбурди усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ, инчунин, ба маводи таърихӣ оид ба таҳаввул ва марҳилаҳои рушди он таваҷҷуҳ мекунанд. Аксари корҳои нашршудаи таҳқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ тасаввуроти ғоявиро дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун як соҳаи илми иқтисодӣ ва намуди фаъолити амалӣ оид ба идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ифода мекунанд.

Дар методологияи тафаккури илмӣ равиши таърихӣ мақоми назаррас дорад, бинобар ин, ба хотири ошкор кардани заминаҳои таърихии пайдошавии истилоҳи «баҳисобгирии идоракунӣ» ва ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун илм ва намуди фаъолияти амалӣ зарур аст, ки таърихи пайдошавӣ ва таҳаввули онро бо таҳқиқи марҳилаҳои таърихии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ анҷом диҳем.

Дар интишороти илмии муҳаққиқони ватанӣ Н.А. Абдулмуминзода [1], И.А. Бобиев [3], М.У. Бобоев [4], М.В. Калемуллоев [6], Б.Ҳ. Каримов [7], С.Ф. Низомов [8], Д.А. Розиев [10], Қ.Х. Хушвахтзода [13] ва дигарон, паҳлуҳои гуногуни ташаккул ва рушди

баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо ва масъалаҳои таҳқиқи илмии он баррасӣ шудаанд.

Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки заминаҳои пайдошавии баҳисобгирии идоракунӣ ҳанӯз дар дунёи қадим ҳангоми тавлиди баҳисобгирии истеҳсолӣ, ки пешгузаштаи баҳисобгирии идоракунӣ буд, мушоҳида мешуданд. Дар ин марҳилаи таърихӣ намуди хосси муносибатҳои ҷамъиятии давлатӣ мутамарказ бо расмиятпарастии идоракунӣ ва мавҷудияти моликияти умумидавлатӣ буд. Он замон дар Миср, Бобулиён, Ҳиндустон ва Чин амалисозии лоиҳаҳои бузурги сохтмон ва истеҳсолоти ҷамъиятӣ «на танҳо ба пайдошавии асосҳои баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти баҳисобгирӣ боиси мавҷудияти раванди истеҳсолот, балки ба истифодаи шаклҳои муайяни ташкил, бамеъёрдарории захираҳо ва рушди вазифаҳои идоракунӣ такон бахшид» [2,с.3].

Олими ватанӣ М. Шобеков, ки бештар ба таърихи баҳисобгирии муҳосибӣ таваҷҷуҳ дошт, қайд кардааст, ки «Ба Ғарб паҳн шудани фарҳангу тамаддуни Шарқ як ҳақиқатест, ки ҳоло онро тамоми пажуҳишгарони таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ эътироф кардаанд. Ҳафриётҳои археологӣ, ки дар ин минтақа анҷом дода шудаанд, асолати ин нуқтаи назарро тасдиқ мекунанд. ... Дар қасри Тупроқ-Қалъа (Хоразм) 100 ҳуҷҷат дар чарм ва 18 ҳуҷҷат дар чӯб дарёфт шудааст. Чунон ки маълум шуд, мухтавои ин ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ зуҳурот ва амалиёти хоҷагидории анҷомёфтаи алоҳидаро инъикос мекард. Тахмин меравад, ки баҳисобгирии бонизом ташаккулёфта вуҷуд надошт, аммо ба андешаи мо, унсурҳои ҷудогонаи баҳисобгирии даромад ва хароҷот (барӯйхатгирӣ, ҳуҷҷатнигорӣ) мавҷуд буданд» [15,с.186].

Агар ба интишороти солҳои охир дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ назар афканем, мебинем, ки масъалаҳои ташаккул ва татбиқи низомҳои нави ғайрианъанавии ба даст овардани иттилоот оид ба хароҷот, корбурди равишҳо ва усулҳои нави ҳисобкунии арзиши аслӣ, муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ ва дар ин асос таҳиясозӣ, қабул ва асосноккунии қарорҳои идоракунӣ мубрамии хосса пайдо кардаанд ва таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва ҳам мутахассисони соҳа ба таҳқиқи онҳо бештар шудааст. Масъалаҳои марбут ба падидаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот, самти бештар бо мушкилот алоқаманди баҳисобгирии муҳосибии муосир буда, муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷии соҳаи назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибиро ба ташвиш овардааст.

Албатта, дар шароити муосири рушди иқтисодӣ, ки хусусиятҳои асосии он рақобат, ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, инноватсия ва рақамикунонӣ мебошанд, нақши иттилоот дар бораи хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ба роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳо барои қабули қарорҳои саривақтӣ ва муассир бузург аст. Онҳо бояд идоракунии фаъолияти хоҷагидориро тавре роҳандозӣ намоянд, ки кори корхона ҳамеша чандир ва ба ҳама гуна шароит мутобиқшаванда бошад, то тавонад, ки дар вокуниш ба зуд дигаршавии шароити хоҷагидорӣ дарҳол ҳам сохтори ташкилии худ, ҳам таркиб ва намудҳои маҳсулоти истеҳсолшавандаро бозбинӣ ва таҷдид кунад. Ноил шудани низоми идоракунии корхона ба иҷрои ин вазифа, қабули қарорҳои идоракунии фаврӣ ва каммасрафро талаб мекунад, ки барои ин иттилооти дахлдор зарур аст ва таъминкунандаи ин гуна иттилоот низоми баҳисобгирии идоракунӣ мебошад.

Тавре омӯзиши асарҳои илмию таърихии соҳа гувоҳӣ медиҳад, аввалин падидаҳои илмӣ дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ бо ташаккул ва рушди ҳамаҷонибаи истеҳсолоти саноатӣ (нимаи дуюми асри XIX) алоқаманд мебошанд. Истеҳсоли саноатии маҳсулоти нисбатан якхела дар фабрикаҳо, истифодаи таҷҳизоти механикӣ, пеш аз ҳама, доираи корбурди меҳнати дастиро дар истеҳсолот танг карда, имкон дод, ки аз ин ҳисоб арзиши аслии маҳсулот хеле кам карда шавад. Рушди технологияҳои истеҳсолӣ ба мураккаб шудани раванди баҳисобгирии муҳосибӣ овард. Акнун, низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ эҳтиёҷи низоми идоракунии корхонаҳо ва соҳибмулкони онҳоро бо иттилоот дар бораи истеҳсолот, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода мешуд, қонеъ карда наметавонист.

Зикри аввалин дар бораи зарурати ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ, ҳамчун таъминкунандаи иттилоот оид ба хароҷоти истеҳсолот барои идоракунӣ дар аввали асри

XX дар китобҳои Ҳ. Эмерсон (Emerson Harrington) «Самаранокӣ ҳамчун асоси фаъолият ва музди меҳнат» (Efficiency as a Basis for Operation and Wages, 1909) ва «Дувоздаҳ принсипи самаранокӣ» (The Twelve Principles of Efficiency, 1912) оварда шудааст. Муаллиф дар китобҳои худ оид ба зарурати корбурди равиши ҳамаҷониба ба таҳқиқи мушкилоти амалии ташкили идоракунии истеҳсолот ва умуман ҳама гуна фаъолият масъалагузорӣ намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод ва асоснок кардааст. Аз ҷумла, принсипи шашуми самаранокӣ, ки Ҳ. Эмерсон овардааст, - баҳисобгирии зуд, боэътимод, комил, дақиқ ва доимӣ, яке аз принсипҳои содатарин буда, бо нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми идоракунии истеҳсолот алоқаманд аст: «... Ҳарчанд муҳосибот муфассал ва дақиқ набошад, он худ ба худ самаранокиро ҳосил карда наметавонад. Ғояҳои он – дебетонӣ, кредитонӣ ва бақиябарорӣ, инчунин мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда барои ҳар як навишти муҳосибӣ мебошанд. Ягон хел меъёр, ғайр аз меъёрҳои аллакай дар гузашта ба дастомадаро муҳосибот пешкаш карда наметавонад. Ягона бесамарие, ки онро муҳосибот ошкор мекунад, ин ба даст наовардани натиҷаҳое мебошад, ки аллакай дар гузашта ба даст оварда шудаанд. Муҳосибот қодир нест, ки меъёрҳои муносиби самаранокиро бунёд кунад ё иҷрои онҳоро таъмин кунад. Аммо ягон корхонаи муосир бидуни ин ё он намуди муҳосибот кор намекунад ва кор карда ҳам наметавонад» [16,с.58]. Ба ақидаи Ҳ. Эмерсон, дар асоси маълумоти баҳисобгирӣ, ки аз гузашта иттилоот медиҳад, таҳлили он метавон дурнамои даромаднокии фаъолияти корхонаро пешбинӣ кунад.

Дар солҳои 1950 маълум гардид, ки баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташаккул ва амалисозии сиёсати идоракунии корхонаҳо иштироки фаъол дорад, акнун муҳосибон ба вазифаҳои асосии идоракунӣ – таҳлил,ояндабинӣ, банақшагирӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, назорати раванди таъмини иттилоот ба хадамоти идоракунӣ таваҷҷуҳ мекунанд. Ба вазифаҳои маъмулии баҳисобгирии муҳосибӣ, вазифаҳои нави таҳлил ва идоракунии равандҳои истеҳсолот ва қабули қарорҳои идоракунӣ илова гардиданд. Вобаста ба ин, ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод кардани иттилооти таҳлилии муфассал оид ба натиҷаҳои истеҳсолот ба истифодабарандагони дохилӣ – менеҷменти корхона буд. Дар ин маврид, иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар ҳисобҳои муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ инъикос меёфт, метавонист аз ҷониби сармоягузорони воқеӣ ва имконпазир аз нигоҳи арзёбии арзиши дороиҳои аллакай дар корхона мавҷудбуда ва сармоягузориҳои оянда барои рушди фаъолияти он талаб карда шавад. Ҳамзамон, ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ худи корхонаҳо низ, ки барои ҷалби сармоягузориҳо манфиатдор буданд, мусоидат мекарданд.

Ҳамаи ин ба пайдошавии рақобат, бозорҳои сармоя, молҳо ва меҳнат, инчунин, нархгузории озод мусоидат кард. Корхонаҳои нав бо иқтидори истеҳсолии якбора афзудаи худ ниёз ба донишҳо дар бораи идоракунӣ, моҳият ва механизмҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои истеҳсолот пайдо карданд. Дар ин гуна шароит аҳаммияти ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ҳамчун воситаи баҳодиҳии даромаднокии молҳо ва сатҳи даромаднокии нархҳои бозорӣ афзуд, «...Акнун дар мадди аввал на амалиёти бақайдгирӣ ва инъикоси дурусти иттилоот оид ба хароҷоти истеҳсолӣ ва даромадҳои гирифташуда умуман дар корхона, балки хосиятҳои таҳлилии ин нишондиҳандаҳо вобаста ба намудҳои молҳои истеҳсолшаванда меистоданд» [2,с.3].

Сабаби таваҷҷуҳ ба вазифаи таҳлилии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо, зарурати арзёбии натиҷаҳои фаъолият ва самаранокии сармоягузорӣ ба воҳидҳои истеҳсолии алоҳидаи онҳо мебошад. Масалан, натиҷаи ин гуна таваҷҷуҳ дар амалияи байналмилалӣ паҳн шудани қоидаи бамеъёрдарории ҳадафмандона барои амалиёти истеҳсолии якхела гардид. Бо шуруъ аз солҳои 1920 қоидаҳои низоми америкоии «стандарт-костинг» дар идоракунии истеҳсолот ҷорӣ карда шуданд, ки минбаъд дар амалияи шуравии идоракунии хароҷоти истеҳсолӣ дар намуди усули меъёрии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот маъмул гардид. Дар оғози нимаи дуюми солҳои 1940 дар мамлакатҳои хориҷӣ усули «директ-костинг», ки муҳосибони касбии ИМА пешниҳод карда буданд, маъмул гардид ва аз соли 1953 ҳамчун усулиояндадори баҳисобгирии идоракунӣ эътироф шуд. Усули «директ-костинг» бо оғози муносибатҳои бозорӣ дар солҳои 1990 дар доираи муҳосибон ва муҳаққиқони мамлакатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ маъмул гардид.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи илмии дерина ба баҳисобгирии идоракунӣ, ҳатто дар амалияи хориҷӣ дастовардҳои илмии он дар баҳисобгирии муҳосибии бонизом пурра амалӣ намешуданд, ки ин якчанд сабабҳо дошт. Якум, сармоягузорон бештар ба натиҷаҳои умумии корхонаҳо ва муҳтавои ҳисоботи молиявии онҳо таваҷҷуҳ доштанд, ки ин ба онҳо барои арзёбии пардохттавонӣ ва устувории молиявии корхонаҳо – объектҳои сармоягузории онҳо басанда буд ва муфассалгардонии нишондиҳадаҳои баҳисобгириро дар доираи объектҳои алоҳидаи идоракунӣ талаб намекард. Дуюм, технологияҳои идоракунӣ ҳанӯз то он дараҷае комил набуданд ва ба қадри басанда рушд наёфта буданд, ки имкон диҳанд, то ҳамзамон идоракунӣ дар якчанд зинаҳои баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба ҷо оварда шавад. Сониян, ҳанӯз қоидаҳои таҳлили амалиётии арзиши тахфифшуда (дисконтшуда) ва нишондиҳандаҳои маржиналӣ маъмул набуданд, ки ин вусъати талабот ба натиҷаҳои таҳлилии фаъолияти баҳисобгирии идоракуниро боз медошт.

Аммо дар миёнаҳои нимаи дуюми асри XX, рушди истеҳсолоти саноатӣ донишҳои навро дар соҳаи иқтисодиёт, риёзиёт ва таҳлил талаб мекард, ки ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ низ таъсир нарасонда наметавонист. Пурзӯр шудани рақобат бо афзоиши талабот ба муносибгардонии хароҷот ҳамрадиф буд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани хоҳиши менеҷменти корхонаҳо барои ба инобат гирифтан ва назорат кардани хароҷот дар маконҳои пайдошавии онҳо мегардид. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ ба масъалаҳои омодасозии муҳосибони касбии донандаи хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд.

Пайдошавии баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун фанни таълимии алоҳида бо Иттиҳодияи америкоии муҳосибон (American Accounting Association) рабт дорад. Аввалин бор дар соли 1972 иттиҳодияи мазкур омодакунии мутахассисони самти баҳисобгирии идоракуниро бо ба онҳо додани дараҷаи касбии муҳосиб-таҳлилгар анҷом дод. Бо ҳамин дар доираи олимон ва мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, расман ҷудошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ба намудҳои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ эътироф гардид.

Муҳиммии баҳисобгирии идоракуниро дар низоми идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ таваҷҷуҳи ҷиддии ташкилотҳои касбии байналмилалии муҳосибӣ низ тасдиқ мекунад. Масъалаҳои пешбурд, ҳамоҳангсозии методологӣ ва ҳамсонкунии баҳисобгирии идоракунӣ дар сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби Кумитаи баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ (Financial and Management Accounting Committe), ки дар ҳайъати Федератсияи байналмилалии муҳосибон (International Federation of Accountants, IFAC) фаъолият мекунад, баррасӣ мешаванд. Илова бар ин, кумитаи мазкур стандартҳои баҳисобгирии идоракуниро таҳия мекунад, ки дар истифодабарӣ барои корхонаҳо хосияти тавсиявӣ доранд.

Дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон дар ҳайъати он буд, дар саргаҳи таҳқиқи мушкилот ва амалисозии баҳисобгирии идоракунӣ олими украинӣ, академик Н.Г. Чумаченко меистод. Ӯ соли 1971 дар натиҷаи омӯзиши вазъи баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунии истеҳсолоти саноатӣ дар ИМА-ро дар китоби худ «Баҳисобгирӣ ва таҳлил дар истеҳсолоти саноатии ИМА» барои олимон ва мутахассисони соҳаи муҳосибии Иттиҳоди Шуравӣ мафҳуми «баҳисобгирии идоракунӣ»-ро ворид кардааст [14]. Аз ҷумла Н.Г. Чумаченко қайд мекунад, ки дар баҳисобгирии идоракунӣ такя намудан ба тартибдиҳии харҷномаҳои пешакӣ, саривақт ошкор кардани тамоилот аз хароҷоти нақшавӣ (аз рӯйи харҷнома), таҳлили мунтазами хароҷоти истеҳсолот ва тариқаҳои қарорҳои идоракунӣ дар асоси арзёбии арзиши аслии онҳо муҳим аст.

Н.Г. Чумаченко вобаста ба фаъолияти илмии худ якчанд маротиба ба муассисаҳои таҳсилоти олии ИМА дар иёлоти Иллиной, Колумбия, Вирҷинияи Ғарбӣ, Вайоминг ва Массачусет сафар карда, ба таҷрибаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ шинос мешавад. Ӯ ба самаранокии истифодаи усулҳо ва қоидаҳои муайяни баҳисобгирии истеҳсолӣ, чун низомҳои «стандарт-костинг», «директ-костинг», тақсими бонизоми хароҷот ба намудҳои доимӣ ва тағйирёбанда, корбурди харҷномаҳои чандир, баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият, муайянкунии нуқтаи муҳимми безарарӣ ишорат кардааст.

С.С. Сатубалдин - пайрави Н.Г. Чумаченко соли 1980 дар китоби худ «Баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот дар саноати ИМА» амалияи баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолиро дар

асоси корбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ИМА зикр кардааст [11]. Ӯ баҳисобгирии идоракуниро бо таснифи хароҷот, бақайдгирӣ дар ҳисобҳои муҳосибӣ ва ғункунии арзиши аслӣ аз рӯйи намудҳои маҳсулот ва хароҷот, аз рӯйи марказҳои масъулият ё марказҳои фоида, тартиб додани харҷномаҳо ва ҳисобот оид ба хароҷот ва таҳлили онҳо, омодасозӣ ва пешниҳодкунии иттилоот ба роҳбарият барои интихоби қарорҳои идоракунии беҳтарин алоқаманд кардааст.

Омӯзиши асарҳои илмии появӣ, ки дар онҳо масъалаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ (Management Accounting) ва баҳисобгирии истеҳсолӣ ё ба қавли дигар баҳисобгирии хароҷот (Cost Accounting) баррасӣ мешаванд, нишон медиҳад, ки баъзе муаллифон раванди омодасозӣ ва пешниҳоди иттилоотро барои қабули қарорҳои идоракунӣ ҳамчун баҳисобгирии истеҳсолӣ (баҳисобгирии хароҷот) қабул мекунанд, муаллифони дигар онро баҳисобгирии идоракунӣ ном мебаранд. Аксар вақт ин ду истилоҳ – баҳисобгирии хароҷот ва баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун ҳаммаъно ба кор бурда мешаванд. Ҳамин тариқ, ба ақидаи К. Друри баҳисобгирии истеҳсолӣ бо ҳисобкунии арзиши аслӣ ва баҳисобгирии хароҷот, ки барои баҳодиҳии арзиши аслии захираҳои молию моддӣ ба ҷо оварда мешаванд, алоқаманд буда, «бо риояи талаботи ҳисобот барои истифодабарандагони берунӣ ва ченкунии фоида барои истифодабарандагони дохилӣ бурда мешавад; баҳисобгирии идоракунӣ барои пешниҳод кардани иттилооти дахлдори ба менеҷерҳо зарурӣ, барои қабули қарорҳо, банақшагирӣ, пешбурди назорат ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона таъин гардидааст» [5,с.18].

Солҳои 1960-1980 дар мамлакатҳои хориҷӣ шумораи зиёди усулҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот маъмул гардиданд, ки бештар ба баҳисобгирии идоракунии стратегии хароҷот нигаронида шуда буданд. Заминаи асосӣ барои пайдошавии онҳо интиқоди амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таълими он буд, ки ба дигаргуниҳои куллии дар муҳити соҳибкорӣ баамаломада мувофиқ набуд. Ташкилотҳои касбии муҳосибӣ, шояд аз хавфи он ки вазифаҳои муҳосибони дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ коркунанда ҳамчун унсури зиёдатӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ ҳисобида мешаванд, баъдан барои таҳияи усулҳои инноватсионии идоракунӣ корҳои зиёдеро ба субот мерасонанд. Тавре муҳаққиқ Е.А. Супрунова қайд мекунад, «воқеият чунин аст, ки аз баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии хароҷот ба идоракунии хароҷот, аз баҳисобгирии идоракунии хароҷот ба баҳисобгирии идоракунии стратегӣ гузаштан лозим аст» [12,с.134]. Ин ақидаро аввалин маротиба муҳаққиқони америкоӣ Ҳ.Т. Ҷонсон ва Р.С. Каплан дар мақолаи «Мубрамии гумшуда: бархостан ва афтидани баҳисобгирии идоракунӣ» [17] баён кардаанд. Муаллифон дар мақолаи мазкур принсипҳои дар он замон мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибиро танқид карда, ба зарурати бозбинӣ кардани онҳо исрор мекунанд. Онҳо қайд мекунанд, ки бештари усулҳои дар баҳисобгирии идоракунии солҳои 1980 истифодашаванда ҳанӯз то соли 1925 таҳия шуда буданд. Мувофиқи изҳороти Ҳ.Т. Ҷонсон ва Р.С. Каплан аз он замон то имрӯз суръати афзоиши навовариҳо дар баҳисобгирии идоракунӣ ботадриҷ паст шудаанд ва ин рукудро асосан бо талабот ба иттилоот оид ба арзиши аслии маҳсулот, ки барои тартибдиҳии ҳисоботи молиявии ба истифодабарандагони берунӣ пешниҳодшаванда зарур аст, метавон шарҳ дод.

Ҷудошавии соҳибмулкон ва идоракунандагони корхонаҳо соҳибони тиҷоратро маҷбур кард, ки ба назорат ва пайгирии самаранокии истифодабарии сармоягузориҳои худ диққати ҷиддӣ диҳанд. Ин зарурат ба рушди баҳисобгирии молиявӣ боис шуд, ки он барои сармоягузорон ва қарздиҳандагон ҳисоботи молиявӣ омода намуда, дар он вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаро ҷамъбаст ва пешниҳод мекунад. Талаботи меъёрию қонунгузории давлатҳо корхонаҳоро водор мекунад, ки ҳисоботи молиявии худро бо замимаи ҳисобот оид ба санҷиши аудитории он нашр кунанд. Ғайр аз ин, талаб карда мешавад, ки ҳисоботҳои нашршуда ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ҷавобгӯ бошанд. Аз ҷумла, дар мамлакати мо мувофиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» аз 14 ноябри соли 2002 таҳти №428 ва «Оиди чораҳои иловагии татбиққунии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 октябри соли 2006 таҳти №465 қабул гардиданд, ки дар асоси онҳо ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба гузариш ба СБҲМ роҳандозӣ шудааст. Қарорҳои мазкур аз субъектҳои дорои манфиати

умум талаб мекунанд, ки ҳисоботи молиявии нашршавандаи худро дар асоси қоидаҳои СБҲМ омода ва ба истифодабарандагон пешниҳод кунанд. Бо гузаронидани чорабиниҳо дар доираи амалисозии ислоҳот дастовардҳои муайяне дар омодакунии кормандон барои пешбурди ислоҳот ба даст омаданд, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, дастурамалҳо ва нишондодҳои методӣ оид ба корбурди СБҲМ нашр шуданд, барномаи сертификатсиякунонии муҳосибон мутобиқ бо талаботи байналмилалӣ таҳия гардид, барномаҳои таълимии омодакунии мутахассисони соҳаи муҳосибӣ дар муассисаҳои таълимӣ такмил дода шуданд.

Қоидаҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ талаб меунанд, ки ҳама хароҷоти корхона барои истеҳсоли маҳсулот бояд дар байни маҳсулоти фурӯхташуда ва захираҳои молию моддӣ тақсим карда шаванд. Баҳисобгирии хароҷот дар доираи баҳисобгирии молиявӣ имкон медиҳад, ки ин талабот қонеъ карда шавад, зеро дар он амалҳое пешбинӣ шудаанд, ки бо иҷрои онҳо хароҷот дар байни маҳсулот воқеъбинона тақсим карда мешаванд ва ин ба ҳадафҳои худи баҳисобгирии молиявӣ мувофиқат мекунад. Вале аниқии хароҷоти бо ин роҳ ҳисобкардашуда барои ҳадафҳои қабули қарорҳои идоракунӣ басанда нест, чунки он имкон намедиҳад, ки маҳсулот ва хизматрасониҳои барои корхона фоидаовар ва фоиданаоваранда дуруст муайян шуда наметавонанд. Вобаста ба ин, Ҳ.Т. Ҷонсон ва Р.С. Каплан изҳор мекунанд, ки арзиши аслии маҳсулот (хизматрасонӣ) ва молҳо, ки барои ҳадафҳои баҳисобгирии молиявӣ муайян мешавад, ҳамчунин, барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ низ истифода мешавад. Аз ин нукта онҳо хулоса мебароранд, ки кормандони низоми идоракунии корхонаҳо – менеҷерҳо дар таҳияи низоми баҳисобгирии идоракунӣ саҳми сазовори худро нагузоштаанд. Ба ин кор асосан мутахассисони хадамоти молиявӣ ва аудиторҳо машғул мебошанд. Низомҳои алоҳида метавонистанд ҳамзамон барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам барои ҳадафҳои баҳисобгирии молиявӣ истифода шаванд, зеро хароҷоти зиёд барои ҷамъоварии иттилоот маънои онро дорад, ки арзиши истифодаи ҳар ду низом (баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ) аз нафъҳои иловагии дар ин маврид гирифташаванда зиёдтар буд. Бинобар ин, корхонаҳо асосан ҳамон як иттилоотеро истифода мебуранд, ки ҳам барои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ барои истифодабарандагони берунӣ ва ҳам барои идоракунии дохилӣ ба кор бурда мешавад. Ҳамин тариқ, хулосаи умумии Ҳ.Т. Ҷонсон ва Р.С. Каплан дар он ифода меёбад, ки мавҷуд набудани навовариҳо дар баҳисобгирии идоракунӣ дар давоми даҳсолаҳо ва қодир набудани баҳисобгирии муҳосибӣ барои вокуниш нишон додан ба дигаргуниҳои муҳити атроф ба вазъи мураккабе оварданд, ки дар миёнаи солҳои 1980 мушоҳида мешуд: корхонаҳо низомҳои кӯҳнашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи идоракуниро истифода мебурданд, ки ба воқеияти рақобат ва муносибатҳои истеҳсолии дигаршуда мувофиқ набуданд.

Вале ҷонибдорони рушди баҳисобгирии идоракунӣ, ки аксаран аз доираҳои илмии он замон буданд, вазъи баамаломадаро таҳлил карда, ба хулоса омаданд, ки далелҳои пешниҳоднамудаи Ҳ.Т. Ҷонсон ва Р.С. Каплан ва дигар мунаққидони баҳисобгирии идоракунӣ барои маҳв шудани аҳаммияти он ва аз барномаҳои омодасозии муҳосибон ихтисор кардани фанни баҳисобгирии идоракунӣ басанда ва асоснок нестанд. Илова бар ин, бартариҳои усулҳои нави баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам усулҳои анъанавии он акнун зоҳир мешуданд.

Аз миёнаи солҳои 1980 шурӯъ карда, олимон ва мутахассисони соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ ба он кӯшиш мекарданд, ки қоидаҳои қаблии баҳисобгирии идоракуниро таҷдид намуда, ҳамчунин, қоидаву усулҳои наверо таҳия кунанд, ки ба талаботи муосири низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ҷавобгӯ бошанд. Ҳадафи онҳо барқарор намудани аҳаммияти баҳисобгирии идоракунӣ буд.

Акнун Р.С. Каплан дар мақолаи худ «Баҳисобгирии идоракунӣ (1984-1994): рушди амалия ва назарияи нав» [18,с.247], ки соли 1994 нашр шудааст, қайд мекунад, ки дар давоми солҳои 1984-1994 дар амалия ва назарияи баҳисобгирии идоракунӣ инқилоб рух дод ва решаҳои онро дар мақолаҳои аз аввал то миёнаи солҳои 1980 нашршуда, ки дар онҳо оид ба камбудиҳо ва кӯҳнашавии низомҳои дар он замон истифодашавандаи баҳисобгирии хароҷот сухан мерафт, метавон дарёфт кард. Муҳаққиқ тасдиқ мекунад, ки дар давоми ин даҳ сол, дар баҳисобгирии идоракунӣ навовариҳои бузург мушоҳида

мешаванд, боз ҳам ҷолибтар суръати тези паҳншавии ғояҳои нави баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ҳамчунин, онҳо ба муҳтавои барномаҳои таҳсилотии омодасозии муҳосибони касбӣ ворид мешаванд.

Ҳамин тариқ, аз охири солҳои 1980 технологияҳо ва усулҳои нави баҳисобгирии идоракунии хароҷот, аз қабили: низоми умумии идоракунии хароҷот - Total Cost Management (TCM), баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи намудҳои фаъолият - Activity Based Costing (ABC), низоми нишондиҳандаҳои мутавозин - The Balanced Scorecard (BSC) ва муҳим аз ҳама – баҳисобгирии идоракунии стратегӣ (strategic management accounting) босуръат рушд мекунанд. Албатта, рушди технологияҳои мазкур, пеш аз ҳама, бо дигаршавии муҳити соҳибкорӣ, ки субъектҳои хоҷагидорӣ дар он фаъолият мекунанд, алоқаманд аст, зеро дар натиҷаи ин ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳо дигар шуда, таваҷҷуҳи роҳбарият ва менеҷменти онҳо ба ҳадафҳои стратегии дарозмуддат бештар мешавад. Акнун бо истифода аз технологияҳои нави худ, «баҳисобгирии идоракунӣ ба қабули қарорҳои идоракунӣ ба хотири бунёди занҷираи арзишҳо тавассути истифодаи босамари захираҳо, такмили усулҳои арзёбӣ ва банақшагирии нишондиҳандаҳои арзиш, сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ва сармоякунонии донишҳо равона гардида буд» [9,с.110].

Муҳтавои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ омодасозии иттилоот ҳам барои таҳияи стратегияи рушди корхона ва ҳам барои арзёбии амалисозии онро дарбар мегирад. Вобаста ба ин, дар баҳисобгирии идоракунии муосир, усулҳои нави ҳисобкунии арзиши аслӣ аз рӯйи амалиёт, аз рӯйи марҳилаҳои даври зист, низоми ҳисобкунии арзиши аслии ҳадафӣ - «таргет-костинг», «кайзен-костинг» ва воситаҳои дигар пайдо шуданд.

Маъмул гардидани технологияҳои нав дар амалияи баҳисобгирии идоракунӣ аз баланд шудани таваҷҷуҳ ба усулҳои идоракунии арзиши аслӣ, ки корбурди онҳо бе бозбинии баҳисобгирии идоракунии хароҷот имконнопазир аст, гувоҳӣ медиҳад. Маҳз баҳисобгирии идоракунии хароҷот бо истифода аз усулҳои нави ҳисобкунии арзиши аслӣ, ки бештар хосияти таҳлилӣ доранд, унсури калидии идоракунии арзиши аслӣ мебошад. Ин усулҳо имконияти усулҳои анъанавии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ (фармоишӣ, марҳилавӣ, меъёрӣ, стандарт-костинг, директ-костинг)-ро таҳким дода, дар якҷоягӣ бо онҳо барои таъмини бартарият ва омилҳои калидии муваффақияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар муҳити рақобат амал мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ғояи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ яке аз тадбирҳои муваффақтарин барои барқарор кардани «мубрамии гумшуда»-и баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Истилоҳи «баҳисобгирии идоракунии стратегӣ» аввалин бор дар соли 1981 аз ҷониби К. Симмондс барои тавсифи раванди «пешниҳод ва таҳлили маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ оид ба бизнес ва рақибони он ба хотири татбиқ ва назорати бизнес-стратегия» [19] ворид карда шудааст.

Ҳамин тариқ, охири асри XX ва аввали асри XXI ҳамчун марҳилаи ҷустуҷӯ ва дарёфти қоидаҳо ва усулҳои нави баҳисобгирии идоракунии хароҷот аз ҷониби муҳаққиқон, муҳосибони аҳли амал ва ҳам ташкилотҳои касбии муҳосибӣ номбар мешавад. Амалияи баҳисобгирии муҳосибии миллӣ низ аз ин раванд берун намондааст. Дар шароити рақобати шадид менеҷменти корхонаҳои ватании муосир аз воситаҳои пешқадами баҳисобгирии идоракунӣ истифода мебарад. Акнун ин самти фаъолияти идоракунӣ афзалияти олии корхонаҳое ба ҳисоб меравад, ки ба такмили беисти технологияҳои идоракунии фаъолияти худ ҷаҳд мекунанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулмуминзода Н.А. Методология и организация бюджетирования на предприятиях сельского хозяйства Республики Таджикистан / Абдулмуминзода Н.А. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№3. -С.13-20.
2. Аверина О.И. Управленческий учет: этапы становления, современное состояние и направления развития / О.И. Аверина, Н.В. Безруков // Международный бухгалтерский учет. – 2012. -№39(237). -С.2-13.
3. Бобиев И.А. Ҷанбаҳои таърихии пайдоиш ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ / И.А. Бобиев, Н.С. Каримов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. -№2(61). -С.71-79.

4. Бобоев М.У. Таҳқиқи муаммоҳои ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корҳои илмии олимони ватанӣ / М.У. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№5. -С.20-28.
5. Друри К. Управленческий и производственный учет: учебный комплекс для студентов вузов / К. Друри; пер. с англ. В.Н. Егорова. -6-е изд. -М.: ЮНИТИ ДАНА, 2012. -1423 с.
6. Калемуллоев М.В. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ / М.В. Калемуллоев, Файзализода М.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№4. -С.5-12.
7. Каримов Б.Ҳ. Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар муҳити инноватсионии истеҳсолоти бофандагӣ / Б.Ҳ. Каримов, Л.Ю. Алиева // Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). -Душанбе: ДБССТ, 2022. –С.27-33.
8. Низомов С.Ф. Хусусиятҳои соҳавии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ / С.Ф. Низомов, У.Ф. Ғаниев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№6. -С.5-14.
9. Рожкова Н.К. Управленческий учет как экономическая категория / Н.К. Рожкова, У.Ю. Блинова, О.В. Чупеева // Вестник университета. – 2013. -№11. -С.108-115.
10. Розиев Д.А. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ / Д.А. Розиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№4. -С.98-103.
11. Сатубалдин С.С. Учет затрат на производство в промышленности США / С.С. Сатубалдин. -М.: Финансы, 1980. -141 с.
12. Супрунова Е.А. Ретроспектива становления, состояние и развитие управленческого учета в России / Е. А. Супрунова // Менеджмент в России и за рубежом. - 2014. -№4. -С.134-143.
13. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев, Бобохонзода М.Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№5. -С.5-11.
14. Чумаченко Н.Г. Учет и анализ в промышленном производстве США // Н.Г. Чумаченко. -М.: Финансы, 1971. -240 с.
15. Шобеков М. Генезис культуры государственного управления и организация учета в государстве Саманидов / М. Шобеков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№5. -С.186-192.
16. Эмерсон Г. Двенадцать принципов производительности / Г. Эмерсон; науч. ред. В.С. Кардаш. -2-е изд. -М.: Экономика, 1992. -216 с.
17. Johnson H.T. Relevance Lost: Rise and Fall of Management Accounting / H.T. Johnson, R.S. Kaplan. -Boston: Harvard Business School Press, 1987. -269 p.
18. Kaplan R.S. Management accounting (1984-1994): development of new practice and theory / R.S. Kaplan // Management Accounting Research. - 1994. –T.5. -№3-4. (September and December). -P.247-260.
19. Simmonds K. Strategic management accounting / K. Simmonds // Management Accounting. - 1981. -№59(4). -P.26-29.

## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТ

Баҳисобгирии муҳосибӣ, ки унсури муҳимми низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, аз оғоз ҳамчун илм ва фаъолияти амалӣ арзи ҳастӣ намудани худ ҳамеша бо масъалаҳои ҳалталаб рӯ ба рӯ мешавад. Дигаргуниҳои дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа рухдиҳанда мушкилоти баҳисобгирии муҳосибиро боз ҳам зиёд мекунанд, зеро баҳисобгирии муҳосибӣ воқеияти хоҷагидориро инъикос мекунад ва бо дигар шудани шароити иқтисодӣ бояд худро ба он мутобиқ созад. Баҳисобгирии идоракунӣ, ки намуди нисбатан нави баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, имрӯз дар хориҷа ба як воситаи муҳимми идоракунии фаъолияти корхонаҳо, пеш аз ҳама, корхонаҳои истеҳсолӣ мубаддал гардидааст. Вале он дар низоми идоракунии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз мақоми сазовори худро дарёфт накардааст. Бо вуҷуди ин, роҳбарият ва менеҷменти баъзе корхонаҳои ватанӣ, асосан корхонаҳои корпоративӣ имрӯз муҳиммии баҳисобгирии идоракуниро дар идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ, хусусан дар идоракунии хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот дарк кардаанд. Бояд гуфт, ки барои дарк кардани муҳиммии баҳисобгирии идоракунӣ ва муайян кардани мақоми он дар рушди субъектҳои хоҷагидорӣ бояд заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди он таҳқиқ карда шаванд, зеро дар методологияи тафаккури илмӣ равиши таърихӣ мақоми назаррас дорад. Дар мақолаи мазкур заминаҳои таърихии ташаккули баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар алоқамандӣ бо ҷанбаҳои назариявии он таҳқиқ карда мешаванд. Ба саҳми олимони ватанӣ дар таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо ва масъалаҳои таҳқиқи илмии он, инчунин, аҳаммияти усулҳои нави баҳисобгирии идоракунии хароҷот диққати муҳим дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, равиши таърихӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ, баҳисобгирии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслӣ, усулҳои нави баҳисобгирии идоракунии хароҷот, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ.

## ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА ЗАТРАТ

Бухгалтерский учет, являющийся важным элементом системы управления хозяйствующими субъектами, с самого начала своего существования как науки и практической деятельности всегда сталкивается с проблемами, требующими решения. Изменения в экономической жизни общества еще больше обостряют проблемы бухгалтерского учета, поскольку бухгалтерский учет отражает экономическую реальность и должен адаптироваться к ней по мере изменения экономических условий. Управленческий учет, являющийся относительно новым видом учета, сегодня за рубежом стал важным инструментом управления деятельностью предприятий, прежде всего, производственных. Однако он пока не нашел своего достойного места в системе управления предприятиями Республики Таджикистан. Однако руководство и менеджмент некоторых отечественных предприятий, в основном корпоративных, сегодня осознали важность управленческого учета в управлении производственной деятельностью, особенно в управлении затратами и себестоимостью продукции. Следует сказать, что для понимания значения управленческого учета и определения его статуса в развитии хозяйствующих субъектов необходимо исследовать исторические предпосылки его становления и развития, поскольку исторический подход играет значительную роль в методологии научного познания. В данной статье рассматриваются исторические предпосылки становления управленческого учета затрат во взаимосвязи с его теоретическими аспектами. Важное внимание уделяется вкладу отечественных ученых в исследование различных аспектов становления и развития управленческого учета на предприятиях и вопросов его научного исследования, а также значимости новых методов управленческого учета затрат.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, управленческий учет, исторический подход, производственный учет, учет затрат, новые методы управленческого учета, стратегический управленческий учет.

## HISTORICAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF MANAGEMENT COST ACCOUNTING

Accounting, which is an important element of the management system of business entities, from the very beginning of its existence as a science and practical activity always faces problems that require solutions. Changes in the economic life of society further exacerbate accounting problems, since accounting reflects economic reality and must adapt to it as economic conditions change. Management accounting, which is a relatively new type of accounting, today abroad has become an important tool for managing the activities of enterprises, primarily industrial ones. However, he has not yet found his worthy position in the enterprise management system of the Republic of Tajikistan. However, the leadership and management of some domestic enterprises, mainly corporate ones, have today realized the importance of management accounting in managing production activities, especially in managing costs and product costs. It should be said that in order to understand the significance of management accounting and determine its status in the development of business entities, it is necessary to study the historical background of its formation and development, since the historical approach plays a significant role in the methodology of scientific knowledge. This article examines the historical background for the development of cost management accounting in conjunction with its theoretical aspects. Important attention is paid to the contribution of domestic scientists to the study of various aspects of the formation and development of management accounting in enterprises and issues of its scientific research, as well as the significance of new methods of management cost accounting.

**Keywords:** accounting, management accounting, historical approach, production accounting, cost accounting, new methods of management accounting, strategic management accounting.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шоймардонов Ҳабибулло Қурбоналиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58**. E-mail: **habib26_01@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шоймардонов Хабибулло Курбоналиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58**. E-mail: **habib26_01@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shoymardonov Habibullo Qurbanalievich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-38-38-58**. E-mail: **habib26_01@mail.ru**

ТДУ: 332+338.431(575.3)

# ЗАРУРАТИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

*Мирсаидов С.А., Исломов О.О.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**

Сарфи назар аз он, ки муаммоҳои амнияти озукаворӣ дар робита бо равандҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои рушдёбанда танҳо аз миёнаи солҳои 70-уми қарни гузашта мавзуи баррасии фаъолонаи аҳли илму ҷамъияти ҷаҳон гардид, инсоният кайҳо боз бо он дучор шуда буд [3,с.16-27]. Дар ҳама давру замон одамон кӯшиш мекарданд, ки ин мушкилотро самаранок ҳал кунанд, зеро маҳз нарасидани маҳсулоти озуқаворӣ боиси ҳама гуна низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа буд. Ҳамаи ин муайян кард, ки ноил шудан ба дараҷаи муайяни амнияти озуқаворӣ вазифаи асосии тамоми ҷамъият ва аъзоёни алоҳидаи ҷомеа гардидааст, зеро ин ба инстинкти худхизматрасонӣ асос ёфтааст, ки тамоми фаъолияти инсон ба он равона шудааст.

Ҷомеаи инсонӣ дар марҳалаҳои гуногуни рушд ва ташкили худ ба механизму қоидаҳои таъмини қонеъ гардонидани талаботи ҳаётан муҳимро таҳия мекард. Бо вуҷуди ин, сатҳи таъминоти озуқаворӣ, сохтор ва механизмҳои он бевосита ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ба сатҳи рушди саноати коркард ва савдо вобаста аст. Дар муддати тулонӣ, то охири асри XIX, таъмини сатҳи зарурии амнияти озуқаворӣ маҳз дар асоси анъанаҳо дар дохили ҷамъияти хоҷагидорӣ ва натуралӣ танзим карда мешуд. Давлат дар ин марҳила вазифаҳои ташкили амнияти ҳарбиро иҷро мекард ва танҳо дар баъзе мавридҳо ба раванди аз нав тақсим кардани маҳсулот дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ дахолат карданд.

Ташаккули захираҳо дар сатҳи микрохоҷагӣ, хонаводаҳо ба амал меомаданд ва дар давраи феодализм ин вазифаҳо низ ба зиммаи заминдор гузошта шуда буданд. Дараҷаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва инкишофи заифи муносибатҳои молӣ танҳо ҳадди ақали истеъмол, инчунин, сохтори нисбатан одии хӯрока, ки шароити зиндагӣ, хусусиятҳои миллӣ ва диниро инъикос мекард, таъмин карда метавонист [10,с.54].

Дар баробари инкишофи муносибатҳои бозорӣ (капиталистӣ) шароиту тарзи ҳаётгузаронии инсоният ба куллӣ тағйир меёбад. Пеш аз ҳама, ҷойи шаклҳои алоҳидаи иқтисодиёти маҳдуду бастаро иқтисодиёту хоҷагидории кушод иваз мекунад, ки дар он дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои бозорӣ истеҳсолоти ҷамъиятии ба ҳам вобаста ба вуҷуд меоянд, дар дохили он табақаҳои этникӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам омехта мешаванд ва ҷамъияти рушдкарда ташкил мешавад, ки бо меъёру шаклҳои аз тарафи умум қабулшудаи истеъмол хос аст, механизми иҷтимоии таъмини амнияти озуқавориро рӯйи майдон меорад. Дар ин шароит давлат ва ташкилоту ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ки ҳамчун омилҳои ташкили истеҳсолот ва тақсимоти захираҳои истеҳсолӣ баромад мекунанд ва онҳо ба таври объективӣ нақши торафт гиреҳиро ба иҷро мерасонанд. Бозор муҳимтарин воситаи таъминоти озуқаворӣ мегардад, ки тавассути низоми нархгузорӣ, талабот ва пешниҳод ба ташаккули захираҳои зарурӣ ва сатҳи истеъмол таъсир мерасонад. Дар баробари ин, дар сохтори он тазоди назаррас, меъёрҳои ба истеъмол вобаста ба табақаи иҷтимоӣ ва сатҳи даромади он рӯйи кор меояд. Дар марҳалаҳои гуногуни рушди муносибату сохти иқтисодиёти бозорӣ, камхӯрокӣ ва гуруснагии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро истисно намекард. Бо мурури замон, бо роҳи муқаррар намудани кафолатҳои муаяйни иҷтимоӣ дар мамлакатҳо ин муаммоҳо асосан ҳал карда мешаванд, гарчанде дар дараҷаи истеъмол ҳанӯз ҳам тафовут мавҷуд аст.

Таърихи шуравӣ дар бораи кори механизми дигари ташаккули амнияти озуқаворӣ - банақшагирии хоҷагии халқ, ки барои ҳалли ин муаммо низ пешбинӣ шуда буд, вале аз сабаби мураккабии истисноии объекти идоракунӣ на ҳамеша аз уҳдаи ин вазифа ҳам мебаромад. Бартарии рушди саноати вазнин бар зарари кишоварзӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ ба он оварда расонид, ки ҳанӯз дар ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта, ба воридоти ғалла, гӯшт ва дигар озуқаворӣ боис шуда буд. Маҳз дар ҳамин ҳол, мушкилоти

амнияти озуқаворӣ дар ин давра ҳамчун категорияи аҳаммияти ҷаҳонӣ эътироф карда шуд.

Ҳуқуқ ба ғизои мувофиқ ва ҳимоя аз гуруснагӣ қисми ҷудонашавандаи ҳуҷҷати байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 1948 ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дар соли 1966 қабул шуда буд. Инчунин, ин ҳуқуқ дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989 ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сабт шудааст [7]. Масалан, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки соли 1948 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, дар моддаи 25 омадааст: «Ҳар як шахс ба сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла ғизо, либос, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва хизматрасонии зарурии иҷтимоӣ, ки барои нигаҳдории саломатӣ ва некуаҳволии худ ва оилааш, инчунин, ҳуқуқ ба таъминот дар сурати бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бевагӣ, пирӣ ё дигар аз даст додани воситаҳои рӯзгор бо сабабҳои вобаста ба ӯ зарур аст, ҳуқуқ дорад» [11]. Паймони байналхалқии соли 1966 оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ на танҳо ҳуқуқи асосии инсонро барои озод будан аз гуруснагӣ нишон медиҳад, балки ҳамчунин, вазифаи давлатро барои таъмини амалишавии ин ҳуқуқ дар амал медонад. Муҳимтарин ҳуҷҷати байналмилалии дорои хусусияти умумибашарӣ Эъломияи умумиҷаҳонӣ дар бораи барҳам додани гуруснагӣ ва камғизоӣ мебошад, ки 17 декабри соли 1974 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул кардааст. Дар он аз ҷумла омадааст: «Ҳар як мард, зан ва кӯдак ҳуқуқи ҷудонашавандаи озод будан аз гуруснагӣ ва камғизоӣ барои инкишоф ва нигоҳ доштани хосиятҳои ҷисмонӣ ва равонии худро доранд...».

Соли 1996 Эъломияи Рум оид ба амнияти озуқаворӣ дар Саммити умумиҷаҳонии амнияти озуқаворӣ қабул карда шудаст, дар он масаъалаи дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии озуқа мавқеи марказиро ишғол намудааст.

Тибқи маълумоти Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид, дар ҳоли ҳозир тақрибан як миллиард нафар сокинони сайёра аз гуруснагӣ ва камғизоӣ азият мекашанд. Дар асоси технологияи мавҷуда барои ҳар сол бо озуқа таъмин намудани як нафар 0,20-0,30 гектар замини ҳосилхез лозим аст, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳар сол бояд тақрибан 40 миллион гектар замини нав ба муомилоти кишоварзӣ ворид карда шавад [2,с.92]. Бо дарназардошти он, ки ҳамагӣ 7%-и ҳудуди Тоҷикистон мавқеи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дораду халос ва маҳдудияти захираи заминҳои кишоварзӣ мушоҳида мешавад, барои ҳалли мушкили дар боло зикршуда, дар назди кишвари мо, бояд вазифаҳои махсус гузошта шаванд. Вале хусусияти ин муммо барои мамлакати мо дар он аст, ки ҳарҷанд иқтидори таъмини рушди кишоварзӣ дорад, аммо аз ҳисоби истеҳсоли худ, аҳолии худро бо озуқавории аълосифат ҳанӯз пурра таъмин карда наметавонад.

Ҳарчанд аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ ҳуқуқи соҳибии захираҳои заминро ба даст овард, механизмҳои бозории заминистифодабарӣ ва инфрасохтори он шакл гирифт, вале тамоюлҳои манфӣ дар истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, пастшавии ҳосилнокии замин ва хориҷшавии қитъаҳои замин аз гардиши кишоварзӣ зоҳир мегардиданд, ки нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 шаҳодати он буда, аз сатҳи пасти татбиқи қонуниятҳои рушди муносибатҳои замин дарак медиҳад.

**Ҷадвали 1. Динамикаи тағйирёбии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор га)**

**Table 1. Dynamics of agricultural land changes in the Republic of Tajikistan (thousand ha)**

| Сохтори фонди замин | с.2010 | с.2015 | с.2020 | с.2021 | 2021/2010, бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| **Фонди умумии замин** | 14255,4 | 14137,7 | 14137,9 | 14137,9 | 99,1 |
| **Ҳамаи заминҳои истифодаи кишоварзӣ** | 3746,0 | 3611,9 | 3673,7 | 3666,4 | 97,8 |
| **Аз ҷумла:** | | | | | |
| **Мазраъ** | 673,1 | 653,2 | 662,0 | 660,9 | 98,1 |
| **Ниҳолҳои бисёрсола** | 115,4 | 140,4 | 153,8 | 154,7 | 134,0 |
| **Чарогоҳ** | 2909,8 | 2771,5 | 2821,5 | 2114,8 | 72,6 |
| **Заминҳои боир** | 29,7 | 29,3 | 20,1 | 19,8 | 66,6 |

Таҳлили маълумоти ҷадвали 1, нишон медиҳад, ки ҳарчанд дар давраи аз соли 2010 то соли 2021 дар шаклҳои заминистифодабарӣ тағйирот рӯй дода бошанд ҳам, вале масоҳати умумии заминҳои истифодаи соҳаи кишоварзӣ қарордошта, тамоюли равшани пастшавиро касб карда, дар марҳилаи таҳлилӣ 79,6 ҳазор га ва ё 2,2% кам гашт. Ҳамчунин, мазраъ қисми муҳимми заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аҳаммияти басо муҳим дорад, давоми солҳои 2010-2021 12,2 ҳазор га кам гардидааст. Чарогоҳ низ қисми ҷудонашавандаи соҳаи чорводорӣ дар марҳилаи таҳлилӣ ба масоҳати 795 ҳаз. га ва ё 27,4% кам шудаанд.

Ба туфайли рушди индустриализатсия ва урбанизатсия захираҳои замин барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ торафт бештар маҳдуд мегардад. Ҳамчунин, дар Тоҷикистон солҳои охир кам шудани заминҳои кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ мушоҳида мешавад. Дар таркиби фонди умумии замин, заминҳои кишоварзӣ аҳаммияти махсус доранд, ки дар истифода афзалият доранд ва таҳти ҳимояи махсус қарор доранд. Муммои истифодаи оқилонаи ин заминҳо, такрористеҳсол ва ҳифзи онҳо имрӯз барои ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, муаммои умумибашарӣ ва ҷузъи асосии амнияти озуқаворӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, тамоюли солонаи камшавии майдони заминҳои кишоварзӣ ба назар мерасанд, ки ин тамоюл барои бисёре аз минтақаҳои мамлакат хос аст.

Дороии муҳимми иқтисодиёти кишоварзиро майдонҳои кишти зироатҳо, ки асоси афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавориро муосидат менамояд, ташкил менамояд. Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзии вилояти Хатлону Суғд беш аз 82%-и тамоми майдонҳои кишти мамлакатро ташкил медиҳанд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Динамика ва сохтори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он**

**Table 2. Dynamics and structure of agricultural crops in the country and its regions**

| Минтақаҳо | 2017 | | 2021 | | Тағирот | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | га | % | га | % | га | % |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 837157 | 100,0 | 861692 | 100,0 | 24535 | - |
| аз он ҷумла | | | | | | |
| ВМКБ | 11927 | 1,42 | 10675 | 1,23 | -1252 | - 0,19 |
| г. Душанбе | 53 | 0,006 | 3940 | 0,45 | 3887 | 0,44 |
| в . Суғд | 270936 | 32,3 | 279758 | 32,4 | 8822 | 0,1 |
| В. Хатлон | 413916 | 49,4 | 430514 | 49,9 | 16598 | 0,5 |
| НТҶ | 140325 | 16,7 | 136805 | 15,8 | 3520 | - 0,9 |

Сарчашма: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. -С.132-133.

Таҳлили динамика ва сохтори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он нишон дод, ки дар вилояти Суғд беш аз 32%-и тамоми майдони кишти мамлакат ҷойгир шудааст. Аз рӯйи ин нишондиҳанда вилояти Суғд миёни дигар минтақаҳои мамлакат ҷойи дуюмро пас аз вилояти Хатлон, ки дар он беш аз 49%-и майдони кишт рост меояд, ишғол менамояд. Дар тайи панҷ соли охир заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии вилояти Суғд аз 270,9 то 279,7 ҳазор гектар ва ё беш аз 8,8 ҳазор гектар (3,2%) зиёд шудааст. Дар дигар минтақаҳои деҳоти мамлакат, тамоюли пастравии майдони кишти зироатҳо мушоҳида мешавад.

Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки гирифтани заминҳои кишоварзӣ барои эҳтиёҷоти соҳаҳои ғайрикишоварзӣ, аз заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо шарти бад шудани сифати онҳо мувофиқи арзиши кадастрӣ иҷозат дода мешавад. Мутаассифона дар амал, чун қоида, заминҳои бадтарин не, балки заминдои ҳосилхези баланди иқтисодӣ мусодира карда мешаванд. Мақсадҳои асосие, ки барои онҳо заминҳои кишоварзӣ гирифта мешаванд, васеъ намудани маҳалҳои аҳолӣ ва истифода бурдани корхонаҳои саноатӣ ва дигар эҳтиёҷоти махсус мебошад. Мушкилоти муайяншудаи табдилдиҳии заминҳои кишоварзӣ, на танҳо камшавии умумии онҳо, балки бад шудани

сифати онҳо, паст шудани ҳосилнокии ҳам биологӣ ва ҳам иқтисодӣ буда ва ин таҳдиди бевоситаи бад шудани амнияти озуқаворӣи давлат мебошад.

Вақтҳои охир бо сабабҳои экологии вобаста ба таназзул ва ифлосшавии хок, масоҳатҳои зиёди заминҳои корам аз истифода берун шуданд. Дар натиҷаи азхуд намудани канданиҳои фоиданок, майдонҳои калон аз гардиши кишоварзӣ берун ҳам рафтанд. Ҳамаи ин истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар ҳаҷми зарурӣ (барои ташаккули иқтидори амнияти озуқаворӣ) зери шубҳа мегузорад. Барқарор намудани иқтидори заминҳои кишоварзӣ раванди объективӣ ва ҳаётбахш аст, зеро чунин заминҳо бояд амнияти озуқаворӣи мамлакат ва минтақаҳои онро таъмин кунанд. Ғайр аз ин, барқарор намудани иқтидори заминҳои кишоварзӣ раванди тулонӣ ва сармояталабу гаронбаҳо мебошад. Назари кӯчак ба арзиши стратегии захираҳои замин, махсусан заминҳои кишоварзӣ, наандешидани тадбирҳо барои боздоштани равандҳои таназзули сифати замин ва беназорат кашида гирифтани заминҳои ҳосилхез аз гардиши кишоварзӣ метавонад боиси буҳрони экологӣ дар аксари минтақаҳои аграрии кишвар, боиси паст шудани ҳосилнокӣ ва бад шудани ҳолати таъмини аҳолии мамлакат бо озуқа гардад. Афзоиши аз гардиш баровардани заминҳои кишоварзӣ, ба кам шудани таҷҳизоти техникии истеҳсолоткунадагони соҳаҳои кишоварзӣ, бевосита алоқаманд аст. Чунин ба назар мерасад, ки имрӯз ин массивҳои бекорхобидаро аз нав дида баромада, механизми иқтисодии ба гардиши иқтисоди баргардонидани заминҳои барои кишоварзӣ мувофикро кор карда баромада, барномаи баланд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро муайян кардан лозим аст. Бешубҳа, интенсификатсияи истеҳсолот, дар ҳамин асос афзоиши ҳосили зироатҳо омили муҳимми зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ боқӣ мемонад. Танҳо бо далели ин омил, ба назари мо, ноил шудан ба сатҳи баланди нишондодҳои таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва минтақаҳои он имконнопазир аст.

Истифодаи замин ҳамчун объекти муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣи ҷомеа падидаи хеле гуногунҷанба ва мураккаб аст. Дар ҷиҳати эволютсионӣ истифода бурдани захираҳои заминро ҳамчун давраҳои мукаммали пайваста такроршаванда ҳисоб кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо, чун қоида, дар сатҳи сифатан нав ба амал меоянд. Аз нуқтаи назари истифодаи системавии замин, дар ҳар як давра, се марҳилаи асосии истифодаи заминро ҷудо кардан мумкин аст.

Марҳилаи якум, давраи ибтидоӣ буда, ҳадафи истифодабарии заминро муайян мекунад ва барои иҷрои самарабахши марҳалаҳои минбаъда шароити зарурӣро муҳайё мекунад. Мундариҷаи он таъмини ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ-ҳудудӣ, иттилоотии системаи истифодаи замин мебошад.

Марҳилаи дуюм, истифодаи бевоситаи воқеии замин буда, барои амалӣ намудани он дастгирии дахлдори иттилоотӣ, технологӣ, захиравӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва маркетингӣ лозим аст. Хусусияти асосии фарқкунандаи он дар эҷоди истеҳсоли воқеӣ аз ҳисоби истифодаи он аст, яъне замин, дар ҳоле, ки дар гардиши иқтисодиву кишоварзӣ ворид мешавад. Аз ҷиҳати техникӣ марҳалаи дуюм аз сабаби хусусияти сермақсадноки истифодабарии замин аз тарафи ҷамъият ва бар сифати воситаи асосии истеҳсолот ва заминаи фаъолияти маконӣ ва истеҳсоли мол душвор мебошад.

Марҳалаи сеюм, такрористеҳсолкунии сифату ҳосилхезии замин, барқарор намудани сохтори сифатии хок, ки сармоя, хароҷот талаб мешавад, мебошад.

Ислоҳоти замин, ки давом дорад, рушди муносибатҳои замин ва иҷтимоию иқтисодии соҳаи кишоварзиро таъмин намуда истодааст. Раванди аз нав тақсим кардани замин, барои муҳайё кардани шароит ва барои инкишофи баробари ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ сурат гирифта истодааст. Аммо додани ҳуқуқи истифодаи замин ба заминистифодабарандагони самаранок, ки хеле суст сурат мегирад, ба хулосаи мантиқӣ оварда нашудааст. Ҳамаи ин бори дигар шаҳодат медиҳад, ки дар системаи истифодаи замин, ҷустуҷӯи соҳиби ҳақиқии замин, ки барои самаранок ва оқилона истифода бурдани сарвати миллӣ - замин ҳисса мегузорад, механизмҳои нав коркард намуд. Самти муҳимми истифодаи оқилонаи замин ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, барпо намудани сохтори оқилонаву самарабахши майдонҳои кишт мебошад.

Системаи ҳозираи истифодаи замини кишоварзӣ, бо маҳдуд будани навъҳои асосии захираҳои истеҳсоли кишоварзӣ - меҳнатӣ, моддӣ-техникӣ ва молиявӣ хос аст. Ба ин муносибат баланд бардоштани ҳосилнокии растаниҳо - роҳи асосии зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дар натиҷа, беҳтар намудани амнияти озуқаворӣ мебошад. Воқеан ҳам афзоиши устувори ҳосили зироатҳо ба васеъ намудани имкониятҳои арзёбӣ ва асосноккунии роҳҳои беҳтар намудани амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад. Ба даст овардани самараи кифояи баланди истеҳсолоти кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ яке аз тадбирҳои андешидаи давлат мебошад. Барои таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, ки афзоиши истеҳсолотро дар роҳи интенсивии рушд дар бар мегирад, истифодаи таҷрибаҳои бештар самараноки идоракунии зироатҳо, ки ҳосилхезии заминро беҳтар мекунад ва аксуламали бештар ба тағйирёбии иқлим нишон медиҳад, мебошад. Ҳаҷми истеҳсолот дар натиҷаи беҳтар истифода бурдани замини корам, баланд бардоштани ҳосилнокии он дар асоси ҷорӣ намудани навовариҳои илму техника, такмил додани шаклҳои ташкили истеҳсолот ва рушд додани чорводорӣ меафзояд [1,с.34]. Яке аз самтҳои ноил шудан ба истифодаи самаранок, оқилонаи замин ва мутобиқгардонии кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлим ба заминаи мутобиқшавии ландшафтӣ гузаронидани истеҳсолоти муосири кишоварзӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба муҳофизати хок, ба талаботи иқтисодӣ ва экологӣ мувофиқ бошад, ба вуҷуд оварда шавад. Ин раванд рушди чорводориро, ки қисми таркибии рушди системаҳои мутобиқшудаи ландшафт мебошад, мусоидат мекунад. Дар бобати такмил додани системаи киштгардон, аз ҷумла, зироатҳои хӯроки чорво дар сохтори майдонҳои кишт, ки ба раванди такроristехсолкунӣ мусоидат мекунанд, самараи истифодаи заминҳои кишоварзиро бештар муайян мекунанд.

Бояд таъкид намуд, ки захираҳои ҳосилхез, ки табиат ва меҳнати бисёрсолаи коркунони кишоварзӣ ба вуҷуд овардаанд, қариб тамом шудаанд. Дар навбати худ, бад шудани ҳолати агроэкологии заминҳои кишоварзӣ ба вазъи умумии фаъолияти хоҷагидорӣ ва молиявии корхонаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Самараи истеҳсолот дар соҳаҳои кишоварзӣ дар шароити мавҷуда бо дараҷаи рушди зироаткорӣ муайян карда мешавад. Хусусияти минтақавии истифодаи иқтидори замини минтақаҳои мамлакат, мавҷуд будани захираҳои заминӣ мебошад, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ кам истифода бурда мешаванд. Дар рафти истифодабарии интенсивию индустриалӣ, қитаъҳои замин дараҷаи табиии ҳосилхезии худро гум мекунад, ки бо вуҷуди ин, онро бо роҳи гузарондани тадбирҳои комплекси агротехникӣ ва идоракунии заминҳо, аз ҷумла, ба замин андохтани нуриҳои маъданӣ ва органикӣ барқарор кардан мумкин аст. Системаи ҳозираи муносибатҳои замин дар кишоварзӣ шарти асосии фаъолияти истеҳсолот - такроristеҳсолкунии захираҳои заминро ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот иҷро намекунад. Ҳадафи ислоҳоти аграрӣ ҳам тағйир додани муносибати моликият ба воситаҳои истеҳсолот ва, пеш аз ҳама, ба замин ба вуҷуд овардани механизми бозории танзими равандҳои такроristеҳсолкунии кишоварзиро дорад. Яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти аграрии давомдошта, ислоҳоти муносибатҳои замин бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои инкишофи шаклҳои гуногуни истифодаи замин ва истифодаи оқилонаи он мебошад.

Дар ин ҷода, мелиоратсияи замин нақши ҳалкунанда пайдо мекунад. Мелиоратсияи комплексии замин имкон медиҳад, ки иқтидори ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ки дар заминҳои обӣ парвариш карда мешаванд, беҳтар истифода бурда, оқибатҳои манфии экологӣ дар шакли хушкшавӣ, шӯршавии такрорӣ ва ботлоқ шудани заминҳои обӣ пешгирӣ карда шавад. Барои пешгирӣ намудани бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ ва системаҳои обёриро ба истифодаи технологияи обёрии каммасраф нигаронида, дар мавридҳои зарурӣ бо заҳбурҳо таъмин кардан лозим аст [8,с.35].

В.В. Докучаев асосҳои илмии зарурати истифодаи комплекси мелиоративии заминро барои мубориза бар зидди хушксолӣ усули ғайриалтернативии истеҳсоли кафолатноки маҳсулоти кишоварзӣ дар дашти лалмӣ ҳисоб пешниҳод карда буд. Мелиоратсия ба хок фаъолона таъсир расонида, хосиятҳои обу физикии он, ҳарорат, режими ҳаво, хӯрок, намак, фаъолияти биологии микро - ва макрофаунаро тағйир медиҳад. Ва ҳол он ки дар заминҳои обӣ баробари равандҳои мусбат, равандҳои манфӣ низ ба амал меоянд. Ба

шароити муътадили кори агро-ландшафтҳо ҳангоми азхудкунии ҳудудҳои обёрӣ, аз ҳад зиёд таъмин намудани воҳиди об, нуриҳои минералӣ ва дигар фишори антропогенӣ боиси вайрон шудани тамомияти онҳо гардида, ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад. Барои ба тартиб андохтани шиддати фишори об ба заминҳои корам, бояд дар системаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки зироаткории обёришаванда, ки лоиҳакашии мушахассро тақозо менамояд, тақозо намуд. Дар мавриди татбиқи ин лоиҳаҳо метавон ландшафтҳои минтақаи табиӣ ва иқтидори экологии онҳо нигоҳ дошта шуда, ҳосили барномавӣ ва ё интизоршудар ба даст овард. Мувофиқи маълумоти илмии ниҳодҳои илмии соҳа (Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон) бо риояи қатъии технологияе, ки ба кори агроландшафт безарар аст, дараҷаи ҳосилхезии заминҳои обӣ бо имконияти аз ҳар гектари обӣ ба даст овардани ҳосили хеле баланд имконпазир мебошад. Дар ин ҷода чунин самти муҳимми фаъолиятро метавон таъкид намуд:

– мутобиқ намудани обёрӣ ба хусусиятҳои ландшафти минтақаи табиӣ ва ташкили оқилонаи ҳудуд, минтақа; дараҷаи бо агроландшафт майдони обёрӣ ва ҳалли масъалаҳои технологияи обёрӣ;

– оптимизатсияи мелиоративии комплексии заминҳои обӣ, ки ба рушди ҷангалзорҳои муҳофизатӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ, нигаронида шудааст;

– ҳалли масъалаҳои агрофитосенотики вобаста ба асоснок кардани сохтори зироатҳо, киштгардонӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок, навъҳо ва дурагаҳое, ки ба парвариши зироатҳои сердаромад дар заминҳои обӣ мувофиқ карда шудаанд;

– низоми коркарди хок, кишт ва нигоҳубини агрофитосенозҳо, обёрӣ ва ғизодиҳӣ бо мақсади ба даст овардани ҳосили барномавӣ ҳангоми нигоҳ доштани ҳосилхезии замин, сари вақт ҷамъоварӣ ва истифодаи минбаъдаи самараноки маҳсулоти ҳосилшуда;

– истифодаи оқилонаи дарозмуддати чарогоҳҳо, алафзорҳо, назорат ва пешгӯии вазъият.

**АДАБИЁТ**


1. Инновационный и экологический аспекты перехода к адаптивно-ландшафтной системе земледелия / В. Нечаев, Г. Барсукова, Н. Сайфетдинова, Д. Деревенец // АПК: экономика, управление. – 2016. -№11. -С.30-39.
2. Корабейников И.Н. Влияние эффективности использования земельных ресурсов на обеспечение продовольственной безопасности / И.Н. Корабейников, Р.Ш. Шафеев // Вестник ОГУ. 2014. -№8(169). –С.89-95.
3. Коровкин В. Пути решения проблемы продовольственной безопасности России / В. Коровкин // Международный сельскохозяйственный журнал. - 2003. -№2. -С.16-27.
4. Махмадиев Ф.Б. Создание модели зернового кластера региона для повышения обеспечения продовольственной безопасности населения / Ф.Б. Махмадиев, Б.М. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2015. -№2/4(169). - С.215-219.
5. Махмадиев, Ф.Б. Региональное развитие зернового кластера и его роль в обеспечении продовольственной безопасности страны / Ф.Б. Махмадиев, Ш.Ф. Самиев, Х.Ш. Хабибов // Вестник Таджикского технического университета. – 2014. -№4(28). -С.111-113.
6. Омори солонаи Љумњурии Тољикистон. – 2021. -С.476.
7. Организация объединенных наций. [Электронный ресурс]. URL: http://www.un.org.ru/
8. Сергиенко Л.И. Экологизация региональных природнохозяйственных систем Нижнего Поволжья / Л.И. Сергиенко. –Волгоград: Изд-во ВолГУ, 2003. -С.33-56.
9. Фасехзода И.С. Использование зарубежного опыта в формировании продовольственной безопасности Республики Таджикистан / Фасехзода И.С., Джурахонзода Б. // Журнал «Наука и образование сегодня» Российская Федерация. –М., 2020. -№1(48). -С.11-17. ISSN 2414-5718
10. Шафеев, Р.Ш. Современные земельные отношения в России: концептуальные основы и современные представления / Р.Ш. Шафеев. – LAMBERT Academic Publishing, 2011. -228 с.
11. Юргай А. Об обороте земельных долей в сельском хозяйстве России / А. Юргай // Экономика сельского хозяйства России. - 2001. -№11. -С.30-31.
12. [Электронный ресурс]. URL:www.progress.unwomen.org


## ЗАРУРАТИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ


Дар мақола масъалаҳои амнияти озуқаворӣ вобаста ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеву аҳаммияти истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар таъмини он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар мақола таъкид шудааст, ки ноил шудан ба дараҷаи муайяни амнияти

озуқаворӣ, вазифаи асосии тамоми ҷамъият ва аъзоёни алоҳидаи ҷомеа мебошад, зеро ин ба инстинкти худхизматрасонӣ асос ёфта, тамоми фаъолияти инсон ба он равона шудааст. Пайваста ба ин муммоҳои истифодаи оқилонаи заминҳо, такрористеҳсол ва ҳифзи онҳо, ки ҷузъи таркибии амнияти озуқаворӣ мебошад, муайян гардидааст. Дар ҷамъбаст муаллифон ба хулосае омадаанд, ки истифодабарии самараноки заминҳои кишоварзӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ, такя ба таъмини ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ-ҳудудӣ, иттилоотии системаи истифодаи замин, мутобиқгардонии кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлим ба заминаи мутобиқшавии ландшафтӣ ва такмил додани системаи киштгардон ба роҳ монда шаванд.
**Калидвожаҳо:** амнияти озуқаворӣ, заминҳои кишоварзӣ, такрористеҳсол, киштгардон, истеҳсолоти кишоварзӣ, маҳсулоти озуқаворӣ, самаранок, иқтидори кишоварзӣ, механизм.

## НЕОБХОДИМОСТЬ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО НАЗНАЧЕНИЯ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье рассматриваются вопросы продовольственной безопасности, связанные с социально-экономическими процессами Республики Таджикистан, а также место и значение использования земель сельскохозяйственного назначения в ее обеспечении. В статье подчеркивается, что достижение определенного уровня продовольственной безопасности является основной задачей всего общества и отдельных членов общества, поскольку в ее основе лежит инстинкт самообслуживания, и на это направлена вся деятельность человека. При этом выявлены проблемы рационального использования земель, их воспроизводство и охрана, что является неотъемлемой частью обеспечения продовольственной безопасности. В заключении авторы пришли к выводу, эффективное использование земель сельскохозяйственного назначения в целях обеспечения продовольственной безопасности должно опираться на правовую, институциональную, организационно-территориальную, информационную системы землепользования, адаптацию сельского хозяйства к изменению климата на основе ландшафтной адаптации и совершенствования системы севооборота.
**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, сельскохозяйственные угодья, воспроизводство, севооборот, сельскохозяйственное производство, продукты питания, эффективность, сельскохозяйственный потенциал, механизм.

## THE NEED FOR EFFECTIVE USE OF AGRICULTURAL LAND TO ENSURE FOOD SECURITY

The article discusses food security issues related to the socio-economic processes of the Republic of Tajikistan, as well as the place and importance of the use of agricultural land in ensuring it. The article emphasizes that achieving a certain level of food security is the main task of the entire society and individual members of society, since it is based on the instinct of self-service, and all human activity is aimed at this. At the same time, problems of rational use of land, their reproduction and protection have been identified, which is an integral part of ensuring food security. In conclusion, the authors came to the conclusion that the directions for the effective use of agricultural land in order to ensure food security should be based on the legal, institutional, organizational-territorial, information system of land use, adaptation of agriculture to climate change based on landscape adaptation and improvement of the crop rotation system.
**Keywords:** food security, agricultural land, reproduction, crop rotation, agricultural production, food, efficiency, agricultural potential, mechanism.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мирсаидов Саидакмал Аврорович*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға**: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **927-80-29-94**. E-mail: **surush-sa@mail.ru**
***Исломов Обид Олимбоевич*** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, унвонҷӯ. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **+992 935-00-15-58.** E-mail: **obid0520@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Мирсаидов Саидакмал Аврорович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор экономических наук, профессор кафедры таможенной деятельности. **Адрес:** 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **927-80-29-94**. E-mail: **surush-sa@mail.ru**
***Исломов Обид Олимбоевич*** – Таджикский аграрный университет имени Шириншо Шотемура, соискатель. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 146. Телефон: **+992 935-00-15-58.** E-mail: **obid0520@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Mirsaidov Saidakmal Avrorovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Customs Activities. **Address**: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **927-80-29-94.** E-mail: **surush-sa@mail.ru**
***Islomov Obid Olimboevich*** – Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur, applicant. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 146. Phone: **+992 935-00-15-58**. E-mail: **obid0520@gmail.com**

ТДУ: 338.242(575.3)

# СОҲИБКОРИИ ДАВЛАТӢ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

*Тағойназаров А.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

То солҳои 90-уми асри гузашта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар мамолики собиқ давлати Шуравӣ, бахши давлатӣ дар иқтисодиёт бартарӣ дошт. Аммо бо гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва аз навсозиҳои сохторӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, дар сохтори бахши давлатии он тағйироти миқдорию сифатӣ ба амал омаданд. Аз байн рафтани банақшагириҳои директивӣ дар фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, ғайри давлатикунонию хусусигардонӣ, озодкунии нархҳо, баромади мустақими субъектҳои иқтисодӣ ба бозорҳои дохилию хориҷӣ ба ташаккулу равнақи асосҳои механизмҳои иқтисодиёти бозорӣ мувофиқат намуданд. Вале таҷрибаҳо нишон дод, ки дар дараҷаҳои зарурӣ қарор надоштани сатҳи рушди институтҳои давлатӣ, механизмҳои молиявию ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ ба натиҷаҳои ислоҳотҳои иқтисодӣ дар бисёри ҳолатҳо таъсири манфӣ расониданд. Чунин далелҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ислоҳот дар бахши давлатии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, бояд бонизом ба таври комплексӣ ва бо назардошти нақш ва мавқеи омилҳои институтсионалӣ тарҳрезӣ ва амалӣ гарданд, то ин ки натиҷаҳои он ба суботи иқтисодиёти мамлакат ва самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва ғайриистеҳсолӣ мусоидат намоянд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар мавриди ҳалли вазифаҳои рушдиояндаи иқтисодиёти кишвар, ба самаранокии фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёт, корхонаву ташкилотҳо ва рушди институтҳои он таъкидҳо шудааст [18,с.15]. Зеро рушди институтсионалии бахши давлатии иқтисодиёт бо назардошти истифодаи оқилонаи усулҳою механизмҳои гуногун такмилёфта, низоми идоракунию танзими давлатии равандҳои иқтисодию иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ самаранок мегардонад. Хусусиятҳо ва тамоюлҳои рушди бахши давлатии иқтисодиёт неру ва имкониятҳои давлатро барои расидан ба ҳадафҳои иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла, баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ муайян ва муаррифӣ менамоянд.

Нақш ва аҳаммияти бахши давлатии иқтисодиёт дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад. Яъне, мавҷудияту муҳиммияти ин бахш ва рушди институтҳои онро аксари муҳаққиқон қабул доранд. Аммо дар мавриди андозаҳои ин бахш ва дараҷаҳои таъсири институтҳои давлатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, олимони гуногун ва мактабҳои илмӣ назарҳои мухталиф доранд. Мавҷудияти тамсилаҳои гуногуни рушди бахши давлатии иқтисодиёт дар мамолики рушдкарда ва сохтори институтсионалию идоракунии онҳо далели гуфтаҳои боло мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имрӯзҳо дар марҳилаи интихоби модели конкретии рушди бахши давлатии иқтисодиёт, бунёду такмили институтҳо ва механизмҳои идоракунию танзими самараноки он қарор дорад.

Аз замони пайдоиши давлат, институти иҷтимоӣ ҳамчун шакли ташкили ҷомеа, байни он ва иқтисодиёт робитаи зичи мутақобила вуҷуд дорад. Сохт ва функсияҳои давлат худ ба худ не, балки дар ҷавоб ба талаботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла, хусусияти иқтисодидошта пайдо шуда, рушд меёбад. Рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, фарқияти молу мулки аҳолӣ, ташаккулёбии табақаҳо - ҳамаи ин ба тарзи муайян бахши давлатиро барои амалисозии талабот, манфиатҳо ва ҳадафҳои бавуҷудояндаи умумии иқтисодӣ барпо сохт. Зарурати танзими фаъолияти иқтисодӣ аз ҷониби давлат аллакай дар доираи системаҳои аввалини молӣ ба вуҷуд омад, ки боиси пайдоиши субъектҳои таърихан муайяни иқтисодӣ гардида, зарурати муносибатҳоро байни онҳо эҷод намуд. Пайдоиши субъектҳои калон ва ниҳоят калон дар натиҷаи якҷоякунонӣ ва марказикунонӣ ба тасаллути монополияҳо дар системаи иқтисодӣ, ки ба система асоси танзими аз худтанзимкунӣ фарққунандаро фароҳам овард, оғоз бахшид. Танзими макроиқтисодӣ боиси он мешавад, ки низоми иқтисодӣ такони муайянеро аз ҷониби субъекти нави иқтисодӣ дарк менамояд, ки чунин субъект дар ҳолати додашуда давлат ба ҳисоб меравад.

Навъи монополистии истеҳсолот, агар он дар динамика ба назар гирифта шавад, боиси ба ду қисм ҷудо шудани системаи иқтисодӣ мегардад. Дар як қутб шумораи маҳдуди гузоштани сармояи монополистӣ ташаккул меёбад, бинобар ин, кифояти захираҳои сармоягузорӣ, имкониятӣ таҷдиди босуръати маҳсулот, навъҳои мошинҳо ва таҷҳизот; дар ҷойи дигар, объектҳои камдаромадтар гузоштани сармоя ва норасоии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин натиҷа сохтори номутавозии иқтисодӣ ташаккул меёбад. Агар вазъияти бавуҷудомада аз ҷониби ҷомеа мақсаднок равона карда нашавад, он гоҳ пошхӯрии система бо сабаби тезутундшавии номутаносибии дохилии сохторӣ ногузир хоҳад шуд. Дар вазъияти бавуҷудомада табдили давлат ба субъекти иқтисодӣ раванди объективие мебошад, ки ҷунбишҳои мушаххасро дар системаи иқтисодӣ инъикос намуда, дар маҷмуъ, ба иқтисодиёт маънои зарурати ба макросистема ворид намудани унсури таъсири бошууронаро дорад.

Бахши давлатӣ дар чунин шароит ба танзимкунандаи иқтисодиёт табдил мегардад, ки қодир аст бошуурона ва мақсаднок ба он аз тариқи фишангҳои молиявӣ, қарзӣ, пулӣ ва дигар таъсир расонад, “қоидаҳои рафтор”, параметрҳои муҳити зисти ҳамаи субъеткҳои иқтисодиро бо шомили худи бахши давлатӣ, муайян намояд. Азбаски давлат ба иқтисодиёт бо манфиатҳои иқтисодии худ меояд, системаи иқтисодӣ бо зиддиятҳои нав, қаблан номаълуми миёни манфиатҳои давлат ҳамчун субъекти иқтисодӣ ва манфиатҳои субъектҳои дигар пур мешавад.

Системаи муосири иқтисодӣ, ҳатто оне, ки дар сатҳи кишвари алоҳида дида баромада мешавад, дар натиҷаи равандҳои объективӣ боз мегардад. Чунин тағйирот сабаби пайдо шудани субъектҳои наве мегардад, ки онҳо мехоҳанд низоми иқтисодиро бо назардошти хусусиятҳои хос ва воқеиятҳои рушди навтарин танзим намоянд. Институтҳои байналмилалии иқтисодӣ - Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА), Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР), Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ва баъзе дигарон - ба субъектҳои танзими макроиқтисодии системаи миллӣ бо назардошти мақоми он дар хоҷагии умумиҷаҳонӣ табдил меёбанд.

Иқтисод дар тули тамоми таърихи инсоният асоси моддии фаъолияти ҳаёти ҷомеа буда, айни замон, на ҳамеша дар итоати зерсистемаи ҷомеа қарор дошт. На дар сохти авлодӣ, на дар сохти ҷомеаи феодалӣ ва на одии моддии хоҷагӣ, чун қоида он ба системаи васеътари иҷтимоӣ шомил карда мешуд, ин дар характери давлат низ инъикос ёфт. Дар марҳилаҳои ибтидоии тамаддуни инсонӣ, ки системаи бозори истеҳсолот ва мубодиларо истифода мебурд, дахолати давлат тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта буд. Он андозҳо ва боҷҳои гумрукиро ҷамъ мекард, савдо ва гардиши пулиро ба танзим медаровард, параметрҳои бозорро бо шомили нархҳо ва андозаҳои музди меҳнат муайян мекард, қоидаҳои савдо ва ғайраро муқаррар месохт. Ин озодии фардиро маҳдуд месохт, вале дар чаҳорчӯбаи назари “анъанавӣ” ба ҷомеа ҳамчун ба организми ягона ғояи тасаллутдоштаро дар бораи зарурати маҳдудсозии тамоюлоти ғаразноки фардӣ алоҳида тавҷеҳ медод [1,с.68]. Бо оғоз ёфтани даврони капитализм ивазшавии маркази ҷозиба ба амал меояд. Дар қуллаи итоат иқтисодиёте қарор мегирад, ки системаи ҷамъиятиро мутобиқ ба самтҳои мақсадноки худ аз нав месозад. Капитализм худ тадриҷан ба давлат табдил меёбад. Ташаккулёбии давлати буржуазӣ дар таъминоти афзалиятноки намояндагони сохти хоҷагии нав - “соҳибкории озод” - зуҳур меёбад. Давлат “таъсири рақобат”-ро ҳимоя намуда, бо тадбирҳои сиёсие, ки ба таъмини озодӣ равона карда шудаанд, сабт менамояд.

Дар кори худ, А. Смит “Таҳқиқ дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо” [17,с.25] собит месозад, ки “бозии озодии қувваҳои бозорӣ сохти ҳамоҳангро эҷод менамояд”, ба зинаи дигари рушди тасаввурот дар бораи нақши давлат табдил мегардад. То оғози асрҳои XIX-XX, дар илми иқтисодӣ тасаввурот дар бораи он бартарӣ дошт, ки иқтисоди бозорӣ қодир аст баробарвазнии дарозмуддати бозориро бо кумаки механизмҳои дохилии худтанзимкунӣ дастгирӣ намояд. Дахолати давлат, ки аз чаҳорчӯбаи қонунгузории иҷтимоӣ ва бартараф сохтани “иллатҳои бозор”-и маълуми эътирофшуда берун мебаромад, зиёдтар ба назар гирифта шуд. Функсияҳои бахши давлатӣ бо таъмини базаи ҳуқуқӣ ва сохти ҷамъиятие, ки ба фаъолияти самаранокии иқтисодиёт (амният, ҳимояи ҳуқуқ ба моликият, риояи шартномаҳо ва ғ.) мусоидат

менамуд ва дахолати давлат ба тақсимоти захираҳо дар он мавридҳое, ки ин бо мулоҳизаҳои “баробарии иҷтимоӣ” тавҷеҳ мешавад, маҳдуд мешуданд [1,с.69].

Чунин нуқтаи назарро мактабҳои дигари илмии иқтисодӣ, бо қайд намудани ин ё он заифиҳои давлат ҳамчун институти танзими равандҳои иқтисодӣ ҷонибдорӣ мекарданд. Масалан, иқтисодчиён - радикалҳо давлатро барои таъмини азнавтақсимкунии муносиби даромадҳо бо сабаби тамоюли дохилӣ ба суботи сохтори синфӣ қодир намешумориданд. Одатан функсияҳои асосии давлат дар ҳимоя ва нигоҳ доштани институтҳои система ташкилкунандае зуҳур меёбанд, ки ба ҳокимияти синфи ҳукмрон такя мекунанд [15,с.25; 9].

Ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ бошад, таҳаввулоти қатъии сохтори институтсионалиро, ки аз ҷониби давлат амалӣ карда шуда наметавонад, талаб мекунад [15,с.26; 9]. Намояндагони мактаби австриягӣ низ мавҷуд будани ягон хел мушоҳиди марказие, ки дақиқан медонад, чи чиз маҳз барои ноилшавӣ ба натиҷаи самаранок дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа талаб карда мешавад, инкор мекарданд. Ба ақидаи онҳо, вақте шабакаи қоидаҳои ҷории бозорӣ бо шумораи афзояндаи директиваҳои мақсаднок иваз мешавад, тартиби мавҷуда тадриҷан вайрон мешавад. Системаи пешбиниҳои иқтисодӣ бошад, самаранокии худро гум мекунанд. Ҳамаи ин боиси афзоиши бесуботӣ ва чун натиҷа дахолати нави давлатӣ мегардад. Дар чунин шароит тартиботи ҷамъиятӣ, дар маҷмуъ, бо институтҳои бошуурона танзимшаванда иваз мешавад [19,с.18-23; 21,с.3].

Дар маҷмуъ, неоклассикҳо нуқтаи назари зикршударо ҷонибдорӣ намуда, барои муқобилият ба афзоиши хароҷоти ҷамъиятие, ки бо навовариҳо ва омилҳои дигар ба миён меомаданд, дахолати берунаро ба раванди иқтисодӣ дар шакли истифодаи андозҳо ва дотатсияҳо тавҷеҳ медоданд.

Ҳамин тариқ, самтҳои мазкури афкори иқтисодӣ, анаъанаҳои физиократҳоро идома дода, ба сифати идеологҳои либерализми иқтисодӣ баромад мекарданд. Бо ин ҳол, дар мавридҳои зиёд, давлат нақши катализаторро дар раванди рушди бозорҳо бозӣ карда, воситаҳои коммуникатсияро эҷод намуда, бо кори маорифпарварӣ машғул мешуд.

Дар охири асри XIX бар хилофи тасаввуроти классикӣ, дар бораи функсияҳои давлат, мактаби марксистӣ ба ҷонибдории тақвияти объективии давлат, дар натиҷаи равандҳои ҷамъиятикунонии истеҳсолот ва дар ҷараёни инкишофи капитализм баромад кард [11; 13; 10; 8].

Иқтисодчиёни олмонӣ Г. Шмоллер ва А. Вагнер [24,с.15; 25], ки ба мактаби катедер-сотсиалистҳо мансуб буданд, зарурати чунин функсияи қонунии давлат, ба монанди азнавтақсимкунии боигарӣ аз сарватмандон ба камбизоатонро асоснок намуданд. То ин вақт дар кишварҳои бисёр аллакай системаи таҳсилоти давлатии ибтидоӣ ташаккул ёфтанд, дар Олмон бошад, дар солҳои 80-ум системаи аввали таъминоти иҷтимоӣ ба вуҷуд омад. Вале дидгоҳҳо ба суботи макроиқтисодии иқтисоди бозорӣ ба таври ниҳоӣ танҳо дар солҳои 1930-юм, дар вақти инқилоби кейнсианӣ рад карда шуданд. Дар миёнаи асри XX иқтисодчиёне, ки ба ҷонибдории қудрати муносибатҳои бозорӣ баромад мекарданд, таъсири худро ба коркарди сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳимояи назари ҷамъиятӣ ба дараҷаи зиёд аз даст доданд. Дар мадди аввал, назарияпардозони дахолати фаъоли давлатӣ ба иқтисодиёт, пеш аз ҳама, кейнсианиҳо баромаданд.

Инқилоби кейнсианӣ вокунише буд, ба камбудиҳои равиши неоклассикӣ ба таҳлили ҳаёти иқтисодӣ. Он чизе, ки дар инқилоби кейнсианӣ тавлид меёфт, бояд ба монанди алтернативаи ҳам методологӣ ва ҳам назариявии мактаби неоклассикӣ мегардид. Муяссар гардид, нишон дода шавад, ки иқтисодиёти бозорӣ дохилан бесубот мебошад. Бинобар ин, зарурати дахолати фаъол ба фаъолияти макроиқтисодии хоҷагии бозорӣ ба вуҷуд меояд. Чунин дахолат ба тарзи беҳтарин зимни гузаронидани сиёсати дискретсионии макроиқтисодӣ, яъне сиёсате, ки вобаста ба вазъи конъюктураи иқтисодӣ тибқи дастури ҳукумат амалӣ карда мешавад.

Пайравони мактаби кейнсианӣ - посткейнсианиҳо низ ба таъмини сохтор ва ҳаҷми муносиби ҷараёнҳои молиявӣ таъкид мекарданд [6,с.25].

Бо вуҷуди вафодории анъанавӣ ба арзишҳои озоди иқтисодӣ ва шахсӣ, аксарияти иқтисодчиён муқаррароти бисёри назария ва амалияи давлатӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъул ё ба ном давлати хушбахтии умумиро ҷонибдорӣ менамуданд. Чунин самтҳои дахолати давлат, ба монанди дастгирии стандартҳои муайяни сатҳи зиндагӣ барои қишрҳои

камбизоат, махсусан, нафақахӯрон, маъюбон, ятимон сар то сар зарур эътироф карда мешуданд. Ин ба кафолатҳои ҳуқуқҳои ақаллиятҳои нажодӣ ва этникӣ низ дахл дошт.

Дар давоми қариб 40 сол пас аз Депрессияи бузург иштироки фаъоли давлат дар ҳаёти иқтисодӣ аз ҷониби аксарияти олимон-иқтисодчиён ҳамчун унсури зарурӣ ва аллакай воридшудаи рушди ҷамъиятӣ таъбир карда мешуд. Дар ин давра корхонаҳои давлатӣ хеле бомуваффақият дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Аврупо - аз нақлиёт (Британияи Кабир) ва саноати мошинсозӣ (Франсия ва Италия) то реклама (Франсия) - фаъолият мебурданд. Ҳатто дар ИМА, бо вуҷуди муносибати ба таври анъанавӣ ба нақши давлат дар иқтисодиёт ва ҷонибдории аксарият ба принсипҳои соҳибкории озод нафарони зиёд дахолати фаъоли танзимкунандаи давлатро ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ амали қобили қабул ва зарурӣ мешуморидагӣ шуданд.

Қариб дар тамоми кишварҳои аврупоӣ пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ислоҳоти пулиро барои ба тартиб даровардани гардиши пулӣ, амалӣ мегардониданд. Дар як қатор кишварҳо милликунонии васеъ гузаронида шуд, ба моликияти давлатӣ соҳаҳои томи иқтисодиёт ва бонкҳо мегузаштанд. Масалан, дар Франсия саноати ангишт, электроэнергетика, Бонки Франсия, дар Британияи Кабир - истихроҷи нафт ва газ, электроэнергетика, металлургияи сиёҳ, нақлиёти дохилӣ ва объектҳои дигари бузурги иқтисодӣ миллӣ кунонида шуданд. Дар аксари кишварҳо пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон вариантҳои мухталифи банақшагирӣ ва пешбинии иқтисодиёт рушд ёфтанд. Ба ин милликунонӣ ва афзалиятнокии вазифаҳои дарозмуддати стратегии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намуд.

Дар миёни консепсияҳое, ки ба тавсеаёбии функсияҳои иқтисодии давлат мусоидат намуданд, метавон назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ ва таъсироти берунаи бозорро ҷудо намуд, ки густариши бахши давлатиро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, ба монанди таҳсилот, тандурустӣ, илм, нақлиёт инъикос намуданд. Вале дар чаҳорчӯбаи консепсияҳои мушобеҳ, хамин тавр муяссар нашуд, таносуби оптималии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар дурнамои дарозмуддат, ки дар пастравии самараноки истифодаи захираҳо дар иқтисодиёт зуҳур ёфт, ноил гардад. Пас аз афзоиши глобалии суръати таворум ва барҳамхӯрии системаи асъори Бреттон-Вуд аён гардид, ки нақши иқтисодии давлат дар иқтисоди бозорӣ ҳаду ҳудуд ва мавқеи худро дорад, ки он самараи баланд медиҳад. Дахолати давлатӣ набояд ба худи асосҳои механизми бозорӣ, мустақилияти молистеҳсолкунандагон фишор орад, таносубҳои иқтисодӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ тавҷеҳёфтаро байни андӯхт ва истеъмол вайрон кунад. Аз солҳои 70-ум сиёсатмадорони аксари кишварҳо назарияи монетаристам М.Фридманро ҷорӣ карда истодаанд [20,с.25].

Монетаристон мушкилоти марбут бо дахолати давлатро баррасӣ намуда, пешниҳод намуданд, ки сиёсати иқтисодии давлат бояд ба таври дақиқ ба низом дароварда шавад. Аз нуқтаи назари онҳо, омили муайянкунанда бояд нигоҳ доштани афзоиши пешниҳоди пул дар сатҳе гардад, ки ба суръати афзоиши даромади воқеии миллӣ мутобиқат кунад. Чунин сиёсат маънои суботи сатҳи умумии нархҳоро дар давраи дарозмуддат дорад. Монетаристҳо бештар ба қисмати муҳофизакории ҷомеаи капиталистӣ такя намуда, ба самти бартараф сохтани барномаҳои давлатии иҷтимоӣ ва афзоиш додани ҳиссаи моликияти хусусӣ ҳаракат намуданд.

Мақоми махсусро дар миёни назарияҳое, ки ба тағйири муносибат ба дахолати давлатӣ таъсир расондааст, самти институтсионалии илмӣ ишғол менамояд [2,с.20]. Он дар оғози асрҳои XIX-XX пайдо шуда, фаъолона инкишоф меёбад ва дар рӯзҳои мо ба самтҳои навтар дар чаҳорчӯбаи методологияи институтсионалӣ табдил меёбад. Иқтисодиёти институтсионалӣ аз тамсилаҳои идеалии равиши неоклассикӣ рӯй мегардонад, ки боиси қарорҳо ва натиҷаҳои нав бо назардошти нопуррагии иттилоот, оқилона будани маҳдуди фардҳо мегардад.

Ҳаҷми оптималии дахолати давлатӣ ҳосила на аз параметрҳои бозор, балки аз хусусиятҳои муҳити институтсионалӣ эътироф мешавад, зеро давлат ба монанди бозор, яке аз вариантҳои таносуби мутамаркази ва ғайримаркази иқтисодӣ эътироф карда мешавад. Зарурати нақши мусбии танзими давлатиро собит сохта, институтсионалистҳо, пеш аз ҳама, саъй мекарданд, ки аз ҳудуди сифр равиши бозорӣ берун оянд. Аз ҷониби онҳо зарурати мавҷудияти дахолати давлатӣ рад карда намешавад, балки самтҳо ва

шиддатнокии таъсири давлатӣ дар марҳилаҳои мухталифи рушди ҷомеа муайян карда мешаванд. Дар натиҷаи он, ки такомули институтҳо на ҳамеша ба таври мусоид ба вазъ ва динамикаи хоҷагӣ таъсир мерасонад, рушди иқтисодӣ бошад, одатан бо мураккабшавии характери муомилоте ҳамроҳӣ дорад, ки боиси афзоиши хароҷоти трансаксионӣ мегардад, ки ин рушдро бозмедорад, қобилияти иқтисодиёти бозорӣ барои ноилшавӣ ба натиҷаҳои оптималӣ ба таври кофӣ паст мегардад. Фаъолияти иқтисодиёт ба таври назаррас бо сохти давлатӣ муайян карда мешавад, ки қонунҳои иқтисодиро ташаккул дода, ҳуқуқҳои самараноки моликиятро таъмин менамоянд.

Системаҳои самараноки иқтисодӣ сохторҳои мувофиқи институтсионалиеро ташаккул медиҳанд, ки қодиранд шокҳо ва дигаргуниҳоро аз сар гузаронанд ва унсури рушди бомуваффақият бошанд. Даҳсолаи охири асри XX-ум дар назди илми ҷаҳонии иқтисодӣ саволҳои сершумор ва мураккаби марбут ба пошхӯрии системаи глобалии сотсиалистӣ, воридшавии кишварҳои пас аз коммунистӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ба роҳи таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодиро гузошт.

Таҳқиқоти илмии масъалаҳои марбут ба самаранокии дахолати давлатӣ дар иқтисодиётҳои даври гузариш, дар ҳамин давра махсусан фаъолона гузаронида мешуданд. Мавзуи танзими давлатии иқтисодиёт имрӯз қариб яке аз мавзуъҳои марказӣ дар назарияи иқтисодӣ ва дар амалияи воқеии хоҷагидорӣ мебошад. Консепсияҳои мухталифи иштироки давлат дар чунин фаъолият, дар адабиёти ватании илмӣ ва дар солҳои охир низ фаъолона мавриди муҳокима қарор доранд [4; 7; 14; 5; 26].

Таҳқиқоти муосири илмӣ, афзоиши дахолати давлатиро ба ҳаёти иқтисодӣ шарҳ дода, якчанд омилҳои асосиеро муайян менамоянд, ки боиси раванди мазкур мешаванд.

Омили якум - чолишҳои муҳити иҷтимоӣ, масалан, раванди техникӣ, ҷунбишҳои демографӣ, тағйирот дар системаи иқтисодӣ мебошанд. Ҳамаи ин боиси зарурати тақвият ёфтани сиёсати иҷтимоӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии тандурустӣ, танзими ҳаёт дар шаҳрҳо, ҳифзи муҳити атроф ва ғ. мегардад. Ҷунбишҳои технологии ҳамаи навъҳо аз давлат афзоиши сармоягузориҳо ба илм, ташкили фаъолияти патентӣ ва ғайраро талаб менамояд.

Омили дуюм - афзоиши нақши давлат дар таъмини функсияи рушди иқтисодӣ мебошад. Он кишварҳое, ки ба роҳи индустриализатсиякунонӣ ё таҳаввулоти дигари калон миқёси технологӣ ва иқтисодӣ баромаданд, чун қоида дорои бахши васеътари давлатӣ ва танзими рушдёфтатари иқтисодиёт мебошанд. Дар чунин мавридҳо давлат ба сифати як навъ “локомотив” - таҳаввулоти иқтисодӣ, ба аккумулятсияи саъю талошҳои мақсаднок ва аз нав муҷаҳҳазкунонии техникии соҳаҳо, барномаҳои илмӣ, афзоиши сармоягузориҳо, сиёсати сохторӣ баромад мекунанд. Чунин роҳро Франсия ва Олмон, Ҷопон ва ИҶШС-и пас аз ҷанги I тай намуданд.

Омили сеюм - табиат ва динамикаи дохилии рушди давлат мебошад. Чун ҳар гуна ташкилоти дигар, давлат дар шахсияти институтҳои худ дорои худтакрористеҳсолкунӣ ва назорат буда, худмахдудкуниҳоро тобу тоқат надорад. Ин қариб боиси тавсеаёбии сохторҳои давлатӣ ва функсияҳои онҳо мегардад.

Омили чорум - таъсири равандҳои дохилии сиёсӣ мебошад. Аз ҳама муҳим, фарҳанги сиёсӣ ва қонунию асоснок шуморидани вазифаҳо ва амалҳои ба сомон расонидаи давлат мебошад. Қонунгузорӣ низ дар пурзур намудани нақши давлат ҳамчун ифодагар ва ҳамоҳангсози манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа омили бағоят таъсиррасон мебошад.

Назарияҳои муосири аз меъёр зиёди арзёбии нақши давлатӣ бо такя ба ҷанбаи сифатии функсияҳои аз ҷониби он иҷрошуда тавсиф меёбанд. Гарчанде нокомиҳои давлат аз ҷониби назарияи иқтисодӣ назар ба нокомиҳои бозор камтар омӯхта шудаанд, вале сабабҳои асосии ноқобилии давлат маълум мебошанд.

Метавон параллелҳои муайянро байни нокомиҳои бештар типикии бозор ва давлат гузаронид. Зимни амали озоди қувваҳои бозорӣ ангезаҳо барои истеҳсоли неъматҳои холиси ҷамъиятӣ эҷод карда намешаванд ва неъматҳое, ки эҷоди онҳо бо таъсироти назарраси беруна марбутанд, ба таври кофӣ истеҳсол карда намешаванд. Дар баробари ин, зимни мавҷуд будани бахши давлатӣ ва манфиатҳои гурӯҳҳои муассире, ки ба густариши миқёсҳои ин бахш саъй доранд, истеҳсоли аз ҳад зиёди неъматҳои ҷамъиятӣ ва неъматҳо бо таъсироти назарраси беруна комилан имконпазир аст.

Ба қувваҳои бозорӣ муяссар намешавад, ки ҷойгиркунонии беҳтарин ва истифодаи захираҳоро зимни мавҷуд набудани монополияҳои табиӣ таъмин намояд. Давлат аз ҷониби худ баъзан қудрати бозориро тақвият мебахшад, зеро тадбирҳои ба низом дароварандаи аз ҷониби он воридшаванда (масалан додани литсензия), аксар вақт воридшавиро ба соҳа барои истеҳсолкунандагони нав душвор месозад. Нокомиҳои бозор, инчунин, бо ассиметрияи иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти давлат марбутанд, ки дар робита ба инҳисоршавии иттилоот аз ҷониби ходимони дастгоҳи давлатӣ ба вуҷуд меоянд, ки бартариятҳои иттилоотиро ба манфиатҳои худ истифода мебаранд [22,с.138].

Таълимот дар бораи нокомиҳои давлат, ки дар доираи назарияи интихоби ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, ғояеро дар бораи он пешбарӣ ва асоснок менамояд, ки давлат - ин олот (инструмент)-и хеле номукаммал ва ҳатто дар мавридҳои зиёд, номатлуб мебошад, ки ба хизматрасониҳои он бояд танҳо бо муътақид шудан дар бораи тамом шудани имкониятҳои бозор, бо баркашидани ҳамаи тарафдорҳо ва зидҳо муроҷиат намуд. Нокомиҳои давлат бо сабаби камбудиҳои механизми ғайрибозории мутобиқсозии хароҷоти ҷузъӣ ва фоидаҳои қабулкунандаҳои қароркои сиёсӣ бо хароҷот ва фоидаҳои ҷомеа, дар маҷмуъ, ба вуҷуд меоянд. Таъсироти ҷонибии фаъолияти ғайрибозорӣ, албатта, ба таъсироти беруна аз фаъолияти бозорӣ мушобеҳанд. Вале тафовути муҳим аз он иборат аст, ки таъсироти манфии берунаро фирма, чун қоида бояд дар ин ё он дараҷа аз ҳисоби худ ҷуброн намояд, дар ҳоле ки таъсироти манфии ҷониби фаъолияти ғайрибозориро давлат, чун қоида ҷуброн наменамояд [23,с.32].

Маҳз барои ҳамин дар давраи трансформатсияи фаъоли системавии иқтисодиёти Тоҷикистон масъалаи самаранокии кори бахши давлатӣ актуалӣ боқӣ мемонад, зеро бахши давлатӣ дар мамлакат ҳодисоти нав аст ва он аз давлатҳои рушдкарда фарқ менамояд. Ин ҷо ба маврид аст, ки фарқияти онро орем:

- агар дар мамлакатҳои иқтисоди бозоргонӣ равандҳои иқтисодии асосӣ тавассути механизм» бозорӣ ба танзим дароварда мешаванд, аммо давлат танҳо батанзимдарории суробиро(контуриро) ба роҳ мемонад, дар ин вақт дар ҷумҳурӣ чунин механизм вуҷуд надошт ва функсияи асосии иқтисодиро давлат иҷро менамуд.
- аз навташкилёбии бозоргонӣ дар мо аз боло ба роҳ монда шуд, инчунин, ҷараёни бошуурона ва давлат уҳдадор буд, ки шаклҳои нави хоҷагидориро барпо намуда ҷараёни номатлубро маҳдуд намояд, ислоҳотро назорат барад.
- гузариш ба бозор ва бозоргонӣ дар ҷумҳурӣ дар шароити бисёрҳизбӣ ба роҳ монда шуд, аммо на ягон ҳизб, ташкилот қудрати иҷро намудани функсияҳои умумимиллиро надоштанд.
- дар шароити иқтисодиёти гузариш самти иқтисодии бахши давлатӣ - ин аз як тараф, фароҳам овардани шароитҳо бахри самаранокии функсияҳои иқтисоди бозоргонӣ бошад, аз тарафи дигар коркарди системаи воситаҳо оид ба иловакунонӣ, ислоҳдарорӣ иҷроиши функсияҳои механизми бозоргонӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, таҳлили онтологии афкори иқтисодие, ки дар боло гузаронида шуд, имкон медиҳад дидгоҳҳои мактабҳои мухталиф нисбат ба нақши давлат ва бахши давлатӣ, шаклҳо, объектҳо ва методҳои дахолати давлат ба иқтисодиёт ҷамъбаст карда шавад. Аз ин рӯ, интихоб байни бозор ва давлат на интихоб байни номукаммалӣ ва мукаммалӣ буда, бештари ин интихоб байни алтернативаҳои номукаммал мебошад. Масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, саҳеҳтар аст дар бораи нақш ва ҳудудҳои давлат дар иқтисодиёт ва ҷомеа на ба таври умумӣ гуфта шавад, балки дар асоси вазъияти мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишвар, анъанаҳо ва тасаввурот, руҳияҳои бартаридошта, инчунин, вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии дар назди кишвар истода гуфта шавад. Бо рушди системаи иқтисодӣ нақши бахши давлатӣ ва функсияҳои ба он вогузоршаванда тағйир меёбад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Бродель Ф. Динамика капитализма / Ф. Бродель. -Смоленск: Полиграмма, 1993. -С.68-69.
2. Веблен Т. Теория праздного класса / Т. Веблен. -М.: Прогресс, 1984. -367 с.
3. Визер Ф. Теория общественного хозяйства / Перевод А.Ф. Хинрихса. -New York, 1927. [Электронный ресурс]. URL: http://ek-lit.agava.ru/vizsod.htm свободный.

4. Гребенников В.Г. Ассоциации на пройденные темы / В.Г. Гребенников // Экономическая наука современной России. - 1998. -№1. -С.104-116.
5. Илларионов А. Размеры государства и экономический рост / А. Илларионов, Н. Пивоварова // Вопросы экономики. - 2002. -№9. -С.18-45.
6. Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. –М., 1978. [Электронный ресурс]. URL: http://www/ek-lit/agava.ru/keynsod.htm свободный
7. Корнай Я. Путь к свободной экономике: Десять лет спустя // Проблемы теории и практики управления. 2000..№ 12. С. 41-55.
8. Ленин В. Государство и революция. -М.: Жизнь и знания, 1918. [Электронный ресурс]. URL: http://komsomol-nn.narod.ru/arhiv/chtivo klassiki/Lenin Gosudarstvo i rev.html свободный.
9. Мальтус Т. Опыт о законе народонаселения и Антология экономической классики: В 2Т.- Т.2. -М.: Эконов, 1993.
10. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. Т.14. -2-е издание. -М.: Госполитиздат, 1959.
11. Маршалл А. Принципы экономической науки. В 3-х томах / А. Маршалл. -М.: Прогресс. 1993. –С.416, 312, 352.
12. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. -М: Фонд экономической книги "Начала", 1997. [Электронный ресурс]. URL: httnyZwww.liberai.nl/bookl.asn свободный.
13. Пигу А. Экономическая теория благосостояния. В 2-х т. / А. Пигу; пер. с англ. -М.: Прогресс, 1985. -Т.I. -512 с.
14. Полтерович В.М. Кризис экономической теории / В.М. Полтерович // Экономическая наука современной России. - 1998. -№1. -С.46-66.
15. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения и Антология экономической классики: В 2Т.- Т1. / Д. Рикардои -М.: Эконов, 1993.
16. Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции. -М.: Прогресс, 1986. [Электронный ресурс]. URL: http://ganerv.economicus.ru свободный.
17. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов и Антология экономической классики: В 2 Т,- Т1./ А. Смит. -М.: Эконов, 1993.
18. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ]. URL: minjust.ww.tj
19. Сэй Ж-Б. Трактат политической экономии. -М., 1896. [Электронный ресурс]. URL: http://gallery.economicus.ru свободный.
20. Фридман М. Количественная теория денег. [Электронный ресурс]. URL: http://ek-lit.agava.ru/fridsod.htm свободный.
21. Хайек Ф. Индивидуализм и экономический порядок. [Электронный ресурс]. URL: http://www.libertarium.ru/libertarium/9935 свободный.
22. Ходжаев П.Д. Оценка развитиЯ институциональных отношений между общественным и другими секторами сферы услуг / П.Д. Ходжаев // Финансово-экономический вестник. - 2021. -№4(28). -С.136-141.
23. Ходжаев П.Д. Усиление роли государства в достижении социально-экономического оптимума в общественном секторе сферы услуг / П.Д. Ходжаев // «Бенефициар»- журнал экономических наук. -Кемерово, 2018. -№29. -С.31-36.
24. Шмоллер Г. О некоторых основных вопросах права и народного хозяйства / Г. Шмоллер. [«Ueber einige Grundfragen des Rechtes und der Volkswirtschaft»] (1875).
25. Шмоллер Г. Об основополагающих вопросах социальной политики и народнохозяйственного учения / Г. Шмоллер. [«Uber Grundfragen der Sozialpolitik und der Volkswirtschaftslehre»] (1898).
26. Ясин Е. Бремя государства и экономическая политика и Вопросы экономики / Е. Ясин. - 2002. -№11. -С.4-30.

## СОҲИБКОРИИ ДАВЛАТӢ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Дар мақола соҳибкории давлатӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ дида баромада шудааст. Аз ҷониби муаллиф, таҳлили онтологии афкори иқтисодӣ гузаронида шуда, имкон медиҳад дидгоҳҳои мактабҳои мухталиф нисбат ба нақши давлат ва бахши давлатӣ, шаклҳо, объектҳо ва методҳои дахолати давлат ба иқтисодиёт ҷамъбаст карда шавад. Аз ин рӯ, интихоб байни бозор ва давлат на интихоб байни номукаммалӣ ва мукаммалӣ буда, бештар ин интихоб байни алтернативаҳои номукаммал мебошад. Масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, саҳеҳтар аст дар бораи нақш ва ҳудудҳои давлат дар иқтисодиёт ва ҷомеа на ба таври умумӣ гуфта шавад, балки дар асоси вазъияти мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишвар, анъанаҳо ва тасаввурот, руҳияҳои бартаридошта, инчунин, вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии дар назди кишвар истода, гуфта шавад. Бо рушди системаи иқтисодӣ нақши бахши давлатӣ ва функсияҳои ба он вогузоршаванда тағйир меёбад. Ба ақидаи муаллиф, дар давраи трансформатсияи фаъоли системавии иқтисодиёти Тоҷикистон, масъалаи самаранокии кори бахши давлатӣ мубрам боқӣ мемонад, зеро бахши давлатӣ дар мамлакат ҳодисоти нав аст ва он аз давлатҳои рушдкарда фарқ менамояд.

**Калидвожаҳо**: соҳибкории давлатӣ, низом, иқтисоди бозорӣ, давлат, ҷомеа, трансформатсия, вазифа, рушди иқтисодӣ.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО В СИСТЕМЕ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается государственное предпринимательство в системе рыночной экономики. Автор провел онтологический анализ экономической мысли, позволяющий обобщить взгляды разных школ на роль государства и государственного сектора, формы, объекты и методы государственного вмешательства в экономику.

Поэтому выбор между рынком и государством - это не выбор между несовершенством и совершенством, а скорее, выбор между несовершенными альтернативами. Обсуждая этот вопрос, правильнее говорить о роли и территориях государства в экономике и обществе не в общем виде, а исходя из конкретной социально-экономической и политической ситуации в стране, традиций и представлений, сложившихся настроений, а также социально-экономических задач, стоящих перед страной. С развитием экономической системы меняются роль государственного сектора и возложенные на него функции. По мнению автора, в период активной системной трансформации экономики Таджикистана вопрос эффективности государственного сектора остается актуальным, поскольку государственный сектор является новым явлением в стране и отличается от развитых стран.

**Ключевые слова:** государственное предпринимательство, система, рыночная экономика, государство, общество, трансформация, задача, экономический рост.

**STATE ENTREPRENEURSHIP IN THE MARKET ECONOMY**

The article deals with state entrepreneurship in the market economy system. The author carried out an ontological analysis of economic thought, which makes it possible to generalize the views of different schools on the role of the state and the public sector, forms, objects and methods of state intervention in the economy. Therefore, the choice between the market and the state is not a choice between imperfection and perfection, but rather a choice between imperfect alternatives. Discussing this issue, it is more correct to speak about the role and territories of the state in the economy and society not in general terms, but based on the specific socio-economic and political situation in the country, traditions and ideas, prevailing moods, as well as the socio-economic tasks facing the country. With the development of the economic system, the role of the public sector and the functions assigned to it are changing. According to the author, during the period of active systemic transformation of the Tajik economy, the issue of the efficiency of the public sector remains relevant, since the public sector is a new phenomenon in the country and differs from developed countries.

**Keywords:** state entrepreneurship, system, market economy, state, society, transformation, task, economic growth.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тагойназаров Амриддин Қутбидинович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисод. **Суроға:** 734005, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони . Телефон: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Тагойназаров Амриддин Кутбидинович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес**: 734005, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

**Information about the author:** ***Amriddin Kutbidinovich Tagoynazarov*** – Tajik National University, applicant for the Department of Economic Theory. **Address**: 734005, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

ТДУ: 338.45(575.34)

# ТАҲЛИЛИ ТАҒЙИРОТ ДАР СОХТОРИ ҲУДУДИИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*Дӯстзода М.Ҳ., Холов Т.А.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Муносибгардонии иқтисодӣ ва иҷтимоии равандҳои шаклдигаркунандагӣ дар сохтори ҳудудии иқтисодиёти кишоварзии минтақаҳо яке аз функсияҳои давлат ва вазифаҳои муҳимми сиёсати минтақавӣ ва идоракунии минтақавӣ мебошад. Дар даврони шуравӣ дар ҷумҳурӣ дар танзими шаклҳои СҲХ-и минтақаҳо таҷрибаи муайяне андӯхта шудааст, аммо дар бораи сиёсат ва идоракунии самаранок ба роҳмондашуда дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ такмил меҳоҳад.

Сохтори ҳудудии хоҷагӣ яке аз мафҳумҳои калидии иқтисодиёти минтақа мебошад. Ба ақидаи Э.Б. Алаев, сохтори ҳудудии хоҷагӣ, ин маҷмуи алоқаҳои байни чунин унсурҳое мебошад, ки дар он шарти ҳатмии татбиқи алоқаҳо – бартарафсозии монеаҳои маконӣ буда, ба яке аз захираҳои оқилона гардонидани онҳо дар коҳиш додани хароҷоти энергия нуҳуфта аст. Иқтисодчӣ ва ҷуғрофшиноси шуравӣ Исаак Моисеевич Майергойз, ки дар нимаи дуюми асри XX ба таълимот дар бораи сохтори ҳудудии хоҷагӣ асос гузоштааст, онро ба таври зайл муайян кардааст: сохтори ҳудуди хоҷаги, ин маҷмуи унсурҳои ҳудудии ба таври муайян ба ҳам наздик ва алоқаҳои мураккаби тарафайндошта, ки дар раванди рушд фаъолияти низоми хоҷагии халқ қарор доранд, мебошад.

Сохтори ҳудудии хоҷагӣ (СҲХ) ба ҳайси асоси ташкили ҳудудии хоҷагӣ дар тамоми зинаҳои иерархияи маконӣ – аз сатҳи локалӣ то ҷаҳонӣ баромад мекунад. Ҳамзамон, СҲХ дар тамоми сатҳҳо дар худ умумияти макониро таҷассум менамояд. Сохтори ҳудудӣ асоси ташкили ҳудуди умумии хоҷагии минтақа мебошад.

Ба ҳайси қисматҳои ҳудудии сохторӣ, ҳалқаҳои сохтории ҳудудӣ – ташкилаҳои устувори иқтисодӣ-географии тавсифкунандаи миқёснокӣ, макон, зичӣ ва унсурҳои дохилии сохтории ба ҳам наздик ҷойгиршуда хизмат менамоянд. Ин унсурҳо минтақаҳо, ноҳияҳо, зерноҳияҳои иқтисодӣ, нуқтаҳои хоҷагидорӣ ва таркиботи одии СҲХ – марказҳои иқтисодӣ (масалан, шаҳр) ва нуқтаҳо (корхонаи мушаххас) буда метавонанд.

Дар асри XX СҲХ-и, хоҷагиҳои ҷаҳон, мамлакатҳо, минтақаҳо ба яке аз объектҳои калидии таҳқиқоти иқтисодӣ табдил ёфта буданд. Аз байни олимони хориҷӣ, пеш аз ҳама, асарҳои илмии В. Кристаллер, А. Лёша ва А. Веберро номбар кардан мумкин аст. Яке аз усулҳои асосии таҳлили СҲХ амсиласозӣ гаштааст. Масалан, дар асоси амсиласозии математикӣ В. Кристаллер назарияи ҷойҳои марказиро ташаккул додааст. Мувофиқи назарияи В. Кристаллер, дар муҳити бозорӣ қонунияти ифодаёфтаи макони ҷойгиршавии нуқтаҳои аҳолинишин (марказҳои иқтисодӣ) дар атрофи маҳалҳои сатҳи баланди зинавидошта маҷуд аст. Ӯ мефаҳмонад, ки чаро молҳо ва хизматрасониҳои зарурати аввал дар ҳар як нуқтаи аҳолинишин, дигарҳо (либос, устохонаҳои таъмирӣ ва ғайра) дар маҳалҳои сатҳи миёнадошта ва молҳои махсус бошад, масалан, ашёҳои ороишӣ танҳо дар марказҳои калон истеҳсол мешаванд.

Зимни ташаккули сиёсати ҳудудӣ ва ташкили идоракунии хоҷагӣ дар сатҳи минтақавӣ, хусусан дар минтақаҳои куҳнаазхудшуда, беҳаракатии СҲХ-ро ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Яке аз омилҳои асосии беҳаракатии СҲХ-и минтақа, мавҷудияти каркаси ҳудудии таърихан ташаккулёфта мебошад. Каркаси ҳудудӣ ин асосе мебошад, ки ҳамаи чиз дар он қарор дошта, ҳудудро ташаккул ва ба он шакли муайянеро медиҳад. Каркаси ҳудудии мамлакатҳо ва минтақаҳо, пеш аз ҳама, шаҳр ва инфрасохторро (нақлиётӣ, иттилоотӣ ва ғайраро) ташаккул медиҳад. Муносибгардонии иқтисодӣ ва иҷтимоии равандҳои шаклдигаркунандагӣ дар СҲХ-и минтақаҳо, яке аз функсияҳои давлат ва вазифаҳои муҳимми сиёсати минтақавӣ ва идоракунии минтақавӣ мебошад. Дар даврони шуравӣ дар ҷумҳурӣ дар танзими шаклҳои СҲХ-и минтақаҳо таҷрибаи муайяне андӯхта шудааст, аммо дар бораи сиёсат ва идоракунии самаранок ба роҳмондашуда дар шароити муосир камбудиҳо мавҷуд аст.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳо ё вилоятҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 1992 ташкил ёфтааст. Ҳудуди вилоят 24,6 ҳазор км$^2$ буда, аҳолии он то 1 январи соли 2018 3198,5 ҳазор нафарро ташкил медод, яъне бештар аз 35,4%-и аҳолии ҷумҳурӣ дар ин вилоят зиндагӣ мекунад. Шумораи аҳолии шаҳр 17,2%, аҳолии деҳот 82,8%-ро ташкил медиҳад. Зичии аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар вилоят дар 1 км$^2$ 129,5 нафар мебошад. Дар вилоят 24 ноҳия, 4 шаҳр ва 133 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Маркази вилоят шаҳри Бохтар аст. Масофа аз шаҳри Бохтар то шаҳри Душанбе 100 км мебошад. Вилояти Хатлон дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Харитаи вилояти Хатлон дар расми 1 оварда шудааст.

**Расми 1. Харитаи вилояти Хатлон**
**Figure 1. Map of Khatlon region**




Ҳудуди васеи вилояти Хатлон, масоҳати калони он аз ғарб ба шарқ ва аз шимолу шарқ ба ҷанубу ғарб тағйирёбиро дар шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ боис гардидааст. Ҳудудҳои гуногуни вилоят хусусиятҳои худро доранд, ки дар мавқеи географӣ, заминаҳои табиӣ-иқтисодии ташаккул ва рушди хоҷагӣ, сохтор ва самтнокии он дар имкониятҳои рушди минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда зоҳир мегарданд. Ҳамаи ин чун асоси объективии ташаккули ду минтақаи табиӣ-иқтисодӣ дар вилоят, яъне минтақаҳои Вахш ва Кӯлоб хизмат намуд. Мухтасар равшанӣ андохтан ба хусусиятҳои минтақаҳои мавҷудаи вилоят ва ба қадри имкон нишон додани рушди ояндаи иқтисодиёти аграрии минтақаро аз ҷиҳати методологӣ дуруст ҳисоб мекунем.

Минтақаи Вахш водиҳои Панҷи Поён, Вахши Поён, Кофарниҳони Поёнро масоҳати умумии 11,4 ҳазор км$^2$-ро (8%-и қаламрави ҷумҳурӣ) фаро мегиранд ва ба ноҳияҳои гармтарини ҷумҳурӣ мансуб мебошанд. Дар минтақаи Вахш 22%-и аҳолии ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунад ва аз онҳо 31,7% сокинони шаҳр мебошанд. Зичии аҳолӣ 153,2 нафар дар 1 м$^2$ аст. Минтақа бо роҳҳои хеле калон таъмин аст (213,2 км дар 1000 км$^2$ ҳудуд). Миқдори 17,5%-и тамоми роҳҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла 16,6%-и роҳҳои автомобилгард ва 34,3%-и роҳҳои оҳан дар ин минтақа ҷойгир мебошанд.

Минтақаи Вахш соҳаи баландрушдёфтаи кишоварзиро дорад, ки дар он пахтакорӣ (асосан пахтаи навъи маҳиннах) соҳаи махсус мебошад. Дар ин ҷо бештар аз 50%-и пахтаи навъи маҳиннахи ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Дар минтақаи Вахш бештар аз 62,7 фоизи аҳолии вилоят зиндагӣ мекунад ва ба он қариб 57,2%-и майдонҳои кишти вилоят рост меояд (ҷадвали 1). Ҳиссаи мазраа ва ниҳолзор дар заминҳои кишоварзӣ 21,3%, чарогоҳҳо 77,9%-ро ташкил додааст. Беш аз 19,1%-и заминҳои кишоварзӣ обёрӣ мешаванд, дар сохтори майдони кишт заминҳои 86,8%-ро ташкил медиҳанд. Аз ҳисоби

обёрии заминҳои нав имконияти калони афзоиши заминҳои обёришаванда мавҷуд аст. Дар минтақа қариб 40%-и маҳсулоти умумии кишоварзии ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад, ҳиссаи растанипарварӣ дар он 88,7%-ро ташкил медиҳад. Дар растанипарварӣ бештар аз 60%-и маҳсулот ба пахтакорӣ рост меояд. Минтақа қисми бештари пӯсти қароқӯл ва растаниҳои ситрусии ҷумҳуриро ба аҳолӣ пешкаш менамояд. Доираи хоҷагии ҷангали рақобатпазири вилояти Хатлонро бо парвариши анор, анҷир, тут, ситрусӣ, писта, олу, себ, нок ва ғайраҳо васеъ намуда, ноҳияҳои алоҳидаи минтақаро ба марказҳои туризми байналмилалӣ табдил додан зурур аст.

**Ҷадвали 1. Аҳолӣ ва майдонҳои кишти минтақаҳои Вахш ва Кӯлоби вилояти Хатлон**
**Table 1. Population and cultivated areas of Vakhsh and Kulob regions of Khatlon region**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | | **2021** | | **Тағйирот (+,-)** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** |
| Аҳолӣ | 1979,3 | 1145 | 2254,3 | 1282,8 | 275 | 137,8 |
| Майдонҳои кишт | 227441 | 179354 | 249425 | 181087 | 21984 | 1733 |
| Аҳолӣ,% | 63,3 | 36,7 | 63,7 | 36,3 | 0,4 бф | -0,4 бф |
| Майдонҳои кишт, % | 55,9 | 44,1 | 57,9 | 42,1 | 2 бф | -2 бф |

Манбаъ: Аз рӯйи Омори вилояти Хатлон. – 2022. –С.14, 128 ҳисоб карда шудааст.

Минтақаи Кӯлоб 9%-и қаламрави Тоҷикистонро ишғол карда, дар қисми ҷанубу шарқии он ҷойгир аст. Дар ин минтақа 13%-и аҳолии ҷумҳурӣ умр ба сар бурда, зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ 147 нафар аст. Соҳаи кишоварзии минтақа самти пахтакорӣ ва чорводории рушдёфтаро дорад. Дар минтақаи Кӯлоб 36,3%-и аҳолии вилояти Хатлон зиндагӣ мекунад ва ба он 42%-и майдонҳои кишти вилоят рост меояд (ҷадвали 1). Ба ҳиссаи киштзору ниҳолзор 23,6% рост меояд ва 38,2%-и киштзору 66,9%-и ниҳолзор обёришаванда мебошанд. Минтақаи Кӯлоб 16,5%-и маҳсулоти умумии кишоварзии ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Дар сохтори маҳсулоти кишоварзӣ пахтакорӣ 60% ва чорводорӣ бештар аз 20%-ро ташкил медиҳад. Илова бар ин, минтақа 36,7%-и ғалладона ва 14,3%-и пиллаи ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Дар минтақаи Вахш 15 ноҳияи маъмурӣ ва дар минтақаи Кӯлоб 10 ноҳияи маъмурӣ мавҷуд аст.

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2015-2021 дар вазъи аҳолӣ ва майдонҳои кишти минтақаҳои вилояти Хатлон пешравиҳо рӯй додаанд. Дар давраи таҳлилшаванда аҳолии минтақаи Кӯлоб ба 137,8 ҳазор нафар ва майдонҳои кишт ба 17,3 ҳазор гектар зиёд шуд. Дар минтақаи Вахш шумораи аҳолӣ ба 275 ҳазор нафар ва майдонҳои кишт ба 21,9 ҳазор гектар афзун шудааст. Мутаносибан, дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи аҳолии минтақаи Вахш ба 0,4 банди фоиз ва майдонҳои кишт ба 2 банди фоиз афзоиш ёфтааст. Дар минтақаи Кӯлоб ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 0,4 ва 2 банди фоиз кам шуд. Ин тағйирот аз фаъолияти мусоиди зиндагии аҳолӣ, шароити фаъолияти хоҷагӣ-иқтисодӣ ва аз муҳоҷирати аҳолӣ, ки васеъшавии майдонҳои киштро ба вуҷуд меоранд, шаҳодат медиҳанд.

Таҳлили истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ махсусгардонии рӯйдиҳандаи истеҳсолотро дар минтақаҳои вилояти Хатлон, ки аз талаботи бозор бармеояд, нишон медиҳад. Масалан, истеҳсоли маҳсулоти ғалладона дар минтақаи Вахши вилояти Хатлон тамоюл ба афзоиш дорад: соли 2021 назар ба соли 2015 миқдори 22,8 ҳазор тонна бештар истеҳсол шуд, сатҳи афзоиш 105,8%-ро ташкил дод. Дар минтақаи Кӯлоб истеҳсоли маҳсулоти ғалладонаҳо ба 21,8 ҳазор тонна (ё 6,8%) афзоиш ёфт. Дар ҳар ду минтақа истеҳсоли пахта зиёд гаштааст. Истеҳсоли пахта дар минтақаи Вахши вилояти Хатлон 47,2% ва дар минтақаи Кӯлоб 31,9% зиёд шудааст. Ҳамин тавр, тамоюли болравии истеҳсоли пахта, ки соҳаи стратегии кишоварзии мамлакат ва вилоят аст, мушоҳида мегардад. Пайаста бо афзудани ҳаҷми коркарди пахта дар дохили мамлакат чун шароти асосии ташкили талаботи самаранок барои афзоиши пахтакорӣ неру гифта истодааст. Дар оянд ин тамоюл суръат хоҳад гирифт. Тавре дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз

соли 2019 қайд карда шуд буд, «ҳоло ҳиссаи ночизи пахтаи истеҳсолшуда дар дохили мамлакат коркард мегардад, имкониятҳои ҷойдошта бошад дар самти ташкили ҷойҳои корӣ дар соҳаи бофандагӣ, ба таврӣ кофӣ мавриди истифода қарор намеёбад. Тибқи маълумоти оморӣ солҳои охир дар дохили мамлакат танҳо 10-12%-и нахи пахта коркард мегардад. Соли 2018 содироти нахи пахта дар муқоиса бо соли пешина ду маротиба афзоиш ёфтааст». Пас аз дастуру супориши роҳбари давлат, мамлакат тамоюли афзоиши ҳаҷми коркарди пахта дар мамлакат рӯйи кор омад. Бо дарназардошти гузариш ба татбиқи роҳи саноаткунонии босуръати мамлакат нақш ва аҳаммияти зарурати рушди пахтакорӣ чун манбаи ашёи хоми рушди соҳаи бофандагӣ ва соҳаҳои дигари саноат зиёд мегарданд.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли навъҳои асосии растанипарварӣ дар минтақаҳои Вахш ва Кӯлоби вилоят**

**Table 2. Production of the main types of plant breeding in Vakhsh and Kulob regions of the region**

| Нишонди-ҳандаҳо | 2015 | | 2021 | | Тағйирот (+,-) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** |
| Ғалладонаҳо | 429926 | 409403 | 595097 | 437585 | 165171 | 28182 |
| Пахта | 141348 | 46993 | 208084 | 61920 | 66736 | 14927 |
| Картошкаа | 159350 | 82646 | 137274 | 76528 | -22076 | -6118 |
| Сабзавот | 669525 | 234393 | 1160427 | 387653 | 490902 | 153260 |
| Полизӣ | 326464 | 113942 | 455816 | 189467 | 129352 | 75525 |

Манбаъ: Аз рӯйи Омори вилояти Хатлон, 2022, С.138- 142 ҳисоб карда шудааст.

Истеҳсоли картошка дар ҳар ду минтақа тамоюл ба пастравӣ дошт ва соли 2021 дар муқоиса бо соли 2015 дар минтақаи вахш ба миқдори 22,1 ҳазор тонна ва дар минтақаи кӯлоб 6,1 ҳазор тонна кам шудааст. Ин бо самаранокии пасти истеҳсоли картошка, ки аз шароити номусоиди тропикии минтақаи Вахш барои истеҳсоли самараноки картошка бармеояд, алоқаманд аст. Азбаски дар аксари ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб барои истеҳсоли картошка шароити нисбатан мусоиди иқлимӣ доранд, бинобар ин, бар афзун намудани истеҳсоли он бояд татбирҳои зарурӣ андешидан лозим аст. Истеҳсоли сабзавот ва полизӣ дар ҳар ду минтақаҳои вилояти Хатлон афзоиш ёфтааст. Дар минтақаи Вахш ҳаҷми истеҳсоли сабзавот дар давраи таҳлилшаванда (солҳои 2015-2021) 490,9 ҳазор тонна ва полезӣ 129,3 ҳазор тонна зиёд гардид, ки мутаносибан рушди он 173,3% ва 139,6%-ро ташкил намуд. Дар минтақаи Кӯлоб истеҳсоли сабзавот 153,2 ҳазор тонна ва полезӣ 75,5 ҳазор тонна зиёд шуда, мутаносибан рушди он 165,3% ва 166,2%-ро ташкил дод. Тавре рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, суръати афзоиши истеҳсоли сабзавот ва полезӣ дар минтақаи Вахш баландтар будааст. Ба ақидаи мо, ин бо шароити муносибтари иқлими минтақаи Вахш барои истеҳсоли сабзавот ва полезӣ алоқаманд аст.

**Ҷадвали 3. Тағйироти сохтори минтақавӣ дар истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ дар солҳои 2015-2021**

**Table 3. Changes in the regional structure in the production of the main types of plant breeding products in 2015-2021**

| Нишондиҳандаҳои истеҳсолот | 2015 | | 2021 | | Тағйирот (+,-) (ҳаҷми тағйироти сохторӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** | **Минтақаи Вахш** | **Минтақаи Кӯлоб** |
| Ғаладонаҳо | 51,2 | 48,6 | 57,6 | 42,4 | 6,4 | -6,4 |
| Пахта | 75,0 | 25,0 | 77,1 | 22,9 | 2,1 | -2,1 |
| Картошка | 65,8 | 34,2 | 64,2 | 35,8 | -1,6 | 1,6 |
| Сабзавот | 74,1 | 25,9 | 74,9 | 25,1 | 0,8 | -0,8 |
| Полезӣ | 74,2 | 25,8 | 70,6 | 29,4 | -3,6 | 3,6 |

Манбаъ: Аз рӯйи Омори вилояти Хатлон. – 2022. -С.138-142 ҳисоб карда шудааст

Ҳамин тавр аз ҷадвали 3 дида мешавад, дар минтақаи Вахш ҳиссаи истеҳсоли ғалладонаҳо соли 2021 57,6% ва соли 2015 51,2%-ро ташкил додаст. Дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи минтақаи Вахш дар истеҳсоли маҳсулоти ғалладона 6,4% банди фоиз афзуд ва индекси тағйироти сохторӣ 12,5%-ро ташкил намудааст. Аммо ҳиссаи минтақаи Кӯлоб дар истеҳсоли маҳсулоти ғалладонаҳо хеле кам шудааст. Дар истеҳсоли пахта, дар ҳар ду минтақа тағйироти калон мушоҳида мегардад: 2,1% ва (-2,1%) банди фоиз. Аммо, ба ҳар ҳол, ҳиссаи истеҳсоли пахта дар минтақаи Вахш аз 75,0% то 77,1% афзудааст. Дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи афзоиш дар истеҳсоли картошка дар минтақаи Кӯлоб ба амал омадааст. Дар давраи солҳои 2015-2021 ҳиссаи истеҳсоли картошкаи вилоят дар минтақаи Вахш аз 65,8% то 64,2%, яъне 1,6 банди фоиз кам шудааст. Ҳиссаи минтақаи Кӯлоб дар истеҳсоли ин намуди маҳсулот 34,2% то 35,8% афзоиш ёфтааст. Ҳамин тавр, махсусгардонии минтақаи Кӯлоб дар истеҳсоли картошка дар доираи вилояти Хатлон мушоҳида мегардад. Тавре аз маълумоти ҷадвал ба назар мерасад, дар минтақаи Вахш бештар аз 74,9% сабзавот ва бештар аз 70% полезии вилоят истеҳсол мешавад. Ҳиссаи истеҳсоли сабзавот дар минтақаи Вахши вилоят дар давраи солҳои 2015-2021 мутаносибан аз 74,1% то 74,9% афзоиш ёфтааст. Аммо маҳсулоти полезӣ бошад, аз 74,2 то 70,6% кам шудааст. Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулотҳои сабзавотӣ дар минтақаи Кӯлоб дар соли 2021 мутаносибан 25,1% ва 25,9%-ро ташкил дода, дар муқоиса бо соли 2015 мутаносибан 0,8 банди фоиз кам шудааст. Аммо маҳсулоти полизӣ дар ин давра аз 25,8 то 29,4%, яъне 3,6 банди фоиз зиёд шудааст. Ҳамин тариқ, тағйироти сохторӣ дар истеҳсоли полезӣ бо бартарияти минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон анҷом ёфтааст.

Бо дарназардошти он, ки дар минтақаи Вахш ҳиссаи истеҳсоли ғалладонаҳо, пахта ва сабзавот дар сатҳи хеле баланд қарор доранд, тағйироти сохтории дар қаламрави минтақаи Вахш рӯйдиҳандаро баррасӣ менамоем. Аз маълумоти ҷадвали 4 дида мешавад, ки дар давраи таҳлилшаванда (солҳои 2015-2021) ҳиссаи баландтарин дар истеҳсоли ғалладонаҳо дар ноҳияи Ёвон мушоҳида гашта, соли 2015 11,8% ва соли 2021 10,3%-ро (1,5 банди фоиз кам шудааст) ташкил додааст; дар истеҳсоли пахта ҳиссаи аз ҳама баланд дар соли 2020 дар ноҳияи Кӯшониён (16,3%) мушоҳида гаштааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2014 2,8 банди фоиз зиёд мебошад. Барои рушди соҳаи пахтакорӣ дар ин ноҳия аз чораҳои ҳавасмандгардонӣ, ки ба пахтакорон манфиат меоранд, истифода мебаранд. Дар истеҳсоли сабзавот ҳиссаи баландтаринро ноҳияи Ҷайҳун доро мебошад, ки он соли 2015 9,2% ва соли 2021 18,1%-ро ташкил додааст. Яъне, дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи истеҳсоли сабзавот дар ноҳияи мазкур 8,9 банди фоиз афзудааст. Чунин тамоюл аз махсусгардонии бозори ноҳия ва дарёфти фоида аз истеҳсоли сабзавот шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 4. Тағйироти сохторӣ дар истеҳсоли ғалладонаҳо, пахта ва сабзавот дар ноҳияҳои минтақаи Вахши вилояти Хатлон**

**Table 4. Structural changes in the production of cereals, cotton and vegetables in the districts of Vakhsh region of Khatlon region**

| Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | 2015 | | | 2021 | | | Тағйирот, % (+,-) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ғалладонаҳо** | **Пахта** | **Сабзавот** | **Ғалладонаҳо** | **Пахта** | **Сабзавот** | **Ғалладонаҳо** | **Пахта** | **Сабзавот** |
| Бохтар | - | - | - | 0,55 | 0,50 | 1,59 | 0,55 | 0,50 | 1,59 |
| Норак | 0,34 | - | 0,38 | 0,45 | - | 0,30 | 0,11 | - | -0,08 |
| Носири Хусрав | 4,41 | 3,2 | 2,2 | 5,2 | 2,4 | 2,3 | 0,8 | -0,8 | 0,1 |
| Кӯшониён | 8,75 | 13,5 | 15,5 | 8,2 | 16,3 | 13,8 | -0,55 | 2,8 | -1,7 |
| Вахш | 10,2 | 11,2 | 11,2 | 10,1 | 11,6 | 8,7 | 0,2 | 0,4 | -2,7 |
| Хуросон | 8,9 | 4,2 | 5,3 | 8,4 | 5,8 | 4,0 | -0,5 | 1,6 | -1,3 |
| Дӯстӣ | 5,1 | 7,3 | 7,3 | 6,8 | 8,3 | 7,2 | 1,7 | 1 | -0,1 |
| Қубодиён | 9,2 | 8,3 | 8,8 | 8,6 | 6,5 | 8,0 | -0,6 | -1,8 | -0,8 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷ. Балхӣ | 8,3 | 9,4 | 11,2 | 7,6 | 7,3 | 8,4 | -0,7 | -2,1 | -2,8 |
| Ҷайҳун | 7,5 | 6,9 | 9,2 | 8,2 | 6,0 | 18,1 | 0,7 | -0,9 | 8,9 |
| Панҷ | 8,7 | 6,7 | 3,4 | 7,1 | 5,8 | 4,0 | -1,6 | -0,9 | 0,6 |
| Леваканд | 1,2 | 1,2 | 1,6 | 0,9 | 1,6 | 1,15 | -0,3 | 0,4 | -0,45 |
| А. Ҷомӣ | 7,8 | 8,9 | 7,2 | 8,6 | 9,1 | 6,08 | 0,7 | 0,2 | -1,12 |
| Шаҳритуз | 7,7 | 5,4 | 8,3 | 9,0 | 6,0 | 7,77 | 1,3 | 0,6 | -0,53 |
| Ёвон | 11,8 | 13,8 | 8,6 | 10,3 | 12,7 | 8,6 | -1,5 | -1,1 | - |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - | - | - |

Манбаъ: Аз рӯйи Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022 саҳ. 128 ҳисоб карда шудааст.

Ҳамзамон, дар давраи таҳлилшаванда, камшавии ҳиссаи истеҳсоли ғалладонаҳо дар ноҳияҳои зерини минтақаи Вахш мушоҳида мегардад: Кӯшониён (-0,55%), Хуросон (-0,5%), Қубодиён (-0,6%), Ҷалолиддини Балхӣ (-0,7%), Панҷ (-1,6%), Ёвон (-1,5%) ва шаҳри Леваканд (-0,3%). Афзоиши ҳиссаи истеҳсоли ғалладонаҳо дар шаҳрҳои Бохтар (0,55%), Норак (0,11%), ноҳияҳои Носири Хусрав (2,3%), Дӯстӣ (1,7%), Шаҳритуз (1,3%), Ҷайҳун (0,7%) ва Абдураҳмони Ҷомӣ (0,7%) дида мешавад.

Дар истеҳсоли пахта афзоиши баръалои ҳиссаи ноҳияҳои Кӯшониён (2,8%), Хуросон (1,6%), Шаҳритуз (0,6%) мушоҳида мегардад. Афзоиш, инчунин, дар ноҳияи Вахш (0,4%) ва шаҳри Леваканд (0,4%) дида мешавад. Ҳиссаи ноҳияи Дӯстӣ дар истеҳсоли пахта ба 1% баробар аст.

Пастшавии ҳиссаи истеҳсоли пахта аз ҳаҷми умумии истеҳсолот дар минтақаи Вахши вилоят, дар ноҳияҳои Носири Хусрав (-0,8%), Қубодиён (-1,8%), Ҷалолиддини Балхӣ (-2,1%), Ҷайҳун (-0,9%), Панҷ (-0,9%) ва Ёвон (-1,1%) мушоҳида мегардад.

Дар истеҳсоли сабзавот соли 2021, дар муқоиса бо соли 2015 афзоиши ҳиссаи шаҳри Бохтар (1,59%), ноҳияҳои Ҷайҳун (8,9%), Носири Хусрав (0,1%), Панҷ (0,6%) ба назар мерасад. Дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи ноҳияҳои зерин кам шудааст: Ҷалолиддини Балхӣ (-2,8%), Вахш (-2,7%), Абдураҳмони Ҷомӣ (-1,12%), Кӯшониён (-1,7%), Хуросон (-1,5%), Қубодиён (-0,8%) ва Шаҳритуз (-0,53%).

**Ҷадвали 5. Рейтинг (мавқе)-и ноҳияҳо ва шаҳрҳо аз рӯйи ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти ғалладона, пахта ва сабзавот дар минтақаи Вахши вилояти Хатлон**

**Table 5. Ranking (position) of districts and cities according to the share of grain, cotton and vegetable production in the Vakhsh region of Khatlon region**

| Шаҳру ноҳияҳо | 2015 | | | 2021 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ғалладонаҳо** | **Пахта** | **Сабзавот** | **Ғалладонаҳо** | **Пахта** | **Сабзавот** |
| Бохтар | - | - | - | 15 | 13 | 12 |
| Норак | 14 | - | 13 | 14 | - | 14 |
| Носири Хусрав | 12 | 12 | 11 | 12 | 11 | 11 |
| Кӯшониён | 5 | 2 | 1 | | | |
| Вахш | 2 | 3 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| Хуросон | 4 | 11 | 9 | 9 | 8 | 10 |
| Дӯстӣ | 11 | 7 | 7 | 11 | 5 | 8 |
| Қубодиён | 3 | 6 | 4 | 5 | 9 | 6 |
| Ҷ. Балхӣ | 6 | 4 | 2 | 9 | 6 | 5 |
| Ҷайҳун | 10 | 8 | 3 | 6 | 7 | 2 |
| Панҷ | 7 | 9 | 10 | 10 | 8 | 10 |
| Леваканд | 13 | 13 | 12 | 13 | 12 | 13 |
| А. Ҷомӣ | 8 | 5 | 8 | 4 | 4 | 9 |
| Шаҳритуз | 9 | 10 | 6 | 3 | 10 | 7 |
| Ёвон | 1 | 1 | 5 | 1 | 2 | 4 |

**Манбаъ:** Аз рӯйи Омори вилояти Хатлон ,2022, С.138- 142 ҳисоб карда шудааст

Ҳамон тавре аз маълумоти ҷадвали 5 мушоҳида мегардад, аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ ноҳияи Ёвон ҷойи якум ва ноҳияи Вахш ҷойи дуюмро ишғол мекунанд. Дар давраи таҳлилшаванда ноҳияи Шаҳритуз аз ҷойи нуҳум дар соли 2015, ба ҷойи сеюм дар соли 2021 баромадааст. Ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бошад, аз ҷойи

ҳаштум, ба ҷойи чорум гузаштааст. Аз рӯйи истеҳсоли пахта ноҳияи Кӯшониён аз ҷойи дуюм дар соли 2015, ба ҷойи якум дар соли 2021 гузашта, ноҳияи Ёвон аз ҷойи якум, ба ҷойи дуюм фаромадааст. Ноҳияи Вахш ҳам дар соли 2015 ва ҳам дар соли 2021 ҷойи сеюмро ишғол карда, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҷойи панҷум дар соли 2015, ба ҷойи чорум дар соли 2021 гузаштааст. Аз рӯйи истеҳсоли сабзавот соли 2021 ҷойи якумро ноҳияи Кӯшониён ишғол кардааст. Ноҳияи Ҷайҳун соли 2015 ҷойи сеюм ва соли 2021 ҷойи дуюмро соҳиб шуд. Ноҳияи Вахш аз ҷойи дуюм дар соли 2015 ба ҷойи сеюм дар соли 2021 фаромадааст. Ноҳияи Ёвон аз ҷойи панҷум дар соли 2015, ба ҷойи чорум дар соли 2021 гузаштааст.

Дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон қариб 50%-и маҳсулоти ғалладонагӣ ва бештар аз 54,3%-и картошкаи вилоят истеҳсол карда мешавад. Бинобар ин, ҳиссаи ҳар як ноҳияи минтақаи Кӯлобро дар истеҳсоли ин намудаҳои маҳсулот мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ба ибораи дигар, тағйироти сохториро дар истеҳсоли ғалладонаҳо ва картошка аз рӯйи ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баррасӣ мекунем(ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Тағйироти сохторӣ дар истеҳсоли ғалладонаҳо ва картошка аз рӯйи ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

**Table 6. Structural changes in the production of cereals and potatoes by districts of Kulob region of Khatlon region**

| Шаҳру ноҳияҳо | 2015 | | 2021 | | Тағйирот, % (+,-) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ғалладона** | **Картошка** | **Ғалладона** | **Картошка** | **Ғалладона** | **Картошка** |
| Балҷувон | 2,4 | 6,3 | 2,0 | 7,2 | -0,4 | 0,9 |
| Восеъ | 16,6 | 16,9 | 14,5 | 8,9 | -2,1 | -8,0 |
| Данғара | 26,3 | 5,4 | 28,0 | 14,4 | 1,7 | 9,0 |
| Ҳамадонӣ | 9,5 | 5,6 | 11,5 | 5,8 | 2 | 0,2 |
| Муъминобод | 6,8 | 23,2 | 5,8 | 25,3 | -1,0 | 2,1 |
| Фархор | 13,7 | 16,0 | 15,2 | 11,4 | 1,5 | -4,6 |
| Темурмалик | 8,1 | 1,5 | 8,5 | 2,9 | 0,4 | 1,4 |
| Ховалинг | 3,6 | 10,7 | 3,6 | 12,0 | - | 1,3 |
| Ш. Шоҳин | 8,5 | 8,1 | 6,8 | 6,4 | -1,7 | -1,7 |
| Кӯлоб | 4,5 | 60,3 | 4,1 | 5,7 | -0,4 | -0,6 |
| Ҳамагӣ: | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | | |

Муаллиф ҳисоб кардааст.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 6 аён аст, дар истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар минтақаи Кӯлоб, дар соли 2021 ноҳияи Данғара ҳиссаи аз ҳама баланд дошта, (28,0%) ва он дар қиёс бо соли 2015 бештар аз 1,7 банди фоиз афзудааст. Ҷойи дуюмро ноҳияи Фархор ишғол карда, ҳиссаи он соли 2021 15,2%-ро ташкил кардааст, ки он дар қиёс бо соли 2015 миқдори 1,5 банди фоиз зиёд аст. Ҷойи сеюмро ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ишғол намуда, соли 2021 11,5%-ро ташкил дода, дар муқоиса бо соли 2015 2,0 банди фоиз афудааст. Тамоюли камшавии ҳиссаи истеҳсоли ғалладонаҳо дар ноҳияҳои Балҷувон (-0,4%) ва Восеъ (-2,1%) мушоҳида мегардад. Иштироки ноҳияҳои Муъминобод, Шамсиддини Шоҳин ва шаҳри Кӯлоб дар истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ хеле кам гашта, мутаносибан (-1,0%), (-1,7%) ва (-0,4%) банди фоиз кам шудааст.

Дар истеҳсоли картошка ноҳияи Муъминобод ҷойи аввалро ишғол мекунад. Соли 2020 ҳиссаи ин ноҳия 25,3%-ро ташкил дод (соли 2020 23,2% буд), яъне дар муқоиса бо соли 2014 бештар аз 2,1 банди фоиз зиёд шудааст. Аз рӯйи ҳиссаи истеҳсоли сабзавот дар минтақа соли 2020 ноҳияи Данғара ҷойи дуюмро ишғол кардааст. Ҳиссаи ин ноҳия 14,4%-ро ташкил дода, дар муқоиса бо соли 2014 ба 9 банди фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳамин тавр, афзоиши истеҳсоли картошка дар байни ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба фоидаи ноҳияи Данғара анҷом ёфтааст. Суръати тағйирот, ки индекси тағйироти сохториро инъикос менамояд, 166,6%-ро ташкил додааст, ки аз ҳама баланд ҳисоб меёбад. Ҷойи сеюмро ноҳияи Ховалинг ишғол карда, ҳиссаи он дар истеҳсоли картошка соли 2021 12%-зро ташкил намудааст, ки дар муқоиса бо соли 2015 13% зиёд мебошад. Индекси тағйироти

сохторӣ 12,4%-ро ташкил намудааст. Ҷойи чорумро ноҳияи Фархор ишғол карда, соли 2021 вазни хосси ноҳия дар истеҳсоли картошка 11,4%-ро ташкил додааст. Аммо ин нишондиҳанда дар давраи таҳлилшаванда 4,6 банди фоиз кам шудааст. Сатҳи баланди камшавии ҳиссаи ноҳияи Восеъ мушоҳида мегардад, яъне дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2015 ба сатҳи 8 банди фоиз кам шудааст. Ҳамчунин тамоюл ба камшавии ҳиссаи истеҳсоли картошка дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин ва шаҳри Кӯлоб мушоҳида мегардад, ки ба (-1,7%) ва (-0,6%) банди фоиз баробар аст.

Бояд қайд кард, ки истеҳсоли ғалладона дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон ҷузъи асосии комплекси озуқаворӣ мебошад ва аз вазъи он таъмин будани аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ ва умуман сатҳи зиндагии аҳолӣ вобаста аст. Қайд кардан зурур аст, ки аҳаммияти иҷтимоии истеҳсоли ғалла ва маҳсулоти ғалладонагӣ чун маҳсулоти озуқавории ҳаётан муҳим, ивазнашаванда ва барои инсон ҳамарӯза зарур, ҷалби сармоягузорӣ ба рушди соҳаро тақозо менамояд. Бинобар ин, дар раванди таҳлил ҷанбаи ҳудудӣ ва иқтисодии таҳлили хоҷагиҳое, ки ғалларо парвариш мекунанд, аҳаммияти калон дорад. Истеҳсоли ғалла дар маҷмуъ захираҳои калонро талаб мекунад, бо вуҷуди ин, ҳоло дар бораи аксари субъектҳои хоҷагидор он намуди ҷалбкунандаи кишоварзӣ мебошад, зеро хароҷот барои истеҳсолу нигоҳдорӣ ба як воҳиди маҳсулоти ғалладонагӣ нисбат ба дигар соҳаҳои истеҳсолоти аграрӣ пасттар аст. Ғаллапарварӣ дар шароити ҳозира аҳаммияти хосса дорад, зеро масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ вобаста ба тағйирёбии вазъи бозори озуқавории иқтисоди ҷаҳон дар мадди аввал баромадааст. Бинобар зарурати ҳалли муаммоҳои рушди субъектҳои ғаллапарварии вилояти Хатлон ва соҳаҳои кишоварзии истеҳсолгари маҳсулоти озуқаворӣ ба миён омадааст. Дар шароити дигаргуншавии соҳаи аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он зимни нисбатан паст будани даромади аҳолии деҳот, ғалла яке аз манбаъҳои боэътимоди даромад барои истеҳсолкунандагони он мебошад, зеро ба онҳо дар масъалаҳои фурӯш ва таъминнокӣ бо амнияти озуқаворӣ мустақилияти нисбӣ медиҳад. Истеҳсоли ғалладона дар низоми комплекси агросаноатии вилоят на танҳо таносуби байнисоҳавӣ, балки таносуби ҳудудиро дар иқтисодиёти вилоят, дар маҷмуъ, бо гузоштани қисми калони ашёи хом ба корхонаҳои саноати коркарди хӯрокворӣ муайян мекунад. Бинобар ин, мо гурӯҳҳои ноҳияҳои вилояти Хатлонро аз рӯйи миқдор ё ҳаҷми маҳсулоти ғаллаи истеҳсолшуда, ки барои тафриқагузорӣ ба механизмҳои дастгирии давлатии рушди хоҷагиҳои ғаллакор хизмат мекунанд, ҷудо намудем.

Аз маълумотҳо мушоҳида мегардад, ки ба гурӯҳи ноҳияҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти ғалладона (то 35,9 ҳазор тонна) 16 ноҳияи вилояти Хатлон, аз ҷумла 10 ноҳия аз минтақаи Вахш (Норак, Леваканд, Кӯшониён, Дӯстӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷайҳун, Панҷ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Шаҳритуз, Хуросон) ва 6 ноҳияи минтақаи Кӯлоб (Балҷувон, Муъминобод, Темурмалик, Ховалинг, Шамсиддини Шоҳин, Кӯлоб) дохил карда шудаанд. Онҳо бештар аз 391 ҳазор тонна ғалла истеҳсол намудаанд, ки 48,9%-и тамоми ғаллаи истеҳсолшударо ташкил медиҳад.

Ба гурӯҳи дуюм ноҳияҳое шомил мебошанд, ки бештар аз 36 ҳазор тонна ғалла истеҳсол мекунанд. Ба ин гурӯҳ се ноҳияи минтақаи Вахш (Вахш, Қубодиён, Ёвон) ва чор ноҳияи минтақаи Кӯлоб (Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Данғара) дохил мешаванд. Яъне, 7 ноҳияи вилояти Хатлон ба муқобили 16 ноҳияи вилоят бештар аз 51,1%-и ғаллаи вилоятро истеҳсол кардаанд.

Соли 2020 ба гурӯҳи якум шаҳри Бохтар (аз минтақаи Вахш) ва теъдоди шаҳру ноҳияҳои ин гурӯҳ аз 16 то 17 воҳид зиёд гардида, бештар аз 383,1 ҳазор тонна ғалла истеҳсол кардаанд, ки 46,5%-и тамоми маҳсулоти истеҳсолшудаи ғалладонагии вилоятро ташкил медиҳад. Гурӯҳи дуюм низ аз 7 то 9 воҳид афзоиш ёфт, чунки ноҳияҳои Шаҳритуз ва Муъминобод аз гурӯҳи якум ба гурӯҳи дуюм гузаштанд, яъне истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагиро ба бештар аз 36 ҳазор тонна расониданд. Маҳсулоти ғалладонагии дар ин гурӯҳи ноҳияҳо истеҳсолшуда 441, 2 ҳазор тонна буда, 53,5%-ро ташкил менамояд. Ҳамин тавр, истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти ғалладонагӣ дар минтақаи Вахш 4 ноҳия (Вахш, Қубодиён, Шаҳритуз ва Ёвон) ва дар минтақаи Кӯлоб 5 ноҳия (Восеъ, Данғара, Ҳамадонӣ, Муъминобод, Фархор) мебошанд. Ба тағйироти сохторӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои вилояти Хатлон бештар тағйирот дар таркиб ва

сохтори майдонҳои кишт, таъмин будан бо захираҳои молиявӣ, шароити табиӣ, вазъи бозор ва омилҳои дигаре, таъсир расонидаанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Алимардонов Т.А.**

## АДАБИЁТ


1. Алаев, Э .В. Социально-экономическая география. Понятийно-терминологический словарь. – С. 190-191.
2. Амонова, Д.С. Особенности социально-экономического развития Республики Таджикистан и их влияние на социальную политику [Текст] / Д.С. Амонова. // Вестник Университета (научный журнал) Российско-Таджикский (славянский) университет. – Душанбе: РТСУ, 2007. – №2 (17). – С.106-109.
3. Баранский, Н. Н. Об экономико-географическом изучении городов // Баранский Н. Н.Экономическая география. Экономическая картография. – М.: Географгиз, 1956.
4. Майергойз, И. М. Территориальная структура хозяйства. – Новосибирск: Наука, 1986. С. 190-191.
5. Мирсаидов А.б. Муртазоев О.К. Механизмы формирование и развития инновационных региональных промышленных систем в Республики Таджикистан, Душанбе, «Шарки озод», 2020, 224 с.
6. Омори солонаи вилояти Хатлон. -Бохтар, 2022.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2019).
8. Размещение промышленности в рыночной среде. Из трудов Б.Н. Зимина / сост.: А.П. Горкин, Ю.Г. Липец. – М.: Альфа-М, 2003.
9. Самаруха, В.И. Формирование кластеров в сельском хозяйстве региона [Текст] / В.И. Самаруха // Наука. Инновации. Образование: альманах. – 2008. – выпуск 7. – С. 238-241.


## ТАҲЛИЛИ ТАҒЙИРОТ ДАР СОХТОРИ ҲУДУДИИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН


Дар ин мақола қайд гардидааст, ки муносибгардонии иқтисодӣ ва иҷтимоии равандҳои шаклдигаркунандагӣ дар сохтори ҳудудии иқтисодиёти кишоварзии минтақаҳо яке аз функсияҳои давлат ва вазифаҳои муҳимми сиёсати минтақавӣ ва идоракунии минтақавӣ буда, сохтори ҳудудии хоҷагӣ яке аз мафҳумҳои калидии иқтисодиёти минтақа маҳсуб меёбад. Ба қисматҳои ҳудудии сохторӣ ҳалқаҳои сохтории ҳудудӣ – ташкилаҳои устувори иқтисодӣ-географии тавсифкунандаи миқёсноки, макон, зичӣ ва унсурҳои дохилии сохтории ба ҳам наздик ҷойгиршударо мансуб медонанд. Ин унсурҳо минтақаҳо, ноҳияҳо, зерноҳияҳои иқтисодӣ, нуқтаҳои хоҷагидорӣ ва таркиботи одии СҲХ – марказҳои иқтисодӣ (масалан, шаҳр) ва нуқтаҳо (корхонаи мушаххас) буда метавонанд. Сохтори ҳудудии иқтисодиёти кишоварзии вилоят Хатлон ба ду минтақа тақсим мешавад: минтақаи Вахш ва минтақаи Кӯлоб. Минтақаи Вахш соҳаи баландрушдёфтаи кишоварзӣ дошта, дар он пахтакорӣ (асосан пахтаи навъи маҳиннах) соҳаи махсус мебошад. Дар ин ҷо бештар аз 50%-и пахтаи навъи маҳиннахи ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Ба он қариб 57,2%-и майдонҳои кишти вилоят рост меояд. Дар минтақа қариб 40%-и маҳсулоти умумии кишоварзии ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад, ҳиссаи растанипарварӣ дар он 88,7%-ро ташкил медиҳад. Минтақаи Кӯлоб 16,5%-и маҳсулоти умумии кишоварзии ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Дар сохтори маҳсулоти кишоварзӣ пахтакорӣ 60% ва чорводорӣ бештар аз 20%-ро ташкил медиҳад. Илова бар ин, минтақа 36,7%-и ғалладона ва 14,3%-и пиллаи ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Муаллифон тибқи таҳлилҳои анҷомдода ба хулосае расидаанд, ки ба тағйироти сохторӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои вилояти Хатлон бештар тағйирот дар таркиб ва сохтори майдонҳои кишт, таъмин будан бо захираҳои молиявӣ, шароити табиӣ, вазъи бозор ва омилҳои дигаре, таъсири назаррас мерасонанд.



**Калидвожаҳо:** идоракунии минтақавӣ, инфрасохтор, пахтакорӣ, чорводорӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда, ноҳия, минтақаи Вахш, минтақаи Кӯлоб, майдони кишт, заминҳои обёришаванда, растанипарварӣ.


## АНАЛИЗ ИЗМЕНЕНИЙ ТЕРРИТОРИАЛЬНОЙ СТРУКТУРЫ АГРАРНОЙ ЭКОНОМИКИ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ


В данной статье отмечается, что экономическая и социальная корректировка трансформационных процессов в территориальной структуре аграрного хозяйства регионов является одной из функций государства и важной задачей региональной политики и регионального управления, а территориальная структура хозяйства считается одним из ключевых понятий региональной экономики. Территориальные структурные единицы определяются как территориальные структурные кольца - устойчивые экономико-географические организации, характеризующие масштаб, расположение, плотность и внутренние структурные элементы, расположенные близко друг к другу. Такими элементами могут быть области, районы, экономические подрайоны, экономические точки и рядовые компоненты ОСК - экономические центры (например, город) и точки (конкретное предприятие). Территориальная структура аграрного хозяйства Хатлонской области разделена на два региона: Вахшский регион и Кулябский регион. Вахшский регион имеет высокоразвитый сельскохозяйственный сектор, в котором особой отраслью является хлопководство (в основном токоволокнистый хлопок). Здесь производится более 50 процентов хлопка страны. Этому региону соответствуют почти 57,2 процента посевных площадей региона. В регионе производится почти 40 процентов всей сельскохозяйственной продукции республики, доля растениеводства в ней составляет 88,7 процента. Кулябский регион производит 16,5% всей сельскохозяйственной продукции республики. В структуре сельскохозяйственной продукции выращивание хлопка занимает 60%, животноводство – более 20%.

Кроме того, в регионе производится 36,7% зерна и 14,3% коконов страны. По результатам анализа, авторы пришли к выводу, что на структурные изменения в производстве сельскохозяйственной продукции Хатлонской области наибольшее влияние оказывают изменения в составе и структуре посевных площадей, наличие финансовых ресурсов, природных условий, конъюнктуры рынка и другие факторы.

**Ключевые слова:** региональное управление, инфраструктура, хлопководство, животноводство, производительные силы, район, Вахшский регион, Кулябский регион, посевная площадь, орошаемые земли, растениводство.

## ANALYSIS OF CHANGES IN THE TERRITORIAL STRUCTURE OF THE AGRICULTURAL ECONOMY OF THE KHATLON REGION

This article notes that economic and social adjustment of transformation processes in the territorial structure of the regional agricultural economy is one of the functions of the state and important tasks of regional policy and regional management, and the territorial structure of the economy is considered one of the key concepts of the regional economy. Territorial structural units are defined as territorial structural rings - stable economic-geographical organizations that characterize scale, location, density and internal structural elements located close to each other. Such elements can be regions, districts, economic subdistricts, economic points and ordinary components of the USC - economic centers (for example, a city) and points (a specific enterprise). The territorial structure of the agricultural economy of the Khatlon region is divided into two regions: the Vakhsh region and the Kulyab region. The Vakhsh region has a highly developed agricultural sector, in which cotton growing (mainly fiber cotton) is a special industry. More than 50 percent of the country's cotton is produced here. This region corresponds to almost 57,2 percent of the region's sown area. The region produces almost 40 percent of all agricultural products of the republic, the share of crop production in it is 88,7 percent. The Kulyab region produces 16,5% of all agricultural products of the republic. In the structure of agricultural products, cotton cultivation accounts for 60%, livestock farming - more than 20%. In addition, the region produces 36,7% of the country's grain and 14,3% of the country's cocoons. Based on the results of the analysis, the authors came to the conclusion that structural changes in agricultural production in the Khatlon region are most influenced by changes in the composition and structure of sown areas, the availability of financial resources, natural conditions, market conditions and other factors.

**Keywords:** regional management, infrastructure, cotton growing, livestock breeding, productive forces, district, Vakhsh region, Kulyab region, sown area, irrigated lands, crop production.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Дӯстзода Мустафо Ҳафиз -*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 735140, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **888-84-50-50**

***Холов Тоҷиддин Азизуллоевич*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ. ***Мустафо Ҳафиз -*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 735140, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67

**Сведения об авторах:** ***Дустзода Мустафо Хафиз*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры теории экономики. **Адрес**: 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни 67. Телефон: **888-84-50-50**

***Холов Тоджиддин Азизуллоевич*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой налогов и налогооблажения. **Адрес**: 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни 67

**Information about the authors:** ***Dustzoda Mustafo Hafiz -*** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the Department of Economic Theory. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street 67. Phone: 888-84-50-50

***Kholov Tojiddin Azizulloevich -*** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Taxes and Taxation. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street 67

ТДУ:312(575.3)

# ҲАДАФҲОИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ШУҒЛИ АҲОЛИИ МАНОТИҚИ ДЕҲОТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

*Хосамоҳ Абдуллозода Худойдод*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ пазируфта, ҳамчун нуктаи ниҳоии тамоми кӯшишҳои қатъии ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад ва дар самти рушди маҷмуии манотиқи деҳот муайян намудани афзалиятҳои ҳар як минтақа дар асоси иқтидорҳои мавҷуда, вазъи ба миён омада, дар бозори меҳнат ва хусусиятҳои хосси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, имкониятҳои воқеии амалисозии вазифаҳои аввалиндараҷа барои ояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат [9,с.45-47] масаъалаи муҳим арзёбӣ шудааст.

Шуғл муҳимтарин хусусияти иқтисодиёт, нишондиҳандаи сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мебошад. Шуғли аҳолӣ на танҳо як падидаи иқтисодӣ, балки як қисми сиёсати иҷтимоии давлат ҳам мебошад. Сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ маҷмуи тадбирҳо оид ба танзими ҷанбаву нишондиҳандаҳои асосии шуғлу бозори меҳнат ва таъмини қонунгузории он, аз тарафи давлат мебошад [1,с.47-50]. Имрӯзҳо бо кор таъмин намудани аҳолӣ яке аз муаммоҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад. Аз сатҳу сифати шуғл ҳолати иқтисодиву иҷтимоии давлат, ҷамъият ва одамони алоҳида вобастагӣ дорад. Бахусус муаммои бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот, яке аз муаммоҳои муҳимтарини иҷтимоиву иқтисодии мамлакат мебошад. Шуғл ҳам бо аҳолии деҳот ва ҳам бо фаъолияти меҳнатии онҳо ва ҳам бо истеҳсол, тақсим, азхуд кардан ва истеъмоли неъматҳои моддӣ алоқаи зич дорад. Хусусиятҳои шуғли аҳолӣ ва истифодаи иқтидори меҳнатии манотиқи деҳот на танҳо манфиати иқтисодӣ доранд, онҳо инчунин, нишондиҳандаҳои асосии сиёсати шуғли меҳнатии давлат, муносибат ба одамонро ҳам ҳамчун қувваи асосии истеҳсолкунанда ва ҳам ҳамчун шахсият инъикос мекунанд. Мутаассифона, сол аз сол мушкилоти шуғли аҳолӣ на танҳо паст намешавад, балки, баръакс, беш аз пеш меафзояд. Масалан дар давраи солҳои 2015-2021 дар мамлакат шумораи қувваи корӣ аз 2437 то 2587 ҳазор нафар ва ё 6,1% зиёд шудааст. Аз онҳо шумораи машғулин дар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат аз 2380 то 2534 ҳазор нафар ва ё 6,4% зиёд шудааст. Ҳарчанд суръати рушди машғулин нисбат ба суръати афзоиши шумораи қувваи корӣ зиёд аст, аммо фарқияти онҳо дар соли 2021 53 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки онҳо шуғл надоранд. Яъне, сатҳи бекорӣ беш аз 2% аст, ки нисбат ба соли 2015 ба 0,3 банди фоиз кам шудааст (расми 1). Агар шуғли аҳолии деҳотро бо суръати рушди ҳосинокии меҳнати онҳо қиёс намоем, пас манзара боз ҳам изтиробовар мебошад, зеро сураъти рушди ҳосинокии меҳнат қаноабахш намебошад.

Дар мамлакатҳои дигар ин муаммо ба таври гуногун ҳал карда мешавад: баъзе давлатҳо каму беш бомуваффақият барои ҳалли ин муаммо мубориза мебаранд, дигарҳо дар ҳалли он душвориҳои азимро аз сар мегузаронанд. Аммо маълум аст: агар давлат ба одамон бештар шуғлу меҳнати фоиданок ва самарабахш муоидат намояд, маҳсулоти умумии дохилӣ ҳамон қадар баланд мешавад. Агар дар мамлакат бекорӣ зиёд ва афзуда бошад, ин имкон намедиҳад, ки ММД-и имконпазир истеҳсол карда шавад ва ин барои давлат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ душвориҳо ба амал меоварад. Бинобар ин, бо кор пурра таъмин намудани тамоми аҳолии кишвар вазифаи муҳимтарини ҳар давлат мебошад. Барои ҳалли ин муаммо давлат дар бораи шуғли аҳолӣ қонуни махсус қабул кардааст, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ", ки он "муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла кафолатҳои давлатро дар амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муқаррар менамояд" [5]. Дар доираи ин қонун, сиёсати мушаххаси шуғл амалӣ мегардад.

**Расми 1. Динамикаи қувваи корӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёти мамлакат (ҳазор нафар)**
**Figure 1. Dynamics of labor force and employed population in the country's economy (thousands of people)**




Татбиқи сиёсати шуғл дар манотиқи деҳоти мамлакат нақши калидӣ дорад, зеро дар ин минтақаҳо беш аз 73%-и аҳолии мамлакат ва 63%-и қувваи кории иқтисодиёти кишвар воқеъ мебошад. Захираҳои меҳнатии деҳот унсури асосӣ мебошанд, ки иқтидори истеҳсолии аграрӣ ва қувваи асосии пешбаранда дар гузариш ба зинаи индустриаливу аграрии иқтисодиёт мебошанд. Бинобар ин, баланд бардоштани сатҳу сифати шуғл ва самарабахштар истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ муҳимтарин омилҳои рушди иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ва баланд бардоштани дараҷаи ҳаёти аҳолии деҳот мебошад.

Мақсади сиёсати шуғли аҳолӣ, мусоидат ба шуғли пурра, самаранок ва озодона интихобшуда мебошад, ки имкони гирифтани подоши муносиби пулиро, ки барои рӯзгузаронии коргарон ва аъзои оилаи онҳо зарур аст, таъмин менамояд. Сиёсати пешгирифта на танҳо ҳадафи нигоҳ доштани дараҷаи умумии шуғли пурра, балки ҳалли муаммоҳои иқтисодию иҷтимоӣ, дар навбати аввал, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ, фароҳам овардани шароит барои инкишофи инсон, аз ҷумла такмил додани низоми таҳсилоти якумрaро дорад. Сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ вазифаҳои муҳимро дар асоси татбиқи принсипҳои асосӣ ба иҷро мерасонад (ниг. расми 2). Сиёсати шуғл бояд имкониятҳои кори гурӯҳҳои (категорияҳои) гуногуни аҳолиро ба назар гирад. Дар ҳар як минтақа гурӯҳҳои осебпазир вуҷуд доранд: занон, ҷавонон, маъюбон ва ғайра, онҳое, ки дар масъалаҳои шуғл таҳти дискриминатсия қарор мегиранд. Барои ба амал баровардани чунин сиёсат, монанди ҳамкории зич ва созиши сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ барои таъмини шуғли пурра, пурмаҳсул ва озодона интихобшуда зарур аст. Ҳама навъҳои сиёсат бо ҳам алоқамананданд ва ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Шуғл вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро иҷро мекунад. Сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ як вазифа - таъмини шуғли пурра, самараноки пурмаҳсулро иҷро мекунад

**Расми 2. Вазифаҳо ва присипҳои сиёсати шуғл**
**Figure 2. Duties and principles of employment policy**




Бархе аз иқтисоддонҳо дахолати давлат ба механизми бозорро ғайри қобили қабул медонанд. Дигарон, масалан, тарафдорони мактаби кейнси исрор мекунанд, ки давлат бояд дар бозорҳои миллӣ, аз ҷумла дар бозори меҳнат сиёсати фаъолро пеш гирад.

Масалан, Ҷ.М. Кейнс навишта буд, ки «ба мақсад мувофиқ аст, ки сиёсати музди меҳнати сахтро пеш барем, назар ба сиёсати маоши чандир, ки ба ҳар як тағйирёбии ҳаҷми бекорӣ ҳассос аст» [3,с.335].

Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ), ки соли 1919 таъсис ёфта, соли 1946 ба як воҳиди махсуси Созмони Милали Муттаҳид табдил ёфт, сиёсати фаъоли бозори меҳнатро ба авлавияти байналмилалӣ табдил додааст. Бо шарофати СБМ бозори муосири меҳнат дар кишварҳои пешрафта, яке аз бозорҳои танзимшаванда мебошад. Вай кайҳо стихиявии худро қатъ карда, объекти танзими фаъоли давлатӣ гардид. Талабот ба қувваи коргарӣ дар бисёр мамлакатҳо бо диққат ба нақша гирифта шуда, бо системаи такмили ихтисоси пешакӣ таъмин карда мешавад. Ин натиҷаи муносибатҳои дарозмуддати байни корфармоён ва кормандон тавассути миёнаравии давлат мебошад. Пешниҳоди қувваи корӣ аксар вақт дар зери назорати иттифоқҳои касаба қарор дорад ва нархи меҳнат дар бозори меҳнат (музди меҳнат) дар асоси шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ муайян карда мешавад. Тавре мебинем, бозори меҳнат ҳам мисли бозорҳои дигар молҳо ҳам дар дохил (корфармоён ва иттифоқҳои касаба) ва ҳам берунӣ (давлат) танзим шудааст.

Сиёсати шуғли аҳолӣ ба маънои васеъ ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятиро дорад, ки даромад меорад ва ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонад. Яке аз муҳимтарин хислатҳои иқтисодиёт ва некуаҳволии халқ, ин бо кор таъмин будан аст. Некуаҳволии шаҳрвандони кишвар дар бораи устувории иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа тасаввуроти муайян медиҳад. Шахсоне, ки ба иқтисодиёт машғуланд, молу хизмат месозанд ва бо ҳамин талаботи одамонро қонеъ мегардонанд ва масъалаҳои иқтисодию иҷтимоиро ҳал мекунанд. Аммо қонунҳои иқтисодие, ки дар асоси фаъолияти бозор қарор доранд, барои онҳое, ки мехоҳанд кор кунанд ва сатҳи моддии худро баланд бардоранд, барои ташкили ҷойҳои нави кор кафолат намедиҳад. Дар натиҷа одамон бе кору даромад мемонанд, дар ҷамъият дигаргуниҳо ба амал меоянд. Барои пешгирии ин ҳолат давлат кӯшиш мекунад, ки барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби аҳолии бекор шомил намудани онҳо ба раванди меҳнат чораҳо андешад.

Бозори меҳнат чун дигар бозорҳо бо такмили нокифояи худ, ба худтанзимкунӣ қодир нест, бинобар ин, зарурати танзими он вуҷуд дорад. Ин аслан ба шуғли манотиқи деҳоти мамлакат хеле муҳим мебошад. Зеро, чуноне, ки дар боло қайд намудем, ҳиссаи аҳолии деҳот дар тамоми шумораи аҳолии мамлакат соли 2021-ум 73,7%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2000-ум 0,3 банди фоизӣ афзудааст. Метавон гуфт, ки аслан афзоиши шумораи аҳолии деҳот, афзоиши шумораи аҳолии мамлакатро муайян намудааст. Суръати афзоиши аҳолии деҳот аз суръати афзоиши аҳолии шаҳр пеш аст. Агар ба тағйирёбии аҳолии қобили меҳнат дар деҳот назар афканем, пас муайян мегардад, ки дар давраи солҳои 2015-2021 дар деҳот аз 3554,1 то 4103,6 ҳазор нафар ва ё ба сатҳи 15,4% зиёд шудааст. Ҳамин нишондиҳанда дар шаҳр бошад, 14,2% зиёд шудааст. Вазни қиёсии аҳолии қобили меҳнат дар деҳот дар ҳамаи аҳолии қобили меҳнати мамлакат соли 2021-ум 75,5%-ро ташкил додааст ва дар ин давра 0,2 банди фоиз зиёд шудааст. Ин нишондиҳанда дар шаҳр соли 2021-ум 27,5%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2015 мувофиқан 0,2 банди фоиз кам шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Фарқияти аҳолии қобили меҳнат дар деҳот ва шаҳр (ҳазор нафар)**
**Table 1. The difference between the working population in rural and urban areas (thousands of people)**

| Нишондиҳандаҳо | январи с 2015 | | январи с 2021 | | Тағйирот, % | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| Аҳолии қобили меҳнат | 1366,0 | 3554,1 | 160,7 | 4103,6 | 114,2 | 115,4 |
| Тансуби шаҳру деҳот % | 27,7 | 72,2 | 27,5 | 72,5 | -0,2 бф | 0,2 бф |
| Аз синну соли қобили меҳнат калонтар | 106,9 | 289,9 | 163,3 | 420,7 | 152,7 | 145,2 |
| Ҷавонони синни 14-30 сола | 757,4 | 2043,1 | 788,0 | 2091,3 | 104,2 | 102,3 |
| Тансуби шаҳру деҳот % | 27,1 | 72,9 | 27,3 | 72,7 | 0,2 бф | -0,2 бф |

Манбаъ: Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. –С.28-29; 2022. –С.41-42.

Ҷавонони синни 14-30-сола бошад, дар деҳот дар давраи таҳлилӣ аз 2043,1 то 2091,3 ҳазор нафар ва ё беш аз 2,3% зиёд шудааст. Чуноне аён аст, дар маҷмуъ, захираҳои калони меҳнатии мамлакат дар деҳот консентратсия шудааст ва онҳо захираҳои беҳамтои корӣ дар шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ мебошанд. Онҳо бинобар паст будани сатҳи даромади хонаводаҳо ба шуғли алтернативӣ шомил мебошанд, агарчӣ дар омори расмӣ шуғли онҳоро дар соҳаҳои кишоварзӣ ифода менамоянд, ки он хеле баланд нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат аст, аммо ҳосилнокии меҳнаташон доир ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ паст мебошад [6,с.67]. Афзоиши сатҳи бекории аёну ноаён сабаби асосии шомил шудан ба шуғли алтернативӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон додааст, ки вобаста бо сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳои мамлакат, вазъи бозори меҳнат ва сатҳи бекорӣ фарқ мекунанд. Ҳиссаи шумораи бекорон дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон дар шумораи умумии бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташудаи мамлакат баланд мебошад. Соли 2021 дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ беш аз 35,9%-и бекорони дар хадамоти шуғли аҳолии мамлакат ба қайд гирифташударо (17,5 ҳаз. наф) ташкил додааст. Дар вилояти Хатлон бошад, ин нишондиҳанда 30,6% ва 15,0 ҳазор нафарро ташкил додааст. Яъне, беш аз 68% бекорони мамлакат ба ин минтақаҳои мамлакат, ки дар он деҳотҷойҳо бисёр аст, рост омадааст. Ин ҳодисоти шуғл ва бо кор таъмин кардан дар манотиқи деҳот аз сабаби паст будани дараҷаи тамаркузи (консентратсияи) истеҳсолот ва ҷойгиршавӣ, тобеъ гардонидани истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҷойгиркунии табиии захираҳо, рушди заифи инрасохторҳо ва омилҳои дигар хусусиятҳои вижагии худро дорад, ки дар таҳияву татбиқи сиёсати давлатии шуғл таъсир мерасонад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Хусусиятҳои шуғли деҳот ва омилҳои онҳо**
**Table 2. Characteristics of rural employment and their factors**

| №пп | Хусусиятҳо | Омилҳо |
|---|---|---|
| 1. | Ҳаракати пасти аҳолии деҳот ва дурии масофаи нуқтаҳои аҳолинишини деҳот, дохил шудани сокинони онҳоро дар низоми умумии бозори меҳнат, душвор менамояд. | Дараҷаи пасти консентратсияи истеҳсолот ва парокандагӣ, тобеияти истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҷойгиршавии захираҳои табиӣ, суст рушд кардани низоми роҳу нақлиёт ва бозори манзил. |
| 2. | Вобастагии натиҷаҳои истеҳсолоти аграрӣ ва даромади кормандони аз омилҳои табиӣ, ноустувории иқтисодӣ ва вазъияти истеҳсолоти кишоварзӣ. Мавсимияти фаъолият, даромади нобаробар дар давоми сол. Зарурат ба кор бурдани технологияи фасеҳ, қабули қарорҳои мустақил, қобили қабул набудани тартиботи маъмурияти қатъӣ дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ва ғ. | Истифодаи замин ва дигар захираҳои табиат ҳамчун унсурҳои мустақим қувваҳои истеҳсолкунанда, кор бо организмҳои зинда |
| 3. | Взифаҳои гуногуне, ки кормандон асосии ихтисоси кишоварзӣ иҷро менамоянд | Дараҷаи пасти рушди ҷамъиятии тақсимоти меҳнат |
| 4. | Интихоби маҳдуди майдони мехнат ва касб | Дарачаи пасти диверсификацияи иқтисодиёт |
| 5. | Сатҳи пасти фондғунҷоишу энергияғунҷоиш, аммо ҳиссаи баланди коргароне, ки бо корҳои вазнини ҷисмонӣ дар шароити номусоид машғуланд. Кам будани сатҳи музди кор ва таъхири дароз пардохтҳои он. Зарурати кори иловагӣ дар қитъаҳои хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ. Нисбатан сифати пасти қувваи корӣ. | Ақибмонии таърихии дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, инфраструктураи иҷтимоӣ ва шиддатнок гаштани он дар давраи ибтидоии ислоҳот. |
| 6 | Сатҳи пасти ҳифзи иҷтимоӣ дар соҳаи шуғл | Инкишофи нокифояи меҳнати расмӣ, муносибатҳо, шартномаи коллективӣ ва танзими шароити меҳнат. |
| 7 | Вобастагии натиҷаҳои иқтисодӣ хоҷагиҳои аҳолӣ аз вазъи молиявию иқтисодии хоҷагии | Фаъолияти ташкилоти кишоварзӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ хамчун |

| | | |
|---|---|---|
| | ташкилотҳои агарарӣ ва муносибати субъективии роҳбарон барои кумак ба соҳибони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | системиаи ягонаи хоҷагӣ |
| 8 | Захираҳои меҳнатии изофа ва руши шуғли алтернативӣ | Хоҳиши ташкилотҳои кишоварзӣ барои нигоҳ доштани захираҳои кадрӣ дар шароити ҳосинокии пасти истеҳсолот |

Таҳияи муаллиф дар асоси: Зинякова М.В. Регулирование сельской занятости в регионе (на материалах Нижегородской области): автореферат диссертации на соискание ученой степени к.э.н.по спец. 08.00.05 - Экономика и управление народным хозяйством. - 26 с.

Дар асоси хусусиятҳои муайяншуда, бояд механизмҳои таҳияву татбиқи сиёсати шуғли деҳот тартиб дода шавад. Хусусияту омилҳои шуғли деҳот ҳангоми коркарди механизмҳои мушаххаси татбиқи сиёсати шуғл ва танзими он, бояд ба назар гирифта шаванд.

Дар шароити имрӯзаи бозори меҳнати деҳот, давлат бояд дараҷаи таъсири худро ба дахолати муносибатҳои меҳнатӣ аз нав дида барояд. Давлат бояд шуғлро бе халал расонидан ба иҷрои талаботи самаранокии иқтисодиёт, таъмин намудани ҳаракати захираҳои меҳнатӣ ва кам кардани шумораи коргарони ихтисоршуда танзим кунад. Шуғли пурра ва самаранок, ки заминаи рушд гардидани шуғли ғайрирасмӣ ва ё алтернативӣ дар манотиқи деҳот мебошад, аз ҳисоби нигоҳ доштани шумораи зиёдатии коргарон, балки аз ҳисоби ташкили ҷойҳои нави корӣ таъмин кардан лозим аст.

Самтҳои асосии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар давраи муосир, ки шуғли расмиии ҳифзи иҷтимоидоштаро таъмин менамояд, аз инҳо иборат мебошанд:

- ташаккули захираҳои кадрӣ барои меҳнат;
- таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон, сарфи назар аз миллат, ҷинс, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, эътиқоди сиёсӣ ва муносибат ба дин дар амалӣ намудани ҳуқуқ ба меҳнати ихтиёрӣ ва интихоби озоди шуғл;
- фароҳам овардани шароите, ки эҳтиёҷоти ҳаётан муҳимми инсонро қонеъ мегардонад ва зиндагии шоистаро таъмин мекунад;
- дастгирии ташаббусҳои соҳибкорӣ ва меҳнатии шаҳрвандон;
- таъмини ҳифзи иҷтимоӣ дар соҳаи шуғл;
- пешгирии оммавӣ ва кам кардани бекории дарозмуддат ва ғ.

Тадбирҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолии деҳот ба манбаъҳои маблағгузорӣ ва объектҳои таъсир (тадбирҳои умумӣ ва махсусгардонидашуда) тақсим мешаванд. Усулҳои татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолии деҳот метавонанд аз рӯйи меъёрҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда шаванд, аммо, дар амал онҳо бо ҳам зич алоқамананд. Ҳамин тавр, аз рӯйи самтҳои танзим, усулҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва аз рӯйи усули таъсир бевосита ва бавосита мешаванд: барномаҳои гуногун барои таъсиси ҷойҳои корӣ, барномаҳои таълимӣ, тайёрии касбӣ ва бозомӯзӣ, тадбирҳои сиёсати минтақавӣ, тағйирот дар қонунгузории меҳнат, созишномаҳои коллективӣ, танзими қонунгузорӣ ва ғайра мебошанд. Усулҳои татбиқи сиёсати афзоиши шуғли деҳотро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: усулҳои танзимкунандаи паст кардани сатҳи табиии бекорӣ ва усулҳои паст кардани сатҳи бекории даврӣ. Давлат барои амалисозии барномаи мушаххаси шуғл дар асоси принсипҳои таҳияшуда ду намуди таъсири танзимкунандаро истифода мебарад: а) ғайрифаъол; б) фаъол. Сиёсати шуғли ғайрифаъол як системаи тадбирҳоест, ки ба рафъи оқибатҳои манфии бекорӣ нигаронида шудааст. Самтҳои асосии он: суғуртаи иҷтимоӣ (ҷуброни оқибатҳои гум кардани кор ё қобилияти меҳнати коргарон, додани саҳми суғуртаӣ), ёрдампулӣ (маблағгузории эҳтиёҷоти шахсони алоҳида ё категорияҳои аҳолӣ, ки манбаи дигари зиндагӣ надоранд). Сиёсати шуғли фаъол бошад, маҷмуи ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва тадбирҳои иқтисодие, ки давлат барои кам кардани бекорӣ татбиқ менамояд, мебошад. Он ба ҳавасмандгардонии талабот ба қувваи корӣ (корҳои ҷамъиятӣ, андозбандии имтиёзнок, расонидани кумаки молиявӣ ба корхонаҳо бо мақсади нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ, мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна), маҳдуд кардани қувваи корӣ (афзоиши давомнокии таҳсил дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, паст кардани синни нафақа, рушди муҳоҷирати меҳнатии берунӣ), рушди

муҳити рақобат дар бозори меҳнат (баланд бардоштани ҳаракатнокии меҳнат, рушди системаи муттасили таълим ва бозомӯзии кадрҳо).

Кумак дар гирифтани тахассуси нав ва бозомузӣ муҳимтарин ҷузъи сиёсати фаъоли шуғл мебошад. Ин вазифаро ҳам дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо ва ҳам дар корхонаҳо иҷро кардан мумкин аст. Дар сурати аввал, онҳо ба касбҳои умумӣ, дар дуюм, ба ихтисосҳое, ки корхона лозим аст. Раванди бозомӯзӣ барои бекорон ройгон ва хароҷоти корхонаҳо аз ҷониби давлат аз ҳисоби кам кардани имтиёзҳои андоз ҷуброн карда мешавад. Ғайр аз ин, барномаҳои корҳои ҷамъиятӣ мавҷуданд, ки онҳо на танҳо муаммоҳои иқтисодию иҷтимоиро ҳал мекунанд, балки муаммоҳои экологӣ, рушди инфраструктураи минтақавӣ ва ғайраро низ ҳал мекунанд. Чизи манфии корҳои ҷамъиятӣ дар он аст, ки онҳо ба баланд бардоштани ихтисоси коргарон мусоидат намекунанд ва ин пайдо кардани корро душвор мегардонад. Кумак дар дарёфти кор ё шуғл барои гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ: маъюбон, ҷавонон, пиронсолон муҳим аст, зеро, ин гурӯҳҳо камтар ҳифз шудаанд ва на танҳо мушкилоти иқтисодӣ, балки мушкилоти иҷтимоӣ, равонӣ ва маънавӣ доранд. Қонун барои маъюбон барои иштирок дар фаъолияти иқтисодӣ имтиёзҳо пешбинӣ мекунад. Дар ҳар як кишвар ҷавонон хеле осебпазиранд, аз ин рӯ, СБМ он кишварҳоеро дастгирӣ мекунад, ки дар онҳо барои касбомӯзии ҷавонон маблағ ва имтиёзҳо ҷудо карда мешаванд [8].

Дар марҳилаи нави рушди мамлакат, зарурати такмил додани механизмҳои мавҷудаи танзими бозори меҳнати манотиқи деҳот ва таҳияи механизмҳои наве, ки ба шароити доимо тағйирёбанда мувофиқанд, ба миён омадааст. Иштироки давлат бояд дар густариши воситаҳои фаъоли сиёсати мусоидат ба шуғли аҳолӣ ифода ёбад. Ин ҷо дар назар доем таҳияи барномаҳои мақсадноки дастгирии рушди саноат дар минтақаҳои деҳот, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар самти муқовимат ба ихтисори оммавӣ ва таъмини танзими оқилонаи равандҳои бозомӯзӣ, мубориза бар зидди бекории аграрии дарозмуддат, зиёд намудани ҳаҷми пардохтҳои бекорӣ ва дар навбати худ, албатта, барои дастгирии тиҷорати хурд, бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ дод.

Сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар манотиқи деҳоти Тоҷикистон тавассути тадбирҳои сармоягузорӣ, молиявию қарзӣ, андоз ва сиёсати иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Ин тадбирҳо, пеш аз ҳама, ба ҷобаҷогузории оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда дар минтақаҳо, баланд бардоштани ҳаракати захираҳои меҳнатӣ, ҳавасмандгардонии тартиботи тағйирпазири меҳнат, ба вуҷуд овардани технологияи нав ва дигар тадбирҳое нигаронида шудаанд, ки ба нигоҳдорӣ ва рушди низоми меҳнати ҷойҳои корӣ мусоидат мекунанд. Айни замон, сиёсати фаъоли шуғли аҳолии деҳоти мамлакат, ки маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби давлат бо мақсади ноил шудан ба паст кардани сатҳи бекорӣ ҳадди ақал мусоидат менамояд, равона шудааст. Он ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкории иқтисодиёти деҳот тавассути курсҳо ва семинарҳо оид ба оғози тиҷоратро дар бар мегирад; роҳнамоии касбӣ, бозомузӣ, такмили ихтисос; ташкили ҷойҳои кори махсус барои табақаҳои осебпазир ва маъюбон сурат гирифта истодааст. Инчунин, сиёсати фаъол чораҳои пешгирии аз кор рафтани оммавии коргарон, муҳоҷирати беруна, мувофиқ намудани талаботи иқтисодиёт ва бозори меҳнат, иваз кардани ҷойҳои кори бесамар ва ғайраро дар бар мегирад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ИИД АМИТ – Мирсаидов А.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Бабаджонов Р.М. Проблемы занятости в условиях трансформируемой экономики / Р.М. Бабаджонов // Труд и социальная защита. Научно-исследовательский институт труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан. -Душанбе, 2010. -№1(4). -С.47-50.
2. Гоибназаров, С.М. Государственное регулирование кадровых процессов в условиях повышенной миграции / С.М. Гоибназаров, Ф.Б. Махмадиев, С.Ф. Хошимов // Peasant. – 2014. – № 3. – С. 91-93.
3. Зинякова М.В. Регулирование сельской занятости в регионе (на материалах Нижегородской области): автореферат диссертации на соискание ученой степени к.э.н.по спец. 08.00.05 - Экономика и управление народным хозяйством / М.В. Зинякова. - 26 с.
4. Кейнс, Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж.М. Кейнс. -М.: Эксмо, 2009. -960 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”(АМОҶТ с.2003, №8, мод.467; с. 2005, №12, мод. 650; с.2007, №7, мод.684; с.2008, №12, қ.2, мод.1006; с.2011, №6, мод.437).

6. Мирсаидов А.Б. Шуғли ғайрирасмӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ ва роҳҳои танзими он / А.Б. Мирсаидов. –Душанбе: Эр-граф, 2019. -175 с.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. –С.28-29; 2022. -С.41-42.
8. Практика применения законодательства о занятости населения. - 2013. –С.234. [Электронный ресурс]. URL: http://www.mintrud.gov.by/ru/conference_ru/view/-praktikaprimenenija-zakonodatelstva-o-zanjatosti-naselenija_355. -- дата доступа: 05.11.2014.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –С.45-47.
10. Турсунов Р.Р. Влияние естественного прироста населения на качество трудовых ресурсов в аграрном секторе Республики Таджикистан / Р.Р. Турсунов // Наука, новые технологии и инновации кыргызстана. – 2017. -№12.
11. Турсунов Р.Р. Эффективность использования трудоспособной части населения в аграрном секторе / Р.Р. Турсунов // Вестник Бохтарского государственного университета им. Носири Хусрава. – 2019. -№1/3(65). ISSN 2663-5534


## ҲАДАФҲОИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ШУҒЛИ АҲОЛИИ МАНОТИҚИ ДЕҲОТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


Дар мақола масаълаҳои назариявию амалии сиёсати шуғли аҳолӣ дар деҳот ва ҳадафу вазифаҳои он, инчунин, намудҳои шуғли аҳолӣ, ки на танҳо як падидаи иқтисодӣ, балки як қисми сиёсати иҷтимоии давлат ҳам мебошад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳо оид ба танзими ҷанбаву нишондиҳандаҳои асосии шуғлу бозори меҳнат ва таъмини қонунгузории он, аз тарафи давлат барассӣ шуда, муаммоҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодии он, бахусус муаммои бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот, ки ҳам бо аҳолии деҳот ва ҳам бо фаъолияти меҳнатии онҳо ва ҳам бо истеҳсол, тақсим, азхуд кардан ва истеъмоли неъматҳои моддӣ алоқаи зич дорад, таҳқиқ кард шудааст. Муаллиф таъкид намудааст, ки хусусиятҳои шуғли аҳолии деҳот ва истифодаи иқтидори меҳнатии он на танҳо манфиати иқтисодӣ доранд, онҳо инчунин, нишондиҳандаҳои асосии сиёсати шуғлу меҳнати давлат, муносибат ба одамонро ҳам ҳамчун қувваи асосии истеҳсолкунанда ва ҳам ҳамчун шахсият инъикос мекунанд. Вобаста ба ин роҳҳои такмил ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии шуғ, бахусус дар рушд намудани шуғли ғайрирасмӣ ва таҳкими фаъолияти шуғли алтернативии аҳолии деҳот тавсияву пешниҳодоти амалӣ коркард шудааст.



**Калидвожахо**: минтақаи деҳот, иқтисодиёти деҳот, шуғл, сиёсати шуғл, ҳадафу вазифаҳои шуғл, иқтидори меҳнатӣ, манфиати иқтисодиву иҷтимоӣ, қувваи асосии истеҳсолкунанда, омили шахсиии истеҳсолт, танзими давлатии бозори меҳнати манотиқи деҳот.


## ЦЕЛИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ СЕЛЬСКООЙ МЕСТНОСТИ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ


В статье рассмотрены теоретические и практические вопросы политики занятости на селе, ее цели и задачи, а также виды занятости населения, которая является не только экономическим явлением, но и частью социальной политики государства. Государственная политика занятости рассматривается как комплекс мер по регулированию основных аспектов и показателей занятости, рынка труда и обеспечению его законодательства, рассматриваются также важные социально-экономические проблемы трудоустройства, особенно проблема обеспечения занятости сельского населения, исследованы также вопросы связанные с занятостью сельского населения, с деятельностью его труда и тесно связанные с производством, распределением, приобретением и потреблением материальных благ. Автор подчеркнул, что занятость сельского населения и использования его трудового потенциала имеют не только экономическую выгоду, но и отражают основные показатели государственной политики занятости и труда, отношение к населению как к основной производительной силе. Обоснованы пути развития и приоритетные направления государственной политики занятости, выработаны практические рекомендации и предложения, особенно в сфере легимитизации неформальной занятости и упорядочения альтернативной занятости сельского населения.



**Ключевые слова**: сельская местность, сельская экономика, занятость, политика занятости, цели и задачи политики занятости, трудовой потенциал, экономический и социальный интерес населений, основная производительная сила, личный фактор производства, государственное регулирование рынка труда в сельской местности.


## STATE EMPLOYMENT POLICY RURAL POPULATION AT THE PRESENT STAGE


The article examines theoretical and practical issues of rural employment policy, its goals and objectives, as well as types of employment, which is not only an economic phenomenon, but also part of the state's social policy. State employment policy is considered as a set of measures to regulate the main aspects and indicators of employment, the labor market and ensuring its legislation; important socio-economic problems of employment are also considered, especially the problem of ensuring employment of the rural population. Related employment by the rural population and with the activities of their labor has been studied. and closely related to the production, distribution, acquisition and consumption of material goods. The author emphasized that the employment of the rural population and the use of its labor potential have not only economic benefits, but also reflect the main indicators of the state employment and labor policy, the attitude towards the population as the main productive force, and. as a person. Based on these, the development paths and priority directions of the state employment policy have been substantiated, and practical recommendations and proposals have been

developed, especially in the field of legitimizing informal employment and streamlining alternative employment for the rural population.

**Keywords**: rural area, rural economy, employment, employment policy, goals and objectives of employment policy, labor potential, economic and social interest of the population, main productive force, personal factor of production, state regulation of the labor market in rural areas.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хосамоҳ Абдуллозода Худойдод*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистент, кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 30. Телефон: **919-09-49-49.** E-mail: **mumed@yandex.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хосамох Абдуллозода Худойдод*** **–** Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры экономики и управления. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Маркази, 30. Телефон: **919-09-49-49.** E-mail**: mumed@yandex.ru**

**Information about the author:** ***Abdullozoda Khosamo Khudoydod*** **–** Dangara State University, assistant at the Department of Economics and Management. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Markazi street, 30. Phone: **919-09-49-49.** E-mail: **mumed@yandex.ru**

ТДУ: 336

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

*Зоиров Ш.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳлили сармоягузорӣ ва ҷолибияти он барои давлатҳои ҷаҳон аз ҷониби олимону мутахассисони соҳаҳои гуногун ба роҳ монда шуда, ҳар яке аз онҳо фикру андешаҳои хешро ҷиҳати самаранок истифодабарии сармоя, беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, пешниҳоди роҳҳои бартарафсозии монеаҳои рушди соҳибкорӣ баён намудаанд, ки то имрӯз дар фаъолияти сармоягузорӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар таҳлили мафҳуми маблағгузорӣ аз ақидаҳои мавҷудаи назарияи ҳозиразамон ва консепсияи илмии назарияи маблағгузорӣ дар доираи ақидаҳои классикӣ, кейнсионӣ ва институтсионалӣ ба вуҷуд омадааст. Бо вуҷуди ин, таҳқиқотҳои илмии қаблӣ нишон доданд, ки ҷонибдорони назарияи қаблӣ низ ба зарурати сармоягузорӣ ишора намуда, нақши онро дар рушди низоми иқтисоди миллӣ муайян намуданд.

Намояндагони мактаби меркантилизм Т.Манн, Д. Юм, Д. Ло, Ж. Колбер, Л. Зекендорф, ки сарчашмаи боигариро дар пул медиданд ва воридоти онро ба давлат бо мақсади таъмини ҷиҳати мусбии тавозуни пардохт ҷонибдорӣ менамуданд, мафҳуми маблағгузориро истифода накардаанд. Вобаста ба ин, онҳо зарурати истифодаи пулро барои ташкили истеҳсоли ҷамъиятӣ дар даврае, ки ҳунармандон ва фермерҳо бинобар сабаби норасогии замин неву, балки вобаста ба норасоии пул ғайрифаъол буданд, асоснок намудаанд. Ҳамин тариқ, меркантилистон зарурати маблағгузориро дар истеҳсоли молу маҳсулотҳо баён намуда, вале дар ниҳоят онро ҳамчун асоси рушди тиҷорати хориҷӣ, ки сарчашмаи боигарии давлат аст, маънидод намудаанд.

Намояндаи мактаби физиократҳо Ф. Кэне, муаллифи "Ҷадвали иқтисодӣ" аввалин шуда кӯшиш кард, ки сохтори сармоягузориҳоро нишон дода, дар таркиби он пардохтҳои пешакӣ (авансҳо) ва пардохтҳои солонаро ҷудо намояд. Тибқи ақидаи Ф. Кэне пардохтҳои пешакӣ дар худ пардохтҳоро барои харидории техникаи хоҷагии қишлоқ, навсозиҳо, ҳайвонҳои корӣ ва дар маҷмуъ, фонди таҷҳизоти кориро, ки давраи гардиши 10 соларо дорост, инъикос менамояд. Шакли мазкури пардохтҳои пешакӣ танҳо дар соҳаи заминдорӣ дида мешуд, зеро ягона шакли сармояи истеҳсолӣ дар он давра ин сармояи заминдорӣ буд. Ҳамин тариқ, кӯшиши ҷудо намудани воситаҳои сармоягузориро ба сармояи асосӣ ва сармояи гардон карда шуда, инчунин, афзалиятнокии сармоягузориро дар он давра - кишоварзӣ, ки ҳамчун як сарчашмаи асосии ташаккул додани фоидаи мусбӣ мебошад, асоснок намудааст.

Баъдтар, дар назарияи намояндагони дигари ин мактаб (Ҷ. Тюрго, М. Ривер, Т. Сиенса, Ле Трона) низ пардохтҳои пешакӣ мафҳуми "сармоя"-ро гирифтааст. Инчунин, онҳо муносибатҳои сармояи истеҳсолӣ ва боигарии миллиро шарҳ додаанд. Ле Трон дар асарҳои худ навиштааст: "Дар шакли меҳнати истеҳсолӣ вақти дароз ё кӯтоҳе вуҷуд дорад, ки фонди боигариро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби намояндагони мактаби классикӣ А. Смит, Д. Рикардо, Ҷ. Миллем, Ж.Б. Сей, Ҷ. Лодердейл, Т. Малтус, Н. Сениор доираи омӯзиши маблағгузориҳо васеъ гардонида шуд ва онҳо нақши онро дар соҳаи истеҳсолот ва сипас дар соҳаи ғайрисистеҳсолӣ таҳлил намуданд.

Асосгузори мактаби классикӣ А. Смит тасдиқ намудааст, ки барои таъмини рушди иқтисодӣ ҳаҷми маблағгузориҳои холис бояд зиёд карда шавад. Дар асари худ "Таҳқиқот дар бораи табиат ва сабаби боигарии халқҳо" муаллиф вобастагии байни раванди зиёд кардани сармояро дар афзоиши боигарии миллӣ муайян мекунад. Таъсири сармоягузориҳо ба рушди иқтисодӣ мувофиқи консепсияи ӯ нишон медиҳад, ки афзоиши сармоя боиси афзоиши боигарии ҳақиқӣ ва даромади тамоми сокинони кишвар мегардад. А. Смит сармояро ду хел шарҳ медиҳад: якум ҳамчун молу мулк ва маблағҳои пулии шахсони алоҳида, ки даромад ё фоида меоранд; дуюм ҳамчун омилҳои истеҳсолот, ки боигариро дар сатҳи ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоранд. Ҳамин тариқ, ӯ ба назарияи маблағгузориҳо саҳми худро гузошта, гуногунии воситаҳо ва объектҳои маблағгузориро

муайян намудааст. А. Смит ақида бар он дошт, ки маблағгузориҳо дар ду шакл вуҷуд дошта метавонад:

1. Сармоягузорӣ ҳамчун арзиши барқарорсозӣ ва зиёд кардани сармоя дар шакли биноҳо ва иншоотҳои саноатӣ, мошинҳо ва таҷҳизотҳо, хароҷоти замин ва сармояи гардон, ки дар натиҷаи он даромади соҳиби моликият афзоиш ёфта, дар маҷмуъ, боиси афзоиши даромади миллӣ мегардад.
2. Сармоягузорӣ ҳамчун омили markaziazнавтақсимсозии даромади миллӣ баромад менамояд. Масалан, дар шакли хароҷот барои хариди амволе, ки ба соҳиби моликият дар оянда даромад меорад.

А. Смит қайд намудааст, ки "ҳар он чизе, ки дар давоми сол пасандаоз карда мешавад, ҳамчунин, дар ҳамон муҳлат хароҷот ва истеъмол низ мешавад, вале истеъмоли он аз ҷониби тамоман нафарони дигар сурат мегирад, маблағгузорӣ аст" [2], ки асоси назарияи Ҷ.Б. Сей буда, дар илми иқтисод бо номи "Қонуни Сей" ё "Қонуни бозор" машҳур аст.

Ба ақидаи Ҷон Стюарт Милл, ки дар асари худ "Принсипҳои иқтисоди сиёсӣ" қайд намудааст, даромад аз ҳосилнокии меҳнат дар шакли истеҳсолот дар ҳолате истеъмол карда мешавад, агар ин истеъмол қувваҳои истеҳсолиро дастгирӣ ва афзоиш диҳад, ташаккули сармоя ҳамчун асоси сармоягузорӣ ба мо имкон медиҳад, андозаи шуғл ва истеҳсолотро афзоиш диҳем [6] (дар ин ҳолат сармоя ҳамчун натиҷаи пасандоз дида шудааст). Ҳамин тариқ, Милл сармояро шарти асосии истеҳсолот ҳисоб мекунад ва ташаккули он аз пасандоз вобаста аст. Инчунин, вай муайян мекунад, ки талабот ба молҳо ба ҳаракати сармоя мусоидат мекунад ва аз ин рӯ, танзимкунандаи тақозо ва арза ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки назарияи сармоягузорӣ, ки аз ҷониби намояндагони мактаби классикӣ таҳия шудааст, таърихан нахустин намунаи мукаммали рушди соҳаи сармоягузорӣ, аз ҷумла механизму параметрҳои равандҳои сармоягузорӣ дар макроиқтисод ва микроиқтисод мебошад. Намояндагони мактаби классикии назарияи иқтисодӣ, дар байни мафҳуми пул ва сармоя фарқият гузошта, нақши пасандоз ва сармояи пулиро дар раванди сармоягузорӣ асоснок карданд.

К. Маркс дар асари беназири худ «Капитал» дар рушди назарияи сармоягузорӣ саҳми назаррас гузоштааст. Муаллиф сармояро ҳамчун арзиш маънидод кардааст, ки дар раванди муомилот арзиши изофиро ба вуҷуд меорад. К. Маркс навиштааст: "Сармоя ин ҳаракатест, ки ҷараёни давра ба давраҳои гуногун мегузарад ва равандест, ки дар навбати худ се шакли гуногуни гардишро дар бар мегирад [5]. Дар марҳилаи аввал, тибқи таълимоти Маркс, капиталист омилҳои истеҳсолотро дар бозори молҳо ва бозори меҳнат ба даст меорад; дар марҳилаи дуюм, истеҳсоли молҳои харидашуда ва ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав дар асоси истифодаи қувваи кории кироя ба роҳ монда мешавад, ки арзиши он аз арзиши омилҳои истеҳсолӣ бештар мебошад; дар марҳилаи сеюм, амалигардонии маҳсулоти нави истеҳсолшуда ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи он капиталист сармояи пулиеро ба даст меорад, нисбат ба маблағи пештар гузошташуда, зиёдтар мебошад.

К. Маркс аввалин шуда мазмуни марҳилаҳои раванди сармоягузориро (дар шакли васеъкардашуда) ошкор намуд, ки дар айни замон, тақрибан дар ҳамон шакл истифода мешаванд: сармоягузорӣ, табдил додани арзишҳои гузошташударо ба афзоиши арзиши сармоявӣ ва даст овардани даромад ва фоида мебошад.

Саҳми назаррасро дар рушди назарияи сармоягузорӣ намояндагони мактаби маржиналистӣ С. Ҷевонс, К. Менгер, Е. Бем-Баверк, Ф. Визер, Л. Валрас, Ҷ. Кларк гузоштанд. Маржиналистон муаллифи назарияи манфиатнокии ниҳоӣ ба ҳисоб рафта, диққати асосиро ба ҷанбаи микроиқтисодии таҳлили сармоягузорӣ равона намудаанд. Онҳо системаи омилҳоеро, ки ба тақозо ва арзаи захираҳои сармоягузорӣ ва молҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, муайян карданд. Инчунин мушкилоти нархгузорӣ дар бозори сармоягузорӣ, муносибатҳои миқдорӣ дар байни сармоя ва дигар омилҳои истеҳсолот муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, Л. Валрас муодиларо бо номи "Қоидаи Валрас" таҳия кард, ки тавозуни тиҷорати байналхалқии мол ва хизматрасониро бо тавозуни ҳаракати сармоягузорӣ пайваст мекард.

Масъалаҳои муайян кардани шароити сармоягузорӣ, ки дар муқоисаи хароҷот ва натиҷаҳо иборатанд, дар асарҳои асосгузори мактаби неоклассикӣ А. Маршалл бештар ба назар мерасанд. Дар ҷараёни омӯзиши механизми фаъолияти бозори сармоя, ӯ омилҳои ташаккули тақозо ва арзаро ба сармоя таҳлил намуда, қайд кард, ки тақозо ба сармоя бо меъёри даромаднокии сармояе, ки соҳибкор сарф кардааст, танзим карда мешавад ва инчунин, ба сохтори хароҷоти соҳибкор аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад ва вобаста ба мушкилоти тағйирёбии муҳлати арзиши маблағҳои гузошташуда ва баргардонидани онҳо А. Маршалл ба хулосае омад, ки омили муайянкунандаи меъёри даромаднокии сармоя ин субъективизм ва баҳисобгирии соҳибкор мебошанд.

Ба гуфтаи А. Маршалл, сармоягузорӣ тамоми масорифотҳоеро дар бар мегирад, ки дар оянда ба сармоягузор даромад меорад. Ба ин масорифотҳо асосан арзиши сармояи тиҷоратию саноатӣ - корхонаҳо, мошинҳо, ашёи хом, манзил, либос, хӯрокворӣ ва сармояи пулӣ, яъне қарзҳои таъминшуда ва дигар шаклҳои назорати бозори пул мебошанд.

Ҷонибдорони назарияи неоклассикӣ (Ҷ. Мид, Э. Денисон, Р. Солоу ва дигарон), ки асосан ҷанбаҳои микроиқтисодии назарияи сармоягузориро омӯхтанд, ба омӯзиши самарабахши се омили истеҳсолот дар шароити рақобати озод - сармоя, меҳнат ва захираҳои табиӣ равона шуданд, ки рушди истеҳсолотро бо арзиши камтарини қувваи корӣ ва сармоя таъмин карда метавонанд. Онҳо таъсири сармояи иловагиро ба нархи арзаи молҳои инвеститсионӣ омӯхтанд ва қонуни иваз намудани намудҳои алоҳидаи ин молҳоро бо молҳои ҷойивазкунандаи нисбатан арзон таҳия карданд.

Чи тавре ба мо маълум аст, ки дар солҳои 70-уми асри XX, дар назарияи иқтисодӣ бештар таҳлилҳои микроиқтисодӣ бартарӣ дошт. Дар маркази таҳлил асосан субъектҳои хоҷагидорӣ (истеъмолкунанда ё ширкат) ҷой доштанд, ки кӯшиши онҳо ба афзун намудани фоидаи худ равона гардида буд. Чунин ба назар мерасид, ки субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити рақобати комил фаъолият мекунанд, ки дар он самаранокии ширкат бо фаъолияти оқилонаи иқтисодиёт, дар маҷмуъ, муайян карда шудааст. Ин усул тақсимоти оқилонаи захираҳоро дар иқтисодиёти миллӣ дар назар дошт ва аслан, имкони вайрон шудани мувозинати иқтисодии дарозмуддатро дар системаи иқтисодӣ таъмин карда наметавонист. Ин ақидаҳо аз ҷониби иқтисодшиноси англис Ҷ. Кейнс, ки номи он дар назарияи иқтисодӣ бо омӯзиши масъалаҳои макроиқтисодӣ алоқаманд аст, чандон ҷонибдорӣ нашудаанд.

Буҳрони бузурги иқтисодие, ки солҳои 1930 дар Амрико ба вуҷуд омад, ақидаи мактаби классикиро, яъне дахолати ками давлатро ба иқтисодиёт шубҳаовар намуд. Дар натиҷа ақидаҳои намояндагони мактаби кейнсинӣ, ки аз давлат даъват ба амал меорад, ки ба мақсади мувозинатии макроиқтисодӣ воситаҳои зарурии танзими равандҳои бозорро таҳия ва татбиқ кунад, маъруфият пайдо намуд. Асосгузори назарияи макроиқтисод Ҷ.М.Кейнс дар асари худ “Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул” ба омӯзиши вобастагӣ ва таносуби байни арзишҳои иқтисоди миллӣ: даромади миллӣ, пасандозҳо, сармоягузорӣ ва тақозои умумӣ бештар диққат дода ва ӯ вазифаи асосии расидан ба таносуби иқтисодии миллиро нишон додааст. Муаллиф “Қонуни бозорҳо”-и Ж.Б. Сейро, ки онро неоклассикҳо инкор менамуданд, мавриди танқид қарор дода, ақидаи худро ба он илова намудаанд, маблағгузорӣ пешниҳод намуаанд, яъне маблағгузорӣ “... ҳама гуна афзоиши арзиши изофӣ, ки сармоя ба вуҷуд меорад...”, дар ҳоле, ки дороиҳои асосӣ метавонанд аз сармояи асосӣ, муомилотӣ ё пардохтпазир иборат бошанд ва сармояро ба асосӣ ва гардон ҷудо намудаанд. Ба гуфтаи Ҷ.М. Кейнс, на пасандоз, балки танҳо маблағгузорӣ боиси афзоиш ёфтани даромад гардида, дар оянда метавонад ба васеъгардонии истеҳсолот мусоидат кунад. Вай навиштааст: “Қонуне мавҷуд аст, ки тибқи он афзоиши шуғл, ки бевосита ба сармоягузорӣ алоқаманд аст, бояд ҳатман ба ҳавасмандкунӣ ба он соҳаҳое мусоидат намояд, ки манфиатҳои бештар медиҳанд” [3].

Робитаи байни афзоиши сармоягузорӣ ва афзоиш дар даромади миллӣ ҳамчун таносуби муайяни иқтисодиест, ки онро самараи фузунсоз меноманд. Фузунсоз (k) ин нишондиҳандаҳаи воҳидиест, ки андозаи рушди истеҳсолоти миллиро аз ҳисоби афзоиши маблағгузорӣ нишон медиҳад. Яъне, “вақте ки шумораи умумии сармоягузориҳо зиёд мешавад, пас даромад ба миқдоре афзоиш мeёбад, ки аз афзоиши сармоягузориҳо k

маротиба зиёдтар аст” [3]. Сабаби ин падида, ба гуфтаи Ҷ.М. Кейнс, «қонуни асосии психологӣ» мебошад, ки мувофиқи он «дар ҳолате, ки даромади воқеӣ меафзояд, ҷомеа мехоҳад як қисми ками онро истеъмол кунад» [3]. Ҷ.М. Кейнс ҳаҷми сармоягузориҳоро омили асосии тақозо ва афзоиши даромади миллӣ меҳисобад. Аммо, таъмин кардани андозаи муътадили сармоягузорӣ масъалаи ба сармоягузориҳои воқеӣ табдил додани ҳамаи пасандозҳо вобаста аст. Дар муқоиса ба намояндагони мактаби классикӣ ва неоклассикӣ, Кейнс ақидаеро комилан рад кард, ки пасандоз ҳамзамон ба як амали сармоягузорӣ мубаддал мешавад, яъне пасандоз ва сармоягузорӣ якхелаанд ва пасандозҳои баланд шарти пешрафти иқтисодӣ мебошанд. Ба ақидаи ӯ пасандозҳои барзиёд ин танҳо таъминоти изофии мол нест, яъне вазъе ба миён меояд, ки ба буҳрони барзиёдистеҳсолкунии мол таҳдид мекунад. Ҳамин тариқ, ӯ ба хулосае омад, ки барои нигоҳ доштани афзоиши доимии даромади миллӣ сармоягузориҳои асосӣ бояд зиёд шаванд, ки барои азхуд намудани ҳаҷми афзояндаи пасандозҳо пешбинӣ карда шаванд. Танҳо сармоягузорӣ талаботи муассир буда, дар муайян кардани сатҳи даромади миллӣ ва шуғли аҳолӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Таъсири назаррасро ба назарияи сармоягузорӣ дар ақидаҳои илмии монетаристон ба назар мушоҳида намудан мумкин аст, ки механизми пулию қарзии танзими раванди сармоягузориро дида баромадаанд. Тибқи назарияи М. Фридман, ҳаҷми пул дар муомилот ба сатҳи нархҳои захираҳои сармоягузорӣ ва молҳо, суръати афзоиши сармоя ва дар маҷмуъ, ба фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ таъсири назаррас мерасонад. Аз ин рӯ, барои танзими он, системаи тадбирҳо барои таъсир расонидан ба чунин нишондиҳандаҳои гардиши пул, ба монанди ҳаҷми массаи пул, суръати гардиши он, ҳаҷми пул ва масъалаҳои қарзӣ заруранд.

Намояндагони мактаби институтсионалӣ Т. Веблен, А. Спитгофф, Ҷ. Комнс, В. Митчелл, Д. Букенен ва ғ. низ дар рушди назарияи сармоягузорӣ саҳми назаррас гузоштанд, ки методологияи таҳлили равандҳои сармоягузориро барои пурра кардани баррасии мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра пешниҳод кардаанд. Ин усул методологияи онҳоро ба таври назаррас мукаммал намуда, мураккабияти ҳалли мушкилоти сармоягузориро бо назардошти тамоюлҳои мавҷудаи рушди ҷомеа афзоиш медиҳад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки оиди аҳаммият ва нақши сармоягузориҳо дар рушди иқтисодии мамлакат, тамоми мактабҳои иқтисодӣ ва назарияҳои мавҷуда ақидаҳои худро пешниҳод намудаанд. Гарчанде ки сарчашмаи рушди иқтисодиро мактабҳои иқтисодӣ ба таври гуногун пешниҳод намудаанд, вале бе сармоягузорӣ рушди иқтисодӣ чандон дар ҳолати устувор қарор дошта наметавонад.

Дар баробари назарияҳои мактабҳои иқтисодӣ ва олимони хориҷӣ масъалаи маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ аз ҷониби олимони ватанӣ низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки чанде аз онҳоро дида мебароем:

Қодиров Ф.А. оид ба аҳаммияти маблағгузорӣ қайд менамояд, ки: “Дар шароити иқтисодиёти кушода сармоягузории хориҷӣ ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷанбаи минтақавӣ таъсири назаррас мерасонад, зеро шаклҳои нави ҳамкориҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоянд ва сохторҳои иттилоотӣ ва ташкилӣ оид ба идоракунии тиҷорати минтақавӣ ва рушди ҳудудӣ тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон зарур аст, ки ҳамкорӣ бо сармоягузорони ҷаҳонӣ ва бозори молҳо барои ба даст овардани манфиати ҳадди аксар аз шаклҳои муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, бахусус ҷалб ва истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ самараонк истифода намуда ва муносибатҳо дар ин самт тақвият дода шавад” [4].

Мувофиқи таҳқиқотҳои Хоҷаев Д.Қ., ки бештар ба масъалаи ҷолибияти сармоягузорӣ равона шудааст, қайд намудааст, ки “Ҷолибияти сармоягузорӣ ин хусусияти фарогири иқтисодӣ мебошад, ки баҳодиҳии иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ, сохтори сармоя, шакли идоракунӣ, сатҳи талабот ба маҳсулот ва рақобатпазирии онҳо, инчунин, дараҷаи ҷолибияти сармоягузории кишварҳо, минтақаҳо ва соҳаҳо тавсиф карда мешавад” [9].

Оид ба зарурати ҷалби маблағгузориҳои мустақими хориҷӣ, таҳқиқотҳои Солеҳзода А.А. ва Сафоев А.К. бештар мавриди таваҷҷуҳ аст. Солеҳзода А.А. оид ба

маблағгузориҳои мустақими хориҷӣ қайд намудааст, ки: “Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти давлати қабулкунанда таъсири калон дорад. Дар муқоиса бо қарзҳо, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ бо назардошти шакл ва ҳаракат ба дараҷаи шаффофияти иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад” [8].

Сафоев А.К. қайд намудааст: “Ҷалби сарчашмаҳои берунаи сармоягузорӣ дар шакли сармоягузории мустақими хориҷӣ мавҷуд аст, зеро онҳо, дар навбати худ, ба навсозии сохтори иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ваислоҳоти бозор мусоидат мекунанд. Ҷалби захираҳои сармоягузории хориҷӣ, ҷузъи муҳимми рушди индустриализатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад. Аз тамоми имкониятҳои сармоягузории хориҷӣ, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (СБХ) ҷузъи муҳимтарин мебошанд. Якум, онҳо манбаи асосии иловагии маблағ барои васеъкунӣ ва навсозии сармояи асосӣ мебошанд. Дуюм, онҳо ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки барқароркунӣ ва эҳёи иқтисодро таъмин мекунанд, саҳм мегузоранд. Сеюм, онҳо ба ҷорӣ кардани технологияҳои пешрафта, усулҳои муосири маркетинг ва менеҷмент, инчунин, ноу-хау имкон медиҳанд. Ҳамин тариқ, нақши асосии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз тезонидани саноатикунонии иқтисодиёт ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии кишвар тавассути равандҳои технологӣ ва истеҳсолӣ мебошад” [7].

Оид ба фаоълияти маблағгузорӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ низ вуҷуд дорад. Аз ҷумла дар Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ”, ки аз соли 2016 қабул шудааст, омадааст: “сармоягузорӣ – аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида” [11].

Фароҳам овардани муҳити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва психологӣ дар кишвар барои рушди корхонаҳои муштарак на танҳо бахри зиёд намудани шумораи онҳо, балки барои суръатбахшии такрористеҳсоли сармояи муштарак, баланд бардоштани рейтинги инвеститсионии кишвар низ муҳим мебошад. Дар ин асос коршиноси Институти иқтисод ва демографияи АМИТ Рамазонов Қ.И. қайд менамояд, ки: “Афзун намудани ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ аз ин роҳ барои таҳкими иқтидори иқтисодии соҳибкории хусусӣ дар саноат, ҷалби фаъолтари қарзҳои хориҷӣ барои рушди истеҳсолот, таъсиси корхонаҳои нав, ҷорӣ сохтани технологияҳои пешқадам, ба бозорҳои хориҷӣ ворид гаштани ширкатҳои миллӣ ва дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи устувор пайдо намудани онҳо, андӯхтани таҷрибаи муосири пешқадами идораи истеҳсолот, сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ, истифодаи технологияи пешқадам, пешниҳод намудани молҳои нав, пайдо намудани таҷрибаи муосир ва усулҳои рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, зиёд намудани ҳаҷми воридот ба буҷети давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард” [7].

Дар асоси назарияҳои овардашуда, ақидаи мо оид ба маблағгузорӣ чунин мебошад: Маблағгузорӣ - ин равона намудани маблағҳои пулиро ба тиҷорат тавассути хариди коғазҳои қиматнок ё бевосита ба корхона (ширкат) бо мақсади ба даст овардани фоидаи иловагӣ мебошад.

Ҳамин тавр, тамоми назарияҳои таҳлилшуда шаҳодати онро медиҳад, ки маблағгузорӣ омили асосии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, аз дараҷаи он сатҳи зиндагии мардум вобаста мебошад. Гузашта аз ин, ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ шарти муҳимми таъмини рушди босуботи иқтисодӣ мебошад, ки тавассути фузунсоз имкониятҳои афзоиши истеҳсолот, рушди соҳаҳои саноат, ҷорӣ намудани навгониҳоро осонтар менамояд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Акрамов, Ш. Привлечение зарубежных инвестиций для развития сельского хозяйства / Ш. Акрамов, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Чабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. -№2/8(149). -С.273-276.
2. Блауг, Марк. Экономическая мысль в ретроспективе: [пер. с англ.] / Марк Блауг. -М: Акад. Нар. Хоз-ва: Дело, 1994. -687 с.
3. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости процентов и денег Антология экономической классики / Дж.М. Кейнс. - М: Эксо, 2007. –т.2. -960 с.

4. Кодиров Ф.А. Экономическая безопасность малой открытой экономики Республики Таджикистан в условиях привлечения региональных форм иностранных инвестиций: автор.дис. / Ф.А. Кодиров. -Душанбе, 2010.
5. Маркс К. Капитал / К. Маркс. -М.: Издательство политическая литература, 1975. -Т. 2. -752 с.
6. Милль Дж.С. Основы политической экономии с некоторыми приложениями их к социальной философии / Дж.С. Милль. -М.: Экономика, 1993. -330 с.
7. Сафоев А.К. Инвестиционно-инновационные аспекты индустриализации экономики Республики Таджикистан в современных условиях / А.К. Сафоев // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2019. -№5. -часть II. –С.71-76.
8. Солиев А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики (на примере Республики Таджикистан): автор. дис. канд. экон. наук / А.А. Солиев. -Душанбе, 2004.
9. Ходжаев Д.К. Влияние региональной интеграции на инвестиционные процессы в Республике Таджикистан: диссертатсия барои дарёфти н.и.и. / Д.К. Ходжаев. -Душанбе, 2018.
10. Шарипов, У.А. Резервы коммерческих банков и их возможность использования как инвестиции для экономического развития страны / У.А. Шарипов, Шарифзода Н.Ш. // Трансформация бизнеса и общественных институтов в условиях цифровизации экономики: Сборник научных трудов IV Национальной (российской) научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 26–27 мая 2022 года / Под общей редакцией Е.ф. Щипанова [и др.]. -Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский университет технологий управления и экономики, 2022. -С.289-296. – EDN UZEGUG.
11. [Манбаи электронӣ]: URL: http://majmilli.tj (санаи воридшавӣ: 10.02.2023).

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявии сармоягузорӣ, омилҳои ба он таъсиркунанда ва ақидаҳои назариявии равияҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф омӯзиши масъалаи мазкурро аз ақидаҳои иқтисодии равияи меркантилизм оғоз намуда, ақидаҳои олимони соҳаи иқтисодро дар бораи муайянсозии мафҳуми маблағгузорӣ таҳлил намудааст. Дар мақолаи мазкур ақидаҳои назариявии мактаби марксизм, меркантилизм, кейнсионӣ ва институсионалӣ гирдоварда шудаанд. Дар асоси омӯзиши масъалаи мазкур муаллиф фаҳмиши худро оиди маблағгузорӣ пешниҳод намудааст. Дар баробари таҳлили назариявии ақидаҳои иқтисодии олимони хориҷӣ дар мақолаи мазкур муаллиф ақидаҳои иқтисодии олимони ватаниро низ мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур муаллиф хусусиятҳо ва тамоюлҳои сармоягузорӣ, афзалиятҳои онро барои иқтисодиёти кишвар нишон додааст. Қайд карда мешавад, ки афзун намудани ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ барои таҳкими иқтидори иқтисодии соҳибкории хусусӣ дар саноат, ҷалби фаъолтари қарзҳои хориҷӣ барои рушди истеҳсолот, таъсиси корхонаҳои нав, ҷорӣ сохтани технологияҳои пешқадам, ба бозорҳои хориҷӣ ворид гаштани ширкатҳои миллӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, сармоягузорӣ, марксизм, мактабҳои иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, молия, сармоягузории мустақим, сармоягузории молиявӣ, маблағгузорӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЙ ИНВЕСТИЦИИ

В данной статье исследуются и рассматриваются теоретические вопросы инвестиций, факторы, влияющие на них, а также теоретические суждения о различных экономических направления. Автор начал исследование данного вопроса с экономических идей меркантилизма и проанализировал представления ученых-экономистов об определении понятия инвестиции. В данной статье приведени теоретические идеи школ марксизма, меркантилизма, кейнсианства и институционализма. На основе изучения данного вопроса автор представил свое понимание об инвестициях. Наряду с теоретическим анализом экономических теорий зарубежных ученых в данной статье также рассмотрены теоретические суждения отечественных ученых. Также в даной статье автором показаны особенности и тенденции инвестиций, и их преимущества для экономики страны. Отмечено, что повышение объема инностранных инвестиций способствует укреплению экономического потенциала частного предпринимательства в промышленности, привлечению внешнего долга для развития производства, созданию новых предприятий, внедрению передовых технологий, вхождению на мировой рынок отечественных предприятий и т.д.

**Ключевые слова:** экономика, инвестиции, марксизм, экономические школы, экономическое развитие, предпринимательство, финансы, прямые инвестиции, финансовые инвестиции, капиталовложения.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF INVESTMENT RESEARCH

This article explores and discusses the theoretical issues of investment, the factors influencing it, as well as the theoretical judgment of various economic directions. The author began the study of this issue with the economic ideas of mercantilism and analyzed the views of economists on the definition of the concept of investment. This article presents the theoretical ideas of the school of Marxism, mercantilism, Keynesianism and institutionalism. Based on the study of this issue, the author presented his understanding of the investment. Along with the theoretical analysis of the economic theories of foreign scientists, this article also examines the theoretical judgments of domestic scientists. Also in this article, the author shows the features and trends of investment, and its benefits for the country's economy. It is noted that an increase in the volume of foreign investment contributes to strengthening the economic potential of private

entrepreneurship in the industry, attracting external debt for the development of production, the creation of new enterprises, the introduction of advanced technologies, the entry of domestic enterprises into the world market, etc.

**Keywords:** economics, investment, Marxism, economic schools, economic development, entrepreneurship, finance, direct investment, financial investment, investment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зоиров Шукрулло Нуралиевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 907-74-74-43.** E-mail**: zoirzodash93@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зоиров Шукрулло Нуралиевич*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-74-74-43.** E-mail**: zoirzodash93@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zoirov Shukrullo Nuralievich*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-74-74-43**. E-mail: **zoirzodash93@mail.ru**

ТДУ: 339.5(575.3)

# НАҚШИ ТИҶОРАТИ БЕРУНӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

*Назаров С.А., Ризоев Ф.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар низоми тадбирҳои аввалиндараҷаи мамлакатҳои рӯ ба рушд оид ба таъмини саноатикунонии суръатфизоӣ ин кишварҳо, ки ба сифати яке аз ҳадафҳои миллии онҳо эълон шудааст, ба ҳавасмандгардонии содирот, рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, маҳсулоти ивазкунандаи воридот, содагардонии расмиёти савдои берунӣ аҳаммияти махсус дода мешавад, ки дигар гурӯҳи мамлакатҳо низ аз ин сиёсат бебаҳра нестанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки давоми солҳои охир усулҳои ғайритарифӣ бо сабабҳои маълум боз ҳам афзунтар гардидаистодааст. Мутобиқи гуфтаҳои дар боло зикршуда, зиёда аз 50% ҷараёни тиҷорати ҷаҳонӣ ба танзим дароварда мешавад, ки чунин танзимнамоӣ ба пешрафти ҷаҳонишавии тиҷорат монеа мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки озодшавии тиҷорат дар асоси ривоҷу равнақ додани додугирифти мутақобила тамоюли асосии инкишофи савдои ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Тақсимоти байналхалқии меҳнатро чуноне, ки маълум аст, вобаста ба ҳолатҳои иқлимии кишварҳои алоҳида, инчунин, сохторҳои истеҳсолӣ ва механизмҳои иқтисодиёт, ки яке аз сабабҳои асосии пешрафти тиҷорати берунӣ ба шумор меравад, истифода мебурданд.

Дар замони муосир, махсусан дар замони ҷаҳонишавӣ, иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат нокифоя буда, нохушиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро аз байн бурда наметавонад.

Ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ синтез шуда, муносибатҳои иқтисодии байналмилалиро барои ҳар як давлат инкишоф медиҳад. Муҳиммияти муносибатҳои тиҷоратии берунӣ ва муносибатҳои илмию технологӣ барои пешбурди иқтисодиёти давраи гузариш махсусан бузург аст.

Бар замми ин, инкишофёбии илмию технологӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва истеъмолот, на танҳо ТБМ ва муносибатҳои иқтисодиёти ҷаҳонро баланд бардошт, балки пешрафти тамоми қисматҳои таркибии онҳоро дар умум таъмин намуд.

Имрӯзҳо, на ягон давлатҳои пешрафта ва на калонтарин дар ҷаҳон қодир нестанд, ки ҳамаи талаботҳои лозимаи худро дар алоҳидагӣ қонеъ намоянд. Ҳамзамон, иқтидори бозори дохилӣ дар аксари ҳолатҳо барои истеҳсоли маҳсулнокӣ ё сифатнокии муосир кофӣ нест, ин гуфтаҳо ба он оварда мерасонад, ки мамлакатҳо фаъолияташонро ба тиҷорати берунӣ равона менамоянд.

Нишондиҳанда ё қисмати муҳимтарини фаъолияти иқтисодии хориҷӣ - савдои берунӣ ба шумор меравад. Дар адабиётҳои мухталифи иқтисодӣ таҳти мафҳуми "тиҷорати берунӣ", муносибатҳои содиротию воридотии давлатҳои ҷаҳон дониста мешавад, ки дар асоси тақсимоти байналхалқии меҳнат анҷом дода мешаванд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки барои дарки таъсири самараноки тиҷорати берунӣ ба иқтисодиёт, ин муайян намудани нишондиҳандаҳои дахлдор муҳим аст. Нишондиҳандаи умумӣ метавонад салдои тарози савдо ҳисоб карда шавад. Барзиёд будани содирот аз воридот имкон медиҳад, ки захираҳои асъории бонки марказӣ, ҷалби сармоягузориҳо, хизматрасонии қарзи берунии кишвар боло раванд ва масъалаи коҳиш додани касри буҷет имконпазир гардад. Нишондиҳандаи дигари самаранокии савдои хориҷӣ метавонад нишондиҳандаи шартҳои савдо бошад, ки аз нишондиҳандаҳои ҳиссаи содиротӣ ва ҳиссаи воридотӣ иборат мебошад. Дар ҳолати паст будани квотаи содиротӣ, бесамарии савдои берунаро нишон медиҳад ва дар ин ҳолат воридот нисбат ба содирот аз меъёр зиёд мебошад. Дар умум, самаранокии тиҷорати берунӣ, аз самаранокии содирот ва воридот иборат аст.

Якчанд нишондиҳандаҳои самаранокии содирот ва воридотро аз назар мегузаронем.

Самаранокии содирот аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин муайян карда мешавад:

- ❖ таносуби нишондиҳандаҳои нархҳои ҷаҳонӣ ва нархҳои дохилӣ;

- ❖ самаранок истифодабарии фоида;
- ❖ содиротро мувофиқи нақша бояд ба роҳ монд то амнияти иқтисодии давлат амалӣ гардад.

Самаранокии воридот низ аз рӯйи нишондиҳандаҳои зикршуда баҳо дода мешавад:

- ❖ вобаста ба таносуби нишондиҳандаҳои нархҳо;
- ❖ имконоти қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ва имконпазирии соҳаи истеҳсолот;
- ❖ дарачаи таъмини амнияти иқтисоди миллӣ.

Яке аз вазифаҳои гузариши системавии мамлакатҳои рӯ ба рушд, ин таъмини воридшавӣ ба самти умумии ташаккули илмӣ-техникӣ ва пешрафти иҷтимоӣ, шиносоӣ бо манфиатҳо ва арзишҳои тамаддуни иқтисодиёти муосир мебошад. Дар ин ҳолат вазифаи асосии тиҷорати хориҷиро техникаю технологияҳои муосир ва таҷҳизоти нав ба пеш мебарад, ки иқтидори самарабахшии иқтисоди миллӣ ва рақобатпазирии маҳсулотро таъмин мекунад. Бар замми ин, иштироки фаъол дар амалиёти тиҷорати хориҷӣ ба пешравии соҳаҳои муайяни иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, ташаккули афзалиятҳои муқоисавӣ дар асоси вобастагии талабот, инчунин, баланд бардоштани сармоя, баландбардории самаранокии онҳо, афзоиши иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос ва ҳамкории байналхалқии саноатӣ масъалаҳои мадди аввал барои давлат ба ҳисоб меравад.

Рушди динамикаи содирот, пасандозҳои ватаниро зиёд менамояд. Содирот дар иқтисодиёти рушдёбанда ҳамчун восита барои баланд бардоштани на танҳо бозор, балки заминаи рушди захиравии саноатӣ ва иқтисодиёти умумӣ ба шумор меравад. Аз ин сабаб, рушди содирот низ сармоягузориҳоро талаб мекунад.

**Таъсиррасонии мусбӣ ва манфии содирот ба инкишофи иқтисодиёт.** Пеш аз оне, ки дар бораи таъсиррасонии содирот ба рушди иқтисодӣ маълумот диҳем, маълумоти кӯтоҳро оид ба содирот пешкаш менамоем.

Мафҳуми экспорт (содирот) аз калимаи лотинии “exporto” гирифта шуда, маънояш кашонидани молу маҳсулот ва хизматҳо аз бандаргоҳи мамлакат берун мебошад. Харидкунандаи чунин молу маҳсулотҳо, мамлакати импортиёр (воридкунанда) буда, фурӯшандаи ин гуна молу хизматҳо ё бароварандаи молу маҳсулот бошад, давлати экспортиёр (содиркунанда) ба шумор меравад.

Хусусан содирот ва воридот асосӣ муносибатҳои иқтисодиёти байналхалқиро ташкил намуда, ТБМ низ аз онҳо вобастагии калон дорад.

Молҳои содиршаванда барои фурӯш аксари вақт на ин ки ба як давлат балки яку якбора ба якчанд кишвар содир карда мешавад.

Содироти маҳсулот – ин кашонидани маҳсулотҳои таркибин аниқдошта мебошад.

Содироти хизматрасонӣ- ин хизматрасонӣ ба шарикони хориҷие, ки дорои хусусияти истеҳсолӣ дошта ба шумор меравад.

Содироти сармоя – сароягузориҳо барои ташкили истеҳсолоти худӣ дар хориҷи кишвар ҳисобида мешавад.

Агар ба мамлакатҳои нави саноатӣ назар намоем, аксарияти ин давлатҳо барои ҷоннокшавии иқтисодиёташон аз сиёсати саноатию сиёсати содиротӣ истифода бурдаанд.

Содироти молҳо қисми асосии истеҳсолоти миллӣ буда, дар нишондиҳандаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) содирот (Xn) қайд шудааст: ММД = C + I + G + Xn. Аз ин рӯ, афзоиши содирот дар ҳаҷми ММД, боиси афзоиши нишондиҳандаи ниҳоии рушди кишвар гардида, аз ин рӯ, ба рушди иқтисоди мамлакт мусоидат менамояд, талаботи сармоягузорӣ ва шуғлро фаъол мегардонад. Қариб 1/5 қисми даромади мамлакатҳои рушдкарда ва 1/3 ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба рушд бевосита аз содирот вобаста аст.

Содирот талаботи мамлакати хориҷаро қонеъ гардонида, аз ҳисоби даромади аҳолии мамлакатҳои хориҷӣ пардохт карда мешавад. Пас аз гирифтани фоида, содиркунандагон метавонанд онро барои сармоягузорӣ ё дар истеҳсолоти нави соҳаҳои алоқаманд сарф кунанд.

Вобаста ба маълумоти Хазинаи байналхалқии асъор (ХБА), содироти ҷаҳонӣ дар соли 2014 18,682 трлн $-ро ташкил намудааст.

Вобаста ба маълумоти бонки ҷаҳонӣ бошад, содироти ҷаҳонии мол ва хизматрасонӣ дар соли 2019 - 24,933 трлн $-ро дар бар гирифтааст.

Аз ҳама мамлакатҳои содироти мол ва хизматрасонии бештардошта инҳо мебошанд:

**Ҷадвали 1. Маълумоти Бонки ҷаҳонӣ**
**Table 1. World Bank data**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Хитой | 2,643 трлн $ | 2019 |
| 2. | ИМА | 2,528 трлн $ | 2019 |
| 3. | Олмон | 1,811 трлн $ | 2019 |
| 16. | Россия | 481,7 млрд $ | 2019 |
| 145. | Тоҷикистон | 1,243 млрд $ | 2019 |

Танҳо маҳсулотҳои содиротшуда дар ин сол (2019) ба 18,734 трлн $ омада расид. Ин нишондиҳанда дар соли 2020 -7,6% коҳиш ёфта, 17,309 трлн $-ро ташкил кардааст.

**Ҷадвали 2. Аз ҳама мамлакатҳои содироти моли бештардошта инҳо мебошанд**
**Table 2. The following are the countries that export the most goods**

| № | Мамлакат | Содирот ($) | Сол | % |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Хитой | 2,590 трлн $ | 2020 | +3.7% |
| 2. | ИМА | 1,431 трлн $ | 2020 | -13% |
| 3 | Олмон | 1,377 трлн $ | 2020 | -7.3% |
| 4. | Ҷопон | 640,9 млрд $ | 2020 | -9.2% |
| 5. | Нидерландия | 551,6 млрд $ | 2020 | -4.4% |
| 6. | Гонконг | 551,5 млрд $ | 2020 | +3% |
| 7. | Кореяи Ҷанубӣ | 512,7 млрд $ | 2020 | -5.4% |
| 8. | Италия | 495,9 млрд $ | 2020 | -7.8% |
| 9. | Фаронса | 475,1 млрд $ | 2020 | -14.4% |
| 10. | Белгия | 419,4 млрд $ | 2020 | -6.1% |
| 16. | Россия | 332 млрд $ | 2020 | -21% |

Сарчашма: https://www.worldstopexports.com/worlds-top-export-countries/

**Таъсири мусбати содирот ба иқтисодиёт:**

❖ Фоидаи содирот - яке аз сарчашмаҳои асосии даромади буҷет ба шумор меравад.

❖ Содирот ММД-ро афзоиш дода, маҷмуи талаботро низ зиёд мегардонад ва ба таъмини шуғли иловагӣ мусоидат мекунад.

❖ Ҳангоми амалиёти содиротиро анҷом додан асъори хориҷӣ ба давлат ворид шуда, инчунин, таҷҳизотҳои баландсифати техникӣ кашф карда мешавад, ки яке аз воситаҳои асосии пешрафти иқтисодиёт ба шумор меравад.

❖ Содирот метавонад ташкилотҳои истеҳсолкунандаро, ки талабот ба молҳои истеҳсолкардаи онҳо дар дохили давлат паст аст, ҳимоя намуда, даромади барзиёд ва пешрафти онро таъмин менамояд. Инчунин, гуфтаҳои дар боло зикршуда, пешрафти иқтисодиётро метезонад.

❖ Содирот миқдори истеҳсолотро оптималӣ, сифати маҳсулотро баланд ва хароҷтҳои зиёдатиро минималӣ мегардонад.

❖ Содирот хароҷотҳои воридотиро рӯйпӯш намуда, асъори миллиро мустаҳкам менамояд.

❖ Даври ҳайётии маҳсулотҳои зиёдро аз ҳисоби содирот ба мамлакатҳои қафомонда зиёд менамояд.

❖ Фоидаи содирот иқтидори молиявии ширкати дохилиро баланд мегардонад.

**Таъсири манфии содирот ба иқтисодиёт -** дар аксари ҳолатҳо молҳои ашёи хом аз мамлакатҳои рӯ ба рушд ба дигар мамлакатҳо содир карда мешавад, ки бояд онҳо коркард шуда, баъд ба хориҷ бароварда шавад.

- содирот ба пастшавии экалогия оварда мерасонад;
- содирот ба худ сармоягузориҳо ва қувваи кории баландихтисосро талаб менамояд;
- болоравии нархи ҷаҳонӣ боиси болошавии нархи дохилӣ (таваррум) мегардад;

- иқтисодиёт аз доллар вабаста мешавад, ки дар натиҷа худ таваррумро ба вуҷуд меорад.

Инчунин, дар натиҷаи аз меъёр зиёд содир кардани молу маҳсулот, дар бозори дохилӣ камчинии маҳсулотҳо ба вуҷуд меояд, нархи молу маҳсулотҳо боло меравад, ки боиси таварруми асъори миллӣ мердад, дар натиҷаи он, нишонаҳои расидани зиён ба иқтисоди миллӣ пайдо шуда, зарурати истифодаи квотакунӣ ба вуҷуд меояд.

**Ба сифати натиҷаи мусбии асосии содироти сармоя** – инчунин, метавон чунин нишондиҳандаҳоро қайд намуд:

Сармоя вобаста ба ҷустуҷӯи соҳаҳои мусоид вобаста ба талабот ва рушди он аз як мамлакат ба дигар давлатҳо мегузарад. Ин ба пешравии рақобатпазирӣ, пеш аз ҳама, ба болоравии рақобатпазирии ширкатҳои содиркунандаи сармоя ва дар ниҳоят иқтисоди миллии кишварҳо, мусоидат менамояд.

Содироти сармоя яке аз шартҳои муҳимтарини пешрафт ва рушди тақсимоти байналмилалии меҳнат ба шумор меравад, ки ба таҳким ва густариши махсусгардонии байналхалқӣ ва ҳамкории истеҳсолоти байналхалқӣ мусоидат мекунад.

Ҳаракати байналхалқии сармоя, маҷмуи тиҷорати мутақобили байни кишварҳоро зиёд намуда, маҳсулотҳои воқеъбудаи байни филиалҳои ширкатҳои байналмилалӣ ва ҳавасмандгардонии рушди савдои ҷаҳониро ба пеш мебарад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёти байналмилалӣ, ҳамгироии бозорҳои молиявӣ ва таҷдиди сармоягузории байналхалқӣ таъмин карда шуда, самаранокии механизми муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ зиёд карда мешавад.

**Ба сифати натиҷаи манфии асосии содироти сармоя** - чунин нишондиҳандаҳоро қайд намудан мумкин аст:

Содироти сармоя ба хориҷи мамлакат бидуни ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ сармоягузории дохилиро коҳиш медиҳад ва ин якбора ба паст шудани пешрафти иқтисодии кишварҳое, ки содироти капиталӣ доранд, сабаб мешавад;

Содироти сармоя ба сатҳи пасти шуғл таъсири манфи мерасонад, дар қаламрави содиротии кишвар афзоиши бекорӣ ба вуҷуд омаданаш мумкин аст.

Содироти сармоя ба тавозуни пардохти кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

**Таъсиррасонии мусбии воридот ба иқтисод** - воридот яке аз қисмҳои асосии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба шумор рафта, дар пешрафт ва коҳишёбии иқтисодиёт саҳми арзандаи хешро мегузорад. Воридот ин аз беруни давлат дохил кардани молу маҳсулотҳо ба ҳисоб меравад. Пештар чунин ақидае буд, ки воридот ба пешрафти иқтисодиёт монеа мешавад, аммо пас аз амалиётҳои зиёд як гурӯҳи олимон ба чунин хулоса омаданд, ки воридот асоси таҳкимбахши рақобат ва баландбардорандаи сифати молу маҳсулот ба ҳисоб меравад ва инчунин, воридот номгӯйи молҳои дохилиро зиёд мегардонад. Дар ҳолати воридоти дуруст аз хориҷа чи аз рӯйи миқдори молу маҳсулотҳо ва чи аз рӯйи номгӯйи онҳо метавонад ба иқтисодиёт таъсири мусбати худро расонад ва бояд бештар аз хориҷ борҳои илмталаб, техникаю технология бо нархи дастрас ворид кард, ки дар оянда миқдори даромади ба даст меомада, ба нақша гирифта, инчунин, бо таври ҷиддӣ назорат бурда шавад, онгоҳ воридот барои иқтисодиёти мамлакат фоидаовар ба ҳисоб меравад. Агар ба савдои хориҷии давлатҳо назар андозем, ҳолати бе ниҳоят кам ба чашм мерасад, ки содирот бар воридот баробар бошад. Аммо, ҳамеша содироти ҷаҳонӣ баробар ба воридоти ҷаҳонӣ мебошад. Яъне, агар дар ҷаҳон ҳамон қадар моле содир карда шавад, мамлакатҳои дигар танҳо ҳамон молҳои содиршударо ворид менамоянд, молҳои дигаре вуҷуд надорад то ворид шавад, вобаста ба ин содироту воридоти ҷаҳонӣ ҳамеша баробар мебошад.

Дар шароити афзоиш додани воридоти молу маҳсулотҳо ба давлат зарурати пурзӯркунии чораҳои назоратӣ оид ба фурӯши маҳсулотҳои бесифати воридотӣ ба вуҷуд омадааст. Мамлакати воридкунанда дар ин маврид на танҳо усулҳои иқтисодӣ, инчунин, чораҳои маъмуриро нисбат ба мамлакатҳои қоидаҳои тиҷорати байналхалқиро вайрон карда, истифода мекунад.

Воридоти аз меъёр зиёд ва номукаммал метавонад ба коҳишёбии иқтисодиёт, аз дастравии асъори хориҷӣ ва бойигариҳои миллӣ, пастшавии даромади аҳолӣ ва

поёнравии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, поёнравии истеҳсолоти шахсӣ ё худӣ оварда мерасонад.

Воридоти мувофиқу муносиб бошад, иқтисодиётро қавӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва даромади аҳолиро боло бурда, кушодашавии истеҳсолоти нави дохилӣ ва умуман ба тамоми соҳаҳо таъсири хуби худро мерасонад.

Инчунин, метавон таъсиррасонии мусбии воридотро ба чунин гурӯҳҳо тақсим намуд:

1. Давлат аз ҳисоби воридот ба буҷаи давлат боҷҳои иловагӣ ворид менамояд.
2. Он молҳое, ки дар иқтисодиёти дохили мамлакат истеҳсолашон кам мешавад ва давлат аз он молҳо танқиси мекашад, талаботи мамлакат нисбат ба ин гуна молҳо аз хориҷ қонеъ гардонида мешавад.
3. Он молҳое, ки танҳо дар хориҷи давлат истеҳсол мешавад, ба дохили мамлакат ворид карда мешавад.

Вобаста ба маълумоти Маркази тиҷоратии ҷаҳонӣ (UN COMTRADE and ITC) воридоти ҷаҳонӣ дар соли 2020 зиёда 17 трлн $-ро ташкил намудааст.

**Ҷадвали 3. Аз ҳама мамлакатҳои воридоти бештардошта инҳо мебошанд: (Маълумот: UN COMTRADE and ITC)**

**Table 3. The top importing countries are: (Source: UN COMTRADE and ITC)**

| № | Давлатҳо | Воридот ($) | Сол |
|---|---|---|---|
| 1. | ИМА | 2,407трлн $ | 2020 |
| 2. | Хитой | 2,055 трлн $ | 2020 |
| 3. | Олмон | 1,171трлн $ | 2020 |
| 4. | Ҷопон | 634,5 млрд $ | 2020 |
| 5. | Британияи Кабир | 631,8 млрд $ | 2020 |
| 6. | Нидерландия | 596,1 млрд $ | 2020 |
| 7. | Гонконг | 578,5млрд $ | 2020 |
| 8. | Фаронса | 569,2 млрд $ | 2020 |
| 9. | Ҳиндустон | 478,8 млрд $ | 2020 |
| 10. | Кореяи Ҷанубӣ | 467,5 млрд $ | 2020 |
| 21. | Россия | 231,5 млрд $ | 2020 |
| 148. | Тоҷикистон | 3,1 млрд $ | 2020 |

Сарчашма: https://en.wikipedia.org/wiki/List_of_countries_by_imports

**Таҳдиди воридот ба иқтисод** - дар замони муосир баъзе мамлакатҳои дунё, пеш аз ҳама, ба мамлакатҳои рӯ ба рушд назар андозем, воридот нисбат ба содирот аз меъёр зиёд мебошад, бар замми ин, воридот сол то сол боло рафтаистодааст ва чораҳои меандешида натиҷаи паст нишон дода истодааст. Молҳои воридотӣ молҳои истеҳсолшудаи тайёр мебошанд ва он дар дохили давлати воридкунанда на коркард карда мешаваду ва на дар коркарди маҳсулотҳо иштирок мекунад, яъне танҳо барои истеъмол ворид карда мешаваду халос. Соҳибкороне, ки ба воридкунии молу маҳсулотҳо фаъолият мекунанд, мақсадашон зуд фурӯхтани маҳсулот ва фоидаи зиёд гирифтан аст.

Таъсиррасонии манфии воридотро ба чунин гурӯҳҳо тақсим намудан мумкин аст. Мушкилот оид ба воридшавӣ ба бозори дохилӣ. Ҳангоми ворид кардани маҳсулотҳо, асъорҳои хориҷӣ аз дохили мамлакат берун мебароянд. Ҳангоми ворид кардани маҳсулотҳо ба дохили мамлакат, вобастагии давлат аз содиркунандагон ба назар мерасад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Гулмамадов А.**

**АДАБИЁТ**

1. Ивасенко А.Г. Мировая экономика. Учеб. Пособие / А.Г. Ивасенко, Я.И. Никонова. -М: Кнорус, 2010.
2. Костин А.А. Внешнеэкономическая деятельность / А.А. Костин, Е.Ф. Прокушев. -М.: Кнорус, 2016.
3. Саидмуродов Л.Х. Международный бизнес: теория, практика, этика. Учебник / Л.Х. Саидмуродов, А.А. Солиев, Р. Мирбобоев. -Душанбе: Ирфон, 2005.
4. Фомичев В.И. Международная торговля / В.И. Фомичев. –М.: Филинъ, 2000.
5. Хасбулатов, Р.И. Международные экономические отношения: учебник для бакалавров / Р.И. Хасбулатов. –М.: ЮРАЙТ, 2012.
6. Хабибов С.Х. Тиҷорати байналмилалӣ / С.Х. Хабибов, М.Ч. Чамшедов. -Душанбе: Ирфон, 2007.
7. [Манбаи электронӣ]. URL: http://wto.tj

8. [Манбаи электронӣ]. URL: https://studwood.ru/1326683/
9. [Манбаи электронӣ]. URL: https://spravochnick.ru/
10. [Манбаи электронӣ]. URL: http://historich.ru/
11. [Манбаи электронӣ]. URL: http://be5.biz/ekonomika/m015/50.html
12. [Манбаи электронӣ]. URL: http://wikipedia.org
13. [Манбаи электронӣ]. URL: http://imf.org

## НАҚШИ ТИҶОРАТИ БЕРУНӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар ҷаҳони муосир, хусусан дар замони глобализатсия, на ягон кишвари пешрафта ва на калонтарин дар ҷаҳон имконият надоранд, ки ҳамаи талаботҳои лозимаи хешро қонеъ созанд. Ҳамзамон, иқтидори бозори дохилӣ аксар вақт барои истеҳсоли маҳсулнокии муосир кофӣ нест ва дар вобастагӣ ба ин молҳои гуногуни дигар ҳаст, ки давлат аз дороии онҳо бартарият дорад. Истеъмолоти дохилиро пурра қонеъ мегардонад ва аз меъёр зиёди он боқӣ мемонад ва ҳангоми истеъмол нашудани ин маҳсулотҳо, онҳо бо мурури замон корношоям мешаванд. Ин гуфтаҳо боиси рӯй овардан ба тиҷорати берунӣ мегардад. Тиҷорати берунӣ қисми асосӣ ва ҷудонашавандаи фаъолияти иқтисоди хориҷии ҳар як давлат ба шумор рафта, дар пешрафт ва коҳишёбии иқтисодиёт саҳми арзандаи худро мегузорад. Ҳангоми самаранок истифода бурдани тиҷорати хориҷӣ, захираҳои асъори хориҷии бонки марказӣ, ҷалби инвеститсияҳо, хизматрасониҳои қарзи берунии кишвар боло рафта, касри буҷети давлатӣ бошад, коҳиш меёбад, инчунин, таҷҳизотҳои баландсифати техникӣ кашф карда мешавад ва дар умум, боиси пешрафт ва пуриқтидоршавии иқтисодиёти давлат мегардад. Инчунин, дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани содироти давлат, метавон аз он фоида гирифт. Ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки истеҳсолоти дохилӣ аз талаботи аҳолии давлат зиёд мебошад, ин гуна молҳо дар хориҷи кишвар рақобатпазир буда, барои гирифтани фоидаи барзиёд шароит ба вуҷуд меорад ва давлат ҳавасманд мегардад то рӯ ба содирот оварад. Ҳангоми содирот кардан даромади асъорӣ ба дохили мамлакат меояд, таҷҳизотҳои баландсифати техникӣ кашф карда мешавад ва яке аз сабабҳои пуршавии буҷаи давлат низ ҳисобида мешавад. Воридот қисми ҷудонашавандаи тиҷорати хориҷӣ ба шумор рафта, истифодаи дурусти он барои пешрафти иқтисодиёт ва гирифтани фоида шароит фароҳам меорад. Воридот асоси таҳкимбахши рақобат дар истеҳсолоти дохилӣ ва баландкунандаи сифати молу маҳсулотҳо ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** тиҷорати берунӣ, фоидаи содирот, фоидаи воридот, таркиби тиҷорати берунӣ, савдои хориҷӣ, фаъолияти иқдисоди берунӣ, реэкспорт, инкишофи иқтисодӣ.

## РОЛЬ ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛИ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ

В современном мире, особенно в эпоху глобализации, ни развитые, ни крупнейшие страны мира не имеют возможности удовлетворить все свои потребности. В то же время емкость внутреннего рынка часто недостаточна для производства современной производительности, и, в зависимости от тех или иных товаров, государство доминирует над его активами, полностью удовлетворяет внутреннее потребление и остается в избытке, а когда эти продукты не потребляются, они приходят в негодность со временем. Это привело к сдвигу во внешней торговле. Внешняя торговля является ключевой и неотъемлемой частью внешнеэкономической деятельности любой страны и вносит ценный вклад в развитие и упадок экономики. При эффективном использовании внешней торговли валютные резервы центрального банка, привлечения инвестиций, обслуживания внешнего долга страны увеличатся, дефицит государственного бюджета будет сокращен, а также будет обнаружено качественное техническое оборудование и экономика будет расти. Также можно получить выгоду от правильной организации государственного экспорта. Бывают случаи, когда внутреннее производство превышает потребности населения, а также то, что такие товары конкурентоспособны за рубежом, создают условия для получения сверхприбылей, а государство поощряется к экспорту. Экспорт приносит валютную выручку, обнаруживается качественная техника, и это одна из причин пополнения государственного бюджета. Импорт является неотъемлемой частью внешней торговли, и его правильное использование создает условия для экономического роста и прибыльности. Импорт - основа усиления конкуренции во внутреннем производстве и повышения качества товаров и продукции.

**Ключевые слова:** внешняя торговля, экспортная прибыль, импортная прибыль, структура внешней торговли, внешний бизнес, внешнеэкономическая деятельность, реэкспорт, экономическое развитие.

## THE ROLE OF FOREIGN TRADE IN ECONOMIC DEVELOPMENT

In the modern world, especially in the era of globalization, neither the developed nor the largest countries in the world have the opportunity to meet all their needs. At the same time, the capacity of the domestic market is often insufficient to produce modern productivity and, depending on these other goods, the state dominates its assets, fully satisfies domestic consumption and remains in excess, and when these products are not consumed, they become unusable over time. This has led to a shift in foreign trade. Foreign trade is a key and integral part of the foreign economic activity of any country and makes a valuable contribution to the development and decline of the economy. With the effective use of foreign trade, the foreign exchange reserves of the central bank, attracting investments, external debt services of the country will increase, the state budget deficit will be reduced, as well as high-quality technical equipment will be discovered and the economy will grow. It is also possible to benefit from the proper organization of state exports. There are cases when domestic production exceeds the needs of the population, as well as the fact that such goods are competitive abroad, creating the conditions for excessive profits, and the state is encouraged to export. Exports bring in foreign exchange earnings, high-quality technical equipment is discovered, and it is one of the reasons for the replenishment of the state budget. Imports are an integral part of foreign trade and its proper use creates the conditions for economic growth and

profitability. Imports are the basis for strengthening competition in domestic production and improving the quality of goods and products.

**Keywords:** foreign trade, export profit, import profit, foreign trade structure, foreign business, foreign economic activity, re-export, economic development.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Назаров Сафархон Ашурмадович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 987656595.** E-mail: **nazarov_safarkhon@mail.ru**
***Ризоев Фирдавс Абдулқосимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904776677.** E-mail: **firdavs.rizoev96@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Назаров Сафархон Ашурмадович*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 987656595.** E-mail: **nazarov_safarkhon@mail.ru**
***Ризоев Фирдавс Абдулкосимович*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904776677.** E-mail: **firdavs.rizoev96@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Safarkhon Ashurmadovich Nazarov*** **–** Tajik National University, assistant at the department of world economics. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 987656595.** E-mail: **nazarov_safarkhon@mail.ru**
***Rizoev Firdavs Abdulkosimovich*** **–** Tajik National University, assistant at the department of world economics. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 904776677.** E-mail: **firdavs.rizoev96@mail.ru**

ТДУ:37.15:008

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР БАХШИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ

*Саидзода Курбоналӣ Саид*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Бо гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд омада, рушд намуд. Дар давраи гузариши тули як чанд сол, ҳолати хоҷагиҳои нав ташкилкарда шуда хуб набуд. Дар ҷараёни ташкили ин хоҷагиҳо камбудиҳои зиёд дида мешуд. Оҳиста-оҳиста ҷараёни ташкили ин хоҷагиҳо мукаммал гардида, бо пуррагӣ фаъолияти онҳо дар чаҳорчӯбаи талаботи муосир ба роҳ монда шуд. Хоҷагиҳои ташкилгардида, хоҷагиҳои хурду миёна буда, дар бахши иқтисодиёти аграрӣ заминаи асосии ҷараёни истеҳсолотро ташкил медиҳад, ки то имрӯз ҳолати устуворӣ рушди он на танҳо ба иқтисодиёти аграрӣ, балки ба иқтисоди миллӣ таъсир мерасонад.

Дар бахши иқтисодиёти аграрӣ ҳанӯз ҳам нишонаҳои шакли пешқадами меҳнат, ки характери соҳибкориро аз худ кардааст, миёнаи солҳои 80-ум пайдо шуда буд. Аз ҳамин давра замина ва ҳаракатҳои равони соҳибкорӣ дар фикру ақидаи коргарон ҷой карда шуд. Дар бахши кишоварзӣ бошад, шаклҳои нави меҳнат ба монанди шакли иҷораи замин ё иҷораи оилавиро ташкил карданд. Иҷораи оилавӣ дар асоси Қонун «Дар бораи иҷора», ки 5-уми декабри соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда буд, амалӣ карда шуд.

Ба ақидаи мо, ин шакли соҳибкории хурду миёна дар асоси моликияти давлатӣ буд. Ин тарзи хоҷагидорӣ ҳанӯз дар аввалҳои солҳои Ҳокимияти Шуравӣ дар таҷрибаи хоҷагидории Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон истифода карда шудааст.

Дар ин бора мо метавонем, истифода аз рисолаи илмӣ ва таҳлили тарҷеҳе, ки академик Саидмуродов Х.М., «Оид ба сохтори аграрии Тоҷикистон», ба табъ расонида ва қайд кардааст: «Дар аввали асри XX қисмати асосии моликияти заминдорӣ ба хоҷагиҳои давлатӣ рост меомад, яъне зиёда аз 51%-и моликият, ин моликияти давлатӣ ба ҳисоб мерафт» [12,с.27].

Бинобар ин, шакли коллективӣ ба истифодаи замин барои мардуми Тоҷикистон чизи нав набуда, балки аз қадимулайём ба ин тарзи хоҷагидорӣ шинос буданд.

Дар ҷадвали 1, маълумот дар бораи тақсимоти корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Тақсимоти корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, адад**
**Table 1. Distribution of enterprises and organizations by types of economic activity, number**

| | Солҳо | | | | | | | Соли 2021 бо % нисбати соли | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2010 | 2020 |
| **Ҳамагӣ** | 25083 | 42358 | 42031 | 43252 | 46465 | 47639 | 48625 | 122,1 | 102,1 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| **Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ** | **6183** | **8989** | **9521** | **9775** | **9972** | **10194** | **10252** | **165,8** | **100,6** |
| Саноати истихроҷ | 90 | 335 | 370 | 408 | 493 | 537 | 569 | 210,0 | 106,0 |
| Саноати коркард | 1519 | 2711 | 2732 | 3286 | 3449 | 3586 | 3658 | 147,6 | 102,0 |
| Сохтмон | 1626 | 2781 | 2818 | 2953 | 3327 | 3463 | 3523 | 149,2 | 101,7 |
| Савдои яклухт ва чакана | 2710 | 7831 | 8024 | 8704 | 9020 | 9255 | 9345 | 129,5 | 101,0 |
| Фаъолияти нақлиётӣ ва нигаҳдории борҳо | 693 | 1180 | 1302 | 955 | 991 | 1012 | 1087 | 96,4 | 107,4 |
| Фаъолияти меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 89 | 848 | 741 | 1176 | 1207 | 1299 | 1377 | 138,1 | 106,0 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миёнаравии молиявӣ ва суғурта | 409 | 283 | 308 | 354 | 364 | 378 | 450 | 164,8 | 119,0 |
| Амалиёт бо амволи ғайриманқул | 2178 | 3496 | 3454 | 674 | 680 | 698 | 727 | 26,6 | 104,2 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа | 2041 | 2493 | 2417 | 2401 | 2404 | 2412 | 2415 | 102,2 | 100,1 |
| Маориф | 2551 | 4398 | 4528 | 4951 | 5351 | 5364 | 5424 | 138,9 | 101,1 |
| Тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии аҳолӣ | 522 | 1120 | 1136 | 1183 | 1259 | 1277 | 1356 | 148,7 | 106,2 |

Сарчашма: Ҳисобҳо аз рӯйи маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. –С.221.

Бо таҳлили маълумоти ҷадвал метавон хулоса кард, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла соҳибкорони хусусӣ дар иқтисодиёти кишвар мавқеи пешсафро ишғол менамоянд. Дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ 48625 корхонаҳои соҳаҳои гуногун ва дар соҳаи кишоварзӣ -10252 адад мавҷуд буд, ки 21,1%-и шумораи умумии корхонаҳоро ташкил медиҳад. Суръати афзоиши шумораи корхонаҳо ва ташкилотҳо дар давраи баррасишаванда дар соҳаи соҳибкории аграрӣ 65,8 банди фоизиро ташкил дод.

**Расми 1. Вазни хосси корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ нисбати ҷамъи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ**

**Figure 1. Specific weight of agricultural enterprises in relation to the total number of types of economic activity**




Ҳисоби муаллиф

Аз расми 1 мо мебинем, ки дар соли 2021 ҳиссаи шахсони ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуъ 22,1%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2013 ин нишондиҳанда 3,1% кам шудааст. Ин тамоюлро манфӣ ҳисобидан мумкин нест, зеро дар ҷумҳурӣ дар шароити муосир ба саноатикунонии иқтисодиёт, рушди сайёҳӣ ва ғайра аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Табиист, ки дар шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ ҳиссаи ташкилотҳо ва корхонаҳо дар ин соҳаҳо меафзояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таркиби соҳибкорони инфиродӣ солҳои охир шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ бо суръати баланд меафзоянд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, адад**
**Table 2. The number of individual entrepreneurs operating on the basis of patents and certificates in the territory of the Republic of Tajikistan, number**

| | **Ҳама намудҳои соҳибкорони инфиродӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Шаҳодатнома** | **Хоҷагиҳои деҳқонӣ** | **Патент** | **Ҳамагӣ** |
| Ҳама намудҳои соҳибкорони инфиродӣ | | | | |
| 2015 | 56206 | 98368 | 189075 | 343649 |
| 2020 | 82388 | 171691 | 338715 | 592794 |
| 2021 | 86994 | 179413 | 360766 | 627173 |
| **2021 / 2015, бо %** | **154,8** | **182,4** | **190,8** | **182,5** |
| Аз шумораи умумии соҳибкорон - фаъолияткунанда | | | | |
| 2015 | 31352 | 97122 | 82784 | 211348 |
| 2020 | 37264 | 161370 | 105401 | 304041 |
| 2021 | 36637 | 167000 | 104241 | 307878 |
| **2021 / 2015, бо %** | **116,8** | **171,9** | **125,9** | **145,7** |
| Аз шумораи умумии соҳибкорон - барҳамдодашуда | | | | |
| 2015 | 24854 | 1246 | 106201 | 132301 |
| 2020 | 45124 | 10315 | 233314 | 288753 |
| 2021 | 50357 | 12413 | 256525 | 319295 |
| **2021 / 2015, бо %** | **2,1 мар.** | **9,9 мар.** | **2,4 мар.** | **2,4 мар.** |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асосӣ: Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. -С.227; 2020. -С.215; 2022. -С.220; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.347.

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2, мушоҳида карда мешавад, ки шумораи соҳибкорони инфиродии ба қайд гирифташуда, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома амал мекунанд, дар соли 2021-ум 627173 ададро ташкил медиҳад. Аз ин шумораи умумӣ 307878 адад ё 49,1% соҳибкорони инфиродии амалкунанда ва 319295 адад ё 50,9% соҳибкорони инфиродии барҳамдодашуда мебошанд. Махсусан агар ба хоҷагиҳои деҳқонӣ назар афканем, шумораи онҳо дар соли 2021 ба 179413 адад баробар шудааст, ки аз ин нишондиҳанда 167000 адади онҳо фаъолияткунанда ва 12413 адади онҳо барҳамдодашуда мебошад (расми 2).

**Расми 2. Ҳиссаи шумораи соҳибкорони амалкунанда ва барҳамдодашуда барои соли 2021**
**Figure 2. Share of the number of active and liquidated entrepreneurs for 2021**




Сарчашма: Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022. -С.220.

Ҳаминро ба инобат гирифта, таҳлили фаъолияти соҳибкориро низ мо аз таҳлили муқоисавии моликиятдорӣ ба замин дар иқтисодиёти аграрӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарор доштан дар системаи муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ дида баромадаем. Барои шаффофияти масоҳати умумии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда, ки ба тарзи гуногун истифода карда мешавад, дар ҷадвали 3 пешниҳод менамоем.

**Ҷадвли 3. Масоҳати умумии замин дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2021, ҳазор гектар**

**Table 3. Total land area in the Republic of Tajikistan in 2013-2021, thousand hectares**

| Сол | Захираи умумии замин | Заминҳои умумии дар истифода қарордоштаи кишоварзӣ | Корхонаҳои хоҷагии қишлоқ | Заминҳои хоҷагиҳои коллективӣ ва инфиродӣ | Хоҷагии давлатӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 14225,4 | 6897,1 | 1751,3 | 428,4 | 969,2 |
| 2015 | 14137,7 | 6900,9 | 1772,3 | 369,2 | 1033,3 |
| 2016 | 14137,7 | 6949,4 | 1771,8 | 369,2 | 1047,3 |
| 2017 | 14137,7 | 6960,7 | 1823,6 | 385,1 | 1078,0 |
| 2018 | 14137,9 | 6976,1 | 1827,9 | 380,2 | 1067,8 |
| 2019 | 14137,9 | 6980,6 | 1830,4 | 380,2 | 1137,2 |
| 2020 | 14137,9 | 6978,2 | 1799,4 | 369,8 | 1151,3 |
| 2021 | 14137,9 | 6953,9 | 1841,0 | 373,4 | 1158,9 |
| Соли 2021 нисбати соли 2010, гектар | - 87,5 | 56,8 | 89,7 | - 55,0 | 189,7 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. –С.22.

Аз рақамҳои ҷадвали 3 бармеояд, ки дар давраи таҳлилшаванда аз соли 2010 то соли 2021 масоҳати захираи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як ҳолат қарор надошта, дар ҳашт соли таҳлилшаванда 87,5 ҳазор гектар замин, яъне нисбати соли 2010 ҳамин микдор аз захираи истифодашавандаи замин кам шудааст. Агар нисбати заминҳои умумии дар истифодаи кишоварзӣ қарордошта дар соли 2021 назар афканем, мушоҳида мегардад, ки нисбати соли 2010-ум 56,8 гектар зиёд гардидааст. Заминҳои дар истифодаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2021 нисбати соли 2010-ум 89,7 гектар афзоиш ёфтааст.

Заминаҳои умумие, ки дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ мебошанд, дар давраи таҳлилшаванда аз 6897,1 гектар дар соли 2010 то ба 6953,9 гектар расид, ки қариб 56,8 гектар зиёд шудааст. Заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ 89,7 гектар зиёд шудааст. Ин ҳолат, яъне истифодаи замин дар хоҷагиҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна, яъне дар хоҷагиҳои инфиродӣ, коллективӣ на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст. Аз ин ҷо агар соли 2010-ум масоҳати умумии ин хоҷагиҳо 428,4 ҳазор гектарро ташкил медод, ин рақам дар соли 2021-ум 373,4 ҳазор гектарро ташкил дод, ки нисбат ба соли аввали таҳлилшаванда 55 ҳазор гектар кам гардидааст. Ин ҳолат дар хоҷагиҳои давлатии дар бахши кишоварзӣ фаъолияткунанда аз рӯйи рақамҳои оморӣ қариб дар як радиф қарор дорад. Яъне, болоравии сатҳи истифодаи замин дида мешавад. Дар ин давраи таҳлилшаванда байни солҳои 2010 то 2021 заминҳои истифодашавандаи ин хоҷагиҳо 189,7 ҳазор гектар зиёд шудааст.

Ҳамин тариқ, нисбат ба ҳолати таҳлилшавандаи фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар қисмати истифодаи замин дида, барои заминҳои дар дасти ин табақаи соҳибкорон буда, нисбат ба майдони умумии заминҳои истифодашавандаи хоҷагиҳои кишоварзӣ 0,5%-ро ташкил медиҳад. Ҳарчанд, ки масоҳати заминҳои дар ихтиёрдоштаашон кам бошад ҳам, саҳмашон дар истеҳсоли маҳсулоти бахши кишоварзӣ назаррас мебошад. Ин ҳолатро ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дида мебароем.

Ба ақидаи мо, аз рӯйи тарзи заминдорӣ ба нишондиҳандаҳои иқтисодии бахши кишоварзӣ мушкил аст, баҳои дигар дод. Барои ҳамин дар навбати дигар мо ба омӯзиш ва таҳлили раванди истифодаи заминҳои киштшавандаи бахши соҳибкориро дида мебароем.

**Ҷадвали 4. Масоҳати киштзорҳои кишоварзии субъектҳои соҳибкории аграрӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. гектар**
**Table 4. The area of agricultural fields of agrarian business entities in the territory of the Republic of Tajikistan, az. hectares**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ 2021/2010 (+, -) | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Дар корхонаҳои кишоварзӣ (ҳамагӣ) | 3615,0 | 3605,0 | 3658,0 | 3669,4 | 3674,1 | 3673,7 | 3666,4 | 51,4 | 101,4 |
| Киштзорҳои обёришавандаи кишоварзӣ, корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ | 592,0 | 594,1 | 598,5 | 603,0 | 604,1 | 604,5 | 605,1 | 13,1 | 102,2 |
| Масоҳати киштзорҳои хоҷагии аҳолӣ | 230,1 | 224,2 | 226,6 | 226,7 | 226,4 | 225,3 | 226,3 | -3,8 | 98,3 |
| Киштзорҳои обёришаванда дар хоҷагиҳои аҳолӣ | 138,2 | 139,5 | 166,4 | 140,1 | 139,5 | 139,8 | 140,4 | 2,2 | 101,6 |
| Заминҳои шудгор дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ | 662,0 | 656,1 | 657,3 | 659,0 | 663,9 | 661,9 | 660,8 | -1,2 | 99,8 |
| Заминҳои шудгори обёришаванда дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ | 462,0 | 456,2 | 455,0 | 459,1 | 463,2 | 463,2 | 463,4 | 1,4 | 100,3 |
| Заминҳои шудгор дар хоҷагиҳои аҳолӣ | 180,5 | 181,0 | 181,0 | 180,3 | 180,2 | 177,5 | 177,1 | -3,4 | 98,1 |
| Заминҳои шудгори обёришаванда дар хоҷагиҳои аҳолӣ | 106,2 | 106,3 | 105,1 | 104,2 | 103,7 | 103,9 | 103,3 | -2,9 | 97,3 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -С.62-69.

Аз ҷадвали 4 бармеояд, ки заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ ҳамагӣ дар солҳои таҳлилшаванда (аз соли 2010 то соли 2021) 51,4 ҳаз. гектар (1,4%) зиёд шудааст. Ҳамин ҳолат дар заминҳои обёришавандаи корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ низ дида мешавад. Дар ин давраи таҳлилшаванда масоҳати киштзорҳои хоҷагии аҳолӣ 3,8 ҳаз. гектар (1,7%) коҳиш ёфтааст. Дар баробари ин, заминҳои кишти обёришаванда дар хоҷагиҳои аҳолӣ 2,2 ҳаз. гектар (1,6%) зиёд гардидааст. Заминҳои шудгор дар хоҷагиҳои аҳолӣ 3,4 ҳаз. гектар (1,9%), заминҳои шудгори обёришаванда дар хоҷагиҳои аҳолӣ 2,9 ҳаз. гектар (2,7%), дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 1,2 ҳаз. гектар (0,2%) кам шудааст.

Бояд қайд кард, ки тағйирёбии масоҳати кишт ба рушди бахши аграрӣ таъсир мерасонад. Барои ҳамин ҳам, таҳлили кам ё зиёд шудани тарзи хоҷагидорӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат мекунад.

Омӯзиш аз ин раванд воситаи асосии бахши кишоварзӣ ба он вобаста аст, ки ҳанӯз классики илми иқтисод Адам Смит гуфта буд: «Замин модари бойгарӣ буда, меҳнат падари он мебошад» [4,с.182].

**Ҷадвали 5. Масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҳама категорияи субъектҳои соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. гектар**
**Table 5. The area of cultivation of agricultural crops in all categories of business entities of the Republic of Tajikistan, hectares**

| Нномгӯйи хоҷагиҳо | Солҳо | | | | | | | Тағийрёбӣ 2021/2010 (+, -) | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 860,1 | 830,5 | 837,1 | 827,0 | 846,9 | 856,7 | 861,7 | 1,6 | 100,2 |
| Дар корхонаҳои кишоварзӣ | 150,0 | 121,5 | 98,4 | 107,0 | 119,5 | 130,2 | 123,9 | -26,1 | 82,6 |
| Дар хоҷагиҳои аҳолӣ | 201,0 | 174,9 | 174,5 | 170,2 | 171,2 | 172,6 | 170,5 | -30,5 | 84,8 |
| Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ | 516,2 | 534,1 | 564,1 | 549,5 | 556,3 | 553,9 | 567,2 | 51 | 109,9 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. -С.67-70; 2022. -С.71-75.

Рақамҳои омории дар ҷадвали 5 овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки заминҳои истифодашавандаи бахши кишоварзӣ дар ҳамаи хоҷагиҳо 1,6 ҳаз. гектар (0,2%) ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 51 ҳазор гектар ё 9,9 банди фоизи зиёд шудааст. Дар корхонаҳои кишоварзӣ 82,6 ҳаз. гектар (26,1%) ва дар хоҷагиҳои аҳолӣ 84,8 ҳазор гектар (30,5%) кам шудааст. Истифодаи масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба масоҳати 51,1 ҳаз. гектар (9,9%) нисбат ба соли муқоисавии 2010 зиёд гардидааст.

Ҳамин тавр, ин масоҳати киште мебошад, ки имрӯз тамоми маҳсулоти бахши кишоварзӣ дар он истеҳсол карда мешавад.

Тағйирёбии масоҳати кишти зироатҳои кишоварзии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар давоми солҳои 2010-2021 ба пуррагӣ дар расми 4 таҳлил карда шудааст.

**Расми 4. Динамикаи тағйирёбии масоҳати кишти зироатҳои кишоварзии субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2010-2021)**
**Figure 4. Dynamics of changes in the area of cultivation of agricultural crops by business entities in the Republic of Tajikistan (2010-2021)**




Сарчашма: Муаллиф диаграммаро дар асоси Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -С.135-138; 2022. –С.139-142. тартиб додааст.

Таҳлили расми 4 нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилшаванда масоҳати кишти зироатҳои кишоварзии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2010 афзоиш ёфтааст, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба соли 2010-ум 51 ҳаз. гектар зиёд гардидааст. Дар корхонаҳои кишоварзӣ 82,6 ҳаз. гектар ва дар хоҷагиҳои аҳолӣ бошад 84,8 ҳаз. гектар кам шудааст.

**Ҷадвали 6. Майдони кишт ва истеҳсоли пахта дар корхонаҳои хурду миёнаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 6. Area of cultivation and production of cotton in small and medium-sized agricultural enterprises of the Republic of Tajikistan**

| Номгӯйи хоҷагиҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ 2021/2010 (+, -) | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Майдони кишти ҳамаи хоҷагиҳо | гектар | 199,2 | 177,6 | 173,9 | 186,0 | 185,7 | 185,4 | 173,8 | -25,4 | 87,2 |
| Пахта | тонна | 418,0 | 372,6 | 386,5 | 300,3 | 403,0 | 396,0 | 388,8 | -29,2 | 93,0 |
| Майдони кишти корхонаҳои кишоварзӣ | гектар | 42,3 | 32,7 | 27,5 | 34,5 | 36,3 | 39,9 | 38,0 | -4,3 | 89,8 |
| Пахта | тонна | 84,0 | 60,6 | 60,9 | 59,0 | 79,3 | 92,2 | 93,8 | 9,8 | 111,7 |
| Майдони кишти дар хоҷагиҳои деҳқонӣ | гектар | 157,0 | 144,9 | 146,4 | 151,2 | 149,4 | 145,4 | 135,8 | -21,2 | 86,5 |
| Пахта | тонна | 334,0 | 311,9 | 328,1 | 241,4 | 323,6 | 303,8 | 295,0 | -39 | 88,3 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -С.91-93, 152-154; 2022. -С.95-98, 156-158.

Пахта маҳсулоти стратегии бахши аграрии мамлакат мебошад. Новобаста аз он ки барномаи давлатии бахши инкишофи соҳаи пахтакорӣ қабул шуда бошад ҳам, аммо то имрӯз он нақшаи дурнамои давлат оид ба истеҳсоли пахта ва ҳосилнокӣ таъмин нагаштааст. Дар давраи таҳлилшаванда майдони кишти умумӣ ба 25,4 ҳаз. гектар (12,8%) кам гардида, ҷамъоварии ҳосил бошад, ба 29,2 ҳаз. тонна (7%) кам шудааст. Аз рақамҳои нишондодашудаи ҷадвали 5, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар тамоми шакли фаъолияти соҳибкории бахши пахтакорӣ, ҳолати қонеъкунанда таъмин карда нашудааст. Барои ҳамин, дар ҳамаи хоҷагиҳо фақат камшавии майдони кишт ва ҷамъоварии ҳосил дида мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳосилнокии миёнаи давлат 22,6 сентнер аз ҳар гектар замин мебошад, ки дар маҷмуъ, ҳосилғункунӣ дар сатҳи давлат бояд ба 600 ҳазор тонна расонида шавад, ки ин то ҳоло ҳам таъмин нагардидааст.

Дар истеҳсоли пахта имрӯзҳо хоҷагиҳои хурду миёна нақши хеле назаррас доранд. Пахта дар хоҷагиҳои аҳолӣ рӯёнида намешавад, истеҳсоли он ба хоҷагиҳои кишоварзӣ ва деҳқонӣ рост меояд. Бинобар ин, истеҳсоли пахта дар корхонаҳои кишоварзӣ, ки қисмати зиёди ин корхонаҳо низ шакли хурду миёна ҳастанд, ки иқтидори истеҳсолии онҳо то ба 93,8 ҳазор тонна пахта дар як сол расидааст. Аслан, пахта дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 75,9% истеҳсол карда мешавад. Дар корхонаҳои кишоварзӣ 24,1% истеҳсоли пахта рост меояд.

Ҳолати таҳлили бахши картошкапарварӣ нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсоли он сол аз сол зиёд шуда истодааст.

**Ҷадвали 7. Таносуби майдони кишт ва истеҳсоли картошка дар корхонаҳои хурду миёнаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 7. Ratio of cultivated area and potato production in small and medium-sized agricultural enterprises of the Republic of Tajikistan**

| Номгӯйи хоҷагиҳо, майдони кишт ва истеҳсол | Ченаки воҳидӣ | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ 2021/2010 (+, -) | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Дар ҳамаи хоҷагиҳо майдони кишти картошка ва сабзавоту полезиҳо | ҳаз. гек | 42,0 | 35,5 | 40,6 | 50,0 | 51,7 | 52,7 | 57,2 | 15,2 | 136,2 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли картошка | ҳаз. тон | 991,0 | 853,7 | 782,8 | 965,0 | 994,4 | 1022,5 | 1041,3 | 50,3 | 105,1 |
| Майдони кишти корхонаҳои кишоварзӣ | ҳаз. гек | 3,3 | 3,7 | 2,5 | 3,5 | 4,3 | 4,9 | 5,8 | 2,5 | 175,8 |
| Истеҳсоли картошка | ҳаз. тон | 67,0 | 91,7 | 57,1 | 72,1 | 88,1 | 100,9 | 126,5 | 59,5 | 188,8 |
| Майдони кишти хоҷагии аҳолӣ | ҳаз. гек | 21,0 | 17,6 | 17,6 | 18,0 | 18,1 | 23,5 | 24,1 | 3,1 | 114,8 |
| Истеҳсоли картошка | ҳаз. тон | 991,0 | 853,7 | 782,8 | 315,0 | 317,6 | 365,9 | 302,2 | -688,8 | 30,5 |
| Майдони кишти хоҷагиҳои деҳқонӣ | ҳаз. гек | 17,3 | 14,1 | 20,3 | 28,0 | 29,3 | 24,3 | 27,3 | 10 | 157,8 |
| Истеҳсоли картошка | ҳаз. тон | 388,0 | 343,4 | 429,8 | 577,4 | 588,6 | 555,7 | 612,6 | 224,6 | 157,9 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -С.104-107,162-165; 2022. -С.108-111, 166-169.

Картошка нони дуюми аҳолӣ буда, парвариши он дар ҳама минтақаҳо ба роҳ монда шавад ҳам, лекин аз рӯйи хусусияти физиологӣ ва биологии ин зироат боду ҳавои махсуси парваришро талаб дорад.

Аз ҷадвали 7 бармеояд, ки истеҳсоли картошка фақат дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба тариқи динамикӣ ҳам майдони кишт ва ҳам ҳосилнокии он зиёд гардидааст. Майдони кишт 10 ҳаз. гектар (57,8%) ва ҳосили ҷамъовардашуда 224,6 ҳаз. тонна (57,9%) нисбат ба соли 2010 зиёд шудааст.

Бинобар ин, дар давраи таҳлилшаванда майдон ва истеҳсоли картошка дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои хурди аҳолӣ зиёд гардидааст. Дар хоҷагиҳои аҳолӣ бошад, майдони кишт 3,1 ҳаз. гектар (14,8%) ва истеҳсоли картошка 688,8 ҳаз тонна (3,1 баробар) нисбат ба соли 2010 коҳиш ёфтааст. Аммо дар як вақт бо баъзе сабабҳо аз хориҷи кишвар дар фасли зимистону баҳор ба ҷумҳурӣ картошка ворид гашт, дар ин давра нархи картошка зиёда аз 2 маротиба боло рафт ва аз он шаҳодат медод, ки рақамҳои оморӣ нисбат ба амали ҷамъоварии ҳосил фарқияти нисбӣ дошта, воқеан ҳолати истеҳсол ва захираи картошка аз гуфтаҳо ва рақамҳои оморӣ фарқ мекунанд.

Истеҳсоли картошка бештар дар хоҷагиҳои аҳолӣ дар муқоиса ба навишти барзиёдатӣ то 20-30% дар ҳамон давра нишон дода шуда буд. Дар шароити муосир ҳолати воқеӣ ва рақамҳои оморӣ парвариш ва истеҳсоли картошка ба дараҷае ба танзим даровада шудааст, ки талаботи аҳолӣ низ муътадил бо ин намуди маҳсулот таъмин карда мешавад.

**Ҷадвали 8. Ҷамъоварии умумии ҳосили зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ дар субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор тонна**
**Table 8. Total harvest of grain and leguminous crops in small and medium-sized agricultural business entities of the Republic of Tajikistan, thousand tons**

| Номгӯйи хоҷагиҳо | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ 2021/2010 (+, -) | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Ҳамаи номгӯйи хоҷагиҳо | 1232,5 | 1317,8 | 1447,6 | 1296,1 | 1414,6 | 1561,3 | 1586,3 | 353,8 | 128,7 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 133,1 | 152,7 | 126,2 | 109,5 | 139,2 | 156,1 | 144,4 | 11,3 | 108,5 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 486,0 | 422,7 | 447,9 | 434,1 | 435,2 | 492,5 | 499,7 | 13,7 | 102,8 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 613,3 | 742,2 | 873,5 | 752,5 | 840,3 | 912,6 | 942,2 | 328,9 | 153,6 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -С.135-138; 2022. -С.139-142.

Ғалладона ва лӯбиё ғизои асосии аҳолӣ буда, талабот ба нон ва маҳсулоти нонӣ ҳоло ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд мебошад. Бинобар ин, дар сабади истеъмоли маҳсулоти нонӣ, қисмати асосии ин сабадро ташкил медиҳад.

Дар давраи таҳлилшаванда истеҳсоли ғалладонагӣ дар маҷмуъ, 353,8 ҳаз. тонна (28,7%) зиёд гардида бошад ҳам, лекин корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ истеҳсоли ин намуди маҳсулотро таъмин карда наметавонанд.

Дар давраи таҳлилшаванда истеҳсоли ғалладонагӣ ва лӯбиёӣ дар субъектҳои хурду миёнаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба миқдори 328,9 ҳаз. тонна (53,6%) зиёд гардидааст. Ҳамин тариқ, дар истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ низ нақши субъектҳои хоҷагидории хурду миёна назаррас буда, ҳолати афзоиши истеҳсоли маҳсулотро таъмин карда, то як дараҷа ба муътадили талабот мусоидат мекунад.

Новобаста аз он, ки истеҳсол рафта истода бошад ҳам, лекин то ҳол дар ҷумҳурӣ талаботи мардум ба маҳсулоти ордӣ таъмин карда намешавад. Имрӯзҳо талабот ба гандум 1 млн 890 ҳазор тонна мебошад, аз ин миқдор дар қаламрави мамлакат фақат 900 ҳазор тонна маҳсулотро дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол мекунем, дигар зиёда аз 1 млн тонна ғалладонагӣ аз хориҷ таъмин карда мешавад [4,с.139].

Ҷамъоварии умумии ҳосили зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ дар субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 5 нишон дода шудааст.

**Расми 5. Динамикаи ҷамъоварии умумии ҳосили зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ дар субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2021, ҳаз. тонна**

**Figure 5. Dynamics of the total collection of grain and leguminous crops in small and medium-sized agricultural business entities of the Republic of Tajikistan, 2010-2021. tons**




Сарчашма: Муаллиф диаграммаро дар асоси Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -С.135-138; 2022. -С.139-142. тартиб додааст.

Аз расми 5 дида мешавад, ки ҷамъоварии умумии ҳосили зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ дар субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 нисбат ба соли 2010 дар маҷмуъ, 28,7%, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, 53,6%, корхонаҳои кишоварзӣ 8,5% ва хоҷагиҳои аҳолӣ 2,8 банди фоизи афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, истеҳсоли зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёгӣ боло рафта бошад, ҳам лекин ба дараҷаи лозимӣ таъмин нагардидааст.

Новобаста аз оне ки бахши кишоварзӣ чи хел фаъолият мекунад, мо метавонем дар ин соҳа нахуст аз тухмиҳои серҳосил ва ба тартиби риояи чорабиниҳои агротехникӣ ба роҳ мондашуда риоя намуда, ҳосили баланд гирем, вале бо ҳамин ҳам мо наметавонем мардумро пурра ба маҳсулоти ғалладонагӣ таъмин намоем.

**Ҷадвали 9. Масоҳати мевагиҳо ва буттамевагиҳо якҷоя бо ситрусӣ дар корхонаҳои хурду миёнаи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбудаи бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 9. The area of fruits and berries together with citrus in small and medium-sized enterprises engaged in business activities in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan**

| Шакли хоҷагиҳо | Ченаки воҳидӣ | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ 2021/2010 (+, -) | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Ҳамаи хоҷагиҳо | ҳаз.гектар | 122,0 | 135,4 | 150,3 | 158,9 | 160,5 | 161,8 | 160,9 | 38,9 | 131,9 |
| | ҳаз.тонна | 313,2 | 341,2 | 405,3 | 447,9 | 473,7 | 467,8 | 444,4 | 131,2 | 141,9 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | ҳаз.гектар | 29,6 | 27,4 | 22,8 | 23,9 | 25,6 | 25,1 | 26,1 | -3,5 | 88,2 |
| | ҳаз.тонна | 29,5 | 18,9 | 18,0 | 22,8 | 26,4 | 21,1 | 15,1 | -14,4 | 51,2 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | ҳаз.гектар | 31,3 | 32,5 | 34,4 | 35,7 | 35,4 | 35,6 | 35,9 | 4,6 | 114,7 |
| | ҳаз.тонна | 204,4 | 212,3 | 209,0 | 222,6 | 220,6 | 215,6 | 228,3 | 23,9 | 111,7 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | ҳаз.гектар | 61,0 | 75,3 | 93,0 | 99,2 | 99,5 | 101,1 | 99,0 | 38 | 162,3 |
| | ҳаз.тонна | 79,1 | 109,9 | 177,9 | 202,4 | 226,7 | 231,0 | 201,1 | 122 | 254,2 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -С.120-123; 2022. -С.124-127, 180-183.

Аз ҷадвали 9 дида мешавад, ки дар давраи таҳлилшаванда зиёдшавии майдон ва ҳосил дар хоҷагиҳои хурду миёнаи фаъолияти соҳибкоридошта таъмин гардидааст. Дар хоҷагиҳои аҳолӣ майдони замин 4,6 ҳаз. гектар (14,7%) ва ҳосил 23,9 ҳаз. тонна (11,7%) зиёд гардидааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, ин рақамҳо хеле боло рафтааст, масалан дар ин давра майдони замин 38 ҳаз. гектар (62,3%) зиёд шуда, ҳосил бошад, 122 ҳаз. тонна 2,5 баробар афзоиш ёфтааст. Ба кам шудани замини кишт ва ҳосил дар хоҷагиҳои кишоварзӣ дар субъектҳои соҳибкории хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ ин нишондиҳандаҳо боло рафтааст.

Шароити ҷумҳурӣ хеле ҳам мувофиқ ва мусоидкунанда ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ мебошад. Бинобар ин, ин соҳа ҳанӯз солҳои пеш рушд карда бошад ҳам, лекин талаботи мардум ба бозори истеъмолӣ ва номгӯйи маҳсулоти боғу токпарварӣ таъмин карда нашуда буд. Инро ба инобат гирифта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қарор ва барномаҳо оид ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ таҳия ва интишор намуд.

**Ҷадвали 10. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳама категорияи субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2010-2021), млн. Сомонӣ**
**Table 10. Dynamics of production of general agricultural products in all categories of small and medium business entities of the Republic of Tajikistan (years 2010-2021), mln. Somoni**

| Номгӯйи хоҷагӣ | К/Т | Солҳо | | | | | Тағйирёбӣ 2021/2010 (+, -) | Маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Ҳамаи хоҷагиҳо | I | 18259,8 | 20969,9 | 34264,8 | 37298,5 | 39769,4 | 21509,6 | 2,1 мар. |
| | II | 13021,9 | 14490,8 | 25062,6 | 27130,0 | 28743,9 | 15722 | 2,2 мар. |
| | III | 5237,9 | 6479,2 | 9202,2 | 10168,4 | 11025,5 | 5787,6 | 2,1 мар. |
| Бахши ҷамъиятӣ | I | 1181,9 | 1345,9 | 2544,4 | 3321,7 | 4244,0 | 3062,1 | 3,6 мар. |
| | II | 976,1 | 1085,1 | 1888,3 | 2136,0 | 2700,1 | 1724 | 2,8 мар. |
| | III | 205,8 | 260,8 | 656,2 | 1185,6 | 1543,8 | 1338 | 7,5 мар. |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | I | 11744,1 | 12385,3 | 17223,8 | 18252,1 | 19273,8 | 7529,7 | 1,6 мар. |
| | II | 6881,9 | 6378,2 | 9056,0 | 9591,1 | 10275,4 | 3393,5 | 1,5 мар. |
| | III | 4862,2 | 6007,2 | 8167,8 | 8661,0 | 8998,5 | 4136,3 | 1,8 мар. |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | I | 5333,8 | 7238,7 | 14496,6 | 15724,7 | 16251,6 | 10917,8 | 3,0 мар. |
| | II | 5163,9 | 7027,5 | 14118,3 | 15402,9 | 15768,4 | 10604,5 | 3,1 мар. |
| | III | 169,9 | 211,2 | 378,3 | 321,8 | 483,3 | 313,4 | 2,8 мар. |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. -С.16; 2022. –С.16.

Эзоҳ: I – маҳсулоти кишоварзӣ ҳамагӣ; II – растанипарварӣ; III – чорводорӣ.

Аз ҷадвали овардашуда дидан мумкин аст, ки дар давраи таҳлилшаванда истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои хурду миёна ва дар маҷмуъ, боло рафтааст.

Дар солҳои таҳлилшаванда истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар ҳамаи хоҷагиҳо ҳамагӣ 2,1 маротиба боло рафтааст, аз ин 73,1%, бахши растанипарварӣ ва 26,9% соҳаи чорводорӣ зиёд гардидааст. Дигар ин ки дар ин раванд хоҷагиҳои деҳқонӣ низ хеле ба пешрафт ноил гардидаанд. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли хоҷагиҳои деҳқонӣ 3 маротиба, аз ҷумла, соҳаи растанипарварӣ 3,1 маротиба ва чорводорӣ 2,8 маротиба зиёд гардидааст.

Болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла, растанипарварӣ ва чорводорӣ дар хоҷагиҳои соҳибкории хурду миёнаи бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 6 ба пуррагӣ таҳлил карда шудааст.

**Расми 6. Динамикаи истеҳсоли маҳсулот дар хоҷагиҳои соҳибкории хурду миёнаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010-2021), млн. Сомонӣ**
**Figure 6. Dynamics of production in small and medium-sized agricultural enterprises of the Republic of Tajikistan (2010-2021), mln. Somoni**




Сарчашма: Муаллиф диаграммаро дар асоси Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. -С.15; 2022. -С.16. тартиб додааст.

Ҳамин тариқ, имрӯз дар бахши кишоварзии ҷумҳурӣ болоравии истеҳсоли маҳсулот аз ҳисоби хоҷагиҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи кишоварзӣ таъмин карда мешавад.

Умуман, бахши соҳибкории хурду миёна имрӯз яке аз индикатори пурқуввати бахши истеҳсоли кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, дар тамоми соҳаҳо мавқеи муҳимро истеҳсоли маҳсулотӣ кишоварзӣ ишғол менамояд. Барои ҳамин, ядрои сохтори истеҳсоли бозориро корхонаҳои хурду миёна ташкил медиҳанд ва онҳо дар давраи кӯтоҳ мутобиқшаванда ба ҳама гуна фаъолият мебошанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Файзуллоев А.Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Адам Смит. Капитал ҷилди 1. саҳ. 182.
2. Качкулоев А.Ф. Региональные аспекты повышения эффективности малых и средних форм предпринимательства в АПК региона (на материалах Хатлонской области) / А.Ф. Качкулоев. - 2010. -С.46.
3. Качкулоев А.Ф. Региональные аспекты повышения эффективности малых и средних форм предпринимательства в АПК региона (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан): автореферат дисс. на соискание ученой степена к.э.н. / А.Ф. Качкулоев. –Душанбе, 2017. -С.50.
4. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. –С.354.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз 02.01.2020. -№1684. - С.2.
6. Кунин В.А. Анализ зарубежного опыта поддержки малого предпринимательства / В.А. Кунин, Е.А. Александрова // Российское предпринимательство. -М., 2011. -№1(2). -С.38.

7. Кучуков Р. Государственная поддержка сельского хозяйства в странах с развитой рыночной экономикой / Р. Кучуков // Экономист. -М., 2002. -№11. -С.91-94.
8. Малый и средний бизнес как фактор экономического роста России / Ин-т экон. Политики им. Е.Т. Гайдара. -М.: Изд-во Ин-та Гайдара, 2019. -308 с.: ил. – (Научные труды / Ин-т экон. политики имени Е.Т. Гайдара; №178Р). - С.56.
9. Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Агентии омори Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -С. 221.
10. Марцинкевич В. Современные тенденции в экономике и политике США / В. Марцинкевич // Проблемы теории и практики управления. - М., 2005. -С.292.
11. Морозов В.А. Зарубежный опыт поддержки малого предпринимательства / В.А. Морозов // Российское предпринимательство. -М., 2002. -№10(34). -С.99-104.
12. Построение фундамента социалистического сельского хозяства. –Душанбе: Ирфон, 1965. -С.27.
13. Саидзода Қурбоналӣ Саид. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии иқтисодиёт / Саидзода Қурбоналӣ Саид //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№11. –С.89-100.

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР БАХШИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақола таҳлили муқоисавии соҳибкории хурду миёна дар бахши иқтисодиёти аграрӣ баррасӣ шуда, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии муқоисавии соҳибкории хурду миёна дар бахши иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки зимни гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ, шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд омада, рушд намуданд. Умуман, бахши соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир, яке аз нишондиҳандаи пурқуввати бахши истеҳсоли кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, дар тамоми соҳаҳо мавқеи муҳимро истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ишғол менамояд. Барои ҳамин ядрои сохтори истеҳсоли бозориро корхонаҳои хурду миёна ташкил медиҳанд ва онҳо дар давраи кӯтоҳ мутобиқшаванда ба ҳама гуна фаъолият мебошанд. Шароити минтақаҳои ҷумҳурии мо, барои рушди соҳаи боғу токпарварӣ хеле ҳам мувофиқ мебошад. Бинобар ин, ин соҳа ҳанӯз солҳои пеш рушд карда бошад ҳам, лекин, талаботи мардум ба бозори истеъмолӣ ва номгӯйи маҳсулоти боғу токпарварӣ таъмин карда намешавад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қарорҳо ва барномаҳо оид ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ таҳия ва пешниҳод намуд, ки ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ заминаи мусоид гузошт. Инчунин, аз ҷониби муаллиф барои боз ҳам беҳтар шудани самаранокии рушди соҳибкории хурду миёна дар бахши иқтисодиёти аграрӣ роҳҳо ва усулҳои гуногун пешниҳод гардидаанд, ки метавонанд барои расидан ба ин ҳадафҳо мусоидат намоянд.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, кишоварзӣ, таҳлил, соҳибкории хурду миёна, маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, роҳҳои баландбардорӣ, самаранокӣ, растанипарварӣ, чорводорӣ, рақобатпазирӣ, рушди соҳа, дастгирии давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ.

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКЕ

В статье рассматривается сравнительный анализ малого и среднего предпринимательства в аграрном секторе экономики, показана динамика основных сравнительных показателей малого и среднего предпринимательства в аграрном секторе Республики Таджикистан. Автор отмечает, что при переходе к рыночным отношениям появляются и развиваются новые формы хозяйствования в аграрной области. В целом, сектор малого и среднего предпринимательства в современных условиях считается одним из сильных показателей производственного аграрного сектора, во всех сферах важное место занимает производство аграрных продуктов. Поэтому ядро структуры рыночного производства составляют малые и средние предприятия, и они являются быстроадаптирующимися ко всем формам деятельности. Условия регионов нашей республики хорошо подходят для развития садоводства и виноградарства. Поэтому эта отрасль, несмотря на то, что развита раньше, но потребность населения в потребительском рынке и продуктах виноградарства и садоводства не обеспечивается на должном уровне. Учитывая все это, Правительством Республики Таджикистан составлены несколько резолюций и программ, обуславливающие развитие садоводство и виноградарство. Также, автором для улучшения эффективности развития малого и среднего предпринимательства в аграрном секторе экономики показаны различные пути и способы, которые способствуют достижению этих целей.

**Ключевые слова:** предпринимательство, фермерство, анализ, малое и среднее предпринимательство, продукты аграрного сектора, пути повышения, эффективность, растениеводство, скотоводство, конкурентоспособность, развитие отрасли, государственная поддержка, фермерские хозяйства.

## COMPARATIVE ANALYSIS OF SMALL AND MEDIUM-SIZED BUSINESSES IN THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE ECONOMY

The article discusses a comparative analysis of small and medium-sized businesses in the agricultural sector of the economy, shows the dynamics of the main comparative indicators of small and medium-sized businesses in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan. The author notes that with the transition to market relations, new forms of management in the agricultural sector appear and develop. In general, the small and medium-sized enterprise sector in modern conditions is considered one of the strongest indicators of the agricultural production sector; in all areas, the production of agricultural products occupies an important place. Therefore, the core of the structure of market production consists of

small and medium-sized enterprises, and they are quickly adaptable to all forms of activity. The conditions in the regions of our republic are well suited for the development of horticulture and viticulture. Therefore, despite the fact that this industry was developed earlier, the population's need for the consumer market and viticulture and horticulture products is not met at the proper level. Taking all this into account, the Government of the Republic of Tajikistan has drawn up and provided several resolutions and programs for the development of horticulture and viticulture. Also, the author, to improve the efficiency of development of small and medium-sized businesses in the agricultural sector of the economy, shows various ways and means that contribute to achieving these goals.

**Keywords:** entrepreneurship, farming, analysis, small and medium-sized businesses, agricultural products, ways to improve, efficiency, crop production, livestock breeding, competitiveness, industry development, government support, farms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидзода Курбоналӣ Саид*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ**. Суроға:** 735360, ш.Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон**: 918-99-32-99**

**Сведения об авторе:** ***Саидзода Курбонали Саид*** – Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, старший преподаватель кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес**: 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **918-99-32-99**

**Information about the author:** ***Mirzoev Kurbonali Saidovich*** **–** Kulyab State University named after A. Rudaki, senior lecturer at the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarova street, 16. Phone: **918-99-32-99**

ТДУ: 330.313

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ УСТУВОРИИ ДЕМОГРАФӢ

*Холова С.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ-иҷтимоӣ таъмини устувории демографии мамлакат ба ҳисоб меравад. Тағйиротҳои демографӣ яке аз панҷгонаи тамоюлҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, ки ояндаи умумии моро муайян менамояд. Дар замони муосир, дар тамоми давлатҳо ба шаклҳои гуногун тағйиротҳои демографӣ ба вуҷуд омадаистодааст. Дар як қатор давлатҳо афзоиши аз ҳад зиёди аҳолӣ ва дар дигараш бошад, пиршавӣ, камшавии аҳолӣ, инчунин, вусъатгирии равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва шаҳришавӣ мушоҳида мегардад.

Ин тағйиротҳои демографӣ ба иҷроиши ҳадафҳои рушди устувор то 2030, ки асоси онро ташкил медиҳанд, таъсири муҳим мерасонанд. Ин ҳадафҳо барои паст кардани камбизоатӣ ва нобаробарӣ, дарки бухронҳои иқтисодӣ, пешниҳоди кафолати шуғли пурмаҳсул ва ҳифзи иҷтимоӣ, дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна ва ғайраро дар бар мегирад. Устувории демографӣ ҳамчун консепсия муҳиммияти динамикаи аҳолиро барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, муътадилии сиёсӣ ва амният қайд менамояд. Ҷамъияти устувории демографидошта, равандҳои демографиро пешгӯӣ намуда, барои идоракунии онҳо чораандешӣ менамоянд.

Ҳукумати мамлакатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ мушкилоти ҷойдоштаи бо тағйирёбии равандҳои демографӣ алоқамандбударо этироф менамоянд ва ҳалли онро ҳамчун масъалаи афзалиятнок меҳисобанд. Бисёри давлатҳои Аврупои Шарқӣ аз он хавф доранд, ки камшавии таваллуд, муҳоҷират, пиршавии аҳолӣ ва дар баъзе ҳолатҳо коҳиши аҳолӣ ба иқтисодиёти кишварҳо ва устувории низоми таъминоти иҷтимоӣ, инчунин, объектҳои муҳимми инфрасохторӣ ва хизматрасонӣ дар ноҳияҳои камаҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар Осиёи Марказӣ устувории демографӣ бо мавҷудияти имконияти истифодабарии дивиденди демографӣ алоқаманд мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имконияти истифодабарии дивиденди демографӣ аз ҳисоби таркиби мусоиди синнусоли аҳолӣ мавҷуд мебошад.

Тоҷикистон имкон дорад, ки дивиденди номбурдаро аз таркиби мусоиди ҷинсию синнусолии аҳолӣ соҳиб гардад. Дар сохтори аҳолии мамлакат ба ҳисоби миёна 60%-ро аҳолии синни қобили меҳнат ташкил медиҳад, аҳолии аз синни қобили меҳнат ҷавон инчунин, ба ҳисоби миёна 34,0%-ро дар давраи солҳои 2015-2020 ташкил намудааст, ҳиссаи аҳолии аз синну соли аз қобили меҳнат калон афзоиш ёфта истодааст ва то соли 2050 мувофиқи маълумотҳои пешакӣ то 8-9% афзоиш хоҳад ёфт.

**Диаграммаи 1. Сохтори синнусолии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Diagram 1. Age structure of the population of the Republic of Tajikistan**



Маълумотҳои диаграмма аз сохтори синнусолии мусоид ва тағйирёбандаи аҳолӣ шаҳодат медиҳанд. Ин вазъият имкониятҳои навро барои таъмини рушди иқтисодӣ мекушояд, агар маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ равона гардида, модели нави рушди иқтисодӣ коркард шуда, технологияи нав ҷорӣ гардад ва иқтидори аҳолии қобили меҳнат салоҳиятнок (самаранок) истифода шавад. Дар чунин ҳолат Тоҷикистон метавонад дивиденди демографиро аз таваллуди баланд ва афзоиши аҳолии қобили меҳнат ба даст оварад. Дар ин ҷо модели рушди иқтисодии давлатҳои хориҷӣ, ки тавонистаанд, афзоиши аҳолиро ба нафъи худи аҳолӣ истифода баранд, бояд ба инобат гирифта шавад (модели Чин дар солҳои 1980-2010 зиёда аз 30% маҳсулот аз ҳисоби афзоиши аҳолӣ истеҳсол гардидааст). Равзанаи имкониятҳои демографӣ метавонад як муддат кушода бошад. Аҳолии қобили меҳнат, ки ин марҳиларо мегузаранд, метавонанд пир шаванд ва худи онҳо ба кумаки давлат ё хешовандонашон эҳтиёҷ пайдо мекунанд.

Устувории демографӣ - ин ҳадафест, ки дар худ қобилияти пешгӯии тағйирёбии демографӣ, фаҳмиши оқибатҳои он ва тарҳрезии тадбирҳои сиёсии бо далелҳо асосёфтаро дар асоси ҳуқуқҳои инсон дар бар мегирад.

Ин маънои гузаштан аз равишҳои маҳдуди бо шумораи аҳолӣ анҷомёбанда ба сиёсати маҷмуии демографӣ ва иҷтимоиро дорад, ки ба шукуфоӣ ва некуаҳволии ҳама нигаронида шудааст.

Дар соли 2020 СММ мафҳуми нав «устувории демографӣ»-ро ҷорӣ намуд. Фонди СММ оиди нуфуси аҳолӣ даҳсолаи устувории демографӣ солҳои 2022-2032-ро эълон намуд. Дар доираи ин ташаббус самтҳои калидӣ ва муҳим барои дурнамои миёнамуҳлат муайян карда шуданд:

- пиршавии демографии аҳолӣ;
- эҳёи ноҳияҳои деҳот;
- дастгирии таваллуд;
- таъмини баробарии гендерӣ ва гузаронидани сиёсати оила;
- дастгирии ташаббусҳои оилаҳои ҷавон;
- сармоягузории сиёсати иҷтимоӣ.

Дар ҳошияи идеяи устувории демографӣ як қатор лоиҳаҳои калон аз ҷумла дар минтақаҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ амалӣ гардонида шудаанд [8].

Аз ҷумла 1-2 декабри соли 2021 конференсияи калони вазирон оид ба рушди демографӣ “Shaping Europe’s Demographic Future: Pathways for Societies to Thrive in a World of Rapid Demographic Change” [11] дар шаҳри София (Болгария) баргузор гардид. Масъалаҳои иҷтимоӣ-демографии қайдшуда дар ин конфронс дар бисёри давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ муҳим мебошанд, зеро онҳо дар солҳои охир ба мушкилоти депопулятсия, вусъати муҳоҷирати аҳолӣ ва дар баъзе давлатҳо афзоиши босуръати аҳолӣ рӯбарӯ гардиданд. Камшавии шумораи аҳолӣ ва вусъати муҳоҷирати бебозгашти аҳолӣ устувории демографии давлатро ба нести мебарад ва сабаби сустгардидани рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мегардад.

Минтақаи аз лиҳози демографӣ устувор ҳамон минтақа, шаҳр ё кишваре мебошад, ки дар тули чанд сол тамоюли демографии мусбӣ дорад. Ин ҳолат бо он баҳогузорӣ карда мешавад, ки тамоюли демографии мусбӣ дошта бошад, инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ дошта барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истифодабарии сармояи табиӣ имконпазир бошад [3].

Устувории демографии минтақа, маҳалли аҳолинишин башумор меравад, ки рушди устувори нишондиҳандаҳои демографӣ хос мебошад. Сифати устувории демографӣ бо он баҳогузорӣ мегардад, ки аҳоли дар он ҷо зиндагӣ намуда, мақсади иваз намудани макони зистро вобаста ба мушкилоти инфрасохторӣ надоранд. Барои муайянсозии назариявӣ масъалаи ҳисоби устувории демографӣ мебошад [5]. Дар адабиёти демографӣ мафҳуми нисбатан наздик ба устувории демографӣ, ин индекси шиддатнокии демографӣ ба ҳисоб меравад, ки дар худ ҳиссаи биноҳо ва инфрасохтори сохташуда, зичии манзил, нишондиҳандаҳои таваллуд, фавт сатҳи дучор гардидан ба бемории дар давоми сол ва ғайраро дохил менамояд. Индекси шиддатнокии демографӣ тамоюли дохилии нишондиҳандаҳои демографии минтақаро бе назардошти омилҳои беруна ифода мекунад. Қисмати зиёди омилҳои берунаро нишондиҳандаҳои муҳоҷирати аҳолӣ ташкил менамояд,

ки дар натиҷаи баландгардидани некуаҳволии аҳолӣ ва эҳёи бозорҳои минтақа зоҳир мегарданд [13].

Нишонаи муҳимро ҳангоми муайянсозии устувории демографии минтақа нетто-коэффитсиенти бозтавлиди аҳолӣ ифода менамояд. Коэффитсиенти софи бозтавлиди аҳолӣ (нетто-коэффитсиент) нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна як зан дар давоми ҳаёташ чанд нафар духтар таваллуд намудааст, ки то синни репродуктивӣ бо назардошти таваллуд ва фавти додашуда дар қайди ҳаёт мондаанд. Тавассути ин нишондиҳанда суръати рӯйпӯшнамоии насли модарон аз ҷониби духтарон муайян карда шуда, пешгӯии дарозмуддатро ҷиҳати нигоҳдошти аҳолии минтақа тартиб додан мумкин аст [9]. Аммо ин нишондиҳанда бидуни ҳисоби шароитҳои иқтисодию иҷтимоии рушди минтақа ҳисоб карда мешавад. Дар фарқият аз индекси шиддатнокии демографӣ, устувории демографии минтақа нишондиҳандаи комплексии интегралӣ мебошад, ки тамоюлҳои оморӣ ва динамикии равандҳои рушди демографиро дар бар мегирад [12].

Устувории демографии минтақа аз ду сатҳ иборат аст: сохторӣ ва динамикӣ.

Сатҳи сохторӣ якоҳангӣ ва баробарии таъсири иқтисодии минтақаи ҷудогонаро дар тамоми минтақа ифода менамояд. Агар тасаввур намоем, ки сатҳи таъсири иқтисодии минтақа бевосита аз шумораи аҳолии доимии он вобаста бошад, пас маҳаки чунин вазъиятро метавон ҳамчун қонунияти Сипф баррасӣ намуд [10; 8]. Аз ин рӯ, аз нигоҳи сохторӣ минтақаҳои устувории демографӣ дошта чунин минтақаҳое мебошанд, ки нобаробарии тақсимоти аҳолӣ дар ноҳияҳои алоҳидаи он ба чашм намерасад. Ченаки сохторӣ дар худ баҳодиҳии фазоии минтақаро дохил менамояд. Камшавии аҳолии минтақа аз рӯйи гурӯҳбандии маҳалҳои аҳолинишин иқтидори демографӣ, иқтисодӣ-иҷтимоиро дар фазои минтақа баробар тақсим менамояд.

Ченаки динамики ба андозаи таҳаввулоти табиии ҳудудҳо муайян мешавад, ки бо афзоиши шумораи аҳолӣ, муътадил омаду рафти қувваҳои кории тахассуснок, суръати баланди сохтмон ва фурӯши манзил намудор мегардад [6]. Ченаки динамикии устувории демографӣ инчунин, дар он зоҳир мегардад, ки то чи андоза шаҳрвандони онҷо зиндагикунанда дар дилхоҳ марҳилаи таҳаввулоти худ, аз ҷумла гирифтани маълумоти олӣ ё ҷустуҷӯи кор, харидорӣ намудани манзили берунишаҳрӣ ва ғайраро метавонанд аз ҳамин минтақа накӯчида амалӣ намоянд. Дар шароити муосир, дар минтақаҳои Тоҷикистон ингуна мушкилот зиёд мушоҳида мешавад. Махсусан дар деҳот қисми зиёди аҳолӣ имконияти таҳсили хуб, дохилшудан ба гурӯҳҳои буҷавӣ, дастрасӣ ба хизматрасонии сифатноки тиббӣ бе имконияти баромадан аз маҳалли зисташон надоранд. Инфрасохтори минтақаҳо хеле заиф буда, қисмати зиёди мактабҳои олӣ, муассисаҳои тандурустӣ дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои калонтар ҷойгиранд. Дар чунин шароит минтақа наметавонад талаботи аҳолии нисбатан фаъоли қобили меҳнатро қонеъ гардонад ва водор месозад, ки онҳо ба дигар минтақаҳо ё ба дигар давлатҳо муҳоҷират намоянд.

Асоси консептуалии буриши динамикӣ метавонад номгӯйи буришҳои роҳи ҳайётии шаҳрванд, ки дар интихоби асосии эҳтимолияти муҳоҷират қарор дорад. Ба ақидаи мо, буришҳои нисбатан муҳимми асоси тағйирёбии демографиро ташкилкунанда инҳоянд:

- **буриши таҳсилотӣ.** Бо имконияти гирифтани маълумотнокии зарурӣ алоқаманд мебошад, ки ба шаҳрванд имконияти рушди касбиро дода метавонад. Мавҷудияти тамоми шаклҳои таҳсил, ҷойҳои буҷавӣ ва шарти зарурии нигоҳдошти аҳолии минтақа аз муҳоҷират аст.

- **буриши манзилӣ.** Бо он алоқаманд аст, ки шаҳрванд то чи андоза имкони ҳалли мушкилоти манзилиро пайдо менамояд. Дар ин ҷо воситаҳои дастрасии бадастовардани манзил, мавҷудияти бозори сифатноки манзили иҷора ё шароити муфиди қарзи манзилӣ талаботи ҷавононро бо шароити омадан ба минтақа қонеъ гардонида, барои ҷалби мутахассисони соҳибкасби беруна мусоидат намояд.

- **буриши меҳнатӣ (шуғл).** Дар оянда баъди хатми муассисаҳои олии касбӣ бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ алоқаманд мебошад. Мавҷудияти ҷойҳои корӣ, сатҳи музди кор, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ барои дар минтақа мондани аҳолии қобили меҳнат мусоидат менамояд. Дар сурати паст будани дараҷаи музди кор нисбати минтақаҳои дигар, набудани ҷойҳои корӣ қувваҳои кориро ба минтақаҳои дигар тақсим менамояд, ки дар маҷмуъ, устувории демографии минтақаро заиф мегардонад.

Аз нигоҳи аввал, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон устувории демографии минтақа нисбати дигар мамлакатҳо хеле баланд менамояд. Аммо раванди муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ, муҳоҷирати аҳолӣ бо иваз намудани макони зист ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам дар хориҷи кишвар ин ақидаро зери суол мегузорад. Дар давлатҳои рушдкардаи Аврупо ва ИМА корманд дар тули 7-8 соли корӣ макони зисти худро вобаста ба даъвати корфармоён иваз менамояд. Фаъолияти меҳнатии корманди хориҷӣ бо рушди бозори манзили иҷора алоқамандӣ дорад, ки на ҳамеша сатҳи пасти иҷтимоии иҷорагирандаро ифода мекунад. Манзили истиқоматии хусусӣ шахсро побанди як минтақа намуда, ӯро аз ҳамагуна ивазнамоии макони зист худдорӣ менамояд. Аз ин рӯ, устувории демографии минтақаро бо маҳалҳои аҳолинишини фаъолнокии муҳоҷиратии пастдошта ё ин, ки шумораи муътадили аҳолидошта шабеҳ намудан мумкин нест. Минтақаҳое аз нигоҳи демографӣ устувор дониста мешаванд, ки дар он шароит барои иҷтимоисозии одамон ва ҳавасмандсозии имкониятҳои ниҳоии онҳо ба мақсади рушди шахсӣ ва баландбардории нуфузи маҳалли аҳолинишин ташкил карда шудааст.

Самти асосии беҳтарсозии идоракунии равандҳои демографӣ, ин нигоҳдошти таваллуд дар сатҳи ноилгашта мебошад. Дар соли 2020 коэффитсиенти маҷмуии таваллуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,98 кӯдак ба як зани синну соли қобили таваллудро ташкил дод. Ин сатҳ бо назардошти чораҳои банақшагирии оила ва чораҳои пешгирии ҳамл метавонад бозтавлиди васеи аҳолиро таъмин намояд.

Самти дигари сиёсати демографӣ, бо мақсади беҳтарсозии вазъи демографӣ дар мамлакат, ин устуворгардонии институти оила, эҳё ва нигоҳдошти анъанаи муносибатҳои оилавӣ ва ғайра мебошад. Байни муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба устуворгардонии оила бояд корҳои ташвиқотӣ бурда шуда, оид ба кам кардани таваккали бо бемориҳои гуногуни бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда чораҳо андешида шавад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ сарчашмаи асосии даромади қисми зиёди оилаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муҳоҷират ба андӯхтани таҷрибаи захираҳои меҳнатӣ, таъминнамоии даромади баланд, беҳтаргардии шароити зисти оилаҳои муҳоҷирон мусоидат менамояд. Аммо оқибатҳои манфии муҳоҷират низ барои аҳолӣ ва оилаҳои муҳоҷирон ҷой дорад. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷойҳои нави истиқоматашон оилаи нав бунёд менамоянд, ки ба пошхӯрии оилаҳо оварда мерасонад. Инчунин, дар солҳои охир иштироки занон дар раванди муҳоҷират афзоиш ёфта истодааст.

**Ҷадвали 1. Натиҷаҳои умумии муҳоҷирати аҳолӣ аз рӯйи ҷинс барои солҳои 2010-2020 (нафар)**

**Table 1. Total population migration results by gender for the years 2010-2020 (people)**

| | 2010 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **мардҳо** | | | | | | | | |
| **Омадагон** | 16896 | 19734 | 21146 | 18462 | 17567 | 19139 | 21513 | 16962 |
| **Рафтагон** | 20600 | 21613 | 24027 | 20634 | 19125 | 20689 | 24458 | 21341 |
| **Афзоиши муҳоҷират** | -3764 | -1879 | -2881 | -2172 | -1558 | -1550 | -4945 | -4379 |
| **занҳо** | | | | | | | | |
| **Омадагон** | 12741 | 16564 | 18502 | 16854 | 15769 | 18358 | 20569 | 17763 |
| **Рафтагон** | 15474 | 18691 | 21317 | 19501 | 18481 | 20461 | 18588 | 21244 |
| **Афзоиши муҳоҷират** | -6285 | -3861 | -5489 | -4632 | -4220 | -3665 | -3243 | -3481 |

Муаллиф тартиб додааст аз рӯйи: Демографияи солонаи ҶТ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2021. -С.253-254.

Аз рӯйи маълумотҳои ҷадвали 1, дар солҳои охир дар қатори мардҳо ба гардиши муҳоҷират занҳо низ шомил гаштаанд. Ҳиссаи занон дар раванди муҳоҷират 46% аз ҳаҷми умумии муҳоҷиратро дар соли 2020 ташкил додааст. Ҳиссаи мардон 54%-ро дар гардиши муҳоҷират ташкил додааст. Аз маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки занҳо боз ҳам зиёдтар иштирокчии раванди муҳоҷират гашта истодаанд, ки метавонад оқибатҳои манфиро ба бор орад. Дар ин ҷо бояд ду ҳолат ба инобат гирифта шавад:

- якум, занҳо берун аз мамлакат рафта бо мақсади пайвастан бо оилаҳои худ муҳоҷират менамоянд;

-дуюм, занҳо кӯдакони худро гузошта берун аз мамлакат бо мақсади дарёфти кор мераванд.

Аз сабаби норасоии ҷойҳои корӣ дар бозори дохилии меҳнат ва паст будани музди кор, занҳо низ маҷбуранд ба муҳоҷирати меҳнатӣ раванд. Берун аз мамлакат ва дур аз кӯдаконашон монда занҳо дар тарбияи фарзандон иштирок карда наметавонанд. Ин дар оянда ба оқибатҳои манфӣ оварда мерасонад. Дар солҳои охир шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон хеле зиёд шуда истодааст. Аз ҷумла муҳоҷирати бебозгашт, ки бо гирифтани шаҳрвандии давлати дигар алоқамандӣ дорад. Танҳо дар соли 2022 аз Тоҷикистон 45 ҳазор нафар шаҳрвандии Россияро соҳиб гардидаанд ва ин ҳолат дар соли 2023 низ идома дорад.

Аз нигоҳи мо, як қатор вариантҳои имконпазири вайроншавии устувории минтақаро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Шумораи аҳолии минтақа аз ҳисоби муҳоҷират таъмин карда мешавад, дар ҳоле, ки афзоиши табиии аҳолӣ паст шуда истодааст.
2. Ҳангоми афзоиш ёфтани муҳоҷирати аҳолӣ шумораи зиёди омадагонро нафарони касбияти пастдошта ташкил медиҳанд.
3. Миқдори назарраси сокинони ин минтақа берун аз ҳудуди зиндагии худашон кору фаъолият менамоянд.
4. Гардиши баланди ҳам шумораи омадагон ва рафтагон мушоҳида мешаванд;
5. Афзоиши босуръати аҳолӣ бо афзоиши фаъолияти давлат дар самти сохтани инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ мувофиқат намекунад.
6. Нобаробар тақсим шудани аҳолӣ дар маҳалҳои аҳолинишин.

Вобаста ба нишондиҳандаҳои болозикргардида хулоса намудан мумкин аст, ки устувории демографии минтақаҳои Тоҷикистон низ хеле заиф мебошад. Зеро аҳолӣ вобаста ба набудани шароити зарурӣ дар маҳалҳои деҳот, кам будани ҷойҳои корӣ ва паст будани музди кор дар соҳаи кишоварзӣ бештар кӯшиш менамоянд, ки ё ба марказҳои ноҳияю шаҳрҳо барои кор ё зиндагӣ раванд ё пурра макони зисташонро иваз намоянд. Инчунин, яке аз сабабҳои муҳоҷирати байналмилалии меҳнатии аҳолӣ низ маҳз набудани ҷойҳои кории доимӣ, паст будани музди кор дар минтақаҳои зисти доимии аҳолӣ арзёбӣ мешавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.154-169.
2. Ибрагимов Х.А. Статистические методы анализа и оценки формирования и распределения доходов населения // Вестник ТНУ // Серия экономических наук. - 2019. -№7. -С.5-10.
3. Исломов Ф.С. Современные тенденции воспроизводства населения и его перспективы. –Душанбе, 2012. -206 с.
4. Комилов, А.К. Влияние уровня образования на репродуктивное поведение населения / А.К. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. -№2/1(193). -С.19-23. – EDN WHFLYZ.
5. Комилов, А.К. Воспроизводство населения: современное состояние и перспектива / А.К. Комилов // Экономика Таджикистана. – 2021. -№S2. -С.133-137. – EDN EQGGAB.
6. Комилов, А.К. Демографические и экономические аспекты миграции населения / А.К. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№2. -С.20-26. – EDN QUEVOB.
7. Комилов, А.К. Исследование демографических процессов: теоретико-методологические подходы / А.К. Комилов // Экономика Таджикистана. – 2021. -№3. -С.151-156. – EDN DJWMVF.
8. Комилов, А.К. О некоторых вопросах совершенствования демографической политики в современных условиях / А.К. Комилов // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – 2021. -№1(73). -С.54-61. – EDN ZKKXMP.
9. Комилов, А.К. Особенности воспроизводства населения Республики Таджикистан / А.К. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/5. –часть 2. -С.14-18. – EDN YNEJRW.
10. Одинаев М.А. Истифодаи усули индекси дар омӯзиши сохтори таваллуд / Қ.Х. Барфиев, С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази татқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -№2. -С.46-53.

11. Программа демографической устойчивости для стран Европы и центральной Азии, demographic_resilience_brochure_russian_updated_2023_r1.pdf [ Электронный ресурс].
12. Султонов З.С. Вклад внешней трудовой миграции в социально-экономическую жизнь Республики Таджикистан / З.С. Султонов, Л.Ф. Солиева // Экономика Таджикистана. - 2019. -№3. -С.148-154.
13. Ульмасов Р.У. Трудовая миграция и особенности функционирования российского рынка труда во время пандемии и после пандемии / Р.У. Ульмасов // В сборнике: Цифровые трансформации экономики и общества. Мат. XV Международной научно-практической конференции. -Воронеж, 2021. -С.295-302.

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ УСТУВОРИИ ДЕМОГРАФӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявии устувории демографӣ ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи он дар Тоҷикистон нишон дода шаудааст. Муаалиф дар асоси таҳлили назариявӣ нишон додааст, ки устувории демографии минтақаҳои мамлакат дар ҳолати ногувор буда, ҳалли сариватқтиро талаб менамояд. Инчунин, нишон дода шудааст, ки дар маҳалҳои деҳоти Тоҷикистон вобаста ба паст будани сатҳи инфрасохтори иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва бозорӣ махсусан ҷавонон оянда и худро дар ҷойи таваллудшудаашон намебинанд ва майли иваз намудани макони зистро доранд. Муайян карда шудааст, ки дар шароити демографии давлатҳои Осиёи Марказӣ аз афзоиши шумораи аҳолӣ гирифтани дивиденди демографӣ низ имконпазир мебошад. Махсусан Ӯзбекистон аллакай имконияти гирифтани дивиденди барвақтиро аз даст додааст. Аммо, барои Тоҷикистон ҳанӯз ҳам имконияти гирифтани чунин дивиденд ҷой дорад, зеро таркиби синнусолии аҳолӣ хеле мусоид аст. Қайд карда шудааст, ки дар солҳои охир шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон хеле зиёд шуда истодааст. Аз ҷумла муҳоҷирати бебозгашт, ки бо гирифтани шаҳрвандии давлати дигар алоқамандӣ дорад. Танҳо дар соли 2022 аз Тоҷикистон 45 ҳазор нафар шаҳрвандии Россияро соҳиб гардидаанд ва ин ҳолат дар соли 2023 низ идома дорад, ки аз сатҳи пасти устувории демографӣ шаҳодат медиҳад.

**Калидвожаҳо**: демография, муҳоҷират, устувории демографӣ, аҳолӣ, кӯчиши аҳолӣ, инфрасохтори иқтисодӣ, афзоиши аҳолӣ, шароити корӣ, дивиденди демографӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ДЕМОГРАФИЧЕСКОЙ УСТОЙЧИВОСТИ

В настоящей статье рассмотрены теоретические вопросы демографической устойчивости и ее признаков (показателей) в Таджикистане. Автор на основе теоретического анализа показывает, что демографическая устойчивость регионов страны находится на низком уровне и требует срочного решения. Также показано, что в сельской местности Таджикистана в связи с низким качеством социальной, производственной и рыночной инфраструктуры, молодёжь не видит своего будущего в данных местах проживания и желает сменить место жительства в будущем. Установлено, что в условиях стран Центральной Азии от увеличения численности населения есть возможность получения демографического дивиденда. Узбекистан уже упустил возможность получения ранних дивидендов. Однако Таджикистан все еще имеет возможность получения демографического дивиденда от благоприятной половозрастной структуры населения. В статье отмечено, что за последние годы количества трудовых мигрантов из Таджикистана увеличивается. Особенно это связано с безвозвратной миграцией с получением гражданства другой страны. Только в 2022 году из Таджикистана получили гражданство России 45 тыс. населения и в 2023 году данная ситуация продолжилась, что свидетельствует о низкой демографической устойчивости страны.

**Ключевые слова:** демография, миграция, демографическая устойчивость, население, миграция, экономическая инфраструктура, прирост населения, условия труда, демографические дивиденды.

## THEORETICAL ISSUES IN RESEARCH OF DEMOGRAPHIC STABILITY

This article discusses the theoretical issues of demographic stability and its signs (indicators) in Tajikistan. Based on a theoretical analysis, the author shows that the demographic stability of the country's regions is at a low level and requires an urgent solution. It is also shown that in rural areas of Tajikistan, due to the poor quality of social, industrial and market infrastructure, especially young people do not see their future in these places of residence and wish to change their place of residence in the future. It has been established that in the conditions of the countries of Central Asia from an increase in the population there is an opportunity to receive a demographic dividend. Especially Uzbekistan has already missed the opportunity to receive an early dividend. However, Tajikistan still has the opportunity to receive a demographic dividend from a favorable age and sex structure of the population. The article notes that in recent years the number of labor migrants from Tajikistan has been increasing. This is especially connected with irrevocable migration with the acquisition of citizenship of another country. Only in 2022, 45 thousand people received Russian citizenship from Tajikistan, and in 2023 this situation continues, which indicates the low demographic stability of the country.

**Keywords:** demography, migration, demographic stability, population, migration, economic infrastructure, population growth, working conditions, demographic dividend.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холова Сафаргул Нурмаҳмадовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904-13-19-99**

**Сведения об авторе:** ***Холова Сафаргул Нурмахмадовна*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904-13-19-99**

**Information about the author:** ***Kholova Safargul Nurmahmadovna*** **-** Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 904-13-19-99**

ТДУ: 338.48(575.3)

# РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Саъдуллозода С.С., Ризоев С.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сайёҳӣ ҳамчун падидаи нав дар раванди густаришёбии муносибатҳои иқтисодӣ аҳаммияти зиёдеро касб намудааст. Рушду нумуи иқтисоди миллӣ имрӯз аз як қатор соҳаҳои ҳаётан муҳимми хоҷагии халқи мамлакат вобастагӣ дорад. Яке аз чунин бахшҳои муҳим, ин соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад, ки сол аз сол таъсири он ба вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии кишварҳои олам бештар гардида истодааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сайёҳӣ ҳамчун бахши муҳимми иқтисодиёт аз оғози нимаи дуюми садаи XX мавриди таваҷҷуҳи олимони соҳа қарор гирифт. Дар асрҳои миёна сайёҳӣ бештар бо мақсади савдо ва хариду фурӯши молу коло ба анҷом мерасид. Имрӯз бошад, сайёҳӣ ҳамчун омили таҳрикдиҳандаи иқтисодиёт баромад намуда, ба рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат заминаи заруриро фароҳам меорад. Нимаи дуюми асри XX дар такмилёбии соҳаи сайёҳӣ нақши муҳим дорад, зеро дар ин давра сайёҳӣ ҳамчун тиҷорат шинохта шуд ва ширкатҳои сайёҳӣ ба фаъолият оғоз намуданд [4,с.52]. Ҳамчунин, дар ин давра инфрасохтори муҳим, ки равнади рушди сайёҳиро таъмин менамояд ба монанди: нақлиёт, роҳҳои ҳавоӣ, қатораҳо, технология ва телекоммуникатсия фароҳам оварда шуданд. Зиёдшавии шумораи сайёҳон ба инкишофёбӣ ва ташкили меҳмонхонаҳо, афзоишёбии ширкатҳои сайёҳӣ ва густаришёбии маҷмуи хизматрасониҳо дар Аврупо ва дигар кишваҳои олам оварда расонид. Аввалин меҳмонхонаҳо дар Аврупо ҷиҳати қабули сайёҳон ташкил гардиданд, ки ин омил сабаби зиёдшавии шумораи сайёҳон дар ҷаҳон гардид. Баъд аз солҳои 1980 раванди инкишофи сайёҳӣ дар саросари ҷаҳон густариш ёфт ва дар ин самт тағийротҳои зиёде ба амал омаданд. Махсусан зиёдшавии ширкатҳои гуногуни сайёҳӣ, ташаккули шаклҳои сайёҳӣ, ташкили хизматрасониҳои алоҳидаи сайёҳӣ ва ғайра раванди рушди сайёҳиро густариш бахшиданд [8,с.29].

Воқеан, соҳаи сайёҳӣ имрӯз ба яке аз соҳаҳои афзалиятноке мубаддал гардидааст, ки метавонад дар таҳкими иқтисоди кишвар нақши калидӣ дошта бошад. Корҳои таҳқиқотӣ-илмӣ дар пешбурди соҳаи сайёҳӣ нақши бузург доранд ва метавонанд рушди ин соҳаро таъмин созанд. Мушкилоти иқтисодиёти ҷаҳон ва масоили такмили сайёҳӣ ва идоракунии он дар асарҳои олимони рус ба монанди А.Ю. Александрова, Д.Г. Брашнова, И.В. Зорина, Ю.А. Кускова ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [1; 4; 6; 7]. Олимони болозикр самтҳои муҳимми соҳаи сайёҳӣ ва идоракунии самараноки онро баррасӣ намуда, масоили рушди онро пажуҳиш намудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳқиқотҳои илмӣ аз ҷониби олимони соҳа мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд ва раванди рушди соҳаи мазкурро метавонанд боз ҳам густариш диҳанд. Новобаста аз ин, соҳаи сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои амиқ ва густурдаро тақозо менамояд. Махсусан метавон зикр намуд, ки ташаккули шаклҳои ҷудогонаи сайёҳӣ, таҳияи инфрасохтори сайёҳӣ, коркарди хатсайрҳо дар ҳудуди кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон аз нуқтаи назари илмӣ то ҳол ба таври возеҳ ва амиқ баррасӣ нашудааст. Омӯзиши паҳлуҳои муҳимми соҳаи мазкур ва баҳодиҳии илмии он метавонад мушкилоти ҷойдоштаро муайян намояд ва роҳҳои ҳалли онҳо коркард карда шавад. Алалхусус, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баландбардории сифати сайёҳӣ, таъмини рақобатпазирии инфрасохтори сайёҳӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар баробари кишварҳои ҳамсоя ҷанбаҳое мебошанд, ки бояд таҳқиқи бештар гарданд.

Сайёҳӣ дар асри XX ҳамчун падидаи муҳим дар иқтисодиёт баҳогузорӣ гардида, дар асри XXI ҳамчун тиҷорати бузург ва такондиҳандаи иқтисодиёти ҳар як кишвари ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар асри XXI сайёҳӣ ба беҳгардии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳо таъсири назаррас гузошта, рушди устувори кишварҳоро таъмин сохт. Дар кишварҳои рӯ ба рушд бошад, сайёҳӣ ҳамчун омили муҳим дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ,

зиёдшавии даромади аҳолӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, баландбардории сатҳи маориф, беҳгардии соҳаи тандурустӣ иттилоотикунонӣ ва ғайраҳо аҳаммияти хос дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сайёҳӣ имрӯз ба яке аз тиҷоратҳои сердаромад табдил ёфта, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аксари кишварҳо аз он вобастааст. Тибқи нишондодҳои омории Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ дар соли 2012 шумораи умумии сайёҳон дар тамоми олам 1 млрд.-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020 то ба 1,561 млн. нафар расидааст ва тибқи дурнамои созмони мазкур тайи солҳои оянда низ раванди мазкур то ба андозаи 4% рушд хоҳад ёфт. Яъне, сол аз сол афзоишёбии шумораи сайёҳон гувоҳи такмилёбии соҳаи сайёҳӣ дар кишварҳои ҷаҳон мебошад [12]. Гарчанде, ки солҳои 2019-2020 пандемияи COVID-2019 ба кулли соҳаҳои иқтисодиёти кишварҳо зарба зад, вале новобаста аз ин шумораи сайёҳон рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Аз ин лиҳоз, заминаи мусоид ҷиҳати ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, бояд фароҳам оварда шавад. Инфрасохтори сайёҳӣ ҳарчи зудтар бояд дар кишвар мукаммал гардонида шавад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди мазкур ба тадриҷ густариш ёфта истодааст ва таҳкими соҳаи мазкур барои иқтисодиёти Тоҷикистон ногузир мебошад.

Метавон зикр намуд, ки индустрияи сайёҳӣ дар ҷаҳон босуръат пеш рафта истодааст ва дар ин раванд кишварҳое муваффақ мегарданд, ки ба соҳаи мазкур аҳаммияти бештар зоҳир менамоянд. Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки 5%-и маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳон ва 30%-и ҳаҷми умумии содироти хизматрасониҳоро дар саросари ҷаҳон (1 трлн доллари Амрикоӣ) сайёҳӣ ташкил медиҳад [15]. Метавон зикр намуд, ки сайёҳӣ дар ҷаҳон ба таври нобаробар инкишоф ёфтааст ва баъзе аз минтақаҳои ҷаҳон дар ин самт густариш наёфтаанд. Қисми зиёди сайёҳон ба кишварҳои ғарбӣ майл доранд, ки ин нишондиҳанда, пеш аз ҳама, бо рушдёбии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи мазкур вобаста аст. Зиёда аз 70%-и сайёҳон дар соли 2020 ба Аврупо сафар кардаанд, ки тақрибан 60%-и маблағҳои сайёҳон дар ин сол ба Аврупо ирсол гардидааст. Аз ин хотир, баррасии таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз роҳҳои рушди сайёҳӣ ба ҳисоб меравад [15]. Зеро вазъи муосири иқтисоди ҷаҳон нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки дорои захираҳои табиӣ нестанд ва ё аз захираҳои мавҷуда то андозае маҳдуданд, бояд роҳҳои дигари таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармояро коркард намоянд. Аз ин хотир, сайёҳӣ ҳамчун самти ояндадор дар кишвар бояд таҳким бахшида шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки бо таърихи бой, табиати рангоранг ва маконҳои зебои худ миёни сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ мақоми махсусро касб намудааст. Бо истифода аз шароити мусоид барои сайёҳон дар ҷумҳурӣ имконпазир аст, ки муҳити хуберо таҳия намоем ва ба ин васила ба раванди рушди иқтисоди миллӣ таъсир расонем. Маълум аст, ки имрӯз сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба яке аз соҳаҳои калидӣ табдил ёфтааст ва метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодиро таъмин созад ва ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таъсир расонад. Дар ин замина, сайёҳиро ҳамчун воситаи ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ истифода намудан имконпазир аст. Бо ҷалби сармоя дар кишвар мумкин аст, ки боз ҳам ҷойҳои нави корӣ зиёд гарданд ва сарчашмаи даромади аҳолӣ афзояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайи рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташкили заминаи мусоид тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст, ки ба ақидаи мо, дар оянда метавонад ба инкишофи соҳаи мазкур такони ҷиддӣ бахшад. Ташкилотҳои байналхалқӣ чораандешиҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро яке аз роҳҳои босамари таҳкими соҳаи сайёҳӣ медонанд. Алалхусус аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” заминаи мусоидест, ки раванди инкишофи соҳаи сайёҳиро боз ҳам густариш медиҳад. Вобаста ба мақсадҳои Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, мероси бойи фарҳангиву таърихии Тоҷикистон, табиати нотакрор, ҳайвоноти нодир, кӯҳҳои сар ба фалак ва маконҳои осоишиву кӯлҳои табиияш шароити хубест барои ҷалби бештари сайёҳон ва ба ин васила таъмини рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ.

Дар партави сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соҳаи сайёҳӣ бемайлон рушд карда, ин самти муҳимми стратегӣ ба пешравиҳои

назаррас ноил гардида, дар арсаи байналмилалӣ эътибори хосса пайдо кардааст. Узвияти Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, шомил шудани пойтахти кишварамон Душанбе ба Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, эълон шудани пойтахти сайёҳии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021, шомил шудан ба ЮНЕСКО мероси моддии фарҳангӣ: мавзеи таърихии «Саразм», «Боғи миллӣ» ва мероси ғайримоддии фарҳангӣ: «Чакан - санъати гулдӯзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Иди Наврӯз», «Оши палов» ва «Мусиқии Шашмақом» - далели ин аст ва симои сайёҳии Тоҷикистон дар тамоми ҷаҳон маълум гардид. Намояндагони соҳаи сайёҳии кишвар барои ворид шудан ба бозорҳои нав дар бузургтарин намоишгоҳҳои тиҷоративу ҳунарӣ дар Олмон, Британияи Кабир, Малайзия, ИМА, Фаронса, Ҷумҳурии Корея, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қувайт, Қатар, Юнон, Испания, Белгия, Туркия, Федератсияи Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо захираҳо ва иқтидори сайёҳии кишварро ба дӯстдорони сайёҳии Тоҷикистон таблиғ мекунанд [12].

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳо инфрасохтори зарурии сайёҳӣ бунёд карда мешавад, ки барои ҷалби бештари сайёҳон, баланд бардоштани некуаҳволии деҳот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳукумати кишвар ҷиҳати таъмини ҷолибияти соҳа барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ як қатор имтиёзҳо муқаррар намуда, дар марҳилаи аввал барои рушди минтақаҳои сайёҳӣ ва бунёди инфрасохтори зарурӣ заминаи иқтисодию ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасманд намудани соҳибкорони хориҷӣ ба сармоягузории бештар 1 миллион доллари амрикоӣ ба иқтисоди Тоҷикистон, барои осон кардани рафту омади ҳамватанони зодаи Тоҷикистон раводиди бисёркаратаи панҷсола ва раводиди бисёркаратаи сесола дода мешавад. Барои ҷалби бештари сайёҳон ва шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, раводиди сайёҳии бисёркарата то 60 рӯз таъсис дода шуд. Дар чаҳорчӯбаи ин чорабиниҳо бренди гардишгарии Тоҷикистон ба таври густурда таблиғ ва ҳамкориҳо бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ дар самти мутобиқсозии маҳсулоти сайёҳии кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ густариш хоҳанд ёфт. Ҷорӣ намудани раводиди электронӣ ва бидуни раводид бо 12 кишвари ҷаҳон, ҷорӣ намудани низоми содакардашудаи раводид бо 126 кишвари ҷаҳон, инчунин, бекор кардани бақайдгирии дохилии сайёҳон имкон медиҳад, ки сайёҳон ва дигар шаҳрвандони хориҷӣ ба тариқи онлайн муроҷиат кунанд [14].

Аз оғози соли 2022 тартиби бидуни раводид бо 52 кишвари ҷаҳон ба кор шуруъ намуд, ки ин сабаби зиёдшавии шумораи сайёҳон хоҳад гардид. Бар асоси арзёбиҳои байналмилалӣ, низоми раводиди электронии Тоҷикистон дар миёни панҷ низоми раводид қарор гирифта, дар мақоми чаҳорум ҷой гирифтааст.

Дар Тоҷикистон саҳми сохторҳои қудратӣ дар таъмини амнияти сайёҳони дохиливу хориҷӣ назаррас буда, таъмини фароғати бехатар ва сайёҳии сайёҳон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Бо ин мақсад аз соли 2018 Раёсати полиси сайёҳии назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Дар байни ин шуъба бо ширкатҳои сайёҳӣ ҳамкорию робитаи мустақим вуҷуд дорад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи сайёҳон мусоидат мекунад. Метавон зикр намуд, ки иқлими Тоҷикистон субтропикӣ буда, дар кӯҳҳо ҳарорати муътадил ва хунук аст, ки ин нишондиҳанда барои сайёҳони хориҷӣ асосӣ арзёбӣ мегардад.

Шаҳри Душанбе ҳамчун як дарвозаи аслии сайёҳон ва садҳо ҳазор меҳмонони хориҷӣ мебошад, ки ҳамасола барои сайёҳоне, ки сафар ба Бадахшон, манзараҳои зебоманзари Хатлону Зарафшон, Ромит ва Варзоб рисолати худро ба анҷом мерасонад, ки албатта боиси ташаккулёбии инфтрасохтори сайёҳӣ дониста мешавад. Агротуризм дар Тоҷикистон низ рушд мекунад ва як шакли наву муосири сайёҳӣ маҳсуб мешавад. Таваҷҷуҳ ба ин намуди туризм меафзояд. Сайёҳии гастрономӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам инкишоф меёбад. Яке аз ҷолибтарин сайёҳии гастрономӣ дар Тоҷикистон, ин таомҳои наврӯзӣ, аз ҷумла суманак, ҳафтсин ва ҳафтшин аст, ки ба муносибати ҷашни байналмилалии Наврӯз омода мешаванд ва Наврӯзро ҳамчун бренди сайёҳӣ муаррифӣ мекунанд.

Самти дигаре, ки имрӯз бештар таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб намудааст, ин шикор ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон ҳамчун макони зисти гӯсфандони кӯҳии Марко

Поло (архар) шинохта шуда, барои рушди сайёҳии шикор мувофиқ дониста мешавад. Илова бар ин, дар ин кишвар макони намудҳои зиёди ҳайвоноти гуногун ва нодир мавҷуданд, ки ҳазорон дӯстдорони шикорро ҷалб мекунанд. Нигоҳ доштан ва саршумори гусфандони Марко Поло, бузи кӯҳӣ, бузҳои кӯҳии бухороӣ ва дигар намудҳои нодири ҳайвонот имкон медиҳад, ки ин навъҳои шикор дар ҳудуди кишвар рушд намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ дар маркази таваҷҷуҳи ташкилотҳои рейтингии гуногун қарор дорад ва пайваста баҳогузорӣ мегардад. Аз ҷумла, Тоҷикистон аз рӯйи як назарсанҷии созмонҳои бонуфуз ва расонаҳои ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари сайёҳӣ чунин баҳогузорӣ гардидааст [14]:

- Оҷонсии таҳлилии «ТурСтат»-и Русия рейтинги кишварҳои ҷаҳонгардии хориҷиро дар соли 2017 таҳия ва маъруфтарин кишварҳоро барои сайёҳони рус дар соли 2017 муайян кардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба феҳристи 50 кишвари хориҷӣ барои сайёҳони Русия маъруфтарин дониста шудааст.
- Институти Иқтисод ва Сулҳ шохиси нави кишварҳои амнро нашр кард, ки Тоҷикистон дар он чаҳор зина боло рафт. Дар ин гурӯҳ Тоҷикистон аз Туркманистон, Арманистон, ИМА, Русия, Туркия ва Исроил пеш аст.
- Дар назарсанҷии маҷаллаи бонуфузи байналмилалии "Lonely Planet" дар миёни 10 минтақаи беҳтарини сайру саёҳат қад-қади Роҳи Абрешим дар Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал қарор гирифт. Ин пажуҳиш аз ҷониби Lonely Planet дар нашри солонаи 10 кишвари беҳтарини ҷаҳонгардӣ, беҳтарин шаҳрҳои сайёҳӣ, беҳтарин минтақаҳо ва беҳтарин арзишҳои сайёҳӣ ҷой гирифтааст.
- Маҷаллаи сайёҳии бритониёии "Wanderlust" дар соли 2020 7 муъҷизаи зебои табиати Тоҷикистонро муаррифӣ карда, аз сафари сайёҳон, аз ҷумла: пиряхи Федченко, Гармчашма, Искандаркӯл, кӯли Сарез, Вахон, Қарокӯл ва Чапдара эълон кардааст.
- Ассотсиатсияи нависандагони саёҳат ва сайёҳии Уқёнуси Ором (PATWA), ки яке аз созмонҳои ҷаҳонии сайёҳӣ мебошад, Ҷумҳурии Тоҷикистонро кишвари устувор ва дахлнопазири сайёҳӣ эълон кардааст.

Бо вуҷуди ин, пешниҳоди як қатор тавсияҳо муҳим аст, ки татбиқи онҳо барои ҳалли як қатор мушкилоти ҷиддии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро кумак мекунанд:

- таҳияи инфрасохтор, рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун маркази байналмилалии сайёҳӣ таъмин созад;
- тавсеаи иқтидори бахши сайёҳӣ барои эҷоди ҷойҳои корӣ, даромад ва фарогирии иҷтимоӣ;
- такмил ё ислоҳоти системаҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- ислоҳоти заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- ташаккул додани кадрҳое, ки дар сатҳи баланд кор карда тавонанд;
- самтҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасонии сайёҳӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Умаров Х.**

### АДАБИЁТ


1. Александрова А.Ю. География туризма как научная дисциплина / А.Ю. Александрова // География туризма. - М.: КНОРУС, 2010.
2. Александрова А.Ю. Международный туризм: Учебник / А.Ю. Александрова. -М.: Аспект Пресс, 2002.
3. Барометр международного туризма ЮНВТО. [Электронный ресурс]. URL: http://mkt.unwto.org/en/barometer
4. Биржаков М.Б. Введение в туризм: Учебник / М.Б. Биржаков. -СПб.: Невский фонд, 2011.
5. Боголюбов В.С. Экономика туризма / В.С. Боголюбов, В.П. Орловская. -М: Академия, 2010.
6. Брашнов Д.Г. Гостиничный сервис и туризм: Учебник / Д.Г. Брашнов. -М.: Инфра-М, 2011.
7. Ёров, Дж.Н. Развитие туристической сферы Республики Таджикистан в условиях рынка [Матн]. Монография / Дж.Н. Ёров. –Душанбе, 2008. -110 с.
8. Жукова, М.А. Менеджмент туризма / М.А. Жукова. –М., 2015. –С.10.
9. Зорин И.В. Менеджмент туризма: Учебник для студентов / И.В. Зорин. -М.: РМАТ, 2009.
10. Ирэни Н. Туризм, развитие и независимость в Кабо-Верде. Исследования мира и безопасности / Недель, Факультет экономики, Университет Коимбры. - 2010. -№4.
11. Официальный сайт Национального Института статистики. [Электронный ресурс]. URL: www.ine.cv.
12. Сайт Всемирной Туристкой организации. [Электронный ресурс]. URL: www.unwto.org .
13. Сайт журнала «Лусофония». [Электронный ресурс]. URL: www.revistalusofonia.pt

14. Leiper N. The framework of tourism: towards a definition of tourism, tourist, and the tourist Industry / N. Leiper // Annals of Tourism Research. - 1979. -Vol. 6. -P.390-407.
15. Theobald W.F. The meaning, scope, and measurement of travel and tourism / W.F. Theobald // Global tourism. - Burlington, MA: Butterworth-Heinemann, 2005. -P.5-24.

## РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масоили рушди сайёҳӣ ва таъсири он ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва баҳс қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифодаи аз маълумотҳои оморӣ ва сарчашмаҳои илмии хориҷиву дохилӣ паҳлуҳои назариявӣ-амалии масъаларо васеъ омӯхта, назари худро дар ин самт иброз доштааст. Дар мақола соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои калидӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, рушди минбаъдаи он таконбахши иқтисоди миллӣ баҳогузорӣ шудааст. Асоснок гардидааст, ки истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳим буда, метавонад минбаъд болоравии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, зиёдшавии сарчашмаҳои даромади аҳолӣ ва ғайраро таъмин созад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки самтҳои муҳимми соҳаи сайёҳӣ ва омилҳои таъсиррасон ба раванди инкишофи ин соҳаро муайян намуда, роҳҳои ҳалли онро коркард намояд. Мушкилиҳое, ки дар соҳаи сайёҳии кишвар мавҷуданд, аз ҷониби муаллиф гурӯҳбандӣ гардида, сабабҳои пайдоши онҳо маълум карда шудааст. Ҳамин тавр, муаллиф соҳаи сайёҳиро ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми иқтисоди миллӣ дониста, ҷиҳати рушди минбаъдаи он тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо**: сайёҳӣ, иқтисоди миллӣ, иқтисодиёт, сармоягузорӣ, фазои сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, бахши сайёҳӣ, сайёҳии экологӣ, агротуризм.

## РАЗВИТИЕ ТУРИЗМА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКО - СОЦИАЛЬНОЕ ПОЛОЖЕНИЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются вопросы развития туризма и его влияния на социально-экономическое положение Республики Таджикистан. Используя статистические данные, зарубежные и отечественные научные источники, автор подробно изучил теоретические и практические аспекты вопроса и предложил собственный взгляд в этом направлении. В статье оценивается сектор туризма как один из ключевых секторов в Республике Таджикистан и оценивается его дальнейшее развитие как стимул для национальной экономики. Обосновано, что использование зарубежного опыта для развития туризма в Республике Таджикистан является одним из важных факторов, способных еще больше повысить макроэкономические показатели, обеспечить население новыми рабочими местами, увеличить источники дохода и так далее. Автор приложил усилия, чтобы определить важные направления туризма и факторы, влияющие на развитие этого сектора, и разработать решения. Проблемы, существующие в сфере туризма страны, автором сгруппированы и выявлены причины их возникновения. Таким образом, автор рассматривает индустрию туризма как важный показатель национальной экономики и предлагает полезные рекомендации по ее дальнейшему развитию.

**Ключевые слова:** туризм, народное хозяйство, экономика, инвестиции, туристское пространство, туристская инфраструктура, туристическая сфера, экологический туризм, агротуризм.

## DEVELOPMENT OF TOURISM AND ITS IMPACT ON THE ECONOMIC AND SOCIAL SITUATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article deals with the development of tourism and its impact on the socio-economic situation of the Republic of Tajikistan. Using statistical data, foreign and domestic scientific sources, the author studied in detail the theoretical and practical aspects of the issue and offered his own view in this direction. The article assesses the tourism sector as one of the key sectors in the Republic of Tajikistan and evaluates its further development as an incentive for the national economy. It is substantiated that the use of foreign experience for the development of tourism in the Republic of Tajikistan is one of the important factors that can further increase macroeconomic indicators, provide the population with new jobs, increase sources of income, and so on. The author has made efforts to identify important tourism destinations and factors influencing the development of this sector and develop solutions. The problems that exist in the tourism sector of the country are grouped by the author and the causes of their occurrence are identified. Thus, the author considers the tourism industry as an important indicator of the national economy and offers useful recommendations for its further development.

**Keywords:** tourism, national economy, economy, investments, tourist space, tourist infrastructure, tourism sector, ecological tourism, agrotourism.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саъдуллозода Сафарбек Саъдулло*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-20-04-20**
***Ризоев Сафарали Анваралиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 933-33-49-56.** E-mail: **rizoev145@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Саъдуллозода Сафарабек Саъдулло*** - Таджикский национальный университет, доктор Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-20-04-20**
***Ризоев Сафарали Анваралиевич*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономической географии и туризма. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 933-33-49-56**. E-mail: **rizoev145@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Sadullozoda Safarabek Sadullo*** **-** Tajik National University, Ph.D Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 918-20-04-20**
***Rizoev Safarali Anvaralievich*** **-** Tajik National University, assistant at the department of economic geography and tourism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 933-33-49-56.** E-mail: **rizoev145@gmail.com**

ТДУ: 338.45(575.3)

# САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ ҶИҲАТИ РАСИДАН БА АФЗАЛИЯТҲО ДАР СОҲАИ САНОАТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

*Аҳмадбекова Н.М.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо дарназардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад.

Ҳамин тариқ, барои расидан ба ин мақсад андешидани чораҳо нисбати амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмини самаранокӣ ва сифати онҳо, ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав зарур шуморида мешавад. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020-2025 (минбаъд Барнома), бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018, ки бо дар назар доштани аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд, таҳия карда шудааст.

Ҳангоми таҳияи Барнома, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба эътибор гирифта шудаанд.

Инчунин, Барнома ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба Рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), ки дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудаанд, ба инобат мегирад [5].

Дар Паёмашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3% афзоиш ёфт. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22% расонида шавад» [6].

Бо мақсади таъмин, истифодабарии самараноки манбаъҳои ашёи хом ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии кишвар ва ба ин васила зиёд намудани захираи асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ: дар заминаи кони тиллои «Чоре» таъсиси сикли пурраи коркарди захираҳо то истеҳсол намудани металли ниҳоӣ; гузаронидани корҳои омӯзишӣ-геологӣ ва коркарди захираҳои зуҳуроти тиллои пошхӯрдаи «Муксу»; гузаронидани корҳои омӯзишӣ-геологӣ дақиқ ва дар оянда таъсиси корхонаҳои нав бо дар назар доштани коркарди захираҳои конҳои тиллои пошхӯрдаи «Рангкӯл», кони скополити «Кукурт», кони бори «Акархар», кони «Икар» ва кони «Барҷу»-и Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон; таҳия ва бастани созишномаҳои сармоягузорӣ тибқи тартиби муқаррargardида; тайёр кардани мутахассисони таҷрибаноки соҳавӣ (маркшейдер, муҳандиси кӯҳӣ, бойгардон ва технологҳо, муҳандиси таҷҳизоти кӯҳкорӣ; сода гардонидани раванди иҷозатномадиҳӣ ва

ё дар асоси шартнома ба роҳ мондани коркарди такрорӣ; бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба соҳа мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба стандартҳои байналмилалӣ дар самти таъмини шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва феҳристи кушоди моликони ширкатҳо, қарордодҳо ва ғайра.

Дар соли 2021 ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолии ҶСП «Талко-Голд» бо ҷалби беш аз 124 млн доллари ИМА ва корхонаи заргарӣ дар шаҳри Душанбе бо ҷалби беш аз 7,0 млн сомонӣ ва 200 ҷойи корӣ барои занону духтарон ва ифтитоҳи Фабрикаи бойгардонии ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» бо иқтидори истеҳсолии лоиҳавии 600 ҳазор тонна маъдан дар як сол дар марҳилаи аввал бо ҷалби 60,0 млн доллари ИМА ва ташкили 141 ҷойи кории нав дар назар дошта шудааст.

Ҳамасола зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо аз ҷумла, тилло 6% ва расонидани ҳаҷми истеҳсоли нуқра дар соли 2030 то 10% зиёд нисбати соли 2017 пешбинӣ карда шудааст.

Ҳаҷми истеҳсоли металлҳои ранга ба ҳаҷмҳои дар «Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025» мутобиқат мекунад.

**Ҷадвали 1. Дурнамои истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо дар солҳои 2020-2025**
**Table 1. Prospects for the production of the main types of products of mining and precious metals industry enterprises in 2020-2025**

| Номгӯйи маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидор | 2022 ҳисобот | 2023 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 |
| Саноати маъдан (ҳамагӣ) | млн сомонӣ | | 5914,5 | 6434,6 | 6761,4 | 7040,2 | 7642,2 | 8203,0 | 8674,5 | 9179,1 |
| Суръати афзоиш | фоиз | | 107,5 | 109,0 | 105,0 | 104,0 | 108,5 | 107,3 | 105,7 | 105,8 |
| Ҳисса дар маҷмуи маҳсулоти саноатӣ | фоиз | | 24,8 | 27,0 | 28,4 | 29,5 | 32,0 | 34,3 | 36,8 | 38,9 |
| Шумораи корхонаҳои нав | корхона | | 0 | 1 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Шумораи ҷойҳои нави корӣ | нафар | | 1228 | 158 | 1300 | 300 | 220 | 400 | 400 | 618 |
| Шумораи кормандон | нафар | | 10362 | 10983 | 11532 | 11993 | 13012 | 13962 | 14982 | 15851 |
| Ҳаҷми ҷалби сармоя | млн сомонӣ | | 766,6 | 1238 | 1574,4 | 1951,6 | 384 | 360,8 | 397,7 | 399,5 |
| Тилло | млн сомонӣ | | 2075 | 2600,8 | 2478,6 | 2627,4 | 2785,0 | 2952,1 | 3129,2 | 3316,9 |
| Нуқра | млн сомонӣ | | 19,4 | 21,3 | 23,5 | 23,6 | 23,7 | 23,9 | 24,2 | 24,7 |
| Хокаи сурб | ҳаз. тонн | | 78,3 | 86,5 | 86,6 | 90,0 | 93,6 | 97,3 | 101,2 | 105,2 |
| Хокаи руҳ | ҳаз. тонн | | 166,5 | 168,3 | 171,6 | 181,9 | 192,8 | 200,6 | 208,6 | 216,9 |
| Хокаи мис | ҳаз. тонн | | 42,9 | 9,2 | 9,4 | 9,9 | 10,5 | 11,2 | 11,8 | 12,5 |
| Хокаи сурма | ҳаз. тонн | | 64,3 | 59,6 | 59,8 | 63,5 | 67,3 | 70,6 | 73,4 | 76,4 |
| Хокаи нуқра | тонна | | 6,5 | 6,5 | 7,3 | ,7 | 8,2 | 8,6 | 9,0 | 9,6 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хокаи мису нуқра | тонна | | 297,8 | 1000 | 1300 | 1378 | 1461 | 1548 | 1641 | 1740 |
| Сурмаи металлӣ | ҳаз. тонн | 6,0 | 4,0 | 4,0 | 4,0 | 4,0 | 4,8 | 5,2 | 5,5 | 6,0 |
| аз он ҷумла, маҳсулотҳо и нав | | | | | | | | | | |
| Сурби металлӣ | ҳаз. тонн | 50,0 | 0,0 | 20,0 | 25,0 | 29,0 | 32,9 | 39,5 | 44,2 | 48,9 |
| **Эзоҳ:** иқтидори истеҳсолии хокаҳо ва металлҳои қиматбаҳо, аз рӯйи иқтидорҳои коркарди маъдан дар фабрикаи бойгардонӣ муайян карда мешаванд. | | | | | | | | | | |

Сарчама: Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020-2025.

Саноати истихроҷи ангишт: Таҳлили ҳолати кунунии соҳа. Бо дар назар доштани фаровонии захираҳои ангишт дар қаламрави ҷумҳурӣ истихроҷу коркард ва истифодабарии самараноки он барои рушди иқтисодиёти кишвар аҳаммияти назаррасро доро мебошад.

Истихроҷи солонаи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ асосан аз захираҳои конҳои ангишти «Шӯроб» ва «Фон-Яғноб» наздик ба 1 млн тоннаро ташкил медод, ки талаботи солонаи ҷумҳурӣ ба 1,5 млн тонна баробар буд.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон шумораи корхонаҳои саноати ангишт аз 2 то ба 18 корхона ва техникаҳои махсуси кӯҳӣ аз 35 то 425 техникаи махсус расонида шуд, ки бештари онҳо бо ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ бунёд ва харидорӣ гардиданд. Барқарорсозӣ ва зиёд намудани иқтидори истихроҷи ангишт дар конҳои «Фон-Яғноб», «Шӯроб», «Зиддӣ», «Назар-Айлоқ», «Сайёд» ва «Миёнаду» бо тарзи кушод ва зеризаминӣ ба роҳ монда шуда, дар соли 2018 ҳаҷми истихроҷи ангишт дар ҷумҳурӣ ба 1907 ҳазор тонна расонида шуд. Дар баробари ин аз соли 2017 инҷониб содироти ангишт дар ҳаҷми 4,6 ҳазор тонна дар соли 2017 ва 44,5 ҳазор тонна дар соли 2018 ба роҳ монда шуд.

**Диаграммаи 1. Истихроҷи ангишт дар солҳои 2014-2018 (ҳазор тонна)**
**Diagram 1. Coal extraction in 2014-2018 (thousand tons)**




Сарчашма: Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020-2025

Ҳиссаи истихроҷи ангишт дар соли 2018 дар корхонаҳои бахши давлатӣ 55% ва бахши ғайридавлатӣ 45%, инчунин, бо тарзи кушод 94% ва зеризаминӣ 6%-ро ташкил дод.

Яке аз ҳадафҳои асосии рушди соҳа, заминагузории таъминоти иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо ангишт тариқи такмили тарзи кушоди истихроҷ чун усули самарабахши иқтисодӣ ва заминагузорӣ барои коркарди зеризаминии конҳо, инчунин, коркарду бойгардонию истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ мебошад.

Таҳлилҳои ду соли охир нишон медиҳанд, ки вобаста ба оғоз гардидани воридоти гази табиӣ аз кишвари ҳамсоя ва ба кор даромадани агрегати якуми неругоҳи барқи обии «Роғун» харидории ангишт аз тарафи аҳолӣ ва як қатор корхонаҳои саноатӣ коҳиш ёфт. Бинобар ин, зарурат ба миён омадаст, ки ба масъалаи истеҳсоли маҳсулоти дигар аз ангишт ва зиёд намудани содироти ангишт диққати махсус дода шавад.

Дар марҳилаҳои амалишавии Барнома ба масъалаи коркарди зеризаминии конҳо диққати махсус дода шуда, ба ин мақсад ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ зарур дониста мешавад. Фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ шудани дурнамои истихроҷи ангишт то соли 2025 ба миқдори 2367 ҳазор тонна ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, бо тарзи кушод 46,7% ва зеризаминӣ 53,3%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои дурнамои истихроҷи ангишт барои солҳои 2020-2025**
**Table 2. Prospective indicators of coal extraction for 2020-2025**

| Номгӯйи маҳсулот | Воҳиди ченак | Дурнамои истихроҷ дар солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 |
| Ангишт аз ҷумла: бо тарзи; | млн сомонӣ | 304,3 | 354,6 | 398,4 | 485,0 | 541,8 | 616,2 | 710,0 |
| | ҳаз.тн | 1950 | 2135 | 2265 | 2425 | 2630 | 2900 | 3250 |
| -кушод | млн сомонӣ | 250,6 | 271,0 | 266,0 | 305,6 | 303,2 | 300,6 | 298,4 |
| | ҳаз.тн | 1682 | 1737 | 1663 | 1645 | 1615 | 1585 | 1570 |
| -зеризаминӣ | млн сомонӣ | 53,7 | 83,6 | 132,4 | 179,4 | 238,6 | 315,6 | 411,6 |
| | ҳаз.тн | 268,0 | 398,0 | 602,0 | 780,0 | 1015 | 1315 | 1680 |

Сарчашма: Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020-2025 [6].

Аз ҷадвали дурнамои истихроҷи ангишт дар давраи то соли 2025 бармеояд, ки дар соли 2025 ба миқдори 3,2 млн тонна ангишт истихроҷ карда мешавад. Аз ҷумла, бо тарзи кушод 48,3% ва зеризаминӣ 51,7%-ро ташкил медиҳад.

Ба ҳисоби миёна дар соли 2025 талаботи соҳаи энергетика ба 1,7 млн тонна (52,3%), саноат 1,0 млн тонна (30,8%), муассисаҳои буҷетӣ 70 ҳазор тонна (2,1%), аҳолӣ 150 ҳазор тонна (4,7%) ва содирот 330 ҳазор тонна (101%) хоҳад расид.

Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона карда шуд.

Дар натиҷа танҳо дар панҷ соли охир дар дохили кишвар ба маблағи умумии беш аз 44 миллиард сомонӣ маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол карда шуд, ки боиси хеле коҳиш ёфтани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ гардид.

Бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудем.

Айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ гардонидани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар чораҳои муассирро татбиқ карда истодааст. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 зиёда аз 2200 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бунёд гардидаанд, ки аз ин корхонаҳо 30% дар вилояти Суғд, 27% дар вилояти Хатлон, 21% дар шаҳри Душанбе, 19% дар НТҶ ва 2% дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир шудаанд. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қариб чор баробар афзоиш ёфта, барои рушди соҳаи саноати кишвар беш аз 1339,2 милион доллари ИМА ҷалб гардид.

Барои беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021, таъкид намудаанд, ки «давоми панҷ соли оянда, яъне дар доираи «Солҳои рушди саноат» тавассути таъсиси корхонаҳои нав, барқарорсозии иқтидорҳои мавҷуда, афзоиш додани ҳаҷми истихроҷи канданиҳои фоиданок ва коркарди маъдан ба фаъолият оғоз кардани боз якчанд корхонаи бузурги соҳаи маъдан оид ба коркарди ниҳоии ашёи хом бо таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ имконпазир мебошад». Аз ин лиҳоз, солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон намуданд.

Барои расидан ба ин ҳадаф, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ, Ҳукумати мамлакатро вазифадор намуданд, ки

минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ ва густариши раванди саноатикунонии босуръатро таъмин намояд.

Дар партави суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудан ба маврид аст, ки дар таҳрири нави Кодекси андоз бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд. Татбиқи иқдоми мазкур сабаби рушди босуботи соҳаи саноти кишвар гардида, дар афзоиши иқтисоди миллӣ заминаи устувор хоҳад гузошт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020-2025.
2. Махмадиев, Ф.Б. Недостатки кластера агропромышленного комплекса Таджикистана и его регионов / Ф.Б. Махмадиев, Г.И. Ахмедова, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/1(157). – С. 265-269.
3. Махмадиев, Ф.Б. Теоретический подход к формированию и развитию агропромышленных кластеров / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова, Ш.Ф. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/8. – С. 66-71.
4. Меньшенина И.Г. Кластерообразование в региональной экономике: Монография / И.Г. Меньшенина. - Екатеринбург: Издательство Уральского государственного университета, 2008. -154 с.
5. Низамова Т.Д. Равандҳои такмили сохтори соҳавии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Д. Низомова // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалии "Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт"(Душанбе, 27 феврали соли 2020). –Душанбе, 2020. –С.209.
6. Низомова Т.Д. Истилоҳномаи иқтисоди хурд. Ташкил ва банақшагирии корхонаҳои саноатӣ / Т.Д. Низомова, А. Ҳоҷиев. -Душанбе: Диловар - ДДМТ, 2001. -76 с.
7. Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона. Китоби дарсӣ / Т.Д. Низомова. –Душанбе: Бебок, 2012. -236 с.
8. Омори солонаи ҶТ, АОПҶТ. - 2019.
9. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба вакилони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018. – Душанбе, 2018. -С.4.
10. Хофизов Х.А. Кластеризация субъектов горнодобывающей отрасли Зеравшанской долины, как способ привлечения прямых инвестиций в освоение природно-ресурсного потенциала региона / Х.А. Хофизов // Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей. Материалы республиканской научно-практической конференции (Душанбе, 10 апреля 2019г.). -Душанбе, ТНУ, 2019. -С.338-348.
11. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№3. -Часть II. -С.108-119.
12. Хофизов Х.А. Эконометрический анализ факторов, влияющих на привлечение прямых иностранных инвестиций / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№2. -С.44-53.


## САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ ҶИҲАТИ РАСИДАН БА АФЗАЛИЯТҲО ДАР СОҲАИ САНОАТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

Рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ба сатҳи инкишофи техникию технологии саноат алоқаи зич дошта, он дар камолоти истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддии ҷомеа, хусусан ташаккули даромадҳои аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, таъмини эҳтиёҷоти мамлакат бо маҳсулоти саноатии ватанӣ ва ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба истеҳсолот нақши муайянкунандаро мебозад. Таҳлили вазъияти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди иқтисодӣ, ҳалли бештари муаммоҳои иҷтимоӣ, баландбардории некуаҳволии аҳолии мамлакат дар асоси инкишофи соҳаи саноат муайян карда мешавад. Имрӯз саноати Тоҷикистон ба симои хосси миллии давлати мустақил соҳиб гардидааст. Акнун он бояд ба тамоми хусусиятҳои мақоми нав мувофиқ шуда, дар доираи чорабиниҳои ташкилию техникии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки самаранокии истеҳсолотро бо устувории занҷири арзиши иловашуда ва баланд бардоштани дараҷаи коркарди маҳсулот аз ашё то ба маҳсулоти тайёр бурда расонидани онро таъмин карда тавонанд, фаъолият намояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд: "...ба масъалаҳои тақвияти рушди содирот, тезонидани ҷараёни диверсификатсияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда аҳаммияти махсус дода, барои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ва меваю сабзавот, истихроҷи маъдан, коркарди металлу сангҳои қиматбаҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд".

**Калидвожаҳо:** саноатикунонии босуръат, саноат, истихроҷи маъдан, бозори ҷаҳонӣ, бозори дохилӣ, истеҳсолот, ҳадафи стратегӣ, суръати афзоиш, коркард, истиқлолияти саноатӣ, иқтисодиёт.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДЛЯ ДОСТИЖЕНИЯ ПРЕИМУЩЕСТВ В ОТРАСЛИ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ

Социально-экономическое развитие Таджикистана тесно связано с уровнем технико-технологического развития промышленности, оно играет решающую роль в зрелости материального и нематериального производства общества, особенно в формировании доходов населения и обогащении государственного бюджета, обеспечении нужд страны отечественной промышленной продукцией и привлечении к производству трудоспособного населения. Анализ социально-экономического положения Республики Таджикистан показывает, что экономическое развитие, решение большинства социальных проблем, повышение благосостояния населения страны определяется на основе развития промышленности. Сегодня промышленность Таджикистана приобрела неповторимый национальный облик независимого государства. Теперь она должна соответствовать всем особенностям нового статуса и действовать в рамках научно обоснованных организационно-технических мероприятий, способных обеспечить эффективность производства при стабильности цепочки добавленной стоимости и повысить уровень переработки продукции из сырья ее готовой продукции. Основоположник национального мира и единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем Послании Маджлиси Оли отметил: в том числе хлопок и плодоовощную продукцию, добычу полезных ископаемых, переработку драгоценных металлов и камней, для их переработки следует принять необходимые меры.

**Ключевые слова:** ускоренная индустриализация, промышленность, добыча полезных ископаемых, мировой рынок, внутренний рынок, производство, стратегическая цель, темпы роста, переработка, промышленная самостоятельность, экономика.

## THE MAIN AREAS OF ACTIVITY TO ACHIEVE ADVANTAGES IN THE INDUSTRY AND ITS DEVELOPMENT PROSPECTS

The social and economic development of Tajikistan is closely related to the level of technical and technological development of the industry, it plays a decisive role in the maturity of material and non-material production of the society, especially the formation of the population's income and the enrichment of the state budget, the provision of the country's needs with domestic industrial products and the attraction of the able-bodied population to production. The analysis of the social and economic situation of the Republic of Tajikistan shows that economic development, solving most of the social problems, improving the well-being of the population of the country is determined on the basis of the development of the industry. Today, the industry of Tajikistan has acquired the unique national image of an independent state. Now it must comply with all the features of the new status and operate within the framework of scientifically based organizational and technical measures that can ensure the efficiency of production with the stability of the added value chain and increase the level of processing of products from raw materials to finished products. The founder of national peace and unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, the Honorable Emomali Rahmon, in his message to the Majlisi Oli noted: It is necessary to take the necessary measures, including on cotton and fruits and vegetables, mineral mining, processing of precious metals and stones.

**Keywords:** rapid industrialization, industry, mining, world market, domestic market, production, strategic goal, growth rate, processing, industrial independence, economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аҳмадбекова Нигора Мақсудҷоновна*** **–** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 928-07-75-55.** E-mail: **nigora.akhmadbekova@gmail.com**

**Свединия об авторе:** ***Ахмадбекова Нигора Максуджоновна*** **-** Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры государственного управления и национальной экономики. **Адрес**: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 928-07-75-55.** E-mail: **nigora.akhmadbekova@gmail.com**

**Information about the author:** ***Akhmadbekova Nigora Maksudzhonovna*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Public Administration and National Economics. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir street, 33. Phone: **(+992) 928-07-75-55.** E-mail: **nigora.akhmadbekova@gmail.com**

ТДУ: 339.543(575.3)

# ТАШАККУЛЁБӢ ВА НАҚШИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ТАҲКИМИ НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР

*Каримов Р.И.*, *Муқимов Қ.М.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Фаъолияти низоми гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун хадамоти калидии назди ҳукумат, балки ҳамчун танзимкунанда ва таъминкунандаи бозори дохилӣ бо молу хизматрасонӣ, сарчашмаи муҳимми ғанигардонии буҷети давлатӣ, татбиққунандаи сиёсати иқтисодӣ, бахусус муносибатҳои иқтисодии берунмарзии мамлакат, такмилдиҳандаи муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла фаъолияти иқтисодӣ-молиявии татбиққунандаи ҳадафҳои олии мамлакат маҳсуб меёбад. Аз ин сабаб, таҳқиқи илмии фаъолияти мақомоти гумрук ҷиҳати такмили механизмҳои идоракунию назоратии муносибатҳои иқтисодии берунмарзии мамлакат, ҳамзамон, муайянсозии мавқеи он дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шароити тағйирёбии ғайричашмдошти вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти хосса дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади густариши муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамчун василаи калидии таъмини рушди устувори иқтисодии мамлакат бо ташаббус ва ибтикорҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам тақвият ёфта истодааст. Бахусус, дар заминаи силсилаташаббусҳои байналмилалии мушкилоти самаранокии захираҳои об, инчунин, ба ҳалли масъалаҳои мубрами аҳаммияти иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонидошта, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккилонаи фаромилалӣ, масъалаҳои иқтисодӣ-экологӣ ва пешгирии гардиши қочоқи молу маҳсулотҳо тавассути нуқтаҳои гумрукӣ таваҷҷуҳи зиёд намуда истодааст.

Айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид бо 183 мамлакатҳои дунё робитаҳои иқтисодӣ барпо намуда, заминаҳои ҳуқуқӣ-ташкилӣ ва устуворсозии мавқеи молистеҳсолкунандагони ватаниро дар бозорҳои ҷаҳонӣ такмил дода истодааст, ки асоси онро таъмину ташкили дурусти фаъолияти низоми гумруки мамлакат таъмин менамояд. Дар ин росто, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими низоми муносибатҳои иқтисодии мамлакат бо як қатор созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, ба монанди Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД), Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (СААШ), Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (СҲИ), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), ҳамкории Тоҷикистон бо СММ дар риштаи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, Созмони ҷаҳонии гумрук оид ба назорати ҳамлу нақли контейнерҳо (СҶГ) ва дигарҳо робитаву муносибатҳои боэътимодонаи худро идома дода истодааст.

Яке аз санадҳои асосиву заминавии таҳкимбахши низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин қабули Аҳдномаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид алайҳи ҷиноятҳои муташаккили фаромилалӣ, бо қатъномаи 55/25 аз 15.11. соли 2000 дар шаҳри Палермои Италия қабул карда шудааст, маҳсуб меёбад [11]. Аҳдномаи мазкур давлатҳои аъзо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистонро уҳдадор менамояд, ки бар зидди ҷинояткории муташаккили фаромилалӣ, бахусус монеашавӣ дар ташкили гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, шустушӯи пул, фасод ва монеа шудан ба адолати судӣ, ёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бо хадамоти гумрук фаъол бошанд.

Вобаста ба қабули санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти фаъолияти низоми гумрук, ҳукумати мамлакат заминаҳои институтсионалии низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро такмил дода истодааст. Аз ҷумла, дар моддаи якум, банди якуми Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки «Танзими гумрукӣ аз муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳое иборат мебошад, ки шахсон ҳангоми риоя намудани онҳо ҳуқуқи аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сарҳади гумрукӣ) интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиётро амалӣ менамоянд» [8,с.7]. Гузашта аз ин, бо мақсади танзими дуруст ва таъмини самараноки гирдгардиши молу маҳсулот дар

мавзеъҳои сарҳадии мамлакат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ташкил намудани дидбонгоҳҳои андозӣ ва назорати андози ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамоку, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, инчунин, содироти он берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 12.06.2023с., №264.) ба тавсиб расида буд. Инчунин, Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2024 ҳадаф, вазифа ва самтҳои асосии рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дар назар доштани таъсироти танзими гумрукӣ ҳамчун васоити танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ ба раванди ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ дар фазои иқтисодиёти байналмилалӣ муайян менамояд [2].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки Ҳукумати мамлакат бо риоя аз санадҳои меъёри ҳуқуқии сатҳи байналмилалӣ вобаста ба тағйирёбии вазъи бозорҳои молу маҳсулот ва ҳамзамон, ба маҷрои технологӣ ва рақамикунонии истеҳсолот гузаштани молистеҳсолкунандагони ватаниву хориҷӣ ҷанбаҳои институтсионалии хадамоти гумруки мамлакатро такмил дода истодааст. Такмилёбии низоми гумруки мамлакат, натанҳо аҳаммияти назоратӣ ва бақайдгириву барасмиятдарории молу маҳсулоти воридоту содиротшавандаро дорад, балки фаъолияти босамари он аз сатҳи татбиқшавии ҳадафҳои миллии рушди мамлакат шаҳодат медиҳад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти гумруки ҷумҳурӣ, ин пешниҳоди як қатор хизматрасониҳои давлатӣ мебошад, ки ҳамасола дар мувофиқа бо Ҳукумати мамлакат номгӯй ва ҳаҷми пардохти онҳо муқаррар карда мешавад. Барои пешниҳоди хизматрасониҳои босифати гумрукӣ, сатҳи технологии пешниҳод, маълумот ва коркарду машваратдиҳӣ бештар дар шакли маҷозӣ сурат мегирад, ки ин барои воридкунанда ва содиркунандаи молу маҳсулоти гуногун қуллай ва муфид буда, самаранокӣ ва шаффофии пардохтҳои ҳатмии давлатиро дар низоми молияи мамлакат таъмин менамояд.

**Ҷадвали 1. Номгӯйи хизматрасониҳои пулакӣ ва пардохтҳои гумрукӣ дар хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 1. List of paid services and customs payments in the customs service of the Republic of Tajikistan**

| | Номгӯйи хизматрасонии пулакӣ | Асоси ҳуқуқии муайянкунии арзиши хизматрасонӣ |
|---|---|---|
| 1 | Хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ | -Кодекси гумруки ҶТ аз 03.12.2004, № 62; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ситонидан, ташаккул ва истифодабарии хироҷҳои гумрукӣ» аз 30.06.2007, №352; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи андозаи хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ» аз 02.12.2005, №472 |
| 2 | Хироҷи гумрукӣ барои мушоияти гумрукӣ | - Кодекси гумруки ҶТ аз 03.12.2004, № 62; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ситонидан, ташаккул ва истифодабарии хироҷҳои гумрукӣ» аз 30.06.2007, №352; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи андозаи хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ» аз 02.12.2005, №472 |
| 3 | Хироҷи гумрукӣ барои нигаҳдории мол дар анборҳои мақоми гумрук | - Кодекси гумруки ҶТ аз 03.12.2004, № 62; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ситонидан, ташаккул ва истифодабарии хироҷҳои гумрукӣ» аз 30.06.2007, №352; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи андозаи хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ» аз 02.12.2005, №472 |
| 4 | Хироҷи гумрукӣ барои додани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдорорандаи гумрукӣ | - Кодекси гумруки ҶТ аз 03.12.2004, № 62; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ситонидан, ташаккул ва истифодабарии хироҷҳои гумрукӣ» аз 30.06.2007, №352; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи андозаи хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ» аз 02.12.2005, №472 |
| 5 | Низоми равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ | Нархномаи ҳаққи пардохти Низоми равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ барои ҳар як сафарбарӣ аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои КВД «Маркази равзанаи ягона»-и Хадамоти гумруки |

| | | |
|---|---|---|
| | (КВД «Маркази равзанаи ягона») | назди Ҳукумати ҶТ, ки санаи 05.01.2023 аз тарафи Директори КВД «Маркази равзанаи ягона» тасдиқ ва 04.01.2023 бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ мувофиқа карда шудааст. |
| 6 | Боҷи гумрукӣ | - Кодекси гумруки ҶТ аз 03.12.2004, № 62; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 08.08.2014, №399 - Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии содирот» аз 03.06.2014, №377 |
| 7 | Андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад | - Кодекси гумруки ҶТ аз 03.12.2004, № 62; - Кодекси андози ҶТ аз 23.12.2021, №1844 |
| 8 | Аксиз, ки ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад | - Кодекси гумруки ҶТ аз 03.12.2004, № 62; - Кодекси андози ҶТ аз 23.12.2021, №1844; - Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда» аз 09.06. 2018, №302 |
| 9 | Пардохти махсуси гумрукӣ | - Кодекси гумруки ҶТ аз 03.12.2004, № 62; - Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи муқаррар намудани меъёри пардохти махсуси гумрукӣ» аз 25.09.2018 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф, Феҳристи номгӯйи хизматрасониҳои пулакӣ ва пардохтҳои гумрукӣ, ки маблағи онҳо тавассути Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ карда мешаванд. Сомонаи расмӣ: https://gumruk.tj/index.

Тавре аз ҷадвали 1 маълум мегардад, хадамоти гумруки мамлакат дар танзими фаъолияти воридотиву содиротии мамлакат нақши калидӣ дошта, ҳамзамон, тавассути дуруст ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатии гумрукӣ дар ғанигардонии буҷети давлатӣ низ мавқеи хосса дорад. Қобили қайд аст, ки дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 як қатор барномаҳои миёнамуҳлати соҳавӣ таҳия ва татбиқ гардида истодааст, ки заминаи бомуваффақ татбиқшавии онҳо маҳз аз фаъолияти босамари хадамоти гумруки ҷумҳурӣ маншаъ мегирад. Бахусус, ҷиҳати татбиқи ҳадафи олӣ-саноатикунонии мамлакат ва дастгирии соҳибкорону молистеҳсолкунандагони ватанӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам чораҳо ва ташаббусҳои ба рушди соҳаҳои иқтисодиёт мусоидаткунандаро роҳандозӣ намуда истодаанд. «Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд. То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад» [6].

Таҷрибаи навини рушди боэътимоди иқтисодии мамлакат шаҳодат медиҳад, ки мақомоти гумруки мамлакат дар иҷроиши саривақтии уҳдадориҳои байналмилалӣ, ҳамзамон, заминагузорӣ ба такмили давра ба давраи низоми фаъолияти муносибатҳои иқтисодии берунмарзӣ нақши калидӣ дорад. Мусаллам аст, ки талаботи аввалиндараҷаи рушди муносибатҳои иқтисодии берунмарзӣ, ин истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулоти рақобатпазир мебошад.

Консепсияҳои муосири рақобатпазирӣ нишон медиҳанд, ки сифат ва нарх афзалиятҳои ягонаи бозори дохилӣ ва беруна нестанд. Барои таъмини татбиқшавии афзалиятҳои аниқи воҳидҳои истеҳсолӣ, бо назардошти ҳифзи онҳо дар бозорҳои дохиливу берунӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои муайян ба содироти маҳсулоти истеҳсолшуда,

равиши маҷмаавии ба истифодаи самараноки иқтидори захиравии мамлакат нигаронидашуда зарур аст [10,с.78].

Алоқамандии фаъолияти самараноки хадамоти гумруки мамлакат бо дигар мақомотҳои давлатӣ ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ҳамчун омили афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дониста мешавад. Дар қатори нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат, ҳаҷми маҳсулоти воридшуда ва содиршуда аҳамият ва афзалияти бештар дорад. Гузашта аз ин, ин нишондиҳандаҳо дар партави фаъолияти иқтисодии берунмарзии кишвар мунтазам таҳқиқ ва таҳлилу корбарӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 2. Қайди гумрукии воридот ва содироти молу маҳсулот аз рӯи натиҷаи фаъолияти иқтисоди берунмарзӣ(моҳҳои январ-июни солҳои 2022-2023), ҳаз. долл. ИМА**
**Table 2. Customs record of import and export of goods according to the results of the overseas economic activity (January-June 2022-2023), dollar USA**

| Номгӯй | **содирот** | | 2023/ 2022 | **воридот** | | 2023/ 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2023 | | 2022 | 2023 | |
| Чорвои зинда | 61 | 980 | 919 | 2875 | 2609 | -266 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 34 | 0 | 0 | 2384 | 3686 | 1302 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 328 | 61 | -267 | 7683 | 8886 | 1203 |
| Мева | 16243 | 15902 | -341 | 391 | 885 | 494 |
| Равған | 1316 | 426 | -890 | 2766 | 12162 | 9396 |
| Нефт ва маҳсулоти нефтӣ | 12823 | 11390 | -1433 | 432964 | 448976 | 16012 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф: Бюллетени омори гумрукии савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати аз 01.01.2022. то 30.09.2022, 01.01.2023.то30.09.2023. Сомонаи расмӣ: https://gumruk.tj/index.php

Аз маълумотҳои ҷадвали 2 мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар раванди бақайдгирии гумрукӣ, ҳаҷми умумии содироти маҳсулоти ватанӣ, дар солҳои таҳлилӣ дар маҷмуъ, тафовути гуногун доранд. Бахусус ҳаҷми содироти маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ ва маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар давраи таҳлилӣ 266 адад коҳиш ёфта, маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, аз ҷумла мева ва сабзавот дар нишондиҳандаҳои содиротӣ тамоюлҳои мусбӣ доранд. Зеро дар давраи таҳлили соли 2022 дар сохтори воридотии ҳаҷми маҳсулоти хӯрокворӣ бошад, дар солҳои таҳлилӣ ҳамагӣ 8,8% зиёд гардида, маҳсулоти растанӣ ва чорво 8% зиёд гардидааст. Масалан, агар дар соли 2022 ҳаҷми содироти шир ва маҳсулоти ширӣ ва равған мутаносибан ба 328 ҳаз. долл. ИМА ва 1316 ҳаз. долл. ИМА баробар гардида бошад, пас ин нишондиҳандаҳо дар давраи таҳлилии соли 2023 ба 61 ҳаз. долл. ИМА ва 426 ҳаз.долл. ИМА расидааст, ки ин нишондиҳандаҳо, мутаносибан 267 ҳаз. долл. ИМА ва 890 ҳаз. долл. ИМА коҳиш ёфтаанд. Дар қатори маҳсулоти қайди гумрукӣ гардида, нефт ва маҳсулоти нефтӣ то имрӯз ба дохили кишвар ташвишовар мебошад. Дар давраи таҳқиқот маълум гардид, ки бақайдгирии воридшавии нефт ва маҳсулоти нефтӣ ба бозорҳои дохилӣ дар ҳаҷми 1433 ҳаз. долл. ИМА ворид гардидааст, ки аз норасогии маҳсулоти соҳа дар мамлакат дарак медиҳад.

Албатта сабаби чунин тавофутҳои миқдориро дар мадди аввал дар таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудани ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои такмилдиҳии хизматрасониҳои хадамоти гумрук ва инчунин, фаъолгардонии раванди воридотивазкунии маҳсулот, инчунин, ташкилу ташаккулдиҳии фаъолияти корхонаҳои мамлакат ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунӣ ва ба ҳамин васила коҳиш додани ҳаҷми вобастагии бозори ватанӣ аз маҳсулоти бозорҳои хориҷӣ шарҳ додан мумкин аст.

Қобили қайд аст, ки дар ташаккули механизмҳои ташкиливу хизматрасониҳои гумрукӣ дар таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати мамлакат, дар қатори нишондиҳандаҳо ҳаҷми умумии истеҳсоли умумӣ, инчунин, мувозинати воридоту содироти маҳсулоти хӯрокворӣ дар доираи ҳаҷми гирдгардиши маҳсулот мавқеи асосӣ дорад. Барои ташаккулдиҳии механизмҳои ташкиливу хизматрасониҳои гумрукӣ дар раванди истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти воридотии Тоҷикистон таҳлили ҳаҷми гирдгардиши молу маҳсулот, тасаввуроти таҳлилию ташхисии таҳқиқотро оид ба раванди такмили низоми гумруки мамлакат вобаста ба мамлакатҳои шарикии тиҷоратидошта, пурра мегардонад.

**Ҷадвали 3. Тамаркузи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷа дар соли 2021 (ҳаз. долл. ИМА)**

**Table 3. Concentration of foreign trade of the Republic of Tajikistan with foreign countries in 2021 (US dollars)**

| Мамлакатҳо | Савдои беруна | Содирот | Воридот | Афзоиш % | Муқоисаи содироту воридот |
|---|---|---|---|---|---|
| ИДМ | 3120, 1 | 5746, 5 | 2545,4 | 132,3 | 3201,1 |
| Мамлакатҳои Аврупо | 1353,9 | 1014,5 | 3393,8 | 137,7 | 2379,3 |
| Осиё | 1779, 7 | 5473,5 | 1232,3 | 155,4 | 4241,1 |
| Ҳамагӣ | 6359,1 | 2149,5 | 4209,4 | 139,5 | 2059,9 |

Таҳқиқоти муаллиф: тибқи маълумотҳои «Мамлакатҳои содироту воридотии Тоҷикистон». Портали иттилоотии дастгирии содирот. Сомонаи расмӣ: https://export.by/tajikistan. (санаи муроҷиат 25.05.2023)

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 нишон медиҳанд, ки дар соли 2021 аз қайди гумрукии сарҳадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми умуми воридоту содироти молу маҳсулоти ҷумҳурӣ ҳамагӣ 6359,1 млн. долл. ИМА ташкил додааст, ки дар муқоиса ба соли 2020 ба миқдори 1,801,3 млн.долл. ИМА зиёд мебошад. Аз сохтори мамлакатҳои шарик, ҳаҷми нокифояи воридоту содироти молу маҳсулоти бештар ба давлатҳои Осиё рост меояд. Масалан, дар давраи таҳқиқотӣ миқдори норасогии ҳаҷми воридоту содироти молу маҳсулоти аз қайди гумрук гузаштаи мамлакатҳои Осиё ба бозорҳои дохилӣ ба 4241,1 млн. долл. ИМА баробар шуда буд, ки нисбат ба давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) 1040 млн. долл. ИМА ва нисбат ба мамлакатҳои Аврупо 1861,7 млн. долл. ИМА. зиёд мебошад.

Таҳқиқот муайян менамояд, ки новобаста аз он, ки ҳангоми ба қайдгирии гумрукии воридоту содироти маҳсулот ба дохили кишвар нисбат ба соли 2020 ҳамагӣ назаррас бошад ҳам, лекин нобаробарии ҳиссаи воридоти маҳсулот нисбат ва содирот дар ҳаҷми зиёда аз 2 млрд. долл. ИМА боқӣ мондааст.

Дар шароити имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 183 давлати ҷаҳон, муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии худро дар заминаи эҳтироми манфиатҳои давлатии тарафайн ба роҳ монда, тавассути ҳамгироии муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳамоҳангсозии низомҳои гумрукӣ фаъолияти иқтисодии берунмарзии худро такмил дода истодааст.

Дар баробари нишондиҳандаҳои афзоишёбандаи иқтисодиёти мамлакат, такмилёбии фаъолияти низоми гумрук ва густариши муносибатҳои иқтисодии берунмарзӣ, равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва саноатикунонии мамлакат рушди илмӣ ва технологии хадамоти гумруки мамлакатро тақозо менамояд. Зеро ҳамасола шаклҳои истеҳсолот вобаста ба рушди технологияҳои рақамӣ тағйир ёфта, муносибати моливу хизматрасонӣ, усулҳои муассири қонеъгардонии талаботи аҳолӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, сертификатсиякунонӣ ва ҳамлу нақли онҳо низ тағйиротҳои куллиро маҳз дар низоми гумрук талаб менамояд. Аз ин сабаб, ҷиҳати таъмини самараноки баланди фаъолияти низоми гумрук, ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои иттиллотӣ-коммуникатсионии мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Имрӯзҳо молистеҳсолкунандагони ватанӣ ҳангоми таҳияи бизнес-нақшаҳои истеҳсолии худ бештар ба вазъи бозорҳои хориҷа, қурби асъори хориҷӣ ва тамаркузи нархи ашёи хом диққати бештар зоҳир менамоянд. Аммо, дар баъзе мавридҳо аз вазъи хизматрасониҳои давлатии гумрукӣ, бахусус оид ба тартиботи гумрукӣ, меъёрҳои интиқолу ҳамли молу маҳсулот бо назардошти талаботи бозорҳои хориҷа дар заминаи муносибатҳои иқтисодии берунмарзӣ, тарофаҳои пардохти ҳатмии давлатии гумрукӣ, раванд ва тартиби барасмиятдарории молу маҳсулот маълумоти дақиқ пайдо карда наметавонанд. Дар натиҷа, татбиқи бизнес-нақшаҳои истеҳсолии онҳо ба таъхир афтода, моҳияти иқтисодии худро аз даст медиҳанд. Барои ҳамин, муҳим аст, ки дар баробари фаъолият намудани портали ягонаи хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми ҳамоҳангкунандаи модулҳои иттилоотии ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, бахусус корхонаву муассиса, бахши хусусӣ, соҳибкории хурду миёна ташкил карда шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Файзуллоев Т.Т.**

**АДАБИЁТ**

1. Ашуров И.С. Основные направления развития интеграции Республики Таджикистан в региональных формированиях / И.С. Ашуров, Р.Х. Кинжаева // Наука без границ. -М., 2016. -№2(2). -С.9-15.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2019. [Манбаи электронӣ]. URL: https://gumruk.tj/index.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи гурӯҳи моли бо шарти пурра озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз муваққатан воридшаванда, инчунин, шартҳои чунин озодкунӣ» аз 29.05.2023с., №215.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби ташкил намудани дидбонгоҳҳои андозӣ ва назорати андози ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамоку, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, инчунин, содироти он берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 12.06.2023с., №264).
5. Мирбобоев Р.М. Теория международной экономической интеграции: Общее, особенное, единичное / Р.М. Мирбобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально экономических наук. - Душанбе, 2015. -№2/1. -С.27-33.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022, ш. Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj.
7. Сборник информационно-аналитических материалов «Развитие и деятельность Содружества Независимых Государств в 2021 году». Под общей редакцией первого заместителя Председателя Исполнительного комитета – Исполнительного секретаря СНГ Анфимова Л.В. –Минск, 2022. -№10. -С.88.
8. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири генерал-майори хадамоти гумрук Раҳматов Неъматбой Сангинович. -Душанбе, 2020. –С.7.
9. Феҳристи номгӯйи хизматрасониҳои пулакӣ ва пардохтҳои гумрукӣ, ки маблағи онҳо тавассути Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ карда мешаванд. [Манбаи электронӣ]. URL: https://gumruk.tj/index.
10. Хушвахтзода К.Х. Обеспечение конкурентоспособности отечественных производителей в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2021. -№3. -Часть II. -С.78.
11. United Nations Convention against transnational organized crime and the protocols thereto. Adopted by the UN General Assembly: 15 November 2000, by resolution 55/25. source: official website. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.unodc.org/unodc/en/organized-crime/intro/UNTOC.html. date of appeal 10/15/2023.

## ТАШАККУЛЁБӢ ВА НАҚШИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ТАҲКИМИ НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР

Дар мақола паҳлуҳои назариявӣ ва илмии фаъолияти хадамоти гумрук дар заминаи муносибатҳои иқтисодии берунмарзии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва институтсионалии фаъолияти низоми гумруки ҷумҳурӣ тавсиф гардида, алоқамандии он бо ташкилотҳои гуногунсамти сатҳи ҷаҳонӣ муайян карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари функсияҳои назоративу бақайдгирии воридот ва содиротшавии молу маҳсулот, инчунин функсияи танзимкунандагии бозори дохилӣ, бахусус тавзеҳдиҳандаи мувозинати содироту воридоти мамлакат мебошад. Нишондиҳандаҳои қиёсии хадамоти гумруки ҷумҳурӣ вобаста ба ҳаҷми бақайдгирии молу маҳсулоти воридотшуда ва содиротшуда таҳлил карда шуда, тамоюлҳои рушд ва омилҳои асосии он муайян карда шудааст. Мавқеи хадамоти гумрук дар рушди устувори мамлакат муайян ва асоснок карда шуда, тавсиф гардидааст, ки ҳамчун мақомоти давлатӣ дар татбиқи ҳадафҳои олии кшвар, мусоидаткунии сиёсати иқтисодии берунмарзии ҷумҳурӣ ва танзими бозори дохилӣ мавқеи калидӣ дорад. Пешниҳод карда шудааст, ки дар баробари фаъолияти портали алоҳидаи хадамот, низоми ҳамоҳангкунандаи модулҳои иттилоотии ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, бахусус корхонаву муассиса, бахши хусусӣ, соҳибкории хурду миёна ташкил карда шавад.

**Калидвожаҳо:** хадамот, гумрук, сиёсати иқтисодӣ, иқтисодиёт, бозор, низом, бақайдгирӣ, расмиёт, соҳибкорӣ, воридот, содирот, истеҳсолот, Тоҷикистон.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ И РОЛЬ ТАМОЖЕННОГО ОРГАНА В РАЗВИТИИ СИСТЕМЫ ВНЕШЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ СТРАНЫ

В статье рассматриваются теоретические и научные аспекты деятельности таможенной службы в контексте внешнеэкономических связей Таджикистана. Описаны правовые, организационные и институциональные аспекты таможенной системы республики, а также определены ее связи с международными организациями различного направления. Обосновано, что таможенная служба Республики Таджикистан наряду с функциями контроля и оформления импорта и экспорта товаров, также выполняет функции регулирования внутреннего рынка, особенно разъяснения баланса экспорта и импорта страны. Проанализированы сравнительные показатели таможенной службы республики, связанные с объемом оформления ввозимых и вывозимых товаров, определены тенденции развития и его основные факторы. Определено и обосновано место таможенной службы в устойчивом развитии страны, а также обосновано, что, как орган государственной власти, она занимает ключевое положение в реализации высших целей страны, содействии внешнеэкономической деятельности, экономической политики

республики и регулировании внутреннего рынка. Предлагается наряду с работой отдельного сервисного портала организовать систему координации информационных модулей всех государственных органов, особенно предприятий и учреждений частного сектора, малого и среднего бизнеса.

**Ключевые слова:** услуги, таможня, экономическая политика, экономика, рынок, система, регистрация, процедура, предпринимательство, импорт, экспорт, производство, Таджикистан.

## IMPROVEMENTS AND ROLE OF THE CUSTOMS AUTHORITY IN THE DEVELOPMENT OF FOREIGN ECONOMIC RELATIONS SYSTEMS OF THE COUNTRY

The article examines the theoretical and scientific aspects of the activities of the customs service in the context of foreign economic relations of Tajikistan. The legal, organizational and institutional aspects of the customs system of the republic are described, and its connections with international organizations of various directions are determined. It is substantiated that the customs service of the Republic of Tajikistan, along with the functions of control and registration of import and export of goods, as well as the regulatory function of the domestic market, especially clarification of the balance of exports and imports of the country. The comparative indicators of the customs service of the republic related to the volume of clearance of imported and exported goods are analyzed, development trends and its main factors are determined. The place of the customs service in the sustainable development of the country is determined and justified, and it is also justified that, as a government body, it occupies a key position in the implementation of the highest goals of the country and the promotion of foreign economic activity. economic policy of the republic and regulation of the internal market. It is proposed, along with the work of a separate service portal, to organize a system for coordinating information modules of all government bodies, especially enterprises and institutions, the private sector, and small and medium-sized businesses.

**Keywords:** services, customs, economic policy, economy, market, system, registration, procedure, entrepreneurship, import, export, production, Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримов Рустам Илҳомович* -** Муассисаи давлатии «Тоҷик НИИГиМ» (Институти илмӣ - тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсияи Тоҷикистон) Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими калони илмӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D аз рӯйи ихтисоси 6D050600-иқтисодиёти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисод. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru**. Телефон: **985-97-77-75**

***Муқимов Қудбуддин Мирзоҷонович* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва суғурта. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **902-64-40-04**. E-mail: **qutbiddin-24@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Каримов Рустам Илхомович*** - Государственного учреждения “Таджикский научно-исследовательский институт гидротехники и мелиорации” Министерство энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан, старший научный сотрудник отдела экономики водопользования, Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D о специальности-экономика общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес**: 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru.** Телефон: **985-97-77-75**

***Мукимов Кудбуддин Мирзоджонович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, зав., кафедры налогов и страхования. **Адрес**: 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **902644004.** E-mail: **qutbiddin-24@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Karimov Rustam Ilhomovich* -** State Institution “Tajik Research Institute of Hydraulic Engineering and Land Reclamation” Ministry of Energy and Water Resources of the Republic of Tajikistan, senior researcher at the Department of Economics of Water Use, Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D doctoral student majoring in economics University Department of Economic Theory. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru.** Phone: **985-97-77-75**

***Mukimov Kudbuddin Mirzodzhonovich* -** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head, Department of Taxes and Insurance. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone**: 902644004.** E-mail: **qutbiddin-24@mail.ru**

**ТДУ: 339.5(575.3)**

# ТАШКИЛ ВА ИНКИШОФ ДОДАНИ КОМПЛЕКСИ САВДОИ БЕРУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Гадоев Д.Р.***
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир, ноустувории иқтисодиёти ҷаҳонӣ, вобастагии баланди низоми иқтисодии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рақобатпазирии ноустувори бозорҳои ҷаҳонӣ нишон дод, ки боиси афзоиши ноустувории он, таъсири манфӣ ба унсурҳои молиявии низоми буҷети давлатӣ гардид. Ноустувории суръати рушди иқтисоди ҷаҳонӣ на танҳо дар оянда, масалан дар солҳои 2022-2025 пешбинӣ мешавад, балки хосиятҳои ноустуворӣ ба сурхшавии низоми моликияти муосири иқтисодӣ табдил ёфтааст. Чунон ки маълум аст, таъсири омилҳои берунӣ, амалиёти иқтисодии берунӣ ба иқтисодиётӣ ҷумҳурӣ дар ҳиссаи кофии даромад аз фаъолияти иқтисодии берунӣ дар сохтори буҷети давлатӣ, ҳаҷми қарзҳои берунии корхонаҳо зоҳир мегардад. Ба ин муносибат, зарурати аз нав дида баромадани сиёсати давлатӣ нисбат ба фаъолияти иқтисодии берунии мамлакат ба миён меояд. Аз ин рӯ, дар асоси Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо шарикони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, сохторҳои қарзию молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ, дар маркази диққати ҳукумати мамлакат ва органҳои дахлдори он мебошад [7]. Ҳукумати кишварро зарур аст, ки дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ чораҳои зарурӣ андешад, то ин созмонҳоро дар татбиқи амалии барномаю лоиҳаҳои муҳимми кишвар, аз ҷумла дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, то имрӯз фаъолона ҷалб намояд». Ҳамин тариқ, ҷустуҷӯи механизмҳои нав ва такмил додани механизмҳои мавҷуда, ки инкишофи фаъолияти иқтисодии берунии мамлакатро мувофиқи ташаккули азнавсозии иқтисодиёти ҷаҳонӣ вазифаи таърихнопазири илмӣ мебошад, таъмин менамоянд.

Вобастагии иқтисодиёти кишвар аз савдои хориҷӣ ва захираҳои асъор дар бозори ҷаҳон, зарурати тағйир додани тамоюлро аз содироти ашёи хом ба содироти ғайримолӣ, ивазкунии воридот, ташкили бахши рақобатпазир барои содироти маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши иловагии баланди он воқеъ месозад. Зеро ҳаҷми содирот дар солҳои 2017 дар ҷумҳурӣ тамоюли камшавиро гирифта буд, ки коҳиши он аз 1194,7 миллион доллар, ба 898,7 миллион доллар расид. Дар сохтори содирот тамоюли зиёдшавии ҳаҷми содирот дар мамлакатҳои ИДМ мушоҳида мешавад: дар давраи таҳлилшуда аз 13,5 то 32,7% афзуд. Ҳаҷми воридот дар давраи таҳлилшуда аз 2656,9 миллион доллар, ба 3031,2 миллион доллар ё 14% афзоиш ёфтааст. Ин дар бораи иштироки ниҳоии ҷумҳурӣ дар фазоӣ мамлакатҳои собиқ шуравӣ шаҳодат медиҳад. Чи тавре маълумотҳои ҷадвали 1, гувоҳӣ медиҳанд, дар давраи солҳои 2017-2021 нишондиҳандаи таносуби воридот ба содирот тамоюли устувори афзоишро пешбинӣ мекунад. Дар соли 2021 таносуби воридот ба содирот 3,37 нисбат ба 2,77 дар соли 2017-ро ташкил дод. Бозори маҳсулоти истеъмолии дохилӣ бо молҳои воридотӣ бештар пур мешавад. Воридоти молҳои истеъмолӣ дар соли 2021 нисбат ба 12,8 маротиба дар соли 2017 нисбат ба содироти он 14,77 баробар зиёд буд. Ин тамоюли афзоиш дар маҳсулоти саноатию техникӣ низ мушоҳида мешавад. Ҳамин тариқ, сатҳи осебпазирии иқтисоди кишвар аз иқтисоди беруна меафзояд.

Вобаста ба ин, зарурати пурзӯр намудани равандҳои татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2025 ба миён омадааст, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №503) тасдиқ шудааст. Барномаи мазкур ба пешбурди «Амалӣ намудани сиёсати хориҷии иқтисодии давлатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба зиёд намудани ҳаҷми содироти ғайримолӣ, кам кардани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ, дар маҷмуъ нигаронида шудааст» [1].

**Ҷадвали 1. Содирот, воридоти молҳо аз рӯйи категорияи истифодаи ниҳоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. доллар)**

**Table 1. Exports, imports of goods by category of final use in the Republic of Tajikistan (million dollars)**

| | 2017 | | | 2021 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | содирот | воридот | Таносуби воридот ба содирот | содирот | воридот | Таносуби воридот ба содирот |
| Ҳамагӣ | 1359,7 | 3778,4 | 2,77 | 898,7 | 3031,2 | 3,37 |
| аз чумла; | | | | | | |
| Маҳсулоти саноатӣ-техникӣ | 1284,0 | 2806,0 | 2,18 | 874,4 | 2273,4 | 2,59 |
| Молҳои истеъмоли умумӣ | 75,7 | 972,4 | 12,8 | 51,3 | 757,8 | 14,77 |

Мувофиқи: Маълумотҳои Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022

Масъалаҳои фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии берунии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, аз ҳисоби такмили механизмҳои идоракунии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва ба воқеияти мушкилоти ҷаҳонишавӣ мувофиқ гардонидани он ба миён меоянд. СБМ маҷмуи шаклҳои гуногуни иштироки давлат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат тавассути ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, пулӣ, саноатӣ ва илмию техникӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ мебошад. Ин муносибатҳо ба як қатор қонунгузорӣ, актҳо, мафҳумҳои илмӣ ва дигар таърифҳо асос ёфтаанд. Дар ин низом категорияи «муносибатҳои иқтисодии ҷаҳон» бо мафҳуми «муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ» наздик аст, ки низоми муносибатҳои илмӣ, техникӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, пулию қарзӣ, молиявӣ ва пулии хоҷагиҳои миллии кишварҳои гуногун мебошад, ки дар асоси тақсимоти байналхалқии меҳнат «алоқаҳои иқтисодии берунӣ ҳамчун категорияи комплексии иқтисодие, ки бо ҳамкории савдои берунӣ алоқамандананд, ки як низоми мураккабест, ки аз унсурҳо ё зерсистемаҳои сершумори ба ҳам алоқаманд иборат аст, шакл гирифтаанд.

Сохтори робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- савдои байналмилалӣ;
- корхонаҳои муштараке, ки дар ҷумҳурӣ амал мекунанд;
- корхонаҳои хориҷӣ дар кишвар;
- ассотсиатсияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ;
- кооператсияи шартномавӣ, консессияҳо, лизинг;
- ҳамкорӣ дар асоси ҷуброн;
- ҳамкорӣ оид ба шартҳои тақсими маҳсулот байни тарафҳои манфиатдор;
- ҷалби қувваи корӣ;
- кооператсияи саноатӣ ва илмию техникӣ;
- иҷозатномаҳо ва технологияҳо;
- савдои соҳилӣ ва сарҳадӣ;
- савдои хизматрасонии нақлиётӣ;
- ҳамкорӣ дар бахшҳои бонкӣ;
- туризми байналмилалӣ;
- ҳамкорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғ.

Бо вуҷуди ин, ин таърифи муфассалии шаклҳо ва намудҳои СБМ мушкилот ва фаҳмиши мухталифи моҳияти онҳоро ба вуҷуд меорад. Дар асоси омӯхтан ва ба назар гирифтани воқеияти сохти ҳозираи ҷаҳонӣ ва муайян намудани аломатҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ, сохтори сода ва самарабахши субъекти-объективӣ ва низоми идоракунии робитаҳои иқтисодии беруниро барпо кардан лозим аст. Зеро дараҷаи инкишофи муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамкории иштирокчиён ба хусусиятҳо, шароит, шакл ва намудҳои низоми интегралии муносибатҳои иқтисодии берунӣ вобаста аст. Бояд қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он комплекси субъектҳои савдои берунӣ ва

комплекси иқтисодии берунӣ ташкил карда шудааст, ки иштирокчиёни онро (соҳибкорон ва шахсони воқеӣ) фаро мегирад, инчунин, низоми ташкилотҳои махсуси миёнаравии тиҷоратӣ ё инфраструктурае, ки ба фаъолияти худ мусоидат мекунанд, ба амал баровардани амалиёти иқтисодии берунӣ мебошанд. Бинобар ин, категорияи иқтисодии «комплекси иқтисодии берунии давлат»-ро, ки моҳияти робитаҳои иқтисодии берунӣ ва механизмҳои идоракунии онро мушаххас мекунад, ба назар гирифтан лозим аст.

Категорияи «комплекси иқтисодии берунӣ» аз давраи монополияи давлатии савдои берунӣ маълум аст. Аммо дар он вақт ин комплекс ба модели ғайрибозории идоракунии фаъолияти иқтисодии берунӣ мувофиқ буд. Дар адабиёти иқтисодӣ категорияи «маҷмуи иқтисодии хориҷӣ» ҳамчун «маҷмуи соҳаҳо, зерсоҳаҳо, иттиҳодияҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо пешниҳод карда шудааст, ки захираҳои содиротии ҳама намудҳоро мунтазам истеҳсол ва мефурӯшанд, молҳои (хизматрасонии) воридотӣ ва ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ истеъмол мекунанд». Аммо дар ин таъриф комплекси иқтисодии берунии давлат ҳамчун сегменти истеҳсолии содироту воридоти иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо муассисаю ташкилотҳоеро, ки ба низоми мураккаби ба куллӣ тағйирёфтаи муносибатҳои берунии мамлакат роҳбарӣ мекунанд, дохил карда нашудаанд. Мафҳуми СЭИ дар луғат маълумотномаи «асоси донишҳои иқтисодии хориҷӣ» низ дода шудааст [2,с.8; 6,с.80]. Олимони иқтисоддонҳои рус Дегтярева О.И., Полянова Т.Н. ва Саркисов С.В. иловаи муфиде ворид мекунад, «комплекси иқтисодии берунӣ аз ҷиҳати сохторӣ ва функсионалӣ аз ду қисми нисбатан мустақил, вале ба ҳам зич алоқаманд иборат аст:

1) фаъолияти истеҳсолию хоҷагии корхонаҳо (иттиҳодияҳо) ва ташкилотҳое, ки қисми маҳсулоти онҳо содир карда мешавад, инчунин, бояд он пайвандҳои иқтисодиеро дар бар гирад, ки ҳамчун истеъмолкунандагони воридот баромад мекунанд;

2) муносибатҳои иқтисодии берунии мувофиқ, ки ба воситаи онҳо маҳсулоти меҳнати миллӣ ба истеъмолкунандагони хориҷӣ дода мешавад ва маҳсулоти зарурии дар хориҷа истеҳсолшуда низ дода мешавад [6,с.80].

Тавре дида мешавад, дар ин ҷо мавҷудияти муносибатҳои иқтисодии берунӣ ҳамчун ба объекти идоракунӣ ва заминаҳои ташаккули сектори байналхалқии иқтисодиёт мустаҳкам карда шуданд.

Ҳамин тариқ, бо инкишоф ва мураккаб шудани раванди интегратсияи ҷумҳурӣ ба тақсимоти байналхалқии меҳнат, афзоиши шумораи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ, афзудани усулҳо ва аҳаммияти савдои берунӣ дар пур кардани буҷетҳо, фаъол гардидани омили минтақавии фаъолияти иқтисодии берунӣ боиси ташаккули падидаи нави мукаммали низоми иқтисодӣ ҳамчун комплекси иқтисодии хориҷӣ гардид.

Рушди шиддатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҷалби давлат ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, муайян намудани самтҳои истифодаи таъсири робитаҳои беруна ва савдо ташаккул ёфта, категорияҳои асосии иқтисодӣ, аз қабили ҳаракати мол ва хизматрасонӣ, гардиши сармоя ва ҳаракати меҳнат, вобаста ба ин, муҳим аст, ки блокҳои зерини мақсадноки муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ алоқаманданд:

- ҷараёнҳои савдои молӣ ва ғайритиҷоратӣ (молҳо, аз ҷумла транзитӣ; кумаки техникӣ ва башардӯстона, амволи шахсии шахсони воқеӣ);
- ҷараёнҳои молиявии ғайримолӣ, ҷараёнҳои сармоягузорӣ, хизматрасонӣ, ҳаракати ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳаракати арзишҳои асъорӣ, технологияҳо ва ғояҳо, иттилоот;
- ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна.

Блокҳои мақсаднок, ки бо ин номҳо муайян шудаанд, пеш аз ҳама, мавҷудияти субъекти ташаббускор ва гузоштани ҳадафро дар ҳар як блоки онҳо дар назар доранд. Сипас, ҳатман дар гардиши низомҳои назоратии меъёрҳо ва чаҳорчӯбаҳои қонунгузорӣ, "қоидаҳои бозӣ" риояи онҳоро назорат мекунанд. Ба ибораи дигар, дар низоми фаъолияти СБМ, ки ба сифати ФИХ муайян шудааст, мавҷудияти маҷмуи субъектҳои фаъолият ба якчанд субъект - намояндагони низоми идоракунӣ ҳатмист:

- назорати фитосанитарӣ ва байторӣ, ки бо хадамотҳои нозиротии наздиҳавлигӣ ва чунин хадамот дар дигар давлатҳои ҷаҳон робита муқаррар кардаанд;

- низоми муқарраршудаи баҳисобгирии ҳаракати молҳо дар сарҳад, баҳисобгирии савдои хориҷӣ ва ҳисоботдиҳии субъектҳои хоҷагидор, низоми андоз дар робита ба ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва ғайра;

- блоки молиявию бонкӣ ташкил карда шуд, ки ба муносибатҳои тиҷоратии берунӣ хизмат мерасонад, аз рӯйи шартномаҳои байналхалқӣ ҳисобу китобро таъмин менамояд;

- низомҳои идоракунии равандҳо ва ҷараёнҳои муҳоҷират дар ҳама сатҳҳо ташаккул ёфтаанд.

Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ мисли дигар мамлакатҳои ҷаҳон низоми идоракунии савдои берунӣ ба таври қонунӣ ташаккул ёфта, дар ҳамаи категорияҳои иқтисодиёти мамлакат амал мекунад.

Ба ин муносибат механизмҳои идоракунии давлатии фаъолияти иқтисодии беруниро дар ҳамаи категорияҳо такмил додан зарур аст. Дар баробари инкишоф ёфтани иштирокчиёни гуногуни муносибатҳои иқтисодии берунӣ ва «мувофиқи он шумораи воҳидҳои алоҳидаи институтсионалӣ ва шаклҳои ташкилии хоҷагидорӣ меафзояд, ҳаҷми муомилот ва ҳамкории субъектҳои хоҷагӣ васеъ мешавад. Маҳз дар натиҷаи муомилоти бозорӣ ҳар як иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ҳуқуқи моликият ба неъмати муайяни иқтисодӣ пайдо мекунад. Татбиқи муомилоти гуногун табиатан боиси хароҷот ё сарфи захираҳо мегардад, ки хароҷоти трансаксионӣ номида мешаванд. Бо зиёд шудани ҳаҷми муомилоти гуногун, ташкилотҳое ба вуҷуд меоянд, ки ба иҷрои фаъолияти муомилот [4,с.67] дар соҳаи фаъолияти иқтисодии берунӣ тахассус доранд.

Такмили механизми идоракунии фаъолияти иқтисодии берунӣ ду унсури асосии амалисозии манфиатҳои ҳамкории байналмилалӣ, ки шартҳои қонунгузорӣ ва тадбирҳои ташаббуси он бо шартҳои қонунгузорӣ - имкониятҳо ва шароити баргузории чорабиниҳои гуногун, аксияҳо, чорабиниҳои барномавӣ ва ғайраро дарбар мегирад. Шароити қонунгузорӣ маҷмуи чорабиниҳои ташкилию идоракунӣ, тарзи иҷрои онҳоро пешакӣ муайян мекунад, ки аз тарафи маъмуриятҳо сатҳҳои гуногуни дастгирии методологӣ ва ташкилӣ, инчунин, молиявиро таъмин менамояд. Ташкили низоми ҳавасмандгардонии рушди робитаҳои расмии байналмилалӣ ва мусоидат ба ташаккули симои мусоиди кишвар ва субъектҳои он дар хориҷи кишвар, ҷалби сармоягузориҳо аз сарчашмаҳои гуногун, мусоидат ба рушди робитаҳои тиҷоратӣ ва илмию таълимӣ. Шартҳои ташаббуси дастгирии қабули масъулияти ташкилӣ, идоракунӣ, маъмурӣ, молиявӣ ва маънавӣ барои оғоз ва татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ва таҳияи содирот, нақшаҳо, чорабиниҳо ва дигар амалиётҳо дар соҳаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии беруниро дар бар мегирад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Гулаков У.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Государственная программа содействия экспорту и импорт замещению в Республике Таджикистан на 2022 гг. [Электронный ресурс]. URL: http://online.zakon.kz/Document/?doc_id=39016274#pos=0;0
2. Дегтярева О.И. Внешнеэкономическая деятельность / О.И. Дегтярева, Т.Н. Полянова, С.В. Саркисов. -М.: Дело, 2002. -С.8.
3. Международные экономические отношения / Под общ. ред. В.Е. Рыбалкина. -М.: ЗАО «Бизнес-школа «Интел-Синтез»». Дипломатическая академия МИД РФ, 1998. -413 с.
4. Мирсаидов А.Б. Институциональное проектирование в системе прогнозирования и планирования социально-экономического развития региона / А.Б. Мирсаидов // Известия Академия Республики Таджикистан, отделени общественных наук. – 2017. -№1. -С.64-72.
5. Мирсаидов А.Б. Нестабильность - имманентное свойство современной экономики / А.Б. Мирсаидов // Таджикистан и современный мир. - 2016. -№5. -С.148-160.
6. Основы внешнеэкономических знаний: Словарь-справочник / С.И.Долгов и др. -М.: 2010. -400 с.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. [Электронный ресурс]. URL: http://president.tj/node/10585 (21.12.2021)
8. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – 2017. -480 с.
9. Шарифзода, Н.Ш. Роль валютного контроля в развитии национальной экономики / Шарифзода Н.Ш., Р.М. Пираков, Р.Б. Бердиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. -№9. -С.99-104. – EDN YTEAEH.
10. Шарифзода Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=46618754 (санаи истифодабарӣ: 04.01.2022).

## ТАШКИЛ ВА ИНКИШОФ ДОДАНИ КОМПЛЕКСИ САВДОИ БЕРУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола тамоюлҳои рушди робитаҳои иқтисодии берунӣ ва иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, муайян карда шудааст, ки дар шароити иқтисодии дигаргунсозии ҷумҳурӣ, рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии ҷумҳурӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муҳимтарин омили рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мебошад. Муайян карда шуд, ки бо рушди амалиёти савдои хориҷӣ ё муомилот дар кишвар ва минтақаҳои он, сохторҳои сершуморе ба вуҷуд омадаанд, ки ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар рушди муносибатҳои тиҷорати хориҷии онҳо мусоидат мекунанд, заминаҳои ташаккул ва рушди иқтисоди хориҷӣ иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он ташаккул ёфт. Вобаста ба ин, дар мақола мазмуни мафҳуми «комплекси иқтисодии хориҷӣ» ҳамчун низоми мураккабе, ки дорои қонуниятҳои дохилии рушд аст, ки шаклҳои рушди ФИХ-и кишвар ва механизмҳои ҳифзи манфиатҳои миллиро дар соҳаи фаъолияти хориҷӣ муайян менамояд, баррасӣ мешавад. Фаъолияти иқтисодӣ ё дар сектори берунии хоҷагии халқ, инчунин, зарурати такмили механизмҳои иқтисодии ташаккули ФИХ-ро, ки характери стратегӣ дорад, асоснок мекунад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, иқтисоди миллӣ, равобити иқтисодии хориҷӣ, фаъолияти савдои хориҷӣ, гардиши савдои хориҷӣ, содирот, воридот, маҷмуи иқтисодии хориҷӣ, сохтори институтсионалии ФИХ.

## ОРГАНИЗАЦИЯ И РАЗВИТИЕ ВНЕШНЕТОРГОВОГО КОМПЛЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье проанализированы тенденции развития внешнеэкономических связей и участия Республики Таджикистан, а также определено, что в условиях изменяющейся экономики республики развитие внешнеэкономических связей республики со всеми странами мира является важнейшим фактором развития народного хозяйства республики. Определено, что с развитием внешнеэкономических операций или сделок в стране и ее регионах были созданы многочисленные структуры, помогающие участникам внешнеэкономической деятельности в развитии их внешнеэкономических связей, заложены основы формирования и развития зарубежной экономики, экономики страны и ее регионов. В связи с этим в статье рассматривается содержание понятия «внешнеэкономический комплекс» как сложной системы с внутренними законами развития, определяющей формы развития ВЭД страны и механизмы защиты национальных интересов в сфере внешнеэкономической деятельности, т.е. экономической деятельности во внешнем секторе национальной экономики. Также обосновывается необходимость совершенствования экономических механизмов формирования ВЭД, имеющего стратегический характер.

**Ключевые слова:** экономика, народное хозяйство, внешнеэкономические связи, внешнеторговая деятельность, внешнеторговый оборот, экспорт, импорт, внешнеэкономический комплекс, институциональная структура ВЭД.

## ORGANIZATION AND DEVELOPMENT OF THE FOREIGN TRADE COMPLEX OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the article, trends in the development of external economic relations and participation of the Republic of Tajikistan were analyzed, and it was determined that in the conditions of the changing economy of the republic, the development of foreign economic relations of the republic with all countries of the world is the most important factor in the development of the national economy of the republic. It was determined that with the development of foreign trade operations or transactions in the country and its regions, numerous structures were created that help the participants of foreign economic activity in the development of their foreign trade relations, the foundations of the formation and development of the foreign economy, the economy of the country and its regions. found In this regard, the article discusses the content of the concept of "foreign economic complex" as a complex system with internal laws of development, which determines the forms of development of the FIH of the country and the mechanisms of protection of national interests in the field of foreign activity. Economic activity or in the external sector of the national economy. It also justifies the need to improve the economic mechanisms of the FIH formation, which has a strategic nature.

**Keywords**: economy, national economy, foreign economic relations, foreign trade activity, foreign trade turnover, export, import, foreign economic complex, institutional structure of FIH.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гадоев Давронҷон Рамазонович*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодии кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ. **Суроға**: 7340003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: (**+992) 927-96-96-77**

**Сведения об авторе:** ***Гадоев Давронжон Рамазонович*** **-** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат экономических наук, кафедра государственного управления и народного хозяйства. **Адрес**: 7340003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саид Насир, 33. Телефон: (**+992) 927-96-96-77**

**Information about the author:** ***Gadoev Davronzhon Ramazonovich*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Department of Public Administration and National Economy. **Address**: 7340003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nasir street, 33. Phone: **(+992) 927-96-96-77**

ТДУ: 334

# ОМИЛҲОИ АСОСИИ МУАЙЯНКУНАНДАИ РУШДИ БИЗНЕСИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ахмедов Ф.В.*

**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ**

Бизнеси хурд дар зери таъсири омилҳои гуногун инкишоф меёбад ва идоракунии ин омилҳо самаранокии тиҷоратро муайян мекунад.

Дар адабиёти хориҷӣ барои гурӯҳбандии омилҳое, ки ба фаъолияти бизнеси хурд таъсир мерасонанд, усулҳои гуногун истифода мешаванд. Аксари иқтисодчиён [5; 6; 7; 9] онҳоро ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо мекунанд. Муносибати маъмултарини ба низомдарории омилҳоро як қатор олимон пешниҳод кардаанд [8; 9], ки дар кори худ ҳамчун омилҳои берунии таъсиррасон ба фаъолияти бизнеси хурд қайд кардаанд.

Дар мақолаи мазкур омилҳои беруние, ки ба фаъолияти бизнеси хурд таъсир мерасонанд, муайян, мушаххас ва гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Як қатор омилҳо (иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, илмию техникӣ, табиию иқлимӣ, байналмилалӣ) ба рушди бизнеси хурд таъсири бавосита мерасонанд, яъне ба таври ғайримустақим таъсир мерасонанд. Гурӯҳи дигари омилҳо ба рушди соҳибкории хурд бевосита (таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, муҳити институтсионалӣ ва ташкилӣ, низоми дастгирии давлатии бизнеси хурд, рақибон, аудиторияи тамос, инфрасохтори дастгирии бизнеси хурд), яъне ба таври мустақим таъсир мерасонанд.

Инчунин, ба назар гирифтани таъсири муҳити дохилӣ, яъне маҷмуи омилҳои дохилӣ, ки ба фаъолияти худи бизнеси хурд вобаста аст, аҳаммияти калон дорад. Ба андозаи зиёд муҳити дохилӣ субъективӣ аст, зеро салоҳият, қатъият, ҳавасмандӣ, донишу малакаи пешбурди соҳибкорӣ бевосита ба хусусиятҳои сифатии роҳбари бизнеси хурд вобаста аст.

Муҳити берунаи бизнеси хурд маҷмуи омилҳо ва шароитҳои беруниро дар назар дорад, ки бевосита ё бавосита ба ташаккул ва рушди бизнеси хурд таъсир мерасонанд. Ба фикри муаллиф, омилҳои муҳити беруниро ба ду гурӯҳ тақсим кардан дуруст аст, зеро дараҷаи таъсири омилҳои ба онҳо дохилшуда ба корхонаҳои бизнеси хурд гуногун аст. Ин омилҳоро метавон ҳамчун омилҳои таъсири мустақим (микромуҳит) ва омилҳои таъсири ғайримустақим (макромуҳит) гурӯҳбандӣ кард (расми 1).

**Расми 1. Сохтори муҳити беруна ва дохилаи бизнеси хурд**
**Figure 1. The structure of the external and internal environment of a small business**




Омилҳои таъсири ғайримустақим (бавосита) ин омилҳое, ки метавонанд ба фаъолияти бизнеси хурд таъсир нарасонанд, вале дар ниҳоят ба натиҷаҳои кори он таъсир мерасонанд. Дар байни омилҳои таъсири ғайримустақим омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраро ҷудо кардан мумкин аст. Барои муваффақ шудан, соҳибкорон бояд аз ҳама омилҳо ва шароитҳои беруна хуб огоҳ бошанд, то ки таъсири онҳо ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти тиҷоратӣ пешбинӣ карда шаванд.

Ба омилҳои асосии таъсири мустақим сохторҳое дохил мешаванд, ки бизнеси хурд бо онҳо ҳамкории мустақим дорад ва онҳо низ ба фаъолияти тиҷорати хурд таъсир

мерасонанд. Инҳо таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, рақибон ва ғайра мебошанд.

Ба рушди бизнеси хурд ба андозаи зиёд омилҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Вазъи иқтисодӣ, ислоҳоти иҷтимоии иқтисодӣ, мавҷудияти захираҳои молиявӣ, ҳаҷми қарзҳои аз ҷониби бонкҳо додашуда, талабот ба молу хизматҳо, сатҳи талаботи самараноки аҳолӣ, вазъи бозори шуғл барои рушди додани бизнеси хурд дар мамлакат аҳаммияти калон дорад.

Ба қобилияти харидории аҳолӣ ва дар натиҷа ба шароити рушди бизнеси хурд чунин нишондиҳандаҳо ба монанди динамикаи даромади миёнаи ҳар сари аҳолӣ ва музди миёнаи меҳнати номиналии ҳисобшуда таъсир мерасонанд.

Ба рушди тиҷорати хурд низ чунин омилҳои иқтисодӣ, ба монанди сатҳи таваррум, устувории пули миллӣ, миқдори андозҳо, ҳаҷми бори андоз ва мукаммалии низоми андоз, дар маҷмуъ, нархи захираҳо, ки барои фаъолияти бизнеси хурд заруранд, дараҷаи рақобат дар бозорҳои молӣ, дараҷаи монополизми бозор ва ғайра.

Қонуну санадҳои меъёрие, ки солҳои охир қабул шудаанд, имкони пешбурди тиҷоратро васеъ намуданд. Аммо дар қонунгузорӣ бисёр камбудиҳо низ ҳастанд, ки ба инкишофи корхонаҳои хурд таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳамин тариқ, мавҷудияти омилҳои ҳуқуқӣ барои фаъолияти бизнеси хурд аҳаммияти калон дорад. Ба ин гурӯҳи омилҳо мавҷудияти санадҳои ҳуқуқӣ (таркиб ва пешравии онҳо), ки фаъолияти соҳибкориро танзим намуда, барои рушди бизнеси хурд шароити мусоид фароҳам меоранд, ба монанди бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия, аккредитатсия, ки тартиби қонунигардонии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, дохил мешаванд. Инчунин, омилҳои ҳуқуқӣ аз инҳо иборатанд: такмили қонунгузории андоз, қуллай будани шаклҳои ҳисоботи оморӣ; дараҷаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ; кафолати таъмини амнияти иҷтимоӣ ва амнияти соҳибкорон ва ғайра.

Омилҳои сиёсӣ, сохтори давлатӣ ва сиёсати берунӣ ва дохилии давлатӣ, инчунин, устувории системаи сиёсии кишварро дар маҷмуъ, дар бар мегиранд.

Ба фаъолияти бизнеси хурд омилҳои илмию техникӣ, аз ҷумла неруи илмию техникии мамлакат, инкишофи таҳқиқоти фундаменталию амалӣ, хароҷоти илмию конструкторӣ ва ғайра таъсири калон мерасонанд.

Омили муҳиме, ки ба рушди тиҷорати хурд таъсир мерасонад, омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ мебошанд. Таҳлили маълумоти оморӣ тағйироти назаррасро дар вазъи иҷтимоию демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба рушди бизнеси хурд нишон дод.

Дар баробари ин, таъсири омилҳои иҷтимоию демографиро ба бизнеси хурд на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар дохили вилоят ва шаҳру ноҳияҳо низ ба назар гирифтан зарур аст. Дар ин ҷо дигаргуниҳои рушди демографии вилоятро ба назар гирифта, ба динамикаи шумораи аҳолии ҷамоат, тағйироти синну солу ҷинс ва таркиби синну соли аҳолӣ диққат додан лозим аст. Дараҷаи зиндагонии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва дигар аломатҳои тафриқаи аҳолиро низ ба назар гирифтан лозим аст. Тағйироти ин нишондиҳандаҳо ба сатҳи талабот ба мол ё хизматрасонӣ таъсир мерасонад.

Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ хоҳиши одамонро барои ба даст овардани молҳое, ки ба табъу мӯд, тарзи зиндагӣ, одатҳо, меъёрҳои ахлоқию фарҳангӣ ва асосҳои динии ҷомеа мувофиқанд, инъикос мекунанд. Дар марҳалаҳои гуногун табъу эҳтиёҷот ба мол метавонад тағйир ёбад.

Ба рушди бизнеси хурд омилҳои табиию иқлимӣ низ таъсир мерасонанд. Барои корхонаҳои хурд, барои рушди намудҳои алоҳидаи фаъолият омилҳои табиии истеҳсолот зарур аст. Илова бар ин, шароити иқлим низ нақш мебозад.

Бояд омилҳои байналхалқӣ - рӯйдодҳои байналмилалие, ки аҳаммияти калон доранд, дар навбати аввал ба фаъолияти корхонаҳое, ки ба бозорҳои байналмилалӣ ворид мешаванд, таъсир расонанд.

Барои пуррагии таснифот омилҳои муҳити тиҷоратӣ бояд баррасӣ карда шаванд. Омилҳои ба таври умум қабулшуда, ки ба рушди тиҷорати хурд таъсир мерасонанд, таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, рақибон, муҳити институтсионалӣ ва ташкилӣ мебошанд.

Муқаррар шудааст, ки унсури муҳимми муҳити соҳибкорӣ, дастгирии давлатӣ буда,

ба рушди бизнеси хурд таъсири калон мерасонад. Омилҳои муҳити соҳибкорӣ бояд системаи дастгирии давлатии бизнеси хурдро дар бар гиранд. Ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, таҳияи барномаҳои махсус бо дарназардошти манфиатҳои бизнеси хурд, фароҳам овардани шароити мусоид барои дастрасӣ ба молия, амволи ғайриманқул, иттилоот ва захираҳои зеҳнӣ омили муҳимест, ки ба рушди босуръат ва рақобатпазирии бизнеси хурд таъсир мерасонад.

Қобили таваҷҷуҳи махсус, ки дар шароити муосир яке аз шартҳои зарурии рушди соҳибкории хурд мавҷудияти инфрасохтори пешрафта ва самараноки дастгирии бизнеси хурд, ки фаъолияти онҳоро таъмин менамояд, мебошад. Инфрасохтори дастгирии бизнеси хурд ба системаи ташкилоте дахл дорад, ки ҳадафашон мусоидат ба фаъолияти бизнеси хурд мебошад. Ба объектҳои инфрасохтори замонавӣ инҳо дохил мешаванд: ташкилоти қарзие, ки ба соҳибкории хурд мусоидат мекунанд, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, марказҳои инноватсионию технологӣ, марказҳои таълимию тиҷоратӣ, марказҳои машваратӣ ва дигар ташкилоте, ки барои рушди соҳибкорӣ хизматрасонии заруриро пешкаш мекунанд.

Ҳамин тариқ, омилҳои муҳити беруна ба таври зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд (ҷадвали 1):

**Ҷадвали 1. Таснифоти омилҳои муҳити беруна**
**Table 1. Classification of environmental factors**

| Омилҳо | Хусусият |
|---|---|
| Омилҳои таъсиррасонии ғаримустақим (бавосита) | |
| Иқтисодӣ | Вазъияти иқтисодии мамлакат дар умуман ва дар минтақаҳои алоҳида; шароити иқтисодӣ барои гузаронидани соҳибкорӣ, сатҳи талаботи пардохтпазирии аҳолӣ (истеъмолкунандагон) |
| Иҷтимоӣ-демографӣ | Вазъияти иҷтимоию иқтисодии вобаста ба дараҷаи шуғл ва бекорӣ; вазъияти демографии мамлакат, дараҷаи зиндагонии аҳолӣ |
| Ҳуқуқӣ | Муҳити ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ, масъулиятро ҳангоми пешбурди соҳибкорӣ, инчунин, барои дигар иштирокчиёни бозор муқаррар мекунад |
| Сиёсӣ | Вазъияти сиёсие, ки бо устувории рушди ҷомеа ва давлат хос аст |
| Ҷамъиятӣ-маданӣ | Муҳити фарҳангие, ки бо раванди рушди фарҳанг ба вуҷуд омадааст; ҳамкории анъанаҳои фарҳангӣ ва навоварӣ |
| Илмӣ-техникӣ | Ба фаъолияти корхона тавассути дастовардҳои пешрафтаи илмию техникӣ ва истифодаи онҳо аз ҷониби ширкат таъсир мерасонад |
| Табии-иқлимӣ | Шароити иқлим ва мавҷудияти омилҳои табиии истеҳсолот |
| Байналмилалӣ | Ҳодисаҳои асосии сиёсӣ, офатҳои табиӣ ва ғайра ба фаъолият ва зинда мондани ширкат таъсири бавосита мерасонанд. Дар фаъолияти иқтисодии берунии корхона ин омилҳо бояд ба назар гирифта шаванд. |
| Оилҳои таъсиррасонии мустақим (бевосита) | |
| Таҳвилгарон | Корхонаро бо ашёи хом, таҷҳизот, сарчашмаҳои меҳнатӣ таъмин менамояд. |
| Истеъмолкунандагон | Шахсони воқеӣ, хонаводаҳо, ширкатҳои истеҳсолӣ, ширкатҳои миёнарав, ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, истеъмолкунандагони хориҷӣ |
| Муҳити институтсионалӣ - ташкилӣ | Ташкилоте, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти хоҷагидорӣ, амалӣ намудани амалиёти тиҷоратӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ ва ғайраро таъмин мекунанд. |
| Низоми дастгирии давлатӣ | Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди бизнеси хурд аз ҷониби мақомот; мавҷудияти барномаҳои самараноки дастгирӣ |
| Рақобатчиён | Корхонаҳое, ки маҳсулоти шабеҳро мефурӯшанд ё хизматҳои шабеҳро пешниҳод мекунанд |
| Шунавандагон | Қувваҳои беруна, ки ба қабули қарорҳои ширкат мустақиман таъсир мерасонанд ва манфиатҳои гуногуни марбут ба фаъолияти онро пайгирӣ мекунанд. |

| Омилҳо | Хусусият |
|---|---|
| Инфрасохтори дастгирӣ | Системаи ташкилоти давлатӣ, ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ, таълимӣ ва тиҷоратӣ, ки ба соҳибкории хурд бо дастгирии молиявӣ, консалтингӣ, амволӣ, таълимӣ, инчунин, як қатор хизматрасониҳои соҳибкорӣ пешниҳод мекунанд. |

Ба ғайр аз омилҳои беруние, ки ба ҳолат ва рушди бизнеси хурд таъсир мерасонанд, таъсири омилҳои муҳити дохилиро ба ҳолат ва рушди корхонаи хурд ба назар гирифтан лозим аст. Чунин тақсимот, аз ҷумла, дар методологияи SWOT-таҳлил, ки имкониятҳо ва таҳдидҳоро барои корхона тахти таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ таҳлил мекунад, инъикос ёфтааст. Ҳангоми таҳияи дурнамои рушди бизнеси хурд, қувваи таъсири омилҳои дохилӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Дар асарҳои баъзе олимон [2; 4] муҳити дохилӣ дар шакли умумӣ баррасӣ шуда, омилҳои муҳити дохилӣ аз инҳо иборатанд: интихоби дурусти соҳаи фаъолият ва донишҳои бозорӣ; интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии корхона, субъекти фаъолият; интихоби кадрҳо ва мавҷуд будани низоми ҳавасмандгардонии он; мавҷуд будани маблағҳои зарурӣ барои пеш бурдани фаъолият ва ғайра. Дар умум таснифоти омилҳои дохилӣ ҳолати муфассал ва равшантарро талаб мекунад.

Ба ақидаи В.П. Самарина [5] ба омилҳои муҳити дохилии истеҳсолот – омилҳои техникӣ, иқтисодӣ, маркетингӣ, шароити иҷтимоӣ, ҷузъи иттилоотӣ, омили ташкили идоракунӣ дахл дорад. Инчунин, В.Я. Горфинкел [4] омили муносибатҳои тиҷоратӣ ва рафтори кормандонро муаррифӣ мекунад. В.П. Самарина омилҳои объективӣ (вобаста ба субъекти идоракунӣ, ба монанди тезонидани прогресси илмию техникӣ, хусусияти соҳа) ва омилҳои субъективиро (вобаста ба субъекти идоракунӣ ва қобилияти ӯ, аз ҷумла, шахсияти менеҷер, сифати маҳсулот ва сиёсати инноватсионии ширкат) ҷудо кардааст.

В.И. Титов [7] муҳити дохилиро дар самтҳои намуди кадрҳо, намуди ташкилӣ, намуди истеҳсолӣ, намуди молиявӣ, намуди маркетинг ва фарҳанги ташкилӣ таҳлил мекунад.

Барои ба низом даровардан ва сохторбандии омилҳои муҳити дохилӣ муаллиф пешниҳод мекунад, ки онҳо ба омилҳои равандӣ ва шахсӣ ҷудо карда шаванд. Омилҳои равандӣ унсурҳои зарурии фаъолияти корхонаро дар бар мегиранд. Ба омилҳои шахсӣ унсурҳои ҳамкории байни кормандони корхона, роҳбар ва коллектив дохил мешаванд. Умуман, омилҳои муҳити дохилии ташкилот ба таври зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд (расми 2):

**Расми 2. Сохтори омилҳои муҳити дохилӣ**
**Figure 2. Structure of internal environment factors**




Омилҳои ташкилӣ ин тақсимоти ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар корхонаҳои хурд, яъне тартиби зинанизоми дохилӣ ва низоми алоқа мебошад.

Ба омилҳои истеҳсолию техникӣ фондҳои асосӣ ва муомилоти корхона, инчунин, воситаҳое дохил мешаванд, ки аз онҳо маҳсулот истеҳсол карда мешавад.

Омилҳои танзимӣ, аз ҷониби корхона ва кормандон риоя намудани меъёрҳои танзимкунандаи ин фаъолият, инчунин, ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқи талаботи меъёрии шакли ҳуқуқии корхона мебошад.

Омилҳои молиявӣ таъмини истифодаи самаранок ва гардиши пулии бизнеси хурдро ифода мекунанд.

Омилҳои иттилоотӣ - маҷмуи воситаҳои ташкилӣ ва техникӣ, ки робитаи самарабахши тамоми қисмҳои корхонаи хурдро таъмин мекунанд.

Муаллиф омилҳои маркетингро таъкид мекунад, зеро ташкили хуби маркетинг яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолият барои ҳар як корхона мебошад. Аҳаммияти маркетинг бо иштироки ду ҷониб дар он шарҳ дода мешавад, муштариён ва рақибон, ки бидуни онҳо тиҷорат ғайриимкон аст -. Маҳз маркетинг ба корхона имкон медиҳад, ки дар бозор рақобатпазир ва пешрафта шавад [5].

Ба гурӯҳи омилҳои шахсӣ дохил мешаванд: ҳайати кадрӣ, омилҳои иҷтимоӣ-руҳӣ ва омилҳои ахлоқӣ.

Дар умум низоми омилҳое, ки рушди тиҷорати хурдро муайян мекунанд, дар расми 3 оварда шудаанд:

**Расми 3. Сохтори низоми омилҳое, ки рушди бизнеси хурдро муайян мекунанд**
**Figure 3. The structure of the system of factors that determine the development of small business**




Дар натиҷаи таҳлили умумӣ ва равшансозии осори олимоне, ки ба ин соҳаи таҳқиқот дахл доранд, бо назардошти равишҳои мавҷудаи ба низом даровардани омилҳои гуногун аз тарафи муаллиф таснифи муфассалтар пешниҳод карда шуд. Таснифи пешниҳодшудаи омилҳои муҳити беруна нисбатан яхела аст, зеро омилҳои таъсири мустақим ва ғайримустақимро дар бар мегирад ва сохторҳоеро, ки бизнеси хурд бо онҳо ба ҳамкории

мустақим ворид мешаванд ва омилҳои умумие, ки ба рушди бизнеси хурд таъсир мерасонанд, ба назар гирифта мешаванд.

**Муқарриз: н.и.и., м/к-и ДПДТТХ**
**ба номи ак. М.С.Осимӣ – Хасанов Ф.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Ахмедов Ф.В. Факторы формирования и развития малого бизнеса Согдийского региона: теоретические и территориальные аспекты / Ф.В. Ахмедов // Вестник Таджикского национального университета (серия экономических наук). -Душанбе, 2016. -№2/9(165). -С.218.
2. Герчикова И. Государственное содействие развитию предпринимательской деятельности в Бельгии / И. Герчикова, // Маркетинг. - 1999. -№2. -С.91-98; №3. -С.93-103; №4. -С.91-99; №6. -С.107-113; 2000. -№1. -С.84-92.
3. Калинин А.В. Анализ развития и состояние малого и среднего бизнеса в мире / Калинин А.В. // Экономика, предпринимательство и право. – 2011. -№4. -С.3-12.
4. Назаров А.А. Развитие и размещение предприятий малого бизнеса в экономике региона / А.А. Назаров, Ф.В. Ахмедов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. -Худжанд: Ношир, 2014. -№3(59). -С.83-95.
5. Панюкова В.В. Интернационализация торговли как фактор развития торгового маркетинга в России / В.В. Панюкова // Управленческие науки в современной России. - 2014. -Т.2. -№2. -С.74-78.
6. Самарина, В.П. Экономика организации: учебное пособие / В.П. Самарина, Г.В. Черезов, Э.А. Карпов. -М: КноРус, 2014. -319 с.
7. Титов В.И. Анализ и диагностика финансово–хозяйственной деятельности предприятия / В.И. Титов. -М.: Издательско–торговая корпорация «Дашков и Ко», 2005. -352 с.
8. Чкалова О.В. Классификация внемагазинных форм торговли / О.В. Чкалова // Маркетинг в России и за рубежом. - 2013. -№3. -С.43-51.
9. Широков Б.М. Малый бизнес. Финансовая среда предпринимательства / Б.М. Широков. -М.: Финансы и статистика, 2017.


## ОМИЛҲОИ АСОСИИ МУАЙЯНКУНАНДАИ РУШДИ БИЗНЕСИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи мазкур ба масъалаи омӯзиши омилҳои асосии муайянкунандаи ташаккул ва рушди бизнеси хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Сараввал дар кори мазкур омилҳои таъсиррасони муҳити беруна, ки рушди бизнеси хурдро муайян мекунанд, ба низом дароварда ва тавсиф карда шудаанд. Аз рӯйи тавсиф омилҳои таъсиррасонро вобаста ба дараҷаи таъсирашон ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад. Омилҳои таъсири ғайримустақим, ки ба фаъолияти бизнеси хурд таъсири бевосита намерасонанд, вале бо мурури замон ба натиҷаҳои кори он таъсир мерасонанд, муайян карда мешаванд. Инчунин, омилҳои таъсиррасоне, ки ба ҳамкории мустақим бо бизнеси хурд ворид мешаванд, баррасӣ карда мешаванд. Ҳамин тариқ, дар таснифоти пешниҳоднамуда омилҳое, ки ба рушди бизнеси хурд дар соҳаҳои хизматрасонӣ таъсир мерасонанд, ба низом даровардa ва пурра карда шудаанд. Ду гурӯҳи омилҳоро ҷудо мекунанд - омилҳои муҳити берунӣ ва омилҳои муҳити дохилӣ. Дар байни омилҳои муҳити берунӣ омилҳои таъсири ғайримустақим ва омилҳои таъсири мустақим ҷудо карда мешаванд. Омилҳои таъсири мустақим бо нуктаҳои «инфрасохтори дастгирӣ» ва «системаи дастгирии давлатӣ» пурра карда мешаванд. Омилҳои муҳити дохилӣ ба раванд ва шахсӣ тақсим мешаванд. Омилҳои равандҳо унсурҳои зарурии фаъолияти корхонаро дар бар мегиранд. Ба омилҳои шахсӣ унсурҳои ҳамкории байни кормандони корхона, роҳбар ва коллектив дохил мешаванд.



**Калидвожаҳо:** корхонаҳои хурд, бизнеси хурд, омилҳои таъсиррасонии мустақим, омилҳои таъсиррасонии ғайримустақим, омилҳои беруна, омилҳои дохилӣ, шахсӣ, раванд, инфрасохтор.


## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ, ОПРЕДЕЛЯЮЩИЕ РАЗВИТИЕ МАЛОГО БИЗНЕСА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Данная статья посвящена изучению основных факторов, определяющих формирование и развитие малого бизнеса в Республике Таджикистан. Прежде всего, в данной работе систематизированы и описаны воздействующие факторы внешней среды, определяющие развитие малого бизнеса. По описанию влияющие факторы делятся на две группы в зависимости от степени их влияния. Определены факторы косвенного влияния, которые не оказывают прямого влияния на деятельность малого бизнеса, но со временем влияют на результаты его работы. Также изучены факторы прямого взаимодействия на малый бизнес. Таким образом, в предложенной классификации систематизированы и дополнены факторы, влияющие на развитие малого бизнеса в сфере услуг. Выделяют две группы факторов - факторы внешней среды и факторы внутренней среды. Среди факторов внешней среды выделяют факторы косвенного влияния и факторы прямого влияния. Факторы прямого воздействия дополняются пунктами «инфраструктура обеспечения» и «система государственного обеспечения». Факторы внутренней среды подразделяются на процессные и личностные. Факторы процесса включают в себя необходимые элементы деятельности предприятия. К личностным факторам относятся элементы сотрудничества между работниками компании, руководителем и коллективом.

**Ключевые слова:** малые предприятия, малый бизнес, факторы прямого воздействия, факторы косвенного воздействия, внешние факторы, внутренние факторы, личные, процессные, инфраструктура.

## MAIN FACTORS DETERMINING THE DEVELOPMENT OF SMALL BUSINESS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the study of the main factors determining the formation and development of small business in the Republic of Tajikistan. First of all, in this work, the influencing factors of the external environment, which determine the development of small business, are systematized and described. According to the description, influencing factors are divided into two groups depending on the degree of their influence. Factors of indirect influence, which do not have a direct impact on the activity of a small business, but over time affect the results of its work, are determined. Factors influencing direct interaction with small businesses are also discussed.Thus, in the proposed classification, the factors affecting the development of small business in the service sector have been systematized and supplemented. There are two groups of factors - external environmental factors and internal environmental factors. Among the factors of the external environment, the factors of indirect influence and the factors of direct influence are distinguished. Factors of direct impact are supplemented by points "supporting infrastructure" and "state support system". Internal environmental factors are divided into process and personal. Process factors include the necessary elements of enterprise activity. Personal factors include the elements of cooperation between employees of the company, the manager and the team.

**Key words:** small enterprises, small business, direct impact factors, indirect impact factors, external factors, internal factors, personal, process, infrastructure.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ахмедов Фазлиддинхон Валиевич*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М. Осимӣ, омӯзгори калони кафедраи назарияи иқтисодиёт ва идора. **Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, к. Ленин, 226. Телефон: **(+992) 77 709-08-40**. E-mail: **fazl89@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ахмедов Фазлиддинхон Валиевич*** - Политехнический институт Таджикского технического университета им. акад. М. Осими, старший преподаватель кафедры экономической теории и управления. **Адрес**: 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, улица Ленина, 226. Телефон: **(+992) 77 709-08-40.** E-mail: **fazl89@mail.ru**

**Information about the author:** ***Akhmedov Fazliddinkhon Valievich*** - Polytechnic Institute of the Tajik Technical University. acad. M. Osimi, senior lecturer at the Department of Economic Theory and Management. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Lenin street, 226. Phone: **(+992) 77 709-08-40.** E-mail: **fazl89@mail.ru**

ТДУ: 338.436.33(575.34)

# БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ САРМОЯГУЗОРИҲО БА САРМОЯИ АСОСӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*Холов А.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Афзоиши ҳаҷми маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон мустақиман ба мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолии онҳо ва воситаҳои гардонӣ амалкарди муътадили онҳоро таъминкунанда вобастагӣ дорад. Дар ин замина мо вазъи истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлонро, ки звенои асосии КАС-и вилоят маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқ қарор додем. Қобили қайд аст, ки соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон, яке аз соҳаҳои муҳимми аҳаммияти стратегидошта ба ҳисоб меравад. Дар ин соҳа 76,7%-и маҳсулоти умумии вилояти Хатлон истеҳсол карда мешавад. Аз шумораи умумии аҳолии вилояти Хатлон 82,6% дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар вилояти Хатлон 4 шаҳр, 24 ноҳия, 22 ҷамоатҳои шаҳрак, 133 ҷамоатҳои деҳот арзи вуҷуд доранд [1,с.8-9]. Ҳиссаи аҳолии шаҳрии вилоят 17,4%-ро ташкил медиҳад. Вилояти Хатлон соли 1992 ташкил ёфтааст, мувофиқи маълумотҳои ҷуғрофӣ дар қисми ҷанубу-ғарбӣ аз маркази ҷумҳурӣ ҷойгир шуда, масоҳаташ 2407,0 ҳаз га-ро ташкил медиҳад, ки ин ба 17,4% масоҳати замини ҷумҳурӣ баробар аст. Масоҳати замини дар ихтиёри кишоварзӣ қарордоштаи вилоят 2468225 ҳаз. га ва майдони замини аҳаммияти кишоварзидоштаи он 1628780 ҳаз. га-ро ташкил медиҳад, ки ба 44,3%-и майдони замини аҳаммияти кишоварзидоштаи ҷумҳурӣ баробар аст. Мавриди зикр аст, ки маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон 21% маҳсулоти умумии ҷумҳуриро ташкил медиҳад [2,с.199]. Маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 74,3% ва маҳсулоти чорводорӣ 25,7% маҳсулоти умумии кишоварзии вилоятро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар солҳои охир чунин тамоюлҳо дорад (ҷадвали 1). Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки аксари нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи вазъи иҷтимоӣ ва демографии вилояти Хатлон дар давраи таҳлил, тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, шумораи аҳолии вилоят дар соли 2021 нисбати соли 2017 9,4% афзоиш ёфтааст. Аҳолии шаҳрнишини вилоят дар ин давра 5,3% афзоиш ёфтааст. Ин афзоишро зичии аҳолӣ дар 1км$^2$ майдони замини вилоят тасдиқ мекунад. Масалан, дар соли 2017 ин нишондиҳанда 129,5 нафарро ташкил медод ва дар соли 2021 бошад, ин нишондиҳанда ба 142,9 нафар расидааст, яъне зичии аҳолӣ дар 5 соли охир зиёда аз 9,4% афзоиш ёфтааст. Дар ин давра шумораи аҳолии машғули кори вилоят нисбати соли 2017 нишондиҳандаи номбурда 8% афзоиш ёфтааст. Қобили қайд аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ аксари объектҳои аҳаммияти иҷтимоидошта, аз ҷумла масоҳати умумии манзил ба 1 нафар, шумораи муассисаҳои тиббӣ, шумораи муассисаҳои рӯзонаи маълумоти умумӣ, шумораи мактабҳои олӣ ва шумораи омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ тамоюл ба афзоиш доранд.

**Ҷадвали 1. Тамоюлҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон**
**Table 1. Trends of economic and social development of Khatlon region**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Масоҳати замини вилояти Хатлон, ҳаз.га | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 100 |
| Ҳиссаи майдони замини вилояти Хатлон дар фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон,% | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | **17,7** |
| Шумораи аҳолии доимӣ ҳаз.наф | 3198,5 | 3274,9 | 3348,3 | 3459,7 | 3530,0 | +9,4 |
| -аҳолии шаҳрҳо | 580,6 | 591,0 | 599,6 | 602,6 | 613,5 | +5,3 |
| -аҳолии деҳот | 2617,9 | 2683,9 | 2748,7 | 2857,1 | 2916,5 | +10,2 |
| Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ (нафар) | 129,5 | 132,6 | 135,6 | 140,1 | 142,9 | +9,4 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ, ҳазор нафар | 77,9 | 80,6 | 73,4 | 83,3 | 74,4 | -4,5 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулин | 447,7 | 455,9 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| дар иқтисодиёт, ҳазор нафар | | | | | | +8,0 |
| Шумораи бекорон, ҳаз. наф. | 18,0 | 17,0 | 15,7 | 15,0 | 15,6 | -13,3 |
| Масоҳати умумии манзил, ба як нафар, м² | 10,2 | 10,1 | 10,1 | 9,9 | 9,7 | -4,9 |
| Шумораи муассисаҳои тиббӣ, (адад) | 151 | 154 | 156 | 161 | 160 | +5,6 |
| Шумораи муассисаҳои рӯзонаи маълумоти умумӣ, адад | 1330 | 1337 | 1347 | 1354 | 1358 | +2,1 |
| Шумораи мактабҳои олӣ, адад | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | - |
| Шумораи омӯзишгоҳҳои миёнаи касбӣ | 16 | 19 | 21 | 25 | 27 | +40,1 |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ. -Душанбе, 2022. -С.199 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021. -Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ да вилояти Хатлон, 2022. –С.8-9 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.

Афзоиши ин нишондиҳандаҳо аз ҷониби муаллиф дар ду давра мавриди баҳисобгирӣ қарор гирифтааст. Нишодиҳандаҳои рушди иқтисодии вилояти Хатлон дар ҷадвали 2, пешниҳод гардидаанд. Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2 бармеояд, ки аксари нишондиҳандаҳои иқтисодии вилояти Хатлон тамоюл ба рушд доранд. Масалан, маҳсулоти умумии минтақавӣ дар давраи таҳлил 40,6%, музди кории ҳармоҳаи як корманд 26,2%, ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят 31,8%, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилоят 31,6%, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилоят 43,2% афзоиш ёфтааст. Қобили қайд аст, ки дар давраи таҳлил ҳиссаи маҳсулоти саноатии вилияти Хатлон дар маҷмуи маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 18,1 б.ф ва ҳиссаи маҳсулоти кишоварзии вилоят дар маҳсулоти умумии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,7 б.ф коҳиш ёфтааст. Умуман, дар давраи таҳлил нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявии вилояти Хатлон назаррас ба шумор меравнд.

**Ҷадвали 2. Нишодиҳандаҳои рушди иқтисодии вилояти Хатлон**
**Table 2. Indicators of economic development of Khatlon region**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти умумии минтақавӣ, млн.сомонӣ | 16003,5 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | +40,6% |
| Ҳисоби миёнаи музди кори ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ | 843,39 | 884,24 | 998,54 | 1053,78 | 1143,19 | +26,2% |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, бо нархҳои соли 2021, ҳаз.сомонӣ | 7044597,8 | 7967440,1 | 9266132,8 | 9368060,3 | 10332970,5 | +31,8% |
| Сармоягузорӣ, ҳазор.сомонӣ | 2179006,3 | 2802570,8 | 2623017,2 | 2404916,0 | 3840061,2 | +43,2% |
| Ба кор андохтани ФА, ҳазор.сомонӣ | 1669251,1 | 710569,2 | 3027913,0 | 2599177,5 | 1310364,7 | -21,5% |
| Ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар ММД ҷумҳурӣ, сомонӣ, % | 16003,5 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | +40,6% |
| | (28,5%) | (27,9%) | (28,6%) | (29,9%) | (29,3%) | +0,8 б.ф |
| Ҳиссаи маҳсулоти саноатии вилояти Хатлон дар маҷмуи маҳсулоти саноатии ҶТ, сомонӣ,% | 7044597,8 | 7967440,1 | 9266132,8 | 9368060,3 | 10332970,5 | +31,8% |
| | (44,7%) | (36,4%) | (36,2%) | (29,1%) | (26,6%) | -18,1 б.ф |
| Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзии ҶТ, сомонӣ,% | 14148533 | 15253582 | 16974399 | 19502878 | 20694523 | +31,6% |
| | 55,7% | 54,2% | 54,8% | 52,2% | 52,0% | -3,7 б.ф |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ. -Душанбе, 2019. -С.259-284 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соҳои 2014-2021 // Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2022. –С.8-9 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Азбаски мавзуи илмӣ-таҳақиқотии мо таъмини сармоягузории саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ мебошад. Бинобар ин, мо нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва неруи соҳаи кишоварзиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем. Барои истеҳсолоти аграрӣ,

аз ҷумла барои соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон замин воситаи асосии доимӣ ва ивазнашавандаи истеҳсолот мебошад. Қобили қайд аст, ки аз масоҳату ҳолат ва истифодаи самараноки ин захираи табиӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолии минтақа вобастагии мустақим дорад.

Аз ин рӯ, майдони замини ин навъи захираҳои табииро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Қобили қайд аст, ки 20694523 ҳаз. сомонӣ 76,7% маҳсулоти умумии вилояти Хатлон маҳз дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсол карда мешавад. Ба ибораи дигар, маҳсулоти дар боло номбаршуда дар 2470 млн га замини аҳаммияти кишоварзидошата истеҳсол карда шудааст. Барои ба ин мавзуъ равшани андохтан, нишондиҳандаҳои ҷадвали зеринро мавриди арзёбӣ қарор медиҳем.

**Ҷадвали 3. Сохтор ва таркиби майдони замини аҳаммияти кишоварзидоштаи кишоварзии вилояти Хатлон (га,%)**

**Table 3. Structure and composition of the agricultural land area of Khatlon region (ha,%)**

| Навъи замин | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Масоҳати замини вилояти Хатлон, аз ҷумла: | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 100% |
| Замини аҳаммияти кишоварзидоштаи вилояти Хатлон, аз ҷумла: | 1452364 | 1628780 | 1452757 | 1683074 | 1457754 | +5390 |
| | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | - |
| -замини шудгор | 325715 | 331151 | 326303 | 409056 | 328107 | +2392 |
| | 22,4% | 20,3% | 22,5% | 24,3% | 22,5% | +0,1 б.ф |
| -замини дарахтони бисёрсола | 40417 | 43556 | 41280 | 57393 | 41743 | +1326 |
| | 2,8% | 2,7% | 2,8% | 3,4% | 2,9% | +0,1 б.ф |
| -замини алафзори табии | 4660 | 6910 | 4660 | 6962 | 4997 | -+337 |
| | 0,3% | 0,4% | 0,3% | 0,4% | 0,3% | - |
| -замини чарогоҳ | 1062266 | 1226871 | 1061964 | 1194096 | 1068232 | +5966 |
| | 73,1% | 75,3% | 73,1% | 70,9% | 73,3 | +0,2 б.ф |
| -замини боир | 19306 | 20292 | 18550 | 15567 | 14675 | -4631 |
| | 1,3% | 1,2% | 1,3% | 0,9% | 1,0% | -0,3 б.ф |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021 // Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2022. –С.6 ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ, Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Аз таҳлили маводи ҷадвали 3 бармеояд, ки майдони замини аҳаммияти кишоварзидошта дар вилояти Хатлон, дар солҳои таҳлил ба ҳисоби миёна 5390 га ё +0,4% афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин тағйиротҳои сохторӣ дар таркиби замини аҳаммияти кишоварзидошта низ ба назар мерасад, ки аз ҷониби муаллиф афзоишу камшавии онҳо дар ҷадвали боло баҳисобгирӣ шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки майдони замини шудгор дар давраи таҳлил ба 22,5% замини аҳаммияти кишоварзидоштаи вилоят баробар буда, 2392га (0,7%) афзоиш ёфтааст. Нуқтаи дигари ҷолиби диққат ин аст, ки замини аҳаммияти кишоварзидоштаи вилоят 65,9% ҳиссаи майдони замини онро ташкил медиҳад. Маҳз дар ҳамин майдони замини аҳаммияти кишоварзидошта, маҳсулоти умумии кишоварзии минтақа, ки 20694,5 млн, сомониро ташкил медиҳад, истеҳсол гардидааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимми аҳаммияти истеҳсолидоштаи вилояти Хатлон ба шумор меравад, мувофиқи маълумоти Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, дар шароити имрӯза дар минтақаи номбурда зиёда аз 66559 адад хоҷагиҳои калону хурду миёна ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд. Аз ҷумла хоҷагиҳои давлатӣ, 83 адад ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 68313 адад хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 2564 адад Ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҶДММ, 44 адад хоҷагиҳои ёрирасони корхонаву ташкилотҳо 196-адад ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият доранд [1,с.7].

Қобили қайд аст, ки саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ дар ду самт сурат мегирад, ки яке аз онҳо механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ва дигаре автоматизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Воситаҳои механизатсия қисми муҳимми таркибии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ ба шумор мераванд. Механизатсияи кишоварзӣ, ин

чараёни иваз намудани меҳнати дастӣ ба механизатсияи ҷузъӣ, механизатсияи комплексӣ ва низоми мошинаҳои автоматӣ мебошад. Механизатсияи ҷузъӣ ё нопурра гуфта, механикунонии чараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот дар назар дошта мешавад. Ҳангоми механизатсияи комплексӣ тамоми ҷараёнҳои истеҳсолот тавассути воситаҳои механикӣ иҷро мегарданд. Зимни ҷорӣ намудани низоми мошинҳои автоматӣ, кулли истеҳсолоти корхона бо ёрии мошинаҳо, механизмҳо ва асбобҳои худкор (автоматӣ) иҷро, танзим ва назорат карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи ин амалиётҳо зери назорат ва мушоҳидаи бевоситаи инсон анҷом мепазиранд. Механизатсияи ҷузъӣ дар тамоми соҳаҳои кишоварзӣ ҷой дорад. Баъзе соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ пурра ба механизатсияи комплексӣ гузаштаанд. Масалан, дар соҳаи ғаллакорӣ тамоми ҷараёнҳои истеҳсолӣ механикунонида шудаанд. Низоми мошинаҳои автоматӣ бештар дар комплексҳои чорводорӣ ва фабрикаҳои калони парандапарварӣ ба кор бурда мешаванд. Барои муайян намудани ҳолати механизатсияи ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот аз нишондиҳандаи дараҷаи механизатсия истифода мебаранд. Дараҷаи механизатсияи ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот, ин нисбати ҳаҷми корҳои механиконидашуда ба ҳаҷми умумии корҳои ҳамин ҷараёни истеҳсолот мебошад, ки бо фоиз ифода ёфтааст. Дар растанипарварӣ азбаски мошинаҳо корҳои гуногун (шудгор, ҳамворкунӣ, кишт, ҷӯяккашӣ, коркарди байни қаторҳо)-ро ичро мекунанд, бинобар ин, онҳоро ба ченаки муайян-эталон гектар гардонида, баъдан ҳаҷми корҳои механиконидашударо муайян мекунанд. Барои муайян намудани дараҷаи миёнаи механизатсияи парвариши ягон намуди зироат ё истеҳсоли маҳсулоти муайян, ҳаҷми умумии корҳои механиконидашудаи онро (бо эталон гектар) ба ҳаҷми умуми корҳои барои парвариш ё истеҳсоли ҳамин намуди маҳсулоти зарурӣ тақсим намудан лозим меояд. Дар соҳаи чорводорӣ дараҷаи механизатсияи ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот тавассути тақсим намудани саршумори чорво, ки ба онҳо механизмҳо хизмат мерасонанд, ба саршумори умумии чорво муайян карда мешавад.

Тайи чанд даҳсолаи охир, кишоварзӣ дар самти механиконӣ ва автоматикунонии истеҳсолот ба комёбиҳои бузург ноил гардидааст. Дараҷаи механизатсияи ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот ҳам дар растанипарварӣ ва ҳам дар чорводорӣ мунтазам баланд мегардад. Корҳои асосии саҳроӣ (шудгор ва кишти зироатҳои ғалладонагӣ, хӯроки чорво, пахта ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳои ғалладонагӣ) қариб, ки пурра механиконида шудаанд. Аммо, бо вуҷуди ин, дар иҷрои корҳои алоҳида дараҷаи механизатсия хеле паст аст. Махсусан, дар соҳаи сабзавоткорӣ ва фермаҳои хурди чорводорӣ дараҷаи механизатсия хеле паст мебошад. Дар ин соҳаҳо 80% корҳои иҷрошаванда ба меҳнати дастӣ рост меояд. Фермаҳои хурди чорводорӣ бештар ба техникаву технологияи хӯроки чорво истеҳсолкунанда ниёз доранд. Соҳаи сабзавоткорӣ бошад, техникаеро тақозо дорад, ки дар қаторҳои начандон калони замин озодона ҳаракат ва кор карда тавонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъди солҳои 1990 то солҳои 2015 вазъи корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ аз лиҳози таъмини мошинолотҳои кишоварзӣ хело ҳам душвор гардиданд. Аммо, бо кӯшишу дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъият дар ин самт сол то сол рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст. Бо мақсади баҳодиҳии вазъи таъминоти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон ҷадвали 4, пешниҳод мегардад. Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 4 бармеояд, ки мавҷудияти техника ва мошинолотҳо дар вилояти Хатлон нисбати солҳои 2017 тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, дар ҳамин фосилаи вақт дар минтақаи номбурда, тракторҳо 7,8%, комбайнҳои ғалладарав 14,0%, ядакҳои тракторӣ 0,6%, алафҷамкунакҳо 50%, достҳои тракторӣ 50,5%, комбайнҳои ҷуворимаккағундор 71,4%, мошинҳои пахтачинӣ 9,1%, тухмпошакҳо 10,9%, испорҳои тракторӣ 14,9% ва нармкунакҳои тракторӣ 12,5% афзоиш ёфтаанд.

Қобили қайд аст, ки дар давраи таҳлил шумораи автомобилҳои боркаш 31,4% коҳиш ёфтааст. Аз соли 2017 инҷониб шумораи техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон тамоюл ба афзоиш дорад. Аммо шумораи техникаву мошинолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон аз нишондиҳандаҳои соли 1991 пасттар мебошанд. Сабаби асосии ин тамоюл норасоии сармоягузориҳои худии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ барои харидкунии техникаву мошинолотҳои кишоварзӣ мебошад. Аслан, дар ин минтақа вазъият чунин аст: 1) хоҷагиҳои хурду миёнаи кишоварзии вилоят дар 2/3 ҳолатҳо барои харидкунии техникаву мошинолотҳои кишоварзӣ маблағ барои сармоягузорӣ надоранд;

**Ҷадвали 4. Мавҷудияти техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон**

**Table 4. Availability of agricultural machinery and equipment in agricultural farms of Khatlon region**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2016,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тракторҳо-ҳамагӣ | 12144 | 12639 | 13155 | 13045 | 13173 | +7,8% |
| Автомобилҳои боркаш | 462 | 803 | 357 | 331 | 317 | -31,4% |
| Комбайнҳои ғалладарав | 455 | 468 | 486 | 475 | 463 | +14,0% |
| Ядакҳои тракторӣ | 3890 | 3883 | 3956 | 4072 | 3866 | +0,6% |
| Алафҷамъкунакҳои тракторӣ | 57 | 64 | 88 | 85 | 114 | +50% |
| Дастҳои тракторӣ | 300 | 312 | 494 | 553 | 606 | +50,5% |
| Комбайнҳо барои ҷамъоварии хӯроки чорво ва силосғундор | 28 | 27 | 27 | 22 | 28 | - |
| Комбайнҳои ҷуворимаккағундор | 7 | 7 | 7 | 2 | 2 | 71,4% |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 10 | 10 | 12 | 11 | 11 | +9,1% |
| Тухмпошакҳои тракторӣ | 1116 | 1132 | 1209 | 1283 | 1253 | +10,9% |
| Испорҳои тракторӣ | 4034 | 4143 | 4400 | 4608 | 4743 | +14,9% |
| Нармкунакҳои тракторӣ | 1552 | 1681 | 1765 | 1761 | 1774 | +12,5% |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳои маҷмуаи омори кишоварзии ҶТ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе,2022 ва ҳисобҳои муаллиф таҳия гардидааст.

2) аз нигоҳи иқтисодӣ низ барои хоҷагиҳои хурду миёна доштани техникаву мошинолотҳои муосири кишоварзӣ начандон самаранок аст, зеро дар ин ҳолат мухлати худхаридшавии онҳо тул мекашад [1,с.125]. Яке аз сабабҳои асосии паст будани таъминоти техникиву технологии хоҷагиҳои кишоварзии вилоят низ ба ҳамин мушкилоти дар боло зикргардида алоқамандии мустақим дорад. Имрӯз дар вилоят 63888 хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерии хурду миёна амал мекунад. Аз ин рӯ, мушкилоти номбурда тақозои онро дорад, ки роҳҳои ҳалли самаранок ва муосири ин мушкилотро пайдо намоем то ин, ки ҳам хоҷагиҳои номбурдаи минтақа бо техникаи зарурӣ таъмин бошанд, онҳоро самаранок истифода баранд ва ҳамзамон, самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосиро дар ин самт таъмин намоянд.

Маълум аст, ки рушди истеҳсолоти кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат ба мавҷудият, ҳолат ва истифодаи самараноки базаи моддӣ-техникии корхонаҳои кишоварзӣ вобастагии мустақим дорад. Баҳодиҳии миқдори унсурҳои таркибии базаи моддӣ-техникии корхонаву хоҷагиҳои соҳаи кишоварзиро дар минтақаи Хатлон, дар ҷадвали боло мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Гарчанде нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба ҳолати базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилоят баҳои воқеӣ медиҳанд. Аммо, бидуни таҳлили нишондиҳандаҳои арзиши ин баҳодиҳи пурра ва мукаммал арзёбӣ намегардад. Аз ин хотир, мо унсурҳои асосии базаи моддӣ-техникии кишоварзии вилоятро дар намуди фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардон мавриди арзёбӣ қарор додем. Нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии фондҳои асосии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон инҳоянд: Суммаи фондҳои асосии соҳаи кишоварзӣ, фондҳои асосии истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, фондҳои асосии ғайриистеҳсолии соҳаи кишоварзӣ.

Вобаста аз ин нишондиҳандаҳои номбурда, мо дараҷаи фондтаъминӣ ва фондмусаллаҳии меҳнатро дар минтақаи Хатлон баҳисобгирӣ намудем. Нишондиҳандаҳои номбурда оид ба дараҷаи интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзии минтақа маълумот медиҳад. Ҳамчунин, ба мақсади муайян намудани истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ, мо нишондиҳандаҳои боздеҳии фондҳо ва фондғунҷоиши маҳсулотро мавриди баҳисобгирӣ қарор медиҳем (ҷадвали 5). Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 5 бармеояд, ки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон 1924500 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2017 тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, дар ҳамин давра нишондиҳандаи мазкур 1,9 маротиба зиёд шудааст.

Албатта, чунин тамоюл ба дигар нишондиҳандаҳои истифодаи фондҳои асосӣ таъсири худро расонидааст. Масалан, фондтаъминии истеҳсолоти кишоварзӣ дар соли 2021-ум нисбат ба соли 2017 79,9% зиёд шудааст. Фондмусаллаҳии меҳнат дар истеҳсолоти

кишоварзӣ 6214,1 сомонӣ/ нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбати соли 2017 74,9% зиёд аст. Нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки фондҳои асосӣ боздеҳии фондҳо ва фондғунҷоиши маҳсулот ба ҳисоб меравад. Дар давраи таҳлил боздеҳии фондҳо аз 12,5 сомонӣ (2017) то 10,8 сомонӣ (2021) кам шудааст, ки ин ба -13,6% баробар аст. Фондғунҷоиши маҳсулот дар ин давра тамоюл ба пастравӣ дорад, ки он 15%-ро ташкил медиҳад. Ва чунин тамоюл қобили қабул шуморида мешавад.

**Ҷадвали 5. Нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар кишоварзии вилояти Хатлон**

**Table 5. Indicators of effective use of the main production funds in agriculture of Khatlon region**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МУК ВХ, ҳаз.сомонӣ | 12819225 | 13338563 | 14467871 | 19502878 | 20694523 | 1,6 мар-ба |
| ФАИ к/зии ВХ, ҳаз.сомонӣ | 1028700 | 1156400 | 1537300 | 1491400 | 1924500 | 1,9 мар-ба |
| МЗАКД ВХ, га | 413916 | 403353 | 421837 | 426319 | 430514 | 4,0% |
| ШМКК ВХ, ҳазор нафар | 289,5 | 293,4 | 308,4 | 307,7 | 309,7 | 7,0% |
| $Ф_т$ к/зии ВХ, сомонӣ/гектар | 2485,2 | 2866,9 | 3644,3 | 3498,3 | 4470,2 | 79,9% |
| $Ф_м$ к/зии ВХ, сомонӣ/нафар | 3553,4 | 3941,3 | 4984,7 | 4846,9 | 6214,1 | 74,9% |
| $Б_ф$ к/зии ВХ, сомонӣ | 12,5 | 11,5 | 9,4 | 13,0 | 10,8 | -13,6% |
| $Ф_г$ к/зии ВХ, сомонӣ | 0,08 | 0,09 | 0,11 | 0,076 | 0,092 | 15,0% |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 2017-2021 // Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2022. –С.76; Ҳисоботи омории шакли №11-ВА (Ҳисобот дар мавҷудият ва гардиши воситаҳои асосӣ) ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаи истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар кишоварзии вилояти Хатлон нишон доданд, ки фондтаъминӣ ва фондмусаллаҳии истеҳсолоти кишоварзии минтақа, тамоюл ба пастравӣ дорад. Аммо дар тафриқа ба ин нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаи боздеҳии фондҳо дар давраи таҳлил рӯ ба афзоиш дорад. Чунин раванд бори дигар собит месозад, ки сектори аграрии вилояти Хатлон тақозо ба техникаву таҷҳизотҳои навинро дорад. Ба ибораи дигар, соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон ба сиёсати сармоягузорӣ, ба сармояи асосӣ ва ба саноатикунонии истеҳсолоти кишоварзии минтақа равонагардидаро талабгор мебошад.

Нақши сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ дар бакордарории фондҳои асосии соҳаи мазкур хело ҳам муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро дар мавриди сармоягузории объектҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии истеҳсолоти кишоварзӣ, бакордарории фондҳои асосии истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии соҳаи кишоварзӣ сурат мегирад. Дар натиҷаи бакордарории фондҳои асосии истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, базаи моддӣ-техникии соҳа мустаҳкам гардида, саноатикунонии истеҳсолоти он рушд мекунад. Яъне, корхона ва хоҷагиҳои кишоварзӣ бо биноҳо иншоотҳо ва дигар объектҳои аҳаммияти истеҳсолидошта, аз қабили биноҳои фермаҳо, анборҳои нигоҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ, анборҳои нигоҳдории захираҳои моддӣ-техникӣ, парки мошину трактор, дуконҳои таъмирӣ, анборҳои нигоҳдории сӯзишворӣ ва ғайра ба дараҷаи зарурӣ таъмин мегарданд. Ба ибораи дигар, бакордарории фондҳои асосии истеҳсолии кишоварзӣ дар такрористеҳсоли фондҳои асосии кишоварзӣ иштирок намуда, истеҳсолоти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзиро аз фарсудашавии аз меъёр зиёд ва куҳнашавии истеҳсолот нигоҳ медорад.

Бакордарории фондҳои асосии ғайриистеҳсолии кишоварзӣ низ барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва маҳаллии деҳот аҳаммияти муҳимро доро мебошад. Зеро ба воситаи сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, барои бакордарории фондҳои асосии ғайристеҳсолӣ дар доираи корхонаҳо ва соҳаи кишоварзӣ, азнавбарқароркунӣ, бунёд, таҷдид ва васеъкунии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ сурат мегирад. Маълум аст, ки дар шароити ҷаҳонии муосир, рушди деҳот ва соҳаи кишоварзиро бидуни роҳҳо, мактабҳо, мағозаҳо, беморхонаҳо, китобхонаҳо, театрҳо, боғчаҳои бачагона ва дигар объектҳои иҷтимоӣ тасаввур кардан ғайримкон аст. Аз ин хотир, нишондиҳандаҳои бакордарории фондҳои асосиро дар вилояти Хатлон, дар доираи объектҳои таъиноти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ва ҳамчунон, дар доираи соҳаҳои иқтисодиёти минтақа мавриди таҳлил

қарор медиҳем (ҷадвали 6). Аз таҳлили ҷадвали 6 бармеояд, ки бакордарории фондҳои асосӣ дар вилояти Хатлон 1310,3 миллион сомониро дар соли 2021 ташкил додааст, ки ин ба 23,6% бакордарории фондҳои асосии дар миқёси ҷумҳурӣ баробар аст.

**Ҷадвали 6. Бакордарории фондҳои асосӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. Сомонӣ**

**Table 6. Utilization of fixed assets in Khatlon region of the Republic of Tajikistan, mln. Somoni**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бакордарории ФА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6678,5 | 4859,3 | 7033,3 | 7266,7 | 5561,3 | -16,7% |
| Бакордарории ФА дар вилояти Хатлон | 1674,6 | 710,6 | 3027,9 | 2599,1 | 1310,3 | -21,7% |
| 1)Бакордарории ФАИ, аз ҷумла дар: | 960,7 | 350,3 | 2047,0 | 1793,3 | 982,7 | +2,3% |
| -саноат | 794,8 | 242,2 | 895,2 | 982,7 | 530,6 | -33,2% |
| -нақлиёт | 86,5 | 86,6 | 949,6 | 735,2 | 363,4 | +76,2% |
| -кишоварзӣ | 4,6 | 0,8 | 2,0 | 3,5 | 4,2 | -8,7% |
| -дигар соҳ/ истеҳ/ моддӣ | 74,8 | 20,7 | 200,2 | 69,4 | 84,5 | +11,5% |
| 2)Бакордарории ФАҒ, аз ҷумла дар: | 713,9 | 360,3 | 980,9 | 805,8 | 327,6 | -81,6% |
| -маориф | 320,0 | 105,9 | 166,4 | 141 | 58,8 | -81,6% |
| -тандурустӣ | 22,3 | 33,2 | 184,7 | 154,7 | 68,8 | +67,5% |
| -фарҳанг | 54,5 | 31,9 | 146,9 | 124,8 | 63,8 | +14,5% |
| -дигар соҳ/ ғ/истеҳсолӣ | 317,1 | 189,3 | 482,9 | 385,3 | 136,2 | -57% |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ. -Душанбе, 2022. -С.300-284 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021 // Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022. –С.125 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.

Нишондиҳандаи бакордарории фондҳои асосии дар миқёси ҷумҳурӣ дар соли 2021, нисбати соли 2017 16,7% коҳиш ёфтааст. Нишондиҳандаи номбурда дар вилояти Хатлон дар соли 2021, нисбати соли 2017-ум 21,7% тамоюл ба камшавӣ дорад. Аз суммаи умумии фондҳои асосии дар вилоят бакордаровардашуда 74,9%-ро фондҳои асосии таъиноти истеҳсолидошта ташкил медиҳад, ки дар навбати худ, дар соли 2021, нисбати 2017-ум +2,3% зиёд шудаанд. Мавриди таассуф аст, ки дар фосилаи вақти таҳлил бакордарории фондҳои асосии таъиноти истеҳсолидошта дар соҳаи кишоварзӣ 8,7% тамоюли камшавӣ дорад.

Ҳамчунин, ҳиссаи бакордарории ин навъи фондҳои дар суммаи фондҳои асосии таъиноти истеҳсолидоштаи вилоят хело ҳам кам мебошанд. Бакордарории фондҳои асосии таъиноти ғайриистеҳсолӣ дошта дар вилоят, дар давраи таҳлил 81,6% коҳиш ёфтааст. Бахусус фондҳои асосии соҳаи маориф дар вилоят дар давраи таҳлил 81,6% тамоюл ба камшавӣ дорад. Ҳамин тариқ, дар миқёси вилоят, дар мавриди бакордарории фондҳои асосии таъиноти истеҳсолидошта тамоюлҳои мусбӣ ба назар мерасанд, ки ин ба сиёсати пешгирифтаи Хукумати ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Аммо дар мавриди соҳаи кишоварзӣ барои беҳтар шудани вазъият дар ин самт чораҳои зарурӣ андешидан лозим аст.

Назария ва таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки барои рушду равнақи фаъолияти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дар шароити имрӯзаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ нақши бориз доранд. Ба ибораи дигар, бидуни мавҷудият ва фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи корхона ё умуман соҳаи кишоварзӣ ба муваффақияти назаррас ноил шудан амали ғайриимкон аст. Соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла кишоварзии вилояти Хатлон дар даврони солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба мушкилоти камчинии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ва ҳам ба воситаҳои гардон дучор гардидаанд. Ин буд, ки афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ то соли 1997 тамоюл ба пастравӣ дошт. Дар соли 1997 пастравии истеҳсолӣ маҳсулоти кишоварзӣ боз дошта шуд ва дар давоми 10 сол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барқароршавии истеҳсолоти аграрии ҷумҳуриро анҷом дод. Вазъият аз ҳама мушкилтар дар минтақаи Хатлон ба назар мерасид, зеро дар ин минтақа ҷангҳои шаҳрвандӣ боиси аз байн рафтани қариб, ки

тамоми инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ гардида буд. Ба ақидаи баъзе коршиносон зарари моддие, ки ин ҷангҳо ба водии Хатлон расонида буданд, зиёда аз 10 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳанд. Аммо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сиёсати пайгиронаи худ мунтазам бо роҳи гузароинидани ислоҳотҳо, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла бо кумаки созмонҳои байналхалқӣ, иқтисодиёти агросаноатии ин минтақаро барқарор намуд. Нуқтаи нигаронкунандаи ин баҳс дар он аст, ки истеҳсолоти агросаноатии минтақа барқарор шудааст ва ҳатто аз солҳои 1990-1991 дида дар минтақа зиёдтар маҳсулот истеҳсол мешавад. Вале истеҳсолоти агросаноатии минтақа талаботи аҳолии минтақаро бо маводи озуқаворӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда наметавонад. Зеро аҳолии минтақа дар ин фосила 9,4% афзоиш ёфтааст.

Аз ин рӯ, саноатикунонии истеҳсолоти кишвар, ки яке аз ҳадафҳои стартегияи миллӣ барои солҳои 2016-2030 ба ҳисоб меравад, барои истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон айни мудаост. Ҳамзамон, маълум аст, ки барои амалигардонии ин ҳадаф сармоягузориҳо дар ҳаҷмҳои калон зарур мебошад. Махсусан, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ бояд дар ҳаҷми сармоягузориҳои ба соҳаи кишоварзӣ равонашуда тамоюл ба афзоиш дошта бошад.

**Ҷадвали 7. Динамикаи сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар буриши соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон, млн. сомонӣ**

**Table 7. Dynamics of investments in fixed capital in the cross-section of economic sectors of Khatlon region, mln. Somoni**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| С/СА дар ҶТ, млн. сомонӣ | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | +24,8% |
| - С/СА дар ВХ | 2185,1 | 2802,6 | 2623,0 | 2404,9 | 3840,0 | +43,1% |
| 1) С/СА дар с/истеҳ моддӣ, аз ҷумла: | 1459,7 | 2228,9 | 1486,2 | 1103,2 | 1670,4 | +12,6% |
| -саноат | 919,7 | 1842,2 | 1007,8 | 954,7 | 1536 | +40,0% |
| -нақлиёт | 370,8 | 279,1 | 360,5 | 351,3 | 633,6 | +58,5% |
| -кишоварзӣ | 4,6 | 2,6 | 2,0 | 2,4 | 6,2 | +25,8% |
| -дигар соҳаҳои ист/ моддӣ | 164,6 | 105,0 | 115,9 | 120,2 | 153,6 | -6,7% |
| 2) С/СА дар соҳаҳои ғ/истеҳсолӣ, аз ҷумла: | 725,4 | 573,7 | 1136,8 | 1082,2 | 1689,6 | +2,3 мар-ба |
| -маориф | 231,0 | 123,4 | 240,4 | 252,5 | 614,4 | +2,6 мар-ба |
| -тандурустӣ | 100,3 | 93,8 | 228,4 | 195,2 | 345,7 | +3,4 мар-ба |
| -фарҳанг | 55,7 | 59,9 | 205,7 | 216,4 | 307,2 | +5,5 мар-ба |
| -дигар соҳаҳои ғ/истеҳсолӣ | 338,4 | 296,6 | 462,3 | 418,1 | 422,3 | +19,8% |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ. -Душанбе, 2022. -С.312 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021 // Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон. –С.125 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Дар ин раванд мо ҳаҷми сармоягузориҳоро ба сармояи асосӣ дар буриши соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор додем (ҷадвали 7). Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 7, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар соли 2021 нисбати соли 2017 ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба миқдори 24,8% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Хатлон дар ҳамин давра 43,1% зиёд шудаанд. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Хатлон 25,4% ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти вилояти Хатлон дар соли 2021-ум, 43,1%-ро сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 нисбати соли 2017 12,6% тамоюл ба афзоиш дорад. Қобили қайд аст, ки ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҳамин давра 1,6 млн сомонӣ ё худ 25,8% афзоиш ёфтааст. Албатта, чунин тамоюл ба вазъи базаи моддӣ-техникии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ ва омодагии онҳо барои пешбурди истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонад. Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар соҳаҳои ғайриистеҳсолии иқтисодиёти вилояти Хатлон дар давраи таҳлил 2,3 маротиба афзоиш ёфтаанд. Ҳиссаи ин навъи

сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти вилояти Хатлон 56,9%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳлили арзёбии ҳолати сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон, ба мо имкон дод, ки оид ба масъалаи номбурда чунин натиҷагириҳо намоем.

1. Вилояти Хатлон яке аз вилоятҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати масоҳат ва ҳам аз ҷиҳати шумораи аҳолии қобили меҳнат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, маҳз тавассути истифодаи самараноки заминҳои дар ихтиёри соҳаи кишоварзӣ қарордоштаи вилоят, метавонад истеҳсолоти соҳаи кишоварзиро баланд бардошта, корхонаҳои КАС-и вилоятро бо ашёи хоми зарурӣ таъмин намояд.

2. Барои рушди истеҳсолоти аграрии минтақа, бахусус саноатикунонии он, пеш аз ҳама, дараҷаи механизатсия ва автоматизатсияи истеҳсолоти кишоварзиро баланд бардоштан зарур аст. Маълум аст, ки ин амал бо роҳи афзоиш ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ба даст меояд.

3. Таҳлил нишон дод, ки мавҷудияти мошинолоти соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар давраи таҳлил, ҳолати нигаронкунанда дорад. Зеро баъди солҳои 1991 шумораи мошинолоти кишоварзӣ тамоюли камшавӣ доранд. Масалан, дар давраи таҳлил танҳо автомобилҳои боркаш 31,4% кам шудаанд. Ин дар навбати худ ба рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад. Чунки дар шароити муосир соҳаи мазкурро бидуни мавҷудияти техникаву технологияи замонавӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

4. Ҳолати бакордарории фондҳои асосии истеҳсолӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон, аз ҷумла соҳаи кишоварзии он хело ҳам боиси ташвиш аст. Масалан, танҳо дар давраи таҳлил, ин нишондиҳанда дар соҳаи кишоварзӣ 21,7% тамоюли камшавӣ дорад.

5. Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон бо техникаву технологияи навтарин баҳисоб меравад. Вале ҳолати нигаронкунанда дар он аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон тамоюл ба пастравӣ дорад. Масалан, ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҳамин давра 1,6 млн сомонӣ ё худ 25,8% кам шудааст. Бинобар ин, Ҳукумати вилояти Хатлонро зарур меояд, ки ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Зеро бидуни фаъолгардонии сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти кишоварзии вилоят натиҷаҳои дилхоҳро ба даст овардан ғайриимкон аст.

6. Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазъи начандон фаъоли сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ва истифодаи начандон самараноки сармояҳои дар фаъолияти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон анҷомпазируфта, таъсири мустақими худро ба нишондиҳандаҳои фондтаъминӣ ва фондмусаллаҳии меҳнати истеҳсолоти кишоварзӣ расониданд, яъне ин нишондиҳандаҳо дар давраи таҳлил тамоюл ба пастравӣ доранд. Фондтаъминии истеҳсолоти кишоварзии вилоят дар соли 2021 нисбати ба соли 2017 79,9% ва фондмусаллаҳии меҳнат дар ҳамин давра 74,9% зиёд шудааст.

Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, яке аз воситаҳои асосии таъмини истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон бо техникаву технологияи навтарин баҳисоб меравад. Вале ҳолати нигаронкунанда дар он аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон тамоюл ба пастравӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазъи начандон фаъоли сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ва истифодаи начандон самараноки сармояҳои дар фаъолияти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон анҷомпазируфта, таъсири мустақими худро ба нишондиҳандаҳои фондтаъминӣ ва фондмусаллаҳии меҳнати истеҳсолоти кишоварзӣ расониданд, яъне ин нишондиҳандаҳо дар давраи таҳлил тамоюл ба пастравӣ доранд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Омори солонаи вилояти Хатлон дар соли 2022 // Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар: Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2020. -315 с.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -702 с.

3. Исайнов Х.Р. Приоритетные направления привлечения прямых инвестиций в освоение природно-ресурсного потенциала региона / Х.Р. Исайнов, Д.А. Ходиев, Х.А. Хофизов // Аудит и финансовый анализ. - 2018. -№2. - С.270-274.
4. Тагоев Дж.Х. Проблемы активизации инвестиционной деятельности предприятий (на материалах аграрного сектора Республики Таджикистан): автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Дж.Х. Тагоев. –Душанбе, 2004. -24 с.
5. Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозяйственных предприятий РТ) / Дж.Х. Тагоев. –Душанбе: Ирфон, 2009. -140 с.
6. Тағоев Ҷ.Ҳ. Тамоюлоти рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он / Ҷ.Ҳ. Тағоев, А.М. Холов // Паёми ДМТ. -Душанбе, 2022. -№6(317). -С.22-30.
7. Тағоев Ҷ.Ҳ. Усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои КАС / Ҷ.Ҳ. Тағоев, А.М. Холов // Тоҷикситон: иқтисод ва идора. -Душанбе, 2021. -№3(147). - С.27-38.
8. Узакова Г.М. Некоторые аспекты проблемы инвестирования в реальные сектора-экономики РТ / Г.М. Узакова. - Худжанд: Нури маърифат, 2007. -С.224-228.
9. Уроков Д.У. Финансово-кредитные рычаги оздоровления экономики Таджикистан / Д.У. Уроков, Х. Шарипов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2001 -№4. -С.48-59.
10. Ушаков И.И. Как привлечь инвестиции / И.И. Ушаков. -СПб.: Питер, 2006. -224 с.
11. Хайдаров А. Проблемы монетарного регулирования в условиях переходной экономики / А. Хайдаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2001 -№4. -С.78-87.
12. Ҳисботи Вазорати Рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022. -55 с.
13. Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022. -86 с.
14. Хофизов Х.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты. Монография / Х.А. Хофизов, Д.А. Ходиев. -Душанбе, 2020. -200 с.
15. Хофизов Х.А. Оценка инвестиционного обеспечения эффективного использования природно-ресурсного потенциала: эколого-экономические аспекты / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№3. -С.23-32.
16. Шарп У. Инвестиции / У. Шарп, Г. Александер, Дж. Бейли; пер. с англ. -М.: ИНФРА-М, 2006. –XII. -1028 с.

## БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ САРМОЯГУЗОРИҲО БА САРМОЯИ АСОСӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Дар мақола муаллиф ҳолати сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти комплекси агросаноатии вилояти Хатлонро мавриди таҳлил, омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор додааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ, ҳолати таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо техника ва мошинолоти кишоварзии ба талаботи муосир мувофиқ, нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, бакордарорӣ ва таъмини корхонаҳои КАС-и вилояти Хатлон бо фондҳои асосӣ ва динамикаи рушди сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон таҳлилу арзёбӣ гардидаанд. Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, яке аз воситаҳои асосии таъмини истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон бо техникаву технологияи навтарин баҳисоб меравад. Вале ҳолати нигаронкунанда дар он аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон тамоюл ба пастравӣ дорад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазъи начандон фаъоли сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ва истифодаи начандон самараноки сармояҳои дар фаъолияти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон анҷом пазируфта, таъсири мустақими худро ба нишондиҳандаҳои фондтаъминӣ ва фондмусаллаҳии меҳнати истеҳсолоти кишоварзӣ расониданд, яъне ин нишондиҳандаҳо дар давраи таҳлил тамоюл ба пастравӣ доранд. Дар баробари ин, муаллиф барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон, махсусан соҳаи КАС ва таъмини он бо сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ хулосаву тавсияҳои мушаххас пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, сохторҳои сармоягузориҳо, минтақаҳо, соҳаҳо, комплекси агросаноатӣ.

## ОЦЕНКА СОСТОЯНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В ОСНОВНОЙ КАПИТАЛ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье автор проанализировал, изучил и оценил состояние инвестиций в основной производственный капитал агропромышленного комплекса Хатлонской области. Также в данной статье рассмотрены показатели экономического и социального развития, состояния обеспеченности сельскохозяйственных хозяйств сельскохозяйственными машинами и оборудованием в соответствии с современными требованиями, показатели эффективного использования капитально-производственных фондов в сфере сельского хозяйства, занятости и снабжения КАС. Проанализированы и оценены основные фонды предприятий Хатлонской области и динамика инвестиционного развития в основной капитал отраслей экономики Хатлонской области. Инвестиции в основной капитал считаются одним из основных средств обеспечения сельскохозяйственного производства Хатлонской области новейшими технологиями. Однако тревожной ситуацией является то, что данный показатель имеет тенденцию к снижению в аграрном секторе Хатлонской области. Анализ показал не очень активное состояние инвестиций в основной капитал и не очень эффективное использование капитала в деятельности сельскохозяйственных предприятий и хозяйств Хатлонской области, которые оказывают прямое влияние на

показатели обеспеченности средствами и трудовыми ресурсами сельскохозяйственного производства, то есть данные показатели имеют тенденцию к снижению за период анализа. При этом автор представил конкретные выводы и рекомендации по развитию отраслей экономики Хатлонской области, особенно сектора КАС и его обеспечению реальными инвестициями.

**Ключевые слова:** инвестиции, инвестиционная деятельность, капитальные вложения, инвестиционные структуры, регионы, отрасли, агропромышленный комплекс.

**ASSESSMENT OF THE STATE OF INVESTMENT IN FIXED CAPITAL OF AGRO-INDUSTRIAL PRODUCTION IN KHATLON REGION**

In the article, the author analyzed, studied and assessed the state of investment in fixed production capital of the agro-industrial complex of the Khatlon region. This article also examines indicators of economic and social development, the state of provision of agricultural farms with agricultural machinery and equipment in accordance with modern requirements, indicators of the effective use of capital and production assets in the field of agriculture, employment and supply of UAN. The fixed assets of enterprises in the Khatlon region and the dynamics of investment development in the fixed capital of the economic sectors of the Khatlon region are analyzed and assessed. At the same time, the author presented specific conclusions and recommendations for the development of sectors of the economy of the Khatlon region, especially the UAN sector and its provision with real investments. Investments in fixed assets are considered one of the main means of providing agricultural production in the Khatlon region with the latest technologies. However, the alarming situation is that this indicator tends to decrease in the agricultural sector of the Khatlon region. The analysis showed a not very active state of investment in fixed assets and the not very effective use of capital in the activities of agricultural enterprises and the economy of the Khatlon region have a direct impact on the indicators of the availability of funds and labor resources in agricultural production, that is, these indicators tend to decrease over the period of analysis.

**Keywords:** investments, investment activity, capital investments, investment structures, regions, industries, agro-industrial complex.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холов Абдулҳамид Мирзомадович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-32-30-94**. E-mail: **hamid94_94@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Холов Абдулхамид Мирзомадович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-32-30-94**. E-mail: **hamid94_94@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kholov Abdulhamid Mirzomadovich*** – Tajik National University, applicant for the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 918-32-30-94.** E-mail: **hamid94_94@mail.ru**

ТДУ: 635.8.3.

# БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шарифов З.Р., Ахмедов Д.Ҳ.*

**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур,**

**Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии АИКТ**

Пеш аз ҳама қайд намудан зарур аст, ки дар шароити муосир, яке аз хусусияти нисбатан паҳнгардидаи ташкили низоми иқтисодӣ, сатҳи баланди рушди бозор ва муносибатҳои бозорӣ ба шумор меравад. Бозор тавассути механизми рақобат ба тақсими сарфакоронаи захираҳо (захираҳо барои истеҳсоли молҳои ба ҷомеа зарурӣ) мусоидат намуда, аз ҷиҳати моддӣ ба молистеҳсолкунандагон барои таъмини талабот ва иҷрои ҳавасмандӣ тавассути талабот шароит фароҳам оварда, вобаста ба ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот таъсир мерасонад. Ҳамчунин, бозор дорои хусусияте мебошад, ки иқтисодиётро аз корхонаҳои зиёновар, пардохтнопазир, норасоии маҳсулот ва хизматрасониҳои истеъмолӣ озод намуда, ба устувории он мусоидат менамояд. Ҳангоми мавҷудияти маҳдуди иттилоот, бозор метавонад фаъолияти худро муваффақона идома дода, дар ин ҳолат ба нархҳои бозорӣ такя мекунад, ки аз он дар бораи мавҷудият ё набудани маҳсулот, миқдор ва сифат, хароҷоти истеҳсоли маҳсулот, инчунин, маҳсулоти ба истеъмолгарон манфиатовар ва даромаднок маълумот гирифтан мумкин аст.

Бозор ба тағйиротҳо зуд мутобиқ шуда, натиҷаҳои дастовардҳои илмию техникиро босамар истифода мебарад, инчунин, интихоби озод ва фаъолияти соҳибкориро таъмин месозад.

Дар адабиёти иқтисодӣ қайд карда шудааст, ки баъзе вазифаҳои бозор аз якдигар фарқ мекунанд: фаъолсозии манфиатҳои иқтисодӣ, баланд бардоштани таваҷҷуҳи иқтисодиёт ба пешрафти илмӣ-техникӣ, ворид кардани қувваҳои истеҳсолкунанда ба як низом, ҳавасмандгардонии фаъолияти самараноки иқтисодӣ, кам кардани талабот ба истеҳсолот, фароҳам овардани шароит барои самаранокии ҳамкориҳои меҳнатӣ ва ғайра.

Аз иҷрои вазифаҳои зикршуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки нақши бозор, пеш аз ҳама, барои дарёфти роҳи оптималии ҳалли масъалаҳои чӣ, чӣ гуна ва барои кӣ истеҳсол кардан; таъмини тавозуни талабот ва пешниҳод, инчунин, рушди мутавозини иқтисодиёт хеле бузург аст.

Бояд қайд намуд, ки амнияти озуқаворӣи кишвар, инчунин, баланд бардоштани сатҳи он бо истеҳсоли маҳсулоти худӣ, асосан аз суботи иқтисодӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ вобаста аст. Дар шароити рушди муносибатҳои бозаргонӣ давлат бояд истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи худиро дар чунин сатҳе роҳандозӣ намояд, ки меъёрҳои ҳадди ақали аз нигоҳи илм асоснокшуда барои истеъмоли аҳолӣ таъмин карда шаванд, зеро диққати бештар додан ба афзоиши ҳиссаи воридоти молу маҳсулоти ғайрихудӣ, метавонад устувории бозори дохилии кишоварзиро коҳиш диҳад ва дар маҷмуъ ба тамоми ҷанбаҳои иқтисодиёти кишоварзӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми бозори аграрӣ васеъ истифода мешавад, ки аксар вақт он бо мафҳуми бозори маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки бозори кишоварзӣ як низоми муносибатҳои иқтисодиест, ки бо иштироки муассисаҳои мухталиф ташкил карда шуда, истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва мубодилаи онро бо истеъмолкунандагон таъмин ва танзим менамояд.

Бозори маҳсулоти кишоварзӣ дорои хусусиятҳои хос буда, мавзуи фурӯш ва хариди маҳсулоти кишоварзӣ дар ин ҷо, на танҳо ҳамчун ғизо, балки ҳамчун воситаи истеҳсолот барои дигар соҳаҳо низ маҳсуб меёбад. Аммо дар шароити кунунии кишвар, хусусиятҳои зикршуда ба таври зарурӣ инъикос намеёбанд.

Бинобар ин, барои таъмини чунин шароит, дар кишвар бояд бозори мутамарказу шаффофи маҳсулоти кишоварзӣ фаъолият кунад, ки ин барои интиқоли маҳсулоти озуқаворӣ тавассути звеноҳои чун занҷир пайвастшуда, яъне аз истеҳсолкунандаи ашёи хом ва таъмин намудани саноат бо ашё то истеъмолкунандаи ниҳоӣ бо маҳсулоти озуқаворӣи истеҳсолоти худӣ, имкон медиҳад.

Бозори маҳсулоти кишоварзӣ сохторӣ ба ҳисоб рафта, дар навбати худ як қатор бозорҳои соҳавиро дар бар мегирад, аз ҷумла: бозори ғалладонагӣ, бозори шир, бозори гӯшт, бозори паранда, бозори сабзавот, бозори меваҷот ва ғайра.

Бозори меваҷот – қисми таркибии бозори кишоварзии кишвар буда, зери мафҳуми он муноситабҳои додугирифти маҳсулот байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон фаҳмида мешавад.

Бозори маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ якчанд бозори махсусгардонидашударо дар бар мегирад. Ба монанди:

- бозори меваҷоти тару тоза;
- бозори хушкмева;
- бозори консерваи мева ва ғайра.

Бозори маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ ва нархи маваю ангур одатан аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосии соҳа аз ҷумла, зиёд шудани масоҳати боғу токзор, афзоиши ҳосили меваю ангур ва кам шудани сатҳи воридот тавсиф карда мешавад.

Соҳаи боғу токпарварӣ дар хоҷагии халқ аҳаммияти бузург дошта, мҳсулоти он (мева ва буттамевагиҳо) маводи пурарзиши ғизоӣ маҳсуб меёбад. Меваҷот манбаи асосии қанд, кислотаҳои органикӣ, намакҳои маъданӣ ва дигар моддаҳои пурарзиши ғизои ҳастанд. Хусусан, меваҳои тару тоза аз витаминҳои барои организми инсон ниҳоят зарурӣ бой мебошанд. Бисёр меваҷот ҳамчун ғизои шифобахш барои муолиҷаи бемориҳои ҷигар, фишори хун ва ғайра истифода бурда шуда, онҳо ҳамчун ашёи хом барои саноати консервабарорӣ аҳаммияти хеле калон доранд. Зеро аз онҳо шарбату нӯшоба, полудаву афшурда, повидло, мураббо ва хушкмеваҳо омода мекунанд, ки барои талаботи аҳолӣ дар даврҳои зимистону баҳор хеле муфид аст.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори меваи тару тоза мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Ин тамоюли афзоиш, пеш аз ҳама, зиёд шудани масоҳати боғу токзор ва аз ҳаҷми истеҳсоли меваю ангур вобаста аст. Вале бояд зикр кард, ки таъмини аҳолӣ бо меваҷот, каму беш аз воридот низ вобастагӣ дорад. Масалан, меваҳои субтропикӣ (банан, киви, хурмои хушккардашудаи эронӣ ва ғайра) ва ситрусиҳо (афлесун, мандарин, ананас ва ғайра) бо мақсади таъмини талаботҳои аҳолии Тоҷикистон аз хориҷ ворид карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар байни минтақаҳои истеҳсолкунандаи меваю ангур, вилояти Хатлон пешсафиро аз худ намуда, аммо дар коркарди онҳо вилояти Суғд мавқеи бузургро ишғол кардааст. Аз ин рӯ, вилояти Суғд бозори меваҷоти коркардашударо ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳам дар минтақа аз худ кардааст.

Меваи тару тоза ҳамчун маҳсулоти бештар истеъмолшаванда ба шумор меравад, ки дар сабади истеъмолии тоҷикон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд.

Тибқи меъёрҳои истеъмоли ғизо, ки аз ҷониби Институти ғизои назди Академияи илмҳои тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, истеъмоли мева ва буттамевагӣ дар як сол ба як нафар на бояд аз 76 килограмм кам бошад.

Бозори меваҷотро ба якчанд қисмҳо тақсим намудан мумкин аст. Ба қисми аввал он меваҳое дохил мешаванд, ки талаботи мавсимӣ доранд. Ба ин меваҳо нок, себ ва олуи истеҳсоли ватанӣ, зардолу, шафтолу, ангур, гелос, олуболу, қулфинай, малина (тамашк), малмиҷон ва дигар намудҳо меваҳои истеҳсоли ватанӣ мебошанд. Ин меваҳо асосан дар фасли тобистон истеъмол карда мешаванд. Илова бар ин, қисми бештари талабот ба себ, ангур ва зардолу аз ҳисоби истеҳсоли ватанӣ таъмин карда мешаванд. Ба қисми дигар бошад, меваҳои воридотӣ мансубанд, ки нархи он нисбат ба маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ хеле баланд мебошад.

Бояд қайд кард, ки бозори маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

***Якум,*** *истеҳсоли маҳсулот ва ба бозор пешниҳод намудани он аз шароитҳои иқлимӣ (обу ҳаво) вобаста аст.* Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ бунёди боғу токзор, махсусан боғҳои интенсивию суперинтенсивӣ ҷараёни босуръат доранд. Тибқи маълумоти оморӣ, майдони боғу токзор дар маҷмуъ соли 2022 ба 199 ҳазор гектар расидааст ва аз майдони зикршуда 721 ҳазор тонна меваю ангур ҷамъоварӣ карда

шуд, ки имрӯз ба қадри имкон бозори истеъмолии кишвар таъмин ва сатҳи нархҳо паст гардидаанд.

Аз таҳлили маълумоти оморӣ бар меояд, ки майдони боғу токзор соли 2020 нисбат ба соли 2016 – 9,2 ва ҷамъоварии меваю ангур дар ин давра – 24,5% афзоиш ёфтааст. Ҳосилнокии боғот бошад, дар давраи зикрёфта – 13,9 ва ҳосилнокии токзорҳо бошад – 8,6% зиёд гардидааст.

Фаъолияти назарраси соҳаи боғу токпарварӣ аз мусоид омадани боду ҳова дар давраи солҳои 2018-2022 шаҳодат медиҳад, аммо ин доимӣ нест. Офатҳои табиӣ (*боришоти зиёди атмосферӣ*) баъзан маврид ба ин равандҳо таъсири худро мерасонанд.

***Дуюм,*** *маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ хусусияти зудвайроншавӣ ва талафёбии зиёд дорад, ки ин зарурати бунёди иншооти нигаҳдориро тақозо менамояд.*

***Сеюм,*** *маҳсулоти соҳаи боғу такпарварӣ талаботи кафолатнок дорад.* Ин маънои онро дорад, ки таркиби меваҷот дорои моддаҳои минералӣ ва витаминҳои зиёд мебошад. Аз ин рӯ, соҳаи тиб тавсия медиҳад, ки инсон дар баробари истеъмоли дигар маводи ғизоӣ, бояд меваҷоти тару тоза ва ё коркардшударо ҳамарӯза истеъмол намояд. Ҳамин тариқ, маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ талаботи зиёд ва дар бозори озуқаворӣ нисбат ба дигар маҳсулоти кишоварзӣ рақобатпазирии баланд дорад.

Бояд зикр намуд, ки хусусиятҳои зикршуда ба аксар маҳсулоти кишоварзӣ хос аст ва ин хусусиятҳо ҳангоми батанзимдарории нарх мумкин аст истифода шаванд.

Маврид ба ёдоварист, ки фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, махсусан меваҷот дар шароити имрӯза роҳу воситаҳои гуногун дорад, ба монанди:

- фурӯш тавассути давлат;
- фурӯш тавассути бозор;
- фурӯш тавассути корхона (хоҷагӣ)-ҳои истеҳсолкунанда ва ғ..

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истеҳсоли тамоми маҳсулоти кишоварзӣ, махсусан маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ хусусияти мавсимӣ дошта, аз таъсири омилҳои табиӣ вобаста аст. Масалан, боришоти зиёди атмосферие, ки соли 2015 дар вилояти Суғд ба амал омада буд, ба ҳосилнокии тамоми боғу токзори вилоят таъсири ҷиддӣ расонид. Вилояти Суғд, ки истеҳсолкунандаи асосии меваи зардолу ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳам дар минтақа ба шумор меравад, инчунин, ба ҳайси таъминкунандаи асосии зардолуи тару тоза ва коркардшуда дар бозорҳои минтақа баромад мекунад, аз таъсири ин офати табиӣ, бозори худро қариб аз даст дод.

Бояд қайд кард, ки аз тарафи дигар бозори на ҳама навъҳои меваҷот аз обу ҳаво вобаста аст. Масалан, лиму, ки дар шароити гармхона парвариш меёбад, ҳангоми тағйирёбии обу ҳаво ҳифз карда мешавад (яъне, ин аз донишу тачрибаи лимупарварон вобастааст). Аз ин рӯ, ба ҳосилнокии он осебе намерасад. Ҳамин тариқ ҳаҷми банақшагирифтаи лиму истеҳсол карда шуда, нархи он дар бозори кишоварзӣ кам лаппиш мехӯрад.

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки барои танзими нархи маҳсулоти кишоварзӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Яке аз ин омиле, ки ба болоравии нархи маҳсулоти кишоварзӣ таъсири бешрат мерасонад, ин фаъолияти миёнаравон мебошад. Имрӯз дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ фаъолияти миёнаравон ба ҳукми анъана даромада, маҳсулот аз истеҳсолкунанда то ба дасти истеъмолкунанда расидан, аз дасти ду ё се миёнарав мегузарад, ки ин ба нархи он арзиши иловагиро зам мекунад. Инчунин, ин ҳолат ба амалишавии таъмнини амнияти озуқаворӣ ва фаъолияти деҳқонон таъсири манфӣ расонида, деҳқонон дар бозор маҳсулоташонро озодона фурӯхта наметавонанд ва ин боиси руҳафтодагии онҳо мегардад.

Ба ақидаи мо, фароҳам овардани шароитҳо ҷиҳати мавқеъ гирифтани деҳқон дар бозори озуқаворӣ, метавонад шумораи миёнаравонро кам кунад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар ҳар як минтақаи сераҳолии кишвар, бозорҳои махсусгардонидашудаи маҳсулоти кишоварзӣ бунёд карда шаванд ва дар бозорҳои мазкур барои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ баштар деҳқонон имкон дошта бошанд. Зеро ин, ҳам ба коҳишёбии нархи маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳам ба ҳавасмандии деҳқонон мусоидат менамояд. Инчунин, ба бovарӣ гуфтан мумкин аст, ки дар ин асос ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти

кишоварзӣ зиёд мегардад ва дар дурнамои наздиктарин масоили таъмини амнияти озуқаворӣ ҳалли худро меёбад.

Дар баробари ин, омилҳои зиёде низ ҳастанд, ки баръакс ба танзим ва пешгирии болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат менамояд. Ташкили ярмака – фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ яке аз муҳимтарини ин омилҳо мебошад.

Тибқи маълумоти расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар сол ярмарка – фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ташкил карда мешавад, ки дар онҳо маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ ба фурӯш бароварда мешаванд. Махсусан, соли 2022 дар ҷамҳурӣ даҳ маротиба чунин ярмаркаҳо ташкил гардиданд, ки дар онҳо беш аз 3 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои нисбатан арзон пешкаши аҳолӣ карда шуд. Аз маълумоти мазкур бар меояд, ки соли 2022 тақрибан дар якуним моҳ 1 маротиба ярмарка – фурӯши маҳсулот ташкил гардидааст. Вале барои ҳалли ҳадафҳои зикршуда ин нокифоя аст. Бинобар ин, беҳтар мебуд, ки чунин ярмаркаҳо дар як моҳ ду маротиба ташкил мегардид. Зеро ин барои паст намудани сатҳи нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар бозор ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории нисбатан арзон мусоидат менамояд.

Вобаста ба омилҳои дар боло зикршуда, инчунин, дар алоқамандии минтақавӣ будани парвариши дарахтони мевадиҳанда, нархи меваҷот дар бозорҳои кишвар гуногун аст. Ва бо дарназардошти истифодаи усулҳои муосири бунёди боғот, инчунин, рушди нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи боғу токпарварӣ, нархи меваҷот сол то сол паст шуда истодааст. Инро аз ҷараёни пастшавии нархи себ мушоҳида кардан мумкин аст. Таҳлили нархи миёнаи себ дар ҷадвали 1 инъикос ёфтааст.

Зиёда аз 45%-и боғоти ҷумҳуриро дарахтони меваҳои тухмакдор ташкил медиҳанд. Дар байни онҳо дарахти себ аҳаммияти бештар дорад. Себ навъҳои зиёде дорад, ки онҳо аз рӯйи хосияти дарозумрӣ, муҳлати бороварӣ, ба хунукӣ тобовар буданашон аз якдигар фарқ мекунанд. Себ ба ҳарорати то – 30°С тобовар аст. Себ вобаста ба навъҳояш ба тобистона, тирамоҳӣ ва зимистона мешаванд. Меваи себро дар шакли тару тоза ё хушккардашуда (қоқи себ) истеъмол менамоянд.

**Ҷадвали 1. Нархи миёнаи себ дар моҳи апрели солҳои 2022-2023**
**Table 1. The average price of apples in April 2022-2023**

*килограмм/сомонӣ*

| Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ | Номгӯйи шаҳру ноҳияҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ш. Душанбе | ш. Хуҷанд | ш. Бохтар | ш. Хруғ | ш. Кӯлоб | н. Турсунзода | н. Ҳисор | н. Ваҳдат | н. Рашт |
| Нархи миёнаи себ дар моҳи апрели солҳои: 2020 | 12,10 | 7,00 | 6,00 | 7,00 | 9,00 | 6,50 | 6,80 | 12,00 | 9,00 |
| 2021 | 12,70 | 8,00 | 8,00 | 11,00 | 12,00 | 9,00 | 8,30 | 12,90 | 9,50 |
| Коҳишёбии нархи миёнаи себ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022, бо сомонӣ (+/-) | + 0,60 | - +1,00 | - 2,00 | +4,00 | -3,00 | +2,50 | +1,50 | +0,90 | +0,50 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвал бар меояд, ки нархи миёнаи себ дар бозорҳои марказии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (*ба ғайр аз бозори марказии ш. Хоруғ*) моҳи апрели соли 2023 нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи қариб 40% қимат шудааст. Вале гуфтан зарур аст, ки дар арафаи Иди Фирт, нархи меваҷот, инчунин, тамоми маҳсулоти кишоварзӣ бамаротиб қимат гардид, ҳарчанд он бояд арзон мешуд.

Хулоса, агар ба соҳаи боғу токпарварӣ аз тарафи мусбӣ назар намоем, маҳсулоти он дар номгӯйи маҳсулоти сабати истеъмолӣ мақоми хос ва дар номгӯйи маҳсулоти содиротии кишвар (*яъне дар шакли тарур тоза ва коркардшуда*) мавқеи аввалро ишғол

менамояд. Бинобар ин, хуб мешуд, ки барои таҳлили бозор ва нархи маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳа хусусан, нархи меваҷоте, ки аҳаммияти истеъмолию тиҷоратии бештар доранд, ба монанди ангур, зардолу, лиму ва ғайра дар саҳифаҳои омори кишоварзӣ инъикос мегардиданд. Инчунин, бозори фурӯши маҳсулоти мо бештар ба мамлакатҳои муштаракулманофеъ равона буд, аммо айни замон диверсификатсияи бозори фурӯш ташаккул ёфта, самти содирот гуногун гашта истодааст.

### АДАБИЁТ


1. Ахмедов Д.Х. Диверсификация сельскохозяйственного производства в условиях рыночной экономики / Д.Х. Ахмедов // Сборник научных статей. Теоретический и научно-практический журнал «Земледелец» Таджикского национального университета им. Ш.Шотемура. -Душанбе, 2020. –С.214-217.
2. Ахмедов Д.Х. Проблемы эффективности садово-виноградарческого подкомплекса Таджикистана. Монография / Д.Х. Ахмедов, Бобоазиззода Ш.А. –Душанбе, 2019. –С.128.
3. Ахмедов Д.Ҳ. Механизми рушди устувори боғу токпарварӣ дар вилояти Хатлон / Д.Х. Ахмедов, Ш.А. Бобоазиззода // Паёми ДОТ ба н.Айнӣ – 2015. -№5(66). -С.110-114.
4. Глатко А.В. Размещение и современное состояние садоводства в Алтайском крае / Глатко А.В. // Вестник ОГУ. – 2005. -№2. –С.83-86.
5. Иванникова Л. Рынок крупного рогатого скота и говядины / Л. Иванникова // Эк-ка с/х России. – 1998. -№9. -36 с.
6. Икромова М. Садоводство и виноградарство Таджикистана / М. Икромова // Сборник научных трудов. – Душанбе, 1991. –С.31.
7. Мадаминов А.А. Состояние и развитие продуктов растениеводства в Республике Таджикистан / А.А. Мадаминов, Бобоазиззода Ш.А., Д.Х. Ахмедов // Сборник научных статей. Теоретический и научно-практический журнал «Земледелец» Таджикского национального университета им. Ш.Шотемура. -Душанбе, 2018. -№4. –С.170-175.
8. Махмудова Ш.Х. Формирование и развитие рынка садоводческой продукции Республики Таджикистан: диссертация / Ш.Х. Махмудова. –Душанбе, 2009. -81 с.
9. Маҷмааи омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023.
10. Носиров Р. Некоторые особенности повышения эффективности садоводства / Р. Носиров, Г. Мирзоев // Кишоварз. 2011. - №3.
11. Рахимов Ш. Состояние и перспективны развития виноградарства в Узбекистане. [Электронный ресурс]. URL: www. Ifc.uz/cbeddce.
12. Садриддинов Н.Т. Роль садово-виноградарческого комплекса а республике / Н.Т. Садриддинов // Кишоварз. – 2016. -№1. -С.65-67.
13. Серова Е.В. Аграрная экономика. Оценка экономической эффективности садоводства / Е.В. Серова. –М., 1995. -С.506.
14. Шарифов З.Р. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного механизма АПК / З.Р. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2008. -359 с.
15. Эргашов А.Э. Современные формы становления и развития многообразия форм собственности в аграрном секторе экономики / А.Э. Эргашов, А.С. Исмаилов. -Душанбе, 2004. -188 с.


### БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур ҳолати бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва нархи он дар шароити иқтисоди бозоргонии Ҷумҳурии Тоқикистон таҳлили илмӣ-амалӣ гузаронида шуда, инчунин, истеҳсолкунандаи асосии меваи зардолу ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳам дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ёдовар мешавем, ки ба ҳайси таъминкунандаи асосии зардолуи тару тоза ва коркардшуда дар бозорҳои ватанӣ ва минтақавӣ асосан вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Ҳамзамон, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ вобаста ба идоракунии бозорҳои меваҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифта, пешниҳодҳо барои дуруст ба роҳ мондани ҳолати дуруст инъикос намудани маълумотҳои оморӣ вобаста ба нархи маҳсулотҳои кишоварзӣ ба роҳ монда шудааст. Бояд қайд кард, ки яке аз самтҳои ояндадори соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин боғу токпарварӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ба стандартҳои ҷаҳонии бозори озуқаворӣ ҷавобгу буда, инчунин дорои сертификатҳои байналмилалии озуқаворӣ буда, барои баромадан ба бозорҳои озуқаворӣии хориҷӣ кишвар бояд тамғаҳои молии худро дошта бошад.



**Калидвожаҳо:** бозор, боғдорӣ, токпарварӣ, маҳсулот, мева, нарх, гектар, фуруш, ҳосилнокӣ, истеҳсолот, амнияти озуқаворӣ, ярмарка.


### РЫНОК САДОВО – ВИНОГРАДАРЧЕСКОЙ ПРОДУКЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Про причинение имущественного ущерба, фактическое имущество, которое может быть удержано, не передается в собственность виновному, но наносится ущерб его владельцу.

Мошенничество часто включает в себя передачу имущества или материальных ценностей от потерпевшего мошеннику на основе обмана.

При причинении имущественного ущерба выгода для виновного может выражаться в удержании или ограничении доступа к имуществу.

При мошенничестве, выгода заключается в незаконном приобретении чужого имущества, например, денег, ценных бумаг, услуг.

При причинении имущественного ущерба ущерб может произойти путем удержания или ограничения владения собственника.

Мошенничество включает в себя манипуляции, обман, ложные представления, чтобы добиться передачи имущества [14].

Разграничение по характеру нанесенного материального ущерба собственнику.

Ущерб при причинении имущественного ущерба может выражаться в потере доступа, утрате возможности пользования имуществом.

Обычно мошенничество приводит к фактической утрате имущества или права на него у потерпевшего.

Эти различия помогают выделить особенности каждого вида преступления и ориентироваться в их правовой квалификации.

Таким образом, отличие причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием следует проводить от присвоения или растраты. В этой связи виновные в обоих случаях используют отношения доверия к ним со стороны собственника или иного законного владельца имущества, кроме таких, как при мошенничестве, а также характер правомочий на получение и оприходование чужого имущества возникновения права собственности на передаваемые имущества [15].

В данном случае, ущерб заключается в фактическом удержании или ограничении доступа к имуществу, принадлежащему другому лицу. Виновный не обязательно присваивает собственность, но может удерживать ее, вредя интересам собственника.

Присвоение подразумевает незаконное присвоение собственности или имущества другого лица. Растрата связана с незаконным расходованием имущества, которое было передано в управление, но осталось собственностью другого [4].

В обоих случаях (при обмане или злоупотреблении доверием) используется доверие со стороны собственника или иного законного владельца имущества. Виновные нарушают это доверие, чтобы причинить ущерб или извлечь выгоду.Отношения доверия при присвоении и растрате также могут существовать, но они могут отличаться. Например, в случае присвоения, лицо может незаконно завладеть имуществом, которое ему было передано на временное управление. В случае растраты, незаконное использование имущества может осуществляться без соблюдения условий, предусмотренных соглашением.

При причинении имущественного ущерба акцент делается на использовании доверия и правомочий по обращению с имуществом без фактического перехода права собственности.

В случае присвоения, виновный может фактически присвоить права собственности. В случае растраты, право собственности остается, но лицо незаконно расходует или использует имущество.

В итоге, хотя во всех этих случаях есть нарушение доверия и причинение ущерба, специфика преступления зависит от характера действий, направленных на незаконное использование или удержание имущества.

**Рецензент: д.ю.н., профессор ТНУ - Назаров А.К.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Борзенков Г.Н. Преступления против собственности в новом Уголовном кодексе РФ / Г.Н. Борзенков // Юридический мир. -№ 6-7. - 1997. -С. 39-50.
2. Вопросы квалификации и расследования преступлений в сфере экономики: Сб. научных статей. Под ред. Н.А. Лопашенко, В.М. Юрина, А.Б. Нехорошева. Саратов, 1999. -240 с.
3. Клейменов М.П. Криминологическая характеристика и профилактика мошеннических посягательств на личную собственность. Учеб. пособ./ М.П. Клейменов. -Омск, 1980. – 92 с.
4. Кригер Г.А. Ответственность за причинение имущественного ущерба государству или общественным организациям путем обмана или злоупотребления доверием / Г.А. Кригер //Соц. законность. -№3. -1980. -С.35-36.
5. Литвинов В.И. Корыстные посягательства на личную собственность и их предупреждение / В.И. Литвинов. - Минск: Изд. "Университетское", 1989. – 269 с.
6. Ляпунов Ю.И. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием и смежные составы преступлений / Ю.И. Ляпунов // Соц. законность. -№8. - 1978. -С .41-44.
7. Маргуновский А.Д. Уголовно-правовые проблемы борьбы с мошенничеством / А.Д. Маргуновский. - Ташкент, 1979. – 46 с.
8. Панов Н.И. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: Дис. канд. юрид. наук / Н.И. Панов. - Харьков, 1973.
9. Панов Н.И. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием / Н.И. Панов. -Харьков: "Вшца школа", 1977. -127 с.
10. Романцов В.А. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием (уголовно-правовые вопросы): Дис. канд. юрид. наук / В.А Романцов. - СПб., 1997.
11. Сабитов Р.А. Обман как средство совершения преступления. Учеб. пособ. / Р.А. Сабитов. -Омск, 1980. – 79 с.
12. Саксонов А. Отграничение мошенничества от сходных преступлений / А.Саксонов, У.Нурмашев //Соц. законность. -№2. -1971. -С. 56.
13. Санталов А.И. Уголовно-правовая борьба с мошенничеством / А.И. Санталов // Правоведение. -№4. - 1972. -С. 119-120.

14. Сирота С.И. Преступления против социалистической собственности / С.И. Сирота //Правоведение. -№ 1. -1969. -С. 127.
15. Смоленцев Е.А. Судебная практика по делам об обмане покупателей и заказчиков / Е.А. Смоленцев //Соц. законность. -№ 8. - 1975. -С. 17.

**МАҲДУД КАРДАНИ РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МОЛУМУЛКӢ БО РОҲИ ФИРЕБ ВА СУИИСТИФОДА АЗ ЭЪТИМОД АЗ СӮИҚАСДҲОИ МУҶОВИР БАР ЗИДДИ МОЛИКИЯТ**

Дар мақола баъзе масъалаҳои баҳсбарангези тахассусии ҳуқуқи ҷиноятӣ расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё суиистифода аз эътимод ва дигар ҷиноятҳои зидди моликият баррасӣ мешаванд. Муаллиф меъёрҳои фарқ кардани ин ҷиноятро аз қаллобӣ, азонихудкунӣ ё камомад муайян кардааст. Ҳамин тариқ, мушкилот дар ҷудо кардани қаллобӣ аз расонидани зарари молумулкӣ тавассути фиреб ё суиистифода аз эътимод ба он вобаста аст, ки усулҳои ин ҳамлаҳо яксонанд. Меъёрҳои зерин расонидани зарари молумулкиро бо роҳи фиреб ё суиистифода аз боварӣ аз қаллобӣ фарқ мекунанд: моликият ба молу мулке, ки ба фоидаи ҷинояткор табдил дода шудааст; хусусияти фоидаи молу мулкие, ки аз ҷониби субъект гирифта мешавад; механизми расонидан ва характери зарари моддии ба соҳибон. Азхудкунӣ ё азонихудкунӣ ҳангоми содир кардани ин ҷиноятҳо фиреб ё суиистифода аз бовариро аз ҷиноят аз рӯи чунин меъёр, ба монанди мавҷуд набудани аломатҳои дуздӣ аз расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё суиистифода аз боварӣ фарқ кардан лозим аст.

**Калидвожаҳо:** тахассуси ҳуқуқии ҷиноятӣ, расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё суистифода аз боварӣ, қаллобӣ, азонихудкунӣ ё азхудкунӣ, меъёрҳои ҷудокунии ҳуқуқвайронкуниҳо.

**ОТГРАНИЧЕНИЯ ПРИЧИНЕНИЯ ИМУЩЕСТВЕННОГО УЩЕРБА ПУТЕМ ОБМАНА ИЛИ ЗЛОУПОТРЕБЛЕНИЯ ДОВЕРИЕМ ОТ СМЕЖНЫХ ПОСЯГАТЕЛЬСТВ ПРОТИВ СОБСТВЕННОСТИ**

В статье рассматриваются отдельные спорные вопросы уголовно-правовой квалификации причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием и иных преступлений против собственности. Автор выделяет критерии отграничения данного преступления от мошенничества, присвоения или растраты. Таким образом, сложности при отграничении мошенничества от причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием связаны с тем, что способы данных посягательств одинаковы. Следующие критерии отличия причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием от мошенничества: принадлежность имущества, обращаемого в пользу виновного; характер имущественных выгод, извлекаемых субъектом; механизм причинения и характер нанесенного материального ущерба собственнику. Присвоение или растрату, когда при совершении данных преступлений используются обман или злоупотребление доверием, следует отграничивать от преступления по такому критерию, как несвойственность признаков хищения составу причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием.

**Ключевые слова:** уголовно-правовая квалификация, причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием, мошенничество, присвоение или растрата, критерии отграничения составов.

**DISTINGUISHING THE INFLICTION OF PROPERTY DAMAGE BY DECEIT OR BREACH OF TRUST FROM RELATED ENCROACHMENTS AGAINST PROPERTY**

The article deals with some controversial issues of criminal-legal qualification of causing property damage by deceit or breach of trust and other crimes against property. The author distinguishes the criteria of differentiation of this crime from fraud, embezzlement or embezzlement. Thus, the difficulties in distinguishing fraud from the infliction of property damage by deception or breach of trust are due to the fact that the methods of these offenses are the same. The following criteria for distinguishing the infliction of property damage by deception or breach of trust from fraud: the belonging of the property turned in favor of the perpetrator; the nature of property benefits derived by the subject; the mechanism of infliction and the nature of the material damage caused to the owner. Misappropriation or embezzlement, when in the commission of these crimes are used deceit or breach of trust, should be distinguished from the crime, by such criterion as non-similarity of signs of embezzlement to the composition of causing property damage by deceit or breach of trust.

**Keywords:** criminal-legal qualification, causing property damage by deceit or breach of trust, fraud, embezzlement or embezzlement, criteria for delimitation of corpus delicti.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидзода Абдулмаҷид Мӯъминҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 907-03-99-99**

**Сведения об авторе:** ***Саидзода Абдулмаджид Муминджон*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-03-99-99**

**Information about the author:** ***Saidzoda Abdulmajid Muminjon*** - Tajik National University, applicant for the Department of Criminalistics and Forensic Expertise. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-03-99-99**

**ТДУ: 343+628.1 (575.3)**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ОБ ДАР КИШВАРҲОИ ИДМ

*Сафарзода А.И., Абдуллозода Б.В.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳифзи ҳуқуқии об аз ифлосшавӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳуқуқи ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ арзёбӣ мегардад. Тамоми қонунҳои ҷиноятии мамлакатҳои аъзои ИДМ ифлос намудани обро ҷиноят эътироф намуда, ҷавобгарии ҷиноятиро барои он муқаррар намудаанд.

Кодекси ҷиноятии намунавии давлатҳои аъзои ИДМ бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ аз 17 феврали соли 1996 қабул карда шудааст [4]. Меъёрҳои Кодекси ҷиноятии намунавӣ ба қонунҳои ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ, ки баъдан қабул шуданд, таъсири худро гузоштааст. Аз ҷумла, таъсири он ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон аз 21 майи соли 1998 [3] расидааст.

Давлатҳои аъзои ИДМ аз фазои ягонаи ҳуқуқӣ, ки дар собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ буд баромада бошанд ҳам, аммо анъанаҳои зиёди қонунгузории шуравиро, ки ба соҳаи танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ марбутанд, ба мерос гирифтанд. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр моддаҳои он ба Кодекси ҷиноятии намунавӣ монанд аст. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки Кодекси ҷиноятии намунавӣ ҳамчун санади қонунгузории тавсиявӣ қабул карда шуд.

Кодекси мазкур ба монанди кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ ҷинояти "Ифлос намудани об"-ро муқаррар намуда, онро ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист шомил намудааст.

Инак, тибқи қисми 1 моддаи 222 Кодекси ҷиноятии намунавӣ, "ифлос кардан, олуда кардан, кам кардани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои таъминоти оби нӯшокӣ ё дигар тағйироти хосиятҳои табиии онҳо, агар ин кирдор қасдан ё аз беэҳтиётӣ ба олами ҳайвонот ё набототот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё хоҷагии қишлоқ зарари қатъӣ расонида бошад. Ассамблеяи байнипарлумонии мамлакатҳои аъзои ИДМ ин ҷиноятро ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна дохил мекунад.

Диспозитсияи қисми 1 моддаи 222 Кодекси ҷиноятии намунавӣ айнан бо ҳамин мазмун дар қисми 1 моддаи 250 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия оварда шудааст. Фарқияти асосӣ дар санксияи ҳамин қисми модда дида мешавад. Аниқтараш, агар Кодекси ҷиноятии намунавӣ ин ҷиноятро ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна дохил намояд, Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия бошад, онро ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин дохил намуда, барои он ҷазоҳои зеринро пешбинӣ мекунад:

- ҷарима ба андозаи то ҳаштод ҳазор рубл;
- ба андозаи музди меҳнат ё дигар даромади шахси маҳкумшуда ба муҳлати то шаш моҳ;
- маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол;
- корҳои ҳатмӣ ба муҳлати то сесаду шаст соат;
- корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол;
- ҳабс ба муҳлати то се моҳ.

Тибқи қисми 2 моддаи 15 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия, "кирдорҳои қасдан ва беэҳтиётӣ, ки барои содир кардани онҳо ҷазои ҳадди аксари пешбининамудаи ҳамин Кодекс аз се соли маҳрумият аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои начандон вазнин эътироф карда мешаванд" [9].

Худи Кодекси ҷиноятии намунавӣ бошад, ҷиноятҳои дараҷаи миёна гуфта, кирдорҳои қасдонаеро дар назар дорад, ки барои онҳо ҷазои ҳадди аксари пешбининамудаи Кодекси мазкур аз панҷ соли маҳрумият аз озодӣ зиёд нест, инчунин кирдорҳои беэҳтиётона, ки барои онҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз ду сол пешбинӣ шудааст (қ. 3 м. 18).

Аз ин рӯ, қонунгузории Федератсияи Русия мафҳуми дар Кодекси ҷиноятии намунавӣ овардашудаþо айнан истифода бурда бошад ҳам, аммо ҷазои нисбатан сабуктарро нисбати он пешбинӣ менамояд.

Дар Кодекси ҷиноятии Озарбойҷон ба ҳамин мазмун ҷинояти ифлос намудани об муқаррар карда шудааст.

Кодекси ҷиноятии Арманистон низ "ифлос намудани об"-ро ҳамчун ҷиноят ба муқобили амнияти муҳити зист муқаррар намуда, мафҳуми умумии дар Кодекси ҷиноятии намунавӣ овардашударо истифода намудааст. Аммо дар фарқият аз қонуни ҷиноятии мамлакатҳои дигари ИДМ, ғайр аз ифлос намудан, олуда намудан ва кам кардани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ, инчунин "маҳкам кардан"-ро истифода мебарад [7].

Маҳкам кардан, ин бастани роҳи об, маҳдуд кардани ҷараёни об, ки боиси баланд шудани сатҳи об гардида, боиси обхезӣ мегардад. Одатан маҳкам шудани роҳи об ҳамчун ҳодисаи табиӣ ба миён меояд, масалан, баста шудани канал бо яхбандии беҳаракат ва теппаи яхҳо ҳангоми ғарқшавии яххои баҳорӣ дар тангӣ ва буришҳои маҷрои дарё ҷараёни обро маҳдуд карда, боиси баланд шудани сатҳи об дар ҷойи ҷамъшавии ях ва болои он мегардад. Аммо маҳкам кардани об бо роҳи сунъӣ низ ба миён меояд. Аз таҳлили ҷинояти ифлос намудани об дар қонуни ҷиноятии Арманистон чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки қонунгузор таваҷҷуҳи асосиро ба иваз шудани хусусияти об нею, балки ба зарари аз об ва ба об расида додааст, зеро банд кардани об боиси ифлосшавии он намегардад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон мазмуни ҷинояти ифлос кардани обро ба таври тамоман дигар овардааст.

Тибқи қисми 1 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон, ифлос намудани об – ин "Бо обҳои партов, партовҳои истеҳсолӣ, маишӣ ва дигар намудҳои партовҳо ифлос ё олуда намудани махзани об (обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ), инчунин истифодаи олоти манъшуда барои сайд кардани моҳӣ ва ҳайвоноти обӣ, ки боиси расонидани зарари қатъӣ мегардад, зарари калон расонидааст, ифлос кардан ё партов кардани объектҳои об" мебошад [5].

Моддаи мазкур як нофаҳмиеро ба миён оварданаш мумкин аст, зеро танҳо ифлосу олуда кардани махзани обро дар назар дорад. Агар ба қонунгузории об назар афканем, дида мешавад, ки объекти об ду гурӯҳи обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминиро дар бар мегиранд: махзани об ва обрав.

Махзани об – ҷамъшавии доимӣ ё муваққатии обҳои рукуд ё бо маҷрои ками об дар ҷойҳои табиӣ ё сунъӣ меошад. Ба махзани об кӯлҳо, обанборҳо, ҳавзҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Обрав бошад, мафҳуми умумии объектҳои об бо ҳаракати об ба самти нишеб мебошад. Обрав обҳои равони рӯизаминӣ ва зеризаминиро дар бар мегирад. Ба обрав дарёҳо, каналҳо, рӯдҳо ва обҳои зеризаминӣ дохил мешаванд.

Аз ин рӯ, хуб мебуд, ки дар қонуни ҷиноятии Қирғизистон ба ҷойи истилоҳи "махзани об" истилоҳи "объектҳои об" истифода шавад. Дар натиҷа он ҳам махзани об ва ҳам обравро дар бар мегирад.

Моддаи 328 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон "Ифлос кардан, олуда сохтан ва кам кардани об" ном дошта, ифлосшавӣ, олудашавӣ, камшавии обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ, пиряххо, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ё дигар тағйироти хосиятҳои табиии онҳоро ҷиноят мешуморад, агар ин боиси расонидани зарари қатъӣ ё расонидани зарар ба саломатии инсон гардида бошад [8].

Хусусияти фарққунандаи ин ҷиноят дар қонуни ҷиноятии Қазоқистон дар он аст, ки вай дар баробари расонидани зарари қатъӣ, аз кирдорҳои ҷиноятӣ расидани зарар ба саломатии инсонро номбар мекунад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова аз 18 апрели соли 2002 ҷинояти ифлос намудани обро дар моддаи 229 муқаррар намуда, онро ҳамчун заҳролуд кардан ё дигар ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ бо обҳои корезӣ ё партовҳои корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои саноатӣ, кишоварзӣ, коммуналӣ ва дигар корхонаҳо арзёбӣ мекунад, агар ин амалҳо ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё

кишоварзӣ ё саломатии аҳолӣ зарари калон расонида бошад ё боиси марги одам гардида бошад.

Дар ин қонуни ҷиноятӣ истилоҳи “заҳролуд кардан” истифода мешавад, ки онро қонунгузор як навъи ифлос намудани об меҳисобад.

Дар луғати Википедия “заҳролудкунӣ” бо “сироят” ҳаммаъно дониста шуда, маънояш раванди сирояти организмҳои зинда тавассути бактерияҳо ё вирусҳо, занбӯруғҳо мебошад. Дар тиб истилоҳи заҳролудкунӣ маънои намудҳои гуногуни таъсири мутақобилаи микроорганизмҳои бегона бо бадани инсон ва ҳайвонотро дорад [2].

Ифлос кардани об мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова [6] ҳамон вақт ҷиноят ҳисобида мешавад, ки агар ин амалҳо ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё кишоварзӣ ё саломатии аҳолӣ зарари калон расонида бошад ё боиси марги одам гардида бошад. Аммо дар ин Кодекс муайян карда нашудааст, ки зарари калон чӣ қадар бошад. Дар фарқият аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вақте ки дар диспозитсияи қисми махсус “зарари калон” доштани ҷинояти мушаххасро пешбинӣ мекунад, дар охири боби дахлдор, дар эзоҳ нишон медиҳад, ки зарари калон чӣ қадар аст. Хуб мебуд, ки қонунгузори Ҷумҳурии Молдова ин таҷрибаро ба инобат мегирифт.

Ҳамчунин, аз рӯйи ин модда маълум мегардад, ки ба ҳайси тарафи объективии ҷиноят танҳо амал номбар мегардад ва беамалӣ ҳамчун кирдор гӯё тарафи объективии ҷиноят ба ҳисоб намерафта бошад.

Аз таҳлили кодексҳои ҷиноятии дигар мамлакатҳои аъзои ИДМ бармеояд, ки ба ҳайси тарафи объективии ҷиноят “амал” нею, балки “кирдор” баромад мекунад.

Қисми 2 моддаи 272 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус аз 9 июли соли 1999 “Ифлос ё олуда кардани об” ном дошта, қасдан ё аз беэҳтиётӣ ифлос кардан ё олуда сохтани обро дар назар дорад, ки боиси ба миқдори калон расонидани зарар мегардад ё қасдан ифлос кардан, олуда кардани манбаи оби нӯшокиро дар бар мегирад.

Дар диспозитсияи қисми 2 м. 272 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ду ҳолати ифлос намудани обро фарқ кардан мумкин аст:

1) Қасдан ё аз беэҳтиётӣ ифлос кардан ё олуда кардани об, ки боиси ба миқдори калон расонидани зарар мегардад.

2) Қасдан ифлос кардан, олуда кардани манбаи оби нӯшокӣ, новобаста аз он ки ба миқдори калон зарар расидааст ё не.

Тааҷҷубовар он аст, ки қонуни ҷиноятии Беларус дар баъзеи дигар моддаҳои муқарраркунандаи ҷиноятҳои экологӣ эзоҳ ҷо дода, дар онҳо миқдори калон ва махсусан калонро бо “андозаи арзиши асосӣ” (аз 1 январи соли 2022 бо Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Беларус аз 31 декабри соли 2021, №792 «Дар бораи муқаррар намудани андозаи арзиши асосӣ» як андозаи арзиши асосӣ баробар ба 32 рубл муқаррар карда шудааст) муайян кардааст. Аммо дар моддаи ифлос ё олуда кардани он зарар ба миқдори калонро номбар карда бошад ҳам, аммо дар эзоҳ муайян накардааст, ки он чи қадар маблағро дар бар мегирад.

Дар фарқият аз дигар кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошуравӣ Кодекси ҷиноятии Украина аз 5 апрели соли 2001 бевосита ифлос кардан об ном надошта, вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати об ном дорад. Тибқи қисми 1 моддаи 242 ҳамин Кодекс, вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи об (объектҳои об), агар ин боиси ифлос шудани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ ва қабатҳои зеризаминӣ, манбаъҳои обҳои нӯшокӣ, шифобахш ё тағйир ёфтани хосиятҳои табиии онҳо ё кам шудани манбаъҳои об гардида бошад, хатар ба ҳаёт, саломатӣ ё муҳити зист дошта бошад...

Ҳифзи об бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ, таъмини шароити мусоиди истифодаи об ва беҳбудии экологии объектҳои об ташкил карда мешавад. Ҳамаи объектҳои оби дар қаламрави мамлакат буда бояд аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камшавӣ муҳофизат карда шаванд. Аз ин рӯ, вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи об дар объектҳои об кирдорҳои зиддиҳуқуқие мебошанд, ки метавонанд боиси ифлосшавии ин объектхо ё дигар зухуроти зараровар гарданд.

Моддаи мазкур вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи об ном дошта бошад ҳам, аммо на ҳамаи қоидавайронкуниҳоро дар соҳаи ҳифзи об дар бар мегирад, зеро дар он мушаххас

нишон дода шудааст, ки ин қоидавайронкунӣ боиси ифлос шудани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ ва қабатҳои зеризаминӣ, манбаъҳои обҳои нӯшокӣ, шифобахш ё тағйир ёфтани хосиятҳои табиии онҳо ё кам шудани манбаҳои об гардида бошад, хатар ба ҳаёт, саломатӣ ё муҳити зист дошта бошад. Агар чунин қоидавайронкунӣ оқибатҳои вазнин ба миён наоварда бошад, вай ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳисоб меравад.

Моддаи 196 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Ифлос кардани муҳити зист" ном дошта, ифлос кардан ё зарар расонидан ба замин, ифлос кардани об ё ҳавои атмосфераро дар назар дорад, ки боиси бемории оммавии одамон, марги ҳайвонот ва парандагон, ё моҳӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад.

Аз таҳлили моддаи мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки қонуни ҷиноятии Ӯзбекистон ҷиноятҳои ифлос кардани об, хароб кардани замин ва олуда сохтани ҳаворо дар як модда – "Ифлос кардани муҳити зист" муттаҳид намуда, тарафи объективии ҷиноятро ба таври мушаххас муайян намекунад. Ҳамчунин, паҳн гардидани бемории оммавии одамон, марги ҳайвонот ва парандагон, ё моҳӣ ё дигар оқибатҳои вазнинро ҳамчун оқибати содиршавии ҷиноят номбар мекунад. Аммо дар бораи расонидани зарар ба хоҷагии ҷангал ва хоҷагии қишлоқ чизе намегӯяд. Дар ҳолате ки аз ифлосшавии об хоҷагии ҷангал ва хоҷагии қишлоқ зарар мебинад, мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда метавонад онро ба шумораи "дигар оқибатҳои вазнин" дохил намояд.

Кодекси ҷиноятии Туркманистон аз 12 июни соли 1997 ифлос намудани обро ҳамчун ҷиноят дар моддаи 348 "Ифлос кардани об" пешбинӣ намудааст. Зери ин мафҳум ифлос кардан, олуда кардан, кам кардани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ё дигар тағйироти хосиятҳои табиии онҳо фаҳмида мешавад, агар ин амалҳо ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё кишоварзӣ зарари калон расонида бошанд.

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки ҷинояти ифлос намудани об аз чунин кирдорҳо ба миён меояд:

1) Ифлос кардани об - ба обҳои дарёҳо, кӯлҳо ва обҳои зеризаминӣ ворид кардани моддаҳои ифлоскунандаи гуногун мебошад. Ифлосшавии об дар ҳолати мустақиман ва бавосита ба об ворид гардидани ифлоскунандаҳо сурат мегирад, агар чораҳои сифатӣ барои тоза кардан ва хориҷ кардани моддаҳои зараровар мавҷуд набошанд.

Дар аксари мавридҳо, ифлосшавии оби тоза ноаён боқӣ мемонад, зеро ифлоскунандаҳо дар об ҳал мешаванд. Аммо истисноҳо вуҷуд доранд: моддаҳои шустушӯй, инчунин маҳсулоти нафтӣ, ки дар рӯйи об шино мекунанд.

Якчанд ифлоскунандаҳои табиӣ мавҷуданд. Аммо миқдори ифлоскунандаи табиӣ дар муқоиса бо ифлоскунии одамон ночиз аст. Ҳар сол ҳазорҳо моддаҳои кимиёвӣ бо таъсири пешгӯинашаванда ба об ворид мешаванд, ки аксари онҳо пайвастагиҳои нави химиявӣ мебошанд. Консентратсияи афзояндаи металлҳои вазнини заҳролуд (аз қабили кадмий, симоб, сурб, хром), пеститсидҳо, нитратҳо ва фосфатҳо, маҳсулоти нафтӣ, моддаҳои сурх, доруҳо ва гормонҳоро, ки метавонанд ба оби нӯшокӣ дохил шаванд, дар об пайдо кардан мумкин аст. Чуноне ки маълум аст, ҳар сол ба баҳрҳо ва уқёнусҳо то 12 миллион тонна нафт дохил мешавад.

Олудашавӣ - ба манбаъҳои об партофтани оби партови тозанашуда, боиси олудашавии микробиологии об мегардад. Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ тахмин мекунад, ки 80% бемориҳо дар ҷаҳон аз обҳои пастсифат ва ғайрисанитарӣ ба вуҷуд меоянд. Дар деҳот, мушкилоти сифати об махсусан шадид аст - тақрибан 90% сокинони деҳоти ҷаҳон барои нӯшидан ва оббозӣ мунтазам оби олударо истифода мебаранд.

Ба маънои умумӣ, зери мафҳуми "олуда кардани об" дар он мавҷуд будани предметҳои бегона фаҳмида мешавад. Чун қоида, онҳо пайдоиши антропогенӣ доранд ва метавонанд ҳамчун омили стихиявии техногенези муҳити зист баррасӣ шаванд.

Дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи "олуда намудани об"васеъ истифода бурда шудааст. Дар моддаи 1 Кодекси оби Федератсияи Русия олуда намудани об чунин муқаррар мегардад: «олуда кардани объектҳои об - рехтан ё ба таври дигар ба объектҳои об дохил шудани предметҳо ё заррачаҳои овезон, ки ҳолати объектҳои обро бадтар мекунанд ва истифодаи объектҳои обро душвор мегардонанд». Ҳамин тавр, «олуда кардани объектҳои об» аз «ифлосшавӣ»-и онҳо аз рӯйи маҷмуи аломатҳои зерин фарқ

мекунад. Аввалан, ҳангоми ифлосшавӣ моддаҳои кимиёвӣ ба об ворид мешаванд ва ҳангоми олуда шудан ашёҳои андозаашон гуногун, то қисмҳои хеле хурд (заррачаҳои овезон) дохил мешаванд. Дуюм, ин предметҳо-зарраҳо дар фазаи сахт қарор доранд ва дар обанбор дар ин шакл муддати тулонӣ вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, ин ашёҳо бояд дар об ҳалнашаванда ё каме ҳалшаванда бошанд. Сеюм, дар таърифи мафҳуми «ифлосшавӣ» гуфта мешавад, ки он дар натиҷаи воридшавии «моддаҳои зарарнок» ба обанборҳо, яъне моддаҳое, ки бо таъсири муайяни заҳролуд хосанд, ба вуҷуд меояд. Баръакс, ин хусусият дар таърифи истилоҳи «олудашавӣ» вуҷуд надорад. Дар баробари ин, дар ин ҷо инчунин нишон дода шудааст, ки олудашавӣ вазъиятро бадтар намуда, истифодаи объектҳои обро душвор мегардонад. Дар фарқият аз раванди ифлосшавӣ, тарзҳои арзёбии олудашавии объектҳои об вуҷуд надоранд.

Камшавии об - ин ихтисоршавии ғайри қобили қабули захираҳои об дар ҳудуди муайян (барои обҳои зеризаминӣ) ё камшавии ҳадди ақали ҷараёни иҷозатдодашуда (барои обҳои рӯизаминӣ) мебошад.

Камшавии обҳои зеризаминӣ дар натиҷаи ба таври интенсивӣ истихроҷ кардани обҳои зеризаминӣ дар маҳалҳои обгиранда, инчунин заҳбурҳои зиёд ҳангоми сохтмони конҳо ва кӯлҳо ба амал меояд. Ин робитаи табиии байни обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминиро вайрон мекунад. Кам шудани обҳои зеризаминӣ боиси бад шудани ҷараёни дарёҳо, хушк шудани чашмаҳо, рӯдҳо, паст шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, хушк ва биёбон шудани заминҳо, нобуд шудани растаниҳо мегардад.

Камшавии обҳои рӯизаминӣ дар натиҷаи бебозгашт гирифтани об аз дарёҳо ва дигар объектҳои об барои обёрӣ, истеҳсолоти саноатӣ, эҳтиёҷоти коммуналӣ ва ғ. сурат гирифта, норасоии оби тозаро ба миён меорад [1,с.44].

Ҷинояти ифлос намудани об тибқи қонуни ҷиноятии кишварамон дорои хусусиятҳои хос мебошад. Дар фарқият аз қонуни ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ дар диспозитсияи қисми 1 моддаи 226 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: “Ифлос ё олуда кардани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он, агар чунин кирдор дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад”.

Аз таҳлили моддаи мазкур чунин хусусиятҳои онро ошкор намудан мумкин аст:

- барои ҷиноят эътироф намудани кирдорҳои ифлос ё олуда кардани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он бояд дар аввал шахс қаблан (дар давоми як сол) барои ҳимин гуна кирдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошад. Агар ҳамин гуна кирдор, ки боиси додани ҷазои маъмурӣ гардидааст, пас аз гузаштани як сол такроран содир шавад, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, зеро аз татбиқи ҷазои маъмурӣ то содир шудани кирдори ифлос намудани об аллакай як сол сипарӣ гаштааст;

- дар диспозитсияи қисми 1 моддаи 226 қонуни ҷиноятии мамлакатамон дар бораи зарари ҷиддӣ расонидан аз кирдорҳои ҷиноятӣ чизе гуфта нашудааст. Аз ин рӯ, агар кирдори ифлос намудани об дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ такроран содир шавад, новобаста аз ҳаҷми зарари расонидашуда боиси ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад. Албатта, расонидани зарари ҷиддӣ аз ҷинояти ифлос намудани об ҳангоми бандубасти ҷиноят ба инобат гирифта мешавад, яъне кирдори содиршуда тибқи банди “а”, қисми 2 ҳамин модда бандубаст карда шуда, ҷазои нисбатан вазнинтарро пешбинӣ мекунад;

- ҷинояти ифлос намудани об, ки боиси расондани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ, гардида бошад, дар Кодекси ҷиноятии моделӣ барои аъзоёни ИДМ ҳамчун ҷинояти дараҷаи миёна арзёбӣ мегардад. Муқаррароти қисми 2 моддаи 226 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарқият аз муқаррароти қонуни ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ бо мақсади Кодекси ҷиноятии моделӣ мувофиқ аст, зеро аз ҷинояти ифлос намудани об расондани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзиро ҳамчун ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна арзёбӣ намуда, барои он ҷазои корҳои ислоҳи

меҳнатӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол пешбинӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, тамоми мамлакатҳои аъзои ИДМ барои ифлос намудани об ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамоянд. Зеро об метавонад дар ҳолати ифлосшавӣ оқибатҳои вазнинро ба миён оварда, ба инсоният, олами набототу ҳайвонот ва муҳити зист таҳдиди воқеӣ эҷод намояд.

## АДАБИЁТ


1. Белик И.С. Эколого-экономическая безопасность, Методическое пособие / И.С. Белик. -Екатеринбург, 2015. -С. 44.
2. Заражение (инфекция) Материалы из Википедии [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/ (дата обращения: 29.08.2023).
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон аз 21 майи соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998. - №9. -Мод.68.
4. Модельный Уголовный Кодекс для государств – участников Содружества Независимых Государств [Электронный ресурс]. URL: https://www.icrc.org/ru/doc/resources/documents/misc/ihl-nat-3.htm (дата обращения: 02.10.2023).
5. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36675065 (дата обращения: 02.10.2023).
6. Уголовный кодекс Молдовы от 18 апреля 2002 года № 985-XV [Электронный ресурс]. URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30394923#pos=3009;-20 (дата обращения: 02.10.2023).
7. Уголовный кодекс Республики Армения от 18.04.2003 [Электронный ресурс]. URL: http://www.parliament.am/legislation.php?ID=1349&lang=rus&sel=show#27 (дата обращения: 02.10.2023).
8. Уголовный Кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 [Электронный ресурс]. URL: https://adilet.zan.kz/rus/docs/K1400000226 (дата обращения: 01.10.2023).
9. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г. [Электронный ресурс URL: https://base.garant.ru/10108000/ (дата обращения: 03.10.2023).


## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ОБ ДАР КИШВАРҲОИ ИДМ


Дар мақолаи мазкур муқаррароти кодексҳои ҷиноятии кишварҳои ИДМ оид ба ифлос намудани об таҳлил гардида, умумият ва фарқияти онҳо нишон дода шудааст. Муаллиф муҳим пешбинӣ гардидани ҷавобгарии ҷиноятиро барои ифлос намудани об асоснок намуда, ба кадом категорияи ҷиноят мансуб гардидани онро нишон додааст. Муаллиф қайд мекунад, ки гарчанде ҷинояти баррасишаванда "ифлос намудани об" номида шавад ҳам, аммо дар баробари ифлос намудани об ҳамчунин олуда намудани об ва камшавии обро дар бар мегирад, аз ин рӯ кӯшиш карда шудааст, ки ҳар як мафҳуми ишорашуда баррасӣ гардад. Дар мақола хусусиятҳои фарқкунандаи ҷинояти ифлос намудани об тибқи қонуни ҷиноятии мамлакатамон оварда шудаанд. Аз ҷумла қайд мегардад, ки шарти асосии ба миён омадани ҷавобгарӣ барои ифлос кардани об татбиқи ҷазои маъмурӣ дар муддати то як сол барои ҳамин гуна кирдор мебошад. Ба андешаи муаллифон, ин гуна қоида танҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.



**Калидвожаҳо:** ифлос кардани об, олуда кардани об, ҳифзи об, ИДМ, қонуни ҷиноятӣ, ҷазои маъмурӣ, ҷинояти дараҷаи миёна, оби тоза.


## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ ОХРАНЫ ВОД В СТРАНАХ СНГ


В данной статье анализируются положения уголовных кодексов стран СНГ о загрязнении вод, показаны их сходства и различия. Автор обосновывает значение уголовной ответственности за загрязнение воды и показывает, к какой категории преступлений оно относится. Автор отмечает, что, хотя рассматриваемое преступление и называется «загрязнение воды», оно включает в себя наряду с загрязнением воды засорение и истощение воды, поэтому предпринята попытка раскрыть каждое из указанных понятий. В данной статье представлены отличительные особенности преступления загрязнения воды по уголовному законодательству нашей страны. В частности, отмечается, что основным условием возникновения ответственности за загрязнение вод является применение за такое деяние административного наказания в течение одного года. По мнению автора, такая норма предусмотрена только в Уголовном кодексе Республики Таджикистан.



**Ключевые слова:** загрязнение воды, загрязнение воды, водоохрана, СНГ, уголовное право, административное наказание, средняя преступность, чистая вода.


## COMPARATIVE ANALYSIS OF CRIMINAL LEGAL WATER PROTECTION IN THE CIS COUNTRIES


This article analyzes the provisions of the criminal codes of the CIS countries on water pollution, showing their similarities and differences. The author substantiates the significance of criminal liability for water pollution and shows which category of crimes it belongs to. The author notes that although the crime in question is called "water pollution," it includes, along with water pollution, clogging and water depletion, therefore an attempt has been made to reveal each of these concepts. This article presents the distinctive features of the crime of water pollution under the criminal legislation of our country. In particular, it is noted that the main condition for the emergence of liability for water pollution is the

application of administrative punishment for such an act within one year. According to the author, such a provision is provided only in the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** water pollution, water pollution, water protection, CIS, criminal law, administrative punishment, average crime, clean water.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафарзода Анвар Ислом*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 905-88-63-63**. E-mail: **anvar_safarov85@mail.ru**
***Абдуллозода Баҳодур Вали*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 904-93-99-99**. E-mail: **Bakhodur.vali@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сафарзода Анвар Ислом*** - Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: (**+992) 905-88-63-63** E-mail: **anvar_safarov85@mail.ru**
***Абдуллозода Баходур Вали*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедра уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 904-93-99-99**. E-mail: **Bakhodur.vali@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Safarzoda Anvar Islom*** - Tajik National University, Doctor of Law, Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 905-88-63-63** E-mail: **anvar_safarov85@mail.ru**
***Abdullozoda Bakhodur Vali*** – Tajik National University, assistant at the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992 904-93-99-99**. E-mail: **Bakhodur.vali@mail.ru**

ТДУ:343.(575.3)

# КОРҲОИ ИСЛОҲӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ

*Шарипов Т.Ш., Нодирзода Н.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Корҳои ислоҳӣ дар низоми ҷазоҳои пешбининамудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) ва кодексҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Баҳри баланд бардоштани самаранокии татбиқи институти ҷазо дар намудаи корҳои ислоҳӣ истифодаи таҷрибаи ин кишварҳо ба мақсад мувофиқ аст ва омӯзиши муфассалро тақозо мекунад.

Аҳаммияти таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии корҳои ислоҳӣ дар ҶТ ва дигар давлатҳои пасошуравӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ин кишварҳо кодексҳои монанди ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия гардидаанд. Сабаби чунин ҳолат дар он аст, ки солҳои 90-уми асри гузашта аз ҷониби Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ) як қатор санадҳои намунавӣ, аз ҷумла Кодекси намунавии ҷиноятӣ (дар таърихи 17 феврал соли 1996 қабул карда шуд) [3] ва Кодекси моделии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (2 ноябри соли 1996) қабул шудаанд [2]. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими тартиби татбиқи ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар кишварҳои пасошуравӣ нақши муҳим доранд.

Омӯзиши муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷазои корҳои ислоҳӣ, аз як тараф, имкон медиҳад, ки таҷрибаи мусбати қонунгузории хориҷӣ ба назар гирифта шавад, аз тарафи дигар, вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди татбиқи ин ҷазо дар қонунгузории ҶТ ба таври кофӣ инъикос карда шавад. Дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС, дар ҳудуди он давлатҳои мустақил таъсис ёфтаанд, ки ба амалисозии сиёсати мустақили ҷиноятии худ шуруъ намуданд.

Бо дарназардошти роҳи нисбатан тулонии рушд хусусиятҳои танзими корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории миллии ҳар як давлати пасошуравӣ ва дар ин сатҳ ба даст овардани унификатсияи ҳуқуқӣ ҷиҳати танзим ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хеле душвор менамояд. Аммо тавре А.Х. Саидов дуруст қайд менамояд, омӯзиши мутақобилаи таҷрибаи қонунгузории миллии давлатҳо ва таҷрибаи истифодаи қарорҳои беҳтарин дар ниҳоят ба раванди унификатсияи қонунгузории ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои ИДМ мусоидат хоҳад кард. Ин раванд шумораи зиддиятҳо ва бархӯрдҳоро коҳиш медиҳад, зеро давлатҳо метавонанд барои ҳалли онҳо ва дар танзими ҳуқуқии баъзе масъалаҳо қарорҳои мувофиқро интихоб кунанд, камбудиҳо ва нофаҳмиҳои қонунгузории миллиро рафъ намоянд [6,с.73].

Аксарияти давлатҳои пасошуравӣ дар қонунгузории ҷиноятии худ ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ нигоҳ доштаанд. Танҳо дар давлатҳои Балтика бо мақсади аз «мероси шуравӣ» то ҳадди имкон дур шудан, корҳои ислоҳиро дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ истисно намуда, онҳоро бо корҳои ҷамъиятии беподош иваз намуданд. Дар аксари кишварҳои пасошуравӣ бошад, баръакс, дар баробари ҷорӣ шудани корҳои беподоши ҷамъиятӣ (ҷамъиятӣ, ҳатмӣ), корҳои ислоҳӣ низ нигоҳ дошта шуданд. Таъсири назаррас ба ташаккули қонунгузории нави ҷиноӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ тавассути кодексҳои намунавии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Ассамблеяи парлумонии кишварҳои ИДМ қабул шудаанд, таъмин карда шуд [4].

Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки аз тарафи кишварҳои дар боло номбаргардида рад намудани ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ на танҳо бо мулоҳизаҳои сирф идеологӣ ва мушкилоти татбиқи амалии онҳо дар шароити душвори иҷтимоию иқтисодӣ вобаста мебошад, балки инчунин сабаби он манфӣ арзёбӣ намудани ин ҷазо аз ҷониби стандартҳои байналмилалии муносибат бо маҳкумшудагон ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Баҳсҳо оид ба ин дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба корҳои ислоҳӣ то ба имрӯз давом доранд [5,с.6].

Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ айни замон доираи хеле васеи ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд,

пешбинӣ мекунанд. Тавре ки В.И. Селиверстов, Г.А. Майстренко, С.М. Баймолдина қайд менамоянд, «кодексҳои ҷиноятии Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон муносибатҳои моликият, озодии шахсӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва ғайраро ҳамчун объекти таъсири ҷазо интихоб мекунанд. Аҳаммияти зернизоми ҷазоҳое, ки хусусияти молумулӣ ё ҷубронӣ доранд, қайд карда мешавад” [7,с.88- 93].

Корҳои ислоҳӣ, ки қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, яке аз намудҳои асосии ҷазо мебошад, ки ба шахсоне таъин карда мешавад, ки бе ҷудо намудани онҳо аз ҷомеа ислоҳшавии онҳо имконпазир аст. Корҳои ислоҳӣ аз иҷрои меҳнати ба ҷамъият фоидаовар, ки аз ҷониби маҳкумшудагон тибқи ҳукми суд дар ҷойи кори асосӣ ё мувофиқ бо нигоҳ доштани фоизи ҳатмии муайяни даромад ба фоидаи буҷети давлатӣ амалӣ мегардад.

Асосан дар қонунгузории ҷиноятии бештари давлатҳои пасошуравӣ танҳо як намуди корҳои ислоҳӣ - корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда муқаррар шудааст (м. 49 Кодекси ҷиноятии (минбаъд КҶ) Ҷумҳурии Озарбойҷон, м. 52 КҶ Ҷумҳурии Беларус, м. 45 КҶ Гурҷистон, м. 57 КҶ Украина, м.42 КҶ Қазоқистон, м.64 КҶ Қирғизистон). Чунин интихоби қонунгузор нисбати ҷойи адои ҷазои корҳои ислоҳӣ аз воқеиятҳои иқтисодии ин ё он давлат, сатҳи беҳбудии ҷомеа, инкишофи муносибатҳои истеҳсолӣ дар бозори меҳнат, имкониятҳои бо кор таъмин шудан ва сатҳи бекорӣ вобаста мебошад [8,с.206].

Тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дигар (Федератсияи Россия, Туркманистон, Ӯзбекистон) корҳои ислоҳӣ ҳам дар ҷойи кори маҳкумшуда ва ҳам дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҷазо муайян менамоянд, адо мегардад.

Дар пайгирии вақти таъин намудани корҳои ислоҳӣ, бояд қайд намуд, ки тамоюли мӯҳлатҳои якхелаи таъини корҳои ислоҳӣ мавҷуданд: дар Украина, Ҷумҳурии Беларус аз 6 моҳ то 2 сол [16]. Дар м. 45 КҶ Гурҷистон корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати аз як то ду сол муқаррар карда шудааст [10]. Муддати тулонитарини адои корҳои ислоҳӣ дар КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон [13] аз шаш моҳ то се сол (қ. 2 м. 46 КҶ ) ва КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон [11] аз ду моҳ то се сол (қ.1 м.64 КҶ) муқаррар карда шудааст.

КҶ Федератсияи Россия, қ. 1, м. 50 ва КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон дар м. 49 мӯҳлати адои корҳои ислоҳиро аз ду моҳ то ду сол муқаррар намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон батанзимдарории корҳои ислоҳӣ дар фарқият аз давлатҳои дигари пасошуравӣ хусусиятҳои фарққунанда дорад.

Корҳои ислоҳӣ мутобиқи қ.1 м.42 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон [12], ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ба андозаи ба миқдори муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳои моҳона мувофиқ, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон, муқаррар шудааст ва дар лаҳзаи содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ амал менамояд, таъин мегардад.

Ҳамин тавр, яке аз навовариҳо дар танзими ҳуқуқии ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ мутобиқи КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон тартиби иҷро намудани он ба ҳисоб меравад. Ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз бист то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳои моҳона, барои ҷиноят дар доираи аз дусад то даҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳои моҳона муқаррар шудааст. Вобаста ба ин хусусияти батанзимдарории корҳои ислоҳӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар он ифода мегардад, ки давомнокии адои корҳои ислоҳӣ мутобиқи муқаррароти қонуни ҷиноятӣ аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳои моҳонаи таъингардида вобаста мебошад. Ба таври дигар мӯҳлати корҳои ислоҳӣ бо моҳҳо ва солҳо ҳисоб карда намешавад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон намуди мазкури ҷазоро ба ситонидани маблағ вобаста намудааст, ки моҳиятан ба ҷазои ҷарима наздик мебошад.

Нуқтаи асосӣ дар танзими корҳои ислоҳӣ ҷойи иҷрои онҳо - ҷойи кори асосии маҳкумшуда мебошад. Ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар корхона, муассиса, ташкилот, сарфи назар аз шакли моликият дар маҳалли кори маҳкумшуда, ки дар он шахс тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба кор қабул карда шуда, вазифаҳои меҳнатӣ (хизматӣ)-ро иҷро мекунад ва музди меҳнат мегирад, адо карда мешавад.

Масалан, дар қ. 1 м. 46 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, қайд карда мешавад, ки корҳои ислоҳӣ дар маҳалли кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ин намуди ҷазо муайян мекунанд, адо мегарданд [13]. Дар баробари ин, дар КҶ Ӯзбекистон

ишора нашудааст, ки ҷое, ки дар он корҳои ислоҳӣ иҷро карда мешаванд, бояд дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда бошад.

Мувофиқи қ. 1 м. 50 КҶ Федератсияи Русия, «маҳкумшудае, ки ҷойи кори асосӣ надорад, корҳои ислоҳиро дар ҷойҳое, ки мақомоти худидораи маҳаллӣ дар мувофиқа бо нозироти иҷрои ҷазо муайян мекунанд, вале дар маҳалли зисти маҳкумшуда адо менамоянд” [14].

Раванди фаъолият дар ҷойи асосии кор мушкил мегардад, агар маҳкумшуда бо ин ё он сабаб кореро аз рӯйи ихтисоси худ ё бо хоҳиши худ иҷро карда натавонад. Баъзе муаллифон пешниҳод мекунанд, ки дар қонун ҳуқуқи ба таври ҳатмӣ равон намудани маҳкумшуда ба кор ва бидуни дарназардошти ихтисос мустаҳакам карда шавад [1,с.49].

Унсури дигари сазодиҳии корҳои ислоҳӣ нигоҳ доштани маблағи муайян аз музди меҳнатӣ маҳкумшуда ба ҳисоб меравад. Андозаи нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнатӣ маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ба таври гуногун муайян шудааст. Масалан, мувофиқи қ. 2 м. 45-и КҶ Гурҷистон ҳангоми таъин намудани корҳои ислоҳӣ аз музди меҳнати маҳкумшуда маблағ аз ҳаҷми на камтар аз панҷ ва на зиёдтар аз бист фоиз бо ҳукми суд ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад [10]. Ҳамин гуна андозаи нигоҳдошт, яъне аз панҷ то бист фоизи музди меҳнати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ ба фоидаи давлат дар КҶ Озарбойҷон [9], КҶ Федератсияи Россия [14] ва КҶ Туркманистон [15] муайян шудааст.

Тибқи қ. 2 м. 42 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, "корҳои ислоҳӣ бо роҳи нигоҳ доштан ва ба Фонди ҷуброни ҷабрдидагон интиқол додани ҳармоҳа аз даҳ то панҷоҳ фоизи музди меҳнати маҳкумшуда, бо нигоҳдории маблағҳое, ки бояд давра ба давра аз ҳисоби алимент, ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатӣ, инчунин фавти саробон пардохт шавад, иҷро карда мешаванд” [12].

Ҳамин тавр, хусусияти фарққунандаи нигоҳдошт аз музди меҳнат мутобиқи КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар он мебошад, ки маблағҳои нигоҳдошта шуда на ба фоидаи давлат, балки ба Фонди ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда гузаронида мешаванд. Ба андешаи мо, меъёри ба ин монанд, бояд ба КҶ ва КИҶҶ ҶТ вобаста ба иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил карда шавад, чунки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳое, ки барои онҳо дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ имконияти таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст, зарар дар бештар ҳолатҳо на фақат ба манфиатҳои давлат, балки ба манфиатҳои шахсони алоҳида ва ташкилотҳо расонида мешавад.

Мувофиқи муқаррароти қ. 2 м. 52 КҶ Ҷумҳурии Беларус [17] ва қ.1 м.64 КҶ Қирғизистон [11], андозаи нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнат ба фоидаи давлат, дар ҳудуди аз даҳ то бисту панҷ фоиз муқаррар шудааст. КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар қ. 1 м. 46 андозаи нигоҳ доштани музди меҳнати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ ба фоидаи давлатро аз даҳ то 30% муайян мекунад [13]. Дар низоми маҳдудиятҳои ҳуқуқии музди меҳнати шахсони корҳои ислоҳиро адокунанда тафовути муайян мавҷуд аст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Беларус, инчунин дар Федератсияи Россия, нигоҳ доштани маблағ танҳо дар ҷойи кори асосии маҳкумшуда амалӣ карда мешавад. Дар Украина, Ҷумҳурии Озарбойҷон нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнат дар ҷойҳои дигари корӣ низ имконпазир мебошад.

Дар як қатор кодексҳои ҷиноятӣ маҳдудиятҳо барои таъини корҳои ислоҳӣ нисбати категорияҳои алоҳидаи шахсон пешбинӣ шудааст. Дар Ҷумҳурии Беларус ин ҷазо нисбати шахсони ба синни 16-солагӣ нарасида; шахсони ба синну соли нафақа расида; занҳои ҳомила; шахсони бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ буда; маъюбони гурӯҳҳои I ва II; хизматчиёни ҳарбӣ ва дар захира буда; шаҳрвандони хориҷӣ ва доимӣ дар Ҷумҳурии Беларус истиқоматнакунанда; шахсони гирифтори шакли фаъоли бемории сил, ки ҷойи доимии истиқомат надоранд, таъин карда намешаванд (қ.3 м.52 КҶ Ҷумҳурии Беларус) [17].

Доираи нисбатан маҳдуди шахсоне, ки нисбати онҳо ҷазои корҳои ислоҳӣ таъин намешавад, дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар шудааст, ки мувофиқи он ҷазои мазкур ба шахсони зерин таъин намегардад: шахсони ғайри қобили меҳнат ё шахсоне, ки ҷойи кори доимӣ надоранд ё дар муассисаҳои таълимӣ бо ҷудо шудан аз истеҳсолот таҳсил менамоянд (қ.7 м.42 КҶ) [12].

Хусусиятҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷанбаҳои ҷазои ҷиноятии корҳои ислоҳӣ дар ҶТ ва дигар давлатҳои пасошуравиро таҳлил карда, чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Асосан дар қонунгузории ҷиноятии бештари давлатҳои пасошуравӣ танҳо як намуди корҳои ислоҳӣ - корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда муқаррар шудааст (Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Беларус, Гурҷистон, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон). Чунин интихоби қонунгузор нисбати ҷойи адои ҷазои корҳои ислоҳӣ аз воқеиятҳои иқтисодии ин ё он давлат, сатҳи беҳбудии ҷомеа, инкишофи муносибатҳои истеҳсолӣ дар бозори меҳнат, имкониятҳои бо кор таъмин шудан ва сатҳи бекорӣ вобаста мебошад.

Тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дигар (Федератсияи Россия, Туркманистон, Ӯзбекистон) корҳои ислоҳӣ ҳам дар ҷойи кори маҳкумшуда ва ҳам дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҷазо муайян менамоянд, адо мегардад.

2. Хусусияти фарққунандаи нигоҳдошт аз музди меҳнат мутобиқи КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар он мебошад, ки маблағҳои нигоҳдошта шуда на ба фоидаи давлат, балки ба Фонди ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда гузаронида мешаванд. Ба андешаи мо, меъёри ба ин монанд, бояд ба КҶ ва КИҶҶ ҶТ вобаста ба иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ дохил карда шавад, чунки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳое, ки барои онҳо дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ имконияти таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст, зарар дар бештар ҳолатҳо на фақат ба манфиатҳои давлат, балки ба манфиатҳои шахсони алоҳида ва ташкилотҳо расонида мешавад.


**АДАБИЁТ**

1. Модельный Уголовный кодекс для государств – участников СНГ / Принят постановленим Межпарламенской Ассемблеи государств-участников Содружества Независимых Государств. -СанктПетербург. – 17.02.1996 г.
2. Модельный уголовно-исполнительный кодекс государств – участников СНГ [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id= 30075689 (дата обращения: 22.06.2023).
3. Михлин А.С. Исправительные работы как альтернатива лишению свободы / А.С. Михлин // Развитие альтернативных санкций в Российской уголовной юстиции: сб. материалов Междунар. конф. -М., 2002.- С.49.
4. Сравнительное правоведение (основные правовые системы современности): учебник / А.Х. Саидов. Под ред. Г.А. Туманова. -М., 2005. -С. 73.
5. Селиверстов В.И. Альтернативы лишению свободы по законодательству Республики Казахстан, Республики Кыргызстан и Республики Таджикистан / В.И. Селиверстов, Г.А. Майстренко, С.М. Баймолдина // Вестник института: преступление, наказание, исправление. -2014. -№ 2. -С. 88–93.
6. Уголовное право.Общая часть. Накзание. Академический курс. В 10 т. Т.4. Виды уголовного наказания, связанные с осуществлением работ. Под ред. Проф. Н.А. Лопашенко. -М., 2020. -С.206.
7. Уголовный кодекс Украины [Электроный ресурс]. UR: https://online.zakon.kz/ Document/?doc_id=30418109 (дата обращения: 26.08.2023).
8. Уголовный кодекс Грузии [Электроный ресурс]. UR: https://matsne.gov.ge/ru/document/view/ 16426?publication=229 (дата обращения: 23.08.2022).
9. Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Электроный ресурс]. UR: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 19.10.2022).
10. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 10.10.2023 г.) [Электроный ресурс]. UR: https://online.zakon.kz/m/document?doc_id=34350840 (дата обращения: 18.10.2023).
11. Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресурс]. UR: https: //online.zakon.kz/m/document?doc_id=31575252 (санаи муроҷиат: 13.09.2023).
12. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года №787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.05.2023 г.) [Электроный ресурс]. UR: https: // online.zakon.kz/Documenкодект/?oc_id=30420353; (дата обращения: 19.10.2023).
13. Уголовный кодекс Российской Федерации [Электроный ресурс]. UR: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30397073 (дата обращения: 17.10.2023).
14. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года № 222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.09.2023 г.) [Электроный ресурс]. UR: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 12.10.2023).



**КОРҲОИ ИСЛОҲӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ**

Дар мақола хусусиятҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Омӯзиши муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷазои корҳои ислоҳӣ, аз як тараф, имкон медиҳад, ки таҷрибаи мусбати қонунгузории хориҷӣ ба назар гирифта шавад, аз тарафи дигар, вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди татбиқи ин ҷазо дар қонунгузории ҶТ ба таври кофӣ инъикос карда шавад. Бо ин мақсад муаллифон танзими корҳои ислоҳиро дар қонунгузории

ҷиноятии баъзе аз давлатҳои пасошуравӣ, ба монанди Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Белорус, Озарбойҷон, Ўзбекистон ва ғайра мавриди таҳлил қарор додааст. Фарқияти асосии корҳои ислоҳӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои мазкур дар муайян намудани маҳалли адои ҷазо, давомнокии адои он, низоми маҳдудиятҳои ҳуқуқии музди меҳнати шахсони корҳои ислоҳиро адокунанда, ба назар мерасад. Муаллифон дар натиҷаи таҳлили қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ хулосаҳои худро пешниҳод намудаанд, ки мумкин аст барои такмил додани танзими ҳуқуқи ҷиноятии ҷазои корҳои ислоҳӣ дар КҶ ҶТ истифода шаванд.

**Калидвожаҳо:** ҷазо, корҳои ислоҳӣ, меҳнати маҳкумшуда, Кодекси ҷиноятӣ, нигоҳдошт, музди меҳнат, адои ҷазо, мақсади ҷазо, давлатҳои пасошуравӣ, иҷрои ҷазо, ҷазои асосӣ, ҳуқуқҳои меҳнатӣ, содир намудани ҷиноят.

## ИСПРАВИТЕЛЬНЫЕ РАБОТЫ ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ ПОСТСОВЕТСКИХ ГОСУДАРСТВ

В статье рассматриваются особенности уголовно-правового регулирования наказания в виде исправительных работ в соответствии с законодательством постсоветских государств. Сравнительно-правовое исследование наказания в виде исправительных работ, с одной стороны, позволяет учесть положительный опыт зарубежного законодательства, с другой стороны, адекватно отразить современную ситуацию и перспективы развития применения этого наказания в законодательстве Республики Таджикистан. С этой целью авторы проанализировали регулирование исправительных работ в уголовном законодательстве некоторых постсоветских государств, таких как Российская Федерация, Республики Казахстан, Кыргызстан, Беларусь, Азербайджан, Узбекистан и др. Основным отличием исправительных работ в соответствии с уголовным законодательством этих государств является определение места отбывания наказания, сроки его отбывания, система правовых ограничений заработной платы лиц, отбывающих исправительные работы. В результате анализа законодательства постсоветских государств авторы представили свои выводы, которые могут быть использованы для совершенствования уголовно-правового регулирования исправительных работ в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** наказание, исправительные работы, труд осужденных, уголовный кодекс, удержание, заработная плата, наказание, цель наказания, постсоветские государства, исполнение наказания, основные наказания, трудовые права, совершение преступления.

## CORRECTIONAL WORK UNDER THE CRIMINAL LEGISLATION OF POST-SOVIET STATES

The article examines the features of the criminal legal regulation of punishment in the form of correctional labor in accordance with the legislation of post-Soviet states. A comparative legal study of punishment in the form of correctional labor, on the one hand, allows us to take into account the positive experience of foreign legislation, on the other hand, to adequately reflect the current situation and prospects for the development of the application of this punishment in the legislation of the Republic of Tajikistan. For this purpose, the authors analyzed the regulation of correctional labor in the criminal legislation of some post-Soviet states, such as the Russian Federation, the Republic of Kazakhstan, Kyrgyzstan, Belarus, Azerbaijan, Uzbekistan, etc. The main difference between correctional labor in accordance with the criminal legislation of these states is the determination of the place of serving the sentence, the terms of its serving, the system of legal restrictions on the wages of persons serving correctional labor. As a result of the analysis of the legislation of post-Soviet states, the authors present their conclusions, which can be used to improve the criminal legal regulation of correctional labor in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** punishment, correctional work, labor of convicts, criminal code, retention, wages, punishment, purpose of punishment, post-Soviet states, execution of punishment, basic punishments, labor rights, commission of a crime.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

***Нодирзода Нозимҷон Мансур*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноӣ, криминалистика ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микроноҳияи 17, бинои 1. Телефон: **006330530.** E-mail: **lawyer91.91@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Шарипов Такдиршох Шарифович*** **-** Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **takdirshoh@mail.ru**

***Нодирзода Нозимджон Мансур –*** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, старший преподаватель кафедры уголовного права, криминалистики и противодействие коррупции. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, 17 мкр, дом 1. Телефон: **006330530.** E-mail: **lawyer91.91@mail.ru**

**Information about authors:** ***Sharipov Takdirshoh Sharifovich*** - Tajik National University, Doctor of Law, Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **takdirshoh@mail.ru**

***Nodirzoda Nozimjon Mansur*** – Tajik State University of Law, Business and Politics, senior lecturer at the department of criminal law, criminology and anti-corruption. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, 17 microdistrict, building 1. Phone: **006330530**. E-mail: **lawyer91.91@mail.ru**

ТДУ: 343.37

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ПОРНОГРАФИЯ

***Ҳасани Б.Х.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

Бо фаро расидани имкониятҳои нав дар соҳаи саноати кино ва видео, технологияҳои компютерӣ паҳнкунии ғайриқонунии маводҳои порнографӣ бештар маъмул гардида истодааст. Дар солҳои охир, танҳо шабакаи иттилоотии интернетӣ аз ҳама сарчашмаҳои дигари паҳн кардани маводҳои порнографӣ барои ҳар як шахс бартарӣ дорад. Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ ва омилҳои муайянкунандаи латентии ин гурӯҳи ҷиноятҳо маълум мегардад, ки заминаи қонунгузорӣ ва механизмҳои иҷтимоии мубориза бо порнография ба шароити муосир ҷавобгӯ нестанд ва ба ислоҳот ниёз доранд. Ҳамзамон, истилоҳи «порнография» ба талаботи замон бояд мувофиқ карда шуда, дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки мубориза бо порнография бе таҳқиқи назариявии мафҳум ва махсусиятҳои он ғайриимкон мебошад. Зеро дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаи мазкур дар сатҳи зарурӣ таҳлилу таҳқиқ нагардидааст. Барои он ки маводи дахлдор ҳамчун предмети порнография баҳо дода шавад, бояд мафҳуми он дақиқ ва дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Бинобар ин, масъалаи таҳлили илмӣ-назариявии мафҳуми порнография дорои аҳаммияти калон мебошад. Дар ин хусус Г.А. Езебчик қайд мекунад, ки имрӯз яке аз мушкилоте, ки дар самти муборизаи ҳуқуқии ҷиноятӣ бар зидди порнография ба миён меояд, масъалаи таърифи ҳуқуқии ин мафҳум мебошад. Табиати таърихан тағйирёбандаи порнография мушкилии муқаррарнамоии ин мафҳумро дар сатҳи қонунгузорӣ ифода менамояд [5,с.90].

Доир ба мафҳуми порнография фаҳмишҳо дар адабиётҳо ва луғатҳо мухталиф мебошанд. Аз ҷумла, дар «Луғати мухтасари вожаҳои хориҷӣ» порнография ҳамчун «тасвири табиии чизе, ки ба муносибатҳои ҷинсӣ алоқаманд аст, инчунин асари адабиёт, санъати тасвирӣ ё филм ё акси чунин мазмун» фаҳмида мешавад [10,с.257]. Дар «Луғати забони русӣ»-и С.И. Ожегов порнография «фаҳшҳои шадид, беҳаёӣ дар тасвири чизи марбут ба муносибатҳои ҷинсӣ» маънидод шудааст [14,с.554]. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бошад, мафҳуми порнография кушода нашудааст, вале мафҳуми фаҳш чунин тафсир гардидааст: дашном, носазо; сухани зишт, кори зишт, кори берун аз ахлоқу одоб [19,с.398]. Ба андешаи мо, таърифи порнография бояд моҳияти онро тавассути иборахои равшан шарҳ диҳад ва то ҳадди имкон мухтасар бошад. Хусусияти асосии маводҳои порнографӣ намоиши муфассали узвҳои таносул ва алоқаи ҷинсӣ мебошад. Аз ин рӯ, маҳз ҳамин унсур бояд асоси таърифи баррасишавандаро ташкил диҳад.

Як қатор олимон нуқтаи назари худро оид ба фаҳмиши порнография пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла, ба андешаи А.В. Наумов, мавод ё предмети порнографӣ он чизҳое ба ҳисоб меравад, ки агар дар маҷмуъ он барои бедор кардани шаҳват (ҳаваси шаҳвонӣ) нигаронида шуда бошад ва дар шакли баръало беадабона, майлу хоҳиши шаҳвонии шахсро тасвир мекунад ва дар айни замон арзиши назарраси адабӣ, бадеӣ ва илмӣ надорад [7,с.338]. С.В. Изосимов таърифи мазкурро эрод гирифта, иброз медорад, ки аз таърифи пешниҳоднамудаи А.В. Наумов бармеояд, ки ҷузъи асосии он шакли беҳаёӣ ва фаҳш мебошад. Аммо, ин таърифҳо субъективӣ мебошанд. Фаҳш бевосита ба тарбия ва фарҳанги афроди алоҳида вобаста аст. Яъне, як тоифаи одамон метавонанд бо такя ба дониши худ расм ё пайкараеро, ки бадани бараҳна тасвир шудаанд, ба сифати фаҳш тасниф кунанд, гурӯҳи дигар онро шоҳасари санъати ҷаҳонӣ медонанд [6,с.133]. Дар ин хусус ба андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст. Он маводҳое, ки барои ҷомеаи мо ҳамчун порнографӣ арзёбӣ мегарданд, эҳтимол барои мардуми аврупоию амрикоӣ чунин набошад. Зеро фарҳангу маданияти мо аз дигар кишварҳо фарқ мекунад.

Ба андешаи Г.А. Езебчик, барои дуруст муайян кардани истилоҳи «порнография» аз тамоми маҷмуи маҳсулоти ба ҷинсӣ нигаронидашуда, истисно кардан лозим аст, ки ба ҷанбаҳои шаҳвонии муносибатҳои байнишахсӣ диққати бештар медиҳад, бо истифода аз алоқаи ҷинсӣ, бадани урён ҳамчун воситаи муаррифии эстетикаи бадани инсон дар

якҷояги бо таҷрибаи эҳсосии персонажҳо, яъне арзиши фарҳангӣ, таърихӣ ва бадеӣ дорад. Аз ҷумла, баъзе аз ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва инчунин асарҳои илмӣ - китобҳо оид ба шаҳватшиносӣ, анатомия ва ғайра ба порнография дохил намешаванд [5,с.90]. Маврид ба зикр аст, ки амали маҳсулоти порнографӣ аз рӯйи нақшаи содашуда сурат мегирад: намоиши узвҳои таносул ва (ё) алоқаи ҷинсӣ, ки одатан бо унсурҳои зӯроварӣ, таҳқир ва дигар чизҳо алоқаманд аст, боиси барангехтани минбаъдаи ҷинсӣ мегардад. Осонии нисбии офариниш ва эҳтимолияти баланди таъсири бадастомада (ҳаяҷони ҷинсӣ) даромаднокии баланди саноати порнографиро муайян мекунад.

О. Савелева қайд мекунад, ки фарогирии мафҳуми фаҳш комилан фардӣ аст. Фаҳше, ки ба робитаи ҷинсӣ нигаронида шудааст, порнография мебошад. Аммо, дар амалияи ҳуқуқӣ чунин тафсири ин падида ба кор намеравад [17,с.25]. Бояд ёдовар шуд, ки мақсади асосии порнография вайрон кардани шароитҳои иҷтимоӣ, истифода аз набудани навоварӣ - нишон додани шаклҳои ғайриодии фаъолияти ҷинсӣ мебошад, ки боиси таҷовуз мегардад. Р.С. Ҷинҷолия порнографияро ҳамчун тавсиф ё тасвири узвҳои таносул, алоқаи ҷинсӣ, аномалияҳои ҷинсӣ ва мураккабӣ дар шакли қабеҳ, ки хилофи принсипҳои ахлоқии санъати эротикӣ, бар хилофи талаботи сексология ва педагогикаи илмӣ анҷом дода мешавад, маънидод мекунад [4,с.18]. О.А. Аксенов бар ин назар аст, ки фикру андешаҳо дар бораи ин мафҳум аз дидгоҳҳо ва анъанаҳои миллӣ ва мазҳабӣ таъсир мерасонанд. Дар натиҷа, эҷод кардани консепсияи умумимиллӣ дар бораи он ки маҳз дар ҳаёти ҷинсӣ чӣ бемаънӣ ва фаҳш аст, ғайриимкон мебошад [1,с.227]. Мавқеи изҳоршуда баҳсбарангез ба назар мерасад. Албатта, ҳарчанд андешаҳо дар бораи зишт ва фаҳш зери таъсири хусусиятҳои фарҳангӣ, миллӣ ва динии халқҳо ва гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ қарор доранд, аммо ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад ва воқеан дар фаҳмиш ва таърифи ҳуқуқии падидаи мавриди назар забони муштарак пайдо кунад.

О.Ш. Петросян порнографияро ҳамчун тасвири фаҳш, дағалона табиатпарастӣ, беҳаёии ҳаёти ҷинсӣ, ба таври оммавӣ ҷалб кардани таваҷҷуҳи истеъмолкунанда оид ба узвҳои ҷинсии персонажҳо бо мақсади бедор кардани хоҳиши ҷинсии хеле шадид ва қонеъ кардани ҳаваси шаҳвонӣ, таъриф мекунад [15,с.9]. Ба андешаи М.В. Гусарова бошад, порнография ин намоиши муфассали узвҳои таносул ё алоқаи ҷинсӣ мебошад, ки дидаю дониста бо мақсади ба вуҷуд овардани ангезаи шадиди ҷинсӣ сохта шудааст, ки арзиши фарҳангӣ, илмӣ ва таърихӣ надорад ва табиатан ахлоқи ҷамъиятиро таҳқир мекунад [3,с.28]. Аз мафҳумҳои мазкур бармеояд, ки онҳо мукаммал намебошанд. Зеро дар мафҳуми якум ибораи “тафсир” ва дар дуюм ибораи “намоиш” истифода гардидааст. Ҳол он ки, маводҳои порнографӣ метавонад, дар шакли ҳам тасвирӣ (расмҳо) ва ҳам намоишӣ (видеоӣ) паҳн карда шавад.

Ба андешаи Д.В. Шмиков, порнографияро хилофи принсипҳои ахлоқи ҷамъиятӣ фаҳмидан лозим аст, ки тасвири узвҳои таносул, тасвири махсуси муфассали узвҳои таносул, манзараҳои алоқаи ҷинсӣ, таҳрифи ҷинсие, ки шаъну шарафи инсонро таҳқир мекунанд [20,с.270]. Аммо, баъзе аз муҳаққиқон маводҳои порнографиро дастгирӣ мекунанд. Танҳо ба он хотир, ки ба андешаи онҳо, маводҳои порнографӣ дараҷаи ҳассосияти ҷинсии шахсро метавонад коҳиш дода, садди роҳи содиршавии ҷиноятҳои ҷинсӣ гардад.

Аз тадқиқоти олими амрикоӣ В. Фишер бармеояд, ки дар 89% мардони муоинакардаи ӯ ҳангоми тамошои порнография он чизе, ки диданд, боиси таҷовуз набудааст [21,с.23-38]. Соли 1969 дар Дания порнография комилан қонунӣ шуд, ки ин ба коҳиши шумораи ҷиноятҳои ҷинсӣ хидмат кард [20,с.270]. Албатта, то андозае таҳқиқоти мазкур ба ҳақиқат наздик мебошанд, вале он аз тарафи дигар ба ахлоқи ҷомеа таъсири калони манфӣ мерасонад, махсусан ба ноболиғон. Бисёре аз арзишҳои оилавӣ аз байн мераванд, аммо дар кишвари мо оила ин ячейкаи асосии давлат ба ҳисоб меравад ва давлат наметавонад ба чунин кор иҷозат диҳад.

Бояд хотирнишон сохт, ки новобаста аз андешаҳои мазкур олимон қабеҳ будан ва дигар нишонаҳои манфии порнографияро зимни мафҳумбандии худ иброз медоранд. Вобаста ба ин масъала О.А. Булгакова таклиф мекунад, ки мафҳуми порнография ба қонунӣ (маҳдуд) ва ғайриқонунӣ (манъшуда) тақсим карда шавад. Ҳамзамон, ба ақидаи муаллифи мазкур, бояд дар ҳама ҳолатҳои паҳн кардани порнографияи манъшуда

ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён ояд ва паҳнкунии ғайриқонунии порнографияи қонунӣ ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноятӣ тибқи қонунгузорӣ тасниф карда шавад [2,с.141-144]. Мо бо ин мавқеъ розӣ шуда наметавонем, зеро порнография дар ҳама гуна шакл ба ахлоқи ҷамъиятӣ зараровар аст ва аз ин рӯ, комилан манъ кардани онро оқилонатар мешуморем.

Дар асоси гуфтаҳои боло пешниҳод кардан мумкин аст, ки порнография ҳамчун намоиши муфассали таҷовузкорона, дағалона табиӣ ё алоқаи ҷинсӣ фаҳмида шавад, ки арзиши фарҳангӣ, илмӣ, бадеӣ ва таърихӣ надошта, боиси таҷовуз мегардад ва эҳтиёҷоти қонеъгардонии шаҳвонӣ ва шавқу ҳаваси нодурустро ба вуҷуд оварда, ба таназзули ахлоқии шахсият, махсусан ноболиғ мусоидат мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳим оид ба муайян кардани мафҳуми порнография ин равшан кардани мафҳуми предмет ва ашёи порнографӣ мебошад. Дар ин хусус моддаи 1 Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди гардиши нашрияҳои порнографӣ ва тиҷорати онҳо, ки 12 сентябри соли 1923 дар Женева ба имзо расидааст, муқаррар мекунад, ки объектҳои порнографӣ метавонанд навиштаҳо, расмҳо, кандакорӣ, расмҳо, нашрияҳои чопӣ, тасвирҳо, плакатҳо, эмблемаҳо, суратҳо, филмҳои кинематографӣ ё дигар ашёи порнографӣ бошанд [12]. Бояд гуфт, ки дар айни замон, дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ рӯйхати пурраи мавод ва ашёи порнографӣ вуҷуд надорад ва таснифоти онҳо таҳия карда нашудааст. Аз ҷумла, А.В. Наумов, қайд кардааст, ки ба инҳо «нашрияҳои чопӣ, филмҳо ё маводи видеоӣ, тасвирҳо ва дигар ашёи дорои хусусияти порнографӣ» дохил мешаванд [13,с.471]. Ба андешаи В.М. Лебедев бошад, мавод ва ашёи порнографӣ ҳамчун «асарҳои тасвирӣ, графикӣ, адабӣ, мусиқӣ ва дигар асарҳо ошкор карда шудаанд, ки мазмуни асосии онҳо тасвири муфассали дағалона, тафсилоти анатомӣ ва (ё) физиологии муносибатҳои ҷинсӣ мебошад» [8,с.593]. Аз андешаҳои мазкур чунин хулоса бармеояд, ки бо он ҳама ашёю предметҳо номбаршуда феҳристи предметҳои паҳн намудани маводҳои порнографӣ ба итмом намерасад. Масалан, дар номгӯйи муқарррашудаи санади байналмилалӣ ва андешаи пешниҳоднамудаи А.В. Наумов тарзи мусиқии паҳн кардани маводи порнографӣ ба назар намерасад, вале дар андешаи В.М. Лебедов мушоҳида мегардад. Ба назари мо, дар ивази мусиқӣ беҳтар мешуд, ки шакли аудиоӣ истифода гардад.

Дар адабиётҳо, инчунин, дигар андешаҳо низ оид ба предмет ва ашёи порнография ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ба андешаи А.И. Рарог, ҳамаи ашёҳои порнографӣ ашёе мебошанд, ки дар тасвирҳо дорои хусусияти аз ҳад зиёд фаҳшо, беҳаёӣ, бо муносибатҳои ҷинсӣ алоқаманданд... онҳо шавқу рағбати ҷинсии носолимро бедор мекунанд, метавонанд зарурати қонеъ гардонидани ҳаваси шаҳвониро дар шаклҳои каҷ ба вуҷуд оранд, махсусан дар ноболиғон, боиси кам шудани функсияи ҷинсӣ мегардад [18,с.370]. Дар ин хусус А. Родионов қайд намудааст, ки танҳо санъатшиносӣ бо ҷалби ҳатмии мутахассисони соҳаи тиб, педагогика, сексология, санъат, кино, саноати телевизион ва видео ва дигарон, ки маълумоти дахлдор ва таҷрибаи корӣ доранд, метавонад ин ё он ашёро ба маводи фаҳш тасниф намояд. Бо вуҷуди ин, аксар вақт мутахассисоне, ки соҳаи дониши касбиашон берун аз таҳлили таърихии маҳсулоти видеоӣ мебошанд, ба тадқиқот ҷалб карда мешаванд: гинекологҳо, педиатрҳо, суратгирҳо, муаллимони мактабҳо ва ғайра [16,с.15]. Д.В. Шмидов андешаи мазкурро дастгирӣ намуда, илова менамояд, ки андешаҳои ин гуна коршиносон наметавонанд ҳамчун асос барои хулоса истифода шаванд, зеро онҳо на натиҷаи истифодаи донишҳои махсус дар соҳаи дахлдор, балки танҳо баҳодиҳии субъективӣ дар асоси тахминҳои шахсӣ мебошанд [20,с.269]. Г.А. Езебчик маводҳои порнографиро нисбатан муфассалтар баррасӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, бо маводи порнографӣ ё ашё танҳо иттилооти дорои хусусияти шаҳвонӣ, яъне дар ҳама гуна объекти интиқолдиҳанда сабтшуда (китобҳо, расмҳо, филмҳо ва видеоҳо, маҷаллаҳо, слайдҳо, аксҳо, ҳайкалчаҳо, моделҳои узвҳои таносул) фаҳмидан, тавсия дода мешавад. Бояд гуфт, ки маводи аудиоие, ки дорои иттилооти порнографӣ буда, дар василаи моддӣ (кассета, диск) сабт шудаанд, низ объекти чунин ҷиноятҳо мебошанд [5,с.93]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки маводҳои порнографӣ ба таври васеъ номбар карда шудаанд. Аммо, ба қисмати охири андешаи муаллиф розӣ шудан душвор аст. Зеро имрӯзҳо кассета ва дискҳо воситаи муҳим ва асосии паҳн кардани маводҳои порнографӣ намебошанд, балки

ҷойи онҳоро шабакаҳои интернетӣ ишғол намудаанд. Имрӯз аз кассетаю дискҳо дида, дар шабакаи интернетӣ маводҳои порнографӣ бештар паҳн карда мешаванд. Бинобар ин, шакли аудиоӣ ҳамчун маводи паҳнкунандаи порнографя шуда метавонад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар оид ба порнография ин тафовути он аз эротика ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус дар адабиётҳо андешаҳои мухталиф ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ба андешаи О.А. Кривтсун, эротика ҳамчун таҷассуми ҳаёт, адабиёт ва санъати маънавиёт, назм ва эстетикаи муносибатҳои ҷинсии одамон; ҳамчун инстинкт ба инсон хос гардида, вале ҳамчун ҷазби руҳ оличаноб ва шоирона шудааст, фаҳмида мешавад [11,с.97]. Дар ин хусус И.С. Кон чунин қайд кардааст, ки эротика сохтори маҷозӣ аст, ки дар он шаҳвоният дарк ва рамзӣ мешавад ва ба воситаи он шаҳвоният ташаккул ва сохтор мешавад; ...инҳо эҳсосоти шаҳвонӣ, хаёлҳо ва таҷрибаҳо, инчунин маводи адабӣ, видеоӣ, аудиоӣ ва дигар маводҳое мебошанд, ки онҳоро ҳавасманд мекунанд [9,с.126]. Эротика хусусияти иттилоотии эҳтиёҷоти ҷинсӣ, таҷдиди иттилооти аз ҷиҳати ҷинсӣ муҳимро бо ин ё он роҳ истифода мебарад. Ба сифати омилҳои фарққунандаи порнография аз эротика инҳоро қайд кардан мумкин аст: набудани сужет; намоиши наздики минтақаи узвҳои таносул ва алоқаи ҷинсӣ; намоиши шаклҳои ғайриодии ҳаёти ҷинсӣ: педофилия, садизм, зоофилия ва ғайра; расмҳои зӯроварии ҷинсӣ; набудани арзиши бадеӣ, илмӣ, таърихӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ. Дар амалияи судиву тафтишотӣ бо мақсади фарқ кардани порнография ва эротика экспертиза (бадеӣ, адабӣ, шаҳватшиносӣ) пешниҳод карда мешавад, ки дар рафти он коршиносон муайян мекунанд, ки объекти таҳқиқшаванда порнографӣ аст ё не [5,с.92].

Ҳамин тариқ, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷудокунии эротика аз порнография дар асоси экспертиза анҷом дода мешавад, ки хулосаи он баҳодиҳӣ буда, бештар ба хулосаи субъективии коршинос вобаста аст. Дар баробари ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нуқтаи назар дар бораи зарурати даст кашидан аз истифодаи аломатҳои баҳодиҳӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ дар вақтҳои охир дастгирии бештар пайдо карда истодааст. Бояд гуфт, ки қонунгузории ҷиноятӣ таърифи мавод ва ашёи порнографӣ, инчунин таърифи фаҳшро дар бар намегирад. Аз ин рӯ, барои дуруст бандубаст кардани ин ҷиноятҳо, бояд аломатҳои хосе, ки маҳсулоти порнографиро тавсиф мекунанд, муқаррар карда шаванд.

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи мафҳум ва нишонаҳои порнография хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Чунин ба назар мерасад, ки барои пешгирии самараноки ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии маводи порнографӣ ё ашёи порнографӣ бояд қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии маводи порнографӣ» қабул карда шавад, ки дар он дар баробари дигар масъалаҳо ба таърифи истилоҳи «порнография» таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад. Дар он муқаррар мегардад, ки дар зери мафҳуми мавод ва ашёи дорои хусусияти порнографӣ чиро бояд фаҳманд, инчунин хусусиятҳои тахассусии амалҳоро бо истифода аз технологияи компютерӣ сохташуда ва дорои трансформатсия бо аксҳои воқеӣ (якҷоя кардани якчанд тасвир дар як, таҳриф ва ғ.), табдил додани тасвирҳои ғайрипорнографӣ ба порнографӣ муайян кунанд.

2. Ба назари мо, ду равиши ба ҳам зид нисбат ба падидаи порнография мавҷуд аст. Тарафдорони равиши аввал бар ин назаранд, ки ҳангоми тамошои маводи порнографӣ, одамон бояд чӣ дидани худро дарк кунанд, ки таҷассумгари таҷовуз ва озодии шаҳвонии онҳост. Тарафдорони равиши дуюм бар он назаранд, ки тамошои маводи порнографӣ метавонад озодии шаҳвониро таъмин намояд, ки баръакс, боиси аз байн рафтани таҷовузи имконпазир мегардад.

3. Натиҷаҳои баррасии объект ва предмети муомилоти ғайриқонунии маводи порнографӣ ё ашёи порнографиро ҷамъбаст намуда, қайд кардан лозим аст, ки барои самараноктар мубориза бурдан бо зуҳуроти манфии омӯхташаванда бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми порнография муқаррар карда шавад, ки имкон медиҳанд падидаҳои порнографӣ ва эротика аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

4. Зимни таҳлили мафҳумҳои додашуда, чунин аломатҳои порнографиро ҷудо кардан мумкин аст: таваҷҷуҳи истеъмолкунандаро ба узвҳои таносул, манипулятсияҳо бо узвҳои таносул, алоқаи ҷинсӣ ва техникаи амалисозии он ҷалб мекунад; тасвири алоқаи ҷинсӣ

дар порнография мақсадест, ки дунболи он ҷузъҳои дигари рафтори шаҳвонӣ аз ҳаёти шаҳвонӣ дур мешавад; дар порнография ифодаи маънои шахсии рафтори ҷинсӣ вуҷуд надорад; он, бар хилофи эротика, танҳо ба барангехтани ҳаяҷони ҷинсӣ нигаронида шудааст; порнография шаклҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ё ахлоқӣ маҳкумшудаи алоқаи ҷинсиро (ҳамҷинсгароӣ, муносибати ҷинсии гурӯҳӣ, алоқаи ҷинсӣ бо ҳайвонот ва ғ.) тасвир мекунад; он дорои намоиши саҳнаҳои шаҳвонӣ берун аз ҳадафи бадеӣ бо тафсилоти муфассал, дағалона табиатшиносӣ, беҳаёӣ, фаҳш мебошад; дар маводҳои порнографӣ ҳангоми намоиш додани саҳнаҳои алоқаи ҷинсӣ андозаи калони камера истифода мешавад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Сафарзода А.**

**АДАБИЁТ**


1. Аксенов О.А. Ответственность за преступления против общественной безопасности, здоровья населения и общественной нравственности по новому уголовному законодательству России / О.А. Аксенов. – Ростов н/Д., 1997. – 255 с.
2. Булгакова О.А. Уголовная ответственность за распространение порнографический материалов или предметов: дис. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2003. –178 с.
3. Гусарова М.В. Незаконный оборот порнографических материалов или предметов: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2010. – 262 с.
4. Джинджолия Р.С. Уголовная ответственность за незаконное распространение порнографических материалов или предметов / Р.С. Джинджолия. – Сочи, 2001. – С. 18.
5. Езебчик Г.А. Некоторые аспекты исследования порнографии как социально-правового явления / Г.А. Езебчик // Сибирский юридический вестник. – 2011. – №4 (55). – С. 89-93.
6. Изосимов С.В. Незаконный оборот порнографических материалов: пробелы уголовного законодательства / С.В. Изосимов // «Черные дыры» в рос. законодательстве. – 2007. – №4. – С. 133.
7. Комментарий к УК РФ. Под ред. А.В. Наумова. – М.: Инфра-Норма, 1996. – 824 с.
8. Комментарий к Уголовному кодексу РФ. Под общ. ред. В. М. Лебедева. – М., 2002. – 880 с.
9. Кон И.С. Социологическая психология / И.С. Кон. – М., 1998. – 374 с.
10. Краткий словарь иностранных слов / И. Кон. – М., 1995. – 394 с.
11. Кривцун О.А. Психологические корни эротического искусства / О.А. Кривцун // Психол. журн. – 1992. – № 1. – С. 95-106.
12. Международная конвенция о пресечении обращения порнографических изданий и торговли ими от 12 сентября 1923 г. // КонсультантПлюс [Электронный ресурс]: справочная правовая система.
13. Наумов А.В. Российское уголовное право / А.В. Наумов: курс лекций. – М., 2004. – Т. 2. – 495 с.
14. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С.И. Ожегов. – М., 1964. – 900 с.
15. Петросян О.Ш. Уголовная ответственность за изготовление и оборот материалов или предметов с порнографическими изображениями несовершеннолетних: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2005. – 187 с.
16. Родионов А. Борьба с незаконным распространением порнографических материалов / А. Родионов // Профессионал. – 2000. – №2. – С. 13-18.
17. Савельева О. Грязное порно или крылатый эрос? / О. Савельева // Бизнес адвокат. – 2000. – №9. – С. 23-28.
18. Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть. Под ред. А. И. Рарога. – М., 2001. – С. 370.
19. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. -Ҷилди 2. (О-Я). Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 945 с.
20. Шмыков Д.В. К юридическому определению порнографии / Д.В. Шмыков // Вестник Пермского университета. – 2013. – №. 2 (20). – С. 268-272.
21. Fisher W.A. Violent pornography, antiwoman thoughts and antiwoman acts / W.A. Fisher // Journal of Sex Researh. – 1994. – №1. – P. 23-38.


## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ПОРНОГРАФИЯ


Дар мақолаи мазкур масъалаи баъзе ҷанбаҳои назариявии мафҳум ва аломатҳои порнография мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимонро ба инобат гирифта, мафҳум ва аломатҳои порнографияро мавриди таҳлили назариявӣ қарор додааст. Зимни баррасии масъалаи мазкур муаллиф ба хулосае омадааст, ки ду равиши ба ҳам зид нисбат падидаи порнография мавҷуд аст. Тарафдорони равиши аввал бар ин назаранд, ки ҳангоми тамошои маводи порнографӣ, одамон бояд ҷӣ дидани худро дарк кунанд, ки таҷассумгари таҷовуз ва озодии шаҳвонии онҳост. Тарафдорони равиши дуюм бар он назаранд, ки тамошои маводи порнографӣ метавонад озодии шаҳвониро таъмин намояд, ки баръакс, боиси аз байн рафтани таҷовузи имконпазир мегардад. Натиҷаҳои баррасии объект ва предмети муомилоти ғайриқонунии маводи порнографӣ ё ашёи порнографиро ҷамъбаст намуда, муаллиф қайд намудааст, ки барои самараноктар мубориза бурдан бо зуҳуроти манфии омӯхташаванда бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми порнография муқаррар карда шавад, ки имкон медиҳад падидаҳои порнографӣ ва эротика аз ҳамдигар фарқ карда шаванд. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки барои пешгирии самараноки ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии маводи порнографӣ ё

ашёи порнографӣ бояд қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии маводи порнографӣ» қабул карда шавад, ки дар он дар баробари дигар масъалаҳо ба таърифи истилоҳи «порнография» таваҷҷуҳи зоҳир карда шавад.

**Калидвожаҳо:** таҳлили назариявӣ, мафҳум, моҳият, аломатҳо, порнография, предмет ва ашё, эротика, ғайриқонунӣ паҳн кардан, маводҳои видеоӣ ва аудиоӣ, тасвирҳо.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОНЯТИЯ И ПРИЗНАКОВ ПОРНОГРАФИИ

В данной статье анализируются и обсуждаются некоторые теоретические аспекты понятия и признаков порнографии. Автор, исследуя данный вопрос, учел мнение ученых и подверг теоретическому анализу понятие и признаки порнографии. В ходе рассмотрения данного вопроса автор пришел к выводу, что существует два противоречивых подхода к явлению порнографии. Сторонники первого подхода считают, что при просмотре порнографических материалов люди должны понимать, что то, что они видят, является отражением их сексуальной агрессии и свободы. Сторонники второго подхода считают, что просмотр порнографических материалов может обеспечить сексуальную свободу, что, наоборот, приводит к устранению возможного насилия. Подводя итоги анализа объекта и субъекта незаконного оборота порнографических материалов или предметов порнографического характера, автор отметил, что для более эффективной борьбы с исследуемыми негативными явлениями необходимо закрепить в уголовном законодательстве понятие порнографии, что позволяет отличить порнографические и эротические явления друг от друга. В результате исследования выяснилось, что в целях эффективного предотвращения преступлений в сфере незаконного оборота порнографических материалов или предметов порнографического характера принято решение Пленума Верховного суда Республики Таджикистан «О судебной практике незаконного оборота порнографических материалов», где среди прочих вопросов определению термина «порнография» уделяется должное внимание.

**Ключевые слова:** теоретический анализ, понятие, сущность, признаки, порнография, предметы и объекты, эротика, незаконное распространение, видео- и аудиоматериалы, изображение.

## SOME THEORETICAL ASPECTS OF THE CONCEPT AND SIGNS OF PORNOGRAPHY

This article analyzes and discusses some theoretical aspects of the concept and characteristics of pornography. The author, while exploring this issue, took into account the opinion of scientists and subjected the concepts and signs of pornography to a theoretical analysis. In the course of considering this issue, the author came to the conclusion that there are two contradictory approaches to the phenomenon of pornography. Proponents of the first approach believe that when viewing pornographic materials, people should understand what they are seeing, which is a reflection of their sexual aggression and freedom. Proponents of the second approach believe that viewing pornographic materials can provide sexual freedom, which, on the contrary, leads to the elimination of possible violence. Summing up the analysis of the object and subject of the illegal trafficking of pornographic materials or objects of a pornographic nature, the author noted that in order to more effectively combat the negative phenomena under study, it is necessary to enshrine the concept of pornography in criminal legislation, which makes it possible to distinguish pornographic and erotic phenomena from each other. As a result of the study, it turned out that in order to effectively prevent crimes in the field of illegal trafficking in pornographic materials or items of a pornographic nature, a decision was made by the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan “On judicial practice, illegal trafficking in pornographic materials”, where, among other issues, the definition of the term “pornography” is given due attention.

**Keywords:** theoretical analysis, concept, essence, signs, pornography, objects and objects, erotica, illegal distribution, video and audio materials, images.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасани Билолзоди Халилиён*** **–** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988864287**. E-mail: **hasan.bilol@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хасан Билолзоди Халилиён*** **-** Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D отдел истории государства и права. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 988864287**. E-mail: **hasan.bilol@mail.ru**

**Information about the author:** ***Hasan Bilolzodi Khaliliyon*** **-** Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A. Bakhovaddinova National Academy of Sciences of Tajikistan, Ph.D doctoral student, department of history of state and law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 988864287**. E-mail: **hasan.bilol@mail.ru**

ТДУ: 343 (575.3)

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БО САБАБИ ПУШАЙМОНӢ АЗ КИРДОР ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН

*Муҳаммадиев Бахтиёр*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Ҳанӯз дар аввалин ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ (декретҳои Совети мудофиаи коргару деҳқон, декретҳо ва қарорҳои Шурои Комиссарони Халқ (минбаъд ШКХ) қайд карда шуда буд, ки пушаймонӣ аз кирдор, хусусан зуҳуроти фардии он, бояд на танҳо ба сабук кардани ҷиноят таъсир расонад, балки шахс пурра аз ҷавобгарӣ озод карда шавад.

Дар бештари санадҳои ҳуқуқии ҷиноятии замони Шуравӣ меъёрҳо вобаста ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор пурра инъикос наёфта буданд. Ҳамзамон, дар баъзе санадҳои ҳуқуқии ин давра зуҳуроти пушаймонӣ аз кирдор ба назар мерасид. Ҳамин тавр, дар Муроҷиатномаи ШКХ аз 26 ноябри соли 1917 «Дар бораи мубориза бар зидди исёнҳои контрреволютсионӣ» қайд гардида буд, ки ҳар як «меҳнаткаш», ки дар ин ташкилоти контрреволютсионӣ ихтиёран фаъолияташро бас кунад ва ба мақомоти ҳокимияти Шуравӣ ҳозир шавад, аз ҷавобгари ҷиноятӣ озод карда мешавад - «дӯстона қабул гардида, аз Ҳукумати Советӣ кумаки заруриро пайдо мекунад» [14,с.17].

Минбаъд ҳолатҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор дар як қатор қарорҳо мавқеи худро ба андозае пайдо намуда буданд. Дар байни онҳо Қарор аз 25 декабри соли 1918 «Дар бораи фирор» [13] ва қарор аз 3 июни соли 1919 «Дар бораи чораҳои барҳам додани фирор» мавқеи махсус доштанд [12]. Ҳарду санад ҳолаҳои озод гардидан аз суд ва аз ҷазоро барои шахсоне, ки аз даъвати сафарбарӣ саркашӣ намудаанд ё аз сафи армия фирор мекарданд, дар сурати ихтиёран ба мақомоти ҳарбӣ ё комиссариатҳои ҳарбӣ дар муҳлати муқарраршуда (2 ҳафта, 7 руз) ҳозир шудан, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешуданд.

Дар давраи Шуравӣ ба масъалаҳои ҷазо ва тафриқаи ҷавобгарии ашхосе, ки дар ришвахорӣ гунаҳгор дониста мешуданд, таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд. Декрети ШКХ 08 майи соли 1918 [14,с.25] ҳолати аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан барои гирифтани пораро пешбинӣ намуда буд, агар ин кирдор то баровардани ин Декрет содир гардида буд ва шахс дар давоми 3 моҳ аз рӯзи баровардани он ба мақомоти адлия хабар медод. 16 августи соли 1921 ШКХ Декрет «Дар бораи мубориза зидди порахӯрӣ»-ро [15] қабул намуд. Дар ин санад асосҳои аз ҷазо озод кардани шахсе, ки пора додааст, тағйир дода шуданд. Акнун барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудан танҳо дар бораи ҳолати додани ришва хабар додан кифоя набуд, аломати саривақтӣ хабар додан ҳатмӣ гардид, инчунин алтернатива дар шакли кумак ба порагир барои ошкор сохтани парвандаи ришвахорӣ низ ҷорӣ карда шуд.

Соли 1919-ум бо Қарори Комиссариати Халқии Адлия асосҳои роҳбарикунанда оид ба ҳуқуқи ҷиноятии ҶШФСР қабул карда шуданд, ки он меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии парокандаи солҳои қаблиро, ҷамъ оварда, асоси Қисми умумии Кодекси ҷиноятии ҶШФР дар оянда гардид. Бо вуҷуди ин, дар ин Асосҳои роҳбарикунанда оид ба пушаймонӣ аз кирдор ягон муқаррарот ҷой надошт. 1 июни соли 1922 дар тамоми қаламави ҶШФСР аввалин Кодекси ҷиноятии ҶШФСР дар таърихи қонунгузории ҷиноятии ИҶШС қабул гардид [15]. Муаллифони лоиҳаи Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 кирдорҳои ихтиёрии шахси пушаймоншударо ба як қатор омилҳое вобаста кардаанд, ки барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани ҷинояткор имконият медиҳанд. Аммо дар лоиҳаҳои минбаъдаи Кодекси ҷиноятӣ ва худи кодексҳои ҷиноятии замони шуравӣ қарор қабул карда шуд, ки аз ин идея даст кашанд. Бо вуҷуди ин, дар он замон муқаррароти муайяне, ки ба сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳавасмандгардонии рафтори баъдиҷиноятӣ нигаронида шудаанд, амал мекарданд. Аммо дар Қисми умумии ин Кодекс меъёрҳое ҷой надоштанд, ки пушаймонӣ аз кирдорро ҳамчун ҳолати сабуккунандаи гуноҳ ё ҳамчун асоси умумии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (ҷазо) муқаррар менамуданд.

Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 моддаҳоеро, ки намудҳои махсуси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо озод кардан вобаста ба пушаймонӣ аз кирдорро дар бар немегирифтанд.

Ба Кодекси ҷиноятии ҶШФСР 9 октябри соли 1922 моддаи 114а илова карда шуд, ки мувофиқи он [3]:

1) доираи субъектҳои парвандаҳои порахӯрӣ, ки аз ҷазо озод карда мешуданд, васеъ карда шуд - порагир, миёнарав дар порагирӣ, шахсе, ки дар мубориза ба порагирӣ ҳар гуна кумак расонидааст ё чора андешидааст;

2) асосҳои озод кардан аз ҷазо - ихтиёран ва фавран хабар додан ин шахсон дар бораи тамаъҷӯӣ ва нишондоди саривақтӣ, ки ба фош шудани парвандаи пора мусоидат мекунанд [10].

Дар ин модда асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ омехта ҷой дода шуданд, зеро агар ихтиёран ба мақомоти ҳокимият ҳозир шудан асоси пушаймонӣ аз кирдор бошад, пас мавҷудияти тамаъҷӯӣ ба он таалluқ надорад.

Рушди минбаъдаи институти пушаймонӣ аз кирдор дар доираи Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1926 ба амал меояд. Дар м. 48, номгӯйи ҳолатҳои сабуккунанда ҳангоми муайян намудани чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ муқаррар карда шуда буд, аммо дар байни онҳо ҳолати пушаймонӣ аз кирдор мавҷуд набуд.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9–уми майи 1935 қабул гардида, 15 июни соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба қувваи амал даромад, ки давраи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо ин қарор амали КҶ ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон бекор карда шуд. Ин нахустин КҶ ҶШС Тоҷикистон мебошад, ки нақш ва аҳаммияти муҳимро дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебозад. Кодекси мазкур мутобиқи қонунҳои умумииттифоқӣ бо инъикоси хусусиятҳои ҷомеаи Тоҷикистон таҳия шуда буд. Дар ин Кодекс танҳо як ҳолати мушаххаси озод кардан аз ҷазо вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор мавҷуд буд. Ин муқаррарот КҶ ҶШС Тоҷикистон 9 майи соли 1935 [17] айнан бо меъёри пешбининамудаи КҶ ҶШС Ӯзбекистон соли 1926 шабеҳ буд [18]. Ин нуқта ба Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1926 низ хос буд. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи дар давраи мазкур воқеан мавҷуд набудани меъёрҳо вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор сухан ронем.

Дар солҳои 30-ум пурзӯр шудани сиёсати ҷазодиҳии ҷиноятӣ ба амал омад, ки ин, дар навбати худ, инкишоф ва фаъолияти минбаъдаи институти пушаймонӣ аз кирдорро боздошт. Ҳамзамон, тавре В.К.Коломеес қайд мекунад, 21 июни соли 1937 фармони махфӣ ба имзо расид, ки дар асоси он хизматчиёни ҳарбӣ, аъзоёни ташкилотҳои контрреволютсионӣ ва фашистӣ, ки ихтиёран ба мақомоти тафтишот ҳозир шуда, аз ҷиноятҳои содиркардаашон пушаймон шудаанд ва инчунин дар бораи ҷиноятҳои худ ё дар бораи шариконашон хабар додаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешуданд [7,с.6].

Қисман эҳёи институти пушаймонӣ аз кирдор дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз гардид. Бо Декрети Кумитаи давлатии мудофиаи (КДМ) аз соли 1942 «Дар бораи супоридани амволи ғаниматӣ» [11] сокинони минтақаҳои аз ҷониби Артиши Шуравӣ озодшуда барои ихтиёран супурдани тамоми яроқи ватанӣ ва ғасбгардида дар давоми 24 соат аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешуданд.

Мувофиқи Указа Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 22 январи соли 1942 «Дар бораи татбиқи ҷазо барои фирор» ихтиёран ҳозир шудани судшаванда барои фирор дар замони ҷанг ҳолати сабуккунанда буда, истифодаи ҳукми қатлро истисно менамуд [9,с.143].

Бо дастури Сарпрокурори ҳарбӣ аз 18 октябри соли 1943 тамоми фирориёни Артиши Сурх, ки ихтиёран ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳозир мешуданд ё дар дастаҳои ҷиноятӣ қарор доштанд, аммо ҷиноятҳои вазнин содир накардаанд, бо фармони махсус ба қисмҳои ислоҳӣ фиристода мешуданд, бе татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ [2,с.129-130]. Пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 17 сентябри соли 1955 Президиуми Совети Олии ИҶШС авфи шаҳрвандони советӣ ва аз ҷавобгарӣ озод кардани шаҳрвандони ИҶШС, ки дар хориҷа буданд, дар солҳои 1941-1945 ба душман таслим шуданд ва ё дар сафи артиши немис хизмат карданд, вале бо фаъолияти минбаъдаи фаъолонаи ватандӯстона ба манфиати Ватан гуноҳи худро сафед кардаро, эълон кард [19,с.26]. Инчунин, дар Указа

Президиум сабук кардани ҷазо барои ихтиёран ҳозир шудани шаҳрвандони шуравӣ, ки дар хориҷа буданд ва дар солҳои ҷанг ба муқобили ИҶШС ҷиноятҳои вазнин содир кардаанд, пешбинӣ шуда буд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ меъёрҳои ба таъхир андохтани мухлати иҷрои ҷазо барои категорияҳои алоҳидаи хизматчиёни ҳарбии ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда ва ба фронт фиристодани онҳо (эзоҳи 2 м.28 Кодекси ҷиноятии ҶШФСР) дар давраи ҷанг васеъ истифода мешуданд. Ин муқаррарот баъдан дар таҳияи қонуни нави ҷиноятӣ истифода шуданд. Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани шахсоне, ки ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шуданд ва ё ба фош намудани исёнҳои зиддисоветӣ ёрӣ расондаанд, дар Указand Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 17 сентябри соли 1955 «Дар бораи авф кардани гражданинҳои советӣ, ки дар солҳои ҶБВ 1941-1945 бо истилогарон ҳамкорӣ кардаанд" қайд мегардад.

Дар охири солҳои 50-ум сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии нав ҷорӣ гардид. Бо Қонуни ИҶШС аз 25 декабри соли 1958 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тасдиқ гардид, ки дар он қоидаҳои умумии сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор муқаррар карда шудаанд [5]. Бояд таъкид кард, ки то қабул шудани ин санад дар сатми танзими пушаймонӣ аз кирдор тағйироти ҷиддӣ ба амал наомада буд. Санади мазкур чунин зуҳуроти пушаймонӣ аз кирдорро пешбинӣ намуда буд:

– аз ҷониби ҷинояткор пешгирии оқибатҳои хавфноки ҷиноят ё ихтиёран ҷуброни зарари расонидашуда ё рафъи зарари расонидашуда;

- пушаймонии самимӣ ё эътирофи гуноҳ;

- аз ҷониби суд ҳангоми таъини ҳукм метавонистанд дигар ҳолатҳо ба инобат гирифта шаванд.

Дар заминаи асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ КҶ ҶШС Тоҷикистон 17 августи соли 1961 [16] қабул шуда буд. Моддаи 38 номгӯйи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷумла ҳолатҳои вобаста ба унсурҳои пушаймонӣ аз кирдор алоқаманд бударо пешбинӣ менамояд:

- аз ҷониби гунаҳгор пешгирии оқибатҳои зараровари ҷиноят ё ихтиёран ҷуброни зарари расонидашуда ё рафъи зарари расонидашуда;

- ошкоро пушаймон шудан ё ба гуноҳ иқрор шудан, инчунин саҳми фаъолона дар фош кардани ҷиноят.

Пушаймонӣ аз кирдор ҳамчун асоси мустақили озод гардидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар Кодекси ҷиноятии КҶ ҶШС Тоҷикистон ба назар гирифта нашуда буд, аммо дар Қисми махсуси асосҳои махсуси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан вобаста в пушаймонӣ аз кирдор васеъ гардиданд. Қоидаҳои махсуси пушаймонӣ аз кирдор дар 6 модда муқаррар карда шудаанд. Дар ин марҳила мо ба охир расидани давраи барқароршавии институти пушаймонӣ аз кирдорро мебинем, ки он тавассути инкишоф додани қонунгузории ҷиноятии ин самт тавонист зуҳуроти ин институтро муайян созад.

Фурӯпошии ИҶШС фаъолияти институтҳои ҳуқуқиро низ боздошт, ки ин, дар навбати худ, зарурати таҳияи қонунгузории нав ва сиёсати нави ҳуқуқиро ба миён овард, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Пас аз пошхӯрии ИҶШС марҳалаи нави инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва фаъолияти институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла институти пушаймонӣ аз кирдор оғоз гардид. Самти асосии сиёсати ҷиноятии давлати нав гуманизатсияи муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷусутуҷӯйи алтернатива ба навъҳои ҷазоҳои вазнин гардид. Дар робита ба ин, омодасозии босуръати лоиҳаҳои КҶ ҶТ оғоз ёфт, ки бояд муқаррарот ва принсипҳои Конститутсияи ҶТ-ро, ки 6 ноябри соли 1994 қабул карда шуда буд дар бар мегирифт. Аввалин бор дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар Кодекси ҷиноятӣ соли 1998 «Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор» ҳамчун институти мустақил муқаррар карда шуд [6]. Дар он институти пушаймонӣ аз кирдор ба таври васеъ мустаҳкам карда шуд. Ҳамин тавр, дар банди «и» м. 61 ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук мекунанд, номгӯйи ҳолатҳои сабуккунанда дар шакли «ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шудан, сидқан пушаймон шудан, фаъолона мусоидат кардан дар ошкор намудани ҷиноят, фош кардани дигар иштирокчиёни ҷиноят ва дар кофтукови молу мулки

дар натиҷаи ҷиноят бадастомада» пешбинӣ гардид. Илова бар ин, бори аввал дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон таҳрири номи модда ба ҳамин унвон пайдо шуд. Моддаи 72 “Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор» ин ба институти пушаймонӣ аз кирдор маънои мустақил дод ва баъдан дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ҳамчун асос ба инобат гирифта шуд.

Дар қонуни ҷиноятӣ аломатҳои асосии пушаймонӣ аз кирдор ин ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шудан ва зарари расонидаашро талофӣ намудан, муқаррар карда шуданд. Тавре Л.В. Лобанова қайд менамояд, маҳз ба ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шудан самимият хос аст, ки аҳаммияти пушаймонӣ аз кирдорро инъикос мекунад [8,с.21]. Ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шудан дорои аҳаммияти хеле муҳимми ҳуқуқии иҷтимоӣ ва ҷиноятӣ буда, ҷанбаҳои объективӣ ва субъективии асоси оқибатҳои мусбати ҳуқуқиро нишон медиҳад, нишондиҳандаи дараҷаи тағйирёбанда ва воқеии арзиши иҷтимоии шахсияти ҷинояткор мебошад [1,с.174].

Дар муқоиса бо қонунгузории солҳои шуравӣ дар КҶ ҶТ номгӯйи унсурҳое, ки пушаймонӣ аз кирдорро ташкил медиҳанд ва шартҳо (аломатҳо), ки мавҷудияти онҳо имкони татбиқи онро муайян мекунад, васеъ ва мушаххас карда шудаанд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки мутаассифона, қонунгузор то ҳол аз чунин аломати ахлоқию равонӣ, ба монанди сидқан пушаймон шудан даст накашид. Ин истилоҳ дар банди «и» м. 61 КҶ ҶТ, муқаррар карда шудааст. Ба андешаи мо, истифодаи категорияи ахлоқию равонии «сидқан пушаймон шудан», ки бештар хосси қонунгузории шуравӣ буд, мувофиқи мақсад намебошад, зеро аз «сидқан пушаймон шудан»–и шахс аллакай амалҳои ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Бинобар ин, бо мақсади пурра ба категорияи ҳуқуқӣ табдил додани институти пушаймонӣ аз кирдор аз истифодаи ин истилоҳ дар КҶ ҶТ даст кашидан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар баробари ин, тамоюли васеъ намудани номгӯйи таркибҳои махсус, ки дар онҳо эзоҳҳо вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор ба озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ тағйиротҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва талаботи ҷамъият ва давлат мавҷуда нигоҳ дошта шуданд. Қисми 2 м. 72 КҶ ҶТ ба ғайр аз асосҳои умумии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор, асоси махсусеро, ки дар эзоҳҳои моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ баён шудаанд, пешбинӣ намудааст.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, тамоюлҳои зерини инкишофи қонунгузории ҷиноятиро оид ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор метавон қайд намуд:

1. Дар ибтидои ташаккули давлат ва ҳуқуқи Шуравӣ қонуни ягонаи ҷиноятӣ мавҷуд набуд, муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бо декретҳо, мурожиатҳо, қарорҳо, фармонҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ танзим карда мешуданд.

2. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 меъёрҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор ҷой надошт.

3. Бори аввал дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар Кодекси ҷиноятии дар соли 1998 мафҳуми «пушаймонӣ аз кирдор» муқаррар гардид ва бо назардошти таҷрибаи чандинсолаи таърихии инкишофи худ, инчунин бо назардошти принсипу меъёрҳои умумиэътирофнамудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун институти ҳуқуқи ҷиноятӣ мақоми мустақил ва ҳуқуқӣ пайдо намуд. Дар муқоиса бо қонунгузории солҳои қаблӣ дар КҶ ҶТ соли 1998 номгӯйи асосҳое, ки пушаймонӣ аз кирдорро ташкил медиҳанд, васеъ ва мушаххас гардиданд.

**Муқарриз: н.и.х, дотсенти ДМТ - Камолов З.**

**АДАБИЁТ**


1. Балафендиев, А.М. Деятельное раскаяние как основание дифференциации ответственности и мера уголовно-правового воздействия / А.М. Балафендиев // Вестник Волжского университета им. В.Н. Татищева. – 2021. – Т. 1. -№2(98). -С.174-182.
2. Блинова В.В. Борьба органов НКВД Чкаловской области с контрреволюционными преступлениями в годы Великой Отечественной войны // Южный Урал – великой победе / В.В. Блинова // материалы региональной научно-практической конференции, посвященной 60-летию Победы над гитлеровской Германией. -Оренбург, 2005. -С. 129-130.

3. Декрет ВЦИК СНК РСФСР от 09.10.1922 года «Об изменении текста ст. 114 Уголовного Кодекса» // Собрание узаконений РСФСР. 1922. № 63. Ст. 808.
4. Декрет СНК РСФСР от 16.08.1921 года «О борьбе со взяточничеством» // Известия ВЦИК. 21.08.1921. -№ 184.
5. Закон СССР от 25.12.1958 года «Об утверждении Основ Уголовного Законодательства Союза ССР и Союзных Республик» (вместе с Основами уголовного законодательства Союза ССР и Союзных Республик) (ред. от 08.04.1989) // Ведомости ВС СССР. -1958. -№ 1. -Ст.6.
6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 08.09.2023).
7. Коломеец В.К. Явка с повинной по российскому законодательству (1845–1995) / В.К. Коломеец. – Екатеринбург: Изд-во Ур. ун-та, 1996. –121 с.
8. Лобанова Л.В. Явка с повинной по новому УК: понятие и значение // Уголовное законодательство: история и современные проблемы: Тез. докл. и сообщ. межвуз. науч.-практ. конф. Под ред. А.С. Сенцова. – Волгоград, 1998. – 116 с.
9. Молотилкин С.В. Деятельное раскаяние как форма освобождения от уголовной ответственности по Советскому законодательству // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение / С.В. Молотилкин // Вопросы теории и практики. -2015. -№ 12 (65). -С. 142-145.
10. Постановление ВЦИК от 22.11.1926 года «О введении в действие Уголовного Кодекса РСФСР редакции 1926 года» (вместе с Уголовным кодексом РСФСР) // Собрание узаконений РСФСР. -1926. -№ 80. -Ст. 600.
11. Постановление ГКО от 16.01.1942 года № ГКО-1156сс «О сдаче трофейного имущества» // Ведомости Верховного Света СССР. -1942. -№ 2. -Ст. 128.
12. Постановление Совета рабочей и крестьянской обороны от 03.06.1919 года «О мерах к искоренению дезертирства» // СУ РСФСР. -1919. -№ 25. -Ст.287.
13. Постановление Совета рабочей и крестьянской обороны от 25.12.1918 года «О дезертирстве» // СУ РСФСР. - 1919. -№ 99. -Ст.1015.
14. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР (1917-1952). Ред. профессора И.Т. Голякова. -М.: Государственное издательство юридической литературы, 1953. – 464 с.
15. Уголовный кодекс РСФСР от 01.06.1922 [Электронный ресурс] / Федеральный правовой портал «Юридическая Россия», 2002-2006. URL: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1241523&subID=100096269,100096271,100096275,100096283#text (дата обращения 25.02.2015).
16. Уголовный кодекс Таджикской ССР. - Душанбе: Таджикгосиздат, 1961. - 166 с.
17. Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Сталинабад, Таджикгосиздат, 1935. - 81с.
18. Уголовный кодекс УзбССР 1926 г. // Собрание Узаконений УзбССР. – № 11. – 12. – Ст. 54.
19. Шатилович С.Н. Деятельное раскаяние и наказуемость преступлений: монография / С.Н. Шатилович. -Тюмень: Тюменский юридический институт МВД России, 2005. - 180 с.


## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БО САБАБИ ПУШАЙМОНӢ АЗ КИРДОР ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола таърихи ташаккули институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1917-1998 мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф баён медорад, ки дар ибтидои ташаккули давлат ва ҳуқуқи Шуравӣ қонуни ягонаи ҷиноятӣ мавҷуд набуд, муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бо декретҳо, муроҷиатҳо, қарорҳо, фармонҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ танзим карда мешуданд. То соли 1958 қоидаи умумии пушаймонӣ аз кирдор ҳамчун ҳолате, ки ҷавобгариро сабук мекунад, вуҷуд надошт. Аз лаҳзаи дар қонунгузорӣ муқаррар намудани пушаймонӣ аз кирдор ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ қонунгузор онро бо назардошти ду ҳолат татбиқ менамояд: якум, ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ; дуюм, ҳамчун аломати ахлоқӣ-равонӣ - самимияти пушаймонӣ аз кирдор. Бори аввал дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар Кодекси ҷиноятии соли 1998 озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор ҳамчун намуди мустақили озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шуд.



**Калидвожаҳо:** ҷавобгарии ҷиноятӣ, пушаймонӣ аз кирдор, Кодекси ҷиноятӣ, ба гуноҳ иқрор шудан, талофӣ намудани зарар, ҳолатҳои сабуккунанда, категорияҳои ҷиноят, шахсияти гунаҳгор, ҷиноят, расонидани ёрии тиббӣ, таркиби ҷиноят, қисми умумӣ.


## ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ИНСТИТУТА ОСВОБОЖДЕНИЯ ОТ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В СВЯЗИ С ДЕЯТЕЛЬНЫМ РАСКАЯНИЕМ В УГОЛОВНОМ ПРАВЕ ТАДЖИКИСТАНА


В статье исследуется история становления института освобождения от уголовной ответственности в связи с деятельным раскаянием в уголовном законодательстве Республики Таджикистан в период 1917-1998 годах. Автор констатирует, что в начале становления советского государства и права не существовало единого уголовного закона, судебно-уголовные отношения регулировались указами, декретами, постановлениями, приказами и другими нормативными документами. До 1958 года не существовало общего правила деятельного раскаяния как смягчающего обстоятельства. С момента установления в законодательстве деятельного раскаяния как обстоятельства, смягчающего уголовную ответственность, законодатель применяет его с учетом двух случаев: во-первых, как уголовно-правовой категории, во-вторых, как морально-психологического признака - искренности раскаяния от совершенного деяния. Впервые в истории уголовного законодательства Таджикистана в Уголовном

кодексе 1998 года было закреплено освобождение от уголовной ответственности в связи с деятельным раскаянием как отдельный самостоятельный вид освобождения от уголовной ответственности.

**Ключевые слова:** уголовная ответственность, деятельное раскаяние, уголовный кодекс, признание вины, возмещение вреда, смягчающие обстоятельства, категория преступлений, личность виновного, преступление, оказание медицинской помощи, состав преступления, общая часть.

## THE HISTORY OF THE FORMATION OF THE INSTITUTION OF EXEMPTION FROM CRIMINAL LIABILITY IN CONNECTION WITH ACTIVE REPENTANCE IN THE CRIMINAL LAW OF TAJIKISTAN

The article examines the history of the formation of the institution of exemption from criminal liability in connection with active repentance in the criminal legislation of the Republic of Tajikistan in the period 1917-1998. The author states that at the beginning of the formation of the Soviet state and law there was no single criminal law; judicial-criminal relations were regulated by decrees, decrees, resolutions, orders and other normative documents. Before 1958, there was no general rule of active remorse as a mitigating circumstance. Since the establishment of active repentance in legislation as a circumstance mitigating criminal liability, the legislator applies it taking into account two cases: firstly, as a criminal legal category, and secondly, as a moral and psychological sign - the sincerity of repentance for the committed act. For the first time in the history of criminal legislation of Tajikistan, the Criminal Code of 1998 established exemption from criminal liability in connection with active repentance as a separate independent type of exemption from criminal liability.

**Keywords:** criminal liability, active repentance, criminal code, admission of guilt, compensation for harm, mitigating circumstances, category of crimes, identity of the perpetrator, crime, provision of medical care, corpus delicti, general part.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муҳаммадиев Бахтиёр Сунатович-*** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **928377100**

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадиев Бахтиёр Сунатович*** **–** Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **928377100**

**Information about the author:** ***Muhammadiev Bakhtiyor*** – Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant**. Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **928377100**

ТДУ: 343 (575.3)

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ СУБЪЕКТИ МАХСУС МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Сайдалиев О.И.*

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб гардидан ба Истиқлоли давлатӣ бо қабули нахустин Кодекси ҷиноятии худ масъалаи ҷавобгарии субъекти махсусро муқаррар намуд. Лозим ба ёдоварист, ки қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятро дар баробари дигар кишварҳои аъзои ИДМ ба таври шабеҳ танзим кардааст. Барои боз ҳам равшантар шудани масъалаи мазкур таҳлил намудани ҷавобгарии субъекти махсусро дар баъзе аз гурӯҳҳои ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии кишвар ба мақсад мувофиқ меҳисобем.

**Ноболиғон ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят.** Ҷиноякории ноболиғон барои ҷомеа падидаи ниҳоят хатарнок буда, ба рушди давлати муосир монеъ мешавад. Шахсоне, ки дар хурдсолӣ ҷиноят содир кардаанд, ҳуқуқу уҳдадориҳои худро дарк карда наметавонанд. Аз ҷониби ноболиғ содир намудани ҷиноят аз камбудиҳои тарбия, инкишофи ахлоқию ҳуқуқии ӯ шаҳодат медиҳад. Ин ҷиноят метавонад ба сарнавиштиояндаи наврас таъсири манфӣ расонад, хусусияти муносибатҳои минбаъдаи ӯро бо қонуни ҷиноятӣ муайян кунад. Ба рафтори ҷиноятии ноболиғон раванду падидаҳои манфии иҷтимоӣ, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, таъсири зиёд дорад ва ин шахсон нисбат ба калонсолон ба чунин омилҳо бештар дучор мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи ҷавобгарӣ нисбати ноболиғон бояд хусусиятҳои номбурда ба инобат гирифта шаванд. С.А. Маркунсов дар ин хусус дуруст қайд намудааст, ки қонунгузор меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғонро таҳия намуда, хусусиятҳои равонии онҳо, инчунин хусусиятҳои даркнамоии онҳоро аз манъшудаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба назар мегирад [15,с.14-15]. Андешаи И.А. Волшин низ ҷолиби диққат аст, ки тибқи андешаи ӯ, ҳангоми қабули қарор суд дар ҳар як ҳолати мушаххас шароити зиндагии наврасро муайян карда, баҳо медиҳад: зери таъсири кӣ қарор мегиранд, оё иғвогарон ҳастанд, оё волидайн ба тарбияи фарзанд машғул мешаванд ва ғайра [6,с.67].

Доир ба масъалаи мавриди назар мо чунин меҳисобем, ки ҳангоми танзими меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон қонунгузор бояд якчанд меъёрҳои (қоидаҳои) мушаххасро ба инобат гирад. Қоидаи асосӣ ин аст, ки ноболиғе, ки ҷиноят содир мекунад, бояд хусусияти воқеӣ ва хатари ҷамъиятии кирдори содиршударо дарк карда тавонад. Танҳо дар ҳамин сурат оид ба имконияти нисбат ба ӯ татбиқ намудани баъзе чораҳои қонунии ҷиноятӣ сухан рондан мумкин аст. Дар асоси ин шахс бояд воқеияти атрофро аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ ва таҳлил карда тавонад, натиҷаҳои он амалҳоеро, ки ба анҷом мерасонад, пешгӯӣ намояд, инчунин сатҳи даъвои худро бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва дигар меъёрҳо андозагирӣ кунад. Е.Ю. Антонова дар ин хусус қайд мекунад, ки инсон танҳо пас аз расидан ба синни муайян чунин қобилиятро пайдо мекунад [3,с.27-28].

Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дорои як қатор хусусиятҳои муҳим буда, аз ҷавобгарии ҷиноятии калонсолон ба куллӣ фарқ менамояд. Яке аз чунин хусусиятҳоро М.А. Тюмнева навъҳои ҷазое донистааст, ки нисбати ноболиғон таъин карда мешаванд [20,с.78-79]. Фасли 5-уми Кодекси ҷиноятии ҶТ [13] низ ба ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон бахшида шуда, боби 14-уми он хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғонро муқаррар мекунад. Аз мазмуни моддаи 87-и КҶ ҶТ бармеояд, ки аз шумораи умумии ҷазоҳо танҳо панҷ намуд ба ноболиғон таъин карда мешаванд: ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ. Аммо дар баробари ин, ба ноболиғон навъи ҷавобгарии махсус таъин карда мешавад, ки он нисбат ба калонсолон татбиқ намегардад. Онро қисми 2, моддаи 86 чунин муқаррар кардааст: “Ба ноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд, мумкин аст ҷазо ё чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣ дошта таъин карда шаванд”.

Яке аз хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон, синну соли фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо мебошад. Мутобиқи банди 1, моддаи 86-и КҶ ҶТ,

шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд. Ин меъёр маънои онро дорад, ки ноболиғон танҳо барои содир намудани ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки онҳоро шахси аз 14 то 18-сола содир карда метавонанд. Масалан, ноболиғон субъекти ҷиноятҳои ҳарбӣ, мансабӣ ва ғайра, ки синну соли дахлдорро талаб менамоянд, шуда наметавонанд. Ноболиғон танҳо барои ҳамон ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки қонунгузор субъекти чунин ҷиноятҳо будани ноболиғро қаблан муайян кардааст. Мутобиқи моддаи 23-и КҶ ҶТ ноболиғони синни 14-сола танҳо дар ду ҷиноят ба таври равшан субъекти махсус ба ҳисоб мераванд: таҷовуз ба номус (моддаи 138), кирдори зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139) [13].

Я.Н. Ермолович меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғонро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки ҷинояткори ноболиғ ҳамчун «ҳолате эътироф мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро фарқ мекунад» [12,с.91-92] ва қайд мекунад, ки «хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон инҳо мебошанд: 1) ноболиғӣ ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф карда мешавад; 2) ҳангоми ба ноболиғ таъин кардани ҷазо ба ғайр аз ҳолатҳои умумӣ, шароити зиндагӣ ва тарбияи ӯ, дараҷаи инкишофи равонӣ, дигар хислатҳои шахсият, инчунин таъсири шахсони калонсол ба ӯ низ ба назар гирифта мешаванд; 3) мавҷуд будани заминаи махсус барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани ноболиғон, ки ҷиноятҳои начандон вазнин ё миёна содир намудаанд, агар эътироф карда шавад, ки ислоҳи онҳо бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбурии таъсиррасонии тарбиявӣ имконпазир аст; 4) мавҷуд будани асосҳои махсус барои аз ҷазо озод кардани ноболиғон, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин ё миёна бо истифодаи чораҳои маҷбурии таъсири тарбиявӣ маҳкум шудаанд; 5) мавҷуд будани асосҳои махсус барои аз ҷазо озод кардани ноболиғон, ки барои содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна, инчунин ҷинояти вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ бо ҷойгир кардан дар муассисаи махсуси таълимӣ – муассисаи таълимии намуди пӯшида, маҳкум шудаанд; 6) мавҷуд будани қоидаҳои махсуси пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо, ки нисбат ба шахсоне, ки дар синни ноболиғӣ ҷиноят содир намуда, ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд; 7) мавҷуд будани қоидаҳои махсуси ҳисоб кардани муҳлати даъво барои содир кардани ҷиноят ва иҷрои ҳукми айбдоркунии суд; 8) мавҷудияти қоидаҳои махсуси ҳисоб кардани муҳлатҳои баргардонидани доғи судӣ [12,с.91-92].

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт.** Таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ дар тули тамоми мавҷудияти худ нишон медиҳад, ки масъалаи баҳодиҳии ҷиноятӣ-ҳуқуқии куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модар то кунун ҳалли худро наёфтааст ва то имрӯз аҳаммияти худро низ гум накардааст. Ҷинояти мазкур ба гурӯҳи ҷиноятҳои имтиёзнок дохил мешавад. Вобаста ба ин масъала дар ададбиёт қайд мегардад, ки ба сифати ҷинояти имтиёзнок ҷудо кардани куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модар, чун қоида, ба ҳолати манфии психофизикии ӯ вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуд алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарӣ эътироф мешаванд: таъсири раванди таваллуд, таъсири таҷрибаи сахти марбут ба таваллуд, маъюбшавии кӯдак, вазъияти махсусан вазнин дар ҳаёти шахсӣ, тарс аз ошкор шудани таваллуди кӯдак ва ғ. [18,с.43, 45] Дар тафсири КҶ ҶТ ҳолатҳои вазнини зан ба таври зерин қайд гардидааст: бе никоҳ таваллуд кардан, ҳаросонӣ аз тақдири минбаъдаи кӯдак, ҳомиладорӣ дар натиҷаи таҷовуз ба номус, барҳам хӯрдани оила, мушкилоти молиявӣ низ таъсири ҷиддӣ расонида метавонанд [19,с.239]. Имтиёз дар ин ҳолат дар мавҷудияти яке аз ҳолатҳои сабуккунанда - шароити ҳолати осеб ё ҳолати вайроншавии равонӣ мебошад. Агар зарурати мавҷудияти ҷавобгарӣ барои ин навъи ҷиноят ҷой дошта бошад, пас дар байни олимону ҳуқуқшиносон оид ба масъалаи ба таркиби ҷинояти имтиёзнок дохил намудани ин гуна амалҳо андешаҳои гуногун ва мавқеъҳои норавшан мавҷуд мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳаёти кӯдак дар кишвар ҳамчун арзиши мустақили иҷтимоӣ ва ё бавосита, вобаста ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии зани ҳомиладор мавриди ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарор дода мешавад. Ин аст, ки дар моддаи 105-и КҶ ҶТ кӯдаки навзоди худро куштани модар ҳамчун кирдори ҷиноятӣ дониста шуда, барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ дар намуди маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол муқаррар карда шудааст. В.М. Алиева дар хусуси ҷавобгарии модар

барои куштори кӯдаки навзоди худ қайд намудааст, ки модаре, ки бо ангезаи номус дарҳол баъди таваллуди кӯдаки навзод боиси марги он шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодии дараҷаи сеюм ҷазо дода мешавад. Чунин ҷазо нисбат ба волидайне низ татбиқ мешавад, ки дарҳол пас аз итминон пайдо карданаш, ки ин иллат табобатнашаванда аст, аз рӯйи раҳму шафқат тифли навзоди маъюбро ба марг расонидааст. Ҳар шахсе, ки дар ин ҷиноят қасдан бо мақсади фоида иштирок мекунад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ дараҷаи чорум ҷазо дода мешавад [1,с.29-31].

Баъзе олимон бар ин назаранд, ки ин навъи ҷиноят ҳатман дар доираи ҳолатҳои сабуккунанда баррасӣ карда мешавад, зеро занеро, ки дар ҷараёни таваллуди кӯдак қарор дорад, наметавонад аз аъмоли худ огоҳӣ дошта бошад ва худро комилан назорат кунад, бахусус аз сабаби он ки вайроншавиҳои равонии ӯ метавонад барои муддати тулонӣ ва дар муҳити баъди таваллуд идома ёбад [7,с.88]. Дигарон, махсусан, А.В. Чернов ва С.В. Габеев, чунин мешуморанд, ки куштори кӯдаки навзод аз тарафи модар набояд ҳамчун ҷинояти имтиёзнок эътироф карда шавад, зеро ҳаёти инсон на аз лаҳзаи ба дунё омадани кӯдак, балки аз лаҳзаи таваллуди ҷисмонии ӯ аз тарафи қонун ҳифз карда мешавад [7,с.88]. Қонунгузор содир намудани кушторро ҳангоми (баъди) таваллуд ва мавҷуд будани яке аз шартҳои ҳолати махсуси равонии модар ду унсури гуногуни ҷиноят мешуморад, ки ба ҳамдигар алоқаманд нестанд ва ба бандубасти як модда дохил мешаванд. Дар ин хусус А.С. Глазков ва В.К. Кулев андешаронӣ кардаанд [8].

Ҳамин тариқ, зимни таҳлили моддаи 105-и КҶ ҶТ оид ба куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модар, ки субъекти махсус ба ҳисоб меравад, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки саволҳо дар бораи дурустии мавҷудияти ин меъёри имтиёзнок дар низоми ҷиноятҳои зидди ҳаёт ба миён меоянд. Дар байни масъалаҳои муаммодоре, ки дар рафти амалияи татбиқи ҳуқуқ ва ба таври асоснок ва якҷониба қабул кардани қарори якдилона оид ба салоҳияти дурусти амалҳо дар хусуси моддаи мазкур монеъ мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд: таърифи мафҳумҳои «навзод», «модари биологӣ», «ҳолати равонӣ»; даврае, ки дар он кӯдак навзод ҳисобида мешавад; давомнокии вазъияти психотравматикӣ, муносибати модар ба давраи навзодии кӯдак; тарафи субъективии ҷиноят; лаҳзаи пайдоиши бемории руҳӣ; субъекти ҷиноят ва ғайра.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ.** Саломатӣ ҳамчун неъмати баландарзиши инсон аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ мавриди ҳифз қарор дода мешавад. Барои ҳифзи саломатии инсон қонунгузории ҷиноятӣ дар боби 16 – ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ аз моддаи 110 то 129 намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳоро ба муқобили саломатӣ муқаррар кардааст. Дар миёни ҷиноятҳои мазкур як қатор ҷиноятҳои дорои субъекти махсус ба назар мерасанд. Аз ҷумла, вайрон кардани қоидаҳои ҷарроҳии трансплантатсия (пайвандсозӣ) (моддаи 121), исқоти ғайриқонунии ҳамл (аборт) (моддаи 123), сироят кардан бо касалии зуҳравӣ (моддаи 126), ёрӣ нарасонидан ба бемор (моддаи 128), аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ (моддаи 129) [13].

Дар хусуси ҷиноятҳои тиббӣ, ки аз ҷониби кормандони соҳаи тиб содир карда мешаванд, дар адабиётҳо қайд гардидааст, ки ҳамчун объекти ҷиноятҳое, ки қонуни ҷиноятии тиббӣ пешбинӣ кардааст, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ, гирифтани ёрии тахассусии тиббӣ ва хизматрасонии тиббӣ баррасӣ мешавад. Ҳангоми муқаррар намудани доираи ҷиноятҳое, ки ба ҳуқуқи ҷиноятии тиббӣ дахл доранд, пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми «ҷиноятҳое, ки ҳангоми расондани ёрии тиббӣ содир шудаанд», ки кирдорҳои намояндагони соҳаи тибро дар робита ба ин ё он ҷинояти содирнамуда, расонидани ёрии тиббӣ (аз ҷумла дорусозӣ) ба шаҳрвандон ва дағалона вайрон кардани қоидаҳо ва манъкуниҳои муқаррарнамудаи қонун ҳангоми расонидани кумак иборат мебошад [17,с.816-820]. Мавқеи муаллифро оид ба мушкилоти ҷавобгарии ҷиноятии кормандони соҳаи тиб барои ҷиноятҳое, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбиашон содир карда мешаванд, як қатор олимон баён кардаанд. Масалан, Н.В. Павлова [16,с.7], Е.В. Червонних [22,с.13-14].

Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ субъекти махсусро дар ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ танзим намуда, барои содир кардани онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Маврид ба зикр аст, ки кормандони соҳаи тиб (дорусозӣ) инчунин метавонанд ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳо дар ҳолатҳое баромад

кунанд, ки дар диспозитсияи модда доираи фаъолияташ муайян нашуда, танҳо субъекти дорои аломатҳои махсус, ки ба фаъолияти касбӣ, ваколатҳои мавҷуда ва ғайра машғуланд. Барои ҳар як ҷиноят муайян кардани доираи фаъолият, вазъи ҳуқуқии шахс ва бевосита он дастурҳое, ки риоя нашудаанд, талаб карда мешавад.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ.** Бояд тазаккур дод, ки асоси ҷинояти мазкурро озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ташкил медиҳанд. Озодии ҷинсӣ чунин маъно дорад, ки алоқаи ҷинсӣ метавонад танҳо бо розигии тарафҳо (мард ва зан) ҷой дошта бошад, яъне, дар ҳолати таҷовуз ба номус он бидуни иродаи ҷабрдида амалӣ мегардад. Дахлнопазирии ҷинсӣ маънои онро дорад, ки дар ҳар ҳолат, новобаста аз розигии ҷинси зан, ба амал баровардани алоқаи ҷинсӣ манъ аст (мисол, нисбат ба духтароне, ки ба синни 16-солагӣ нарасидаанд) [19,с.286]. Таҷовуз ба номус яке аз ҷиноятҳои вазнин ва маъмули ҷинсӣ мебошад, ки дар ҳаёти инсон таъсири доимӣ мегузорад. Одатан таҷовуз ба номус алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба ҷабрдида ё шахсони дигар ё бо истифода аз ҳолати номусоиди ҷабрдида эътироф мешавад.

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҳар як давлат ҳифзи занону духтарон аз ҳама гуна истисмори ҷинсӣ ва зӯроварии ҷинсӣ мебошад. Тавре ки дар адабиёти илмӣ зикр шудааст, чунин амалҳо боиси нигаронии ҷиддии ҷомеа гардида, дар меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми кишварҳои ҷаҳон манъ карда шудаанд. Гузашта аз ин, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии аксари давлатҳо ба пурзӯр кардани ҷазо барои ҷиноятҳои шаҳвонӣ нигаронида шудааст [2,с.866]. Ин аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ ба масъалаи мазкур боби алоҳида (боби 18 – ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ) ҷудо намуда, дар он барои содир намудани намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои ҷинсӣ ҷавобгарӣ муқаррар кардааст. Дар боби мазкур чунин ҷиноятҳои дорои субъекти махсус пешбинӣ гардидаанд: таҷовуз ба номус (моддаи 138), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139) ва ғ.

Яке аз масъалаҳои муҳим доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои ҷинсӣ содир кардани кирдорҳои мазкур дар муҳити оила ба ҳисоб меравад. Зарурати ҷиноят донистани муносибатҳои ҷинсии хешутабории байни калонсолон ва муқаррар намудани ҷавобгарии вазнин барои муносибатҳои ҷинсии хешутаборӣ аз ҷониби муаллифон, аз қабили А.П. Дяченко ва Е.И. Симбал [10,с.18] борҳо баён шудааст. М.В. Гусарова ин мавқеъро дастгирӣ намуда, илова менамояд, ки мо зарур мешуморем, ки пеш аз ҳама, дар меъёрҳои қонунгузории кишвар вазнин кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муносибатҳои ҷинсии хешутаборӣ, аз ҷумла бо иштироки ноболиғ пешбинӣ карда шавад. Барои муайян намудани ҳолатҳои алоқаи ҷинсии маҷбурии хешутаборӣ бояд таҳлили маълумоти муассисаҳои тиббӣ мусоидат намояд, масалан, агар ҷабрдида, дар бораи ҷароҳатҳои ҷисмонии ба ӯ ҳангоми зӯроварии ҷинсӣ расонидашуда муроҷиат карда бошад [9,с.160-167]. Мо бояд ба андешаи А.П. Дяченко ва Е.И. Симбал розӣ шавем, ки ба сифати чораҳои махсуси пешгирии ҷиноятҳои шаҳвонӣ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ нисбат ба шахсони дорои мукаллафии маҳдуд (ёрии равонпизишкӣ), инчунин таъини дарозмуддати доруҳои зиддиандрогенӣ ба педофилҳо бо мониторинги сатҳи гормонҳои ҷинсии мардона дар хун (кастратсияи химиявӣ) ба мақсад мувофиқ мешуморанд [11,с.2].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амалҳои ҷинсӣ боиси нигаронии ҷиддии ҷомеа гардида, бо меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми кишварҳои ҷаҳон манъ карда шудааст. Қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон низ масъалаи мазкурро ба таври зарурӣ танзим намуда, бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро маҳкум менамояд.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳои мансабӣ.** Муваффақияти мубориза бар зидди ҷиноятҳои зидди манфиатҳои хизматӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои мансабӣ, таъмини муайянӣ, мутамарказӣ ва самаранокии татбиқи чораҳои дахлдор аз бисёр ҷиҳат аз муайян кардани аломатҳои субъектҳои ин гуна ҷиноятҳо, ҳамзамон аниқ муайян кардани доираи шахсоне, ки рафторашон хусусияти ҷиноятӣ дорад, вобаста мебошад. Дар ин хусус А.С. Бондаров дуруст қайд намудааст, ки дарки дурусти аломатҳои субъектҳои ҷиноятҳои мансабӣ ба таъмини қонуният, асоснокӣ ва одилонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани онҳо

мусоидат мекунад. Унсурҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ субъектҳо, объектҳо ва мазмунҳоро дар бар мегиранд [5,с.7].

Субъекти ҳама гуна ҷиноятҳои хизматиро махсус номидан мумкин аст, зеро вай ба ғайр аз аломатҳои муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ, бинобар ин ё он мақоми шахсе, ки вазифаи муайяни хизматиро ишғол мекунад, дорои аломати иловагӣ низ мебошад. Маҳз ҳамин субъекти ҷиноятҳои хизматӣ аз субъекти умумии ҷиноят фарқ мекунад. В.В. Лосев субъекти махсуси ҷиноятро чунин муайян мекунад, ки он шахси мукаллафи ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расидае мебошад, ки дорои аломатҳои иловагӣ буда, танҳо дар сурати мавҷуд будани онҳо ин шахс метавонад ҳамчун иҷрокунандаи кирдори барои ҷамъият хавфнок эътироф гардад, ки дар диспозитсияи моддаҳои қонунгузории ҷиноятӣ тавсиф карда шудааст [14,с.54-57].

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни субъектҳои ҷиноятҳои хизматӣ шахси мансабдор мавқеи махсусро ишғол намуда, ҳамчун субъекти махсус баромад мекунад. Дар Кодекси ҷиноятии кишвар ба ҷиноятҳои мансабӣ бобҳои дахлдор ҷудо карда шудааст: боби 30 - ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ, ки аз моддаи 314 то моддаи 327-ро фаро мегирад; боби 31 - ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ, ки аз моддаи 328 то моддаи 344-ро дар бар мегирад. Дар бобҳои мазкур шумораи зиёди ҷиноятҳои мансабӣ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 314), беамалӣ дар иҷрои вазифа (моддаи 315), баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (моддаи 316), гирифтани пора (моддаи 319), хунукназарӣ (моддаи 322), сохтакории хизматӣ (моддаи 323) ва ғайра [13].

Яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсбарангез дар ҷиноятҳои мансабӣ муайян кардани мафҳуми шахси мансабдор ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус дар адабиётҳо андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Масалан, А.В. Барков зимни эътирофи универсалии меъёрҳои муайян кардани мафҳуми «шахси мансабдор», шаш категорияи шахсони мансабдорро муайян мекунад: намояндаи ҳокимият, ҷомеа; шахсе, ки вазифаҳои ташкилӣ-тартиботӣ, маъмурӣ-хоҷагиро иҷро мекунад; шахсе, ки барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок ваколатдор шудааст; мансабдори давлати хориҷӣ ё ташкилоти байналмилалӣ [4,с.91]. Дар ин хусус бояд ба андешаи Ю.И. Феркалюк розӣ шавем, ки мафҳуми «мансабдор»-ро на танҳо яке аз асосҳои низоми ҷиноятҳои зидди ҳокимияти давлатӣ, манфиатҳои хизмати давлатӣ ва хизмат дар мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, балки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар умум мешуморад [21,с.13-14].

Дар эзоҳи моддаи 314-и КҶ ҶТ мафҳуми шахси мансабдор чунин муқаррар шудааст: таҳти мафҳуми шахси мансабдор дар Кодекси мазкур шахси таъин ё интихобшуда фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбат ба шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд. Инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда [13].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи мавзуи мазкур ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб гардидан ба Истиқлоли давлатӣ бо қабули нахустин Кодекси ҷиноятии худ масъалаи ҷавобгарии субъекти махсусро муқаррар намуд. Лозим ба ёдоварист, ки қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятро дар баробари дигар кишварҳои аъзои ИДМ ба таври шабеҳ танзим кардааст.

2. Дар натиҷаи таҳлили ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷавобгарии ҷиноятии онҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошад: 1) гунаҳкорӣ дар синни ноболиғӣ ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф мешавад; 2) ноболиғии шахси гунаҳкор ба татбиқи навъҳои алоҳидаи ҷазо нисбат ба ӯ монеъ мешавад; 3) ноболиғии шахси гунаҳгор меъёри ниҳоии таъин кардани ҷазоро ба ӯ хеле кам мекунад; 4) ноболиғии

шахси гунаҳкор ҳангоми таъини ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ҷойгир кардани ӯро дар колонияи тарбиявӣ муайян мекунад; 5) ноболиғии ҷинояткор дар баъзе мавридҳо имкон медиҳад, ки ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо бо истифодаи чораҳои маҷбурии таъсири тарбиявӣ озод карда шавад; 6) ноболиғии ҷинояткор дар баъзе мавридҳо имкон медиҳад, ки нисбати ӯ чораи маҷбурии таъсири тарбиявӣ дар шакли ҷойгир кардан дар муассисаи махсуси таълимии намуди пӯшида татбиқ карда шавад; 7) ноболиғии ҷинояткор муҳлати адои воқеии ҷазоро барои татбиқи шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо, муҳлати даъворо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва иҷрои ҳукми суд, инчунин муҳлатҳои бартараф кардани доғи судиро кам мекунад; 8) содир намудани ҷиноят аз ҷониби ноболиғ имконияти ба инобат гирифтани доғи судиро барои ӯ ҳангоми содир намудани ҷинояти такрорӣ истисно мекунад.

3. Қонунгузории ҷиноятӣ субъекти махсусро дар ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ танзим намуда, барои содир кардани онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Маврид ба зикр аст, ки кормандони соҳаи тиб (дорусозӣ) инчунин метавонанд ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳо дар ҳолатҳое баромад кунанд, ки дар диспозитсияи модда доираи фаъолияташ муайян нашуда, танҳо субъекти дорои аломатҳои махсус, ки ба фаъолияти касбӣ, ваколатҳои мавҷуда ва ғайра машғуланд. Барои ҳар як ҷиноят муайян кардани доираи фаъолият, вазъи ҳуқуқии шахс ва бевосита он дастурҳое, ки риоя нашудаанд, талаб карда мешавад.

4. Зимни таҳлили моддаи 105-и КҶ ҶТ оид ба куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модар, ки субъекти махсус ба ҳисоб меравад, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки саволҳо дар бораи дурустии мавҷудияти ин меъёри имтиёзнок дар низоми ҷиноятҳои зидди ҳаёт ба миён меоянд. Дар байни масъалаҳои муаммодоре, ки дар рафти амалияи татбиқи ҳуқуқ ва ба таври асоснок ва якҷониба қабул кардани қарори якдилона оид ба салоҳияти дурусти амалҳо дар хусуси моддаи мазкур монеъ мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд: таърифи мафҳумҳои «навзод», «модари биологӣ», «ҳолати равонӣ»; даврае, ки дар он кӯдак навзод ҳисобида мешавад; давомнокии вазъияти психотравматикӣ, муносибати модар ба давраи навзодии кӯдак; тарафи субъективии ҷиноят; лаҳзаи пайдоиши бемории руҳӣ; субъекти ҷиноят ва ғайра.

5. Дар натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амалҳои ҷинсӣ боиси нигаронии ҷиддии ҷомеа гардида, бо меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми кишварҳои ҷаҳон манъ карда шудаанд. Қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон низ масъалаи мазкурро ба таври зарурӣ танзим намуда, бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро маҳкум менамояд.

6. Ҳалли масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии шахсони мансабдор бояд ба эътирофи далели раднопазири он асос ёбад, ки дар ҷомеа низоми ягонаи идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шакли субъектҳои иборат аз шахсони мансабдори ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ доранд, ба вуҷуд омадааст. Дар чунин низом хусусияти ягонаи ҳуқуқии ба вуҷуд омадани ваколатҳо ва масъулият дар назди ҷамъият, ки ба принсипҳои оқилонаи конститутсионӣ асос ёфтааст, вуҷуд дорад. Ҷиноятҳои мансабӣ аз дигар ҷиноятҳо бо асосҳои зерин фарқ мекунанд: 1) онҳо метавонанд бинобар мавқеи хизматии ҷинояткор содир карда шаванд; 2) метавонад бар хилофи манфиатҳои хизматӣ содир шавад; 3) ба кори муътадили дастгоҳи давлатӣ (ҷамъиятӣ) зарари калон расонад ё ба он хавфи воқеӣ расонад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Шарипов Т.Ш.**

### АДАБИЁТ


1. Алиева В.М. Уголовная ответственность за убийство матерью новорождённого ребёнка в уголовном законодательстве зарубежных стран / В.М. Алиева // Вестник науки и творчества. – 2016. -№5(5). -С.29-31.
2. Антонова Е.Ю. Педофилия – лечить или наказывать? / Е.Ю. Антонова // Всероссийский криминологический журнал. – 2018. – №6. – С. 865-873.
3. Антонова Е.Ю. Субъект уголовной ответственности. Монография / Е.Ю. Антонова. -Хабаровск, 2000. -104 с.
4. Барков А.В. Понятие должностного лица и судебная практика по уголовным делам / А.В. Барков // Судебная практика в контексте принципов законности и права: сб. науч. тр. / редкол.: В. М. Хомич (гл. ред.) [и др.]. – Минск: Тесей, 2006. – С. 90-103.

5. Бондарев А.С. Два типа правоотношений в обществе: их единство и различия / А.С. Бондарев // Вестн. Пермского ун-та. Юрид. науки. – 2011. – Вып. 1(11). – С. 718.
6. Волошин И.А. Особенности уголовной ответственности несовершеннолетних / И.А. Волошин, С.А. Давиденко // Ученые записки Крымского федерального университета имени В.И. Вернадского. – 2015. – №3. – С. 67-70.
7. Габеев С.В. Убийство: проблемы квалификации и уголовной ответственности / С.В. Габеев, А.В. Чернов. – Иркутск: ВСИ МВД России, 2017. -88 с.
8. Глазков А.С. Сложности квалификации ст. 106 УК РФ «Убийство матерью новорожденного ребенка» / А.С. Глазков, В.К. Кулев // Труды Международного симпозиума «Надежность и качество». – 2010 г.
9. Гусарова М.В. Преступления против половой неприкосновенности несовершеннолетних по уголовному законодательству Российской Федерации и ряда зарубежных стран / М.В. Гусарова // Актуальные проблемы экономики и права. – 2017. -Т.11. – № 1.– С.160-167.
10. Дьяченко А.П. Уголовно-правовая охрана детей от сексуальных посягательств: опыт России и зарубежных стран / А.П. Дьяченко, Е.И. Цымбал // Lex russica. – 2014. – №11. – С. 18.
11. Дьяченко А.П. Имплементация положений Европейской конвенции о защите детей от сексуальной эксплуатации и посягательств сексуального характера в уголовное и уголовно-процессуальное законодательство России / А.П. Дьяченко, Е.И. Цымбал // Уголовное право. – 2013. – №2. – С. 2-7.
12. Ермолович Я.Н. К вопросу об уголовной ответственности несовершеннолетних военнослужащих / Я.Н. Ермолович // Право в Вооруженных Силах. – 2016. – № 1. – С. 88-98.
13. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурoҷиат: 20.03.2023).
14. Лосев В.В. Преступления против интересов службы: юридический анализ иправила квалификации / В.В. Лосев. – Минск: Амалфея, 2010. –176 с.
15. Маркунцов С.А. Осознание уголовно-правовых запретов в структуре уголовной ответственности несовершеннолетних: дис. ... канд. юрид. наук / С.А. Маркунцов. – М., 2006. – 237 с.
16. Павлова Н.В. Уголовно-правовое регулирование медицинской деятельности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / Н.В. Павлова. – М., 2006. – 24 с.
17. Рарог А.И. Объект и система медицинского уголовного права / А.И. Рарог, Т.Г. Понятовская // Всероссийский криминологический журнал. – 2019. – Т. 13. - № 5. – С. 816-824.
18. Сердюк Л. Детоубийство: вопросы правовой оценки / Л. Сердюк. – М., 2003. – С. 43, 45.
19. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. -Душанбе: Глобус, 2006. – 840 с.
20. Тюмнева М.А. Особенности уголовной ответственности несовершеннолетних / М.А. Тюмнева // Colloquium-journal. – 2021. – № 3. – С. 78-79.
21. Феркалюк Ю.И. Представитель власти как субъект должностных преступлений / Ю.И. Феркалюк // Российский следователь. – 2009. – № 12. – С. 13-14.
22. Червонных Е.В. Преступления, совершаемые в сфере здравоохранения, и их предупреждение: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2009. – 23 с.

## ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ СУБЪЕКТИ МАХСУС МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ АМАЛКУНАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, бо истифода аз адабиётҳои ҳуқуқӣ ва андешаҳои муҳаққиқон ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятро мутобиқи қонунгузории ҷиноятии кишвар таҳлил намудааст. Зимни таҳлили масъала муаллиф ба хулосае омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб гардидан ба Истиқлоли давлатӣ бо қабули нахустин Кодекси ҷиноятии худ масъалаи ҷавобгарии субъекти махсусро муқаррар намуд. Лозим ба ёдоварист, ки қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятро дар баробари дигар кишварҳои аъзои ИДМ ба таври шабеҳ танзим кардааст. Қонунгузории ҷиноятӣ субъекти махсусро дар ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ танзим намуда, барои содир кардани онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Мавриди зикр аст, ки кормандони соҳаи тиб (дорусозӣ) инчунин метавонанд ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳо дар ҳолатҳое баромад кунанд, ки дар диспозитсияи модда доираи фаъолияташ муайян нашуда, танҳо субъекти дорои аломатҳои махсус, ки ба фаъолияти касбӣ, ваколатҳои мавҷуда ва ғайра машғуланд. Барои ҳар як ҷиноят муайян кардани доираи фаъолият, вазъи ҳуқуқии шахс ва бевосита он дастурҳое, ки риоя нашудаанд, талаб карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарии ҷиноятӣ, субъекти махсус, ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон, ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ, ҷиноятҳои ҷинсӣ, ҷиноятҳои мансабӣ, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт.

## УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СПЕЦИАЛЬНОГО СУБЪЕКТА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается вопрос уголовной ответственности специального субъекта в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан. Автор, используя юридическую литературу, мнения исследователей, проанализировал ответственность специального субъекта преступления по уголовному законодательству страны. В ходе анализа вопроса автор пришел к выводу, что Республика Таджикистан после обретения государственной независимости установила вопрос ответственности специального субъекта, приняв

свой первый Уголовный кодекс. Следует отметить, что уголовное законодательство Таджикистана регулирует вопрос ответственности специального субъекта преступления аналогично другим государствам-участникам СНГ.Уголовное законодательство регламентирует особый состав преступлений против здоровья и устанавливает уголовную ответственность за их совершение. Стоит отметить, что в качестве специальных субъектов преступлений могут выступать и медицинские работники (фармацевтические работники) в случаях, когда сфера их деятельности не определена в диспозиции статьи, только субъекты, обладающие особыми характеристиками, которые занимаются профессиональной деятельностью, имеющимися полномочиями, и т. д. По каждому преступлению требуется определить сферу деятельности, правовой статус лица и непосредственно те указания, которые не были выполнены.

**Ключевые слова:** уголовная ответственность, специальный субъект, уголовная ответственность несовершеннолетних, преступления против здоровья, сексуальные преступления, должностное преступления, преступления против жизни.

## CRIMINAL LIABILITY OF A SPECIAL ENTITY UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the issue of criminal liability of a special subject in accordance with the current legislation of the Republic of Tajikistan. The author, using legal literature and the opinions of researchers, analyzed the responsibility of a special subject of a crime under the criminal legislation of the country. In the course of analyzing the issue, the author came to the conclusion that the Republic of Tajikistan, after gaining state independence, established the issue of responsibility of a special subject by adopting its first Criminal Code. It should be noted that the criminal legislation of Tajikistan regulates the issue of responsibility of a special subject of a crime in a similar way to other CIS member states.Criminal legislation regulates the special composition of crimes against health and establishes criminal liability for their commission. It is worth noting that medical workers (pharmaceutical workers) can also act as special subjects of crimes in cases where the scope of their activities is not defined in the disposition of the article, only subjects with special characteristics who are engaged in professional activities, existing powers, etc. For each crime, it is necessary to determine the scope of activity, the legal status of the person and directly those instructions that were not followed.

**Keywords:** criminal liability, special subject, criminal liability of minors, crimes against health, sexual crimes, official crimes, crimes against life.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сайдалиев Орзуҷон Илҳомович* –** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907567777**. E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Саидалиев Орзуджон Ильхомович* -** Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907567777**. E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

**Information about the author:** ***Saidaliyev Orzudzhon Ilhomovich* -** Institute of Philosophy, Political Science and Law. A Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 907567777**. E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

ТДУ: 343.346 (575.3)

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

***Ҳабибов С.И.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

Метавон гуфт, ки асоси системаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, ки мақомоти БДА дар замони имрӯза дорад, бо пайдоиши аввалин сохтори БДА дар замони шуравӣ алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, таҳлилҳои ҳаматарафа ва дақиқ баҳри муайян намудани давраҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва рушди таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар замони Шуравӣ бо мақсади ба даст овардани таҷрибаи мусбат оид ба баланд бардоштани самаранокии системаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар замони муосир аз аҳаммият холӣ нест.

Таърихи ташаккул ва рушди ҳаракат дар роҳ, таъмини бехатарии ҳаракат дар он ва танзиму назорати он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 20-уми асри XX оғоз меёбад [5,с.15].

Баъди ташкил ёфтани Иттиҳоди Шуравӣ дар тамоми ҳудудҳои он барпо намудани инфраструктураи ҳаётбахш оғоз ёфт. Махсусан, сохтмони босуръати шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳо, инчунин сохтмони роҳҳое, ки ин минтақаҳоро бо ҳамдигар ва марказ мепайваст, бо суръати баланд вусъат меёфт.

Аз солҳои аввали пайдоиши Ҳокимияти Шуравӣ, ҳукумат ба масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд. Инкишофи босуръати нақлиёти автомобилӣ, дар сатҳи баланд таъмин намудани бехатарии ҳаракатро дар кӯчаву роҳҳо, ташкили назорат аз рӯйи ҳолати техникӣ ва истифодаи дурусти онро талаб мекард.

Соли 1924 дар Осиёи Миёна тақсимоти ҳудуди миллӣ гузаронида шуд. Чи гунае ки В.И. Ленин гуфта буд: “Мақсади асосии ин тақсимот ба ҳамаи миллатҳои собиқ мазлуми империяи Русия додани ҳуқуқи худмуайянкунии миллӣ мебошад, то ин ки онҳо озодона шакли давлатдории миллии худро бунёд намоянд” [20,с.159].

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1924 ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ӯзбекистон, баъдан соли 1929 ҳамчун ҷумҳурии мустақил дар ҳайати ИҶШС таъсис ёфт.

Соли 1924 сохтмони роҳи Хоруғ - Ош ба итмом расонида шуд. Соли 1925 сохтмони роҳҳои Душанбе - Тирмез ва Душанбе -Хуҷанд оғоз карда шуд. Соли 1928 сохтмони роҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа ба итмом расонида шуд. Бо роҳи Душанбе - Термиз, ки сохтмонаш соли 1930 ба итмом расида буд, аввалин автомобил ба шаҳри Душанбе ворид гардид [8,с.5]. Онро аъзоёни ҳукумат ва деҳқонони одӣ, ки аллакай бо тайёра парвоз карда буданд, пешвоз гирифта, бо хушнудии бемисл қабул намуданд.

Дар соли 1934 сохтмони роҳи Хоруғ-Ош оғоз гардид, ки ду ҷумҳурии иттифоқӣ - ҶШС Тоҷикистон ва ҶШС Қирғизистонро ба ҳам мепайваст [5,с.17]. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бошад, аввалин автомобили тамғаи «ЗИС» соли 1934 аз Ҷумҳурии Қирғизистон (ҶШС Қирғизистон) бо роҳи калони Помир ба шаҳри Хоруғ оварда шуда буд. Айни замон ин автомашина дар назди НБО «Помир», дар роҳи Хоруғ - Қулма ҳамчун нигораи таърихӣ гузошта шудааст [6,с.3].

Аз рӯйи баъзе маълумотҳои таърихӣ, инкишофи нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди Тоҷикистон пеш аз Инқилоби Октябр (соли 1917), яъне соли 1914 сарчашма мегирад. Тибқи маълумотҳо, моҳи январи соли 1914 ба сокини шаҳри Хуҷанд Мулло Ғафур Ҳоҷӣ Муҳаммад Юсуф, ки ду автомашинаи тамғаи «Берлиэ»-ро дастрас намуда буд, аз тарафи сардори уезди Хуҷанд ва қарори Губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд аз 14-уми феврали соли 1914, инчунин санади №492 аз 8-уми марти ҳамон сол, барои интиқоли мусофирон аз Вокзали роҳи оҳан то бозори Панҷшанбеи ш. Хуҷанд рухсатнома дода шуда буд [4].

Пас аз вуруди аввалин автомобил ба ҷумҳурии мо корвони автомобилҳо пайи ҳам ворид мегардид, ки ҳамасола шумораи онҳо афзуда ва беш аз пеш мушкилоти бехатарии ҳаракат дар роҳ дар кишвари мо эҳсос карда мешуд, ки ин танзими давлатии бехатариро тақозо мекард. Агар дар соли 1930 якумин автомобил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд

гирифта шуда бошад, то расман ба қайд гирифтани автобили аввалин соли 1927 дар ҷумҳурӣ 17 ва дар соли 1930, 319, пас дар соли 1965 шумораи воситаи нақлиёти автомобилӣ дар ҷумҳурӣ 67 ҳазор, соли 2005, 230 ҳазор [6,с.4] ва дар соли 2020 зиёда аз 504 785 [7,с.14 ] ададро ташкил медиҳад.

Бинобар сабабе ки мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистонро 93% кӯҳсор ташкил мекунад, вазъияти ҳаракати нақлиёт дар бисёр минтақаҳои баландкӯҳ хеле хавфнок буда, дар бисёр мавридҳо роҳҳо дар шароити хеле душвори обу ҳаво ва дар ҷойҳои душворгузар сохта мешуданд [6,с.115].

Бо афзоиши ёфтани шумораи нақлиёт ва зиёд шудани истеҳсоли он зарурати васеъ намудани шабакаи роҳҳо ва такмил додани раванди ҳаракат ба миён омад. Аз ин сабаб, зарурати танзими ҳуқуқии бехатарии ҳаракат дар роҳ эҳсос гардид. Бо Указри Совети Комиссарони Халқии ИҶШС аз 3 июли соли 1936 Низомнома дар бораи ГАИ-и ГУРКМ НКВД-и СССР тасдиқ карда шуд. Ин сана рӯзи ташкилшавии Бозрасии давлатии автомобилии кишвари шуравӣ гардид [2,с.21].

Баъди қабули Конститутсияи ИҶШС дар соли 1936 асоси ҳуқуқии фаъолияти милитсия хеле тағйир ёфт. Пеш аз ҳама, сохтори мақомотҳои он мутамарказ гардид. Масалан, Инспексияи давлатии автомобилӣ яке аз мақомотҳои милитсия буд, ки дар ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, вилоятҳо ва шаҳрҳо фаъолият менамуд. Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти он хеле вусъат ёфт ва мураккаб гардид [9,с.84-86].

Фаъолияти Инспексияи давлатии автомобилӣ аз нимаи дуюми соли 1936 то нимаи аввали соли 1939 хусусияти ташкилӣ дошт. Дар ин давра аз собиқ «Судотранс» гузаронидани мақомот ба амал бароварда шуда, масъалаи бо кадрҳои хизматӣ таъмин намудани мақомоти нав ва шуъбаҳову структураи он аниқ карда шуд. Дар миёнаҳои соли 1939 дар бисёр қисмҳои Инспексияи давлатии автомобилӣ отряди навбатдор - штаби ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи нақлиёти шаҳр, додани тавсияҳои дахлдор барои қабули қарорҳои роҳбарикунанда ба кор шуруъ кард.

Сохтори Инспексияи давлатии автомобилӣ минбаъд ҳам такмил ёфта, соли 1940 дар ҳайати он гурӯҳи махсус барои ҷустуҷӯйи нақлиёте, ки аз ҷои садамаи нақлиётӣ гурехтаанд, ба кор шуруъ намуд. Кори такмил додани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ давом карда, дар соли 1940 шуъбаи ГАИ-и ГУРКМ НКВД СССР аввалин қоидаҳои намунавии ҳаракат дар кӯчаҳои шаҳрҳо ва роҳҳои ИҶШС-ро тартиб дод, ки дар ин қоидаҳо вазъияти кори автомобил ва роҳ, таҷрибаи ташкили ҳаракати нақлиёт, усулҳои нави беҳтар намудани он инъикос ёфтаанд. Дар асоси ин қоидаҳо, қоидаҳои маҳаллии ҳаракат тартиб дода шуданд [2,с.22].

Сараввал Қоидаҳои ягонаи бехатарии ҳаракат дар роҳ набуд, онҳо дар ҷойҳо (маҳалҳо) коркард шуда, аз тарафи Кумитаҳои иҷроияи маҳаллӣ тасдиқ карда мешуданд. Ба таърихи инкишофи БДА ВКД Тоҷикистон баргашта, бояд гуфт, ки то солҳои 40-уми асри гузашта Бозрасии давлатии автомобилии ҷумҳурӣ дар ҳолати мавҷуд набудани қоидаҳои ягонаи ҳаракати нақлиёт вазифаҳои функсионалии худро иҷро мекард, ки дар ниҳоят, самараи кор паст буд. Дар ҷумҳурӣ қоидаҳои ҳаракати нақлиётро мақомотҳои маҳаллӣ муқаррар карда буданд, ки онҳоро «маҳаллаҳо» меномиданд. Танҳо дар ибтидои соли 1940 дар тамоми ҳудудҳои ИҶШС ягона «Қоидаҳои ҳаракати роҳ дар кӯчаҳо ва роҳҳои ИҶШС» ҷорӣ карда шуд, ки мувофиқи он муносибатҳои ҷамъиятии ин соҳа ба тартиб дароварда мешуданд.

Соли 1953 бо фармони ВКД-и ИҶШС аз 7 сентябри соли 1953, №109 ба зиммаи ГАИ вазифа гузошта шуд, ки барои ошкор ва пешгирӣ кардани фалокатҳои роҳ чораҷӯйӣ намояд ва барои ҳалли ин мушкилот ба ихтиёри Инспексияи давлатии автомобили шуъбаи ОРУД дода шуд [2,с.68-69].

Дар нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX маълум гардид, ки механизми мавҷудаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, сарфи назар аз тадбирҳои фаъоли дорои хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ, самаранокии худро аз даст медиҳад ва аз ин сабаб таҷдиди куллро тақозо мекунад.

Дар аввали солҳои 60-уми асри XX дар ҳолати ҳуқуқии милитсия ва шуъбаҳои Инспексияи давлатии автомобилӣ тағйирот ба амал меояд. Дар бобати кор карда баромадани қарорҳои съезди XXII КМ КПСС, Совети Вазирони ИҶШС аз 17 августи

соли 1962 «Дар бораи чораҳои беҳтар намудани фаъолияти милитсияи советӣ» қарор кабул карда шуд, ки мувофиқи он, Вазорати корҳои дохилии РСФСР ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, инчунин Управлениям корҳои дохилии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба вазоратҳои муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ табдил дода шуданд. Дар баробари ин, Низомнома дар бораи милитсияи советӣ қабул карда шуд, ки вазифаҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, шартҳои хизмат дар милитсия ва мавқеи системаи идоракунии давлатиро муайян менамуд [17]. Инчунин, Низомномаи намунавӣ дар бораи Инспексияи давлатии автомобилии МООП ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қабул карда шуд.

Низомномаи шуъбаи БДА-и Вазорати ҳифзи тартиботи ҷамъияти ҶШС Тоҷикистон бо Қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон 19.12.1963 ба тасвиб расида, бо фармони Вазорати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ҶШС Тоҷикистон таҳти №188 аз 27.06.1964 эълон карда шудааст [13].

Афзоиши парки автомобилии ҷумҳурӣ дар назди шуъбаҳои Инспексияи давлатии автомобилӣ дар масъалаҳои назорати техникӣ вазифаҳои нав гузошт. Аввалин қоидаҳои азназаргузаронии техникии автомобилҳо ва мототсиклҳо соли 1964 тасдиқ карда шуда буданд ва онҳо дар тамоми ҳудудҳои ИҶШС як хел буданд. Мувофиқи ин қоидаҳо, органҳои милитсияи маҳаллии роҳ графики азназаргузаронии техникиро дар шаҳр, маҳалҳо тартиб дода, баъд аз он аз ҳисоби нозирони ГАИ, намояндагони комиссариатҳои ҳарбӣ, инспекторони ғайриштатӣ ва намояндагони аҳли ҷамъият комиссия ташкил менамуданд [2,с.170].

То соли 1974 дар сохтори Инспексияи давлатии автомобилӣ шуъбаҳои махсусе пешбинӣ карда нашуда буд, ки ба зиммаи онҳо танҳо ба қайд ва баҳисобгирии нақлиёти автомобилӣ ва додани шаҳодатномаи ронандагӣ гузошта шуда бошад. Соли 1974 мувофиқи қарори Вазорати корҳои дохилии ИҶШС шуъбаҳои бақайдгирию имтиҳонӣ (ШБИ) ташкил карда шуданд. Ба дӯши онҳо кори бақайдгирии воситаҳои нақлиёт, додани шаҳодатномаҳои ронандагӣ, шиносномаҳои техникӣ ва рақамҳои давлатӣ, ба қайд гирифтани ташкилотҳои таълимӣ оид ба тайёр кардани ронандагон ва супоридани имтиҳонҳо гузошта шуда буд [2,с.170].

Ноябри соли 1967 Шурои Вазирони ИҶШС қарор «Дар бораи рушди бехатарии ҳаракат дар шаҳрҳо, маҳалҳои аҳолинишин ва роҳҳои автомобилгард» қабул намуд, ки самти асосии фаъолияти БДА-ро оид ба пешгирии фалокатҳои нақлиётӣ дар роҳ муайян менамуд. Вазифаҳои нав дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, дар сохтор, шакл ва тарзи фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ тағйироти сифатан куллиро ворид намуд [10].

Бо мақсади хуб ба роҳ мондани васоити техникии танзими ҳаракат дар роҳ, қабул намудани маълумотҳо оид ба хусусияти ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард, ҷобаҷогузории аломатҳои роҳ ва кашидани хатҳои амудиву уфуқӣ, соли 1969 дар таркиби Бозрасии давлатии автомобилӣ Идораи махсусгардонидашудаи васлу истифодабарӣ ва азнавсозии воситаҳои техникии танзими ҳаракат дар роҳ ташкил карда шуд. Ба ҳамин монанд идора моҳи январи соли 1973 аввал дар назди Ҳукумати ш. Душанбе, баъдан соли 1986, дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2005 дар назди Раёсати ВКД ҶТ таъсис дода шуд. Чунин корхонаҳо дар назди ШБДА вилоятҳо низ ташкил карда шуданд [6,с.7].

Кумитаи марказии Партияи Коммунистии ҶШС Тоҷикистон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ аҳаммияти ҷиддӣ медоданд. Моҳи феврали соли 1970 Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи садаманокӣ дар нақлиёти вазоратҳо ва идораҳои ҶШС Тоҷикистои ва андешидани чораҳо барои пурзӯр намудани мубориза барои **пешги**рии онҳо» қарори дахлдор қабул карда буд [12].

Дар асоси қарори мазкур аз ҷумлаи коркунони роҳбарикунанда ва техникии вазорату идораҳои салоҳиятдори ҷумҳурӣ якҷоя бо намояндагони ВКД бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои асосӣ навбатдориро ба ҷо меоварданд.

Ба тадбирҳои пешгирикунанда вобаста ба муборизаи зидди фалокатҳои роҳ диққати калон дода шуд, бинобар ин, бо ташаббуси Вазорати корҳои дохилии ИҶШС қоидаҳои ҳаракати роҳ (минбаъд - ҚҲР) ба нақшаҳои таълимии мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ дар тамоми ҷумҳуриҳо дохил карда шуданд [15].

Бояд гуфт, ки яке аз масъалаҳои ҷиддии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ пешгирии ҳолатҳои идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ мебошад. Чунки бо айби онҳо ҳамасола шумораи зиёди садамаҳо ба вуқуъ мепайвандад. Моҳи майи соли 1971 дар хоҷагиҳои автомобилии ҷумҳурӣ хадамоти тиббӣ-нақлиётӣ дар кори пешгирии садаманокӣ бо иштироки ронандагони сархуш нақши муҳим мебозад.

Моҳи июни соли 1971 БДА ВКД ҷумҳурӣ барои интиқоли мусофирон ба воситаи автомашинаҳои боркаш иҷозатномаҳои махсус кор карда баромаданд. Аз сабаби оне ки қисми зиёди роҳҳои Тоҷикистонро роҳҳои душворгузари кӯҳӣ ташкил медиҳанд, дар соли 1971 ВКД қоидаҳои махсусро ҷорӣ намуд, ки мувофиқи он барои кашондани мусофирон тавассути нақлиёти боркаш бояд ронандагон аз такмили ихтисос мегузаштанд. Дар натиҷа, қарори мазкур самараи хуб дода, шумораи фалокатҳо тавассути нақлиёти боркаш якчанд баробар кам шуд.

Моҳи сентябри соли 1972 Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор «Дар бораи чораҳои иловагии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ»-ро қабул намуд, ки ба зиммаи ВКД, корҳо оиди васл ва истифодаи воситаҳои техникии танзими ҳаракат ва ташкили назорат аз болои ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар фазо ба воситаи чархбол «вертолёт» гузошта шуд.

Тирамоҳи соли 1972 Совети Вазирони ҷумҳурӣ «Дар бораи тадбирҳои иловагии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ» [11] қарори махсус қабул кард, ки мувофики он ба зиммаи Вазорати корҳои дохилӣ вазифа гузошта шуд, ки корҳо оиди васл ва истифодаи воситаҳои техникии танзими ҳаракат, дар базаи паркҳои калони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, постҳои ташхисии ҳолати техникии паркҳо ташкил карда шуда, участкаҳои васлу таъмиркунӣ кушода шуданд.

Соли 1972 дар бораи ташкил намудани ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии дӯстдорони автомобил «Ронанда» қарор кабул карда шуд. Чунин ташкилот дар ҶШС Тоҷикистон моҳи майи соли 1973 таъсис ёфт, ки бо мақомоти БДА ҳамкории зич барқарор карда буд. Аз соли 1989 инҷониб, ин ташкилот «Иттифоқи автомобилчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, бо мақомоти БДА ҳамкориро идома дода истодааст [6,с.9].

Соли 1974 Дар ИҶШС Дастурамал «Дар бораи тартиби кашондани одамон ба экскурсия ва ҷойҳои истироҳатӣ» [14] қабул карда шуд, ки мувофиқи он ба зиммаи пулиси роҳ вазифаи додани иҷозатнома ба хатсайрҳои ҳаракати нақлиёт ва таъмини мушоияти нақлиёти экспедитсияи туристӣ дар мавридҳои зарурӣ гузошта шуд.

То соли 1974 дар сохтори Инспексияи давлатии автомобилӣ шуъбаҳои махсус пешбинӣ карда нашуда буд, ки вазифаҳои онҳо танҳо ба қайд ва баҳисобгирии нақлиёти автомобилӣ ва додани шаҳодатномаи ронандагӣ гузошта шуда бошад. Соли 1974 мувофиқи қарори Вазорати корҳои дохилии ИҶШС шуъбаҳои бақайдгирию имтиҳонӣ ташкил карда шуданд. Ба онҳо кори бақайдгирии воситаҳои нақлиёт, додани шаҳодатномаҳои ронандагӣ, шиносномаҳои техникӣ ва рақамҳои давлатӣ, ба қайд гирифтани ташкилотҳои таълимӣ оид ба тайёр кардани ронандагон ва супоридани имтиҳонҳо гузошта шуда буд [2,с.170].

Соли 1980 шуъбаи БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶШС Тоҷикистон) ба раёсат табдил дода шуд. Сараввал дар ҳайати он (РБДА) танҳо як хадамот - шуъбаи ташкили ҳаракат дар роҳ шомил буд. Соли 1981 иловатан бахши назорати техникӣ, гурӯҳи ташвиқоту тарғибот, бахши таҳлилу ҳисоботӣ ва бахши роҳбонӣ таъсис дода шуд [6,с.6].

Баъдан қисмҳои махсуси назорати роҳ ҳамчун взводи алоҳидаи хадамоти роҳбонӣ барои таъмини бехатарии ҳаракат дар минтақаҳои муҳимми роҳҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шуданд. Инчунин, бахши назоратӣ бо чархбол (вертолёт) бо роҳбарии капитани милитсия Карамалишоев Озаршо ташкил шуда буд, аз болои ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз фазо назорат мебурданд.

Укази Совети Вазирони ИҶШС аз 2 феврали соли 1976, №81 «Дар бораи чораҳои пешгирӣ кардани фалокатҳо дар ҳаракати роҳҳо ва паст кардани шиддати оқибатҳои онҳо» [1,с.276] дар назди Вазорати корҳои дохилии ИҶШС «Барои мутобиқ кардани фаъолияти вазоратҳо, идораҳо ва дигар ташкилотҳо оид ба масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ» Комиссия оид ба бехатарии ҳаракат ташкил карда шуд. Ба комиссия вазифаҳои омӯхтани сабабҳои рӯй додани фалокат ва кор карда баромадани тадбирҳое, ки ба беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ нигаронида шудаанд; баррасии вазъияти кори

таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ; омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ ва як қатор вазифаҳои дигар гузошта шуда буданд.

Бояд гуфт, ки бо Қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон соли 1968 Комиссияи ҷумҳуриявии бехатарии ҳаракат дар роҳ» таъсис дода шуда буд. Чунин комиссияҳо дар вилоятҳо ва шаҳру навоҳӣ низ таъсис дода шуда буданд. Дар соли 1980 Комиссияи ҷумҳуриявӣ ба Комиссия оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд. Иҷроиши қарорҳои қабулнамудаи Комиссияи мазкур ба роҳбарони ҳамаи вазоратҳо, идораҳо ва ташкилотҳо ҳатмӣ буд. То соли 1990 дар назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Комиссия оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ амал менамуд ва баъд аз пош хӯрдани ИҶШС барҳам дода шуд [6,с.10]. Соли 2003 бо ташаббуси Раёсати БДА ВКД ҶТ бо Қарори Ҳукумати ҶТ №221 [7,с.14-15] дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин комиссия аз нав таъсис дода шуд. Мутаассифона, солҳои охир Комиссияи номбурда дар сатҳи зарурӣ фаъолият накарда истодааст.

Дар моҳи январи соли 1983 «Қоидаҳои гузаронидани муоинаи давлатии техникии автомобилҳо, мототсиклҳо ва ядакҳо» [17] дар амал ҷорӣ карда шуд. Дар асоси шартномаи тарафайн айни замон муоинаи давлатии техникии воситаҳои нақлиёт дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар нуқтаҳои махсуси ташхиси техникӣ (Автодиагностика) ва чунин нуқтаҳои сайёри махсус дар асоси автомашинаи тамғаи «Газел» барои ноҳияҳои тобеи марказ ва ноҳияҳои дурдаст, бо иштироки бозрасони давлатии автомобилӣ гузаронида мешавад.

Барои беҳдошти кори БДА дар ҷодаи қабули имтиҳонҳо аз Қоидаи ҳаракати роҳ додани шаҳодатномаҳои ронандагӣ, бақайдгирии воситаҳои нақлиёт, дар мамлакат шабакаи бахшҳои бақайдгириву имтиҳонотӣ, инчунин, нуқтаҳои сайёри имтиҳонотӣ ташкил карда шуданд. Ин навовариҳо барои беҳбудии сифати корҳои имтиҳонотиву бақайдгирӣ ва маданияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ шароит муҳайё намуданд. Имтиҳонҳои назариявии Қоидаи ҳаракат ба воситаи дастгоҳи имтиҳонии «Вятка» сурат мегирифт. Дар замони муосир ва тараққиёти илму техника чунин имтиҳонот ба воситаи компютерҳои замонавӣ қабул карда мешаванд.

Қарори Кумитаи марказии ПКИШ “Дар бораи решакан кардани мастиву майзадагӣ” соли 1985 мақомоти БДА-ро маҷбур сохт, ки бар зидди ин амалҳои номатлуб дар роҳ муборизаи ҷиддӣ барад. Вобаста ба ин, ба тартиби муайян намудани ҳолати сархушии шаҳрвандон иловаҳо ворид карда шуданд. Он солҳо дар таҷҳизоти техникии Дивизиони хадамоти роҳбонии РБДА ҶШС Тоҷикистон автомашинаи махсуси лабораторияи сайёри Наркологӣ дар асоси автомашинаи тамғаи "РАФ” амал менамуд, ки дар постгоҳҳо ва хатҳои сайри хизматӣ ҳамҷоя бо кормандони БДА, духтурон навбатдорӣ мекарданд.

Нисбати чунин ронандагон ҷазоҳои сахти маъмурӣ дида мешуд. Илова бар ин, ба чунин автомашинаҳо аломати қайди давлатии махсуси силсилаи «З...ДБ» дода мешуд ва дар сурати такроран идора намудани воситаи нақлиёт лар ҳолати мастӣ, автомашинаи шахсии ронанда бо қарори Суд мусодира карда мешуд.

Бо мақсади зиёд намудани қобилияти мошингузаронии кӯчаву роҳҳои шаҳрҳо маҷмуаҳои таҷрибавии танзими ҳаракат ба истифода дода мешуданд. Соли 1988 дар ш. Душанбе Системаи автоматикунонидашудаи идоракунии ҳаракат дар роҳ (АСУДД), ки 40 чорроҳаро дар бар мегирифт, ба истифода дода шуд. Дар натиҷа, суръати ҳаракат афзуда, бандшавии (тамбашавии) воситаҳои нақлиёт ва садамаҳои нақлиётӣ кам шуд. Мутаассифона, пас аз ҳодисаҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ин система корношоям гардид ва баъди рушди давлатдорӣ ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ аз соли 2013 инҷониб бо номи “Шаҳри бехатар” ба фаъолият шуруъ намуд.

Хулоса, ҳаминро бояд қайд намуд, ки мақоми Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд наомада, дар давраҳои мухталифи таърихӣ сохтор ва ҷузъу томҳои он ташаккул ва рушд ёфтаанд. Бо боварии комил метавон гуфт, ки мақомоти БДА, ки дар даврони соҳибихтиёрӣ фаъолият менамояд, заминаҳои таърихӣ–ҳуқуқии пайдоиши худро бевосита аз замони Шуравӣ

гирифта, заминаи мусоиде барои фаъолияти пурсамари ин мақомот дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад.

**Муқарриз: д.и.х, профессори ИФСҲ ба номи А.Баҳоваддинова АМИТ - Маҷидзода З.Ҷ.**

**АДАБИЁТ**


1. Безопасность дорожного движения: Сборник нормативных актов. - М., 1984.- С. 276.
2. Войтенков Евгений Алексеевич. Историк- правовой обзор становления и функционирования Госавтоинспекции в СССР (1936-1991) / В. Е. Алексеевич // Вестник ЗабГУ. – 2013. - № 10 (101) - С. 166 -173;- С. 68 -69.
3. Войтенков Евгений Алексеевич. Историко-правовые особенности и этапы становления отечественной системы обеспечения безопасности дорожного движения / В. Е. Алексеевич // Общество и право. -2010.- № 3 (30). - С. 17-28.- С. 21.
4. Джураев Х.Х. Название статьи Еженедельная газета [текст] / Х.Х. Джураев // «Вечерний Душанбе». - № 12. 03.1968.
5. Исмонзода С.М. История становления и развития правовой регламентации осуществления государственной функции по контролю и надзору в области обеспечения безопасности дорожного движения Республики Таджикистан в период существования СССР / С. М., Исмонзода // Вестник экономической безопасности. - 2017.- № 4.- С. 15–20.- С. 15
6. Каримов Б.Б. Хокирох-2 / Б. Б. Каримов. - М., 1992. -С.- 115.
7. Маҷаллаи “Бозрас”. – Душанбе: МҲҲФ “Мушфиқӣ”, 2010.-127с.
8. Мунавваров Ҳабибулло. 70- солагии таъсисёбии Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ / М. Ҳабибулло . – Душанбе, 2006. – 48 с.
9. Назаров Носир. Организационно – правовые основы создания и развития таджикской милиции (1917-1945 годы) / Н. Носир. Книга 1. - Душанбе: ЭР-граф, 2009. - 267 с. с иллюстр. - С. 10 -11.
10. Нарзиқулов А. Навгониҳои БДА дар даврони истиқлолият / А. Нарзиқулов // Қонун ва ҷомеа. - 2020. – 2 июл.- №26 (582).
11. Низамов В. Т., Указ соч. / В. Т. Низамов., Г.П. Рифицкий. - С. 84-86.
12. Постановление Совета Министров СССР «О повышении безопасности движения в городах, населённых пункта и на автодорогах»: от 11.1967. - № 1092.
13. Постановление Совета Министров Таджикской ССР «О дополнительных мерах по обеспечению безопасности дорожного движения»: от 09.1972. - № 539.
14. Постановление Совета Министров Таджикской ССР «О состоянии аварийности на автотранспорте в министерствах и ведомствах Таджикской ССР и мерах по усилению борьбы с дорожно-транспортными происшествиями» от 02.1970 г. № 148 // Центральный государственный архив Республики Таджикистан. Ф.35. Оп. 1. Д. 171. Л. 3.
15. Постановление Совета Министров Таджикской ССР «Об утверждении Положения Министерства об Отделе Госавтоинспекции Министерства охраны общественно порядка Таджикской ССР»: от 19 июля 1963. - № 1022.
16. Приказ МВД СССР (Инструкция) «О порядке перевозки людей на экскурсии и к местам отдыха»: от 1974. - № 606.
17. Приказ Министерства просвещения СССР «Об утверждении Положения о педагогическом совете общеобразовательной школы»: от 16 декабря 1970.- № 94.
18. Справочник по законодательству для работников органов прокуратуры, суда и Министерства внутренних дел. Сост.: И. Н. Ширяев, В. И. Никулина, З. И. Алексеева и др. - М. : Юридическая лит., 1971 - ., Т. II, Ч. 1. - 384 с. - Б. ц.
19. Укази Совети Вазирони ИҶШС “Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани муоинаи давлатии техникии автомобилҳо, мототсиклҳо ва ядакҳо”: аз 01.1983. - № 1022.
20. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик. Нашри сеюм. Бо илова, ислоҳот ва тавзеҳот/ Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. - Душанбе: ҶДММ “ Ашуриён”, 2019. – 640 с.


## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ


Мақолаи мазкур масъалаи заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва рушди мақомоти Бозрасии давлатии автомобилии Тоҷикистон дар замони Шуравиро фарогир буда, муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ - ҳуқуқӣ давраҳои ташкилёбӣ ва рушди мақомоти БДА-ро дар замони Шуравӣ муайян созад. Гарчанде ки воситаҳои нақлиёт таърихи хеле қадима дошта, таъмини бехатарии ҳаракати мусофирон бо роҳу усулҳои гуногун таъмин мегардид, аммо мақомоти махсуси таъминкунандаи бехатарии ҳаракат дар роҳҳо вуҷуд надошт. Бояд гуфт, ки мақомоти махсуси таъминкунандаи бехатарии ҳаракат дар роҳ баъд аз тақсимоти миллӣ - ҳудудӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ташкил ёфта, давра ба давра рушд намудааст. Аз ин лиҳоз, муаллиф кӯшиш намудааст давраҳои ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти БДА ва сохторҳои онро дар ин давраи таърихӣ муайян созад. Маҳз бо таъсис ёфтани Иттиҳоди Шуравӣ, дар соли 1936 мақомоти махсуси таъминкунандаи бехатарии ҳаракат дар роҳ таъсис дода шуд ва заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мақомоти БДА, ки дар даврони имрӯза вуҷуд дорад, маҳз аз ин давраи таърихӣ сарчашма мегирад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди мақомоти БДА дар даврони Шуравӣ аз аҳаммият холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** БДА, бехатарӣ, бехатарии ҳаракат, ПКИШ, ҶШС Тоҷикистон, ронанда, нақлиёт, наркологӣ, Иттифоқи автомобилчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ АВТОМОБИЛЬНОЙ ИНСПЕКЦИИ В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье освещается вопрос об историко-правовых предпосылках возникновения и развития органов Государственной автомобильной инспекции Таджикистана в советское время.Хотя транспортные средства имеют очень древнюю историю, обеспечивая безопасность пассажирских перевозок различными способами и методами, специального органа по обеспечению безопасности движения на дорогах не существовало. Следует сказать, что специальные органы по обеспечению безопасности дорожного движения формировались после национально-территориального деления в Советском Союзе. С этой точки зрения автор попытался определить периоды формирования и развития органов БДА и их структур в данный период истории.Основная цель изучения автором данного вопроса заключается в том, что во все исторические периоды, когда таджикский народ имел государственность, не существовало специальных органов, основной задачей которых было обеспечение безопасности движения на дороге. Именно с образованием Советского Союза в 1936 году был создан специальный орган, обеспечивающий безопасность дорожного движения, и историко-правовая основа существующих органов БДА берет свое начало с этого исторического периода. С этой точки зрения, не лишено важности изучение истории становления и развития органов БДА в советское время.

**Ключевые слова:** ГАИ, безопасность, безопасность движения, КПСС, Таджикская ССР, водитель, транспорт, наркология, Союз автомобилистов РТ и др.

## HISTORICAL AND LEGAL PREREQUISITES FOR THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF THE STATE AUTOMOBILE INSPECTORATE IN SOVIET TAJIKISTAN

This article highlights the issue of the historical and legal prerequisites for the emergence and development of the bodies of the State Automobile Inspectorate of Tajikistan in the Soviet era.Although vehicles have a very ancient history, ensuring the safety of passenger traffic in various ways and methods, there was no special body for ensuring traffic safety on the roads. It should be said that special bodies for ensuring road safety were formed after the national-territorial division in the Soviet Union and developed from time to time. From this point of view, the author tried to determine the periods of formation and development of the BDA organs and its structures in a given period of history.The main purpose of the author's study of this issue is that in all historical periods when the Tajik people had statehood, there were no special bodies whose main task was to ensure traffic safety on the road. It was with the formation of the Soviet Union in 1936 that a special body was created to ensure road safety, and the historical and legal basis of the BDA body that exists today dates back to this historical period. From this point of view, it is important to study the history of the formation and development of BDA organs in the Soviet era.

**Keywords:** traffic police, safety, traffic safety, Communist Party of the Soviet Union, Tajik SSR, driver, transport, narcology, Union of motorists of the Republic of Tatarstan, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳабибов Сиёвуш Изатуллоевич*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистонхиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **985-25-35-24**

**Сведения об авторе:** ***Хабибов Сиёвуш Изатуллоевич*** - Институт философии, политологии и права им. Баховаддинов Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **985-25-35-24**

**Information about the author:** ***Habibov Siyovush Izatulloevich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law after Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Doctoral student Ph.D. **Address**: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **985-25-35-24**

ТДУ: 336.71(575.3)

# ОИД БА БАЪЗЕ АЗ СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ СИРРИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Маҳмудов Р.Н.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои бонкӣ чунин қайд намудааст: "Низоми бонкӣ дар таъмин кардани рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, бахусус пешрафти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, баланд бардоштани иқтидори содироти кишвар, таъсиси ҷойҳои кории нав ва васеъ намудани манбаъҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ нақши муҳим мебозад" [1].

Иҷрои амалиётҳои бонкӣ, пешбурди фаъолияти бонкӣ, анҷом додани амалиёти бонкӣ, гирифтан, коркард, нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумот, ки одатан арзиши баланди иқтисодӣ доранд, дар фаъолияти бонкӣ аз ҷониби субъектони гуногуни фаъолияти бонкӣ ба анҷом расонида мешаванд. Фаъолияти бонкӣ бевосита бо гирифтан ва интиқол додани иттилоот алоқамандии ногусастанӣ дорад. Қисмати зиёди ин иттилоотро маълумотҳое ташкил медиҳанд, ки ҳамчун сирри бонкӣ муаррифӣ мегарданд. Аз ин рӯ, бо қадам гузоштан ба ҷомеаи иттилоотӣ, ки шакл ва тарзҳои ба даст овардани иттилоот, нигоҳ доштан ва интиқол додани он рӯз аз рӯз дигар гардида истодааст, муҳим аст, ки субъекти баранда ё ҳомили ин гуна иттилоот амиқан муайян карда шавад.

Ба назари олим Шерстобитов А.Е., ибораи "амалиёти бонкӣ" аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ танҳо бо мақсади манфиатҳои оммавӣ бояд амалӣ карда шавад. Ва нуктаи назари ҳуқуқи граждани "амалиёти бонкӣ" дар муқоиса бо шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ умуман ягон умумият надорад. Аз ин лиҳоз паҳн гардидани реҷаи сирри бонкӣ ба "амалиёти бонкӣ" асоснок мебошад [2].

Оиди мафҳуми субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ олимону мутахассисони соҳа андешаҳои гуногун баён намудаанд. Дар умум, зери маҳфуми субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат фаҳмида мешаванд. Сотиволдиев Р.Ш. қайд менамояд, ки истилоҳи «субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ» ба маънои иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. мафҳумҳои «субъект» ва «шахс» ҳаммаъно мебошанд. Субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ шахсест, ки дар муносибатҳои ҳуқуқӣ иштирок мекунад. Мафҳуми шахс одатан дар муносибатҳои хусусӣ ба маънои «шахси воқеӣ» ва «шахси ҳуқуқӣ» истифода мешавад [3].

Оиди муносибатҳои ҳуқуқӣ бошад, гуфтан лозим аст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ гуфта муносибатҳои ҷамъиятиеро меноманд, ки аз тарафи давлат ҳифз карда шуда, иштирокчиёни он дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошанд. Муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ як намуди муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ ба танзим дароварда мешаванд. Яъне, муносибатҳои ҳуқуқии бонкӣ алоқаи байни субъектони ҷамъият (одамон-шахсони воқеӣ, коллективҳои одамон-шахсони ҳуқуқӣ) мебошанд [4].

Муносибатҳои сирри бонкӣ аз ҷумлаи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи бонкӣ ҳангоми хизматрасонӣ дар ташкилотҳои бонкӣ ба вуҷуд омада, аз ҷониби бонк ҳифз карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, субъектони муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ он нафароне ҳастанд, мувваззаф гардидаанд, ки ин ё он иттилооти хусусияти тиҷоратӣ, шахсӣ ва оммавӣ доштаро нигоҳ доранд. Дар зери мафҳуми субъектони муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ иштирокчиёни муносибатҳои бонкиро фаҳмидан мумкин аст. Субъектони муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ бонк, ташкилотҳои қарзӣ, шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва мақомотҳои ваколатдори давлатӣ мебошанд. Ақидаи дигар низ ҷой дорад, ки ба сифати субъектҳои сирри бонкӣ Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд, муштариён, мақомот ва ташкилотҳое, ки дар самти сирри бонкӣ ваколат доранд, баромад менамоянд [5].

Мақсади ташкилшавии бонк ва ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилотро бо роҳи таъмини пулӣ ва қарзӣ, суратҳисобҳои бонкӣ кушодан, пасандозҳои бонкӣ кушодан, шартномаи нигоҳдошт ва амалиётҳои бонкӣ иҷро кардан мебошад.

Бояд қайд намуд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ба сифати субъекти сирри бонкӣ Бонки миллии Тоҷикистон баромад менамояд. Дар асоси моддаи 42 юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” бонк аз болои ҳамаи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ санҷиш гузаронида, фаъолияти онҳоро назорат менамояд. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки марказӣ ба ҳисоб рафта, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар назди он ҳисободиҳанда ба ҳисоб меравconfigured. Дар баробари ин, Бонки миллӣ ба сифати субъекти сирри бонкӣ баромад менамояд. Моддаи 81 чунин муқаррар кардааст:”Аъзои Раёсат, аз ҷумла аъзои собиқаи он, кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла кормандони собиқи он ҳуқуқ надоранд маълумотеро, ки сирри Бонки миллии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва ҳангоми иҷрои вазифаашон дар Бонки миллии Тоҷикистон ба онҳо маълум шудааст, фош намоянд ва маълумоти мазкурро бо мақсадҳои шахсӣ истифода баранд” [6].

Фаъолияти бонкӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти бонкӣ таҷассум ёфтааст. Бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ уҳдадоранд, ки бо мизоҷон ҳангоми шартномаи пасандоз, шартномаи кредит, кушодани суратҳисоб ва дигар амалиётҳои бонкӣ ва ҳангоми хизматрасонӣ бидуни розигии онҳо сирри бонкиро ба дигар субъектон фош насозанд. Қонун бонкҳо ва ташкилотҳои қарзиро тибқи моддаи 48 дар бораи фаъолияти бонкӣ уҳдадор кардаст, ки ҳангоми хизматрасонӣ бо муштариён сирри бонкиро қатъиян нигоҳ доранд.

Субъектҳои дигари муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ шахсони воқеӣ ба ҳисоб меравand. Шахси воқеие, ки синну солаш ба ҳаждаҳ расидааст, ғайри қобили амал нест, қобилияти ҳуқуқдорияш аз тарафи суд маҳдуд карда нашудааст, метавонад субъекти муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ бошад. Қонунгузории маданӣ ва қонунгузории бонкӣ ба ҳамаи субъектҳо имконият додааст, ки дар бонк пасандоз, амонат, суратҳисоб, шартномаи қарз ва аз дигар хизматрасониҳои бонкӣ истифода баранд.

Асосан муносибати шахсони воқеию ҳуқуқӣ бо бонк ва ташкилотҳои қарзӣ бештар бо шартномаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Дар зерфасли 2, боби 3, моддаи 17 субъектҳои ҳуқуқи маданӣ зикр гардидаанд. Тибқи моддаи 17 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти мафҳуми шахсони воқеӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад [7]. Шаҳрвандоне, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ иштирок менамоянд бояд синну солашон ба ҳаждаҳ расида бошад, метавонанд шартномаҳои бонкиро ба анҷом расонанд. Шаҳрвандоне, ки тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон суд онҳоро эмансипатсия эътироф кардааст, метавонанд ҳамаи шартномаҳои бонкиро ба анҷом расонанд ва ҳуқуқҳояшонро вобаста ба махфияти бонкӣ муҳофизат намоянд. Инчунин, дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти амалкунии шаҳрвандон ба маҳдуд, нопурра ва пурра ҷудо карда шудааст. Субъектҳое, ки қобилияти амалкунии ноболиғони ба синни чордаҳ нарасида аҳдҳои хурди маиширо ба анҷом расонида метавонад [8]. Ноболиғе, ки солаш ба чорадаҳ нарасидааст, аз номи онҳо падару модар, намояндаи қонунӣ хизматрасониҳои бонкиро ба анҷом мерасонанд. Вобаста ба поймол шудани ҳуқуқҳои ноболиғон аз ҷониби бонк ва ташкилотҳои қарзӣ ҳуқуқҳои онҳоро падару модар ва намояндаи қонуниашон муҳофизат менамояд. Ноболиғон мустақилона шартнома баста наметавонанд. Махфияти бонкии хурдсолонро намояндагони қонунии онҳо муҳофизат менамоянд. Вобаста ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкии ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола онҳо тибқи моддаи 27, қисми 2, метавонанд мутобиқи қонунгузорӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пасандоз ё амонат гузоранд ва онро ихтиёрдорӣ намоянд [9]. Инчунин, дар моддаи 15 қисмҳои се ва чори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак муқаррар шудааст: “кӯдак метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ё ба воситаи намояндаи қонунии худ шартномаҳо бандад, дар бонкҳо суратҳисоб дошта бошад, музди кор, стипендия ё дигар даромад ва объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳниашро ихтиёрдорӣ намояд ва ҳуқуқҳои дигари молумулкиашро амалӣ намояд. Падару модар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, инчунин шахсони алоҳида ҳуқуқ доранд ба номи кӯдак дар бонкҳо маблағ гузоранд ва ҷиҳати дастгирии моддии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор тадбирҳои зарурӣ андешанд” [10].

Шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми намудҳои хизматрасониҳои бонкӣ истифода баранд ва сирри бонкиашонро муҳофизат намоянд.

Шаҳрвандоне, ки ғайри қобили амал эътироф карда шудаанд, субъекти муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ шуда наметавонад.

Ҳамин тариқ, дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боб ва моддаҳои алоҳида дар бораи шартномаи кредит, шартномаи пасандози бонкӣ, шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва дигар амалиётҳои бонкӣ муқаррар карда шудааст. Дар Кодекси мазкур тартиби бастани шартномаҳо дар соҳаи бонкӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани шартнома дар самти бонкӣ муқаррар гардидааст. Тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба сифати субъектони сирри бонкӣ бонк, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шаҳрвандону шахсони ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Субъектҳои ҳуқуқи мадание, ки новобаста аз синну сол, шаҳрвандӣ ва новобаста аз фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ҳангоми бастани шартнома махфияти бонкиашон поймол мегарданд, ҳуқуқ доранд зарари расонидашударо аз бонк ё ташкилотҳои қарзӣ талаб намоянд. Дар ҳолати даст кашидани бонк ё ташкилотҳои қарзӣ аз пардохти зарар субъектҳо метавонанд ба суд муроҷиат намоянд.

Дигар субъектҳои фаъолияти сирри бонкӣ филиалҳо ва дигар воҳиди сохтори ташкилотҳои қарзӣ мебошанд. Филиалҳо ва дигар воҳиди сохтори ташкилотҳои қарзӣ дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” дарҷ гардидааст. Ҳангоми хизматрасонии филиалҳо ва дигар сохторҳои бонк уҳдадор мебошанд, ки тибқи қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти бонкӣ сирри бонкиро таъмин намоянд.

Дигар субъектҳо ташкилотҳои қарзии хурд ба ҳисоб мераванд ва фаъолияти онҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои қарзии хурд” ба амал бароварда мешавад. Ташкилотҳои қарзии хурд дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд. Ташкилоти қарзии хурд шахси ҳуқуқие, ки бо мақсади ҷалби амонату пасандоз ва пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” амал менамояд. Ҳангоми хизматрасонӣ ба муштариён ташкилотҳои маблағгузории хурд тибқи боби 5 ва моддаи 27 Қонуни мазкур сирри бонкиро бояд таъмин намоянд. Тибқи муқаррароти ин модда, ба махфияти бонкӣ инҳо дохил мешаванд: дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ, соҳибони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти ба ин суратҳисобҳо иҷрошавандаи муштариён, дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони онҳо, дар бораи маблағҳои пулӣ ва ашёи қиматбаҳои муштарӣ, ки дар ташкилоти маблағгузории хурд нигоҳ дошта мешаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои қарзӣ чунин қайд менамояд: “Соли ҷорӣ пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби низоми бонкӣ дар муқоиса ба соли 2022-юм 31,1% афзоиш ёфта, ба 18.5 миллиард сомонӣ баробар гардид. Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда 32,1% зиёд гардида, 13,3 миллиард сомониро ташкил медиҳад” [11].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии хурд бисёр мебошад ва дар сатҳи баланд хизматрасониҳои бонкиро байни шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба амал мебароранд. Хизматрсонӣ байни бонк, ташкилотҳои қарзӣ ва муштарӣ дар асоси шартнома дар шакли хаттӣ ба роҳ монда мешавад ва дар шакли даҳонӣ бастани чунин шартномаҳо эътибор надорад. Ҳангоми бастани шартнома байни бонк, ташкилотҳои қарзӣ ва муштарӣ сирри бонкӣ қатъиян аз ҷониби кормандони бонк риоя ва муҳофизат карда мешавад. Бе асоси қонунӣ кормандони бонк ва ташкилотҳои қарзӣ ҳуқуқи маълумот додан ба шахси сеюм оид ба хизматрасониҳои бонкиро надорад. Дар ҳолати бе асоси қонунгузорӣ маълумот пешниҳод намудан ба шахсони сеюм оид ба вайрон кардани сирри бонкӣ нисбати бонк ва ташкилотҳои қарзӣ ҷавобгарии маданӣ ва ҷиноятӣ ба миён меояд. Бонк ва ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми бастани шартнома бо мизоҷон ҳуқуқҳои баробар доранд. Кормандони бонк ва ташкилотҳои қарзӣ ҳуқуқи бе асос даст кашидан аз шартномаро надоранд. Дар

ҳолате, ки қаблан муштарии бонк талаботҳои қонунгузории бонкиро вайрон карда буд, сари вақт уҳдадориашро дар назди бонк иҷро накард, бонк ҳуқуқ дорад бо ин гуна субъектҳо шартномаҳои бонкиро набандад.

Субъектҳои дигари муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд мебошанд. Онҳо баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва бонкӣ ҳуқуқҳои баробар доранд. Чунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонанд аз хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд. Бонк ва ташкилотҳои қарзӣ вазифадор мебошанд, ки хизматрасониҳои бонкиро дар чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ бо шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд ба анҷом расонанд ва сирри кафолатнокии бонкии онҳоро таъмин намоянд.

Субъектони дигари муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ шахсони ҳуқуқӣ мебошанд. Оиди мафҳуми шахсони ҳуқуқӣ дар қонунгузории маданӣ ва қонунҳо дар соҳаи ташкилотҳои ҳуқуқӣ қайд гардидааст. Ҳаёти имрӯзаи соҳаи иқтисодии кишварo бе таъсис додани ташкилотҳои ҳуқуқӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Тартиби таъсисёбӣ, нишонаҳо, мутаҳидшавӣ ва қатъгардии онҳо дар қонунгузори маданӣ ба таври васеъ дар боби алоҳида ва моддаҳои гуногун манзур гардидааст. Мафҳуми шахси ҳуқуқӣ мафҳуми нав нест.

Субъектҳои дигари муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ба ҳисоб мераванд. Тибқи моддаи 40 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақомоти таҳқиқ инҳо дохил мешаванд: воҳидҳои мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти Кумитаи ҳолатҳои фавкулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; сардорони муассисаҳои ислоҳӣ; воҳидҳои мақомоти назорати давлатии зидди сӯхтор; воҳидҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти гумрук; воҳидҳои мақомоти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия [12]. Дар ҳолате, ки шахси воқеӣ даст ба кирдорҳои ҷиноятӣ задааст ва нисбати чунин гумонбарашаванда ё айбдоршаванда кормандони мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ метаванонанд аз бонкҳо ё ташкилотҳои қарзӣ маълумотнома оиди суратиҳисоби бонкӣ, пасандози бонкӣ, амонатгузорӣ, оиди қарздор будан ё набудани чунин шахс дар доираи ваколати худ маълумотномаҳои бонкӣ гиранд. Кормандони бонкӣ бошанд, уҳдадор мебошанд, ки дар ҳолате ки нисбати шахс маводҳои ҷиноятӣ тартиб ё оғоз карда шудааст ба кормандони мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ маълумотномаҳои сирри бонкии чунин шахсро пешниҳод намояд ва ин ҳаракатҳои кормандони бонк ё ташкилотҳои қарзӣ ба сирри бонкӣ дохил намешавад. Вале қайд намудан зарур аст, ки дастрасӣ ба ҳамаи маълумотҳое, ки нисбат ба шахси воқеӣ дар бонк нигоҳ дошта мешаванд, кормандони мақомоти таҳқиқ ва тифтиши пешакӣ ҳуқуқ надоранд.

Субъектҳои дигари муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ судҳо мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳад. Ҳокимияти судӣ дар рафти парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва иқтисодӣ ҳуқуқ дорад дар бораи шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ маълумотҳои сирри бонкиро аз бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ талаб намояд. Дар асоси моддаи 35, қисми 3 Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ судя барои кофтуков, ёфта гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти пасандоз ва суратҳисоби маблағҳои бонкӣ иҷозат медиҳад [13]. Аз моддаи муқарраршуда бармеояд, ки қонунгузор ба зиммаи суд ваколат оиди маълумот гирифтан оиди пасандоз ва суратҳисоби маблағҳои пулӣ додааст. Дар ҳолате ки нисбати шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ парвандаи ҷинояти тартиб дода мешавад ё ҳамчун судшаванда эътироф гаштааст, судя ҳуқуқ дорад маълумотҳои чунин субъектро аз бонк талаб намояд. Бонк, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузориашон хурд, дар навбати худ уҳдадор мебошанд, ки дар муҳлати муайяншуда ба суд оиди шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ маълумотҳои сирри бонкиро пешниҳод намоянд. Ҳамчунин, низоми судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои

вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе ташкил медиҳанд [14]. Судҳои зинаи болоӣ парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки хусусияти бонкӣ доранд, метавонанд ба тариқи касатсионӣ, назоратӣ ё аз рӯйи ҳолатҳои навошкоршуда баррасӣ намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми судӣ чунин қайд намудаанд: "Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ, ба таҳкими қонуният ва пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд" [15].

Судя дар фаъолияти худ мустақил аст ва парвандаҳои гуногунро дар асоси Конститутсия ва қонунҳои миллӣ ба амал мебарорад.

Субъектҳои дигари муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ тибқи муқаррароти моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти бонкӣ" Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба аудити муштарии ташкилоти қарзӣ дар қисми хизматрасонии маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ ва қарзи давлатӣ дар асоси мактуби раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" 22 июни соли 2023 таҳти №1977 қабул гардидааст. Тибқи мазмуну моҳияти моддаҳои дахлдори он, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии аудити давлатӣ мебошад, ки ба баҳодиҳии лоиҳаи буҷети давлатӣ, ҳисоботи маҷмуии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ ва истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳо ва захираҳои давлатиро ба анҷом мерасонад.

Маблағҳое, ки аз ҷониби давлат ба вазорату идораҳо, корхонаҳои давлатӣ, бонкҳо ҷудо карда мешаванд, Палатаи ҳисоб тибқи ваколатҳои худ метавонад таҳлили молиявӣ, баҳисобгирии дурусти онҳоро ба анҷом расонад. Дар ҳолате ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро вобаста ба маблағҳои буҷети давлатӣ таҳлил менамояд, тибқи қонунгузорӣ чунин амалҳои он ба сирри бонкӣ дохил карда намешавад ва ҷавобгар шуда наметавонад. Яке аз ваколатҳои Палатаи ҳисоб аудити Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои давлатӣ, аз ҷумла бонкҳои давлатии исломӣ; аудити бонкҳои дигар ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ вобаста ба хизматрасонии воситаҳои буҷетӣ, фондҳои давлатӣ ва қарзи давлатӣ мебошад [16].

Дигар субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ кормандони хадамоти ичро мебошанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" аз 20 боб ва 146 модда иборат мебошад [22]. Тибқи муқаррароти он, иҷрочии мақомоти иҷро шахси мансабдори давлатӣ мебошад, ки ба зиммаи ӯ ҳуҷҷатҳои иҷро вогузор шудаанд.

Субъектҳои дигари муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ Бюрои таърихи қарз мебошад. Асосан вазифаи Бюрои таърихи қарз аз он иборат мебошад, ки агар шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ қаблан аз бонк маблағи пулӣ кредит гирифта буданд иттилооти онҳо, таърихи қарзи онҳо дар ин ташкилот нигоҳ дошта мешаванд. Пеш аз он ки бонк, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд бо муштарӣ шартномаи кредитро ба анҷом расонанд аввалан аз Бюрои таърихи қарз маълумотнома талаб менамоянд, ки оё муштарӣ аз ягон бонк қарздор ҳаст ё не, оё маблағи кредитро дар вақташ ба бонк пардохт кардааст ё не. Дар ҳолате ки шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ таърихи қарзашон мусбат бошад ва сари вақт маблағи кредити гирифтаашонро пардохт кардаанд бонкҳо уҳдадор мебошад, ки бо ин субъект шартномаи кредитро ба имзо расонанд. Дар мавриде, ки бонк бо муштарӣ қаблан шартномаи кредитро ба анҷом расонида буд, вале муштарӣ сари вақт уҳдадориҳои қарзии бонкро пардохт накардааст, бонк ҳуқуқ дорад бо муштарӣ шартномаи кредитро набандад. Маълумотҳое, ки Бюрои таърихи қарз оиди таърихи қарзи субъектҳо ба бонк, ташкилоти қарзӣ ва ташкилоти маблағгузории хурд пешниҳод менамояд, сирри бонкӣ эътироф намешаванд ва кормандони Бюрои таърихи қарз барои маълумотҳои пешниҳодкардаашон ҷавобгар шуда наметавонанд. Тибқи муқаррароти

моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)”, яке аз принсипҳои ташкилоти Бюрои қарз ин махфӣ нигоҳ доштани иттилооти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон мебошад [17].

Дигар субъекти муносибатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ мақомоти андоз мебошад. Дар ҳолате ки шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун соҳибкор дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст, андозсупоранда дар ҳолати санҷиш қарор дорад ё нисбат ба онҳо қарор дар бораи ғайрисудӣ рӯёнидани қарзҳои эътирофшудаи андоз қабул гардидааст ва (ё) андозсупорандагони бемасъулият эътироф шудаанд, дар асоси дархости роҳбари мақоми андоз маълумотҳои суратҳисоби андозсупоранда аз бонк гирифта мешаванд ва барои чунин маълумотнома гирифтан нисбати андозсупоранда ҷавобгарӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ ба вуҷуд намеояд.

Тибқи моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист [18].

Аз муқаррароти Конститутсия ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки андозсупоранда бояд сари вақт уҳдадориҳои андозро ҳатман пардохт намояд. Аз ҷониби мақомоти андоз нисбати андозсупоранда беш аз ду маротиба огоҳнома барои супоридани андоз пешниҳод мешавад ва дар ҳолати иҷро нашудани огоҳномаи мақомоти андоз бо тариқи суди иқтисодӣ супурдани андоз ҳаллу фасл карда мешавад.

Дар ҳолати ба вуҷуд омадан, тағйиёр ёфтан ва қатъ гардидани муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ, кормандони бонк барои ошкор накардани махфияти сирри бонкӣ масъулият доранд [19].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили вазъи ҳуқуқи субъектони ба сирри бонкӣ алоқаманд маълум мегардад, ки доираи субъектҳо бо ин маҳдуд намегардад, балки субъектҳои дигаре низ ҳастанд, ки дар раванди нигоҳдошт, ошкор ва дар дастрасӣ қарор додани сирри бонкӣ ваколатҳои муайян доранд. Вобаста ба таҳлили гузаронида ва омӯзиши адабиёти илмии соҳавӣ, ба назари мо, дар қонунгузории маданӣ ва қонунгузории бонкӣ муайян намудани доираи ваколати субъектони сирри бонкӣ ва ҳадди дастрасии онҳо ба ин гуна иттилоот зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида дар чунин шакл пешниҳод карда шавад: “Бонк ва ташкилотҳои қарзӣ сирри суратҳисоби бонкӣ, сирри пасандози бонкӣ ва амалиётҳои дигари муштариро кафолат медиҳад. Маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд танҳо ба мизоҷон ва намояндаи онҳо дода мешаванд. Чунин маълумот метавонад ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузорӣ дода шаванд. Агар бонк ва ташкилотҳои қарзӣ маълумотҳои дорои сирри бонкиро ғайриқонунӣ фош намоянд, муштарие, ки ҳуқуқаш поймол шудааст ҳуқуқ дорад аз бонк ҷуброни зарари расонидашударо талаб намояд”. Имрӯз аксарияти пардохтҳо ғайринақдӣ сурат гирифта истодаанд, аз қабили нақлиёти ҷамъиятӣ, гирифтани стипендия ва ғайра. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки дар моддаи 27, қисми 2 тағйирот ворид карда шавад: “ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола метавонанд бо розигии падару модар ё намояндаи қонуниашон суратҳисоби бонкӣ кушоянд”.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти АИДНПҶТ - Ахмедов Э.Ю.**

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018.
2. Шерстобитов А.Е. Банковское право. Том 1: Банковская система РФ / А.Е. Шерстобитов. – М.: Статут, 2010. – С. 251.
3. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2018. - С.620.
4. Зуҳалиддин Холхуҷаев. Ҳуқуқи бонкӣ / З. Холхуҷаев, Ф. Абдулоев. –Душанбе, 2011. -С.30.
5. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ (Маҷмуи лексия ва масъалаҳои амалӣ) / П.З. Мирзоев. –Душанбе: ЭР-граф, 2014.-С.21.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Бонки миллӣ Тоҷикистон ш. Душанбе 28 июни соли 2011, №722.
7. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24.12.2022. -№1918, моддаи 17.
8. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шю Душанбе, 24.12.2022. -№1918, моддаи 29.
9. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24.12.2022. -№1918, моддаи 27.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ш. Душанбе, 5.03.2015, №1196, моддаи 15.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28.12.2023.
12. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 40, Душанбе, 2018.
13. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2018. моддаи 35. -С.22
14. Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 17 июли соли 2014, №673.
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».
16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш. Душанбе, 22. 06.2023. -№1977.
17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти иҷро. ш. Душанбе-8.06.2022.- №1873.
18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таърихи қарз (кредит), ш. Душанбе, 26.03.2009. -№492.
19. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6.11.1994.

## ОИД БА БАЪЗЕ АЗ СУБЪЕКТОНИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ СИРРИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур субъектҳои ҳуқуқии муносибатҳои сирри бонкӣ, мақомотҳои ваколотдор оид ба сирри бонкӣ ва хусусиятҳои он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиётҳои хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Субъектҳои ҳуқуқии муносибатҳои сирри бонкӣ ба таври васеъ ва маҳдуд ошкор гардида, қисматҳои алоҳидаи он муайян ва таҳлил гардидаанд. Муаллиф меъёрҳои қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ғайраҳоро вобаста ба соҳаи бонкӣ таҳлил намудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида оид ба сирри бонкии шартномаҳо ва мақомоти давлатӣ вобаста ба сирри бонкӣ муқаррар карда шавад.

**Калидвожаҳо:** бонк, сирри бонкӣ, қонунгузорӣ, ташкилотҳои қарзӣ, субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, суратҳисоб, амонат, ваколат, маданӣ (гражданӣ). ҳуқуқ.

## О НЕКОТОРЫХ СУБЪЕКТАХ ПРАВА ТАЙНЫХ БАНКОВСКИХ ОТНОШЕНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируются субъекты правоотношений банковской тайны, ее виды и признаки по законодательству Республики Таджикистан и зарубежной литературе. В широком и ограниченном смысле раскрыто понятие банковской тайны, выделены и проанализированы ее отдельные части. Автор проанализировал нормы законодательства Республики Таджикистан в сфере банковской деятельности, Гражданского кодекса Республики Таджикистан, Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан, Закона Республики Таджикистан об исполнительном производстве, Закона Республики Таджикистан о Счетной палате Республики Таджикистан и другие, относящиеся к банковской сфере. Исследованы вопросы и тщательно проанализированы уполномоченные государственные органы, компетентные в области банковской тайны. Также предлагается представить в Гражданский кодекс Республики Таджикистан отдельную статью о банковских тайных договорах и государственных органах, связанных с банковской тайной.

**Ключевые слова:** банк, банковская тайна, законодательство, кредитные организации, субъекты правоотношений, счет, депозит, полномочия, культурный (гражданский), право.

## ABOUT SOME SUBJECTS OF THE LAW OF SECRET BANKING RELATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes the concept and essence of banking secrecy, its types and features according to the legislation of the Republic of Tajikistan and foreign literature. In a broad and limited sense, the concept of banking secrecy is disclosed; its individual parts are identified and analyzed. The author analyzed the norms of legislation of the Republic of Tajikistan in the field of banking, the Civil Code of the Republic of Tajikistan, the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan, the Law of the Republic of Tajikistan on enforcement proceedings, the Law of the Republic of Tajikistan on the Accounts Chamber of the Republic of Tajikistan and others related to the banking sector. Issues have been researched and the authorized state bodies competent in the field of bank secrecy have been thoroughly analyzed. It is also proposed to submit a separate article to the Civil Code of the Republic of Tajikistan on banking secret agreements and government bodies related to banking secrecy.

**Keywords**: bank, bank secrecy, legislation, credit organizations, subjects of legal relations, account, cultural (civil), law.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмудов Рустам Насруллоевич*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодӣ. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Саид Носир, 33. Телефон**.: (+992) 988818188.** E-mail: **rustammahmudov90@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Махмудов Рустам Насруллоевич*** **-** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, ассистент кафедры гражданского и экономического права. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Саид Носир, 33. Телефон**: (+992) 988-81-81-88.** E-mail: **rustammahmudov90@mail.ru**

**Information about the author:** ***Makhmudov Rustam Nasrulloevich*** **-** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, assistant at the department of civil and economic law. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir Avenue 33. Phone: **(+992) 988818188.** E-mail: **rustammahmudov90@mail.ru**

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

ТДУ: 32.001

# АНДЕШАҲОИ СИЁСӢ ДАР «СИЁСАТНОМА»-И НИЗОМУЛМУЛК

*Қодиров К.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав**

Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ машҳур ба Низомулмулк мутафаккирест, ки дар таълимоти сиёсии асрҳои миёнаи Шарқ мавқеи муҳим дорад. Низомулмулк дар дарбори шоҳи сулолаи Салҷуқиён Алпарсалон вазифаи вазирро ба уҳда дошт. А. Кримский навиштааст: «Ба шарофати Низомулмулк, аз як тараф, давлати дар натиҷаи задухӯрди байни ҳамдигарӣ ва тохтутозҳои зиёди сулолаи Салҷуқиён хароб ва бесарусомон гашта каму беш ба тартиб оварда шуда бошад, аз тарафи дигар, иқтисодиёти давлат ба по гузошта мешавад» [3,с.180].

Баъди қатли Алпарсалон, варосати шоҳии сулолаи Салчуқиён ба яке авлодаш Маликшоҳ ба миён меояд ва ӯ дар солҳои охири ҳукмрониаш ба донишмандони дарбор мефармояд, ки дар бораи низоми давлатдорӣ рисолае тартиб диҳанд, ки дар он таърихи мулки гузашта ва воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маданӣ нақл ёбанд. Низомулмулк асаре дар ҳаҷми 39 фасл навишта, онро «Сиёсатнома» ном мегузорад ва дар он корҳои идораи давлатии сулолаи Сосониён, сулолаи Сомониён ва то дараҷае давлатдории Ғазнавиёнро, бо силсилаи ҳикояҳо аз корҳои идораи давлатии шоҳони ин ду сулолаҳо такмил медиҳад. Дар фасли аввали «Сиёсатнома» омадааст: «Ва бар ҳукми фармони олӣ ин чанд фасл бар сабили ихтисор навишта омад ва он чӣ лоиқи ҳар фасл буд, дар он фасл ёд карда шуд, ба иборати равшану наздикфаҳм ва аз маънии ғарибу душвор парҳез карда шуд, то хонандаро тафҳим савоб бошад, ба тавфиқи Эзид таоло тамомат пазирад» [14,с.15].

Таҳлили «Сиёсатнома» собит менамояд, ки Низомулмулк ин асарро ҳамчун дастурамали сиёсӣ барои хонадони Салҷуқиён навиштааст, беадолатӣ, зулму ситам ва надонистани тартиб, тарз, қоида ва қонунҳои асосии давлатдории онҳоро нишон додааст. Низомулмулк, бо ҳамин мақсад, «Сиёсатнома»-ро чун дастурамали давлатдорӣ дар ҳикояҳо, аз адлу адолат, тарзи оқилонаи давлатдорӣ, поквиҷдону порсо будани арбобони давлатии сулолаҳои Сосониён ва Сомониён навиштааст: «Ва расми Сосониён чунон будааст, ки ҳар чӣ пеши эшон сухан гирифтӣ, ё ҳунаре намуда, ки эшонро хуш омадӣ ва бар забони эшон баромада, ки «Зеҳ! Хазинадор ҳазор дирам бад-он кас додӣ ва мулуки акосира дар адлу муруват ва ҳиммат зиёдат аз дигар подшоҳон будаанд, хосса Анӯшервони Одил» [15.с.105]. Низомулмулк дар ҳикояҳои «Сиёсатнома», дар муколама ва гуфтугӯйи байни қаҳрамонҳо бештар макру фиреб, зулму ситами шоҳонро тасвир кардааст ва адлу инсоф ва ҳақиқатҷӯйиро ба онҳо тавсия кардааст.

«Сиёсатнома»-ҳои давраи ислом идомаи суннати андарзноманависии давраи Сосониён мебошанд, зеро баррасии онҳо аз ду нуқтаи назар барои таълимоти сиёсии муттафакирони асрҳои миёнаи Шарқ аҳаммият дорад: аз нуқтаи назари таҳаввули таърихӣ, ки бунёди таълимоти сиёсӣ, ки дар асрҳои миёна ҳам устувор аст ва мавриди истифода қарор дода шудаанд; аз дидгоҳи таърихи таълимоти сиёсӣ ва мантиқи дарунӣ ба гуфторҳои сиёсии асрҳои миёна дар давраи ислом. Дар ин фасл ба таври умумӣ дидгоҳи охирро мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва барои бештари матлаби таълимоти сиёсии асрҳои миёна муҳим аст. Аз ҷумла, андарзномаҳои понздаҳгонае, ки матни паҳлавӣ бо тарҷумаи форсӣ ва арабӣ анҷом шудаанд [15,с.105], пойгоҳи устувор барои таълимоти сиёсии асрҳои миёнаи Шарқ дар давраи ислом фароҳам овардаанд, ки баъдан ин афкори сиёсӣ бо андешаҳои сиёсии юнонӣ, аз ҷумла Арасту ва Афлотун даромехтанд ва бо ҳукми рушд бо фарҳанги Юнон партавтар ва устувортари таълимоти сиёсии асрҳои миёнаи Шарқ дар давраи ислом гардиданд. Пеш аз омехта шудани андешаҳои юнонӣ бо андешаҳои сиёсии давраи Сосониён каломи Зардушт ба сурати ҳаётӣ табдил ёфт ва бо ин тартиб, тадвини каломи зардуштӣ дар пайи андешаҳои юнонӣ, масеҳият ва оини монӣ имконпазир шуд.

Низомулмулк амирону ҳокимонро дар мамлакат фарри илоҳӣ мешуморад, ки саодат дар ду ҷаҳон доранд ва бояд ба мардумон ҷаҳл накунанд ва корҳои бузург кунанд, то

қиёмат номи онҳо бо накуӣ бимонад. Ин ҷо дар «Сиёсатнома» бозтоб аз «шоҳи ормонӣ» аст, ки омехтаи таҳлили сиёсӣ мегардад. «Шеваи шоҳӣ» дар ҷомеаи сиёсӣ ба подшоҳи Салҷуқӣ – Маликшоҳ мансуб аст ва «фарри шоҳӣ» (подшоҳи фараҳманд) намунаи он аст. Низомулмулк баҳри давлати Маликшоҳ ба адолатхоҳӣ ва накукорӣ достони Ҷамшедро барои муқоиса аз китоби «Авесто» иқтибос меорад. «… Дар ҳангоми подшоҳии ӯ хӯрок ва ошом фосид нашуданӣ буд; ҷонварон ва мардумон ҳар ду фанонопазир буданд; обҳо ва гиёҳҳо ҳар ду хушк нашуданӣ буд. Дар ҳангоми подшоҳии ӯ на сармо буд ва на гармо, на пирӣ буд на марг (у) на рашк офарида буд, пеш аз он ки дурӯғ гӯяд, пеш аз он ки ӯ ба сухани нодуруст дуруғ бипардозад» [12,с.64]. Яъне, асри заррини мамлакат вобаста ба подшоҳи додгар ва ростгӯ аст ва аз баракати чунин подшоҳӣ аст, ки ростӣ ва додгарӣ ба мардумон ҷоиз аст. Аз муҳтавои Низомулмулк аз подшоҳи Ҷамшед он аст, ки бо сухани нодуруст аз подшоҳ «фарр» дур мешавад, азогирӣ ва яксарии кишвар меафзояд. Асри заррини ростӣ ва додгарӣ метавонад ҷойи худро ба бедодгарӣ ва дурӯғ диҳад ва чуноне ки Ҷамшед бо ин ният чунин фармон додааст. Муҳтавои «Сиёсатнома»-и Низомулмулк монанди «Калила ва Димна» ва «Гулистон»-и Саъдӣ шаклгирии зеҳнияти сиёсии асрҳои миёнаи Шарқ нақш ва аҳаммият додааст.

Сиёсатномаҳо ба таври куллӣ дар рушди таълимоти сиёсии Низомулмулк нақш доранд ва бо бозтобии онҳо дар рӯ ба рӯ бо ҷараёни муҳимми таълимоти сиёсӣ дар давраи ислом қарор гирифтанд, ҷойи баҳс аст, ки таълимоти сиёсии ин давра, дар ин ҷо, ки мавриди таҳлили илмӣ қарор нагирифтааст, ба таври ҷиддӣ мутолиа ва баррасӣ нагардидааст. Баррасии таълимоти сиёсии Низомулмулк дар сиёсатшиносии муосир ночиз аст ва он чиро ки дар бораи таълимоти сиёсии давраи ислом аст, омехта бо идеологияҳои муосир таҳлил гардидааст, ки омӯзиши онҳо дар илми сиёсатшиносии муосир аҳаммияти илмӣ надорад ва ин ҷо пайвандҳои он бо муҳтавои сиёсии қадим таҳлил нагардидааст. Ин ҷо дар таҳлили таълимоти сиёсии Низомулмулк се нуқтаи назар муҳим аст, ки ба андешаи мо, муҳтавои таълимоти сиёсии Низомулмулк сиёсати давраи исломро муайян менамояд, яъне «Сиёсатнома»-и Низомулмулк таълимоти сиёсии Хилофат аст.

Тазаккур дода мешавад, ки заминаи ғоявии таълимоти сиёсии давраи ислом сиёсатномаҳои давраи Ардашери Бобакон аст. «Номаи тансар», ки дар бораи сиёсати он замон навишта шудааст, санади илмиест, ки баъзе масъалаҳои давлатдории Сосониёнро баррасӣ менамояд. «Номаи тансар» аз дидгоҳи андешаҳои сиёсӣ баён шудааст [12,с.131], ки бо «Сиёсатнома»-и Низомулмулк қобили муқоиса аст. Аз назари илми муосири сиёсатшиносӣ масоили сиёсии асри Низомулмулк ҳамон масоили эҳёи андешаҳои сиёсии Сосониён аст ва натиҷаи аҳди Сосониён «Номаи тансар» партави андешаҳои Низомулмулкро дорад ва таълимоти сиёсии асрҳои миёнаи Шарқро дар давраи ислом устувор сохтааст. Ҳамин тариқ, Низомулмулк аз андешаҳои сиёсии давраи Сосониён пайравӣ кардааст, зеро ӯ маҳз аз дидгоҳи андешаҳои сиёсии Сосониён назарияҳои сиёсиро тадвин кардааст, бо сиёсати шаръӣ (ислом) рӯ оварда, нахустин назарияи манзуми Хилофатро дар боби сиёсат танзим кардааст.

«Сиёсатнома»-и Низомулмулк дар давраи Маликшоҳ навишта шудааст. Дар фасли аввали китоби «Сиёсатнома» дар нуқоти шаръӣ (ислом) роҷеъ ба давлатдории Маликшоҳ чунин менависад: «Эзид таоло ин давлатро то қиёмат пайваста гардонад ва чашми бад аз камоли давлат дур дорад, то халоиқ андар адлу сиёсати ин подшоҳ рӯзгор мегузоранд… ва чун ҳоли давлат чунин аст, … андозаи давлат ва донишу русуми некубар қиёси давлату дониши ӯ ҳамчу ҷамъ бошад… Сиёсати наку, аз он чи подшоҳонро аз он чора набошад ва чизе, ки подшоҳон ба кор доштаанд, акнун баҷо намеоранд ва чӣ писандида ва чи нописандида бар он чӣ бандаро аз дидаву дониста ва шунидаву хонда фароз омад, ёд карда шуд…» [15,с.14-15].

Дар фаслҳои мухталифи «Сиёсатнома» тавзеҳоти дақиқ бо мисолҳо ва достонҳо дар ин масъала оварда шудаанд. Бинобар ин, «Сиёсатнома» ба дифои шариат ва имомат бахшида шудааст, ки омехтаи андешаҳои Эроншаҳрӣ - «шоҳи ормонӣ» аст. Мантиқи назарияи «шоҳ» ба хилофи халифа ва имом аст, ки тавассути имоми пешин ё ба воситаи усули уммат интихоб мешавад. Низомулмулк мегӯяд: «Эзид таоло подшоҳро забардасти ҳамаи мардумон офаридааст ва ҷаҳониён ҳама зердасти ӯ бошанд ва нонпораю бузургӣ аз ӯ доранд. Бояд, ки эшонро чунон дорад, ки ҳамеша аҳли салоҳ ва хештаншинос бошанд ва

ҳалқаи бандагӣ аз гӯш берун накунанд ва камари тоат аз миён накушоянд ва ҳар вақт эшонро бад – эшон менамоянд ба зиштӣ ва накуӣ, то хештанро фаромӯш накунанд ва низ ризо надиҳанд, то ҳар чӣ хоҳанд, кунанд ва андозаю маҳалли ҳар як медонанд ва аҳволи ҳар як пурсида медоранд, то пой аз хатти фармон берун наниҳанд ва ҷуз накунанд, ки мисол ёфтанд, чунонки Бузарҷмеҳри Бахтагон (Бузургмеҳр – Қ.К.) рӯзе дар пеши Нӯширвон (Анӯшервон – Қ.К.) гуфт: - Малик мехоҳад, ки ӯро бар ҳама мулук фазл бувад, ахлоқи хешро ороста гардонад ва хислатҳои хеш нек гардонад…» [14,с.149-150].

Чуноне мулоҳиза мешавад, таълимоти сиёсии Низомулмулк омехтаи сиёсатномаҳои давраи Сосониён аст, зеро назарияи «шоҳи ормонӣ»-ро дар бар мегирад; подшоҳи баргузида ва на Халифа ва ҷонишини Паёмбари Худо ва ё имоме, ки бо усули уммат интихоб мешавад, то барои иҷрои шариат саҳм бигирад. Нахустин сифати чунин подшоҳӣ, некӣ аст. Низомулмулк чунин хислатҳои подшоҳро нек медонад, ҳаё, ҳусни хулқ, ҳилм, авф, тавозеҳ, саховат, сидқ, шукр, раҳмат, илм, ақл ва адл [14,с.150]. Ӯ баҳри иҷрои аҳкоми шариат подшоҳонро фурӯғ медиҳад, бинобар ин, низом ва нуқси ҷомеа яксара талошӣ мешавад, фитнаҳо бархоста бахт ба яксонӣ ба гунаҳкорон ва бегонагон мегузарад. Низомулмулк, дар фасли ҳаштум шарти сиёсатро дар мулк чунин шарҳ медиҳад: «Подшоҳ бояд ба ҳар шаҳре нигоҳ кунад, то ҳоким омил дар он ҷо кист ва бар кори дин майле дорад ва аз Эзид таоло ҳамеша тарсон аст ва соҳибғараз нест. Ӯро бигӯяд, ки «амонати шаҳру ниҳоят дар гардани ту кардем. Он чи Эзид таоло аз мо пурсад бад-он ҷаҳон, мо аз ту пурсем. Бояд ки ҳоли омилу қозӣ ва шаҳнаву муҳтасиб ва раоён хурду бузург медонӣ ва мепурсӣ ва ҳақиқати ҳол маълуми мо мекунӣ ва дар сирру алония менамоӣ, то он чи воҷиб ояд, андар он мефармоем». Ва касоне, ки бад-ин сифат бошанд, итминоъ кунанд ва ин амонат напазиранд, эшонро илзом бояд карду ба икроҳ бибояд фармуд» [14,с.45].

Низомулмулк дар рӯзгори мардум подшоҳро баргузида, бо ҳунарҳои сутудаи оростаро мефармояд, ки ӯ бояд дар оромиши бандагон саҳм бигиранд, дар мулк ба фасодиву ошубҳо ва фитнаҳо роҳ надиҳанд, то мардум андар адли ӯ рӯзгор гузаронанд. Подшоҳ (малик) дар «Сиёсатнома» бақои давлат аст ва андар тоати шариат ва фармони Ҳақ таоло бояд пойдор бошад ва ҳар оини шум ва хашм дар ҷомеа дармон бахшад. Подшоҳи нек шамшер дар миён надорад, зеро бо шамшери кашида хун рехта мешавад, зеро «ҳар чӣ хушк бошад, ҳама сӯзад…» [14,с.43]. Бинобар ин, амният то замоне дар кишвар вуҷуд дорад, ки подшоҳи одил дар он аст ва бо аз байн рафтани подшоҳи нек низоми ҷомеа яксар бо дасти хеш талошӣ шуда, фитнаҳо бармехезанд. Низомулмулк дар давлатдорӣ одил будан ва хислати накудоштани амирону ҳокимонро фарз медонад: «Амири одил, аз ҷумлаи Сомониён, яке будааст, ки ӯро Исмоил ибни Аҳмад гуфтандӣ, сахт одил будааст ва ӯро сиратҳои неку бисёр буда, дар сиёсати давлати Сосонӣ оини Зардушт таъсир нуфуз гирифт. Баёни андешаҳои сиёсӣ дар ин давра дар оини Маздак устувор шуданд ва аз давлатдории шоҳаншоҳии Сосониён достон меофариданд» [14,с.64].

Дар давраи ислом бештари таълимоти сиёсӣ, дар партави маънавиёт навишта мешуданд ва дар қаламрави сиёсат дигаргунӣ ба миён омад. Бо қудрат гирифтани ҳукумати Хилофат, сиёсат низ ба зудӣ тағйир ёфт, Бармакиён дар дастгоҳи Хилофат қудрати сиёсӣ ёфтанд. Бо аз даст ба даст гузаштани қудрат аз Уммавиён ба Аббосиён андешаҳои сиёсӣ тавонманд шуданд ва дар хидмати онҳо даромаданд. Бармакиён ба нигоҳлории суннатҳои сиёсии Сосониён пардохтанд ва онҳоро ба дастгоҳи Хилофат таҳмил карданд [1,с.113]. Бармакиён ҳалқаи воситаи байни вазирони давраи сосонӣ ва исломӣ буданд ва роҳи вазиронро дар давраи ислом нишон доданд.

Яке аз муҳимтарин ҷараёнҳои сиёсӣ дар асрҳои миёнаи Шарқ дар давраи ислом дар тадвини таълимоти сиёсӣ дар заминаи андешаҳои сиёсӣ мебошад. Дар таълимоти сиёсии давраи ислом сиёсат ба маънои дақиқи калима, ки дар натиҷаи омезиш бо осори юнонӣ тавассути Абунасри Форобӣ тадвин гардид ва дар пайравӣ рушд ёфт. Муҳимтарин андешаҳои сиёсӣ дар давраи ислом дар сиёсатномаҳо дарҷ гардидаанд. Бештар осори сиёсӣ дар сиёсатномаҳои давраи ислом, андарзномаҳои давраи сосонӣ дарҷ шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк вожаи «фарр» ба кишварҳои ориёӣ ва ба Зардушт тааллуқ дорад. Ин ҷо бояд мансубияти инҳисории «фарр»-ро ба ҳамон инсонгароии ориёӣ ва зардуштӣ, ки додгарӣ ва ростӣ аст ва вобастагӣ ба макони ҷуғрофӣ дорад. Афросиёби тӯронӣ ба ҷустуҷӯйи фарр, ки дар дарёи Фарохгирд

шиновар аст, меравад, аммо номувофиқ меояд, зеро фарр дар ҳол ва оянда аз он берун аз асли ориёӣ ва зардушт аст [4,с.94]. Яъне, вожаи «фарр» мерос аз Зардушт аст, таъкиди он аст, ки «ориёӣ» на танҳо нажод ва макони ҷуғрофӣ, балки ба ростӣ ва додгарӣ рӯ ниҳодан аст. Низомулмулк аз тарзи давлатдории нажоди ориёӣ дар «Сиёсатнома» чунин овардааст: «… дар рӯзгори Кайқубод ҳафт сол қаҳт буду борон аз замин бурида гашта буд. Фармуд уммолро, то ғаллаҳое, ки доштанд, мефурӯхтандӣ ва баъзе бор ваҷҳи садақа медоданд. В-(аз) байтулмолу хизона заифонро ёрӣ карданд, ки дар ҳама мамлакати ӯ дар ин ҳафт сол як тан аз гуруснагӣ намурд» [4,с.104].

Низомулмулк низоми сиёсии кишварро бо такя ба назарияи «шоҳи ормонӣ» дар таслими он, дар мавриди халқҳо ва шоҳони давраи исломӣ пардохтааст. Аз ин ҷиҳат, Низомулмулк саъй дорад аз ормонхоҳии давраи бостон ба воқеъбинии давраи исломӣ гузар намояд. Ин гузар ба воқеъбинӣ дар ин шароити имконнопазири давра, аз дидгоҳи Низомулмулк, подшоҳон бояд дорои ҳар гуна фазилат ва ҳунар бошад, ки халқро аз ботил ҷудо кунанд. Ин ормонхоҳии Низомулмулк дар маҳдудияти танги воқеъбинии сиёсии давра, ҷалби назари салтанати Хилофат ба воқеъбинӣ аст. Низомулмулк навиштааст: «Аммо миёна рафтани подшоҳ дар маънии ҳоли дунё ва дар корҳо чунон аст, ки дар ҳар ҳол зиён бошад ва бар одати қадим ва оини маликони нек бираванд ва суннати бад наниҳанд ва ба бидъат ризо надиҳанд» [15,с.11-12].

Бинобар ин, аз муҳимтарин мушкилоти таҳлили «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва дигар сиёсатномаҳои давраи ислом давлатдорӣ аз маҷрои таъкиди тадовуми суннат аст ва бо ин тартиб, ормонхоҳӣ ва воқеъбинии сиёсии дар сиёсатномаҳо дар ҳам омехтаанд ва ин амр яке аз мушкилоти баррасии таҳлили илмии сиёсатномаҳо аст.

Низомулмулк бо таваҷҷуҳ ба он ки салтанати замонаи ӯ подшоҳи фараҳманд нест, назари салтанати Салҷуқиёнро нисбати маликони Аҷам ҷалб мекунад ва аз баъзе қисматҳои «Сиёсатнома» маълум мегардад, ки Низомулмулк бе он ки салтанатро подшоҳи «диногоҳ» бидонад, ҳамчунин фарзанди барно, аммо бедониш ва саркаш медонад, ки ҷуз бо забони кӯдакӣ бо ӯ сухан гуфтан ҳам мушкил аст: «Ин ҷаҳон рӯзномаи маликон аст, агар нек бошанд, ба некӣ ёд кунанд ва офарин гӯянд ва агар бад бошанд, ба бадӣ ёд кунанд ва нафрин гӯянд» [12,с.142].

Таҳлили сиёсии Низомулмулк, таҳлили неруҳои сиёсӣ ва сохтори қудрати давлат дар давраи ислом аст, зеро ӯ дар мавриди «шеваи шоҳӣ» маҳз шоҳро мавриди таҳлил қарор додааст, ки омили таъинкунанда аст, подшоҳест, ки ба дигаргуниҳои ҷаҳон тобеъ аст. Подшоҳӣ сиришти шоҳӣ аст ва на баръакс, баъзе аз қазои осмонӣ ва баъзеи дигар бино ба бахт некукоранд. Гоҳе «ҳодисаи осмонӣ падидор ояд ва мамлакатро чашми бад андар ёбад» [15,с.111] ва дар чунин замона давлат заиф мегардад ва ҳар вақте ки «… ҳодисаи осмонӣ падид ояд ва мамлакатро чашми бад дарёбад, давлат таҳвил кунад аз хонае ба хонае ё музтариб гардад аз ҷиҳати фитнаю ошӯб, шамшерҳои мухталиф ва куштану сӯхтан. Ва андар чунин айёми пурфитнаю шарр муслеҳон молида бошанд ва муфсидон ба дастгоҳ, ҳар киро қувват бошад, ҳар чӣ хоҳад кунад ва кори аҳли хайр заиф шаваду кори аҳли шар қавӣ… ва корҳои мамлакат аз қоида ва тартиб бияфтад ва подшоҳро аз бас тохтану ҷанг ва дилмашғулӣ фурсати он набошад, ки ба чунин чизҳо пардозад ва аз ин маънӣ андеша бикунад…» [14,с.112].

Бо гузашти замон, ҳодисаи осмонӣ, барои подшоҳе, ки аз миёни мардум мегурезад ва ӯ наметавонад нобасомониҳо ва берасмиҳоро аз миён бардорад ва низоми давлатдориро ба мазраи собиқ бигзорад. Инро бояд ишора намоем, ки дар андешаҳои сиёсии давраи Сосониён асл ва низоми собиқ суннати низоми давлат аст ва ҳар «инқилоб» бидъат аст, ки низоми матлуби собиқро барҳам мезанад ва барои подшоҳи диногоҳ бори дигари мушкилот меоварад: «Пас, чун ба саодати осмонӣ нухусати осмонӣ бигузарад ва айёми роҳату эминӣ падид ояд. Эзид таоло подшоҳе падид овард одилу оқил аз абнои мулук ва ӯро давлате диҳад, ки ҳама душманонро қаҳр кунад ва ӯро ақлу донише диҳад, ки ҳамаи корҳоро тамиз кунад ва аз ҳар кас бирасаду бозпурсад, ки оини подшоҳон дар ҳар коре чӣ гуна будааст. Ва аз дафтарҳо бархонад ва ҳама тартибу оини мулук ба ҷойи хеш барад ва андозаи он ба ҳар ваҷҳе падид кунад ва арзониёнро ба соли хеш бозбараду ноарзониёнро даст кӯтоҳ кунад ва ба кори пешвои худ фиристад ва кофири неъматро аз буну бех

барканад ва диндӯст бошаду динро нусрат диҳад ва ҳайи бидъатро maқҳур дорад…» [14,с.112-113].

Низомулмулк дар дунболи андешаҳои сиёсӣ подшоҳиро дар таҳлили сиёсии худ қарор медиҳад, ки ҳадафаш ёдоварии суннати маликони Аҷамро дар назар дорад. Суннати замони Низомулмулк, чуноне ки шарҳ дода шуд, подшоҳи диногоҳ нест ва вазири бузурги Оли Салҷуқ саъй дорад, то ба забоне сухан гӯяд, ки каломи ӯ на сабаби сӯзандагӣ, балки сабаби созандагӣ дошта бошад. Аммо, андешаи Низомулмулк нисбати Маликшоҳ аз таъриф холӣ нест, зеро ӯ бо баёни ин нукта «рӯзгори муборакu ӯро ҳеҷ банда аз итоат берун нест». Низомулмулк давраи Маликшоҳро давраи ором ва сулҳ медонад: «Ва агар ба рӯзгори баъзе аз хулафо андар мулк заиф буда бошад, ба ҳеҷ вақт аз хуруҷи хориҷиён холӣ набудааст ва андар ин рӯзгори муборак ба Маликшоҳ андар ҳама ҷаҳон касе нест, ки ба дил хилоф андешад ва ё сари ӯ аз чанбари итоат берун аст. Эзид таоло ин давлатро то қиёмат пайваста гардонад ва чашми бад аз камоли ин мамлакат дур дорад, то халоиқ андар адли ин хонадон, рӯзгор мегузаронанд ва ба дуои хайр машғул мебошанд» [14,с.16].

Бо ишора ба «ҳодисаҳои осмонӣ», метавон таъкид кард, ки низоми мулки салтанати Салҷуқиён яксара ба бенизомӣ майл карда буд ва аз маҷрои табиии худ берун омада буд. Низомулмулк бо ин баён саъй дорад, то ба салтанат бифаҳмонад, ки корҳои давлат аз «қоида ва бунёди хеш биафтода» аст ва замони он расидааст, ки салотин онҳоро бо «қоидаи хеш» оварад ва бо ин мақсад, достонҳои ҳикматӣ (ҳикояҳо) меоварад, то ин ки салотини салҷуқӣ аз он ибрат гирад ва кори давлатро ба низом дарорад: «Акнун андак аз ин маънӣ ёд кунем, то дар бисёр дидор андак афтад ва далел бошад бар чизҳое, ки аз тартиб биафтода аст, то Худованди олам онҳоро тааммул кунад, ки ҳар яке мисоле ва фармоне диҳад иншааллоҳ» [4,с.14].

Низомулмулк таъкид менамояд, ки салотини замон, қоидаи салтанат намедонад ва аз аҳволи мардумон воқиф нест. Салотин на ба суннати салтанат, ки рӯз ба рӯз заиф гаштааст, бояд сиёсатномаҳои қадимро омӯзад, то одоби ҳукумат ва аҳволи мардумон бидонанд: «Аз чизҳое, ки подшоҳон ба ҳама рӯзгор нигоҳ доштаанд ва тимор дошта, абнои мулукро гиромӣ карда ва нагузоштаанд, ки зоеъ ва маҳрум ва марҳум буданд ва аз рӯзгори давлати хеш ба андозаи кафофи эшон мансуб доданд, то хонаи эшон бар ҷое бимонда аст ва дигар арбобу олимон ва муслиҳон ва мастурон ва ғозиён ва муқимон тағйирҳоро ва аҳли Қуръонро аз байтулмол насиб доданд, ки ҳеҷ касе дар рӯзгори давлати эшон бенасиб ва маҳрум набуданд ва дуое ба хайр ва савоби ду ҷаҳон ҳосил омадааст» [4,с.190].

Низомулмулк назарияи «шоҳи ормонӣ»-ро дар «Сиёсатнома» бо дигаргуниҳо ва бо ҷобаҷогузориҳои андешаҳои сиёсӣ, вобаста ба сиришти давраи таърихӣ тобеъ ба ислом баён намудааст, ки дар фавқи андешаҳои сиёсии исломӣ бозсозӣ шудааст, аммо бо сабаби ин дигаргуниҳо ва ҷобаҷоиҳо «шоҳи ормонӣ» ранги рехта гирифтааст. Низомулмулк ормонхоҳ ва воқеъбини сиёсӣ аст, зеро ӯ ҳама ҷо дар андешаҳои сиёсӣ такя ба ин воқеъбинӣ сӯйи ормонхоҳӣ аст, то пайванди ҳоли сиёсии гузашта, аз ҷумла тарзи давлатдории Сосониён ва Сомониён дар салтанати Салҷуқиён барқарор карда шавад ва бо пайвастани Маликшоҳ ҳикояҳо аз тарзи неки давлатдории куҳан намунаҳо овардааст.

Бинобар ин, Низомулмулк дар «Сиёсатнома» дар масъалаҳои идора намудани давлат ва корҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар ҳукуматдорӣ ҳунару истеъдоди шоҳонро дархост менамояд. Ӯ бештар кору кирдори вазирони оқили сулолаи Сосониён ва сулолаи Сомониён ва хислатҳои наҷиби онҳоро тасвир кардааст ва ба ин васила майлу рағбати шоҳон ва вазирони сулолаи Салҷуқиёнро ҷалб кардааст. Низомулмулк ҳамеша машварат доштани шоҳонро бо мардум ҳатмӣ мешуморад: «Ва машварат накардан дар корҳо аз заифии раъй бошад ва чунонки ҳеҷ кор ба мардум натавон кард, ҳамчунин ҳеҷ шуд шуғле бе машварат неку наёяд» [14,с.6]. Ё худ, ӯ ба моҳияти амалии машварат ишора карда менависад: «Ва доноён гуфтаанд, ки тадбири яктана чун зӯри якмарда бошад ва тадбири дутана чун зӯри думарда, аз тадбири даҳтана чун зӯри даҳмарда ва ҳар чӣ бештар-қавитар» [14,с.6-7].

Дар «Сиёсатнома» Низомулмулк ҷалби ашхоси кордону бомаҳорат ва содиқу вафодорро ба кори идораи давлатӣ муҳим арзёбӣ намудааст. Низомулмулк қайд мекунад, ки дар давлатдорӣ мулоҳиза ва эҳтиёткорӣ зарур аст, зеро «Андар корҳо шитобзадагӣ набояд, кордон «ва чун» хабаре шунавад ё сирате бандад, андар он оҳистагӣ кор бояд

фармуд, то ҳақиқати он падид ояду дурӯғ аз рост пайдо гардад, ки шитобзадагӣ кори заифон аст, на кори қодирон» [14,с.8].

## АДАБИЁТ


1. Баҳромфар, Довуд. Яшто. – Теҳрон, 1354 ҳ.ш. - 316 с.
2. Бартольд, В.В. Теократическая идея и светская власть в мусульманском государстве / В.В. Бартольд. – М., 1966. - 263 с.
3. Большаков, О.Т. Средневековый арабский город / Очерки истории арабской культуры V-XV вв. // О.Т. Большаков. – М., 1982. – С. 46-63.
4. Васильев, Л.С. Феномен власти – собственность / Типы общественные отношений на Востоке в средние века / Л.С. Васильев. – М.: Наука, 1982. - 334 с.
5. Вейнберг, И.П. Человек и культура древнего Востока / И.П. Вейнберг. – М.,1986. - 280 с.
6. Грязневич, П.А. Ислам и государство / История государственно-политической идеологии раннего ислама / П.А. Грязневич. – М.: Восточная литература, 1986. – С.56-79.
7. Енистаронтаф, Г. Мутолиае дар бораи Сосониён (тарҷумаи Козим Козимзода) / Г. Енистаронтаф. – Теҳрон, 1348 ҳ.ш. - 352 с.
8. Ермаков, Д.В. Правитель и община в «Муснаде» Ибн Ханбала / Д.В. Ермаков // Народы Азии и Африки. – М., 1983. - № 1. – С. 12-16.
9. Игнатенко, А.А. Ибн Халдун / А.А. Игнатенко. – М.: Наука, 1980. - 198 с.
10. Игнатенко, А.А. Средневековые поучения владыкам и проблематика власти / Социально-политические представления в исламе / А.А. Игнатенко. -М.: Восточная литература, 1987. – С. 64-89.
11. Кристесен, О. Корномаи шоҳон дар ривоятҳои Эрони бостон (тарҷумаи Бақир Амирхонӣ ва Баҳман Саркоронӣ) / О. Кристесен. – Теҳрон, 1350 ҳ.ш. - 211 с.
12. Крымский, А. История Персии / А. Крымский. – М., 1902. - 204 с.
13. Низомулмулк, Хоҷа. Сияр-ал-мулк ё Сиёсатнома / Хоҷа Низомулмулк. – Теҳрон, 1344 ҳ.ш. - 214 с.
14. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе, 2019. - 200 с.
15. Хачатурян, Н.А. Город в системе феодальной формации / Н.А. Хачатурян. //Вопросы истории. – М., 1983. - №1. – С. 26-39.
16. Штекли А.Э. О политическом строе / А.Э. Штекли //Утопия. – М., 1986. Вып. 49. – С. 53-78.


## АНДЕШАҲОИ СИЁСӢ ДАР «СИЁСАТНОМА»-И НИЗОМУЛМУЛК


Зимни таҳлили «Сиёсатнома» дар мақола андешаҳои сиёсии Низомулмулк мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳлили бевоситаи асар маълум менамояд, ки Низомулмулк «Сиёсатнома»-ро ҳамчун дастурамали сиёсӣ барои хонадони Салҷуқиён навиштааст. Низомулмулк бо ҳамин мақсад, «Сиёсатнома»-ро бо ҳикояҳо аз тарзи давлатдорӣ, аз адлу адолати давлатдории Сосониён иқтибос овардааст. Низомулмулк дар «Сиёсатнома», дар гуфтугӯйи қаҳрамонҳо, аз адолат ва саодат мисолҳо оварда, ҳокимонро ба ҳақиқатҷӯйи даъват кардааст. Дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, пеш аз ҳама, андарзҳои давраи Сосониён, таълимоти сиёсии мутафаккирони давраи ислом аҳаммият доранд. Андешаҳои сиёсии мутафаккирони юнонӣ, аз ҷумла Арасту ва Афлотун дар «Сиёсатнома» даромехта шудаанд.Собит карда шуд, ки «Сиёсатнома»-и Низомулмулк бозтоби «шоҳи ормонӣ» аст. Тазаккур дода мешавад, ки заминаи ғоявии таълимоти сиёсии давраи ислом, аз ҷумла «Сиёсатнома»-и Низомулмулк сиёсатномаҳои давраи Ардашери Бобакон аст.



**Калидвожаҳо:** Низомулмулк, сиёсат, инсон, ҷомеа, ҳукумат, давлат.


## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ В «СИЁСАТ-НАМЭ» НИЗАМУЛМУЛКА


В статье рассматриваются политические взгляды Низамулмулка на основе анализа «Сиёсат-намэ». Отмечается, что трактат «Сиёсат-намэ» Низомулмулка написан в эпоху правления Салджукидов и является политическим пособием управления государством. Низомулмулк в «Сиёсат-намэ» наряду с указанием форм управления государством, в каждой главе трактата приводит ряд поучительных рассказов в период правления династии Сасанидов. Низамулмулк в рассказах «Сиёсат-намэ» указывает на справедливость и умелое управления государством периода Сосонидов, и призывает правителей к доброте и правдивости. В «Сиёсат-намэ» Низамулмулк указывает на поучительные примеры и способы управления государством в эпоху Сасанидов и ссылается на политическое учение древних греков. Для Низамулмулка авторитетным примером в политике управления государством являются Аристотель и Платон. Утверждается, что основное содержание «Сиёсат-намэ» Низамулмука составляет описание личности «справедливогоправителя».



**Ключевые слова:** Низамулмулк, политика, человек, общество, власть, государство, правитель.


## POLITICAL VIEWS OF "SIYOSAT-NAME" NIZAMULMULK


The article discusses the political views of Nizamulmulk based on the analysis of "Siyosat-name". It is noted that the treatise "Siyosat-name" by Nizomulmulk was written in the era of the Saljukids and is a political tool for governing the state. Nizomulmulk in "Siyosat-name" to the people, indicating the forms of government, in each chapter of the treatise, give a number of instructive stories during the reign of the Sassanid dynasty. Nizamulmulk in the stories "Siyosat-name" points to the justice and skillful government of the Sosonid period, and calls on the rulers for kindness and truthfulness. In Siyosat-name, Nizamulmulk points to instructive examples of how the state was governed in the Sosonid era, and refers to

the political teachings of the ancient Greeks. For Nizamulmulk, Aristotle and Plato are authoritative examples in the politics of government.It is argued that the main content of Nizamulmuk's "Siyosat-name" is "a just ruler". It is emphasized that the main link of political views in Nizamulmulk's "Siyosat-name" is the ways of governing the state of Shah Ardasher Bobakon during the period of the Sassanid dynasty. It was revealed that during the period of Islam, political teachings were part of the morality of the era. After the Barmakids were invited to the administration of the Saljukids, the forms of government of the Sosonid period revived.

**Keywords:** Nizomulmulk, politics, man, society, power, state, ruler.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, иҷрокунандаи вазифаи профессор. **Суроға:** 735440, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Каримчон*** - Бохтарский государственный университета имени Носира Хусрав, исполняющий обязанности. профессора. **Адрес:** 735440, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Information about the author: Kodirov Karimchon -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting. professor, **Address**: 735440, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-14-74-68**

ТДУ: 32/323

# НАЗОРАТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАНЗИМИ БУҲРОНИ СИЁСӢ

*Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз, Қурбонов Д.М.*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Идоракунии сиёсӣ-давлатӣ таъсири муназзам, мақсадноки субъекти раванди идоракунӣ ба объекти идорашаванда бо мақсади ба тартиб даровардан, ҳифз ва рушди он мебошад. Аммо раванди назорат на танҳо бо "таъсир"-и субъект ба объект маҳдуд мешавад, балки фикру ақида ё ба ибораи дигар, "вокуниши" системаи идорашаванда ба таъсири субъекти назоратӣ пешбинӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, байни субъект ва объекти назорат ҳамкории мутақобила ба амал меояд. Низоми сиёсӣ ба монанди ҳама гуна система, ба амали танзимгарони гуногун, аз ҷумла танзимгарони стихиявӣ, вобаста аст. Идоракунӣ шакли олии танзими бошууронаи равандҳои фаъолият ва рушди системаи сиёсӣ ва бuҳронҳои сиёсӣ мебошад.

Дар баробари ин, дарки моҳияти назорати давлатӣ дар раванди буҳрони системаи сиёсӣ ва низоми идоракунии давлатӣ муҳиммияти худро дорад. Назорати давлатӣ фаъолияти мақомоти махсуси давлатӣ аст. Он ба пешгирӣ, ошкор ва саркӯбии вайронкунандагони талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд, ки дар ҷараёни назорати давлатӣ чораҳои маҷбуркунии давлатӣ татбиқ карда мешаванд.

Дар раванди сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ назоратро ҳамчун роҳи таъмини волоияти қонун, самаранокӣ ва муташаккилсозии раванди идоракунӣ эътироф кардан зарур аст. Амалигардонии назорат на танҳо аз болои қонуният, балки аз рӯйи мақсадҳои сиёсат ва идоракунии давлатӣ мувофиқ аст. Набудани тобеияти ташкилӣ, тобеият байни мақомоти назоратӣ, шахси мансабдор ва объекти назоратшаванда имконияти дахолат ба фаъолияти ҷории маъмурӣ ва хоҷагии идорашаванда, бекор кардани ғайриқонунӣ ва ғайримақсадноки он қарорҳо, додани дастурҳо дар бораи роҳҳо, усулҳо ва муҳлати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ба вуҷуд меоянд.

Вазифаҳои назорат дар раванди идоракунии давлатӣ мухталифанд. Мониторинги кори объекти идорашаванда асосӣ ба ҳисоб меравад. Гирифтани маълумоти объективӣ ва боэътимод дар бораи ҳолати қонуният ва интизом, андешидани чораҳо оид ба пешгирӣ ва бартараф кардани вайронкуниҳои қонун ва тартибот, муайян кардани сабабҳо ва шароити мусоид барои вайронкуниҳои тартибот ва низоми раванди идоракунии сиёсӣ, ва ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагони раванди идораи сиёсӣ ва давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Вобаста аз мундариҷаи масъала, сифати сиёсат ва идоракунии давлатӣ ҳамчун доираи гуногуни хусусиятҳои давлат ва институтҳои он фаҳмида мешавад. Баъзан ин мафҳум ҳамчун сифати давлат, дар маҷмуъ, ҳамчун ваҳдати се шохаи ҳокимият - қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, пайравӣ аз маҷмуи ҷузъҳое, ки хусусиятҳои ҳисоботдиҳӣ, шаффофият ва риояи волоияти қонунро дар бар мегирад, аҳаммияти муҳимро доро мебошанд [1].

Барои арзёбии сифати идоракунии давлатӣ дар асоси натиҷаҳои фаврӣ, баъзе идеяҳои идеалии вазъи институтҳои он ва фаъолияти онҳо заруранд. Чунин ғояро, аввалан, аз таҳлили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва сониян, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ба даст овардан мумкин аст [2].

Метавон арзёбии сифати идоракунии сиёсӣ ва давлатиро чунин муайян намуд:

Индекси «ҳуқуқи овоздиҳӣ ва масъулият» (Voice and Accountability) он нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки ҷанбаҳои гуногуни равандҳои сиёсӣ, озодиҳои шаҳрвандӣ ва ҳуқуқҳои сиёсиро чен мекунанд. Нишондиҳандаҳои ин категория дараҷаи иштироки шаҳрвандонро дар интихоби ҳукумат ва инчунин дараҷаи мустақилияти матбуотро муайян мекунанд.

Фаъолияти назоратнамоӣ танҳо дар ҳолатҳое самаранок аст, ки иҷрои қарорҳои қабулшуда саривақт назорат шавад, то қонуният ва самарабахшии чораҳои

андешидашударо муайян кунанд. Назорат ба риояи муқарраароти шартнома мусоидат намуда, интизом касбият ва салоҳияти баландро аз кормандон талаб мекунад.

Механизми назоратиро ҳангоми буҳронҳои сиёсӣ дар давлатҳо дар сатҳҳои гуногуни раванди идоракунии сиёсӣ ва давлатӣ амалӣ кардан мумкин аст [3]: дар сатҳи шахси мансабдор; дар сатҳи шуъбаи алоҳида; дар сатҳи корхона; дар сатҳи саноат; дар сатҳи минтақавӣ; дар сатҳи кишвар.

Ҳамин тариқ, ҳадафи назоратро омӯзиши объективӣ ва таъмини самаранокии раванди идоракунии сиёсӣ ва давлатӣ ва заминаҳои институтсионалию ташкилӣ ва ҳуқуқии он ташкил медиҳад.

Н.М. Конин назоратро ҳамчун «шакли хосси фаъолият оид ба мушоҳида ва назорати мунтазами фаъолияти субъектҳои муносибатҳои маъмурӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади тафтиши мувофиқати қарорҳо ва амалҳои онҳо ба талаботи қонуният» муайян мекунад. Вай хусусиятҳои назорати маъмуриро дар маҳдуд кардани салоҳияти мақомоти назоратӣ тавассути тафтиши қонунии амали шахсони назоратшаванда мебинад" [4]. Аммо, вақте ки сухан дар бораи назорат ва мақомотҳои назоратӣ дар раванди идораи сиёсӣ меравад, ба андешаи Н.М. Конин розӣ шудан нашояд. Назоратро ҳамчун шакли махсуси фаъолияти мақомоти назоратӣ дар раванди идораи сиёсӣ бо мақсади назорати фаъолияти субъектони сиёсат ва раванди идораи сиёсӣ номидан ба мақсад мувофиқтар аст.

Идоракунӣ аз ҷиҳати сохторӣ мураккаб мебошад ва бисёр унсурҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад ва яке аз онҳо назоратнамоӣ ва баҳисобгирӣ мебошад. Фаъолияти назоратнамоӣ ва баҳисобгирӣ (англ. control-supervision activity) вазифаи муҳимтарини идоракунӣ ва арзёбии натиҷаҳои он, раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбасти иттилооти идоракунӣ ва истифодаи он барои танзими муносибатҳои идоракунӣ мебошад.

Дар ин робита, функсияҳои назоратӣ бо танзими давлатӣ якҷоя карда мешаванд, ки заминаро барои баланд бардоштани самаранокии он ташкил медиҳад. Назорат бояд ба талаботи самаранокӣ, шаффофият, воқеъбинӣ, мақсаднокӣ ҷавобгӯ бошад. Назорати давлатӣ метавонад умумӣ ва мушаххас бошад [5].

Ҳамин тариқ, метавон фаъолияти мақомоти назоратиро дар шароити буҳрони сиёсӣ дар заминаи ҳадафҳои махсус метавон баҳо дод. Онҳо метавонанд ба самаранокии раванди идораи сиёсӣ нигаронида шаванд.

Барои волояти қонун дар идоракунии сиёсӣ назорати дохилӣ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз ҷониби роҳбарони онҳо, инчунин шахсони мансабдор ё воҳидҳои барои ин мақсад таъиншуда муҳим аст.

Бартарафнамоии буҳронҳои сиёсӣ ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳокимияти сиёсӣ дохил мегардад. «Вазифаҳои ҳокимият ба таври ҳукмронӣ, роҳбарӣ, танзимнамоӣ, назорат намудан, идоранамоӣ, хамоҳангсозӣ, ташкил намудан, сафарбарнамоӣ ва ғ. воқеӣ мегарданд» [6].

Фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки ба пешгирӣ, ошкор ва рафъи қонунвайронкуниҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, роҳбарони онҳо ва шахсони мансабдори дигар, соҳибкорони инфиродӣ, намояндагони ваколатдори онҳо равона карда шудааст, талаботи муқаррарнамудаи ҳуқуқӣ ва сиёсии раванди идораи сиёсирӣ, дигар қонунҳо ва санадҳои таъсиррасон дар раванди идораи сиёсӣ ва мутобиқати онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тавассути ташкил ва гузаронидани санҷишҳои шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, андешидани чораҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба фурӯш ва ё рафъи оқибатҳои қонуншиканиҳо, инчунин фаъолияти ин мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба мониторинги мунтазам барои иҷрои талаботи ҳатмӣ, таҳлил ва пешгӯии ҳолати иҷрои талаботи ҳатмӣ ҳангоми иҷрои фаъолият аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ равона карда шудааст. Асоси фаъолияти онҳоро ҳокимияти сиёсӣ мушаххас мегардонад.

Назорати парлумонӣ дар системаи назорати давлатӣ маънои ҳуқуқии назорат, моҳият, хусусиятҳо ва унсурҳои онро меомӯзад. Фаъолияти назоратӣ ҳамчун вазифаи ҳокимиятии он, мақсаднок ва ташкилотчӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии механизми идоракунии давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Назорат ҳамчун функсияи ҷудонашавандаи давлат дар асоси моҳияти ҳокимияти давлатӣ эътироф карда мешавад.

Дар шароити ҳозира мақом ва нақши ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи сиёсӣ батадриҷ меафзояд. Дар бештари ҳолатҳо он аз ҳисоби ҳокимияти қонунбарор воқеӣ мегардад. Шояд чунин вазъият хосияти объективӣ дошта бошад. Зеро дар сатҳи зарурӣ ахбороти объективӣ ва мукаммалро дар бораи равандҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа фақат муассисаю мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ пайдо менамоянд.

Мақомоти ҳокимияти қонунбарор низ аз он истифода мебаранд. Теъдоди қарорҳои махсус ва ё муҳим, ки сифати идоракуниро нишон медиҳанд, хеле бузург ва зиёданд. Бюрократияи давлатӣ дар мамлакатҳои демократӣ принсипи «шаффофият»-ро ба роҳбарӣ мегирад. Он барои назорати ҷамъиятӣ кушода аст. Дар низоми автократӣ бюрократия «давлат дар давлат» мегардад. Он қоидаҳои махсуси бозиро ҷорӣ менамояд. Он восита ва аслиҳаи идоракунии олигархияи ҳукмрон мебошад. Дар низоми демократӣ назорати ҷамъиятӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ ба сифати воситаи маҳдуднамоии раванди автономикунонии бюрократияи давлатӣ баромад менамоянд.

Модели назариявии татбиқи функсияи назорат дар вазъияти бухрони сиёсӣ аз фаъолияти идоракунии мақомоти иҷроия оид ба татбиқи амалҳои мушоҳидаи идоракунӣ ҳамчун марҳилаи зарурии раванди идоракунӣ иборат аст [7]. Дар баробари ин нақши бюрократия афзалият пайдо мекунад.

М. Вебер асос ва моҳияти демократияро дар муайян намудани тартиби назорат аз рӯйи дастгоҳи бюрократӣ медонист, ки ба тамоюли фаъолияти муҳимми иқтисодӣ ва равандҳои сиёсӣ ихтиёрдорӣ менамуданд. Аҳаммияти демократияи парламентӣ ба интихоби сарвари сиёсӣ ва назорат намудан аз рӯйи бюрократияи маъмурӣ пайваста мегардад [6]. Яке аз мақомоти таъминкунандаи кафолатҳои ҳуқуқҳои инсон ва ҳимоякунандаи онҳо мақомоти прокуратура мебошад. Яке аз вазифаҳои асосии ин мақомотро таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ташкил медиҳад. Самтҳои асосии фаъолияти он бошад, дар заминаи роҳҳои гуногун тарҳрезӣ мегардад [8].

Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар муҳимтарин самтҳои фаъолияти ин мақомот мебошанд.

Бо дарназардошти ҷойгоҳи махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар система ва сохтори ташкили ҳокимияти давлатӣ ба он диққат додан лозим аст, ки муносибати анъанавӣ пеш аз ҳама, вақте ки ҳангоми баррасии вазифаҳои назорат (назорат) нисбат ба субъектҳои алоҳидаи идоракунӣ ваколатҳои прокуратура ва суд, таҳлил карда мешаванд, татбиқ карда намешавад. Албатта, ин мақомоти назоратӣ низ салоҳияти худро дар доираи салоҳияти худ амалӣ мекунанд, аммо қонунгузории соҳавӣ, ки ташкил ва фаъолияти мақомоти алоҳидаи ҳифзи ҳуқукро ба танзим медарорад, чун қоида, тартиби махсуси татбиқи назорати давлатиро пешбинӣ менамояд. Дар баробари нақши муайян доштани мақомтҳои асосии давлатӣ дар таъмини кафолатҳои риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва назорати он таркиботи институтсионалии ҷомеаи шаҳрвандӣ низ нақши асосиро доро мебошанд. Ғайр аз ин, назорати махсуси беруна аз рӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолияти идоракунии мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ вуҷуд дорад. Аз ҳамин ҷост, ки аҳаммияти назорати махсуси беруна ба таври объективӣ меафзояд ва зарур аст, ки мақомоти давлатӣ, ки онро амалӣ мекунанд, мунтазам такмил дода шаванд;

- барои волоияти қонун дар идоракунии сиёсӣ назорати дохилӣ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз ҷониби роҳбарони онҳо, инчунин шахсони мансабдор ё воҳидҳои барои ин мақсад таъиншуда муҳим аст. Дар идоракунии сиёсӣ ва демократӣ шакл гирифтани он метавонад ба фаъолияти мақомти назоратӣ дар раванди идораи сиёсӣ таъсири мусбат расонад;

- шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мустақилияти фаъолияти худро иҷро намуда, ба эътибор мегиранд. Дар баробари ин, меъёрҳои назоратие вуҷуд доранд, ки мудохила ва буриши сарҳадҳои фаъолият дар раванди идораи сиёсию давлатӣ ба вуҷуд намеояд. Дар натиҷаи интихобот мақомоти гуногуни ҳокимият, махсусан ҳокимияти сиёсӣ ва давлатӣ бунёд мегарданд. Дар байни онҳо тавассути интихобот ташаккул ёфтани мақомоти

қонунбарор - парламент нақши асосӣ дорад. Дар қатори вазифаҳои дигар парламент воситаи назорат аз болои ҳокимияти иҷроия - ҳукумат ба ҳисоб меравад. Парламент ва идораҳои махсуси он ба конститутсия ва қонунҳои дигар такя намуда, ба фаъолияти ҳукумат бештар аз назари танқидӣ менигаранд. Назорати парламент ба низоми ҳуқуқӣ, мақомоти судӣ ва ба андешаҳои интихобкунандагон асос меёбад. Кулли интихобкунандагон тавассути интихобот нисбати мақомоти хокимият мавқеи муайян пайдо менамоянд;

- дар ташаккули раванди идоракунии сиёсӣ мақомотҳои ҷамъиятӣ нақши асосӣ ва пешбарандаро доранд. Аввалан, шумора ва самти фаъолияти онҳо хеле зиёд аст. Баъдан, мақомотҳои ҷамъиятӣ манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро пешбарӣ ва ҳифз мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти ҷамъиятӣ воситаи муҳимми инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандианд ва тавассути онҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ аз болои давлат назорат мебарад. ВАО дар раванди идоракунии сиёсӣ мақоми махсусро доранд. Онҳо маҷмуи вазифаҳоеро ба сомон мерасонанд, ки дар равандҳои идоракунӣ ва сиёсӣ нақши асосиро доранд, аз ҷумла танқид ва назорат намудан. Дар ҷомеа вазифаи мазкур ба салоҳияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ марбут аст;

- муайянкунии мақомоти назоратӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ намоён мегардад. Ба сифати мақомти назоратӣ дар таъмини кафолатҳо ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон метавонем мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ишора кунем. Онҳо қисме аз таркиботи институтсионалии системаи идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро дар заминаи тартиботи ҳуқуқӣ, риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандон, кафолати қонунии онҳо ба роҳ мемонанд. Дар баробари мақомоти назоратӣ, шохаи муҳимми ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ дар таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон нақши асосӣ мебозад. Яке аз дигар мақомоти таъминкунандаи кафолатҳои ҳуқуқҳои инсон ва ҳимоякунандаи онҳо мақомоти прокуратура мебошад.

Хулоса, механизми давлатии бартарафнамоии буҳронҳои сиёсӣ ва идоракунии онро вобаста ба соҳавӣ будани буҳрон ва сатҳи фарогирии он дар шароити Тоҷикистон метавон тасниф намуд. Тамоми механизми давлатии бартараф ва танзими буҳронро метавонем ба ду қисм ҷудо кунем:

- механизми ҳуқуқии танзим ба бартараф намудани буҳронҳои сиёсӣ;

- механизми институтсионалии танзим ва бартараф намудани буҳронҳои сиёсӣ ва идоракунии он.

Ба механизми институтсионалии танзим ба бартараф намудани буҳронҳои сиёсӣ тамоми таркиботи институтсионалии ҳокимияти давлатӣ, ки мақсад ва ҳадафи асосиашон барои мубориза дар самти эҳтимолияти ба вуҷуд омадани буҳронҳои сиёсӣ ва танзиму бартараф намудани буҳронҳои мавҷуда, дохил мешаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Алескеров Ф.Т. Оценки качества государственного управления. Препринт WP8/2006/02 / Ф.Т.Алескеров, К.И.Головщинский, А.В. Клименко. - М.: ГУ ВШЭ, 2006. - С. 3.
2. Клименко А.В. Исполнительная власть как объект мониторинга и оценки / А.В. Клименко /\Проблемный анализ и государственно-управленческое проектирование. -2008. -№ 6. - С. 55–70.
3. Контроль и надзор в системе государственного и муниципального управления [Электронный ресурс]. URL: https://www.kgasu.ru/upload/iblock/071/lektsii.-kontrol-i-nadzor-_eios_.pdf
4. Конин Н.М. Российское административное право. Общая часть: Курс лекций / Н.М. Конин. - Саратов: СГАП, 2001. – С. 326.
5. Буховец Т.В. Государственное управление / Т.В. Буховец. – М., 2015. – С. 42. (- 148)
6. Зокиров Г. Н. Сиёсатшиносӣ / Г. Н. Зокиров. – Душанбе, 2010. – С. 65.
7. Смородинова Ю. С. Контроль и надзор в деятельности органов исполнительной власти субъектов Российской Федерации: диссертация / Ю.С. Смородинова. –Волгоград, 2015. – С. 63. (- 210 с.)
8. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25.07.2005. -№107. Моддаи 4, 5.


**НАЗОРАТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАНЗИМИ БУҲРОНИ СИЁСӢ**


Дар мақолаи мазкур муаллифон назорати идоракунии давлатӣ ва танзими буҳрони сиёсиро мавриди таҳқиқ қарор дода, паҳлуҳои мухталифи онро шарҳ додаанд. Ба таври маҷмуӣ дар мақола ишора мегардад,

ки моҳияти назорат дар раванди идоракунии сиёсӣ мавзуи омӯзиши фаъол дар илми сиёсӣ, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ мебошад. Мураккабии ин падида таърифҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Баррасии назорат дар идоракунии сиёсӣ ва давлатӣ, дар раванди ҳолати буҳрони сиёсӣ, ба андешаи муаллифон, бояд дар ду ҷанбаи асосӣ: консептуалӣ (маъноӣ) ва доктриналӣ (илмӣ) амалӣ карда шавад. Ба механизми ҳуқуқии танзим ба бартараф намудани буҳронҳои сиёсӣ ва идоракунии онҳо низоми ҳуқуқӣ, барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои муосир ва пешгирикунандаи низоми номутаносиби равандҳои сиёсӣ ва идоракунии онҳо бояд коркард ва дохил карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** назорати идоракуниӣ, буҳрони сиёсӣ, мақомоти назоратӣ, раванди идоракунии сиёсӣ, парламент, ҳокимияти иҷроия, Конститутсия, Тоҷикистон, ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти судӣ, системаи сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ.

**КОНТРОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ И РЕГУЛИРОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОГО КРИЗИСА**

В данной статье авторы исследовали контроль государственного управления и регулирование политического кризиса, а также рассмотрели различные его аспекты. В целом, в статье указывается, что сущитель контроля в процессе политического управления является предметом активного изучения в политологии, государственной политике и управлении. Сложность этого явления порождает различные определения. Рассмотрение контроля в политическом и государственном управлении в условиях политического кризиса, по мнению авторов, должно осуществляться в двух основных концептуальных и доктриальных аспектах.Правовая система, программы, стратегии и концепции современных и превентивных систем несбалансированных политических процессов и их управления должны быть обработаны, включены в правовой механизм регулирования для разрешения политических кризисов и их управления.

**Ключевые слова:** контроль управления, политический кризис, контрольные органы, процесс политического управления, парламент, исполнительная власть, Конституция, Таджикикстан, государственная власть, судебная власть, политическая система, общественные и религиозные организации, политические партии.

**CONTROL OF PUBLIC ADMINISTRATION AND REGULATION OF THE POLITICAL CRISIS**

In this article, the authors examined the control of public administration and the regulation of the political crisis, and also examined its various aspects. In general, the article indicates that the noun control in the process of political management is the subjest of active study in political science, public policy and management. The complexity of this phenomenon gives rise to various definitions. Consideration of control in political and public administration in conditions of political crisis, according to the authors. Should be carried out in two main conceptual and doctrinal aspects. The legal system, programs, strategies and concepts of modern and preventive systems of unbalanced political processes and their management must be processed and include a legal regulatory mechanism to resolve political crises and their management.

**Keywords**: management, control, political crisis, control bodies, political management process, parliament, executive power, Constitution Tajikistan, state power, judicial power, political system, public and religious organizations, political parties.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз –*** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, ноиби президент. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдаки, 33

***Қурбонов Давлатбек Мирзоевич –*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи сиёсатшиносӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735140, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **904-45-41-01.** E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Мухаммад Абдурахмон Навруз –*** Национальная академия наук Таджикистана, доктор политических наук, профессор, вице – президент. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33

***Курбонов Давлатбек Мирзоевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрав, кафедра политологии, соискатель. **Адрес**: 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Айни, 67. Телефон: **904-45-41-01.** E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Muhammad Abdurakhmon Navruz –*** National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Political Sciences, Professor, Vice President. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33

***Kurbonov Davlatbek Mirzoevich*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of Political Science, applicant. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Aini street, 67. Phone**: 904-45-41-01**. E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

ТДУ: 323.28 (575.3)

# ТЕРРОРИЗМ ВА АМАЛҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА СУБОТИ СИЁСИИ ҶОМЕА

*Муродова Н.С., Мадвалиев Ҷ.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар замони муосир барои аксари давлатҳои олам мубориза бо терроризм яке аз масъалаҳои мураккабтарини соҳаи таъмини амният ба шумор меравад. Яке аз таҳдидҳои асосӣ ба инкишофи ҷомеа, таъсиррасонӣ ба суботи сиёсӣ терроризм ва амалҳои террористӣ ҳисобида мешаванд. Терроризм ҳодисаи мудҳиш ва бар зидди инкишофи босуботи сиёсии ҷомеаи муосир равона гардида, ба арзишҳои умумибашарӣ ба мисли истиқлолият, озодиҳои инсон, баробарӣ, адолат ва ғайра таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур терроризм ва таъсири онро ба суботи сиёсӣ муайян намуда, шаклҳои мубориза ба муқобили ин амали номатлуб баҳри осудагии ояндаи ҷомеа ҳамчун ҳадаф қарор диҳем. Барои таҳлили пурраи масъалаи мазкур моро зарур аст, ки оид ба терроризм ва амалҳои террористӣ андешаҳоро иброз намуда, таъсири онро ба суботи сиёсии ҷомеа муайян созем.

Масъалаи ҳадафмандона истифода намудани зӯроварии сиёсӣ дар шакли терроризм таърихи қадима дорад. Ҳанӯз дар асрҳои пеш аз милод мутафаккирони Юнони қадим Афлотун ва Арасту барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ истифодаи зӯровариро зарур мешумориданд. Чунин тарзи баррасии ин масъала дар асарҳои олимони минбаъда низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, Н.Макиавелли низ истифодаи зӯровариро яке аз воситаҳои асосии расидан ба мақсад медонист [7,с.26].

Бори аввал мафҳуми «террор»-ро Арасту барои ифода намудани шакли махсуси тарсу ҳарос истифода менамояд, ки онро дар саҳнаҳои театрҳои юнонӣ ҳангоми ба намоиш гузоштани фоҷиаҳо мушоҳида намуда буд. Гурӯҳи муҳаққиқон бо роҳбарии А.А. Королев дар натиҷаи омӯзиши таърихи терроризм ба хулосае омаданд, ки чунин ҳодисаи нангин дар рафти инкишофи ҷомеа аз замонҳои пешин вуҷуд дошт. Онҳо қайд месозанд, ки «сесаду чил сол пеш аз оғози замони мо падари Искандари Мақдунӣ дар натиҷаи суиқасд кушта шудааст» [8]. Муҳаққиқон инчунин оид ба ҷой доштани гурӯҳҳои террористӣ дар дунёи қадим изҳор доштанд, ки яке аз маълумтарини он сектаи яҳудии яроқдорон (кордчадорон), ки дар асри як дар Шарқи Наздик пайдо шудааст, ба ҳисоб меравад. Аъзоёни иттиҳод намояндагони ҳокимияти яҳудиро барои ҳамкориашон бо римиҳо айбдор сохта, куштори онҳоро вазифаи худ медонистанд. Ё дар асрҳои миёна ҳаракати Ҳасан ибни Сабоҳ дар Ҳамадон, ки ҷонибдорони он якуним аср минтақаҳоро аз Баҳри Миёназамин то халиҷи Форс дар зери тасарруф доштанд, хосияти террористиро соҳиб буд. Тарафдорони ҳаракати мазкур гурӯҳҳои сарбозонро барои куштори халифҳо ва диндорон, ҳокимон ва ҳарбиён тайёр менамуданд. То ҳуҷуми муғулҳо, яъне то асри XIII ҳаракати мазкур дар ҳудуди Эрони имрӯза, Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна заминаҳои бесуботӣ ва низоъталабро бунёд сохтааст. Ба андешаи муҳаққиқони терроризм, минтақаи ишғолкардаи ҳаракати Ҳасан ибни Сабоҳро минтақаи ҷаҳолат меномиданд.

Дар давраи Эҳё дар заминаи ин гуна муносибат роҳу усулҳои таъсиррасонӣ намудан ба афкори ҷамъиятӣ ва рафтори шаҳрвандон дар шакли террори сиёсӣ ва ё зӯроварии сиёсӣ ба роҳ монда мешавад, ки онро то ба имрӯз ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар ин давра аввалин шуда намояндагон ва пайравони Клуби якобинҳо тарсро ҳамчун яроқи муборизаҳои сиёсӣ истифода мебаранд. Ин буд, ки дар инқилоби буржуазии солҳои 1789-1794 мафҳуми террорро дар муносибат бо рафторҳо ва гуфторҳои гуногун истифода мебурданд. Аз ҳамин сабаб, дар Европа маҳз дар замони Инқилоби бузурги Фаронса, дар Русия ва ИМА бо пайдошавии равияҳои анархистӣ терроризм ҷоннок гардидааст. Баъдан, дар асри XX терроризми байналхалқӣ дар шакли эътирозҳои ноаён ва бемақсади сиёсӣ дар кишварҳои мухталифи олам баромад намудаанд.

То ба имрӯз мафҳуми «террор» мазмуни худро хеле тағйир додааст. Агар дар давраи пештар зери мафҳуми «террор» танҳо тарсу ҳарос дар назар дошта шуда бошад, пас айни

замон на танҳо тамоми раванди ба амал баровардани террор, балки раванди истифода бурдану тағйир додани шаклҳои зоҳиршавии онро низ ифода менамояд. Ин аст, ки дар замони муосир дар баробари мафҳуми «террор», инчунин мафҳумҳои «терроризм» ва «терроризми сиёсӣ»-ро низ истифода менамоянд. Ҳатто баъзе муҳаққиқон кӯшиш менамоянд, ки сарҳади онҳоро муайян созанд. Ба андешаи онҳо, «террор» дар мазмуни несту нобуд намудан, таъқиб кардан ва сиёсати махсусест, ки ҳам аз ҷониби дастгоҳи давлатӣ ва ҳам аз ҷониби неруҳои мухолифин барои таъсиррасонӣ намудан ба рақибони худ истифода бурда мешавад. Аммо терроризм бошад, маънои васеътар дошта, тамоми шарту шароитҳои истифодаи терроррро дар бар мегирад [1,с.43].

Аз ин рӯ дар мавриди муайян кардани амалҳои террористӣ мафҳумҳои терроризм ва террор истифода мешаванд. Олими рус Е.А. Степанова дар таҳқиқоти худ кӯшиш намудааст, ки тафовути терроризм ва терроррро ба таври амиқу дақиқ нишон диҳад. Ӯ иброз медорад, ки «терроризм тактикаи неруҳои сиёсии ғайридавлатие мебошад, ки барои расидан ба мақсадҳои сиёсии худ онро истифода менамоянд. Террор бошад, амалҳои репрессивии давлат аст, ки дар муқобили тундгароён истифода мешавад» [12, с. 28]. Ин андешаҳо хеле баҳсноканд. Аммо дар ин маврид қайд намудан зарур аст, ки агар дар бораи терроризми асри XX сухан равад, пас ин гуна баррасии масъала дар атрофи тафовутҳои терроризм ва террор қобили қабул аст. Барои мисол, дар асарҳои В.И. Ленин мафҳумҳои «террор» ва «терроризм» чандин маротиба истифода гардида, дар фаҳмиши ӯ терроризм ҳамчун фаъолияти аксулинқилобӣ ва террор бошад, ҳамчун амалиёти ҳарбӣ дониста мешавад. В.И. Ленин дар яке аз мактубҳои худ, ки ба Г.Е. Зиновёв дар бораи саркӯб намудани аксулинқилобчиён навишта буд, қайд менамояд: «Мо бояд миқёс ва иқтидори терроррро зиёд намоем. Боз доштани ташаббусҳои инқилобии омма обрӯи моро коста мегардонад ва дар ин маврид террористон моро хеле ҳақир мешуморанд» [6,с.106].

Чи тавре ки дидан мумкин аст, таъқибот ва фурӯ нишондани фаъолияти аксулинқилобӣ ҳамчун террор ва рафтори аксулинқилобчиён ҳамчун терроризм маънидод гардида истодааст. Аммо дар муносибат бо терроризми замони муосир чунин хулосаронӣ намудан каме нодуруст мебошад. Зеро ташкилотҳои террористии замони муосир, аз қабили «Ал-Қоида», «Давлати исломӣ», «Толибон», «Ихвон-ул-муслимин» ва чанде дигарон, ҳам фаъолияти террористӣ доранд ва ҳам дар муқобили объектҳои рамзии худ терроррро ба таври васеъ истифода менамоянд. Ба ин масъала олимони Ғарб баҳои воқеӣ додаанд. Дар ин гуна таҳқиқотҳо иброз мегардад, ки терроризм ва террор ҳамчун тактикаи тарсонидани аҳолии осоишта дар заминаи истифодаи зӯроварии сиёсӣ амалӣ карда мешавад [14,с.112].

Терроризм ба муқобили принсипҳои асосии давлати муосир чун адолат, баробарӣ, озодӣ баромад намуда, мавҷудияти онҳоро дар зери шубҳа гузоштааст. Террористон, пеш аз ҳама, ба амнияти ҷомеа таҳдид намуда, исбот намуданӣ мешуданд, ки сохтори давлатӣ ва амалҳои ҳокимияти сиёсӣ ба муқобили манфиатҳои онҳо мебошанд ва дар ин маврид онҳо дархостҳои бофтаи бемақсади худро баён мекарданд. Дар баъзе лаҳзаҳо, террористон аз он тоифаи ҷамъиятӣ буданд, ки бо элитаи ҳукмрон ҳамкорӣ доштанд ва шахсиятҳои шинохтаи олами ҷиноӣ ба ҳисоб мерафтанд. Сохторҳои амниятӣ дар бештари ҳол аз фаъолияти гурӯҳҳои пинҳонии террористӣ бехабар мебошанд, зеро онҳо бо баъзе аз намояндагони ҳокимият алоқамандӣ дошта метавонанд.

Мувофиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо мафҳуми «терроризм» бори аввал ба таври расмӣ дар ҷаласаи васеи Конфронси Париж соли 1919 истифода шудааст. То ин давраи таърихӣ ба ҷойи он мафҳуми «террор» истифода мешуд, ки ба воситаи ин мафҳум ҳам амалҳои террористӣ ва ҳам истифодаи пайдарпайи зӯроварии сиёсиро ифода менамуданд [4,с.243]. Аввалин маротиба масъалаи мубориза ба муқобили терроризм дар арсаи байналхалқӣ соли 1934 дар Лигаи Миллатҳо муҳокима гардид, ки бо кушторҳои сиёсии шоҳи Югославия Александри як ва сарвазири Франсия Луи Барту дар Марсел алоқаманд буд.

Шурои Лигаи Миллатҳо Кумитаи махсуси коршиносонро таъсис медиҳад, то ки онҳо масъалаи терроризмро омӯзанд ва лоиҳаи «Конвенсия оид ба пешгиринамоии терроризм ва ҷазо барои амали террористӣ»-ро омода созанд. Дар раванди таҳияи Конвенсияи мазкур ба масъалаи ташаккул додани таърифи терроризм диққати зиёд додаанд. 16

ноябри соли 1937 баъди баррасии шаклҳои гуногуни таърифи терроризм Лигаи Миллатҳо «Конвенсия оид ба пешгиринамоии терроризм ва ҷазо барои амали террористӣ»-ро қабул намуд, ки дар он нишонаҳои терроризм ба таври зерин ифода шуданд: «Ҳама гуна амалҳои ҳадафмандонае, ки барои ба қатл расонидани сарварони давлатҳо ва ё мақомдорони расмии дипломатию мансабдорони баландпояи давлатӣ анҷом дода мешаванд; зарар расонидан ба моликияти давлатӣ ва вайрон намудани воситаҳои нақлиёт; ҳама гуна амалҳое, ки ҳаёти инсонро зери хатар қарор медиҳад» [9]. Инчунин, ҳамин сол «Конвенсия оид ба таъсиси Суди ҷиноии байналхалқӣ» қабул гардид, лекин он қувваи амалӣ пайдо карда натавонист. Баъдан, солҳои 1977, 1985, 1994 ва минбаъд асноди байналмилалӣ қабул гардиданд, ки мубоизаи умумиҷаҳониро бар зидди терроризм бояд самаранок менамуданд. Лекин воқеияти аслии ҷаҳони муосир, баръакс бе самар будани амалҳои зиддитеррористии кишварҳоро маълум месозанд.

Терроризм хусусияти глобалиро пайдо карда, дар амалҳои ҷоҳилона истифодаи воситаҳои техникӣ ва иттилоотии навинро вазифаи худ медонад. Терроризми муосир аз ҳаракатҳои террористии пешин бо он фарқ дорад, ки он дорои хусусияти муташаккилона аст. Дар замони ҳозира омилҳои зиёде боиси пайдоиши терроризми ҷаҳонӣ гардида, ба рушди муътадил ва суботи сиёсии ҷомеа таҳдид мекунанд. Терроризм ва амалҳои террористӣ ба яке аз воситаҳои таъсиррасонӣ ба суботи сиёсии на танҳо кишвари алоҳида, балки вазъияти ороми минтақаҳои ҷудогонаи ҷаҳони глобалӣ табдил ёфта, мубориза муташаккилонаи ҳамаи акторҳои ҷаҳониро талаб мекунанд.

Масъалаи таъмини суботи сиёсӣ яке аз ҳолатҳои инкишофи муътадили сиёсии кишвар ба шумор меравад, ки дар он низоми сиёсии идоракунӣ босамар фаъолият мекунад. Суботи сиёсӣ ҳамчун ҳолати сифатии рушди ҷомеа, ҳамчун як низоми муайяни иҷтимоӣ муаррифӣ карда мешавад, ки дар он системаи робитаҳо ва муносибатҳо ҳукмфармост, умумият ва муттасилии ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои татбиқи онҳоро инъикос мекунад. Дар баробари ин, субот ҳамчун қобилияти субъектҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ барои муқовимат ба амалҳои дохилӣ ва беруние, ки ба системаи сиёсӣ таҳдид мекунанд ва мубоизаи онҳоро барои безарар гардонидани ҳамин таҳдидҳо равона мекунад, фаҳмида мешавад. Дар ин фаҳмиш, устуворӣ ҳамчун муҳимтарин механизми таъмини ҳаёт барои рушди системаи сиёсиву иҷтимоӣ қабул карда мешавад.

Мафҳуми суботи сиёсӣ дар илми сиёсӣ бо мафҳумҳои устуворӣ, мустаҳкамӣ, бардавомӣ, муътадилӣ, муқарарӣ, солимӣ ва ғайра пайваста аст. Инчунин, давраи босуботи инкишофи ҷомеаро давраи тағйирнопазирӣ ё ҳолати доимии он меноманд, ки бештар дар кишварҳои мухталиф ба воситаҳои меъёриву ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Суботи сиёсӣ чун ҳолати муқаррарии инкишоф ба ҳисоб рафта, бо таҳкими инкишофи муътадил алоқаманд аст. Барои таҳкими суботи сиёсӣ, пеш аз ҳама, масоили таҳкимсозии муътадилӣ ба миён меояд. Зеро суботи сиёсӣ ҳамчун ҳолати мутлақан ҷойдоштаи сиёсӣ, ки оромиву осудагиро пурра дарҷ карда метавонад, арзёбӣ карда намешавад. Дар ҳама вазъи сиёсӣ ва рушди ҷомеа ҳодиса ва равандҳое ҳастанд, ки ба суботи кишвар хоҳу ноҳоҳ таъсир расонида, вазъи номуътадилро ба миён меоранд. Истилоҳи «субот» (аз лотинии stabilis - устувор, доимӣ) маънои мустаҳкам кардан, ба ҳолати устувории доимӣ овардан ё нигоҳ доштани ин ҳолатро дорад. Дар истилоҳоти умумии назариявӣ ба мафҳуми «субот» чунин категорияҳо ба мисли «тағйирнопазирӣ» ва «устуворӣ» наздиканд [1]. Ҳамин тариқ, тағйирнопазирӣ равандеро дар назар дорад, ки дар фосилаҳои муайяни вақт ва фазои ҳолати объектҳои мавриди назар бетағйир боқӣ мемонад.

Устуворӣ, муътадилӣ тавассути қобилияти фаъолони амалкунанда барои нигоҳ доштани тағйирот дар ҳудуди муайян, дар миқиёси муайян тавсиф мешавад ва инчунин қобилияти системаро барои барқарор кардани мувозинати вайроншуда нишон медиҳад. Устуворӣ худ аз худ нишонаи ин ё он сифати раванд ё ҳолатро дар бар намегирад: ҳам раванди харобиовар ва ҳам раванди эҷодӣ метавонад муътадил бошад. Устуворӣ инчунин ҳатман маънои тағйирнопазириро надорад, гарчанде ки он метавонад дигаргуниро ҳамчун як ҳолати махсуси инкишофи сиёсӣ дар бар гирад. Чун қоида, устуворӣ доимӣ ва пешгӯии тағйиротро дар назар дорад, ки ин категорияро ба мафҳуми субот наздик мекунад. Аммо устувориро бо субот баробар кардан чандон дуруст нест, зеро яке натиҷаи дигареро таъмин мекунад.

Шартҳои асосии таъмини суботи сиёсӣ инҳо мебошанд:

1. Рушди устувори иқтисодӣ, ки бо афзоиши табақаи миёнаи аҳолӣ (синфи миёна) ва тағйироти мувофиқ дар фарҳанги сиёсӣ иртибот дорад.

2. Дараҷаи баланди фарҳанги сиёсӣ, мавҷудияти арзишҳои демократии аз ҷониби аксарият эътирофшуда, ки имкон медиҳад ҳамоҳангсозии манфиатҳо, мақсадҳо ва мавқеъҳои ба ҳам мухолифатдоштаро таъмин кунад.

3. Мавҷудияти анъанаҳои демократӣ, таҳаммулпазирӣ, ваҳдат дар ҷомеа, эҳтиром ба қонун ва садоқат ба институтҳои сиёсӣ. Риоя кардани «қоидаҳо»-и муайян аз ҷониби иштирокчиёни равандҳои сиёсӣ, ки ҳам бо ризоияти тарафайн ва ҳам бо мақсади таъмини суботи сиёсӣ асос ёфтааст.

4. Таъмини дастрасии озодона ба институтҳои сиёсӣ барои гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ. Чунин муқаррарот имкон медиҳад, ки садоқати омма нисбат ба низоми сиёсӣ нигоҳ дошта шавад.

5. Ба вуҷуд овардани имконият барои амалӣ гардондани манфиатҳои аксарияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар соҳаи иқтисодиёт. Мавҷуд набудани ин гуна имконият хоҳиши «фишор овардан»-ро ба мақомотҳои давлатӣ барои ба даст овардани неъматҳои иловагии моддӣ, беҳтар намудани вазъияти молиявӣ афзун месозад. Гурӯҳҳо ба як навъ рақобат барои сарватҳои моддӣ ҷалб карда мешаванд ва азбаски мақомот ҳамаро баробар таъмин карда наметавонад, заминаи низоъ, мухолифат ва шиддати иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

Яке аз шартҳои дигари таъмини суботи сиёсӣ эҳтироми арзишҳои фарҳангиву миллӣ ва динӣ мебошад. Махсусан, дар замони муосир бархӯрди тамаддунҳо ба суботи сиёсии кишварҳои мухталифи гуногунмиллату гуногунмазҳаб таъсир мерасонад. Дар ин замина амалҳои террористӣ метавонанд рух диҳанд.

Амалҳои террористӣ метавонанд ба рушди суботи сиёсии ҷомеа таъсир расонида, ҷомеаро дар ҳолати тарс ва изтироби равонӣ нигоҳ доранд. Амалҳои террористӣ ҷомеаро ба гирдоби низоъ, таҳлука, муқовиматҳои идеологӣ, зиддиятҳо кашида, барои парокандашавии системаи сиёсӣ заминаро муҳайё месозанд. Дар бештари ҳодисаҳои таърихӣ ибтидои ҳамаи инқилобу балво, шӯришу ҷангҳо, муқовиматҳои идеологӣ аз террор сарчашма гирифтааст.

Омилҳои муҳимми барқароркунии суботи сиёсӣ дар мавриди таҳдиди ногаҳонии сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ки бо амалҳои террористӣ воқеӣ мегарданд, аз шуур ва маданияти шаҳрвандон вобаста аст, ки метавонад рафтори одамонро дар мавриди мазкур муайян кунад. Муътадил сохтани вазъи кишвар танҳо ба воситаи таъсиррасонӣ ба шуур ва мафкураи мардум имкон дорад. Дар ин асно нақши омилҳои маънавӣ ва такмили муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ хело муҳим аст. Суботи сиёсӣ танҳо ба воситаи муътадилсозии ҳолати буҳронӣ ба миён меояд.

Аз ин рӯ, муҳаққиқи тоҷик Г.Н. Зокиров дар натиҷаи таснифоти низоми сиёсӣ, махсусан дар мавриди муътадилии нигоҳ доштани он мақоми шуур ва идеологияи сиёсиро махсус қайд мекунад: «Шуури сиёсӣ дар шакли идеология ва психологияи сиёсӣ дар ҳар системаи сиёсӣ хусусиятҳои махсус пайдо менамояд. Шуури сиёсӣ инъикоси манфиатҳо ва муносибатҳои сиёсӣ, баҳогузорӣ ба ҳодисаю равандҳои сиёсӣ буда, дар шакл, мафҳум, ғоя, андеша ва назария намудор мегардад. Шуури сиёсӣ таҷассуми воқеияти иҷтимоист. Маданияти сиёсӣ, ки аз маҷмуи тасаввуроти сиёсӣ, рӯовариҳои арзишӣ, меъёрҳо, анъанаҳо ва рамзҳои рафтори сиёсӣ таркиб ёфтааст. Маданияти сиёсӣ метавонад системаи сиёсиро таҳким бахшад ё дар таназзули он нақши асосӣ бозад. Маданияти сиёсӣ муттасилии анъанаҳои сиёсӣ, таҷрибаю хотираи таърихӣ ва иҷтимоиро нигоҳ медорад» [1,с.282].

Идеология дар бисёр ҳолатҳои номуътадилӣ ба сифати барқароркунандаи суботи сиёсии ҷомеа баромад менамояд. Аз ин рӯ дар низоми сиёсӣ идеологияи ҳукмрон моҳият, мақсад ва роҳҳои стратегии инкишофи системаи сиёсиро муайян менамояд. Он ҳамчун меъёри асосии ҳодисаю падидаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа баромад мекунад. Идеология яке аз сабабҳои пайдоиш ва такмили муносибатҳои нави байни унсурҳои системаи сиёсии ҷомеа мегардад ва воситаи инъикос намудани талаботу манфиатҳои одамон ҳисобида мешавад. Дар ҷомеае, ки манфиату талаботҳои ба ҳам зид мавҷуданд, зарурат ба идеология пайдо мегардад. Қоидаҳо ва талаботҳои идеологӣ ва роҳбаринамоӣ мақсади аз байн бурдани тазодҳои оштинопазир ва таъмини инкишофи муътадилро доранд.

Дар ҳолатҳои пуризтироб ва таҳлукаомези ҷомеа ду шакли муайянкунандаи дараҷаи арзёбии барқароркунии суботи сиёсӣ вуҷуд дорад: аввал арзёбии дараҷаи нобоварии аҳолӣ ба ҳокимияти давлатӣ ва баъдан, дараҷаи итоаткунии аҳолӣ ба ҳокимият. Дар ин маврид қабули қоидаҳо ваислоҳотҳои нав дар ҷомеа пайдо мегардад, зеро танҳо чунин ҳолат дараҷаи якумро ба амалишавии дараҷаи дуюм собит месозад. Дараҷаи барқароркунии суботи сиёсӣ дар мавриди бесамар буданаш ҷомеаро ба доми зиддиятҳо ва ҷангҳои шаҳрвандӣ мебарад. Аз тарафи дигар, давлат барои барқароркунии оромиву бартарафсозии хатарҳои сиёсиву иҷтимоӣ шаклҳои гуногуни зӯроварӣ ва маҷбурсозиро истифода мекунад [3,с.83].

Омили дигаре, ки дар ҳолати рӯй додани амалҳои террористӣ ба таҳкими суботи сиёсӣ таъсир мерасонад, бо қабули роҳҳои фаврии бартарафсозии оқибатҳои амалҳои террористӣ ва мубориза ба муқобили он мебошад.

Терроризм ва амалҳои террористӣ, метавонад ба шуури одамон таъсир расонида, ҷомеаро дар ҳолати ноустувор ва изтироб нигоҳ дорад. Дар мавриди фавран ҳал наёфтани масъалаҳои мухталиф, ки вобаста ба таҳдидҳои террористона пайдо шуданд, системаи сиёсӣ муддати дароз фаъолияти пурсамар дошта наметавонад. Нотавонии системаи сиёсӣ дар ҳолати муттаҳид кардани манфиатҳои гуногун, ташаккул додани малакаҳои ҳамкорӣ ва робита, ҳамоҳангсозии фаъолияти сиёсии гурӯҳҳо ва манфиатҳои одамон муайян мешавад. Дар ин маврид баланд шудани сатҳи хушунати сиёсӣ ва табъи эътироз дар ҷомеа, ҳамчунин эҳтимолияти тағйир додани низом ё мақомоти роҳбарикунандаи давлат ба миён меояд, ки он заминаро барои бетартибии сиёсӣ тайёр мекунад. Фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ, пеш аз ҳама ба бесуботии системаи сиёсӣ мебарад, ки он ба устувории ҷомеа таъсир мерасонад. Бинобар ин, баҳри таъмини суботи сиёсии ҷомеа зарурати таҳкими фаъолияти зиддитеррористӣ ба миён меояд.

Фаъолияти зиддитеррористии дар сатҳи миллӣ зоҳиршавандаи давлатҳои алоҳида агар умумиятҳои зиёд дошта бошанд ҳам, ҳамзамон аз рӯйи тактика ва стратегияи худ то андозае аз ҳамдигар тафовут доранд. Дар ин маврид бояд гуфт, ки таъсири терроризм ба давлатҳои алоҳида яксон ва якранг нест. Дар баъзе кишварҳо зуҳури терроризм камтар ва дар баъзе давлатҳои дигар бештар ба назар мерасад. Ин аст, ки давлатҳо низ дар фаъолияти зиддитеррористии худ бархӯрди мухталиф доранд ва чораҳои амниятии онҳо низ гуногунранг аст. Масалан, баъзе давлатҳо дар самти пурқувват намудани назорати сарҳадӣ, муқовимат намудан бо ғояҳои тундгароӣ ва ба масъалаи гаравидани шаҳрвандон ба сафи ташкилотҳои террористӣ диққати бештар медиҳанд ва гурӯҳи дигари давлатҳо ба масъалаи ҷиддӣ намудани назорати равандҳои муҳоҷират, пешгирӣ намудани амалҳои террористӣ, коҳиш додани таъсири кибертерроризм, пешгирӣ намудани терроризми биологӣ, бактериологӣ ва ҳатто терроризми ядроӣ (як қатор давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки ба дасти террористон афтидани яроқи қатли омро пешгирӣ намоянд) диққати бештар медиҳанд.

Дар маҷмуъ, дар шароити муосир ҳар як давлат ба фаъолияти зиддитеррористии худ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои таъмини амният ва суботи сиёсии ҳудудҳои худ чораҳои зарурӣ меандешад. Пеш аз ҳама, дар қонунгузории ҳар як кишвар шаклҳои гуногуни зоҳиршавии амалҳои террористӣ ҳамчун ҷиноят муқаррар гардида, номгӯйи ташкилотҳои террористӣ аз ҷониби додгоҳҳои олии ин кишварҳо муайян карда шудаанд. Инчунин, давлатҳо дар самти мубориза бо терроризми байналмилалӣ низ иштироки фаъол менамоянд. Дар ин самт ҳар як давлат бо назардошти манфиатҳои миллии худ ба терроризм баҳогузорӣ намуда, мавқеи худро нисбат ба терроризми байналмилалӣ аз чунин дидгоҳ муайян менамояд. Аз соли 2001 инҷониб, аниқтараш баъди амали террористие, ки 11 сентябри соли 2001 дар ИМА рух дода буд, бо ташаббуси Шурои Амнияти СММ низоми зиддитеррористии байналмилалӣ марҳила ба марҳила ташаккул дода мешавад, ки тибқи он на танҳо давлатҳои аъзои ин созмон, балки субъектҳои дигари байналмилалӣ низ дар самти мубориза бо терроризм ҳам ваколатдор ва ҳам уҳдадор мегарданд.

Дар раванди тағйирпазириҳои сиёсӣ пас аз истиқлолияти эълонгардида, Тоҷикистон даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ ва аломатҳои террористиро паси сар намуд. Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум мешавад, ки ноустувории инкишоф ва низоъҳои мухталиф барои

терроризм ва таъсис додани созмонҳои террористӣ заминаи мусоидро муҳайё месозанд. Созмонҳои мазкур нишонаҳои ҷинояткории ғайриинсониро ба худ касб намуда, дар бештари ҳолат бо мутобиқат накардани манфиатҳои худ бо талаботи замони навин дар зиддият қарор доранд ва кӯшиш мекунанд, ки ҷомеаро ба гирдоби вайрониҳо ва ҷанг кашанд. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ чандин намояндагони илму фарҳанг, кормандони мақомоти давлатӣ, аъзоёни парламент, ки минтақаҳои мухталифи кишварро намояндагӣ доштанд, қурбони амалҳои террористӣ гаштанд. Дар маҷмуъ, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ 25 амали террористӣ анҷом дода шуд, ки дар натиҷаи он 43 нафар одамон ҳалок шуданд [13,с.7].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 ноябри соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба мубориза бар зидди терроризм»-ро имзо намуд. Қонуни мазкур асоси ҳуқуқиро бар зидди терроризм ва махсусан, терроризми байналхалқиро бунёд сохт. Тоҷикистон, инчунин, хавфи ҷаҳонӣ дошани терроризм ва зарурати минтақавии ҳимояи онро дарк намуда 16 феврали соли 2011 «Конвенсияи СҲШ бар зидди терроризм»-ро қабул намуд. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012 дар бораи қабули Қонун «Дар бораи даровардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»» қабул гардид, ки мубориза и Тоҷикистонро дар низоми ҷаҳонӣ боз ҳам ба муқобили терроризм шиддатнок намуд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муковимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» аз 25 марти соли 2011 заминаро барои боз ҳам устувор сохтани мубориза бар зидди терроризм муҳайё намуд.

Бояд тазаккур намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза ба муқобили терроризм ва экстремизм дар сафи пеш дар хатти мудофиаи (ҳамсарҳад бо Афғонистон) ҳамаи кишварҳо аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва СҲШ қарор дорад.

Хулоса, терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии ҷомеа таҳдид намуда, ба ҳаёти одамон хатар эҷод мекунанд, ба шууру рафтори сиёсии онҳо таъсир расонида, вазъи номуътадили сиёсиро ба миён меоранд. Аз ин рӯ, барои бартараф кардани таҳдидҳои террористӣ ва таъмини суботи сиёсии ҷомеа ҳокимияти давлатӣ тадбирҳои заруриро андешида, барои рушди минбаъдаи он саҳмгузор мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Боташева А.К. Терроризм как фактор современных политических процессов: детерминация, проявления, стратегия противодействия: дисс. … д-ра полит. наук: 23.00.02 / А.К. Боташева. -Ставрополь, 2009. -С.43.
2. Громогласова Е.С. Современный военно-силовой контртерроризм: международно-политический и правовой аспекты / Е.С. Громогласова // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Международные отношения. – 2016. – Т. 16. –№3. -С. 432.
3. Жириков А.А. Политическая стабильность Российского государства /А.А. Жириков. М., 1999. -С.83.
4. Захарова Е.А. Современный терроризм в зеркале французской политики / Е.А. Захарова // Политическая наука. – 2018. – №4. – С.243.
5. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. -Душанбе: Эр-граф, 2010. -С.128.
6. Ленин В.И. Полное собрание сочинений / 5-е изд. – Т. 50. – М.: Политиздат, 1970. -С.106.
7. Макиавелли Н. Государь. О военном искусстве / Пер. с итал. Г.Муравьевой / Н. Макиавелли. –М.: Изд-во «АСТ», 2019. –С.26-28.
8. Международный терроризм [Электронный ресурс]. – URL: ru.wikipedia.org›Международный терроризм
9. Международные конвенции по борьбе с терроризмом [Электронный ресурс]. – URL: http://www.elibrary.az/docs/JURNAL/jrn2008_568j.htm (дата обращения: 25.12.2019 г.)
10. Муродова Н.С. Масъалаҳои модернизатсияи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: махсусиятҳои асосӣ, шаклҳои амалишавӣ ва натиҷаҳои он [Матн] / Н.С. Муродова. – Душанбе: Мулквар, 2021.197 с.
11. Муҳаммад А.Н. Амнияти миллӣ / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода. -Душанбе: Империал-групп, 2019. – С.107.
12. Степанова Е.А. Терроризм: проблемы определения и функционально-идеологическая типология / Е.А. Степанова // Мировая экономика и международные отношения. – 2010. – №7. – С. 28.
13. Холикназар Х. Республика Таджикистан на передовом крае в борьбе против терроризма и экстремизма / Х. Холикназар // Национальные интересы и политика безопасности государств Центральной Евразии в условиях геополитических перемен. – Душанбе, 2016. – С. 10.

14. The History of Terrorism. From Antiquity to Al Qaeda / Ed. by G. Chaliand, A. Blin. – Berkeley: University of California Press, 2007. – 474 p.

## ТЕРРОРИЗМ ВА АМАЛҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА СУБОТИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Дар мақола муаллифон оид ба мушкилоти терроризм ва таъсири амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии ҷомеа маълумот додаанд. Дар мақола аз нигоҳи тадқиқоти илмӣ мафҳумҳои терроризм ва амалҳои террористӣ баррасӣ гардида, таърихи пайдоиш ва ташаккули онҳо дар раванди рушди ҷомеа муайян карда шудааст. Муаллифон кӯшиш намуданд, ки дар мавриди истифодаи мафҳумҳои террор ва терроризм пайдоиши амалҳои террористиро дар раванди инкишофи кишварҳои мухталиф нишон диҳанд. Терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи ҷомеа ва амнияти давлатӣ хатар эҷод мекунанд. Дар мақола мафҳум ва моҳияти суботи сиёсӣ ва роҳу воситаҳои таъмини он дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқон баррасӣ шуданд. Шаклҳои арзёбии дараҷаи таъмини суботи сиёсӣ ва омилҳои субъективии ташаккули он ҳамчун фаъолияти зиддитеррористии ҳокимияти давлатӣ ошкор гардида, моҳият ва зарурати мубориза бар зидди терроризм таъкид шудааст. Дар охири мақола фаъолияти зиддитеррористии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангсозии мубориза бо терроризм дар доираи созмонҳои минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** террор, терроризм, суботи сиёсӣ, таҳдиди сиёсӣ, амнияти давлатӣ, инқилоб, балво, маданияти сиёсӣ, фаъолияти зиддитеррористӣ, созмонҳои байналхалқӣ.

## ТЕРРОРИЗМ И ТЕРРОРИСТИЧЕСКИЕ АКТЫ КАК УГРОЗА ПОЛИТИЧЕСКОЙ СТАБИЛЬНОСТИ ОБЩЕСТВА

В статье авторы рассматривают проблему терроризма и влияние террористических актов на политическую стабильность общества. В статье с точки зрения научного исследования рассматриваются понятия терроризма и террористические акты, а также определяется история их возникновения и формирования в процессе развития общества. Используя понятия террор и терроризм, авторы попытались показать зарождение террористических актов в процессе развития разных стран. Терроризм и террористические акты представляют угрозу стабильности общества и безопасности государства. Понятие и сущность политической стабильности, а также пути и средства ее обеспечения рассмотрены в статье на основе работы исследователей. Раскрыты формы измерения уровня политической стабильности и субъективные факторы ее формирования в условиях антитеррористической деятельности государственной власти, подчеркнута сущность и необходимость борьбы с терроризмом. В конце статьи обсуждается антитеррористическая деятельность Республики Таджикистан и координация борьбы с терроризмом в рамках региональных организаций.

**Ключевые слова:** террор, терроризм, политическая стабильность, политическая угроза, государственная безопасность, революция, конфликт, политическая культура, антитеррористическая деятельность, международные организации.

## TERRORISM AND TERRORISM ACTS AS A THREAT TO THE POLITICAL STABILITY OF THE SOCIETY

In the article, the authors examine the problem of terrorism and the impact of terrorist acts on the political stability of society. The article, from the point of view of scientific research, examines the concepts of terrorism and terrorist acts, and also determines the history of their emergence and formation in the process of social development. Using the concepts of terror and terrorism, the authors tried to show the origin of terrorist acts in the process of development of different countries. Terrorism and terrorist acts pose a threat to the stability of society and the security of the state. The concept and essence of political stability, as well as the ways and means of ensuring it, are discussed in the article based on the work of researchers. The forms of measuring the level of political stability and the subjective factors of its formation in the conditions of anti-terrorism activities of state power are revealed, the essence and necessity of the fight against terrorism is emphasized. At the end of the article, the anti-terrorist activities of the Republic of Tajikistan and the coordination of the fight against terrorism within regional organizations are discussed.

**Keywords:** terror, terrorism, political stability, political threat, state security, revolution, conflict, political culture, antiterrorist activity, international organizations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Муродова Нигина Сулаймоновна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ**. Суроға:**734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **munisu71@mail.ru**. Телефон: **93-941-17-00**

***Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 7351040, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Айнӣ, 67. E-mail: **taj-lucky@mail.ru**. Телефон: **918-22-30-03**

**Сведения об авторах:** ***Муродова Нигина Сулаймонова*** – Таджикский национальный университет, доктор политических наук, доцент кафедры политологии. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **munisu71@mail.ru**. Телефон**: 93-941-17-00**

***Мадвалиев Джамолиддин Алиджонович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 7351040, город Бохтар, Республика Таджикистан, улица С.Айни, 67. E-mail: **taj-lucky@mail.ru.** Телефон: **918-22-30-03**

**Information about authors:** ***Murodova Nigina Sulaimonova*** – Tajik National University, Doctor of Political Sciences,

Associate Professor of the Department of Political Science. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. E-mail: **munisu71@mail.ru.** Phone: **93-941-17-00**
***Madvaliev Jamoliddin Alidzhonovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of Political Science. **Address:** 7351040, Bokhtar, Republic of Tajikistan, S. Aini street, 67. E-mail: **taj-lucky@mail.ru.** Phone: **918-22-30-03**

ТДУ: 32.323

# ПАРАДИГМАИ ЛИБЕРАЛИИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ ОН

*Раҳимов Ф.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баррасии масъалаи идоракунӣ бо дарназардошти меъёрҳо, махсусиятҳо ва аломатҳои либерализм дар назарияи идоракунӣ, махсусан идоракунии сиёсӣ таваҷҷуҳи бештарро ба худ ҷалб намудааст. Омӯзиши либерализм ҳамчун назария, парадигма ё тарҳи идоракунӣ мушкилоти омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, консептуалӣ ва сиёсӣ-фалсафии идоракуниро, ки ба воқеияти ду навъи асосии идоракунӣ – сиёсӣ (индивидуалӣ) ва давлатӣ (коллективӣ) пайвастанд, ошкор мекунад.

Мураккабии амалӣ намудани сиёсат ва идоракунӣ дар шароити муосир масъалаи махсусгардонии тарҳи инкишоф ва эҷоду ба кор гирифтани намунаи нави идоракунии самараноки сиёсиро диққатҷалбкунанда мегардонад. Идоракунӣ хосияти мураккаб ва пурпечутобро соҳиб аст. Хосияти амалӣ ва оммавии он афзалият дорад. Аммо дар назди мактаби либералӣ хосияти самарабахшӣ ва талаботқонеъкунандагии идоракунии сиёсӣ афзалият дошта, хурдтарин ҳолати ба инобат нагирифтани талаботу манфиатҳо метавонад равандро буҳронӣ ва ғайрисамаранок гардонад.

Идоракунӣ раванди низомнок ва самаранок гардонидани фаъолияти механизми асосии таркиботи соҳавии ҷамъиятиро метавон гуфт. Идоракунӣ таъсири мақсаднок ба равандҳо барои тағйир додани гузариши онҳо бо мақсади ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ё канорагирӣ аз натиҷаи номатлуб мебошад. Идоракунӣ - як воҳиди сохторӣ дар ташкилот мебошад. Идоракунӣ (синоними мафҳуми менеҷмент) раванди пешгӯӣ, банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорат мебошад, ки ба таҳия ва ноил шудан ба ҳадафҳои муайян нигаронида шудааст [5,с.45].

Тарҳи идоракунӣ консепсияест, ки унсурҳои гуногунро дар бар мегирад, аз қабили сохтори ташкилӣ, фарҳанги идоракунӣ ва маъмурӣ, усулҳои ҳавасмандкунӣ, сиёсатҳои гуногун ва ғайра. Ба андешаи мо, яке аз унсурҳои муҳимтарин принсипи умумии идоракунӣ, хусусияти татбиқи ваколатҳои роҳбарӣ мебошад, зеро тарҳи идоракуниро то андозае худи роҳбар интихоб мекунад [6].

Либерализм ифодаи ғоявию идеологии фазои мафкуравии сиёсӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Ба талаботи равандҳои муосири сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ҷавобгӯ набудани тарҳҳои классикӣ ва ғайрилибераливу ғайримодернистии сиёсат ва идоракунии давлатӣ, сабаби асосии шароит барои эҷод ва ба низоми муносибатҳои сиёсии идоракунӣ ворид гардидани арзишҳои ғоявию идеологии нав гардиданд. Либерализм намунаи асосии он метавонад бошад. Дар замони муосир аз либералӣ гардонидани раванди идоракунӣ ё худ идоракунии сиёсӣ бештар ҳарф зада мешавад. Кӯшишҳо ба хотири самаранок гардонидани он ба вуҷуд омадааст. Тасмимҳои стратегиву барномавӣ ва амалӣ гирифта мешаванд, то идоракунӣ ҳосияти қонеъкунандагии талаботу манфиатҳои, пеш аз ҳама, индивидҳо ва ҷомеа бошад. Давлат ва низоми сиёсӣ кушиши ба талаботу манфиатҳои аксарият ва афрод созгор будани раванди идоракуниро карда истодаанд. Аз ин нигоҳ, дар назарияи идоракунӣ ва масъалаҳои пайваст бо идоракунии сиёсӣ баҳс бештар сари масъалаи парадигмаи муваффақи идоракунии сиёсӣ меравад, ки яке аз онҳо парадигмаи либералии идоракунӣ мебошад, ки аҳаммияти аввалиндараҷаро соҳиб аст.

Омӯзиши назарияи либерализм ва масъалаи идоракунии сиёсӣ аз нуқтаи назари омӯзишӣ масъалаи дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Либерализм ба сифати антитезиси этатизм, ҳамчун тарҳи инкишофи ҷомеаи муосир шакл гирифтааст. Ғояи марказии либерализмро маҳдуд гардонидани “таъсиррасонии истисморкунанда”–и давлат ташкил медиҳад [11,с.7]. Истилоҳи «либерализм» бори аввал, ибтидои асри XIX дар Испания мавриди истифода қарор гирифт. Бо вуҷуди ин, тарҳи воқеии парадигмаи идоракунии либералӣ хеле пеш аз ин шакл гирифта буданд.

Дар ташакул ва инкишофи консепсияи либерализм муҳаққиқони ғарбӣ, аз қабили Т. Гоббс, Ҷ. Локк, Ж.Ж. Руссо, Г. Гегел, И. Кант, Э. Дюркгейм, М. Вебер, А. Бергсон, К.

Поппер, Ф. Шлегел, О. Шпенглер, назариячиёни муосир Ҷ. Ролз, И. Берлин, Р. Дворкин, В. Кимлика, М.Ҷ. Сандел, Ч. Тейлор, Ҷ. Уолдрон, А. фон Хайек, Л. фон Мизес, Ф. Фукуяма, Г.К. Мирдал, Г. Рормозер, А. Бюкенан, С. Хантингтон ва ғ. саҳми назаррас доранд. Онҳо таваҷҷуҳи асосиро оид ба масъалаи идоракунӣ ба назарияи меъёрӣ – арзишӣ, ки ҷавҳари либерализмро ташкил медиҳад, равона намудаанд [1,с.112].

Либерализм ифодаи ғоявию идеологии фазои мафкуравии сиёсӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Ба талаботи равандҳои муосири сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ҷавобгӯ набудани тарҳҳои классикӣ ва ғайрилибераливу ғайримодернистии сиёсат ва идоракунии сиёсӣ, сабаби асосии шароит барои эҷод ва ба низоми муносибатҳои сиёсӣ идоракунӣ ворид гардидани арзишҳои ғоявию идеологии нав гардиданд. Либерализм намунаи асосии он метавонад ба ҳисоб равад.

Ҷаҳонбинии либералӣ аз ибтидо кӯшиш ба эътирофу муқаддас гардонидани ғояи озодии инфиродӣ ба сифати мақсади умумӣ менамуд. Заминаҳои гносеологии ҷаҳонбинии либералӣ ҷудо намудан ва барҷаста гардонидани инфиродияти инсонӣ, дарки масъулияти инсони алоҳида барои амали худ, ҳам дар назди хеш ва ҳам дар назди сиёсат ва ҷомеа, тасдиқи тасаввурот дар бораи баробарии ҳамаи одамон, ҳуқуқи табиӣ ба худамалигардӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин ҷост, ки дар либерализми қаблӣ озодии инфиродӣ, эътибори шахсияти инсон, тоқатпазирӣ, ҳуқуқи аз дигарон фарқ намудан, бо худ будан ва ғайраҳо ба сифати ғояҳо ва арзишҳои асосӣ дониста мешуданд [3,с.38].

Индивидуализм дар баробари гуманизм, ғояҳои худэътирофи шахсият, озодии шахсият, плюрализми афкор ва эътиқод инкишоф ёфтааст. Дар ҷомеаи Ғарб, моҳиятан индивидуализм ба манбаи неруи эҷодӣ табдил ёфта буд. Афроди алоҳида дар муқобили давлат ва ҷомеа қарор дошт. Ба андешаи Ҷ.Локк, «шахс роҳбари шахсияти худаш» мебошад. Ҷ.С.Милл бошад, андешаи мазкурро ба тариқи дигар, «инсон худаш аз ҳар гуна ҳукумат беҳтар медонад, ки ба ӯ чӣ лозим аст», ифода намудааст.[1] Чунин тарзи гузориш ва дарки масъала ба фард имконият медод, ки дар раванди сиёсӣ - иҷтимоӣ муваффақиятҳои гуногунро соҳиб гардад. Одамон асосан ба неруи хеш такя намуда, дар ҷомеа мақом ва нақши худро пайдо месозанд. Мубориза барои озодӣ дар мубориза ба муқобили ҳар гуна маҳдудиятҳо ифода мегардид.

Ба ақидаи М.Фуко, тарҳи либералии идоракунӣ дар асри XVIII дар натиҷаи инкишофи иқтисоди сиёсӣ, ки усулҳои идоракунии давлатиро танқид мекард, ба вуҷуд омадааст. Ин парадигма дар шароити «ба вуҷуд омадани тафаккури иқтисодӣ» ҳамчун шакли нави оқилонаи идоракунӣ, ки ба пайдоиши давлат ва ҷомеаи муосир мусоидат мекард, инкишоф ёфт. Тибқи тафсири нави идоракунӣ, манфиати умумӣ дигар на аз дахолати бетаъхири давлат, ки нияти танзими фазо, қаламрав ва аҳолиро дар шакли монополистӣ дошт, вобастагии калон доранд. Механизми ифодакунандаи манфиатҳои афрод, ки ҷамъи он ифодаи самараноки қонеъ гардидани талаботу манфиатҳои умумӣ мегардад, дар парадигмаи либералӣ афзалияти аввалиндараҷа дорад. Парадигмаи либералии идоракунӣ дахолати ҳукуматро танҳо барои танзими манфиатҳои ҳама равона мекунад, то онҳо ба ҳама хидмат кунанд [13,с.501].

Назария ва консепсияи либералии идоракунии сиёсӣ дар асоси ба эътибор гирифтани арзишнокии ҳуқуқ ва озодиҳои индивид ифода мегардад. "Либералӣ" будани идоракунии сиёсӣ маънои мувофиқи принсипҳо ва меъёрҳову арзишҳои замони нав шакл гирифтани раванди идоракунии сиёсӣ ва амалу фаъолияти субъектони онро дорад. Либералӣ аз либерализм сарчашма мегирад. Он як равияи фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ буда, дахлнопазирии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсиро эълон мекунад [4].

Парадигмаи либералии идоракунии сиёсӣ ҳуқуқу озодиҳои ҳар як одамро арзиши олӣ эълон карда, онро асоси тартиботи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ муқаррар менамояд. Агар, худи либерализм – ин хоҳиши озодии рӯҳи инсон аз маҳдудиятҳои аз ҷониби дин, анъана, давлат ва ғайра гузошташуда ва ислоҳоти иҷтимоӣ, ки ба озодии шахсият ва ҷомеа нигаронида шудааст, бошад, парадигмаи либералии идоракунии сиёсӣ механизми ғайризӯригарӣ ва талаботқонеъкунандагии идоракуниро ба истифода мегирад, ки дар он арзиши бештар ба фард ва ҳолати табиии он дода мешавад. Дар назари парадигмаи либералии идоракунии сиёсӣ ҳолати табиии фард – мавҷудияти озодӣ, мавҷудияти баробарӣ мавҷудияти моликияти хусусӣ афзалият дорад. Ғояи парадигмаи либералии

идоракунии сиёсӣ имкониятҳои бесарҳади давлат ва мақомоти онро барои ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонданро бо консепсияи ғоявии худ маҳдуд мекунад.

Идоракунии сиёсии либералии унсури объективии зарурии ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ буда, онро намояндагони мактабҳои гуногуни илмӣ ва дар системаҳои гуногуни мувофиқакунониҳои методологӣ – тамаддунӣ ва форматсиявӣ, идеалистӣ ва материалистӣ, консервативӣ ва либералӣ, модернистӣ ва постмодернистӣ меомӯзанд.

Парадигмаи либералии идоракунии сиёсӣ амалишавии фаъолияти субъектони идоракунии сиёсро дар татбиқи амалии нақшаи афзалиятноки фард таъкид намуда, воқеияти идоракуниро ба нафъи системаи сиёсии демократӣ таҳкими он тавсия медиҳад.

Парадигмаи либералии идоракунӣ ба шакли либералии мафҳуми демократия ва волоияти қонун дар раванди қабули қарори сиёсӣ ва амалӣ намудани он баҳои баландро сазовор медонад. Тибқи ин парадигма субъектони идоракунӣ меъёри «тавоноии қарори сиёсӣ» ва афзалияти мутлақи иҷрошавии онро нисбат ба тамоми меъёрҳои иҷтимоии ғайривоқеӣ ва ғайриратсионалӣ ҳатман эътироф намоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми парадигмаи либералии идоракунии сиёсиро ратсионализми идоракунии сиёсӣ ташкил медиҳад. Ратсионализм яке аз тамоюли асосии воқеъгардии самаранокии идоракунии сиёсӣ мебошад. Моҳияти онро бартарияти хирад ҳамчун манбаи ягона ва устувори идоракунӣ ташкил медиҳад.

Ратсионализм дар сиёсат истиқлоли хирад, озодии тафаккури сиёсӣ ва эътироф накардани ҳокимияти истисморгароро тасдиқ мекунад. М. Оукшот андеша дорад, ки аз тамоми соҳаҳои мураккабтари фаъолияти инсон, ин соҳаи сиёсат аст, ки ҳатман ба ратсионализатсия мувофиқ карда шавад [8].

Дар асоси муқарраротӣ парадигмаи либералӣ идоракунии сиёсӣ асосан аз он ҷиҳат оқилона бояд бошад, ки муҳимтарин вазифаҳои маркazии ташкилӣ ва танзимкунӣ, назоратиро дар ҷомеа иҷро мекунад, аз ҷиҳати объективӣ зарур аст. Мақсадҳои сиёсии субъектони идоракунӣ замоне амалӣ ва воқеӣ мегарданд, ки ба хиради идоракунӣ, яъне ратсионализми идоракунии сиёсӣ такя кунанд.

Ратсионаликунонии идоракунии сиёсӣ аз таҷрибаи бойи сиёсӣ ва технологии шахсиятҳои сиёсӣ, созмонҳои сиёсӣ, ҳизбҳо, иттиҳодияҳо, дастгоҳи давлатӣ, қувваҳои гуногуни сиёсӣ вобастагии бештар дорад [9].

Парадигмаи либералӣ принсипи бар қудрати “хиради сиёсӣ” асос ёфтани идоракунии сиёсиро таҳким мебахшад. Дар доираи ин принсип муҳимтарин меъёр - бартарияти маънавӣ (технологӣ ва моилкунонӣ) бар моддӣ (фишангҳои зӯригарӣ ва истисморнамоӣ), фард бар коллектив зуҳур пайдо мекунад. Ин қолаб бо равиши муҳимми идоракунии сиёсӣ асоснок карда мешавад, ки онро асосан ратсионализм дар идоракунии сиёсӣ меноманд.

«Хиради сиёсӣ» дар раванди идоракунии сиёсӣ дар назар дорад, ки маҳз субъектони идоракунӣ ба фард ва ҷомеа кафолат, имконият ва ҳуқуқу озодиҳои гуногун медиҳанд ва дар ҳолати зарурӣ ба онҳо таъсир расонида, бо мақсади танзими рафтор ва фаъолияти онҳо аз усули нарми идоракунӣ, ки бо асосҳои таъсиррасонӣ, моилкунонӣ, шалдиҳии обралӣ таркиб ёфтааст, таъсир мерасонанд [2,с.41].

Дар шароити муосири самаранок гардонидани фаъолияти идоракунӣ ва махсусан идоракунии сиёсӣ аз интихоби тарҳи хоссаи идоракунӣ ва татбиқи сиёсат вобастагии калон дорад. Эътирофшуда ва самараноктарин тарҳи идоракунӣ, тарҳи либералии идоракунӣ эътироф гаштааст. Хосияти асосии талаботқонеъкунандагӣ ва ҳимоякунандагии ҳуқуқ ва озодиҳои фард моҳияти тарҳи либералии идоракуниро ташкил медиҳад.

Як қатор шаклҳои идеалии тарҳи либералии идоракунӣ мавҷуданд. Дар байни онҳо тарҳи классикӣ, иерархӣ; идоракунии корпоративӣ; менеҷменти нави идоракунӣ; консепсияи «Good Governance»; консепсияи «The open state» ё «Open government» («Давлати кушода» ё «Ҳукумати кушода»); идоракунии иҷтимоӣ-кибернетикӣ (ё виртуалӣ), васеъ истифода бурдани воситаҳои ахбори омма дар идоракунӣ; идоракунии сиёсӣ ҳамчун системаи шабакаҳои сиёсии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва ғайра.

Дар таҳлили масаъалаи тарҳи либералии идоракунӣ зарур аст, ки хосиятҳои асосии онҳоро мавриди муайяннамоӣ ва таҳлил қарор диҳем.Дар охири асри XX - ибтидои асри

XXI дар ҷустуҷӯйи тарҳи либералии оптималии идоракунии сиёсӣ роҳи муайяни илмӣ пайдо гардид. Сабаби асосии навсозӣ ва дигаргунсозии таркиботи институтсионалии системаи сиёсӣ ва фишори афзояндаи хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби маҷмуи омилҳои сохти иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи афзоиши бекорӣ, афзоиши интизориҳои истеъмолии шаҳрвандон, афзоиши шумораи нафақахӯрон бо якбора кам шудани аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба амал омадаанд. Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда намунаи азнавташкилдиҳии идоракунӣ дар мувофиқати шиори «менеҷментро ба як намуди тиҷорат табдил диҳед», ки баъдтар дар шакли мафҳуми «Менеҷменти нави идоракунӣ» ё «идоракунии нави давлатӣ» шакл гирифт, ба вуҷуд омад.Мутобиқи ин консепсия, давлат ҳамчун «агент» амал мекунад, ки ба қонеъ гардонидани дархостҳои фармоишгар, ки шаҳрвандон мебошанд, равона карда шудааст. Вазифаи асосии чунин ҳолат аз он иборат аст, ки супоришро зудтар бо натиҷаҳои беҳтарин бо хароҷоти доимӣ иҷро кардан зарур аст.

Тадқиқоти Д. Осборн, Т. Габлер ва дигарон принсипҳоеро ошкор мекунанд, ки тарҳи либералии идоракунӣ - «менеҷменти нав» ба он асос ёфтааст [7,с.89]. Дар байни онҳо: амал кардан дар асоси принсипҳои рақобат байни таъминкунандагони хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки ба афзоиши самаранокии идоракунӣ нигаронида шудааст, паст кардани шиддати хизматрасониҳои бюрократии канора, аз дасти шахсони мансабдор ва ташкилотҳои монополистии сиёсии ҷамъиятӣ гирифтани як қисми назорат, ба сифати фаъолияти субъектони идоракунии сиёсӣ ҷалб кардани идорашавандагон; идора ва иҷро кардани ҳадафҳои гузошташуда, на муайян кардани қоидаҳо, афзалтар донистани эҷоди барномаҳои зиддибуҳронӣ ва барномаҳои стратегии рушди устувори низоми идоракунӣ то он даме, ки буҳрон ба вуҷуд меояд, ғайримарказии сохториро амалӣ намуда, ҳамкории байни сохторҳои ғайримарказонидашударо ба роҳ мондан, тағйирот тавассути кӯшишҳои ратсионалӣ бартарият доранд. «Идоракунии нави давлатӣ» мафҳуми ягона нест. Баръакс, ин маҷмуи пешниҳодҳо оид ба ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар атрофи идеяи наздик кардани менеҷмент дар бахши давлатӣ ба усулҳои дар муҳити сиёсӣ-давлатӣ қабулшуда мебошад.

Тарҳи «Good Governance» («идоракунии хуб»). Дар охири солҳои 90-ум - аввали солҳои 2000-ум дар адабиёти оид ба масъалаҳои идоракунии сиёсӣ ва давлатии кишварҳои ғарбӣ, инчунин сохторҳои СММ тарҳи «Good Governance» ё «идоракунии хуб» таҳия шудааст, ки ба тавсеаи ҳузури субъектони идоракунии сиёсӣ, давлат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани дараҷаи иштироки ҷомеа такя мекард [13]. Ин тарҳ то дараҷаи муайян маҳдудиятҳои технократӣ ва бозории идораи давлатиро ба андозае бартараф менамояд. Дар консепсияи «идоракунии хуб» шиддат ва сифати муносибатҳои субъектони идоракунӣ ба объекти идоракунӣ ҳамчун асоси баланд бардоштани самаранокии идоракунии сиёсӣ, аз як тараф, демократӣ будани он, аз тарафи дигар, «иштирок, шаффофият, масъулият, самаранокӣ, баробарӣ ва волоияти қонун» барин принсипҳои идоракунӣ қайд карда шудаанд. Илова бар ин, ин тарҳ ба ҳадди аксар расонидани доираи иштироки ҷомеаро дар идоракунӣ васеъ намуда, «пешбинӣ мекунад, ки афзалиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд ба ризоияти фард ва ризоияти умумӣ тавре асос ёбад, ки овози табақаҳои поёнтарин ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ камбизоаттарини аҳолӣ дар қабули қарорҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ ҳамчун фарди озод ба эътибор гирифта шавад. «Ба ин маъно, «идоракунии хуб» аз доираи идоракунии ғайрисамаранок берун меравад.

Тарҳи дигаре, ки парадигмаи либералии идоракунии сиёсӣ пешниҳод мекунад, ин тарҳи «from Government to Governance» мебошад. Ибораи «from Government to Governance» (аз ҳукуматронӣ ба идоракунӣ) як шиори хосси ин парадигма мебошад. Тибқи ин тарҳ, субъектони идоракунӣ ҳама ба таври баробар бояд дар тақсими қудрат ширкат варзанд. Агар «Government» (ҳукумат) ба таври анъанавӣ, аз як тараф, тафриқаи иҷрокунандагон, хизматчиёни давлатӣ ва аз тарафи дигар, роҳбарияти сиёсиро дошта бошад, пас «идоракунии хуб» буда наметавонад ва агар «идоракунии хуб» берун аз ин дихотомия бошад ва муколамаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қолаби институтсионализатсия шакл гирад, идоракунии сиёсӣ самаранок мегардад. Ин тарҳ ба ҳамоҳангӣ такя мекунад, ки дар он сиёсатмадорон ва хизматчиёни давлатӣ якҷоя бо дигар

бахшҳои ҷомеа қарори идоракуниро қабул кунанд. Мафҳуми «роҳбарӣ» (идоракунӣ) истилоҳоте, чун маъмурият (идоракунӣ), ҳукумат (идоракунӣ)-ро пурра мекунад. Маҳз «роҳбарӣ» ҳамчун равандест, ки мафҳуми он назариячиён кӯшиш мекунанд, ки хусусияти идоракунии муосири сиёсиро ифода кунанд.

Яке аз тарҳҳои дигаре, ки аз ҷониби парадигмаи либералии идоракунии сиёсӣ тавсия мегардад, тарҳи шабакавӣ ва «идоракунии ягона» мебошад. Дар шароити муосир тарҳҳои дар боло зикршудаи идоракунӣ бо равиши шабакавӣ пурра карда мешаванд. Шабакаи сиёсӣ дар идоракунӣ як системаи сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар як ҳавзаи муайяни идоракунӣ мебошад, ки бо ҳамдигар дар асоси вобастагии захиравӣ бо мақсади ба даст овардани як тавофуқи умумӣ оид ба масъалаи сиёсии ба ҳама манфиатдор бо истифода аз шаклҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ амал мекунанд [10,с.5-6].

Хусусияти муҳимми шабакаи сиёсӣ ин қонеъгардонии манфиатҳои фардӣ ва умумӣ мебошад. Бисёр муҳаққиқон ин хусусиятро махсусан таъкид мекунанд, зеро он системаи танзим аз бозор, ки дар он ҳар як иштирокчӣ, пеш аз ҳама, манфиатҳои худро пайгирӣ мекунад, фарқ мекунад. Аз нигоҳи қабули қарорҳои сиёсӣ, субъектони шабакаи сиёсӣ дар як навъ зина, ки ҳар созмон аз лиҳози мавқеи қудратии худ бартарӣ дорад, саф намебаранд, вале муносибатҳои бартарӣ то ин ё он дараҷа истисно нестанд. Ҳамаи аъзоёни шабака аз ҷиҳати имкони қабули қарори муштараки идоракунии сиёсӣ оид ба масъалаи манфиатҳо баробаранд. Одатан муносибатҳои амудӣ не, балки уфуқӣ вуҷуд доранд.Назарияи шабакаҳои сиёсӣ дар раванди идоракунии сиёсӣ аз нуқтаи назари вазифаҳо ва принсипҳои фаъолияти сохторҳои PR бо он фарқ мекунад, ки ба идоракунии сиёсӣ ҳамчун шарикони баробарҳуқуқи ҳамаи субъектони раванди идоракунӣ, муошири байниҳамдигарӣ, муколамаи ҳақиқӣ ва эътимодро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, даҳ қадамро метавон самтҳои афзалиятноки идоракунии сиёсӣ дар асоси парадигмаи либерлии идоракунӣ номбар кард: 1) таҷдиди механизми идоракунии сиёсӣ дар самти барқарорсозии арзишҳои либералии идоракунии сиёсӣ; 2) баланд бардоштани дараҷаи масъулиятнокии субъектони идоракунии сиёсӣ; 3) кафолатҳои беҳтарини озодӣ дар раванди идоракунии сиёсӣ; 4) «хиради сиёсӣ» дар қабули қарори идоракунӣ; 5) ташаккул додани ядрои тавонои самараноки менеҷерони баландихтисос; 6) ташаккули низоми муносибат дар асоси фарҳанги ба даст овардани натиҷаҳо; 7) инкишоф додани маданияти ҳақиқии субъекти идоракунии сиёсӣ будан; 8) бартарият ва афзалияти фард дар татбиқи қарорҳои идоракунӣ.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДМТ - Зокиров Г.**

**АДАБИЁТ**


1. Григоренко Д.Е. Либерализм как теория и концепция управления обществом / Д.Е. Григоренко // Вестник Сибирского государственного аэрокосмического университета имени академика М.Ф. Решетнева, 2006. – С. 112-116.
2. Григоренко Д.Е. Либеральная методология управления обществом / Д.Е. Григоренко //Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота, 2011. №3(9): в 3-х ч. Ч. III. – С. 40-43.
3. Зокиров Г.Н. Идеологияи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2008. -184 с.
4. Либерализм. [Электронные ресурс] URL: https://ru.wikipedia.org/wiki (дата обращения: 10.12.22 с.)
5. Майкл М. Основы Менеджмента / М.Майкл, А.Майкл, Х.Франклин. Пер. Л.И. Евенко. -М.: Дело, 1997. -704 с.
6. Модели управления. [Электронные ресурс] URL: https://www.top-personal.ru/issue.html?3538 (дата обращения: 10.12.22 с.)
7. Осборн Д. Переосмысливая управление. Как дух предпринимательства трансформирует публичный сектор / Д.Осборн, Т.Гэблер. - М., 2012. – С. 89.
8. Оукшот М. Рационализм в политике / М.Оукшот. - М.: Идея-Пресс, 2002.
9. Рационализм и иррационализм в политике [Электронные ресурс] URL: https://politike.ru/termin/racionalizm-i-irracionalizm-v-politike.html (дата обращения: 10.12.22 с.)
10. Савин Л.В. Сетецентрические методы в политические управлении / Л.В. Савин, С.Н. Федорченко, О.К. Шварц. - М., 2015. – С. 5-10.
11. Соколова Р.И. Государство в современном мире / Р.И. Соколова, В.И. Спиридонова. - М., 2003. -С.7-15.
12. Фуко М. Безопасность, территория, население / М. Фуко. – СПб., 2011. - С. 501.
13. World Bank. Governance and Development. - Washington, 1992.

## ПАРАДИГМАИ ЛИБЕРАЛИИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ ОН

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами ташаккули низоми донишҳои сиёсӣ бахшида шудааст. Муаллиф кушиш намудааст, ки масъалаи идоракунии сиёсиро аз назари парадигмаи либералӣ мавриди таҳлил, баррасӣ ва хулосагириҳо қарор диҳад. Таваҷҷуҳи бештар ба ошкор намудани моҳият ва хусусиятҳои парадигмаи либералии идоракунии сиёсӣ равона карда шудааст. Дар замони муосир аз либералӣ гардонидани раванди идоракунӣ ё худ идоракунии сиёсӣ бештар ҳарф зада мешавад. Кӯшишҳо ба хотири самаранок гардонидани он ба вуҷуд омадаанд. Тасмимҳои стратегиву барномавӣ ва амалӣ гирифта мешаванд, то идоракунӣ хосияти қонеъкунандагии талаботу манфиатҳои индивидҳо ва ҷомеа бошад. Давлат ва низоми сиёсӣ кӯшиши ба талаботу манфиатҳои аксарият ва афрод созгор будани раванди идоракуниро карда истодаанд. Чунин ҳолат аҳаммияти омӯзиши парадигмаи либералии идоракунии сиёсиро бештар мегардонад.

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, менеҷмент, идоракунии сиёсӣ, либерализм, парадигма, парадигмаи либералӣ, фард, механизми идоракунӣ, тарҳи либералии идоракунӣ, идоракунии самаранок, ратсионализм.

## ЛИБЕРАЛЬНАЯ ПАРАДИГМА ПОЛИТИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ: СУЩНОСТЬ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

Статья посвящена одному из важных и современных вопросов формирования системы политической науки. Автор попытался проанализировать, рассмотреть и сделать выводы с точки зрения либеральной парадигмы. Большое внимание направлено на раскрытие сущности и особенностей либеральной парадигмы политического управления. В наше время все больше говорят о либерализации процесса управления или политического управления. Были усилия, чтобы сделать политическое управление эффективным. Стратегические, программные и практические решения принимаются таким образом, чтобы управление стало функцией удовлетворения потребностей и интересов личности и общества. Государство и политическая система пытаются сделать процесс управлении совместимым с требованиями и интересами общества и отдельных лиц. Такая ситуация повышает важность изучения либеральной парадигмы политического управления.

**Ключевые слова:** управление, менеджмент, политическое управление, либерализм, парадигма, либеральная парадигма, личность, механизм управления, либеральная модель управления, эффективное управление, рационализм.

## LIBERAL PARADIGM OF POLITICAL GOVERNANCE: ESSENCE AND ITS FEATURES

The article is devoted to one of the important and modern issues of the formation of a political science system. The author tried to analyze, consider and draw conclusions from the point of view of the liberal paradigm. More attention is directed to revealing the essence and features of the liberal paradigm of political governance. Nowadays, there is more and more talk about the liberalization of the governances process or political governance. Efforts have been made to make its governance efficient. Strategic, program and practical decisions are made in such a way that governance becomes a function of meeting the needs and interests of the individual and society. The state and the political system try to make the governanceы process compatible with the requirements and interests of society and individuals. This situation increases the importance of studying the liberal paradigm of political governance.

**Keywords:** governance, management, political governance, liberalism, paradigm, liberal paradigm, personality, governance mechanism, liberal governance model, effective governance, rationalism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳимов Фирӯз*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 987-20-18-19**

**Сведения об авторе:** ***Рахимов Фируз*** **–** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры политологии. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 987-20-18-19**

**Information about the author:** ***Rakhimov Firuz*** **–** Tajik National University, PhD student, Department of Political Science. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 987-20-18-19**

ТДУ: 321 (575.3)

# НАҚШИ НАЗАРИЯҲОИ МУТАФАККИРОНИ ДАВРАИ ЭҲЁ ДАР ТАШАККУЛИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

*Ҳабибуллозода Қурбон Ҳабибулло*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" ба қатори чунин мафҳумҳо, ба монанди озодӣ, адолатнокӣ, баробарӣ, демократия дохил шуд, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Чун қоида, чунин мафҳумҳо сермаъно буда, таснифоти онҳо мушкил аст, истифодаи воқеии онҳо бо муносибат ва таснифотҳои мухталиф алоқаманд мебошад. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки то ба имрӯз таърифи аз ҷониби умум эътирофгардидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод нагардидааст.

Мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" таърихи тулонӣ дорад, лекин танҳо дар асрҳои XVII–XVIII мавриди истифодаи илмӣ қарор гирифтааст. Мазмуну мундариҷаи асосӣ мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дорои қонун ва анъанаҳои худ бошад, ки аз худсарии дағалонаи давлат вобаста набошад. Масъалаи асосии таснифоти мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои ду ҷанбаи муҳим – ҷанбаи иҷтимоӣ ва ҷанбаи сиёсӣ мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки то давраи маорифпарварӣ ин ду ҷанба дар якҷоягӣ баррасӣ мегардиданд [1,с.13].

Ҷомеаи шаҳрвандӣ низоми ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ ба ҳисоб меравад, ки барои худамалнамоии одамон ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ шароити мусоидро таъмин менамояд. Одамон ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ талабот ва манфиатҳои худро тариқи ин ниҳодҳо ифода намуда, доираи муносибатҳои ғайрисиёсиро дар ҷомеа ташкил менамоянд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои сохтори уфуқӣ буда, байни одамон, гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва сохторҳои давлатӣ нақши миёнаравро иҷро менамоянд [11,с.71–72].

Дар давраҳои гуногуни рушди таърихӣ ҷанбаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, муносибатҳои мухталифи шарҳи моҳият ва хусусиятҳои он ташаккул ёфтаанд. Дар шароити имрӯза, баррасӣ ва омӯзиши ин муносибатҳо, дарки моҳият ва хусусиятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи заруриро таъмин менамоянд [3,с.469].

Масъалаи муайяннамоии хусусияти байни ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар марҳилаи асримиёнагӣ аҳаммияти муҳимро касб менамояд, ки дар қатори ташаккули сохторҳои давлатӣ мафҳуми "ҷомеаи сиёсӣ" васеъ истифода мегардад. Ба хотире, ки хусусияти асримиёнагӣ ҳувиятӣ элитаҳои ҳокимиятӣ бо ҷомеаи сиёсӣ буд, ин мафҳум барои ифода намудани мавқеи имтиёзнок истифода карда мешуд. Намояндагони элитаҳои ҳукмрон ҳуқуқи субъектиро дар шакли ҳуқуқ ба намояндагӣ, дастрасӣ ба ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳуқуқи моликиятӣ ба даст овარданд, ки ба тағйирпазирии низоми ҳокимият ва ба асосҳои меъёрии мавҷудияти он таъсири назаррас расонидааст. Озодгардии субъектҳои иҷтимоӣ фазои нави шаҳрвандиро бунёд намуд. Бо мурури замон ин фазо хусусияти расмиро касб намуда, барои пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳо, созмонҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ мусоидат намудааст [4,с.106].

Танҳо дар давраи эҳё ва маорифпарварӣ масъалаҳои назариявии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба низом дароварда шуда, тафовути давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври дақиқ муайян карда мешавад. Дар ин самт метавон саҳми Н.Макиавелли, Т.Гоббс, Ш.Монтеске ва дигаронро дар ташаккул ва инкишофи назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ махсусан қайд намуд.

Н.Макиавелли дар асоси таҳлил ва баррасии масъалаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ қайд менамояд, ки тавофути давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муносибат бо ахлоқ ва сиёсат зоҳир мегардад. Ба ақидаи муаллиф, давлат аз маҷмуи муносибатҳои сиёсӣ иборат аст, ки ин муносибатҳо асосан дорои хусусиятҳои ғайриахлоқӣ мебошанд. Лекин ҷомеаи шаҳрвандӣ маҷмуи муносибатҳои ғайрисиёсӣ мебошад, ки асоси онро арзишҳои ахлоқӣ ташкил менамояд. Н.Макиавелли қайд менамояд, ки давлат набояд ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон дахолат намояд. Вобастагии тарафайни давлат ва ҷомеаи

шаҳрвандиро қайд менамояд, зеро маҳз чунин вобастагӣ метавонад омили асосии рушди ҷомеа гардад. Н.Макиавелли чунин мешуморид, ки ҷомеа дар асоси худ инкишоф мeёбад, ки онро рақобати доимии мубoризаи байни одамон ташкил медиҳанд. Танҳо давлат метавонад чунин муборизаи "ҳама ба муқобили ҳамара"-ро бартараф намояд [2,с.732].

Ҳамин тариқ, мтавон қайд намуд, ки Н.Макиавелли яке аз аввалинҳо шуда масъалаи омӯзиши ҷомеаро ба миён гузошта, нишон додааст, ки ташкили шароити мусоиди рушди ҷомеа яке аз унсурҳо ва омилҳои асосии устувории давлат ба ҳисоб меравад. Танҳо давлати демократии пурқувват метавонад сулҳ ва бехатарии шаҳрвандон, ҳимояи моликияти хусусӣ, амалинамоии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро таъмин намояд.

Т.Гоббс қайд менамояд, ки қонунҳо ва анъанаҳои шаҳрвандӣ алоқаманд нестанд ва давлат аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷудо аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз давлат пештар пайдо гардидааст, зеро маҳз сатҳи муайяни рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба пайдоиши давлат мусоидат намудааст.

Ақидаҳои фалсафии Т.Гоббсро метавон ақидаҳои навоварона номид, зеро дар онҳо ҳолатҳои табиӣ аз ҷомеаи шаҳрвандӣ на дар фаҳми таърихӣ, балки дар фаҳми мантиқӣ пеш гузаштааст. Инсон дар таълимоти Т.Гоббс аз рӯйи табиати худ махлуқи ҷамъиятӣ ба ҳисоб намеравад. Ӯ қайд намудааст, ки сарчашмаи умумиятҳои устувор, ба монанди давлат, тарси одамон аз якдигар мебошад [5,с.463].

Ж.Ж. Руссо таъкид намудааст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ба монанди ҷомеа аст, ки барои пайдоиши давлат тамоми шароитро муҳайё намуда, асоси шартномаи ҷамъиятиро ба вуҷуд овардааст. Мавҷудияти шартнома оид ба озодиву маҳдудиятҳо моҳияти чунин ҷомеаро ташкил менамояд [8,с.128].

Ш. Монтеске чунин мешуморад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ натиҷаи рушди тулонии таърихӣ мебошад. Давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳам монанд нестанд, лекин бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Кӯшиши аз байн бурдани яке аз онҳо боиси шиддатнокгардӣ ва таркиши иҷтимоӣ мегардад. Аз ин хотир мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз омилҳои асосии бартараф намудани пайдоиши диктатура ва худсарӣ ба ҳисоб меравад. И.Кант мутобиқати озодии одамонро асоси рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ медонад. Инчунин, И.Кант меъёрҳои заминавии ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро муайян намудааст: озодии инсон ҳамчун аъзои ҷомеа; баробари инсон ба сифати аъзои ташкилоти ҷамъиятӣ; мустақилияти инсон ҳамчун шаҳрванд [9,с.483].

Дар баррасии моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккули ҷомеаи капиталистӣ ва доктринаҳои либерализми иқтисодӣ ва аҳаммияти бозори озод ва моликияти хусусиро тасдиқ менамуданд, инчунин афзалиятнокии озодии шахсӣ аз ниҳодҳои сиёсӣ як қатор дигаргуниҳоро ба миён оварданд. Таълимотҳои пешбар дар ин самт ақидаҳои мутафаккирони англис ва амрикоӣ, ба монанди Ҷ. Локк, Т.Пейн, А.Фергюсон, А.Смит ба ҳисоб мераванд.

Муносибати онҳоро чунин тасаввурот муттаҳид мекунад, ки байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шароити зиндагии мардум дар давраи то пайдоиши тамаддун, яъне то пайдоиши қонун тафовути равшан вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, ҷомеаи шаҳрвандӣ рушди тамаддунро дар он марҳила, ки хусусияти "тамаддунӣ" пайдо мекунад, қайд менамояд. Муҳимтарин натиҷаҳои назариявӣ барои истиқрори ғояи либералии ҷомеаи шаҳрвандӣ тасаввуроти онҳо дар бораи зурурияти ҷудо кардани доираи "давлат" аз "ҷомеа" буд [7,с.25].

Ҳарчанд барои Ҷ.Локк ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳанӯз ҳам бо ҷомеаи сиёсӣ монанд буд, вале хусусияти табиии унсурҳои асосии ҳаёти иқтисодӣ аллакай ба он оварда расонид, ки ин падидаҳо барои ҳифзи онҳо пешбинӣ шуда буданд. Он, дар навбати худ, ба далели эътирофи шартномаи иҷтимоӣ ҳамчун асоси ташкили ҷомеа ё мухолифати байни иқтисоду сиёсат нисбат ба ҳукумат аввалиндараҷа буд. Ҷ.Локк чунин мешуморид, ки ҷомеа ба ин маъно аз ҳолати табиӣ фарқ мекунад. Илова бар ин, ҷомеаи шаҳрвандӣ бо монархияи мутлақ монанд нест [2,с.732].

Мариҳилаи дигари рушди таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ нимаи дуюми асри XIX ва аввали XX ба ҳисоб меравад, ки асосан ба ниҳодгардӣ алоқаманд аст. Дар ин марҳила васеъшавии таъсиррасонии таълимотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба соҳаҳои мухталифи ҷомеа дар сиёсат эътироф гардида, қобили қабул донистани он дар шароити инқилобҳо

мушоҳида карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар ин марҳила ҷомеаи шаҳрвандӣ аз назарияи созандагӣ ба соҳаи махсуси воқеияти иҷтимоӣ табдил ёфта, мавқеи онтологиро касб менамояд [10,с.463].

Ф.Гегел қайд менамояд, ки давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мустақиланд. Давлат иродаи умумии шаҳрвандонро ифода менамояд, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалинамоии манфиат ва талаботҳои шаҳрвандон хизмат менамояд. Ф.Гегел қайд намудааст, ки "ҷомеаи шаҳрвандӣ" як навъ соҳаи асосии амалинамоии мақсадҳои хусусӣ ва манфиатҳои шахсони алоҳида аст. Озодии мутлақ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд надорад, зеро дар он зиддияти манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ хусусияти умумӣ доранд [6,с.284].

Умуман, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фалсафаи сиёсии Гегел ягонагии муайянро ифода мекард, ки вай онро нисбат ба ашхос, ки унсурҳои асосии ин ягонагӣ мебошанд, дуюмдараҷа тавсир кардааст. Бар хилофи муносибатҳои байни афроде, ки ба тасодуф ва иродаи ҳакамӣ асос ёфтааст, муносибати байни шахсон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хусусияти тамоман дигар дошт. Барои ӯ ҷомеаи шаҳрвандӣ як соҳаи шароити моддии ҳаёт маҳсули зарурати табиист, ки дар он шахсони алоҳида ба манфиатҳои моддии худ вобаста мебошанд.

Гегел ғояи ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун майдони муборизаи манфиатҳои инфиродӣ ва хусусӣ баррасӣ менамояд. Шахсони алоҳида, бе алоқамандӣ бо якдигар, бе ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Аммо ин шахсони мушаххасе мебошанд, ки ба мақсадҳои худ хизмат мекунанд [14,с.102].

Таълимоти Алексис де Токвил дар инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ марҳилаи сифатан навро ба миён овардааст. Мавҷудияти ниҳодҳои қудратии давлатиро зарур мешуморад, лекин барои пешгирии суиистифодаи ҳокимият фаъолияти ниҳодҳои баробарвазни ҷомеаи шаҳрвандиро низ муҳим ва зарурӣ арзёбӣ намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии мустақил, ки аз давлат вобаста нест, ба инкишоф ва таҳкими унсурҳои демократӣ мусоидат намуда, ҷомеаро аз хатари суиистифодаи ҳокимият ҳифз менамояд [12,с.21].

Марҳилаи дигари ташаккули назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ солҳои 20-90 асри XX ба ҳисоб меравад, ки дар ин давра гузариш аз талаботҳои амалии иқтисодӣ ва озодии сиёсии шахс ба васеъ намудани озодии фарҳангӣ ва тарзи зиндагӣ амалӣ мегардад. Таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ моҳияти амалии худро дар тасавуроти умумӣ оид ба ҷомеа касб менамояд, ки аз тарафи аксарияти аъзоёни ҷомеа дастгирӣ меёфт. Дар ин марҳила муносибати танқидӣ нисбат ба воқеияти иҷтимоӣ, озодии виҷдон, фикру ақидаҳои тозабунёд пайдо шудаанд [13,с.235].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки таълимотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқи марҳилаҳои таърихӣ дигаргун гардида, ҷанбаҳои мухталифро касб намудаанд. Танҳо дар давраи замони нав таълимотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфтанд, ки воқеияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолияти ниҳодҳои асосии онро пурра фарогир мебошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Андронова И.В. Гражданское общество; теоритико-методологические / И.В. Андронова //Вестник Оренбургского университета. -2004. -№ 7. –С. 9-15.
2. Антология мировой политической мысли в 5-ти томах. -М., 1997.- Т.1. -732 с.
3. Баяхчева С. Л. Гражданской общество в современной России и национальная идея / С.Л. Баяхчева, А.В. Туркулец //Российское общество в современненых цивилизационных. –СПб, 2010. –С. 468-476.
4. Володин А.Г. Гражданское общество и модернизация в России. Истоки и современная проблематика / А.Г. Володин //Полис. -2000. -№ 3. –С. 104-114.
5. Гоббс Т. Избранные произведения / Т.Гоббс. –М., 1956. -Т.1. -463 с.
6. Гегел Г.В. Философия права / Г.В. Гегель. –М., 1990. -284 с.
7. Голенкова З.Т. Гражданское общество в России / З.Т. Голенкова //Социологические исследования. -1997. -№ 3. –С. 25.
8. Кравченко И.И. Концепция гражданского общества в философском развитии / И.И.Кравченко //Полис. -1991. -№5. –С.128.
9. Жан Жак Руссо. Избранные произведения / Ж.Ж. Руссо. -Т.2. -М., 1978. -483 с.
10. Кант И. Идея всеобщей истории в миро-гражданском плане / И.Кант // Сочинения в 8 т. Т.8. -М., 1994. -463 с.
11. Лебедева Т.П. Аристотель / Т.П. Лебедева // Политическая энциклопедия в 2-х томах. –М., 1999. -Т.1. -С.71-72.

12. Медушевский А.Н. Гражданское общество и верховенсво закона в политческой мысли Германии / А.Н. Медушевский // Вестник МГУ. Серия 12. Социально-политичесские исследования. – 1995. -№5. –С.21-29.
13. Межуев В.М. Гражданское общество и современния Россия / В.М. Межуев // Человек и культура в становлении гражданского общества в Рассии. –М.: ИФРАН, 2008. –С.231-253.
14. Савинков Л.Л. Некоторые подходы к осмыслению понятия «гражданское общество» / Л.Л. Савинков // Вестник Оренбургского государственного университета. -Часть 1. Гуманитарные науки. -2007. -№7. -С.101-109.

## НАҚШИ НАЗАРИЯҲОИ МУТАФАККИРОНИ ДАВРАИ ЭҲЁ ДАР ТАШАККУЛИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

Дар мақолаии мазкур асосҳои назарияивии ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки мафҳуми “ҷомеаи шаҳрвандӣ” сермаъно буда, таснифоти он мушкил аст, истифодаи воқеии он бо муносибат ва таснифотҳои мухталиф алоқаманд мебошад. Мазмуну мундариҷаи асосии мафҳуми “ҷомеаи шаҳрвандӣ” дар он зоҳир мегардад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои қонун ва анъанаҳои худ мебошад. Проблемаи асосии таснифоти мафҳуми “ҷомеаи шаҳрвандӣ” дар он зоҳир мегардад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои ду ҷанбаи муҳим – ҷанбаи иҷтимоӣ ва ҷанбаи сиёсӣ мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ низоми ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ ба ҳисоб меравад, ки барои худамалинамоии одамон ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ шароити мусоидро таъмин менамояд. Одамон ва гӯруҳҳои мухталифи иҷтимоӣ талабот ва манфиатҳои худро тариқи ин ниҳодҳо ифода намуда, доираи муносибатҳои ғайрисиёсиро дар ҷомеа ташкил менамоянд. Дар давраҳои гуногуни рушди таърихӣ ҷанбаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, муносибатҳои мухталифи шарҳи моҳият ва хусусиятҳои он ташаккул ёфтаанд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки аввалин маротиба ҳанӯз дар давраи антиқа мутафаккирон ба ҷанбаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ рӯй оварда буданд. Масъалаи муайяннамоии хусусиятҳои байни ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар марҳалаи асримиёнагӣ аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Танҳо дар давраи эҳё ва маорифпарварӣ масъалаҳои назариявии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба низом даровarda шуда тафовути байни днавлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври дақиқ муайян карда мешавад. Дар баррасии моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккули ҷомеаи капиталистӣ ва докторинаҳои либерализми иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки аҳаммияти бозори озод ва моликияти хусусиро тасдиқ менамуданд, инчунин афзалиятнокии озодии шахсӣ аз ниҳодҳои сиёсӣ як қатор дигаргуниҳоро ба миён оварданд.

**Калидвожаҳо:** ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлат, таълимот, шаҳрвандон, ҷомеаи капиталистӣ, ҷомеа, сохторҳои давлатӣ, ниҳодҳои сиёсӣ, ҳокимият, озодии инсон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

## РОЛЬ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ ЭПОХИ ВОЗРОЖДЕНИЯ В РАЗВИТИИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА

В данной статье рассматриваются теоретические основы формирования и развития гражданского общества. Автор отмечает, что понятие «гражданское общество» неоднозначно, его классификация затруднена, его фактическое употребление связано с различными подходами и определениями. Основное содержание понятия «гражданское общество» проявляется в том, что сообщество граждан должно иметь свои законы и традиции, не зависящие от грубого произвола государства. Основная проблема определения понятия «гражданское общество» заключается в том, что гражданское общество имеет два важных аспекта – социальный аспект и политический аспект. Гражданское общество – это система общественных и негосударственных институтов, обеспечивающих благоприятные условия для самоопределения людей и различных социальных групп. Через эти институты люди и различные социальные группы выражают свои потребности и интересы и формируют сферу неполитических отношений в обществе. В разные периоды исторического развития рассматривались различные аспекты гражданского общества, формировались разные подходы к объяснению его сущности и особенностей. Анализ научных источников показывает, что впервые мыслители обратились к разным сторонам гражданского общества еще в античный период. Вопрос определения отличий между государством и гражданским обществом в средневековый период имеет большое значение, так как понятие «гражданское общество» расширяется вместе с формированием государственных структур. Только в период возрождения были систематизированы теоретические вопросы гражданского общества и четко определено различие между государством и гражданским обществом. При рассмотрении сущности гражданского общества формирование капиталистического общества и доктрины экономического и политического либерализма, подтверждавшие значение свободного рынка и частной собственности, а также приоритет личной свободы над политическими институтами, привели к ряду изменений.

**Ключевые слова:** гражданское общество, государство, граждане, капиталистическое общество, общество, государственные структуры, политические институты, власть, свобода человека, общественные объединения.

## THE ROLE OF RENAISSANCE REPRESENTATIVES IN THE DEVELOPMENT OF CIVIL SOCIETY

This article discusses the theoretical foundations of the formation and development of civil society. The author notes that the concept of “civil society” is ambiguous, its classification is difficult, its actual use is associated with different approaches and definitions. The main content of the concept of “civil society” is that the community of citizens must have its own laws and traditions that do not depend on the gross arbitrariness of the state. The main problem in defining the concept of “civil society” is that civil society has two important aspects – the social aspect and the political aspect. Civil society is a system of public and non-state institutions that provide favorable conditions for self-determination of people and various social groups. Through these institutions, people and various social groups express their needs and interests and form the sphere of non-political relations in society. In different periods of historical development, various aspects of civil

society were considered, and different approaches to explaining its essence and features were formed. An analysis of scientific sources shows that thinkers first turned to different aspects of civil society back in the ancient period. The question of defining the differences between the state and civil society in the medieval period is of great importance, since the concept of “civil society” expands along with the formation of state structures. Only during the Renaissance were the theoretical issues of civil society systematized and the distinction between the state and civil society clearly defined. When considering the essence of civil society, the formation of capitalist society and the doctrines of economic and political liberalism, which confirmed the importance of the free market and private property, as well as the priority of personal freedom over political institutions, led to a number of changes.

**Keywords:** civil society, state, citizens, capitalist society, society, government structures, political institutions, power, human freedom, public associations**.**

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳабибуллозода Қурбон Ҳабибулло –*** Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 735140. ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992)931 582767.** E- mail**:kurbonH9191@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хабибуллозода Курбон Хабибулло -*** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры политологии и международных отношений. **Адрес:** 735140. г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. Телефон: **(+992)931 582767.** E- mail**:kurbonH9191@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khabibullozoda Kurbon Khabibullo*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of Political Science and International Relations. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. Phone**: (+992)931 582767.** E-mail:**kurbonH9191@mail.ru**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


***Хушвахтзода К.Х. Абдурахмонова М.З.*** Методологические аспекты аудита операций по социальному страхованию и пенсиям в условиях цифровой экономики Таджикистана………… ***5***

***Бобосодикова Н.Р.*** Пути развития инновационных кластеров в промышленности Республики Таджикистан………………………………………………………………………………………. ***12***

***Усмонова Т.Дж., Турсунов Р.Р.*** Основные направления совершенствования политики занятости…………………………………………………………………………………………….. ***19***

***Шарипова Ш.К.*** Основные направления государственной инвестиционной политики в процессе осуществления экономических реформ и преобразований……………………………… ***27***

***Комилов С.Ҷ., Садиқова Ш.К.*** Таъсири муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ ба инкишофи сармояи инсонӣ……………………………………………………………………….. ***33***

***Набиев Б.А., Ҳофизов Ҳ.А., Исматов А.Ҳ.*** Роҳҳо ва усулҳои асосии таъмини молиявии сармоягузории комплекси энергетикӣ…………………………………………………………….. ***40***

***Расулов Д.Т., Файзиева Н.Ғ., Исматов А.Ҳ.*** Ташаккули ҳисоботи идоракунӣ дар ташкилотҳои сохтмони манзил................................................................................................ ***48***

***Алимардонов Т.А.*** Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ………………………………………………………………………………………………… ***57***

***Шоймардонов Ҳ.Қ.*** Заминаҳои таърихии ташаккули баҳисобгирии идоракунии хароҷот.... ***66***

***Мирсаидов С.А., Исломов О.О.*** Зарурати самаранок истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ.......................................................................... ***75***

***Тагойназаров А.Қ.*** Соҳибкории давлатӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ…………………….. ***82***

***Дӯстзода М.Ҳ., Холов Т.А.*** Таҳлили тағйирот дар сохтори ҳудудии иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон.................................................................................................... ***90***

***Хосамоҳ Абдуллозода Худойдод.*** Ҳадафҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолии манотиқи деҳот дар замони муосир..................................................................................................... ***100***

***Зоиров Ш.Н.*** Асосҳои назариявии таҳқиқи маблағгузорӣ...................................................... ***108***

***Назаров С.А., Ризоев Ф.А.*** Нақши тиҷорати берунӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат...... ***115***

***Саидзода Курбоналӣ Саид.*** Таҳлили муқоисавии соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии иқтисодиёт......................................................................................................................... ***122***

***Холова С.Н.*** Масъалаҳои назариявии таҳқиқи устувории демографӣ……………………….. ***135***

***Саъдуллозода С.С., Ризоев С.А.*** Рушди сайёҳӣ ва таъсири он ба вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................................................ ***142***

***Аҳмадбекова Н.М.*** Самтҳои асосии фаъолият ҷиҳати расидан ба афзалиятҳо дар соҳаи саноат ва дурнамои рушди он.................................................................................................... ***148***

***Каримов Р.И., Муқимов Қ.М.*** Ташакулёбӣ ва нақши мақомоти гумрук дар таҳкими низоми муносибатҳои иқтисодии кишвар................................................................................ ***154***

***Гадоев Д.Р.*** Ташкил ва инкишоф додани комплекси савдои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................................... ***161***

*Ахмедов Ф.В.* Омилҳои асосии муайянкунандаи рушди бизнеси хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ *166*

*Холов А.М.* Баҳодиҳии ҳолати сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон........ *173*

*Шарифов З.Р., Ахмедов Д.Ҳ.* Бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ *184*

*Абдуллаева Г.А.* Таҳқиқоти омории бозори манзил........ *190*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Назаров А.К., Саидзода А.М.* Понятие обмана или злоупотребления доверием в контексте преступлений причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием........ *196*

*Вализода С.О.* Политика государства в отношении свободы совести и вероисповедания в советский период........ *204*

*Саидзода Абдулмаджид Муминджон.* Отграничения причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием от смежных посягательств против собственности *210*

*Сафарзода А.И., Абдуллозода Б.В.* Таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои ИДМ........ *217*

*Шарипов Т.Ш., Нодирзода Н.М.* Корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ........ *224*

*Ҳасани Б.Х.* Баъзе ҷанбаҳои назариявии мафҳум ва аломатҳои порнография........ *229*

*Муҳаммадиев Бахтиёр.* Таърихи ташаккули институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон........ *235*

*Сайдалиев О.И.* Ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон........ *241*

*Ҳабибов С.И.* Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва рушди бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ........ *249*

*Маҳмудов Р.Н.* Оид ба баъзе аз субъектҳои ҳуқуқии муносибатҳои сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ *256*

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

*Қодиров К.* Андешаҳои сиёсӣ дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк........ *264*

*Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз, Қурбонов Д.М.* Назорати идоракунии давлатӣ ва танзими бухрони сиёсӣ........ *271*

*Муродова Н.С., Мадвалиев Ҷ.А.* Терроризм ва амалҳои террористӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа........ *276*

*Раҳимов Ф.* Парадигмаи либералии идоракунии сиёсӣ: моҳият ва хусусияти он........ *284*

*Ҳабибуллозода Қурбон Ҳабибулло.* Нақши назарияҳои мутафаккирони давраи эҳё дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ........ *290*

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2024. №1.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 37,25 усл. п.л. 37,25.
Подписано в печать 20-01-2024